Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»
Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносӣ

**МАТЛУБАИ МИРЗОЮНУС**

# АЗ ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР ОХИРИ САДАИ XIX-НИМАИ АВВАЛИ САДАИ XX

Нашриёти «Ношир»
Хуҷанд – 2023

ТДУ – 821.0 (575.3)
ТКБ – 83.3(0)5
М – 65

Бо қарори Шурои татбиқ ва нашри корҳои илмӣ-тадқиқотии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» №7-1/7 аз 15. 03. 2023 ба чоп тавсия шудааст.

**Матлубаи Мирзоюнус. АЗ ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР ОХИРИ САДАИ XIX-НИМАИ АВВАЛИ САДАИ XX.** – Хуҷанд: Ношир, 2023. – 418 с.

***Муқарризон:***
*доктори илмҳои филологӣ, профессор* **Файзуллоев Н.**
*номзади илмҳои филологӣ, дотсент* **Аъзамзод С.**

Китоб масъалаҳои муҳимми адабиёти охири асри XIX-нимаи аввали асри XX-ро фаро гирифта, дар он дар бораи фаъолияти адабӣ ва тазкиранигории Садри Зиё, Шаръӣ, Фаҳмӣ, хусусиятҳои осор ва ашъори Абулфазли Сират, Садри Сарир, Исо-махдум, Қурбонхони Фитрат, Идрисхоҷаи Роҷӣ, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, Сиддиқхоҷаи Аҷзӣ, Дилшоди Барно, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Тӯрақул Зеҳнӣ, инчунин маводи тоҷикии маҷаллаи «Оина» сухан рафтааст.

ISBN 978-99985-40-24-8

© Матлубаи Мирзоюнус, 2023

## ПЕШГУФТОРИ МУАЛЛИФ

Мусаллам аст, ки охири садаи XIX-нимаи аввали садаи XX дар таърихи тоҷикон давраи хеле пурихтилофу пурошӯб буда, чандин воқеаи таърихӣ – пайваст шудани Осиёи Миёна ба Русия, инқилоби Октябр, инқилоби Бухоро, ҷанги шаҳрвандӣ, репрессияи сталинӣ, Ҷанги бузурги ватанӣ ба ҳамин замон мувофиқ омадааст. Табиист, ки равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ ба ҳам алоқаманданд ва афкори миллӣ низ ба ин ҷанбаҳо бастагӣ дорад. Таъсири ин авомил ба адабиёт бебаҳс аст ва маърифати дурусти осори адабӣ маъмулан ба дарку фаҳми ҷомеа ва мафкураи ҳокими замон дар иртибот аст. Шояд ба ҳамин далелҳост, ки то замони истиқлол адабиёти садаи XIX аз назари ибтикори адабӣ камбору камарзиш арзёбӣ мешуд. Ағлаби муҳаққиқон ин адабиётро ба ду гурӯҳ – ба адабиёти пешқадам ва иртиҷоӣ ҷудо карда, адибонеро, ки ба мубориза ба муқобили аморат даъват мекарданд, ба гурӯҳи аввал ва дигаронро ба гурӯҳи дувум шомил мекарданд. Дар ин миён дар асри XIX равияи бедилгароӣ низ чун шохаи адабиёт ҷудо шуда, аксари пайравони ин сабк ҳамчун муқаллидони номуваффақ муаррифӣ мешуданд. Маҳак ва меъёри санҷиши ҳунар маъмулан мавқеи иҷтимоии аҳли адаб буд. Ҳамин далел боис гардид, ки адибони иҷтимоъгаро ва маорифпарвар дар замони шуравӣ нисбатан бештар муаррифӣ шуданд, монанди Аҳмади Дониш, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Шамсиддини Шоҳин, Садри Зиё, Тошхоҷа Асирӣ, Садриддин Айнӣ, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, Сиддиқии Аҷзӣ, Мунзим ва дигарон.

Аммо дар ин давра қариб дусад нафар суханварон дар Мовароуннаҳр умр ба сар бурдаву шуҳрат ёфта буданд, ки

номи онҳо дар тазкираҳои замон зикр ёфтааст. Садри Зиё ба тасдиқи ҳамин қавл навиштааст, ки дар мусаввадаи аввали «Тазкори ашъор», ки дар ҳаводиси замон нобуд шудааст, тароҷими ҳол ва намунаҳои осори дусад нафарро гирд оварда будааст.

Сарчашмаҳои муҳимме, ки дар шинохти ин давра метавонанд мусоидат намоянд, пеш аз ҳама девону ҷунг, тазкираву баёз, асарҳои таърихӣ, ёддошту номаҳо ва маводи матбуоти нахустини тоҷикӣ мебошанд. Ин давраи адабиёт хусусан аз лиҳози таълифи тазкираҳо хеле пурбор буд. «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, «Афзал-ут-тазкор»-и Афзал-махдуми Пирмастӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, «Тазкират-уш-шуарои мутааххирин»-и Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Мирсиддиқхони Ҳашмат, «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ, «Тазкори ашъор», «Шуарои мутааххирин», «Фузалои мутааххирин»-и Садри Зиё, «Тазкираи Фаҳмӣ»-и Абдулмуталлибхоҷаи Фаҳмии Самарқандӣ ва «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ, ки дар поёни садаи XIX ва ибтидои асри XX ба қалам омадаанд, барои омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти адабии суханварони ин давра ва манзараи куллии адабиёт маводи фаровонеро дар ихтиёри алоқамандон мегузоранд.

Баёзҳои қаламӣ низ дар шинохти адабиёт аҳаммияти бузург доранд. Донишманди мумтози ин марҳала Расул Ҳодизода дар китоби «Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX века» ва ҳам «Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX» оид ба мавҷудияти беш аз 500 баёзи қаламӣ дар хазинаи дастхатҳои Ӯзбекистон ва зиёда аз 200 баёз дар захираи дастнависҳои АФ Тоҷикистон хабар дода, муҳимтарини онҳоро барои омӯзиши давраи мавриди таҳқиқ Баёзҳои №№ 2343, 2315 (Тш),

1075, 819 10, 285, 189, 397 (Дш) мешуморад ва дар бораи муҳтавои онҳо маълумоти мухтасар меорад. Бино ба маълумоти эшон солҳои 1957-1961 дар шуъбаи шарқшиносӣ ва осори адабии АФ Тоҷикистон осори манзуми нимаи дувуми асри XIX дар нӯҳ ҷилд ҷамъ оварда ва аз ҷониби Қозӣ Ризо ва Ҷонфидо китобат шудааст (нусхаҳои №№ 3292-3300), ки воқеан хидмати мондагор барои муҳаққиқини ин давра мебошад. Ҷамъи ин баёзҳоро дар тадқиқоти худ устод Р. Ҳодизода «Баёзи ҷомеъ» номидааст.

Сарчашмаи дигаре, ки аз он низ метавон суд ҷуст, осори таърихӣ мебошад. Дар ин давра таърихнависӣ хеле ривоҷ ёфт ва осори зиёде рӯйи кор омаданд, ки дар батнашон ашъори шоирони замон низ ҷой гирифтанд. «Мунтахаб-ут-таворих»-и Муҳаммад Ҳакимхон, «Тоҷ-ут-таворих»-и Муҳаммадшарифи Нақӣ, «Таҳқиқоти арки Бухоро, салотин ва умарои он»-и Сайид Муҳаммад Носир ибни Музаффар, «Рисолаи таърихӣ»-и Аҳмади Дониш, «Амирнома»-и Шер Муҳаммад Акмали Хӯқандӣ, «Шоҳномаи нусратпаём»-и Мирзо Қаландари Мушрифи Исфарагӣ, «Таърихи муҳоҷирон» ва «Таърихи муҳосира»-и Дилшоди Барно, «Воқеоти Муҳаммадалихон»-и Увайсӣ ва даҳҳо асари дигар намунаи осори таърихии ин давра мебошанд, ки ағлаби онҳо ба забони форсии тоҷикӣ ба қалам омада, вале то имрӯз интишор наёфтаанд.

Ёддоштномаву сафарномаҳо низ метавонанд ба сифати сарчашмаи адабиёт хидмат кунанд. Дар ин давра «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш, «Рӯзнома»-и Садри Зиё, «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик»-и Возеҳи Бухороӣ, «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷи Ҳакими Бухороӣ ба қалам омаданд.

Маводи матбуоти ибтидои асри XX – нашрияҳои навтаъсиси форсии тоҷикӣ – «Бухорои шариф», «Оина», «Самарқанд», номаҳои адибон ба ҳамдигар дар шакли

манзуму мансур – ин ҳама манобеи хеле арзишманд барои таҳқиқи адабиёти давраи мазкур мебошанд.

Аммо аз тамоми сарчашмаҳое, ки номбар шуданд, дар замони шуравӣ танҳо як қисми онҳо то имрӯз ба табъ расидаанд. Баъзе асарҳои Аҳмади Дониш, ашъори Савдо, Шоҳин, Ҳайрат, Исо-махдум, Айнӣ, Тошхоҷа Асирӣ, Мунзим, Туғрал (ба хати кириллӣ), аз осори тазкиравӣ – тазкираҳои Возеҳ, Абдӣ ва Муҳтарам (ба хати форсӣ) дар замони шӯравӣ интишор ёфтаанд. Аммо бахши асосии ин манобеъ ҳанӯз ба муомилоти илмии фаъол кашида нашудаанд, ҳол он ки маҳз ҳамин манбаъҳо метавонанд барои дуруст баҳо додан ба ҷойгоҳи ин давраи адабиёт ва намояндагони он мусоидат намоянд. Сабаби аз назари эътибор дур мондан ё манфӣ арзёбӣ шудани онҳо, бешак, мафкураи замон буд, ки осори пешазинқилобиро ғолибан камбаҳо муаррифӣ мекард ва боиси беэътиноӣ нисбат ба он гардида буд.

Бо вуҷуди ин чанд тан аз донишмандони замон дар таҳия ва нашру таҳқиқи ин осори муҳим саъйи вофир анҷом доданд, ки дар навбати аввал барои чунин иқдом ба А. Мирзоев, Х. Мирзозода, Н. Маъсумӣ, Р. Ҳодизода, А. Қаюмов, С. Сиддиқов, А. Ҷонфидо бояд сипосманд бошем.

Насими истиқлол ва падидаи навназарӣ водор кард, ки арзишҳои маънавӣ дубора таҷдиди назар шаванд ва align="" ончи дар аъмоқи хазинаҳо зери чангу ғубор монда буд, батадриҷ берун кашида шавад ва чандин сарчашмаи нодир рӯйи чопро бинад. Дар ин марҳала хидмати муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ М. Шакурӣ, С. Амирқулов, Х. Асозода, М. Раҷабӣ, А. Набавӣ, И. Бечка, И. Худоёр, А. Шеърдӯст, Ҷ. Ҳамроев, С. Хӯҷақулов ва дигарон бояд махсус таъкид шавад.

Муҳаққиқи соҳибназари ҳамин давраи адабиёт Субҳони Аъзамзод дар рисолаи худ комилан дуруст қайд кар-

дааст, ки «дар ин чанд сол ба ихтиёри аҳли таҳқиқ ва алоқамандони адабиёти ин давра вогузор шудани девон ва маҷмуаҳои ашъори шоирон ва тазкиранигорони маъруф Аҳмади Дониш, Шамсуддини Шоҳин, Нақибхони Туғрал, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, Абулфазли Сират, Абдурраууфи Фитрат, Мирзо Ҳайити Саҳбо, асарҳои мансури Муҳаммадалии Балҷувонӣ «Таърихи нофеъ» (1992), Шарифҷон-махдуми Садри Зиё – «Наводири зиёия» (Душанбе, 1991), «Рӯзнома» (Хуҷанд, 2021), Мирзо Сироҷи Ҳаким «Туҳафи аҳли Бухоро» (Душанбе, 1992), Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ «Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ил-асҳоб» (Душанбе, 2020), Садриддин Айнӣ – «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» (Душанбе, 2005), «Намунаи адабиёти тоҷик» (Душанбе, 2010), Абдулазими Шаръӣ «Тазкират-уш-шуаро» (Хуҷанд, 2014), Мирсиддиқхон Ҳашмати Бухороӣ «Тазкират-уш-шуаро» (Хуҷанд, 2021), Шамсиддини Шоҳин – «Туҳфаи дӯстон» ва «Бадоеъ-ус-саноеъ»(2018), асари таърихӣ-ҷуғрофии Муҳаммад Содиқи Гулшанӣ «Таърихи ҳумоюн» (2016), ҳаҷномаи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик» (2019) ва чанде дигар барои дарки навини моҳияти адабиёти давра бисёр муфид буданд».

Ин давраи адабиёт таваҷҷуҳи адабиётшиносони ҳавзаи илмии Хуҷандро низ ба худ кашид. Натиҷаи он ба дифоъ расидани рисолаҳои номзадии Аъзамов Субхонҷон «Ташаккули адабиётшиносии тоҷикии солҳои 30-40-и асри XX ва ҷустуҷӯҳои филологии Лутфулло Бузургзода» (2002), Ваҳҳобзода Дилором «Сарчашмаҳо ва хусусиятҳои ғоявию бадеии эҷодиёти занони суханвари тоҷик дар асри XIX» (2008), Эшонқулов Илҳом «Тазкираҳои Ҳашмат – сарчашмаи муҳими омӯзиши адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX» (2011), Шехов Абдуқодир «Инъикоси масъалаҳои адабиёт дар матбуоти тоҷики ибтидои асри

XX (дар мисоли рӯзномаи «Бухорои шариф» ва маҷаллаи «Оина»)» (2011), Раҷабов Эҳсонҷон «Маҷмуат-уш-шуаро»-и Фазлии Намангонӣ ва суннати тазкиранигорӣ дар адабиёти тоҷики асри XIX-ибтидои асри XX» (2013), Оқилова Саноат «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Возеҳ ва суннатҳои тазкиранигорӣ дар нимаи дуюми асри XIX-ибтидои асри XX» (2015), Қосидова Ӯғулой «Рӯзнома»-и Садри Зиё ва хусусиятҳои ёддоштнигорӣ дар ибтидои асри XX» (2017), Охунҷонова Нурихон «Поэтикаи ашъори шоирони ҳавзаи адабии Хӯқанд (дар мисоли осори Амир Умархон ва шоирони муҳити адабии ӯ)» (2019), Саидхоҷаева Малика «Масъалаҳои назарии нақди адабӣ дар солҳои 20-уми асри XX (бо такя ба маводи маҷаллаи «Раҳбари дониш»)» (2021) мебошад. Дар баррасии ин давраи адабиёт лоиҳаи «Таҳқиқ ва нашри сарчашмаҳои охири асри XIX – ибтидои асри XX» низ судманд омад, зеро дар давоми панҷ сол (2018-2022) гурӯҳи корӣ тазкираҳои Ҳашмат ва Садри Зиё, маводи тоҷикии маҷаллаи «Оина», маводи чандин шумораи «Бухорои шариф», маводи илмӣ-адабиётшиносии «Раҳбари дониш», «Рӯзнома»-и Садри Зиёро ба чоп омода кард.

Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон низ чанд сол аст, ки силсилаи мавод аз ҷониби шогирдони ин муассиса таҳти унвони «Мероси хаттӣ» интишор меёбад ва ҷузъе аз муҳтавои онро ашъори суханварони садаи XIX-ибтидои асри XX ташкил додаанд. Чанд моҳ қабл китоби шашуми ин силсила зери назари профессор Мисбоҳиддини Нарзиқул, бо кӯшиши Абдулло Юлдошев ба табъ расид, ки дар он ашъори Мирсиддиқхони Ҳашмат, мунтахаби тазкираи ӯ, ашъори Абулфазли Сират, «Маслак-ул-муттақин»-и Сӯфӣ Оллоҳёр, «Тоҷ-ут-таворих» (муаллифашро номаълум гуфтаанд, ба назари мо, шояд аз Муҳаммадшарифи Нақӣ бошад) ҷой дода шудаанд. Бо он ки бархе аз ин мавод такрори корҳои анҷомёфта ва шогирдонаанд, иқдоми устодони

донишгоҳ хеле муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мешавад, зеро ҳадафи онҳо тайёр кардани мутахассисони матншинос аст, ки ҷомеаи илмии мо ба онҳо шадидан ниёз дорад.

Бо ин ҳама хеле сарчашмаҳои зиёди дигаре ҳастанд, ки интишор ёфтани онҳо адабиёти ин давраро метавонад беҳтар шиносонад. Чунончи, то имруз «Афзал-ут-тазкор»-и Афзал-махдуми Пирмастӣ танҳо дар ҳошияи асари дигар дастраси аҳли таҳқиқ аст, ки барои ба муомилоти фаъоли илмӣ кашидани он мушкилӣ пеш меорад. То ин замон чоп нашудани баёзҳо, маҷмуаи шоирони номваре мисли Садри Сарири Балхӣ, Қурбонхони Фитрат, Афзал-махдум, Музтариб, Зӯфунун, Анбар, Маҷнун, Офарин, Сомӣ ва дигарон, осори зиёди таърихӣ, маводи матбуоти даврии он замон ҳанӯз ҳам хеле масъалаҳоро сарбаста нигоҳ медорад. Бинобар ин яке аз вазифаҳои муҳимми илмӣ дарёфт ва нашри сарчашмаҳои илмиву адабӣ ва таърихии ин давра ва таҳлилу таҳқиқи равишмандона ва усулии он мебошад, ки дар адабиётшиносии имрӯз аз масъалаҳои муҳим ба шумор меояд.

Ҳосили ҳамин таваҷҷуҳ ва натиҷаи ҳамин ковишҳои илмӣ буд, ки муаллифи китоби мазкур ба мавзуъҳои марбут ба адабиёти ин давра дар замони кор бо шогирдон ва роҳбарӣ ба лоиҳае, ки зикраш рафт, машғул шуд, то мақолоти ин маҷмуа як-як рӯйи кор омаданд. Ӯ дар таҳияи чанд сарчашмаи муҳим низ саҳм гирифт, ки аз он ҷумла «Девони Сират», «Девони Моҳшарафхонум», «Тазкори ашъор», «Тазкираи Фаҳмӣ», «Оинаи ҳайрат», «Ахтари тобон» мебошанд ва бархе аз онҳо интишор ёфта ва бархи дигар дар арафаи чоп мебошанд.

Чаро китоби мо «Аз таърихи адабиёти охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX» унвон гирифт?

Аввалан, ҳадафи он инъикоси манзараи куллии ин давраи адабиёт ва ҳамаи равандҳои адабии он набуд, яъне

китоби ҷомеъи таърихи адабиёт дар назар набуд. Дувум, таваҷҷуҳ бештар ба мавзуъҳое зоҳир шуд, ки то ин вақт камтар мавриди таҳқиқ қарор гирифта буданд, аз он ҷумла ба аслу моҳияти «Асомӣ-юл-кутуб» ва «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё, тазкираҳои Шаръӣ ва Фаҳмӣ, вежагиҳои ҳунарии ашъори Абулфазли Сират, Садри Сарири Балхӣ, Қурбонхони Фитрат, Исо-махдум, Ҳайрат, Идрисхоҷаи Роҷӣ, Дилшоди Барно, маводи маҷаллаи «Оина», «Таърихи муҳоҷирон»-и Дилшоди Барно, осори ҳамзабонони ин давра – ашъори Мастураи Курдистонӣ ва тазкираи занони суханвари Абулқосими Муҳташам. Севум, аз назари даврабандии адабиёт, агар адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX-ро марҳалаи ҷудогона ва адабиёти сӣ соли дигар (1920-1950)-ро ба унвони як марҳалаи дигар қабул кунем, мебинем, ки бархе аз шахсиятҳои адабии бузург, ки фаъолияташон дар охири асри XIX шуруъ шуда будааст, то нимаи асри XX идома ёфта, осорашон низ идомаи мантиқии таълифоти пешинашон будааст. Бинобар ин дар пайвастагӣ омӯхтани ин ду давра ба назар мувофиқ омад ва домани матолиби ин китоб то нимаи аввали садаи XX тӯл кашида, баъзе масъалаҳои марбут ба эҷодиёти Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Тӯрақул Зеҳниро фаро гирифт. Дар бахши охири китоб тақризҳо ба он осоре ҷой дода шуданд, ки ба адабиёти ҳамин давра ихтисос ёфтаанд.

Хулоса, китоби мазкур, ки бо мақсади равшан кардани як идда масъалаҳои муҳими охири асри XIX ва нимаи аввали асри XX ва шиносонидани баъзе сарчашмаҳои нодир ва шахсияту ҳунари суханварони камшинохтаи адабиёти ин давра рӯйи кор омад, умед аст, ки мавриди қабули алоқамандон шавад ва онҳоро барои идомаи таҳқиқи ин марҳала ангеза диҳад.

# Боби I.

# САРЧАШМАҲОИ АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР ОХИРИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX

# «АСОМӢ-ЮЛ-КУТУБ»-И ШАРИФҶОН-МАХДУМИ САДРИ ЗИЁ ВА АРЗИШҲОИ АДАБИИ ОН*

Тағйироти вазъи сиёсиву иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ва таҳаввулоти фикрии ҳавзаҳои илмиву фарҳангӣ дар таҳқиқу омӯзиши яке аз давраҳои муҳимми таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ – адабиёти охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX низ коркарду назари нав ба вуҷуд овард. Дигар шудани меъёри нигоҳ ба таърихи сиёсиву иҷтимоии ин давра масъалаи омӯзиши нави матолиби таърихи адабиёт ва таълифи мукаммалтари онро бо такя ба ниёзҳои замони навсозӣ ва равишшиносии посухгӯ ба талаби рӯзафзуни даврони таҷаддуди ормонҳои милливу ватанӣ аз ҳар ҷиҳат такмил бахшид.

Албатта, адабиёти охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX аз ин пеш ҳам таҳқиқ шуда ва ба ҷараёни адабиёт ва ҳаёти адабӣ, хусусиятҳои ташаккули адабиёти маорифпарварӣ ва ҷадидӣ, мавзуъ ва мундариҷа, шаклу жанр, сабкҳои осори манзуму мансур ва шинохти сарчашмаҳои адабии ин давра баҳо дода шуда буданд. Дар ин ҷода хидмати мактаби адабиётшиносии шуравӣ, ҷустору чашмандози пажӯҳишгарони тоҷик ва ӯзбек – А. Мирзоев, Х. Мирзозода, Н. Маъсумӣ, Р. Ҳодизода, А. Қаюмов, С. Сиддиқов, С. Амирқулов ва дигарон сазовори зикри хосаанд. Дар даврони истиқлоли миллӣ низ оид ба махсусияти адабиёти ин давра пажӯҳишҳо аз ҷониби муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ М. Шакурӣ, С. Амирқулов, Х. Асозода, М. Раҷабӣ, А. Набавӣ, И. Бечка, И. Худоёр, А. Шеърдӯст, Ҷ. Ҳамроев, С. Хӯҷақулов ва дигарон ба анҷом расиданд. Бо вуҷуди ин, аз вазифаҳои муҳим ва умдаи илмӣ дар шароити имрӯза дарёфтан, нашр ва дастраси алоқамандону муҳаққиқо-

* Мақола бо ҳаммуаллифии С. Аъзамзод навишта шудааст.

ни таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ кардани сарчашмаҳои боз ҳам муҳимтарин ва дасти аввали замон аст, ки бисёре аз онҳо аз эътибор дур монда ё арзиши аслии онҳо бо сабабҳои мухталифи сиёсиву иҷтимоӣ тобиши манфӣ ёфта ё манфӣ арзёбӣ шуда буданд. Дар фазои Тоҷикистони шуравӣ аз осори адабии муҳимми ин давра танҳо чанд мунтахаби ашъори шоирон, намунаҳои наср ва аз сарчашмаҳои адабиву таърихӣ фақат баъзе асарҳои таърихӣ, аз ҷумла «Наводир-ул-вақоеъ», «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития»-и Аҳмад-махдуми Дониш, «Мунтахаб-ут-таворих»-и Муҳаммад Ҳакимхон, «Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб», «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик»-и Раҳматуллоҳи Возеҳ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ ва ғ. ба хати кириллӣ ва бештар форсӣ ба нашр расида буданд, ки ба истифода ва баҳрамандии васеи доираи алоқамандону хонандагон имкони камтар фароҳам меоварданд [10; 15; 16].

Таҳқиқи адабиёти ин давра аз лиҳози мафкуравӣ низ яке аз сабабҳои аслии аз эътибор дур мондани маъхазҳои муҳим ва ба таври нисбатан маҳдуд фаро гирифтани манзараи густурдаи таърихи адабиёт шудааст. Бисёр муаммоҳои ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр аз сабаби дар ихтиёр набудани сарчашмаҳои дасти аввали нодир комилан омӯхта нашудаанд. Албатта, муҳаққиқони тоҷик дар заминаи таълифи таърихи адабиёт ба дастовардҳои назаррас ноил шудаанд. Аммо дар заминаи шакл ёфтани афкори интиқодӣ дар ин давра ва давраҳои баъдӣ ҳанӯз ҷойи холӣ эҳсос мешавад ва ягон пажӯҳиши доманадору комилиёр дар боби таърихи накди адабӣ ба миён наомадааст. Яке аз сабабҳои он бастагӣ ба таҳияву нашри сарчашмаҳои муҳимтарини илмиву адабӣ ва таърихии замон ва таҳлилу таҳқиқи усулии он ба адабиётшиносии имрӯз вобаста аст. Ба ин маънӣ

барои таҳқиқу омӯзиши комили адабиёт ва накди адабии ин давра бояд бештар бо сарчашмаҳои дасти аввал кор кард. Аз ин ҷиҳат, аз диди комилан дигар омӯхтани адабиёти давра ба сатҳу савияи баланди таҳияву нашри сарчашмаҳои муҳимми адабиёти ин давра марбут аст, ки фазои тоза дар адабиётшиносӣ ба вуҷуд хоҳад овард.

Дар ин марҳалаи таърихи адабиёт асарҳои ҷомеъи адабиву таърихӣ ва публитсистӣ – девон, таърихнома, сафарнома, рӯзнома, тазкира ва ғайра эҷод шудаанд, ки бештари онҳо ба шакли дастнавис дар ихтиёри таърих ва алоқамандон қарор гирифта, миқдори ками онҳо ба нашр расидаанд. Дар ин чанд соли аҳди истиқлол ба ихтиёри аҳли таҳқиқ, алоқамандони адабиёти ин давра вогузор шудани девон ва маҷмуаҳои ашъори шоирони маъруф Аҳмади Дониш, Шамсуддини Шоҳин, Нақибхон Туғрал, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, Абулфазли Сират, Абдурraуфи Фитрат, Мирзо Ҳайити Саҳбо, силсилаи осори мансури адабӣ, таърихӣ ва ҷуғрофии Шарифҷон-махдуми Садри Зиё «Наводири зиёия» (Душанбе, 1991), «Рӯзнома» (Хуҷанд, 2022), Муҳаммадалии Балҷувонӣ «Таърихи нофеъ» (1992), Мирзо Сироҷи Ҳаким «Туҳафи аҳли Бухоро» (Душанбе, 1992), Садриддин Айнӣ – «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» (Душанбе, 2005), «Намунаи адабиёти тоҷик» (Душанбе, 2010), Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ «Тазкират-уш-шуаро» (Хуҷанд, 2014), Муҳаммад Содиқи Гулшанӣ «Таърихи ҳумоюн» (2016), Шамсиддини Шоҳин «Туҳфаи дӯстон», «Бадоеъ-ус-саноеъ» (2018), Раҳматуллоҳи Возеҳ «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик» (2019), «Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб» (Душанбе, 2020), Ҳашмати Бухороӣ «Тазкират-уш-шуаро» (Хуҷанд, 2021) ва чанде дигар барои дарки навини моҳияти адабиёти давра бисёр муфид буданд. Бо вуҷуди ин ба таври хос бояд зикр кард, ки осори адабии ин замон ҳоло низ ба баргардону

нашр муҳтоҷанд. Аз нашри ин асарҳо оид ба ин марҳалаи вежаи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ иттилооти бештар ҳосил ва асли моҳияти замон беҳтар кашф мешавад. Зеро ин давраи пурбаҳси гузариши таърихи адабиёт ба марҳалаи ҷадид ва ҳавзаи пурихтилофи фикрӣ аст, ки дар адабиётшиносӣ баҳсу мунозираи зиёд дар ин замина сурат гирифтааст. Дар шинохти вежагиҳои адабиёт ва моҳияту ҷавҳари набардҳои давраи маорифпарварӣ ва ҷадидӣ то ҳол ду самти ҷудогона ба мушоҳида мерасад:

Самти аввал ҷусторҳои адабшиносии аҳди истиқлол, ки кӯшиши назаррасеро барои фарорафт дар равшан кардани асли арзишҳои адабии замон дорад, аммо мушкил дар ин ҷабҳа адами фарорафт дар шинохти амиқи манбаъҳои ин давра аст. Падид омадани фазои мусоид дар кори таҳқиқу баррасӣ ва пайдо шудани силсилаи осори арзишманди адабӣ аз махзани дастхатҳои китобхонаҳои Русия, Ӯзбекистон, Эрон, Ҳиндустон ва кишварҳои дигар низ ба ин амри муҳим мусоидат хоҳад кард;

Самти дувум дар ҳавзаи адабиётшиноси тоҷик идома пайдо кардани зуҳурот ва нишонаҳои ҷусторҳо ва нигоҳи куҳани илмӣ аст, ки бар аслу пояи мафкураи давраи шуравӣ дар заминаи таъкиди ноҳамгароӣ ва ихтилофи ақидаҳои маорифпарварӣ ва ҷадидӣ такя дорад. Бознигарии амиқу таҳқиқи усулии сарчашмаҳои ин аҳд барои аз байн бурдани чунин камбуд низ ба шинохти ин давра мусоидат хоҳад кард.

Баробари ин, зикри ин нукта ҳам муҳим аст, ки чунин тарзу равиши кор – таҳқиқ ва нашру муаррифии сарчашмаҳои адабии форсӣ-тоҷикии Мовароуннаҳр барои ҳавзаҳои дигари форсигӯй, муҳаққиқони таърихи адабиёти қаламравҳои форсизабон – Эрону Афғонистон ва ҳавзаи адабии Ҳинд низ аз ҳар ҷиҳат муфид хоҳад буд. Бесабаб нест, ки дар замони истиқлол пеш аз ҳама дар Эрон нашри

манобеъи ин давра шуруъ шуд («Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷи Ҳаким, «Наводири Зиёия», «Рӯзнома» ва «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё, «Намунаи адабиёти тоҷик», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и Садриддин Айнӣ). Бо вуҷуди ин, аҳли таҳқиқи таърихи адабиёт дар Эрону Афғонистон низ бо ҳамаи маъхазҳои адабии ҳавзаи Мовароуннаҳр ошноӣ надоранд. Ин амр барои таҳқиқи асли ҳампайвандии адабиёти форсии тоҷикӣ дар хиттаҳои дигар низ заминаи мусоидест. Нашри силсилаи маъхазҳо ва муаррифии онҳо аз ин ҷиҳат низ ба ҳавзаҳои дигар аҳаммият хоҳад дошт. Вусъат додану ба роҳ мондани ин амри шоиста барои ҳамкориҳои баъдии илмии олимони Тоҷикистон ва кишварҳои дигари форсизабон низ муфид аст.

Бо таълифи ин мақола мо кӯшиш ба харҷ додем, ки дар пайванд ба таъкиди аҳаммияти нашри сарчашмаҳои адабӣ, таърихӣ ва тазкираҳои охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX арзиши китобҳои китобхонаи шахсии Шарифҷон-махдуми Садри Зиё ва феҳристи тартибдодаи ӯ «Асомӣ-юл-кутуб» изҳори назар намоем. Номи аслии асар «Асомӣ-юл-кутуби китобхонаи хусусии Шарифҷон-махдум» [8, с. 5; 14, с. 44], «Асомӣ-юл-кутуби муаллифа» [14, с. 41, 44] аст, ки муҳтавои он аз шарҳи китобҳои китобхонаи шахсияти маърифатпарвар иборат аст. Маводи таърихи китобдории Бухоро исбот мекунад, ки ин китобхона баробари китобхонаи чанд шахсияти дигар он замон арзиши баланд доштааст.

Оид ба арзиши китобхонаи хусусии Садри Зиё, тақдири баъдии он китобхона, баъзе вежагиҳои феҳристи «Асомӣ-юл-кутуб» донишмандони таърих, адабиёт ва китобхонашиносӣ дар Ӯзбекистон ва Тоҷикистон А. А. Семёнов, Р. Ҳодизода, Ӯ. Ҳамроев, С. Сиддиқов, С. Мавҷонӣ, И. Ҳамзаев, М. Шакурӣ ҳам изҳори андеша кардаанд. Аз

ҷумла, муҳаққиқи рӯзгор ва осори Садри Зиё Саҳобиддин Сиддиқов дар рисолаи номзадиаш бо такя ба матни ду дастнависи асар дар китобхонаи Институти шарқшиносии ба номи Абурайҳони Берунии АИ Ӯзбекистон (№№2460, 2193) мушоҳидаҳои ҷолиб бардошта, чанд нукта дар ин замина изҳор дошта ва дар натиҷа ин асарро баробари чанд асари дигар «сазовори тадқиқоти ҷиддӣ» [14, с. 49] арзёбӣ карда буд. Ин рисола пас аз фавти С. Сиддиқов соли 2010 ба нашр расидааст [14].

Ғайр аз ин, аз таҳқиқи ҷиддии С. Сиддиқов нуктаи ҷолибе равшан мешавад, ки аз Садри Зиё ба ҷуз феҳрист «Дафтари мусаввада»-е боқӣ монда, зери №2367 дар китобхонаи Институти шарқшиносии ба номи Абурайҳони Берунии АИ Ӯзбекистон нигаҳдорӣ мешавад ва ин дафтар қадимтарин «дафтарҳои мусаввада» аст. Дар варақаи 3б-6а-и дафтар 250 номгӯйи китоби дастнависи китобхонаи хусусии Садри Зиё омадааст. Ба фикри муҳаққиқ зикри номи дастхатҳо ва қимати пулии онҳо дар дафтар як навъ нақшаи пешакии «Асомӣ-юл-кутуб» буда ва маводи ин дафтар ҳангоми таълифи «Асомӣ-юл-кутуб» хеле босамар истифода шудааст [14, с. 76, 81].

Ахиран феҳристи китобхонаи машҳури Садри Зиёро пажӯҳишгари варзидаи таърихи китобхонашиносии тоҷик, доктори илмҳои таърих, профессор Шодмон Воҳидов бо бархе ҳамкоронаш аз Ӯзбекистон, аз ҷумла З. Чориев ва А. Эркинов аз рӯйи нусхаи китобхонаи Институти шарқшиносии ба номи Абурайҳони Берунии АИ Ӯзбекистон (дастнависи №2460) ба таҳқиқ гирифта, бо нашри чандбораи матни он дар доираҳои илмии Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва хориҷ аз он (2007, 2016, 2017, 2021) барои ҳалли қазияи мубрами манбаъшиносии адабии ин давра заминаи фаровон фароҳам овардааст. Сарчашмашиносӣ, таҳқиқ, таҳия ва тарҷумаи матнҳои таърихиву адабӣ ҳамеша аз корҳои

муҳим ва шоистаи ин муҳаққиқи пуркор будааст. Таҳқиқи ҷомеъи манбаъҳои нодири тоҷикии хонигарии ҳавзаи Хӯқанд, осори Фазлии Намангонӣ, Мушрифи Исфарангӣ, Дилшоди Барно, таҳияи «Раҳбари наҷот»-и Абдурраууфи Фитрат, «Таърихи Азизӣ»-и Азизи Марғилонӣ, тарҷумаи «Таърихи нофеъ»-и Муҳаммад Саиди Балҷувонӣ, «Таърихи ҷаҳоннамо»-и Аваз Муҳаммад Аттори Хӯқандӣ, «Зафарномаи хусравӣ», силсилаи пажӯҳишҳо оид ба чанд китобхонаи хусусии Бухоро дар охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX, аз ҷумла китобхонаҳои Равнақи Шаҳрисабзӣ, Садри Зиё, Мирсиддиқхони Ҳашмат ҳамагӣ аз заҳматҳои муҳаққиқ дар риштаи таърихан д. Ба арзиши ҷусторҳои Ш. Воҳидов ва гурӯҳи ҳамкоронаш дар таърихи китобдорӣ аҳли таҳқиқи адабиётшиносии тоҷик баҳои муносиб додаанд [**аз ҷумла**: 14; 20]. Натиҷаи талошҳои кори донишмандон дар ин замина ва таҳияву нашри феҳристи китобхонаи шахсияти мунавварфикри замон бори аввал ба фарорафти манзараи ҷомеъи таърихи китобдории Бухоро ва кашфи моҳияти назари аҳли замон дар хусуси ҷойгоҳи осори адабиву интиқодӣ мусоидат намуд...

Дар манобеъи замон аз се махзани арзишманди китоб – китобхонаи хусусии Қозӣ Бурҳониддини садр, Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ ва Шарифҷон-махдуми Садри Зиё сухан рафтааст. Ҳарчанд дар тафсири арзиши ин китобхонаҳо Садри Зиё хабар дода, ки «ба қозӣ Бурҳонуддин китобхонаи хеле бой аз падараш мерос монда» [**ниг.** : 8, с. 7], С. Айнӣ ин шаҳодатро оварда, ки «дар Бухоро ҳеҷ китобхона мисли китобхонаи хусусии Ҳашмат мукаммал набуд» [2, с. 274] ва «китобхонаи Шарифҷон-махдум беҳтарин ва бойтарини китобхонаҳои Бухорост» [**ниг**. : 20, с. 61], ҳамчунин академик М. Шакурӣ бой, «китобхонаи машҳур», «китобхонаи бузург» ва «китобхонаи дастнависҳои камёб» ба ҳисоб рафтани махзани китобҳои Садри

Зиёро равшан таъкид кардааст [20, с. 40, 55, 140], аммо ҳеч кадом соҳиби ин китобхонаи шахсӣ монанди Садри Зиё китобҳои махзани худро ба доираи феҳристи комил наовардааст. Ин корро Садри Зиё бо ният ва ҳиммати бисёр хос анҷом дода ва асаре муфид ба вуҷуд овард. Ин қазияи муҳимро профессор Ш. Воҳидов низ бисёр бамаврид ва нукташиносона дарк кардааст, ки одатан соҳибони китобхонаҳои шахсӣ ба таснифи феҳристи махзани худашон садоқат зоҳир карда, ба шинос намудани мухлисон бо китобҳои қаламии нодири дар ихтиёрашон буда шавқи хос доштанд, бо вуҷуди ин «на ҳама аз уҳдаи иҷро намудани ин кори басе пурмашаққат ва сангин мебаромаданд» [8, с. 6].

Дар омади сухан бояд гуфт, ки вобаста ба арзиши нотакрор ва аз ҳама бештар пурбаҳо будани яке аз ин се китобхонаи Бухоро навиштаи С. Айнӣ бояд ҳақиқати бебаҳс бошад, зеро, аз диди мо, гуфтаҳои Садри Зиё ва М. Шакурӣ танҳо дар маҷмуъ ба бою ғанӣ будани китобхонаҳои қозӣ Бурҳониддин ва Шарифҷон-махдум ишора доранд, аммо сухани мусаннифи «Намунаи адабиёти тоҷик» ба таври хос изҳор шуда, таъкиде вежа аст, ки мегӯяд ҳеч китобхонаи хусусӣ дар Бухоро ба китобхонаи Ҳашмат баробар набудааст.

Бо вуҷуди ин, як нукта ҳамчун суол бояд арз шавад: Оё дар таърихи адабиёт ва китобшиносии гузашта то ба Садри Зиё нафаре дигар барои тадвини матолиби хазинаи китобҳои худаш пардохтааст? Ин суолест, ки бояд муайян кард...

Феҳристи Садри Зиё китобҳоеро дар бар мегирад, ки ба ҷамъоварии онон аввал падараш Абдушшакури Оят ва сипас худаш машғул шуда ва он китобҳо ба навиштаи академик М. Шакурӣ «ҳама дастнависи камёби форсиву арабӣ будаанд, ки ё ба дасти муаллиф, ё дар замони наздик ба вақти таълиф ё ки ба қалами ягон хушнависи машҳур ки-

тобат шудаанд. Аз байни онҳо **муҳимтарин намунаҳои адабиёти бадеии муосир ва асрҳои гузашта** ва дигар китобҳои нодире дарёб кардан мумкин аст... Садри Зиё... китобҳоро тақсимбандӣ карда, як китобнома-каталог тартиб дода буд. Китобномаи ӯ... дорои эзоҳоте буда, маълумотеро дар бораи муаллифу мавзуи китоб, соли таълифи он, хаттот ва замону макони китобат, вақту ҷой ва чигунагии хариди нусха, нархи он ва ҳоказо дар бар мегирад, ки ҳамаро худи Садри Зиё навиштааст» [20, с. 140].

Аз ин ҷиҳат «Асомӣ-юл-кутуб», албатта, «дорои маълумоти муҳим аст» [20, с. 41], аммо он аз диди аввал асосан маълумотеро фаро мегирад, ки «барои таърихи фарҳанги халқҳои Осиёи Миёна арзиши фавқулода доранд» [1, с. 119]. С. Сиддиқов низ дар ин замина бардошти арзишманд дорад, ки «дар асар диққати асосӣ ба нақли тарҷумаи ҳоли котибони хушнависи давраҳои гуногун – аз возеҳони хати арабӣ Ибни Муқла ва Ёқут сар карда, то қорӣ Аҳмад барин хаттотони ибтидои садаи XX ҷалб шудааст» [14, с. 189]. Аз ин рӯ, ба «як сарчашмаи муҳимми таърих ва китобшиносии тоҷик» ҷой ва мақом доштани ин асар ҷойи шубҳа нест. Бо вуҷуди ин, дар бештари маврид навиштаи Садри Зиё аз доираи чунин арзиш фаротар рафта, ба сифати як феҳристи омӯзандаи адабӣ дар роҳи дарки аслу моҳияти адабиёт ва ҷойгоҳи осори адабиву интиқодии замон низ комилан расо ба хидмат метавонад биёяд. Китобҳо дар ин феҳрист ба илмҳои гуногуни ақливу нақлӣ ихтисос доранд, ки теъдоди умумиашон дар бозгӯйи Ш. Воҳидов 278 ададанд (аз рӯйи қайди С. Сиддиқов 288 номгӯ) [14, с. 51]. Аз ин миён як бахши асарҳо дар феҳрист аз назму наср, асарҳои таърихӣ, тазкираҳо ва ғайра иборатанд.

Аз лиҳози замонӣ таркиби «Асомӣ-юл-кутуб»-и Садри Зиё аз асарҳои гузаштагон ва ҳамзамонон иборат аст. Ба назар мерасад, ки дар бисёр марвиде, ки сухан аз кито-

бҳои пешиниён рафта, мусанниф дидгоҳашро оид ба котиб ва арзиши ҳунарии китобат баён медорад ва дар заминаи муҳтавои китоб камтар сухан ба миён мегузорад. Бо ин махсусияти кори мусанниф дар шарҳи асарҳои адабии манзуму мансури пешгузаштагон – «Қасидаи бурда» (ду нусха), «Хамса»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ (дар чанд нусха), «Хамса»-и Низомӣ (дар ду нусха), «Ҳадиқа»-и Ҳаким Саноӣ, «Девон»-и Камоли Исфаҳонӣ, «Қасоид»-и Хоҷуи Кирмонӣ, «Куллиёт» ва «Бӯстон»-и Саъдӣ, «Субҳат-ул-аброр», «Силсилат-уз-заҳаб», «Девон» ва «Ҳафт авранг»-и Мавлавӣ Ҷомӣ (дар ду нусха), «Ахлоқи Муҳсинӣ», «Маснавии Нозим», «Темурнома»-и Абдуллоҳи Ҳотифӣ, «Маснавӣ»-и Нозими Ҳиравӣ, «Маҷмуаи муросалот», «Хамса»-и Амири кабир, «Маҷолис-ун-нафоис» ва «Девон»-и Алишер Навоӣ, «Девон», «Нукот», «Чаҳор унсур» ва «Қасоид»-и Мирзо Бедил, «Ҷавоҳир-ул-асрор»-и Шайх Озарӣ, «Рашаҳот»-и Алии Сафӣ, «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд, «Калила ва Димна», «Анвори Суҳайлӣ», «Қасоиди афғон»-и Гулмуҳаммадбии Афғон ва ғайра ошно мешавем.

Диққати мусаннифи «Асомӣ-юл-кутуб»-ро дар шарҳу тафсири чунин асарҳо бештар нуктаҳо ва матолибе чун таърихи китобат, мушаххасоти котиб, махсусияти кори ӯ, арзиши зоҳирӣ ва тавсифи «зебоиву раъноӣ»-и матни китоб беғалату иштибоҳ, рӯйдодҳои ҷолиби ба даст овардани нусхаҳои хаттии арзишманд, зуҳуроти зиндагии муаллифони китобҳо, боз аз ҳама ҷолиб қимати китоб ва ғайра ҷалб карда ва аз ин ҷиҳат ҳам иттилои мусанниф пурарзиш ва сазовори таваҷҷуҳанд. Нафаре, ки дар феҳрист бештар ситоиш гардида, котибони ҳуруф ва аҳли китобатанд. Чунин ба мушоҳида мерасад, ки яке аз ҳадафҳои асосии таснифи феҳрист маҳз ба хотири арҷ гузоштан ба кори хаттотону шеваи хаттотӣ будааст. Аз ин ҷиҳат хаттотон ва кори хаттотӣ мавриди таваҷҷуҳи мусанниф қарор ёфта,

борҳо котибон чун «дабири беназир», «хаттоти соҳибтасхир», «уторидқалам», «чобукқалам», нусхаҳо «бо назокату малоҳат», «ниҳоят мумтоз» ва ё «ниҳоятдарача мумтоз», «бағоят беанбоз», «дар камоли хушхаттӣ», «ба камоли диққат ва ғояти зебоӣ», «оличаноб» ва ғ. ба тасвир омадаанд. Мусанниф дар мавриди ҳунари баланди як тан аз аҳли китобат ва хаттоти моҳир доди қалам медиҳад: «Дар соҳати фасоҳат гӯйи сухан аз майдони чобуксаворони ин фан рабудӣ ва дар байдои балоғат қадами мусобиқат аз яккатозони арсаи талоқат афзудӣ ва ба қалами зарринрақам бозори дурру гавҳарро касод кардӣ... » [8, с. 71]. Дар ин маврид камтар ба чигунагии шарҳи муҳтавоии осори адабӣ дахл шудааст. Ихлоси баланди Садри Зиёро ба чунин тоифаи эҷодгарон – аҳли хат ва китобат аз асари «Тазкират-ул-хаттотин» низ бояд ҷустуҷӯ кард [дар бораи ин асар ниг. : 21; 14, с. 30, 36, 39, 44, 49]. Як назари шитобзада ба матолиби китобхонаи Садри Зиё ва дар он ҷой доштани китобҳое монанди «Зикри хаттотон ва хушнависон» (аз «Миръот-ул-олам»), «Рисолаи хаттотон ва асомии котибон», «Аз Тазкираи котибон» низ таваҷҷуҳи ин шахсияти китобдӯстро ба ин ҳунар хуб ошкор мекунад, зеро ду китоби охир маҳсули қалами ӯст, ки шояд аз мусаввадаҳои «Тазкират-ул-хаттотин» бошанд.

Баробари ин, ба ҷуз арзиши китобату хаттотӣ дар бархе аз шарҳҳои китобҳои гузаштагон, аз ҷумла «Таърихи Табарӣ», «Девон»-и Камоли Исфаҳонӣ, «Қасоид»-и Хоҷуи Кирмонӣ, «Девон»-и Ҳофизи Шерозӣ, «Девон»-и Камоли Хуҷандӣ, «Девон»-и Шоҳии Сабзаворӣ, «Девон»-и Бобо Соиб ва ғайра мусаннифи «Асомӣ-юл-кутуб» кӯшида, ки ҷойгоҳи онҳоро аз лиҳози адабӣ низ бозгӯяд ва асарро аз лиҳози адабӣ низ шарҳ диҳад. Маҳз аз ҳамин равзана Садри Зиё «Девон»-и Ҳофизро «китобе ашъори гуҳарбораш ба мизони балоғат ва латофат санҷида, нусхае гӯё бар

сафаҳоташ ҷавҳари сероб чида» ва «китобе аз арқоми он нафаҳоти субҳи саодат фоеҳ, нусхае аз абёти он ламаъоти офтоби иноят лоеҳ» арзёбӣ карда, ба «маънии дақиқ»-и ин девон равшан ишора мекунад. Дар фаҳмиши расо, мунсифона ва бориксанҷи Садри Зиё «шоири соҳир ва саодатдақиқ ба тадқиқи назари мӯйшикоф шикофтаанд ва ба қуввати муносиб чун мӯйи дилбарон бофта ақли бориkбинро байни он ва мӯй фарқ додан даст намедиҳад, аммо чун мӯй бар фарқ ниҳодан месазад ва ҳар ибораи пок, ки ба фаҳми даррок аз баҳри зиҳори гуҳарбор истихроҷ карда ва ба алмоси тафаккур суфта, дар сулуки назм кашидаанд, аз он то ҷавҳари адбор ва луълуи шаҳвор тафовуте намебинад» [8, с. 51].

Садри Зиё «Куллиёт»-и Саъдиро «китобест бағоят қадим, нусхаест мукаррам ва муғтанам, файз мусаввар, нур муҷассам» арзёбӣ мекунад. Боз ҷолиб ин ки се «Девон»-и Мавлавӣ Ҷомиро «девони назокатунвони лозим-ут-такрим», «Девон»-и Бобо Соиби Табрезиро «нусхае беназир, девоне дилпазир ва китобе саросар танвир, бо анвои зиннат ва ҷамоли ороста бо анҳои зевар ва камоли пероста...» медонад, ки «ҳусни лафзӣ ва маънавии он ба ақсои мартаба аст, ки назир ва адилаш мақдури башар не. Бешубҳа ҳуққаи дуррест бо дарҷи гавҳар, арқоми атрфомаш тӯдаи анбар аст ё мушке аз фар (р). Китобе бад-ин масобаи хубӣ нодиран ба зуҳур меояд. Ҷавҳари ҷон хонем равост, қуввати руҳ донем баҷост!» [8, с. 58]. «Девон»-и Шайх Камоли Хуҷандиро «матлаи ҳусни бепоён» [8, с. 101], «Девон»-ҳои Ҳасану Хусрави Деҳлавиро «интихоби китобест ноёб ва нусхаест олиҷаноб» [8, с. 133] гуфтанаш ҳам ба бисёр нуктаҳои дарки амиқи шеъри ин шоирон такя дорад.

«Таърихи Муқимхонӣ» ном китоби Мирзо Муҳаммади Муқимхон аз назари зебоишинос ва назокатсанҷи Садри Зиё бисёр матлуб ва марғуб муаррифӣ шудааст. Ин

асар «маҷмуаест зебо, нусхаест якто, китобест беҳамто, гавҳар ва руҳ гӯям сазо, ҳуққаи луълу хонам баҷо, ҳусни зоҳириву нозирӣ, лафзӣ ва маънавӣ дар ин модда ҷамъ омада, бешойиба руҳи мусаввар ва ҷони муҷассам аст... Мирзои мазкур аъҷубаи замон ва нодираи даврон, саромади хушнависони офоқ, дар фасоҳат ва балоғат дар ҷаҳон тоқ, дар назми ашъор низ забардасти рӯзгор ва мусалламӣ адвор аст. Фасоҳатбаёне, ки чун теғи забон аз назми баён бароварад, фусаҳои замонро қуввати нутқ намонад, балоғатнишоне, ки чун ашбаҳи лисонро дар майдони сухан дар ҷавлон дарорад, обрӯйи чобуксаворони ин фанро ба хоки мазаллат резад» [8, с. 100].

Ҳамин тавр, ҳар нафари алоқаманди осори гузашта бо мутолиаи «Асомӣ-юл-кутуб» бо махсусияти вежаи он ошноӣ пайдо мекунад ва ин гуна мулоҳизаҳои мусаннифе соҳибдарк мисли Садри Зиёро чун намунаи баланду арзишманди дидгоҳи зебоишиносии ӯ дар натиҷагирӣ аз мағзу муҳтавои ин осор ба кор мегирад. Садри Зиё дар ин ҳол баъзан аз аносири нақди завқӣ ё ҳиссии шуарои гузашта низ ба кор бурда, ба гунаи мисол дар боби «Девон»-и Амиршоҳии Сабзаворӣ изҳори назар мекунад ва ба муҳтавои он баҳои хеле баланд медиҳад ва менависад, ки «ҳамагӣ ҳазор байт, валекин тамоман шоҳбайт аст, ки аз дувоздаҳ ҳазор байт интихоб шуда» [8, с. 132]. Чунин наққодии сарабин аз камоли завқ ва диққати хос сурат ёфтааст.

Баъзан чунин ба назар мерасад, ки мусаннифи ба маънои том ноқиди амонатбин дар бозгӯйи осори мансури гузаштагон манбаи муътамад ва мунҳасир ба фард будани онро низ ба таври ҷудогона зикр мекунад, арзиши нодири нусхаҳоро бозмегӯяд. Аз назари мо, барои алоқаманди таърихи адабиёти гузашта ҳам муҳим он аст донад, ки «Таърихи Табарӣ «дастхати нусхаи қадим, китоби ноёб аст. Ҳусни зоҳирӣ надорад. Нусхаи кӯҳнаи қадима ва муъ-

тамад аст. Дар ин муддат аз ин нусха беҳтар мавҷуд нашуд ва ба назар нарасид, вагарна дар ваҷҳи тамаллуки он тақсир намекардам» [8, с. 99].

Бахши дигари «Асомӣ-юл-кутуб»-и Шарифҷон-махдуми Садри Зиё ба муаррифии махсусияти осори адабии замони мусанниф ихтисос дорад, ки ҳадафи аслии таҳқиқи мо низ ба ин нукта гиреҳ мехӯрад. Албатта, дар ин феҳрист асарҳои гузашта ва замони мусанниф махсусан аз ҳам ҷудо нашудаанд, бо вуҷуди ин, муаррифӣ ва дидгоҳи ӯ аз осори ҳамзамонон назар ба муаррифии осори гузашта фарқ дорад. Бахши муаррифии китобҳои охирзамон бештар барои таъйини фазои равандҳои адабии он давра ва ҷойгоҳи муаллифону таснифоти онон беш аз ҳар нуктаи дигар пураҳаммият аст. Ин бахши кори таснифгар ба шеваи тазкиранигорӣ бештар пайванд мехӯрад ва бахше аз изҳори назар ва дидгоҳи номбурда дар комил шудани доираи таҳлилу баррасии осори адабии ҳамзамонон мусоидат хоҳад кард. Сабаби ин, албатта, аз баҳрамандии вежаи Садри Зиё дар нигориши тазкира ва дасти расои ӯ дар арзёбии ҳол ва накди осори онон аст. Маҳз аз ин ҷиҳат Садри Зиё ба таври хос ва муфассал ба баёни диди зебоишиносии худ дар робита ба накди аҳволу осори адибоне чун Аҳмади Дониш ва Исо-махдуми Бухорой, муаррифӣ ва накди як силсила асарҳои ин давра – «Наводир-ул-вақоеъ», «Меъёр-ут-тадайюн», «Манозир-ул-кавокиб»-и Аҳмади Дониш, «Тазкират-уш-шуаро»-и Афзал-махдуми Пирмастӣ, «Тазкираи шоирон» («Туҳфат-ул-аҳбоб») ва «Савонеҳ-ул-масолик»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, «Миръот-ул-хаёл» ва «Масобеҳ»-и Мирзо Азими Сомӣ, «Маҷмуат-уш-шуаро»-и Хӯқанд – таълифи Фазлӣ бо як нусхаи дигари ин асар, «Маҷмуат-уш-шуаро»-и Фаришта ва ғайра пардохтааст.

Чашмандози Садри Зиё дар бораи ин ки танҳо маҳз ба ду нафар аз арбоби адабиёти ин давра Аҳмад-махду-

ми Дониш ва Исо-махдум равона шудааст, хеле ҷолиб ва сазовори арзёбӣ аст. Шоир Исо-махдум аввал аз ҳама ба сифати котиб ва хаттоти китобе бо номи «Мухтасари виқоя» ба маърази андешаи мусанниф омада, аммо тафовути васфи Исо-махдум аз дигар котибону хаттотон дар он зоҳир мешавад, ки Садри Зиё ин ҷо ба ҷойгоҳи ӯ махсусан ва бештар диққат ҷалб мекунад ва 31 байт дар васфи ӯ ҷой медиҳад [8, с. 122-123]. Оид ба Исо-махдум дар «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё ҳам сухан рафтааст (40 байт). Бо он ки иттилои ин ду асари як муаллиф дар бораи як нафар ба назар тафовут доранд, аммо шабоҳатҳо дарун-даруни абёту мисраъҳо ҳастанд [17, с. 135-137].

Исо-махдум, дар бардошти Садри Зиё, «ба илму амал зубдаи фозилон ва ба фазлу ҳунар умдаи комилон» будааст. Ноқиди сухан рутбаву қадри суханварро дар илми маонӣ ва бадеъ равшан пай бурда, бешабеҳу беадил буданашро дар илмҳои фиқҳу ҳисоб, таҷвиду тартили Қуръон, хаттотӣ, луғзу муаммову шатранҷ, овозхониву танбӯрнавозӣ ёдрас кардааст. Исо-махдум ба ашъори Мирзо Бедил низ татаббуъ мекарда ва аз ин шеваи эҷод ҳам «рутбаву қадр» ба ҳосил оварда, ҳунари ӯ дар маҷмуъ «сазовори таҳсину ҳам офарин» гардида будааст. Танҳо дар ду байти Садри Зиё қудрати хаттотии Исо-махдум ба тасвир омадааст, ки дар як шаб ин «котиби номвар» аз уҳдаи рӯйнавиштаи хуби «Мухтасар» баромада ва ҷолиб он аст, ки дар ин нусха «ҳеч саҳву ғалат» ба чашм нарасидааст.

Тафовути ин бахши муаррифии китоб дар он аст, ки бештар аз баландии рутбаи илму шеъру суханвариву ҳунармандии ин шоири шаҳир сухан меравад. Мусанниф ба идомаи матлаб ин нуктаро бозгӯ мекунад, ки чунин нафари соҳибном дар замони Амир Музаффар дар Чаҳорҷӯй ба маснаде расид ва пас аз чанде аз он рутбааш маъзул шуд. Дигар ҳавову ҳаваси мансаб накарду «раҳи давлату мул-

ки боқӣ» гирифт ва агарчанде дар замони амири мазкур «басе хору зор» гардид, «ба даври Аҳадхони соҳибтамиз, ба аъло маротиб расид он азиз».

Мусаннифи феҳрист чеҳраи Исо-махдумро дар «камолоти зоҳирӣ ва ботинӣ ва таҷаллии лафзӣ ва маънавӣ, дар ҷамеъи улум якто, дар тамоми фунун беҳамто» [8, с. 123] офаридааст. Аз дидгоҳи ноқидонаи ӯ дар шеър Исо-махдум ба қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир монанд буда, «шабоҳати хат(т)и ин ду нафар ба ҳамдигар бештар, рутбаи шеърияи эшон ҳам баробар, валекин қуввати насрияи Садри Сарир зиёдатар». Баҳои Садр ба шеъри Исо-махдум бо шеваи тазкиранигорӣ чунин хатм мешавад: «Ашъори обдор ва мазомини гуҳарбори он фазоилвисор бисёр аст» [8, с. 125].

Садри Зиё дар қисмати муаррифии «Манозир-ул-кавокиб», «Меъёр-ут-тадайюн» ва «Наводир-ул-вақоеъ» ба шинохти ҷойгоҳи Аҳмад-махдум назар додааст. Ин маврид низ бар одати қисматҳои пешинаи «Асомӣ-юл-кутуб» масъалаи чигунагии китобату котиб, таърихи китобату бозёфти он, ҳусну ороиши китоб ва нархи он наёмада, балки ҳадафи мусанниф бозгӯйи ноқидонаи ҷойгоҳи Аҳмади Дониш ва осори ӯ будааст. Дар ин навишта моҳияти равандҳои адабии даврони зиндагии нависандаи номӣ ва моҳияти баҳсу мунозираҳои шадиди мафкуравӣ ҷойгоҳи хос пайдо кардаанд. Ин бардошт дар дигар асарҳои мусанниф – «Наводири зиёия», «Рӯзнома», «Тазкори ашъор» ва ғайра низ ба мушоҳида мерасад. Соҳиби китоб баробари он ки аз Аҳмади Дониш бо сифоти «анбарсиришта», «олифитрат», «уторидфитнат», «бедилхаёл», «соибмисол», «ширинмақол», «муаллифи ширинзабон», «мусаннифи фасеҳбаён», «олифитрат», «шоири тӯтисухан» ва ғайра ёд карда, ӯро «дар латофати табъ ва нозукхаёлӣ якто ва дар зеҳн ва дарки умур беҳамто, дар талоқати забон ва фа-

соҳати лисон беназир, дар ширинии калом ва баён беадил, ҷавҳари обдори назмаш чун икди Парвин мунтазам равшан, луълуи шурбаш дар таярони уруҷ ҳампарвоз, як гулшани хаташ чун сунбули зор, хубони шавқангези лафзаш монанди оби ҳайват ҷонбахш ва фараҳомез» донистааст [8, с. 126].

Албатта, диди Садри Зиё ба Аҳмади Дониш дар ин асар мустасно нест ва аввалӣ оид ба охирӣ қариб дар тамоми осораш изҳори назар карда, мавқеи баланди адабиву иҷтимоии ӯро таъкид кардааст. Ӯ бо айнаки хоси нақдбинаш кӯшида, ки ҷой ва мавқеи вежаи Аҳмади Донишро дар таърихи адабиёти тоҷик ва афкори иҷтимоии тоҷикон таъйин ва арзишу вежагии осорашро мунсифона гӯяд. Масалан, Садри Зиё дар «Наводири Зиёия» ном асар навишта, ки Аҳмади Дониш дар шеър Саъдии Шерозӣ, дар наср Ҳусайни Кошифӣ буд. «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Меъёр-ут-тадаюн» «шоҳиди ҳол ва гувоҳи мақол»-анд. Ӯ «Наводир-ул-вақоеъ»-ро асаре дорои «ибороти содаву равшан», «бетакаллуфона» арзёбӣ карда, «латофати алфозу сароҳати маънӣ»-и онро дақиқан ба гӯш расонидааст [13, с. 47]. Ӯ дар мисоли осори адабии суханварони аҳди худ дар бисёр маврид ба таъйини мавқеи адабии шоирони маъруфи замон Қурбонхони Фитрат, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, Абдулқодири Савдо ва дигарон пардохтааст.

Дар ин қисми «Асомӣ-юл-кутуб» бар хилофи бахшҳои пештараи ин китоб як қасидаи Аҳмади Дониш «муштамил бар теъдоди фазоили худ»-аш иборат аз 38 байт қаламӣ шудааст. Афзун бар ин мадҳи Шамсиддини Шоҳин аз хусуси «Наводир-ул-вақоеъ»-и Дониш, ки «дар узубати баён ва ризонати маънӣ ва таҳқиқоти умур беадили валосонист» омадааст, ки он ҳам фарогири дидгоҳи замон ва нақди расои ин асари маъруфи аҳди маорифпарварист. Ба ин муносибат Садри Зиё аз Шамсиддин Шоҳини баланд-

парвоз бо сифатҳои баланди «фозили комил», «муътабари ом», «олими номвар», «шоири моҳир», «суханвари мулки аср ва замон» нек ёд овардааст.

Дар боби муаррифии «Наводир-ул-вақоеъ» – аз мусаннафоти Аҳмад-махдум ба ин асар ҳамчун маҳсули китобат ва хаттотии Афзал-махдуми Пирмастӣ наздикӣ ҷуста, ба ин муносибат ин котибро ҳамчун «фозили маъруф», «комили машҳур», «афзали рӯзгор», «акмали номдор», «котиби расмӣ», «хаттоти урфӣ» ситоиш кардааст. Дар ин маврид аз китоби «Наводир-ул-вақоеъ» сухан ба миён наомада, чанд нукта аз «Тазкират-уш-шуаро»-и Афзал-махдум ва мазамматномаи ӯ аз Аҳмади Дониш, ҳамчунин ҷавобияи Шамсуддин Шоҳин дар ҷонибдории Дониш ва сарзаниши Афзал ба миён омадааст. Аввалан, Садри Зиё дар ҳаққи тазкираи Афзал-махдуми Пирмастӣ «ғасу самин бисёр, вориди хилофи воқеӣ бешумор, муҳтоҷи тасҳеҳ ва танқеҳ» [8, с. 129] навиштааст, ки ин маънии интиқоди асарро дорад. Баҳои «ғасу самин бисёр» бештар дар боби осор ва девонҳои шуарои қадим дода мешуд. Маънии ин ду вожа – ғас / лоғар ва самин / фарбеҳ киноя аз андаку бисёр, неку бад, киноя аз ду чизи нақизи ҳаманд, ки аз диди назарӣ дар чашмандози ноқидони қадим ба нокомиливу нопухтагии асари адиб ишора доштанд.

Нуктаи дигар дар бозгӯҳои Садри Зиё ба муносибати байни ин шоир ва тазкиранавис бо Аҳмади Дониш гиреҳ мехӯрад. Мусаннифи «Асомӣ-юл-кутуб» шаҳодат медиҳад, ки «Афзал-махдум дар ҳар фан ҳаззе карда ва баҳрае бурда, аз он ҷумла дар назм ва наср ҳам қуввате ва қудрате ба ҳам расонида, умре ба фатвонависии ватани худ тумони Каждумак дар зимни фақру фоқа ба сар бурда, аксар фунунро аз хидмати Аҳмад-махдуми ӯроқи Дониши муҳандис касб карда, бинобар хуфти мизоҷ дар авосити умри худ ба устоди мазкур осӣ шуда, аз ҷодаи таъдиб инҳироф варзида, дар

ҳаққи Ӯроқ ва ду нафар хидматгорони ӯ – Қорӣ Неъмат ва Қорӣ Каромат номон гуфта:

**Машҳур бувад ба мардумон иффати ту,**
**Чун иффати ту кароmату неъмати ту.**
**Гар он бошад каромату неъмат ин**
**Шошам ба Каромати туву Неъмати ту!**

Аз ин қабил суъадаб нисбати ӯроқи ба фазлу дониш тоқ бисёр воқеъ шуда, ҳурони дунё ва ҳирмони уқбо насиби ӯ гашт...

Шамсиддин-махдуми Шоҳин дар қасида, ки дар мадҳи ӯроқ гуфта, бад-ин аст, ки:

**Гар лофи афзалӣ ба ту зад аблаҳе, чӣ бок,**
**Танбӯри эътибори туро к-ӯ бувад харак!**

Ишорот бад-ин ҳикоят ва мурод ҳамин Афзал-махдум аст» [8, с. 129].

Гунаи ин матлаб ва изҳори назарро аз асари муҳимми дигари Садри Зиё «Наводири Зиёия» низ метавон бардошт. Чунин равшан мешавад, ки муаллиф қазияро дар феҳристи «Асомӣ-юл-кутуб» бисёр нарм ва дар «Наводири Зиёия» бисёр дурушт навиштааст, ки ин амр шояд ба тағйири назари як нафар шахсият аз ҷониби нафари дигар гиреҳ хӯрад. Ба сабаби дақиқан равшан набудани соли таълифи ин ду асар ҳоло наметавон дар боби мушаххасоти назари Садри Зиё ҳукм кард ва ё ҳадс зад. Дар ҳар сурат дар «Наводири Зиёия» чунин омада, ки «Афзал-махдуми Пирмастӣ – муаллифи «Тазкират-уш-шуаро» аз таломизи ӯст (Аҳмади Дониш – М. М. , С. А. ). Аз он ҷо, ки **бетамизӣ ва бепарҳезӣ дар ниҳоди ӯ (Афзал) муставлӣ буд**, ҳуқуқи собитаи ӯро «кона ламякун» ангошта, ду нафар хидматкорони ӯро... ҳар кадом маҳбуби аҳли ҷаҳон ва марғуби замон... **бад-ин рубоӣ ҳаҷв намуд**... » [13, с. 47]. Дар ҳамин маврид Садри Зиё он қасидаи мазкураи Шоҳинро «қасидае ғарро дар мадҳи Дониш ва қадҳи Афзал» дониста, ки «басо лао-

лии обдор суфт»-ааст. Ин иттилои Садри Зиё барои дарки хоси равандҳои ин давра судманд аст, ки «Абдулмаҷиди Музтариб... фақат изҳорун ли-л-ҳаққи қасидаи Шоҳинро мухаммас намуд» [13, с. 48].

Равшан аст, ки дар иттилои аввал Садри Зиё нисбат ба Афзал-махдум хеле эҳтиром варзида ва аз мақоми илмиву адабии ӯ гарм ёд карда ва дар иттилои дувум аз эътидоли ин эҳтиром хеле берун баромадааст. Сабаб чист? Эҳтироми нахуст оё аз фурӯ рафтан ба гирдоби сиёсати амир, ки Афзал-махдуми Пирмастӣ ҳам ин сиёсатро намояндагӣ мекард? «Афзал-ут-тазкор фӣ зикр-и-ш-шуарои ва-л-ашъор» шаҳодати мафкураи амирист. Пас дуруштсухании сонӣ оё аз тағйири он замон мебошад, агар матолиби асари «Наводири Зиёия» пас аз китобсӯзии махзани Садри Зиё аз ҷониби амир аз байн рафта бошад? Яъне, модом ки амир ба сӯхтани китобҳои Садри Зиё амр дод, дигар ҳар амиру ҳар амирпарвар дар назари ӯ манфур аст. Тағйири ақида ё коҳиш ёфтани муносибат баъди фурӯпошии аморати Бухоро ва падид омадани давлати шуравӣ? Дар ҳар сурат дар ҳоли дақиқ шудани соли таълифи ин осор ва таҳқиқи амиқи моҳияти муборизаҳои замон ин гуна қазияҳо ва бисёр нуктаҳои меҳварии кашмакашҳои мафкуравии насли ин аҳд посухи худро хоҳанд дарёфт.

Ин нукта ҳам ҷолиб аст, ки ба шаҳодати Садри Зиё Афзал-махдум бо он ки ба коҳиш додани эътибори Аҳмади Дониш бархоста, асари ӯ «Наводир-ул-вақоеъ»-ро бо фармоиши махсуси Сиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ китобат карда, мавриди ситоиши мусаннифи «Асомӣ-юл-кутуб» қарор ёфтааст [8, с. 129].

Садри Зиё номи асари Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳро дар зикри ҳол ва намунаи ашъори шоирон ба гунаи «Тазкираи шуаро» (ба ҷойи «Туҳфат-ул-аҳбоб») оварда, ба ҷойгоҳи муаллифи он ба сифати «фозили номдор», «комили рӯзгор», «муҳити нопойдор», «фасоҳатдарёи адимулканор» ва... баҳо додааст. Баробари ин, аз диди мусанниф ашъори

Қорӣ «луълуи обдори дарёи наср» аст ва «сити мақолоташ ба Тӯрону Эрон гӯшгузори пиру ҷавон ва ба Туркистон овезагӯши фозилон» [8, с. 130].

Бори дигар метавон ба натиҷа расид, Шарифҷон-махдуми Садри Зиё зимни нигориши «Асомӣ-юл-кутуб» низ дар бозгӯйи ҳолу авзои адабӣ, мавқеи нигоранда ва ҷойгоҳи асари ӯ донишу табаҳҳур ва завқу салиқаи хос зоҳир кардааст. Ҷаҳонбинии мумтоз, баҳрамандии фитрӣ аз осори гузаштагон, бардошти умқӣ аз суннатҳои нақди салими пешина, гузашта аз ин, огоҳӣ аз равандҳои адабӣ ва буҳрони фикрии замон зиёда имкон додаанд, ки дар дарки сараву сақати адабиёт ва ҳунар табъи саршор аз нубуғ, дасти қалами тавонманд ва фикри расои андешаи мунсифонаашро зоҳир намояд.

Номгӯйи осори маҳфуз дар китобхонаи Садри Зиё маълум мекунад, ки соҳиби онҳо на танҳо ба омӯзиши таъриху адабиёт, балки тамоми улуми замон таваҷҷуҳ доштааст. Инро ҳам бояд махсусан зикр кард, ки теъдоди китобҳои китобхонаи ӯ танҳо бо феҳристи «Асомӣ-юл-кутуб», ки аз 278 ё 288 китоб иборат аст, маҳдуд намешавад. Профессор Шодмон Воҳидов ба ин натиҷа расидааст, ки китобхонаи шахсии Садри Зиё дар хазинаи Институти шарқшиносии ба номи Абурайҳони Берунии АИ Ӯзбекистон аз 855 асар иборат аст, ки дар 307 ҷилд китоб фароҳам омадаанд. Аз ин миқдор 138 асари манзум, 21 асари мансур, 108 асар оид ба тасаввуф, 92 асар оид ба фалсафа, 33 асар оид ба таърих, 39 асар оид ба фиқҳ, 31 асар оид ба Қуръон ва тафсиранд. Дар ин китобхона инчунин осори зиёде оид ба илоҳиёт, мантиқ, нуҷум, астрология, тиб, ахлоқ, расму оин, маноқиб, ҳадис, руқаот, луғат, сарфу наҳв, адабиёт, тазкира, иншо, донишнома, риёзиёт, ҷуғрофия, хаттотӣ, мусиқӣ, зоология, ботаника, фармакология ва ғайра низ ҷой гирифтаанд. Муаллифи 32 ҷилд асар худи Садри Зиёст [9, с. 48-49].

Дар радифи китобҳои китобхонаи Садри Зиё, ки ба замони зиндагии ӯ мансубанд, як силсила асарҳои илмӣ ва адабӣ – осори манзуму мансур, баёзу маҷмуаҳо, таърихномаҳо, солномаҳо, тазкираҳо, мактубот, хусусан таълифоти Аҳмади Дониш, Абдулвоҳид Садри Сарири Бухороӣ, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Мирзо Содиқи Муншӣ, Муҳаммадсиддиқи Ҳашмат, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, Афзал, Абдулмуталлиби Фаҳмӣ, Шамсиддин-махдуми Шоҳин, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Иноят, Сират, Абдушшакури Садр ва дигарон арзиши хос доранд, ки бархе аз ин осор ба саъю қалами худи Садри Зиё китобат шудаанд. Аксари осори фавқуззикр то имрӯз ба иллати интишор наёфтан камтар шинохта шуда ва бахши муҳимми маводи адабиёт ва накди адабии охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX аз мадди назару андешаи ҷиддиву амиқ дур мондаанд. Ин осор баёнгари вазъи муҳити суханварӣ, шаклгирии афкори адабӣ ва моҳияти муборизаҳои насли суханвари ин марҳалаанд, ки бояд амиқан омӯхта шаванд.

Бо роҳи баргардон ва муқоисаи мутун, муаррифӣ, таҳқиқ, тавзеҳ ва ғайра бисёр саҳифаҳои норавшан ва мубоҳисаангези он замонро метавон ошкор кард. Тазкираҳо, осори ҷудогонаи адибон, феҳристҳо ва ҳатто маводи матбуоти охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX бояд дар қиёси ҳам омӯхтаву ба таҳқиқ бирасанд. Ин нуктаро дар мисоли муқоисаи навиштаҳои Шарифҷон-махдуми Садри Зиё бо дигар асарҳояш ва осори дигари ҳамзамонони ӯ метавон исбот кард. Ҳатто имрӯз имкон дорад, ки матолиби арзишманди «Рӯзнома»-и ӯро бо асарҳои Мирзо Азими Сомӣ «Таърихи салотини манғития», С. Айнӣ «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ва дигар осори таърихии замон қиёс кард, ки аз онон натиҷаҳои зарурӣ мебароянд. Чунин таваҷҷуҳ ва арзёбии амиқ ба сарчашмаҳои ин давра боиси таълифи ҷадид ва нисбатан комили таърихи адабиёти ин давра хоҳад гашт.

Пайгирӣ аз консепсияи нави таҳқиқи таърихи адабиёти ин давра аз бисёр ҷиҳат барои вусъати чашмандози адабии ҳамзамонон низ мусоид мебошад. Ин гуна равиши кор барои фарогирии васеи таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ муфид ва, аз ҷиҳати дигар, ба шинохти асли моҳияти адабиёти тоҷикони қаламрави Осиёи Миёна дар охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX заминаи ҷиддӣ фароҳам меоварад.

**Пайнавишт:**

1. *Азимҷонова, С., Вороновский, Д. Т.* Собрание восточних рукописей Академии наук Узбекской ССР // Востоковедные фонды крупнейших библиотек Советского Союза. – Москва, 1963. – С. 110-127.

2. *Айнӣ, С.* Намунаи адабиёти тоҷик. – Маскав: Чопхонаи нашриёти марказии халқи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сӯсиёлистӣ, 1926. – 626 с.

3. *Айнӣ, С.* Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро / Бо муқаддимае аз К. С. Айнӣ. – Теҳрон: Суруш, 1381 = 2003. – 208 с.

4. *Афзал-махдуми Пирмастӣ.* Афзал-ут-тазкор фӣ зикр-и-шшуарои ва-л-ашъор: Дар ҳошияи «Боғи Ирам» якҷо бо «Тазкираи Навоӣ». – Тошканд: Литографи Г. Х. Орифҷонов, 1336. – С. 1-152.

5. *Аъзамзод, С.* Вазъи таҳқиқ ва нашри тазкираҳои форсӣ-тоҷикии ҳавзаи Мовароуннаҳр // Номаи Донишгоҳ: Илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2014. – №1 (38). – С. 29-41.

6. *Аъзамзод, С.* Китобшиносӣ ва феҳрастнигорӣ дар қаламрави адабиёт // Камоли Хуҷандӣ: Фаслномаи илмӣ. – 2018. – №4 (16). – С. 49-62; ҳамч.: Сомонаи «Равшанфикр: Огоҳӣ, Озодӣ, Ободӣ», 8-уми июли соли 2020 – **https://ravshanfikr. tj/ilm-amaorif/ kitobshinos-va-fe-rastnigor-dar-alamravi-adabijot. html**

7. *Вохидов, Ш. , Чориев, З.* Садр-и Зия и его библиотека (Из истории книги и книжной культуры в Бухаре в начале XX века). «Фихрист» (каталог) библиотеки Садр-и Зия (текст). Книга 1. – Ташкент: Янги аср авлоди, 2007. – 184 + CLXVII с.

8. *Воҳидов, Ш.* Зиёи Садр Бухорӣ ва феҳрасти китобхонаи ӯ. – Панҷакент, 2017. – 432 с.

9. *Воҳидов, Ш.* Зиёи Садр Бухорӣ ва феҳрасти китобхонаи ӯ. – Душанбе: Маориф, 2021. – 550 с.

10. *Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ.* Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб: Матни интиқодӣ бо муқаддима ва тасҳеҳи Асғари Ҷонфидо. – Душанбе: Дониш, 1977. – 216 с.

11. *Мавҷонӣ, С.* Китобат ва китобдорӣ дар Бухоро // Садои Шарқ. – 1999. – №10-12. – С. 114-120.

12. Рӯзномаи Садри Зиё. Вақоеънигории таҳаввули сиёсӣ-иҷтимоии Бухорои шариф тайи нимаи поёнии амороти хоноти манғит бар асоси ёддоштҳои рӯзонаи Шарифҷон-махдуми Садри Зиё – охирин қозикалони Бухоро / Таҳқиқ ва пажӯҳиши Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. – Теҳрон: Маркази аснод ва хадамоти пажӯҳишӣ, 1382. – 500 с.

13. *Садри Зиё.* Наводири Зиёия / Таҳияи М. Шукуров ва С. Сиддиқов. – Душанбе: Адиб, 1991. – 128 с.

14. *Сиддиқӣ, С.* Садри Зиё ва тазкираҳои ӯ. – Душанбе: Чопхонаи «Шуҷоиён», 2010. – 200+ 16 с.

15. Тазкират-уш-шуарои Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо. – Душанбе: Дониш, 1983. – 293 с.

16. Тазкират-уш-шуарои Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо. – Душанбе: Дониш, 1975. – 8+370 с.

17. Тазкори ашъор. Шарҳи ҳоли бархе аз шоирони муосири Тоҷикистон ва намунаҳое аз шеъри онон / Таълифи Шарифҷон-махдуми Садри Зиё; ба тасҳеҳи Саҳобиддин Сиддиқ; бо кӯшиши Муҳаммадҷони Шакурӣ. Чопи аввал. – Теҳрон: Суруш, 1380 = 2001. – 428 с.

18. *Ҳамроев, Ӯ.* Бир шахсий китобхона ва унинг каталоги ҳақида // Научные работы и сообщения АН Узбекской ССР. – К. 6. – Ташкент: Издатеьство АН Узбекской ССР, 1963. – С. 387-396.

19. *Хади-заде, Р.* Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX и начала XX века. – Сталинобод: Изд. АН Таджикской ССР, 1956. – С. 62-69.

20. *Шакурии Бухороӣ, М.* Садри Бухоро. Чопи дувум. Бо тасҳеҳ, такмил ва иловаҳо. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 330 с.

## ДАР БОРАИ АҲАММИЯТИ «ТАЗКОРИ АШЪОР» ВА НАШРИ НАВИ ОН

«Тазкори ашъор» аз тазкираҳои муътабар ва муътамади ибтидои асри XX мебошад. Чунонки маълум аст, дар охири садаи XIX-ибтидои садаи XX дар Мовароуннаҳр замони ривоҷи тазкиранависӣ буд ва пайи ҳам 9 тазкира падид омад: «Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ (1871), «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Азими Шаръӣ (охири солҳои 80-уми асри XIX), «Тазкираи Фаҳмӣ»-и Абдулмуталлиби Фаҳмӣ (1901), «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдуллохоҷа Абдӣ (1903), «Афзал-ут-тазкор фӣ зикри-ш-шуарои ва-л-ашъор»-и Афзал-махдуми Пирмастӣ (1904), «Тазкират-уш-шуаро»-и Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухорӣ (1904-1905), «Тазкират-уш-шуаро»-и Неъматуллоҳи Муҳтарам (1905), «Тазкори ашъор»-и Шарифҷон-махдуми Садри Зиё (солҳои 1905-1907) ва «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддини Айнӣ (соли 1926). Аз байни инҳо Мирсиддиқхони Ҳашмат ва Садри Зиё муаллифи чандин тазкираанд, ки аз шумори мо берун мондаанд.

Дар «Таърихи тазкираҳои форсӣ»-и Аҳмад Гулчини Маонӣ на ҳамаи ин тазкираҳо муаррифӣ шудаанд. Муаллиф дар ин китоби худ, ки ҳудуди панҷсад тазкираро фаро мегирад, оид ба тазкираҳои нисбатан маъруф аз оғоз то замони таълифи китоб иттилоъ додааст. Ӯ «Тазкираи манзума»-и Садри Зиёро, асосан, бо такя ба гуфтаҳои Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» муаррифӣ мекунад ва қариб 30 саҳифа аз ин тазкираро, ки дар он нақл шудааст, ба унвони манбаи асосии ин асар бармешуморад [Таърихи тазкираҳои форсӣ дар ду ҷилд, Теҳрон, 1363, ҷ. 1, с. 374-376].

Аз муносибати устод Айнӣ маълум мешавад, ки ин сарчашма назди ӯ эътибори хос доштааст.

Тазкираи манзуми Садри Зиё дар он шакле, ки то ба мо расидааст, иборат аз 44 боб буда, дар бораи 49 шоир (дар панҷ боб дар бораи ду нафарӣ шоирон, падару писар ё бародар) иттилоъ медиҳад. Дар маҷмуъ шарҳи ҳоли шоирон аз ҷониби Садри Зиё дар 1444 байт оварда шудааст. Боқии абёт (2616 байт) намунаи ашъори шоиронест, ки ба тазкира ворид шудаанд.

Аҳаммияти ин тазкираро дар чанд нукта метавон зикр кард:

**1.** «Тазкори ашъор» дар шакли манзум ба қалам омадааст, ки ин падида дар тазкиранависӣ, ҳарчанд ибтикор нест, вале нодир аст.

Аҳмад Гулчини Маонӣ танҳо 5 тазкираи манзумро номбар кардааст, ки дутои он пеш аз тазкираи Садри Зиё ва дутои дигар баъд аз он таълиф шудаанд:

– «Маҷмуат-уш-шуаро»-и Фазлии Намангонӣ;

– «Тазкираи манзуми Рашҳа»-и Мирзо Муҳаммад Боқири Рашҳаи Исфаҳонӣ (1250 ҳ. қ. / 1833 м. );

– «Тазкираи манзума»-и Садри Зиё;

– «Тазкираи Шиҳоб»-и Мирзо Абдуллоҳ Шиҳоби Туршезӣ, ибтидои асри XX;

– «Тазкираи Шаҳрӣ»-и Аббоси Шаҳрӣ (миёнаҳои асри XX) [1, т. 1, с. 405-406, 474-476].

**2.** Дар ин тазкира назари нав ба шеър ва аҳли адаб ифода ёфтааст. Садри Зиё бо вуҷуди он ки намояндаи расмии равияҳои ҷадидӣ набуд, зимнан хайрхоҳи маорифпарварон буда, ба дастгирии онон мекӯшид. Бинобар ин метавон гуфт, ки дар тазкираи ӯ бори аввал ба шоирони ҳамзамон аз назари маорифпарварон баҳо дода шудааст. Чунончи, дар бораи Ҳайрат менависад:

**Ба тарзи наве нуктапардоз шуд,**
**Чу булбул адосанҷи ин роз шуд [с. 113].**

Дар мавриди Аҳмадҷони Ҳамдӣ ҳам «тарзи ҷадид»-и ӯро махсус зикр мекунад:

**Ба ашъори рангин, ки ӯ қоил аст,**
**Ба хаттотӣ ҳам дасти ӯ қобил аст.**
**Ғазалҳои рангин ба тарзи ҷадид**
**Зи шоирфанони дигар кас надид [с. 102].**

Махсусан, дар бораи Айнӣ ва тарзи сухани ӯ Садри Зиё бо камоли муҳаббат андеша меронад:

**Ба тарзи наве чун сухангустар аст,**
**Зи ақрони худ дар сухан бартар аст.**
**Чи мазмуни ашъори ӯ ҷумла бикр,**
**Ки ҳаргиз касеро нарафтаст фикр.**
**Агар бингарӣ сар ба сар шеъри ӯ,**
**Зи мазмуни пешин набинӣ дар ӯ.**
**Суханро сазад, гар диҳӣ ихтисос,**
**Мар ӯро, ки бошад варо тарзи хос [с. 231].**

«Тарзи хос», «тарзи нав», «тарзи ҷадид», ки дар ин намунаҳо мебинем, намоёнгари фикру ғояҳои нав, тарзи баёни дигар, мавзуъҳои тоза, тасвир ва вожаву таркибҳои ғайрианъанавӣ, ҳатто қофияву радифҳои ғайримустаъмал мебошанд.

Садри Зиё ҳарчанд ҳини васфи амирон тавсифҳои олиро ба кор мегирад, вале ба онҳое, ки ба шоҳу амир тобеъ будан намехоҳанд ва ҷойи худро медонанд, бо эҳтиром сухан меронад. Масалан, дар бораи Шоҳин менависад:

**Вале он қадар буд ӯро ғурур,**
**Ки аз хидмати шоҳ будӣ нафур.**
**Бад-он поя будӣ ғаюру далер,**
**Ки инъоми шаҳро намудӣ ҳақир [с. 169].**

Яъне соҳиби ғурур будан, ба хидмати шоҳ нафрат доштан, ғаюриву далерӣ, қабул накардани инъоми шоҳ – ин

ҳама хислату аъмоли Шоҳинро ӯ на танҳо мазаммат намекунад, балки суханаш оҳанги ситоиш дорад.

**3.** Дар «Тазкори ашъор» муносибати шахсии Садри Зиё ба шоирон низ инъикос ёфтааст. Ӯ дар робита бо бархе шоирон муҳаббат ё нафрати тамоми мардум ва гоҳе муносибати худро баён менамояд. Бо вуҷуди он ки муаллиф ғолибан сифатҳои неки шоиронро номбар кардааст, гоҳгоҳе сифоти номақбулро низ зикр мекунад. Масалан, дар мавриди Сарроф ном шоире мегӯяд:

**Бад-ин гуна хубиву чандин сафо**
**Надорад вале заррае аз вафо [с. 199].**

Ё дар бораи Афзал-махдуми Пирмастӣ менависад:

**Чу бахташ намекард ӯро мадад,**
**Набурдӣ касе ном илло ба бад [с. 67].**

Хулқу хӯйи Офарин ва муносибати Садри Зиё ба ин шоир низ дар зикри ӯ ба риштаи назм кашида шудааст:

**Ба тавраш маро буд шавқи тамом,**
**Ба ширинмақолӣ-ш завқи тамом.**
**Агарчанд бадхӯ буду лоубол,**
**Вале табъи ман з-ӯ намешуд малол [с. 86].**

Соҳиби эҳтироми хосу ом будани Савдо дар зикри зиндагии шоир ба мушоҳида меояд:

**Басе муҳтарам буд назди аном,**
**Мизоҷаш мувофиқ ба ҳар хосу ом [с. 86].**

Ҳарчанд Садри Зиё дар муқаддима оид ба сабаби таълифи «Тазкори ашъор» ҳадафашро аз баргузидани шоирони соҳибном, шоирони навгӯ, онҳое, ки «раҳи шеъри нав биспаранд», иборат медонад, аммо ин гуфтаи худро на ҳамеша риоя мекунад:

**Намудам дар ин нусха ман илтизом,**
**Ки аз шоироне, ки доранд ном,**
**Дар ин шева машҳури ҳар кишваранд,**
**Бад-ин пеша аз дигарон бартаранд.**

**Намоям зи шоирфанон интихоб,**
**Кунам зикрашон зиннати ин китоб.**
**Аз он софтабъон, ки худ моҳиранд,**
**Валекин раҳи шеъри нав биспаранд.**
**Ба шеъри баланду ба фикри расо**
**Бигаштанд мақбули табъи Зиё [с. 41].**

Дар тазкира бо чандин нафаре бармехӯрем, ки дар шеър гуфтан машҳур нестанд ва ё шеър гуфтанро кори муҳим намешуморанд. Маълум мешавад, ки шоир Таҳсин дар илм муваффақтар аз шоирист:

**Агарчанд дар шеър донишвар аст,**
**Вале пояи илми ӯ бартар аст [с. 88].**

Муаллифи тазкира оид ба падараш Мавлоно Абдушшакур мегӯяд, ки бо вуҷуди истеъдоди шоирӣ доштан шеъру шоирӣ дар назди ӯ чандон эътибори баланд надоштааст:

**Агарчанд дар шеър табъаш баланд,**
**Вале шоирӣ кай намудӣ писанд?! [с. 61]**

Гоҳе муаллиф шоирони начандон машҳурро бо сабаби дӯстиву ошноӣ ба тазкираи худ ворид менамояд ва худаш ба ин шеваи кор иқрор мешавад. Чунончи, дар бораи Соқиб менависад:

**Агарчанд дар шеър машҳур нест,**
**Дар авроқи тазкор мастур нест,**
**Валекин, ки аз ғояти моҳирӣ**
**Ниҳодӣ қадам гоҳ дар шоирӣ.**
**Аз он ҷо, ки бо роқими ин савод**
**Варо буд айнийяту иттиҳод.**
**Надидам раво инчунин номвар**
**Нагардад дар ин тазкира номбар [с. 96].**

Зимнан, Садри Зиё дар ин тазкира борҳо дар бораи худаш ва аҳволу саргузашташ хабар медиҳад. Борҳо аз фавти дӯстони шоири худ ва алами ҷудоӣ аз онҳо ёд мекунад. Дар лобалои тазкира шахсияти худи Садри Зиё низ зуҳур

мекунад. Ҷое ӯ дар бораи худ бо ифтихор сухан меронаду ҷойи дигар худро ҳақир мепиндорад. Чунончи, дар васфи Аҳмад-махдум сухан ронда, бо ҳазор забон ӯро ситоиш мекунад ва сабабашро чунин шарҳ медиҳад:

**Зиёро, ки табъаш басе олӣ аст,**
**Ниҳодаш зи буғзу ҳасад холӣ аст.**
**Касеро, ки бинад сазовори мадҳ,**
**Нахоҳад, ки созад варо ҳеч қадҳ [с. 128].**

Дар пайравӣ ба муаллифони тазкираҳои пешин ӯ худро *Зиёи ҳақири парешонзамир, бесавод, нодон, касиф, роқими камтарин, гумном, ҳечмадон, адимулқадр, осӣ, ҳақир, булфузул* ва ғайра меномад.

**Дар афвоҳи мардум ба исми Шариф**
**Шудам шуҳра, бо он ки будам касиф [с. 38].**

**4.** «Тазкори ашъор» баёнгари на танҳо аҳволи шоирон, хулқу хӯ ва ҳунару истеъдоди онҳо, балки вазъи сиёсиву иҷтимоии замон низ мебошад. Дар он аз воқеаҳои Колесов, ҷанги Балкан, ҷанги императори рус бо амир Музаффар, инқилоби Бухоро, таъин шудани қозиҳо дар маҳалҳои гуногун, амир Абдулаҳадхон ва корномаҳои ӯ сухан меравад.

«Тазкори ашъор» бори аввал ба хати кириллӣ нашр мешавад. Дар таҳияи ин асар, пеш аз ҳама, аз хидмати Саҳобиддин Сиддиқӣ ва устод Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ бояд ёд кард. Тибқи маълумоти Муҳаммадҷони Шакурӣ, Саҳобиддин Сиддиқӣ (1938-1993) соли 1966 рисолаи илмиашро дар мавзуи «Мероси илмиву адабии Шарифҷон-махдуми Садри Зиё» таҳти роҳбарии муҳаққиқ Турсунбой Неъматзода ба ҳимоя пешниҳод намуд. Ин рисола замимае низ дошт иборат аз матни илмии «Тазкори ашъор». Матни рисола дертар ба нашриёти «Дониш» пешниҳод шуд, вале дар солҳои 90-уми асри XX – солҳои ҷанги дохилӣ дастнависи он ба нестӣ рафт.

Бо гузашти солҳо муаллифи ин сатрҳо боре бо устод Муҳаммадҷони Шакурӣ дар бораи шахсият ва осори Садри Зиё ва пажӯҳишҳои зиндаёд Саҳобиддини Сиддиқӣ суҳбат доштем ва устод як нусхаи нисбатан хираи мошиннависи рисолаи С. Сиддиқиро барои мутолиа доданд ва гуфтанд, ки агар баъди хондан ҳавсалаи ба чоп тайёр карданашро пайдо намоям, кори савобе хоҳад шуд. Бо раҳнамоӣ ва веростории устод ин рисола соли 2010 таҳти унвони «Садри Зиё ва тазкираҳои ӯ» аз ҷониби Ройзании фарҳангии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон бо теъдоди 1000 нусха интишор ёфт.

Матни тазкираи манзуми Садри Зиё дар солҳои 60-уми асри гузашта дар асоси 3 нусха (нусхаи музейи Бухоро, нусхаи Ганҷинаи Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунии шаҳри Тошканд ва нусхаи Пажӯҳишгоҳи мероси хаттии АИ Тоҷикистон) таҳия шуда, бинобар талаботи замон аз он матнҳое, ки муҳтавои мазҳабӣ доранд, ҳазф гардида буд. Дертар нусхаи дигар, ки мавриди истифодаи устод Айнӣ буд, ба даст омад ва дар таҳияи матн он низ ба кор рафт. Бо ёфт шудани ин нусха маълум шуд, ки «Тазкори ашъор»-ро Садри Зиё се маротиба навишта будааст. Бори аввал солҳои 1905-1907 (ин нусха дар воқеаи Колесов нобуд шуд), бори дувум, баъди инқилоби Бухоро – соли 1920 ва бори севум – соли 1931. Таълифи такрории асарро худи Садри Зиё дар хотимаи «Тазкори ашъор» чунин баён мекунад: «фурсати умр бағоят кам монда, ғунҷойиши дафтар ҳам мисли он камтар аст, то ба авни (эзадӣ)-ву инояти лорайбӣ тазкираи манзумаи худро, ки намунае аз нусхаи асл асту муште (аз анбору донае) аз хирвори асли нусха аст, ки дар фитнаи инқилоб маъдуму ноёб гашт ва ранҷу меҳнати роқим зоеъву ночиз шуд, бинобар касрати парешонӣ ва адами фурсат таҷдиди он мумкин нашуд (в-арна асли нусха аз дусад нафар мутаҷовиз буд) дар ғурраи муҳаррами 1350-уми ҳиҷрӣ фориғ шудам».

Ҳини таҳияи матни тазкира ба хати форсӣ, тибқи маълумоти М. Шакурӣ ҳамаи фурӯгузорҳо, аз ҷумла мусаддаси Абдуррауфи Фитрат «Ҷанги Балқон (Балкан)», маснавии «Мавлуди шариф» ва ғайраро барқарор карда, дар замимаи аввал такмилаи Садри Зиёро ба тазкираи Муҳтарам ҳамроҳ намудааст.

Ҳамин тариқ, китоби мазкур, пеш аз ҳама, маҳсули заҳматҳои С. Сиддиқӣ ва устод М. Шакурист, ки мо дар баргардони он ҳамроҳ бо дӯсти донишмандам Субҳони Аъзамзод саъй намудем ва ҳини бозхонӣ ва таҳриру тасҳеҳ аз донишу малакаи аҳли таҳқиқ, аз ҷумла донишмандони маъруф Абдухолиқ Набавӣ ва Мубашшири Акбарзод низ баҳра бурдем.

Зимнан, метавон ёдовар шуд, ки дар нимаи дувуми садаи XX ва ибтидои садаи XXI чанд нафар муҳаққиқон ба таҳқиқи ҳаёт ва мероси илмии Садри Зиё рӯй оварданд, ки аз ин миён «Сарчашмаҳои омӯзиши адабиёти нимаи дувуми садаи нуздаҳ»-и Р. Ҳодизода, «Садри Зиё ва тазкираҳои ӯ»-и С. Сиддиқ, «Садри Бухоро»-и М. Шакурӣ, «Садри Зиё ва китобхонаи ӯ»-и Ш. Воҳидов аз пажӯҳишҳои муҳим ба ҳисоб меоянд. Осори Садри Зиё дар Тоҷикистон («Наводири Зиёия») ва дар Ҷумҳурии исломии Эрон («Наводири Зиёия», «Тазкори ашъор») интишор ёфтаанд.

Чанд сол аст, ки зумрае аз муҳаққиқон дар Хуҷанд низ ба таҳқиқ ва таҳияву нашри сарчашмаҳои охири садаи нуздаҳ ва ибтидои садаи бист машғуланд. Солҳои 2018-2022 дар доираи лоиҳаи давлатӣ дар мавзуи мазкур, ки аз ҷониби АМИТ дастгирӣ ёфтааст, якчанд китоб таҳия ва чоп шуд. Аз ҷумла рисолаи Ӯ. Қосидова «Рӯзнома»-и Садри Зиё ва анъанаи ёддоштнигорӣ» (Хуҷанд, 2019), «Тазкират-уш-шуаро»-и Мирсиддиқхон Ҳашмати Бухороӣ» (таҳияи Илҳом Эшонзода, 2021), «Рӯзнома»-и Шарифҷон-махдуми Садри Зиё (таҳияи Ӯ. Қосидова, Хуҷанд, 2022), «Маҷаллаи «Оина» (таҳияи А. Ҳоҷиев, 2022) ва «Тазкори ашъор»-и Шарифҷон-махдуми Садри Зиё (таҳи-

яи М. Мирзоюнус ва С. Аъзамзод, Хуҷанд, 2022). Чунонки бармеояд, се китоб (як пажӯҳиш ва ду матни осор) ба Садри Зиё марбут аст.

Ҳангоми таҳияи матни кариллии «Тазкори ашъор» бо назардошти он ки матн барои хонандагони тоҷик пешниҳод мешавад, нуктаҳои зерин ба инобат гирифта шуданд:

1. Ба солшумории ҳиҷрӣ, ки дар матн ҳаст, солшумории исавӣ илова шуд.

2. Баъзе калимаҳо аз рӯйи зарурат ба меъёрҳои имрӯзаи забони тоҷикӣ мутобиқ гардонида шуданд. (Масалан, жонвие – июн, оврил – апрел ва ғ.)

3. Калимаҳои роиҷ дар Тоҷикистон мисли тағо, амак, тӯй ва ғ. аз тавзеҳот бароварда шуданд.

4. Шакли навишти калимаҳо ба тарзи талаффузи тоҷикон мувофиқ карда шуд: дуктур – доктор, террури истолинӣ – террори сталинӣ ва мисли ин.

5. Аломатҳои шартии дастхатҳои «Тазкори ашъор» низ мувофиқи алифбои кириллӣ сурат гирифтанд: Бе – Б (нусхаи Бухоро), Дол – Д (нусхаи Душанбе), Те – Т (нусхаи Тошканд), Ъайн – Айн (нусхаи мансуб ба Айнӣ).

6. Дар қисмати шарҳу тавзеҳот калимаву таркибҳо тибқи алифбои кириллӣ ҷой дода шуданд.

7. Дар матн ва замимаҳо пайнавиштҳо бо се навъ ишора шудаанд: аввалан, пайнавишти рақамӣ – ишора ба нусхабадалҳо, ки аз ҷониби Муҳаммадҷони Шакурӣ ба хотири нашри форсии Теҳрон фароҳам омадааст; сониян, ситорача – ишора ба шарҳи вожаву ибораҳо дар бахши тавзеҳоти асар; севум, ситорача дар қавсайн – ишора ба тавзеҳи таҳиягарон ва хусусан яке аз муҳаррирони матн Мубашшири Акбарзод, ки зимни мутолиа нашри эронии китобро бо як нусхаи маҳфуз дар бойгонии М. Шакурӣ дар ИЗА ба номи Рӯдакии АМИТ муқоиса намуда, тафовути матнҳоро муайян кардааст.

## ЧАНД СУХАН ДАР БОРАИ НАШРИ «РӮЗНОМА»-И САДРИ ЗИЁ
### (Сарсухан ба нашри кириллии «Рӯзнома»)

Омӯзиш ва таҳқиқи сарчашмаҳои адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX, ки яке аз давраҳои муҳим, вале нисбатан камтар таҳқиқшудаи таърихи адабиёти тоҷик аст, аз масоили мубрами адабиётшиносии имрӯз ба шумор меояд, зеро низоми замони шӯравӣ бо назардошти хусусиятҳои ғоявии таълифоти аксари адибони ин давра ва мухолифати онҳо ба рӯҳия ва мафкураи худ ин осорро камарзиш мепиндошт ва ба ин иллат нашри онҳо аз назари эътибор дур монда буд. Фаро расидани давраи нав, ба истиқлолият даст ёфтани Тоҷикистон барои аз назари тоза муайян кардани арзиши ин осор заминаи мусоид фароҳам овард. Аммо барои дарёфтан ва муқаррар намудани арзиши воқеии таърихӣ, адабӣ ва ғоявии ин сарчашмаҳо дар навбати аввал зарур аст, ки онҳо ба нашр расонида шаванд ва дастраси доираи васеи муҳаққиқону алоқамандон қарор бигиранд.

Дар ин давра дар баробари ашъори вофир тазкираҳо, асарҳои адабиву таърихӣ ва осори ёддоштиву ҳуҷҷатие навишта шудаанд, ки метавонанд намоёнгари вазъи адабиву фарҳангӣ, иҷтимоиву иқтисодии замон бошанд. Хоса, таълифоти адибони маорифпарвар барои ташаккули шуури нави ҷомеа мусоидат намуданд ва дар ин миён метавон осори Абдуррауфи Фитрат, Садри Зиё, Садриддин Айнӣ, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Саидаҳмадхоҷаи Сиддиқии Аҷзӣ, Тошхӯҷаи Асирӣ, Ҳоҷӣ Юсуф ва дигаронро ном бурд, ки роҳи Аҳмади Донишро идома доданд ва бо диди интиқодӣ ба воқеоти замон нигаристанд. Мақолоти Абдулқодири Муҳиддин, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, «Мунозира» ва «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ»-и Абдуррауфи Фитрат, «Савонеҳ-ул-ма-

солик»-и Раҳматуллоҳи Возеҳ, «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷи Ҳаким ва ғайра аз он осори мондагоре буданд, ки равандҳои тозаи иҷтимоӣ ва рӯҳияи замони навро бо камоли ҷасорати адабӣ мунаъкис намуданд.

Дар миёни ин адибони ҷасур Шарифҷон-махдуми Садри Зиё (1865-1932) ҷойгоҳи махсус дорад. Бесабаб нест, ки устод Шарифҷон Ҳусейнзода номи ӯро дар шумори чаҳор нафар бузургтарин муҳофизони фарҳанг дар таърихи тоҷикон баъди истилои муғул ҷой додааст, ки аз ҷумла Насириддини Тӯсӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ва Садри Зиё ҳастанд.

Садри Зиё воқеан ҳам яке аз он нависандагони оянданигари миллат ва маорифпарвари асил буд, ки бо асарҳои арзишманди худ дар ташаккули адабиёти миллии тоҷикӣ нақши равшан ва носутурданӣ боқӣ гузошт.

Аз мероси Садри Зиё, ки аз 60 асар иборат буда, муҳимтарини онҳо «Наводири Зиёия», «Рӯзнома», «Тазкират-ул-хаттотин», «Таърихи амирони манғития», тазкираи манзуми «Тазкори ашъор» мебошанд, ки то имрӯз, мухтасари «Наводири Зиёия» ба хати кириллӣ соли 1991 ва баргардони форсии он дар Теҳрон дар соли 1377, «Тазкори ашъор» дар Теҳрон соли 1370 ба хатти криллӣ соли 2010 ва «Рӯзнома» дар Теҳрон соли 1382, интишор ёфтаанд.

«Рӯзнома»-и Садри Зиё на танҳо асари ёддоштӣ-адабӣ, балки асари таърихӣ низ ҳаст, ки дар радифи осори дигари таърихии адиб: «Зикри авоили Бухоро», «Таърихи Бухоро», «Мунтахаб-ут-таворих», «Рисолаи салотин ва шаҳриёрон», «Зикри подшоҳон ва кинязони давлати Русия», «Зикри ҳолоти Чингизхон», «Силсилаи салотини ӯзбаки Чингизхония», «Зикри салотини Манғития», «Зикри салтанат ва подшоҳии Амир Олимхони махлӯъ» барои дарки воқеияти иҷтимоӣ ва таърихии замони мавриди таҳқиқ мусоидат менамояд.

Замони таърихие, ки дар «Рӯзнома» инъикос ёфтааст, солҳои 1889-1929, яъне сӣ солро фаро мегирад, вале ин сӣ сол барои таърихи миллати мо мураккабтарин солҳо, давраи гузариш аз як марҳала ба марҳалаи дигар, барҳам хӯрдани аморати Бухоро, Инқилоби сурх, ҳаракати босмачигарӣ, ташкили вилояти автономии Тоҷикистон (1924) ва Ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон (1929) мебошад. Нусхаи аввали асар, чунонки худи муаллиф қайд мекунад, соли 1336 қ. якҷоя бо «Тазкори ашъор»-и манзум нобуд карда шуд ва китоби ҳозир таълифи дуюмбораи асар аст, ки хеле ихтисор шуда ва бисёре аз воқеоте, ки дар таҳрири аввал ҷой дошт, бо далоили мухталиф дар ин нусха ҳазф шудааст. Гузашта аз ин, муаллиф аз тасвири воқеаҳои сиёсӣ эҳтироз варзида, зоҳиран бештар масоили марбут ба рӯзгори худро ба риштаи тасвир кашидааст, ҳарчанд ки дар баробари воқеоти муҳити Бухоро ба муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳатто ҷанги Ҷопону Рус мудохила намуда, мушоҳидаҳои худро ба қалам овардааст.

Дар асар бинишу фаҳмиш ва чеҳраи як инсони худогоҳи замон, ки бо дидаи ибратҷӯ ба ҷаҳон ва ҷомеа менигарад ва дар роҳи растагориву наҷоти миллат талошҳое пайгирона ва содиқона дорад, зуҳур ёфтааст. Албатта, ин бинишу фаҳмиш бо дарку қабули имрӯзини мо гоҳе номувофиқ аст ва хеле нуктаҳое ҳаст, ки барои афроди муосир пазируфтанӣ нест, бо вуҷуди ин, дар бораи ҳаракати ҷадидон, муҳорибаи Колесов, фаъолияти консулхонаҳои Русия, вазъи маориф дар Бухоро, вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа аз ин асар иттилои ҷолибе ба даст меояд ва ин сафҳаҳо симои тобноки муаллифро ба ҳайси як фарзанди пешқадами замон ба назар менамоёнад.

Забони «Рӯзнома» низ шоистаи таҳқиқи ҷудогона аст, зеро чунонки устод М. Шакурӣ қайд мекунад, «Садри Зиё дар соданависӣ дар байни Аҳмади Дониш ва Садриддини

Айнӣ қарор гирифтааст. Сабки ӯ марҳалаи гузариш аз тарзи Аҳмади Дониш ба шеваи Садриддини Айнист». Устод содагии забони Садри Зиёро «содагии асил ва шукӯҳманд» ба қалам меорад.

«Рӯзнома»-и Садри Зиё бори аввал дар Тоҷикистон ба хати кириллӣ ба табъ мерасад. Он дар заминаи нусхае таҳия шудааст, ки бо саъю эҳтимом ва талошҳои академик М.Шакурӣ соли 1382 дар интишороти «Маркази аснод ва хадамоти пажӯҳишӣ» аз рӯйи нусхаи ягонаи ин асар, ки таҳти шумораи 2277 дар ганҷинаи Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Абӯрайҳони Берунӣ дар Тошканд маҳфуз аст. Дар нусхаи кириллии китоб ҳамаи замимаҳои асар, аз ҷумла сипосномаи муҳаққиқ, мақолаи муфассали ӯ дар бораи «Рӯзнома»-и Садри Зиё, инчунин «Таълиқот ва тавзеҳот», ки дар он шарҳи номи шахсҳо, номҳои ҷуғрофиёӣ, мансабҳо, истилоҳот ва ғайра ҳифз шудааст. Пас аз таълиқот феҳристи номи ашхос, номи китобҳо, мавзеъҳои ҷуғрофӣ ва истилоҳоту вожаҳои махсус ҷой гирифтааст. Калимаву иборoте, ки шарҳ ёфтаанд, дар сари худ аломати ситорача (*) доранд.

Дар китоби ҳозир матни «Рӯзнома»-ро, чунонки устод Муҳаммадҷон Шакурӣ ва ёваронашон таҳия намудаанд, бетағйир гузоштем. Дар баъзе ҷоҳои матн, ки бо сабабҳои гуногун таҳиякунандагон хонда натавониста, аломати савол гузоштаанд, ҳини баргардонидан ба хати кириллӣ мо низ ин аломатро нигоҳ доштем.

Аммо дар матни пешгуфтор ва мақолаи устод, инчунин дар тавзеҳоту таълиқот, ки барои хонандаи эронӣ таҳия шуда буд ва баъзе калимоте ҷой доштанд, ки дар Тоҷикистон роиҷ нестанд, он вожаҳоро тағйир додем ё ихтисор намудем. Гузашта аз ин, тавзеҳот ва феҳристномаҳоро бар асоси алифбои тоҷикӣ сохта, номҳоро дар матн ва

тавзеҳ ҳамсон намудем ва саҳфаҳоро дар тавзеҳот ба китоби ҳозир, ки нашр мешавад, мувофиқ намудем.

Азбаски нашри эронии китоб пешгуфтори хеле муфассал дорад ва дар он муҳимтарин нуктаҳои марбут ба муҳтавои ин асар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд, дар ин сарсухан зарурати такрори онҳоро намебинем. Чашм дорем, ки ин китоб барои муҳаққиқон ва кулли алоқамандони таърихи охири садаи XIX - ибтидои асри XX-и Мовароуннаҳр муфид бошад ва агар навоқисе дар матн гузашта бошад, умедворем, бо кӯмаки донишмандон дар нашрҳои минбаъда ислоҳ пазирад.

# «ТАЗКИРАИ ФАҲМӢ» – САРЧАШМАИ КАМШИНОХТАИ ОХИРИ АСРИ XIX-ИБТИДОИ АСРИ XX

Муҳаққиқон дар бораи тазкираҳои нимаи дувуми асри XIX-ибтидои асри XX сухан ронда, маъмулан «Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб»-и Раҳматуллоҳи Возеҳ, тазкираҳои Мирсиддиқхони Ҳашмат, «Тазкори ашъор»-и Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдулазими Шаръӣ, «Афзал-ут-тазкор фӣ зикр-и-ш-шуарои ва-л-ашъор»-и Афзал-махдуми Пирмастӣ, «Тазкират-уш-шуарои мутааххирин»-и Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Муҳтарам ва «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айниро ном мебаранд. Аммо тазкираи Фаҳмӣ, ки низ дар ҳамин давра таълиф шудааст, қариб дар ягон пажӯҳиш номбар намешавад, ҳол он ки устод Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» дар мавриди зикри Машраби Намангонӣ ва Сӯфӣ Аллоҳёри Каттақӯрғонӣ аз маълумоти ин асар истифода бурдааст [2, с. 126-127].

Танҳо устод Расул Ҳодизода, ки беҳтарин донандаи адабиёти асри XIX-ибтидои асри XX буд, дар китоби «Сарчашмаҳо барои омӯзиши адабиёти тоҷики нимаи дувуми асри XIX», ки соли 1956 ба забони русӣ интишор ёфтааст, дар бораи мавҷудияти «Тазкираи Фаҳмӣ» дар ин давра хеле мухтасар маълумот дода, маводи онро такрори тазкираи Возеҳ мешуморад ва бинобар ин камарзиш меномад [8, с. 11]. Дар китоби дигари устод «Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX», ки ба забони тоҷикӣ соли 1968 чоп шудааст, исми Фаҳмӣ танҳо як маротиба зикр шуда, дар бораи ӯ ва тазкирааш ҳарфе ба назар намерасад [9].

Дар ин китоб сухан дар бораи мавҷудияти ду нусхаи «Тазкираи Фаҳмӣ» рафтааст, ки яке дар Институти шарқ-

шиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон таҳти рақами № 2331/1 ва дигаре таҳти рақами №952 дар захираи дастхатҳои АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз мешавад. Тибқи маълумоти Расул Ҳодизода, «андозаи нусхаи аввал 13Х 20, 5 см.: 35 варақ [с. 28-74] буда, ин нусха дар коғази ранга бо хати зебои настаълиқ нигошта шуда, матн бо зарҳал ороиш ёфтааст. Муаллифи асар Абдулмутталлиби Фаҳмӣ асари худро аз рӯйи супориши Мир Муҳаммад Тӯқсоба таълиф намудааст; дастхат танҳо баъзе бахшҳои асари банақшагирифта (ё худ ба итмомрасонидаро) дар бораи Бедил, Ҳофиз, Низомӣ, Исмати Бухороӣ, Савдо, Возеҳ ва дигарон дар бар гирифтааст» [8, с. 11]. Соли таълифи ин асарро Р. Ҳодизода 1319 / 1901 зикр намудааст.

Дар бораи нусхаи дигари ин тазкира қайд шудааст, ки «нусхаи мухтасар ва танзимшудаи ин тазкира дар захираи дастхатҳои АИ ҶТ таҳти рақами № 952 нигоҳ дошта мешавад; нусха дар варақҳои дафтар дар соли 1936 аз ҷониби корманди илмии китобхонаи оммавии Ҷумҳурии Ӯзбекистон И. Одилов рӯйнавис шудааст» [8, с. 10].

Р. Ҳодизода чунин меҳисобад, ки ин «тазкира дар асоси маводи тазкираҳои пешин ба қалам омадааст; дар бораи шоирони асри XIX муаллиф гоҳе пурра ва гоҳе бо ихтисорот маълумоти тазкираи Возеҳро бидуни зикри сарчашма овардааст; ҳатто бобе дар зикри Возеҳ аз тазкираи худи ӯ, ки сухан аз номи шахси аввал оварда шудааст, пурра руйнавис шудааст». Ба андешаи ӯ, «ин тазкира кӯшиши номуваффақи як нафар дӯстдори камшуҳрати адабиёт аст, ки исмашро касе аз мураттибони тазкираҳои давраи охир ёд накардааст» [8, с. 11]. Воқеан ҳам дар мавриди Возеҳ ва ду-се тани дигар мушоҳидаи Р. Ҳодизода дуруст аст, зеро Фаҳмӣ маълумоти Возеҳро дар шакли мухтасар такрор кардааст. Аммо дар мавриди дигарон ин қавл чандон саҳеҳ нест.

Ҳоло ин ду нусхаи тазкираи Фаҳмӣ дар дасти мост ва имкон дорем, ки онҳоро муқоиса кунем. Нусхаи аввал, чу-

нонки зикр шуд, дар Институти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон таҳти рақами № 1331/1 нигоҳ дошта мешавад. Ин нусха аз 48 варақ, яъне 86 саҳифа иборат буда, баъд аз варақи 40 мутоибаҳо ва пасон 10 ҳикояро дар бар гирифта, бо сарлавҳаи «Бадоеъ-ус-саное»-и Шоҳин ба охир мерасад. Устод Р. Ҳодизода қайд мекунад: «Бино ба мундариҷае, ки дар оғози дастхат ҷой дорад, ин асар мебоист шарҳи ҳол ва намунаҳои ғазалиёти бештар аз 300 шоирро аз давраҳои қадим то охири садаи XIX фаро мегирифт» [8, с. 11]. Воқеан ҳам дар оғози нусха феҳристи асомии фузалои ҳамин маҷмуа ҷой дода шудааст, ки иборат аз 54 номгӯй буда, пас аз ҳар сарлавҳа саҳифаи он дар маҷмуаи мазкур зикр шудааст. Шумори саҳифаҳои маҷмуа 302 адад аст, ки шояд устод Ҳодизода онро шумори шоирон пиндошта бошад. Бино ба мундариҷае, ки дар аввали маҷмуа дар шакли ҷадвал ҷой дорад, дар идомаи мутоибаҳо ва ҳикоёт пас аз Шоҳин маҷмуаи ашъори муҳаррири савод Фаҳмӣ, Ҷамолӣ, Аршӣ, Ғанӣ, Ҳозиқ, Ҳоқон, Наҷиб, рисолаи муаммо ва якчанд таъриххо, оварда шудааст. Ин номгӯ хеле ҷолиб аст, хусусан «Маҷмуаи ашъори муҳаррири савод Фаҳмӣ». Мутаассифона, айни ҳол дар дасти мо танҳо 48 варақи маҷмуа бо матни тазкира мавҷуд аст. Дар сурати ошно шудан бо идомаи маҷмуа имкон дорад, ки дар бораи Фаҳмӣ маълумоти бештар ба даст ояд.

Дар нусхаи мазкур дар бораи 31 нафар олиму шоир ва амир маълумот дода шудааст, ки ба ин тартиб аст:

1. Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил;
2. Хоҷа Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ;
3. Ҳазрати Мавлоно Хоҷа Исматуллоҳи Бухорӣ;
4. Хоҷа Муҳаммадҳошими Кашмӣ;
5. Ҳазрати Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ;
6. Низомиддин амир Алишери Навоӣ;
7. Мавлавӣ Муҳаммадшарифи Бухорӣ;

8. Сӯфиоллоҳёри Самарқандӣ;
9. Мавлоно Машраби Намангонӣ – Бобораҳими Қаландар;
10. Шайх Имло;
11. Хоҷа Муҳаммад Исломи Ҷӯйборӣ;
12. Амир Маъсуми Ғозӣ;
13. Ҳазрати амир Сайид қад. сир. номи эшон Амир Ҳайдар аст, маъруф ба амири Саид;
14. Насириддин Сайид амир Насруллоҳ Муҳаммад Баҳодури Султон;
15. Аълами Ясорӣ;
16. Мирзо Абдурраҳмон Аълами Бухоро;
17. Эшон халифаи Ниёзқулӣ;
18. Муҳаммад Ҳусайн;
19. Ҳазрати Домулло Миракхоҷаи Бухорӣ;
20. Ҳазрати шайхулислом Аҳрорӣ – Султонхоҷаи Орифӣ;
21. Домулло Муҳаммади Бухорӣ ал-машҳур ба домулло Ҳоҷибой (Хуҷанд);
22. Домулло Орифқулии муфтӣ;
23. Домулло Ҳасани Бухорӣ;
24. Эшони қозӣ Мирзо Иноятуллоҳ Хоҷаи Бухорӣ;
25. Эшон Муҳаммад Султонхоҷаохунд Аълами Бухорӣ;
26. Охунд Аълами Бухорӣ (Абдулмуъминхоҷа);
27. Муҳаммад Порсохоҷа;
28. Сират Абулфазл-махдуми Балхӣ;
29. Абдулқодирхоҷаи Савдо;
30. Ҷаҳонгирбеки Маҷнун;
31. Возеҳ.

Нусхаи дигари «Тазкираи Фаҳмӣ» (№ 952) дар 82 саҳифаи дафтари раҳдор рӯйнавис шуда, дар муқоваи он бо хати котиб «Тазкираи Фаҳмӣ. Таълифи Абдулмуталлиб-

хоҷаи Самарқандӣ» навишта шудааст [6]. Дар поёни нусха соли китобати он 1936 ва соли таснифи он 1277 зикр ёфтааст, ки баробар ба соли 1860 мелодӣ мебошад.

Ҳоло бубинем, ки нуқтаи назари устод Р. Ҳодизода то куҷо ба ҳақиқат мувофиқ аст ва ин нусха оё рӯйнависи тазкираи Возеҳ аст? Дарвоқеъ дар бораи шахсият ва фаъолияти адабии Абдулмуталлибхоҷаи Фаҳмӣ дар тазкираҳо ва донишномаҳо маълумоте мушоҳида нашуд. Нусхаи аввали «Тазкираи Фаҳмӣ» дар дохили маҷмуаест, ки аз осори мухталиф мураттаб шудааст. Агар матолиби боқимондаи нусхаи аввал дар шакли комил ба даст ояд, шояд аз аҳвол ва ашъори ӯ маълумоти бештаре пайдо кунем. Дар муқоваи китоб ӯро Самарқандӣ гуфтаанд. Маълум мешавад, ки ӯ бо супориши Ҳоҷӣ мулло Мирмуҳаммад Тӯқсоба ба тартиб додани ин маҷмуа даст задааст. Чунонки дар муқаддимаи китоб омадааст, «бо вуҷуди касирии бол ва парешонии мақол, ки на истироҳате зи манфиати молҳои рӯзгор ва на истихлосе зи мазаррати моалайҳои адвор… ба ҷиҳати истеҳкоми бунёни садоқату ёдгорӣ» ба иҷрои фармони амир шуруъ намудааст. Гуфта мешавад, ки «аввал ва авло намуд, ки унвони маҷмуаро ба маноқиби шуарову умаро ва сулаҳо (е), ки ба таърихи қариб гузаштаанд… сабт гардонида шавад» [6, с. 2].

Аз миёни 31 нафар шоироне, ки зикрашон рафт, 11 нафари аввал шуарои салаф буда, чунонки мебинем, тазкира аз зикри номи Мирзо Абдулқодири Бедил шуруъ мешавад ва баъди ӯ Ҳофизу Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ ва дигарон омадаанд. Бо он ки устод Расул Ҳодизода ин нусхаро танзимшуда мешуморад, назми собите дар он на ба тартиби таҳаҷҷӣ ва на аз рӯйи солшумории хронологӣ ба мушоҳида намеояд.

Қабл аз овардани исми Амир Маъсуми Ғозӣ муаллиф менависад, ки «бар замоири асҳоби دониш махфӣ намо-

над, ки муҳаррири сутурро дағдағае ба хотири фотир буд, ки ҳар ҷо ки лаолии шоҳвор ва гавоҳири обдор, ки бунёни маҷлисро истеҳкоме ва маҳофили дӯстонро инбисоте бахшад, аз мазоқи ҳар тоифа ва аз мазҳаби ҳар фирқа…аз мазомини абкору аз натоиҷи афкор хулосае фароҳам оварда, нигоштаи хома гардонад, аммо ба воситаи мавонеи вофира ва ҳаводиси касира таманнои мазкур ва дағдағаи мазбур даст надода. Ба мазмуни «мо ло ядруку куллаҳу ло ятруку куллаҳу» хӯшае аз хирману гуле аз бӯстон боиси масаррати дӯстон ва тазаккури хотири ихвон ба ҳам оварда, унвони катибаро ба маноқибу маорифи салотин, ки каломулмулуки мулукулкалом ороиш дода, набзе аз аҳволоти подшоҳони доруссалтанаи Бухорои шариф ва баъзе аз уламо, ки дар таърихи 1200 гузаштаанд, дар қайди таҳрир оварда шуд» [6, с. 33-34].

Аз ин иқтибос маълум мешавад, ки мураттиб ният доштааст, маводи фаровонеро аз зиндагии бузургон ва намунаҳои таълифоти удаборо дар ихтиёри дӯстон гузорад, аммо монеаҳои зиёде ба ин кор халал додаанд, бинобар ин танҳо «набзе аз аҳволоти подшоҳони доруссалатанаи Бухорои шариф ва баъзе аз уламо, ки дар таърихи 1200 гузаштаанд», ба ин тазкира ворид карда шудаанд.

Аз рӯйи мазмун тазкираи Фаҳмиро метавон ба ду қисм ҷудо кард. Қисми аввал 11 нафар шуарои салаф ва қисми дувум салотин, уламову удабоеро, ки дар асри XIX зиндагӣ кардаанд, фаро гирифтааст.

Аз аҳли салотин асомӣ ва шарҳи ҳоли се нафар, аз ҷумла Амир Маъсуми Ғозӣ, Амир Саид Амирҳайдар, Насируддин Сайид амир Насруллоҳ Муҳаммад Баҳодур Султонро оварда, сипас дар бораи хаттотон ва олимону шоирон хабар медиҳад. Аз зикри салотин сар карда, то охири тазкира як андоза тартиби хронологӣ (ба истисноӣ ду-се ҳолат) риоя шудааст. Таърихи вафоти нафари охирин, ки дар тазкира

омадааст, 1285/1868 мебошад, ки ба соли реҳлати Эшон Муҳаммад Султонхоҷаохунд Аълами Бухорӣ баробар аст.

Он нукта ҷолиб аст, ки ҳам устод Айнӣ ва ҳам котиби тазкира соли таснифи онро 1277 (1860-1861) гуфтаанд, аммо охирин соле, ки дар тазкира омадааст, 1285 мебошад. Бино ба маълумоти Р. Ҳодизода соли таълифи нусхаи маҳфуз дар Тошканд 1319 / 1901 аст.

Ба андешаи мо, 1277 будани соли таснифи тазкира шояд саҳеҳ набошад, зеро маълумоти он бо соли 1285 / 1868 ба охир мерасад. Дар сурати қабул кардани соли 1277 фарзияе пеш меояд, ки як-ду нафари охиринро каси дигаре афзуда бошад.

Дар маҷмуъ, муқоисаи ду нусхаи тазкира ба натиҷае овард, ки нусхаи Тошканд нусхаи асл (модар) буда, нусхаи Душанбе аз он рӯйнавис шудааст. Дар нусхаи Душанбе афтодагиҳо ҷой дорад, котиб гоҳе баъзе калимаҳо ва пораҳои матнро ҳазф кардааст. Дар нусхаи Душанбе маълумот дар бораи 26 нафар, дар нусхаи Тошканд – дар бораи 31 нафар оварда шудааст. Дар нусхаи Тошканд илова бар нусхаи Душанбе маълумот дар бораи 5 нафар – Порсо, Сират, Савдо, Маҷнун ва Возеҳ ба мушоҳида омад. Ба ғайр аз ин, дар 8 вараќи дигар мутоибаву ҳикояҳо ҷой дода шудаанд. Нусхаи Тошканд дар шакли маҷмуа мураттаб шуда, дар маҷмуъ аз 302 саҳифа иборат аст. Дар он усули тазкиранависӣ бо усули нақли ашъор, наср, рисола, таърихномаҳо омехта шуда омадааст. Нусхаи Душанбе баргузидаи 36 вараќи ин маҷмуа буда, котиб ба он «Тазкираи Фаҳмӣ» ном гузоштааст.

Р. Ҳодизода маълумоти тазкираи Фаҳмиро пурра баргирифта аз тазкираи Возеҳ мешуморад, аммо муқоисаи нусхаҳои зери дасти мо бо тазкираи Возеҳ нишон дод, ки маълумоти он аз тазкираи Возеҳ хеле тафовут дорад.

Нахуст, аз 31 нафаре, ки дар тазкираи Фаҳмӣ исмашон зикр шудааст, мо аз тазкираи Возеҳ танҳо дар бораи 14 на-

фар маълумот пайдо кардем. Ҷолиб он нукта аст, ки дар ин ду тазкира дар аксари маворид исми зикршудагон ба гунаи дигар омадааст.

Масалан, исми «Домулло Муҳаммади Бухорӣ», ки бо ҳамин ном дар тазкираи Фаҳмӣ зикр шудааст, дар тазкираи Возеҳ «Лисонӣ» омадааст. Танҳо аз мазмуни матн дар бораи як нафар будани онҳо маълумот мегирем.

Фаҳмӣ дар мавриди «Домулло Муҳаммади Бухорӣ» навиштааст: «ал-машҳур ба домулло Ҳоҷибой, номи аввалии эшон Домулло Ҳоҷибой аст. Аз диёри Хуҷанд барои таҳсили улуми зоҳирӣ ва ботинӣ ба фохираи Бухоро омада, ба факру фоқа ва риёзоти шоққа таҳсили улуми зоҳирӣ намуда, ба меъроҷи ҳақоиқ ва ирфон расидааст, дар балоғати гуфор ва дарёфти сухан ва ҷавдати табъ ҳамдӯши худ надошт. Бинобар он подшоҳи маорифпаноҳ Саид амир Ҳайдар толибуллоҳи сирраҳу аз номи аввалӣ ба Мулломуҳаммадӣ ифтихор дода, аниси хилвати хос ва ҷалиси ҷилватихтисоси худ намуда, байнулақрон имтиёз ва ифтихор дод ва ҷаноби Саид амир Насруллоҳ дар замони худ дучандони валади бузургвори худ унвон дода, аксари авқот қозии дорулиморати Қаршӣ гардонида буд. Ба таърихи якҳазору дусаду панҷоҳу шаш баъд аз вафоти низом-ус-салтана махдум-ул-уламо Раҳмонбердӣ-махдуми раис ба раёсати эҳтисоби дор-ул-хилофати Бухоро кулоҳи муфохират ба авҷи гардун месуд. Ба таърихи якҳазору ду саду шасту ҳашт гӯшагири маҳаллаи ризвон шуд. Қабри вай дар ниҳояти тарафи шарқии қабристони ҳазрати Хоҷа Исҳоқи Калободӣ аст» [6, с. 76].

Чунонки гуфта шуд, Возеҳ ин суханварро бо номи «Лисонӣ» оварда менависад: «Лисонӣ – тахаллуси ҳақоиқпаноҳ, маорифдастгоҳ, ҳаллоли мушкилоти улуми арабия, кашшофи муъзилоти фунуни адабия, муфассири оёти каломи мулки улум, муҳаддиси аҳодиси қудсии самот, ҳазрати хайр-

ул-аном, аълам-ул-уламо, домулло Муҳаммади Хуҷандӣ, ки ба домулло Ҳоҷибой машҳур, сити фазоил ва камолоти он ҷаноб ба қатору амсори олам рафта, ба қасди таҳсили қуббат-ул-исломи Бухоро омада, дар хидмати устоз-ул-уламои ал-изом, мулоз-ул-фузалои-л-киром, ҳуҷҷат-ул-ислом саид Олимхоҷа охунди Кӯкалтош дарсҳоро тамом намуда, ба ақсои ғояти фазлу камол расида. Ба иловаи он тарбият ва тақвияти ҳазрати амири Сайид ва ҳазрати амири марҳум манзум шуда, ба раёсати Бухоро ва мадориси мадрасаҳои бузург сарафрозӣ ва мубоҳӣ ва аз сабо то ишоъ ба тадриси талабаи улум машғул ва дар фунуни ҷузъия низ бисёр моҳиру ҳозир. Дар ҳалқаи дарс аксари ашъори муносиби мақомро мехонданд ва ин ҳақир низ нисбати тилмиз ба он ҷаноб рост карда, чанд гоҳ дар ҳавзаи дарси эшон ҳозир мешуд ва шарафи суҳбатро муғтанам мешумурд. Ва он бузургворро ба машқи шеър низ ҷавз ва шавқи тамом буда, ҳамагӣ матбуъву мавзун ва маснуъву хушмазмун» [3, с. 155].

Чунонки мебинем, маълумоти ҳар ду тазкира комилан мутафовит аз ҳамдигар аст. Гоҳе бо сабаби дигаргуна омадани асомии адибон дар тазкираҳо дарёфти шахсиятҳо душворӣ пеш меорад. Масалан, Фаҳмӣ пас аз зикри исми «Ҳазрати Хоҷа Муҳаммад Исломи Ҷӯборӣ» тамоми аҷдоди ӯро номбар намуда, дар поёни мақола навиштааст: «Вафоти эшон дар нуҳсаду ҳафтоду як, қабри эшон дар Симтани Чорбақар дар ҷавори мазори фоизуланвори худ имом Абубакри Саъд аст» [6, с. 32].

Маълумоти тазкираи Возеҳ дар бораи шайхи Ҷӯйборӣ комилтар аст, аммо дар тазкираи ӯ ин шоир бо исми «Эшон» омада, тахаллуси Муҳаммадаминхоҷа Шайх-ул-исломи Ҷӯйборӣ будани он зикр ёфтааст. Возеҳ интисоби эшонро ҳам аз ҷониби падарӣ ва ҳам аз ҷониби модарӣ батафсил меорад ва дар мавриди шахсияташ низ маълумот медиҳад: «Мушорилайҳ шахсе буд соҳибкарам ва кушодатабъу хандонрӯй, ба

мутолиаи кутуб ва расоил пардохта, аз аҳволоти мозияи анбиёву ҳукамо ва салотину уламо ва фузало бисёр мустаҳзару воқиф. Пайваста машъуфи суҳбати аҳли фазлу камол, ҳар шаб меҳмонхонаҳои эшон аз содир ва вориди азёфи тавоиф мамлу ва аз толибилмону қориён ва аҳли эҳтиёҷ бисёр кас буданд, ки ҳарсола вазифаи ғалла ва сару по доштанд ва он ҷанобро дар беруни шаҳр саҳро ва нишемангоҳҳои хуб буда ва дар айёми баҳорон, ки аз хизорати олам назорат ёфта ва аз таровати абри навбаҳорӣ гулзори худро шустушӯ намуда, ҳаррӯза аз аҳли илм ва дониш савора ба сайри саҳро мебаромаданд» [3, с. 19]. Дар тазкираи Фаҳмӣ намунаи ашъори шоир ҷой надорад, аммо Возеҳ аз ӯ чанд байт нақл кардааст.

Ҷолиб он нукта аст, ки як намунаи байти шӯхиомези Муҳаммадаминхоҷа шайхулисломи Ҷӯйбориро бо байти ҷавобияи писархолааш Султонхон Возеҳ дар тазкирааш нақл мекунад [ниг.3, с. 19]. Ҳамин ду байт дар тазкираи Фаҳмӣ низ ҷой дорад, аммо дар зикри «Ҳазрати шайхулислом Аҳрорӣ», ки асли номаш Султонхоҷаи Орифӣ буда, дар ашъор «Адо» тахаллус дорад, дар ҳоле ки дар тазкираи Возеҳ ҳини зикри Адо абёти дигар нақл шудааст.

Дар тазкираи Фаҳмӣ намунаҳои шеър камтар аз тазкираи Возеҳ аст ва ба ғайр аз мавриди зикршуда, дар ягон ҷойи дигар такрор намешавад.

Нуктаи дигар низ афзуданист, ки дар тазкираи Фаҳмӣ пас аз зикри шуаро на ҳамеша намуна аз ашъори онҳо оварда мешавад. Дар маҷмуъ аз 31 шоире, ки номашон дар тазкира сабт шудааст, намунаи ашъори ҳамагӣ 15 нафар ҷой дорад ва он ҳам ғолибан аз шуарои салаф – Ҳофиз, Ҷомӣ, Навоӣ, Бедил, Хоҷа Исматуллоҳи Бухорӣ, Муҳаммадҳошими Кашмӣ, Муҳаммадшарифи Бухорӣ, Имлои Бухороӣ, Сӯфиоллоҳёри Самарқандӣ, Машраби Намангонӣ ва аз қисмати дувуми тазкира намунаҳое аз ашъори Султонхоҷаи Адо, Порсо, Сират, Маҷнун ва Возеҳ нақл шудааст.

Чунин ба мушоҳида расид, ки мураттиби тазкира пеши худ мақсад гузоштааст, ки соли вафот ва қабри салотин ва суханваронро ҳатман зикр кунад. Ҷолиб он аст, ки соли таваллуди танҳо 3 нафар зикр шудааст, аммо соли вафоти 28 нафар (ба истисонои амир Насруллоҳ ва Возеҳ) ба назар мерасад. Чунончи, дар мавриди аввалин касе, ки бо номи ӯ тазкира оғоз мешавад, яъне Мирзо Абдулқодири Бедил чунин навиштааст:

«Вафоти вай дар таърихи 1146 аст… Қабри вай беруни дарвозаи шаҳри Деҳлӣ дар роҳи мазори файзосори ҳазрати Низомиддин авлиё аст» [6, с. 4].

Тарзи овардани маълумот оид ба вафоти уламову удабо ба ҳам монанд аст. Чунончи, дар мавриди охунд Аълами Бухорӣ низ мебинем: «вафоти эшон ба таърихи 1284 (1867-1868) ва қабрашон дар ҷавори мазори фоизуланвори Охунд Мавлавӣ Қурраи Камол алайҳи раҳма дар қурби дарвозаи мазор аст» [6, с. 84].

Яке аз хусусиятҳои дигари ин тазкира дар он зуҳур меёбад, ки мураттиб баъди зикри соли вафоти мутазаккирин дар аксари мавориди моддаи таърих овардааст. Ба истисонои 4-5 мақола дар тамоми мақолоти дигар дар поёни маълумотномаҳо моддаи таърих ба мушоҳида меояд, ки маъмулан бидуни зикри номи муаллиф буда, мураттиб бо ишораҳои «фозиле гуфтааст», «яке аз фузалои замон ин таърихро гуфта», «ва низ аз ин қитъа зоҳир ва ҳувайдост» онро сабт кардааст. Маъмулан моддаи таърих дар шакли байт, қитъа ё маснавӣ гуфта шуда, аз 2 то 6-8 мисраъро дар бар гирифтааст.

Дар як маврид моддаи таърих фавқулъода аст, зеро Бедил онро дар бораи худ гуфтааст ва мураттиб ин ҳолро чунин шарҳ медиҳад: «Вафоти вай дар таърихи 1146 аст, ки илҳоми ғайбӣ бар дили вай рехта, бо ин ишора таърихи фавти худ карда:

Таърих:

**Бедил, зи дил талаб кард, таърихи фавти худро,**
**Омад нидо, ки бурданд «нур аз чароғи олам». [6, с. 6]**

Таркиби «нур аз чароғи олам» ба ҳисоби абҷад 1146 мешавад, ки воқеан ҳодисаи ҳайратангез аст, зеро муаллиф комилан саҳеҳ соли фавташро пешгӯӣ кардааст.

Ё худ дар таърихи вафоти Аълами Ясорӣ аз забони фозиле оварда:

**Чу шуд он олими илми ладунӣ,**
**Ба сони меҳр аз олам нуҳуфта.**
**Хирад таърихи ӯ аз рӯйи афсус,**
**Бигуфто, «офтоби дин гирифта» [6, с. 54].**

«Офтоби дин гирифта» баробар ба 1225 аст, ки ишора ба соли вафоти ӯст.

Дигар нуктае, ки дар ин тазкира мушоҳида шуд, ҷой доштани баъзе абёти туркӣ аст. Маълум мешавад, ки мураттиби тазкира ба забони туркӣ низ балад будааст, зеро ҳини овардани намунаҳо аз ашъори Султонхоҷаи Адо ду байт ба туркӣ нақл кардааст.

Як нукта низ афзуданист, ки дар аксар мавридҳ мураттиб унвони китобҳои Ҷомӣ, Навоӣ, Бедил ва дигаронро номбар кардааст.

Нуктаи дигар ин аст, ки дар қисмати дувуми тазкира муаллиф ҷо-ҷо аз ошноияш бо он нафароне, ки зикрашон меравад, хабар медиҳад. Масалан, ҷое хабар медиҳад, ки чаҳордаҳ рӯз меҳмони Мирзо Иноятуллоҳхоҷаи Бухорӣ буд ва падари эшон муриди ҷадди Фаҳмӣ будаву аз ӯ «таълиму талқини зикру асрори тариқат» гирифта будааст. Ҷойи дигар дар зикри Эшон Муҳаммад Султонхоҷа охунд Аълами Бухорӣ мефармояд, ки «дар ин рӯзҳо вуҷуди зиҷуди эшон офоби мағриб аст, бағоят муаммару куҳансол...» [6, с. 80]. Ин матолиб баргирифта аз зиндагии мураттиб бори дигар собит менамояд, ки тазкираи Фаҳмӣ рӯйбардори маводи сарчашмаҳои дигар набуда, таълифи худи ӯст.

Забони тазкира хеле фасеҳу фаҳмо ва орӣ аз суханбозиҳои зиёд аст. Мураттиб дар аксари мавриди аз таркибҳои пурпечутоб ва тавсифҳои арабии нодир истиҳола намуда, гоҳе барои рангин шудани баёнаш ҳикоёти ширинеро аз зиндагии адибон ва уламо ҷой додааст.

Хулоса, маълум мешавад, ки маҷмуаи Фаҳмӣ иборат аз тазкира ва матни маҷмуаи ашъори шоирон, рисолаву мутоибаву ҳикояҳо ва таърихҳо буда, дар тазкира маълумоти тоза ҷой дорад, ки дар тазкираҳои дигар ба назар намерасанд ва ин ки устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ду мақолаи онро нақл кардааст, аз арзиши ин тазкира дарак медиҳад.

**Пайнавишт:**


1. *Абдӣ, Абдуллохоҷа*. Тазкират-уш-шуаро. – Душанбе, 1983. – 304 с.
2. *Айнӣ, Садриддин*. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с.
3. *Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ*. Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб. – Душанбе: Дониш, 1977. – 225 с.
4. *Муҳтарам, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ*. Тазкират-уш-шуаро. – Душанбе: Дониш, 1975. – 369 с.
5. *Садри Зиё, Шарифҷон-махдум*. Тазкори ашъор. – Теҳрон, 1380. – 428 с.
6. Тазкираи Фаҳмӣ. – Нусхаи дастнависи № 952 дар захираи дастхатҳои АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон.
7. Тазкираи Фаҳмӣ. – Нусхаи дастнависи № 2331/1 дар Институти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон.
8. *Хадизаде, Р*. Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX века. – Сталинабад, 1956. – 140 с.
9. *Ҳодизода, Р*. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX. – Душанбе, 1968. – 294 с.
10. *Шаръӣ, Ҳоҷӣ Абдулазим*. Тазкират-уш-шуаро. – Хуҷанд, 2015. –228 с.

# «ТАЗКИРАТ-УШ-ШУАРО»-И ШАРЪӢ ВА АРЗИШИ АДАБИИ ОН*

Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ аз зумраи суханварон ва тазкиранигорони маъруфи поёни асри XIX аст, ки, мутаассифона, роҷеъ ба ҳунари шоирӣ, маҳорати сухангустарӣ ва лаҳзаҳои рӯзгораш дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва тадқиқоти илмӣ маълумот мухтасар ва пурихтилоф аст. Расул Ҳодизода бо такя ба маълумоти Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» ҳадс мезанад, ки ӯ зодаи Пешовари Покистон аст [16, с. 49]. Аммо дар худи ҳамин тазкира Абдӣ ӯро «эронӣ» гуфтааст [1, с. 139]. Бино ба иттифоқи сарчашмаҳои ҳамин давра, таърихи валодати Абдулазими Шаръӣ дар ибтидои солҳои 30-юми асри XIX ва Пешовар маҳалли зода шудани ӯст. Ӯ маълумоти муқаддамотиро дар ҳамин шаҳр гирифта, баъдан дар Бухоро ба таҳсил мепардозад. Дар бораи донишҳое, ки ӯ дар ин давра фаро гирифтааст, Садри Зиё дар «Тазкори ашъор» мегӯяд:

**Ба ҳар илм чанде тамассук намуд,**
**Зи чанде агар кам, зи чанде фузуд.**
**Аз он ҷумла дар шеър хавзи тамом**
**Басе карду гардид мақбули ом.**
**Зи илми аҳодису тафсир чанд**
**Ба саъю тараддуд шуда баҳраманд.**
**Зи дигар улуми ғариба, ки буд,**
**Ба кӯшиш аз он низ ҳаззе рабуд [10, с. 122].**

Ба гуфтаи Ҳашмат, «аз оғози ҷавонӣ дар таҳсили улум ҳиммат гумошта, хатми дарсияи расмияро тамом намуда, дар лавозимоти иншо ҷаҳди балеғ ва саъйи вофир намуда, забту ҳифз сохта, ба назди Саъдуддини Моҳир… фароизро тамом кардааст» [13, с. 24].

* Ҳаммуаллифи мақола И. Эшонзода аст.

Мавсуф пас аз хатми мадраса дар солҳои 60-ум ба мударрисии баъзе мадрасаҳои Бухоро таъйин мешавад. Дар солҳои 70-80-ум Шаръӣ азми мусофирати Ҳиндустон намуда, дар муддати чанд соли иқомати худ дар он ҷо ба омӯзиши улуми мухталиф шуғл ихтиёр мекунад:

**Пайи касби таҳсилу фазлу камол**
**Ба Ҳиндустон рафт дар бадви ҳол.**
**Дар он сарзамин чанд гоҳе бимонд,**
**Аҳодису тафсир он ҷо бихонд.**
**Аз он ҷо дигарбора Парвардигор**
**Расонид ӯро ба мулки Бухор [10, с. 122].**

Баъд аз бозгашт ба Бухоро ӯ ба баъзе мансабҳои маъмурӣ сарфароз гардида, ниҳоят раиси Янги Қӯрғон таъйин мешавад ва соли 1307/1889-1890 дар ҳамин ҷо вафот мекунад.

**Пас аз хатми таҳсил чанде давид,**
**Саҳеҳхонии Арк ӯро расид.**
**Пас он гоҳ Музаффар – шаҳи некрой**
**Варо муҳтасиб кард дар чанд ҷой.**
**Дар он дам, ки роқим зи бахти анид**
**Ба қозигии Янгиқурғон расид.**
**Ҳамон дам дар он мулк будӣ раис,**
**Маро буд зебо анису ҷалис.**
**Ба андак замон рахти ҳастӣ кашид,**
**Зи тан мурғи руҳаш дар он ҷо парид.**
**Бинолидам аз фурқаташ чанд рӯз,**
**Намерафт ҳаргиз зи ман дарду сӯз [10, с. 122].**

Садри Зиё на танҳо дар тазкираи манзуми «Тазкори ашъор», балки дар осори дигараш низ аз шиносоӣ бо Ҳоҷӣ Азими Шаръӣ ёд мекунад. Чунончи, дар «Набзе аз гузоришоти аҳвол» зикр мекунад, ки «рабеъ-ус-сонии санаи 1311-уми ҳиҷрӣ ба қазои вилояти Янги Қӯрғон ҳазора лафзан тараққӣ маънан таназзул намудам. Дар ин айём

Ҳоҷӣ Азими Шаръӣ соҳиби «Тазкират-уш-шуаро» ба раёсати он вило маъмур буд. Фақат мояи хурсандиам дар он ҷо дарёфти суҳбати фараҳафзои вай буд. Ба андак фурсат аз дунё гузашт» [9, с. 115].

Садри Зиё дар «Рӯзнома» моддаи таърихе дар шакли рубоӣ гуфта, соли вафоти Шаръиро чунин зикр намудааст: «Дар он айём рубоие ба хотири фотир расида буд, ки бинобар муносибати мақом ва тавзеҳи маром дар ин ҷо қаламӣ намуда омад:

**Чун рахт бибаст з-ин ҷаҳон Ҳоҷӣ Азим,**
**Гуфтам, зи дилам гирифта шуд хори алим,**
**«Омад ба сарам балои Содиқ» гуфтам,**
**Сад раҳмати Ҳақ ба он кафандӯзи қадим. [8, с. 129]**

Дар бораи Шаръӣ дар ҳамаи тазкираҳои он замон, ба ҷуз тазкираи Возеҳ, ки қабл аз асари мавсуф таълиф ёфта буд, метавон маълумот пайдо кард. Аммо чунонки гуфтем, ин маълумот гоҳе аз ҳам фарқ мекунад. Бархе соли вафоти ӯро 1307 ҳ., бархе дигар 1311 ҳ., Аҳмад Гулчини Маонӣ дар «Таърихи тазкираҳои форсӣ» 1313 ҳ. сабт намудаанд. Аз маълумоти тазкираҳо маълум гардид, ки дар овони раисӣ дар Янги Қӯрғон дар аввали солҳои 90-уми асри XIX аз дунё чашм мепӯшад ва дар ин айём пир набудааст. Бинобар ин, соли таваллудашро тақрибан солҳои 30-юми он аср гуфтан дуруст аст.

Шаръӣ бо тахаллусҳои «Сомӣ» ва баъдан «Меҳрӣ» низ ашъор гуфта будааст. Баъди огоҳ шудан аз он ки Мирзо Азими муншӣ низ ҳамин тахаллусро дорад, ӯ тахаллуси худро дигар мекунад. Аммо дар тазкираи Ҳашмат ба ҳамин ном сабт шудааст. Дертар тахаллуси «Меҳрӣ»-ро гирифт, аммо ин тахаллусро Ҳашмат гирифта буд, ба ғайр аз ин бо ин ном яке аз занони суханвар низ маъруф буд. Бинобар ин, дар ниҳоят тахаллуси «Шаръӣ», ки маънияш мансубият ба оину тариқати дини ислом аст, қабул шуд.

Аз Шаръӣ ба ғайр аз баъзе ашъор ва ҷузъҳои як тазкира асари дигаре дар даст нест. Аммо ба қавли ҳамзамонон ӯ осори бештаре доштааст. Муҳтарам дар «Тазкират-уш-шуаро» ба ин маънӣ чунин гуфтааст: «Чунончи ин фақири муаллифро баъзе кутуби мустаъмалаи ӯ ба даст афтода, ки дар боби таҳрир доди такрирро дода, ки аз ҳеч як аз уламои замон ба он миқдор меҳнат дил наниҳода» [5, с. 127].

Дар мавриди сифоти шахсии Шаръӣ тазкиранигорон аксар хислатҳои хубу ҳамидаи ӯро номбар кардаанд, ки ҳалимӣ, таҳаммулгароӣ, донишмандӣ, сухансанҷӣ, хушсуханӣ аз ҷумлаи онҳост. Ба гуфти Ҳашмат, «гӯянд, Сомӣ дар хушнависӣ беназир, таҳрироташ дилпазир. Дар ҳусни сурат ва дар хубии сират ва муҳоварову такаллум дилпазиру беадил» [15, с. 24]. Садри Зиё низ ин нуктаро тасдиқ мекунад:

**Ба ҳар ҳол марди накӯгӯй буд,**
**Вазеъу халиқу накӯхӯй буд [10, с. 122].**

Аммо бо ин ҳама бархе ба ӯ муносибати чандон хуб надоштанд. Ба қавли Афзал-махдуми Пирмастӣ, бархе «забон ба таъни ӯ мекушоданд. Ҳатто ки баъзе атвору авзои мункира ва нолоиқро ба ӯ нисбат медоданд…» [7, с. 66]. Афзал-махдум дар тазкираи худ ин пиндорро хато шумурда, тавзеҳ медиҳад, ки «мушорунилайҳ аз аҳли суннат ва ҷамоат аст» [7, с. 66]. Садри Зиё низ муносибати дугунаи ҷомеаро нисбат ба ӯ зикр мекунад: «ҷамъе мухлиси ӯ буданд, дар камолот месутуданд, фавҷе мункири ӯянд, ба фазоеҳ (расвоӣ, беобрӯӣ, шармандагӣ – М. М. , И. Э.) мансуб медоранд» [9, с. 114].

Ашъори Шаръӣ воқеан хубу дилпазир аст ва чанд байти зерин, ки бар таҷнис бунёд доранд, далели ин матлаб хоҳад буд:

**Эй бурда гарав қоматат аз сарв ба рафтор,**
**Суйи мани афтода қади хеш барафтор.**

**Зинҳор маёзор дили хастаи ушшоқ,**
**Яъне, ки магӯ суйи мани хаста маё зор.**
**Асрори ғами ёр макун фош ба ҳар кас,**
**Пинҳон ғами дил дор чу асрор ба дилдор.**
**Эй зоҳиди худбин макун инкори муҳаббат,**
**Аз аҳли риё ҳаст ниҳон лаззати ин кор! [13, с. 25]**

Исми Ҳоҷӣ Азими Шаръӣ ба шарофати тазкирааш боқӣ мондааст, вале, мутаассифона, аз ин асари арзишманд танҳо чанд бобе то ба мо расидааст. Азбаски тазкира аввалу охир надорад, маълум нест, ки муаллиф ба он чӣ унвоне додааст. Садри Зиё онро «Тазкират-уш-шуаро» гуфтааст, вале Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ва Аҳмад Гулчини Маонӣ дар «Таърихи тазкираҳои форсӣ» бо исми «Тазкират-ул-фузало» ном мебаранд. Зимнан, тазкираи мазкур дар солҳои 80-уми асри XIX таълиф шудааст, вале маълум нест, ки шакли комили он аз чанд боб иборат бошад, зеро танҳо як нусхаи нотамоми он то рӯзгори мо боқӣ монда ва он ҳам дар захираи дастнависҳои шарқии АФ Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ (№3396) нигоҳ дошта мешавад. Маҳз аз рӯйи ҳамин нусха тазкираи Ҳоҷӣ Азими Шаръӣ ба чоп тайёр шуда, соли 2015 дар нашриёти «Ношир»-и шаҳри Хуҷанд ба табъ расид. Дар ин тазкира перомуни 10 шоиру нависандаи қуруни XIX ва XX, ҳавзаи адабии Бухоро маълумот ҷой дорад ва китобати он аз сӯйи шоир Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим сурат гирифтааст. Дар ин бора аз саҳифаи охири тазкира метавон огоҳ шуд: «Қадре, ки тазкираи Ҳоҷӣ Абдулазим таълиф ёфта ин ҷост, ки мактуб ба хати Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим (ваф. 1934) аст» [17, с. 95]. Нусхае, ки сухан дар борааш меравад, китобест иборат аз рисолаи «Таърихи Муллозода» [с. 1-41], «Тазкираи Шаръӣ» [с. 55-94], муросилоти қозӣ Абдулвоҳиди Сарир [с. 94-100] ва ашъори мухталифу латоиф. Нусха дар коғази қадими хӯқандӣ бо хати хонои

настаълиқ навишта шудааст, вале соли китобати асар дар он зикр наёфтааст.

Роҷеъ ба сохтор ва мундариҷаи тазкираи Шаръӣ ҳаминро бояд гуфт, ки он муқаддима ва хотима надошта, дар таснифи бобҳо низ низоми махсус риоя нашудааст. Саҳифаи аввали тазкира бо «Баёни алиф» бо зикри Абулфазл Сирати Балхӣ оғоз ёфта, саҳифаи охирини он бо зикри Шамсиддин Шоҳин хотима меёбад.

Тарҷумаи ҳоли 10 нафар ба тартиби зерин омадааст:

1. Қозӣ Мавлоно Мир Абулфазл-махдум Сирати Балхӣ;
2. Мулло Акмалхоҷаи Тошкандӣ;
3. Шайхи нақшбандӣ Муҷаддидии Пешоварӣ;
4. Эшони Сӯфихоҷаохунди Муфтии Бухороӣ;
5. Мулло Мир Зуҳуриддин-махдуми Бухороӣ;
6. Мулло Абдулқодирҳоҷаи Бухороӣ;
7. Мулло Мир Аҳмад-махдум ӯроқи муҳандиси Дониш, хаттоти Бухороӣ;
8. Мирзо Ҷаҳонгир Маҷнуни Эронӣ;
9. Мулло Раҳматуллоҳ Қорӣ Возеҳ;
10. Мулло Шамсиддин-махдуми Шоҳин.

Аз миёни ин 10 нафар Шаръӣ намунаҳои ашъори 6 танро зикр намуда ва аз 4 нафар (Шайхи нақшбандӣ Муҷаддидии Пешоварӣ, Эшони Сӯфихоҷа Охунди Муфтии Бухороӣ, Мулло Мир Зуҳуриддин-махдуми Бухороӣ ва Шамсиддини Шоҳин) намуна наовардааст. Оид ба Мир Зуҳуриддин-махдуми Бухороӣ навиштааст, ки ашъори форсиву арабӣ дорад, аммо шояд ба сабаби дастрас набудани ин ашъор дар тазкира ҷой надода бошад. Аз Акмалхоҷаи Тошкандӣ танҳо ашъори арабӣ, аз Савдо ва Возеҳ ба ғайр аз намунаҳои шеъри форсӣ як шеъри туркӣ, аз Сират, Аҳмади Дониш ва Маҷнуни Эронӣ танҳо ашъори форсӣ сабт шудааст. Ҳамин тариқ, танҳо ду нафар аз

номбурдагон Муҷаддидии Пешоварӣ ва Эшони Сӯфихоҷа ба унвони фузало ва уламои дин ба китоб ворид шудаанд.

Дар бораи Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ, сабаби таълиф ва иштиҳор наёфтани тазкираи ӯ тазкиранависи дигари ҳамин аҳд – Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ мегӯяд, ки «бисёр суханшинос ва маънирас буд, бинобар ин, даъвои мутасаддии «Тазкират-уш-шуаро» гардида, чанд ҷузъ дар он боб тартиб намуда, аммо шеваи таассуб ва ҳиҷоро пеш (гирифта), аксар аз фозилонро қадҳ намуда, лиҳозо ба ҳукми ман оба уйиба (яъне-ҳар кӣ айбгирӣ намуд, мавриди айбгирӣ қарор хоҳад гирифт – М. М; И. Э.) гардида, тазкираи он аз зикру хотирҳо фаромӯш гардид... Он қадҳ дар вай, ки аз ӯ содир аст, он ҳам аз ҳиддати зеҳн ва имтиёзи ӯст» [1, с. 140].

Садри Зиё тазкираи Шаръиро «пурфоида» меномад, вале мақбул наомадани онро ба Аҳмад-махдум пинҳон намедорад:

**Ба тазкори ҷумҳури ҳар тоифа**
**Китобе намудаст пурфоида,**
**Валекин, ки ӯроқи Донишхитоб**
**Писандаш наёмад магар он китоб,**
**Ки гуфтаст дар қадҳи он тазкира**
**Ду се байти зебову хубу сара [10, с. 121].**

Воқеан ҳам Аҳмад-махдуми Дониш дар ду маврид ин тазкираро мавриди накӯҳиш қарор медиҳад. Нахуст, дар ҳаҷвияи зерин:

**Бо бехирадон нозу наим аст ҷаҳон,**
**Бар доноён нори ҷаҳим аст ҷаҳон.**
**Сар то по як нусхаи бемаънӣ гир**
**Чун тазкираи Ҳоҷӣ Азим аст ҷаҳон.**

Дар ҳаҷвномаи дигар Аҳмади Дониш боз ҳам забон ба таъна боз мекунад:

**Ҳоҷии Шаръӣ намуд тазкирае,**
**То ки ёбад зи чархи давр футуҳ.**

**Нуктаҳо аз салолатӣ мақдуҳ,**
**Қиссаҳо аз саломатӣ маҷруҳ.**
**Андар он зикр карда ҷумла харӣ,**
**Ҳама аз ҷаҳл толиби салтуҳ.**

Сабаби ҳақоратнома навиштани Аҳмади Донишро метавон чунин ҳадс зад, ки замоне миёни ӯ ва муаллифи тазкира нофаҳмие рух додааст. Ҳарчанд ки дар миёни адибоне, ки дар асар зикр шудаанд, номи Аҳмади Дониш ҳам ҳаст ва чандин саҳифаи тазкираи Шаръӣ ба ӯ ихтисос дорад, боз ҳам Дониш бадгӯйӣ кардааст. Мо сабаби ин ҳолро дар матлаби Шаръӣ оид ба Дониш ва муносибати ин ду нафар ҷустем ва дар тазкира нуктаи зеринро пайдо кардем, ки аз сар задани муноқиша ва ба сулҳ анҷом ёфтани он далолат мекунад: «Чунончи ҳам дар он айём яке аз муосирин аз ин мамар (р) бо ӯ ба мушоҷира бархоста ва суханҳои баландеро, ки баъд аз муохиза дар мурсалае нигошта, пайке аз акобири ақрон ирсол дошта буд, дастовез сохта, ба тафҷир ва такфираш бемуҳобо иқдом менамуд. Рӯз ба рӯз ноираи ин шуъла равшантар мешуд ва дам ба дам он чӣ аз ҳар кас дар ин боб мерасид, замми замима мегардид ва шубҳа бар шубҳа меафзуд, то шабе ба ҳузури он бузурги муосир роқим-ул-ҳуруфро бо он рафиқи муориз дар ин боб муколимае рӯй дод. Фақир мутасаддии рафъи шубуҳот ва дафъи эътирозоташ гардидам ва он чи мутобиқи ақоиди аҳли ҳақ буд, мунсифона баён ва ҳамли саҳеҳ-ул-бунён намудам. Он аҷвиба аз он асвила он бузурги ҳозирро писанду матбуъ афтод ва он ёри азиз ба исъои калимаи ҳақ аз сари он моҷаро даргузашт ва ҳақирро, ки истиноде ба он муаллифи рисола доштам, мамнуни эҳсон гардонид» [17, с. 72-73]. Чунин ҳикоёт ба андешае водор мекунанд, ки шояд ягон танзи ноҷое сабаби маломати Аҳмади Дониш шуда бошад. Ҳароина маълум мешавад, ки Аҳмад-махдум

аз Шаръӣ бо сабабе ранҷида, эҳсоси худро бо теззабонии хос дар чанд байти ҳиҷо ифода карда будааст.

Услуби баёни тазкираи Шаръӣ содаву равон ва илмӣ буда, шарҳу тавзеҳи масъалаҳои адабӣ ва зикри тароҷими аҳволи шуаро бо як тарзи ҷолиб баррасӣ шудаанд. Агарчи дар тазкираи мавсуф теъдоди луғот ва таркибу истилоҳоти арабӣ ба касрат дучор мешаванд, забони насри ӯ назар ба дигар тазкираҳои мавҷудаи замони ӯ содаву равон ба назар мерасад. Сабки нигориши асар низ ба равиши тозаву хос ҷараён гирифтааст. Шаръӣ ҳини ковишу бозҷусти шеваҳои тозаи баёни матолиб кӯшидааст, ки услуби таълифи тазкираҳои мутақаддиму мутааххирро низ ба кор гирад. Бино бар таъкиди Расул Ҳодизода, «забон ва тақрири Шаръӣ низ хеле матин аст ва аз намунаи беҳтарини насри бадеии нимаи дувуми асри XIX ба шумор меравад. Афсус, ки чунин як тазкираи пурқимат нотамом мондааст ва тамом шуда бошад ҳам, фақат чанд порчаи он то замони мо маҳфуз мондааст» [16, с. 50].

Тазкира манбаи боэътимод дар омӯзиши адабиёт буда, фарогири маводи ғанӣ дар бораи рӯзгору осори адибон, авзои доираҳои адабӣ, равобити адабӣ, шинохти сабку услуби суханварӣ, таҳқиқи масъалаҳои таърихӣ, фарҳангӣ, маданӣ ва иҷтимоиву ахлоқӣ мебошад. Ин навъи сарчашмаҳо дар шинохти табъи сухансанҷии адибони гузашта низ нақши муассир доранд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши вежагиҳои адабӣ ва сарчашмавии тазкираҳо яке аз масъалаҳои хеле муҳим ва арзишманди адабиётшиносии муосир маҳсуб меёбад.

Шинохти хусусиятҳои сабкӣ, мухтассоти ашъор, шева ва усулҳои тасниф ва қиёсу муқобалаи тазкираи Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ метавонад барои дарки чандин матолиби муҳимми илмӣ мусоидат намояд. Яке аз фазилатҳои муҳимми тазкираи Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ дар муқои-

са бо тазкиранависони дигари қарни мозӣ дар он аст, ки мавсуф перомуни рӯзгор ва аҳволи фозилони замонаш (аз ҷумла Аҳмади Дониш, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва ғ.) бо ҳавсалаи зиёд сухан ронда, аз эҷодиёти онҳо ҳар чӣ бештар ашъори баргузидаро дар тазкирааш сабту забт намудааст. Дар бораи нотамом будани ин нусха Расул Ҳодизода бо таассуф сухан ронда мегӯяд, ки «ҳамон порчаи боқимондаи тазкираи Шаръӣ низ барои омӯхтани адабиёти ин давр аҳаммияти ниҳоят калон дорад. Чунки муаллиф дар бораи шоирони намоёнтарини ин аср (Аҳмади Дониш, Савдо, Возеҳ, Шоҳин ва ғайра) маълумоти басе муфассал меорад ва дар хусуси ҳар шоир мулоҳиза ва муҳокимаҳои интиқодии худро низ ба тафсил зикр мекунад. Дар қисми намунаи ашъор низ Шаръӣ назар ба тазкиранависони дигар бештар ғазалиёт ва намудҳои дигари назми шоиронро дарҷ намудааст» [16, с. 49].

Ба қавли ӯ, «Шаръӣ махсусан шоирони пешқадами замонашро ба далелу бурҳонҳои қатъӣ аз туҳматҳои ноҳақ ва ҳамлаҳои беҷойи муртаҷеъ ҳимоя намудааст» [16, с. 49]. Аз ҷумла, Шаръӣ дар бораи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ чунин ҳарфҳоро баён доштааст, ки қобили таваҷҷуҳ аст: «Аз камоли ҳилму сабр ва тамкину виқор ва андеша аз ҳарзадароёни абнои рӯзгор дар ин боб чандон мубодарат намеънамояд ва он чӣ маълумаш гардад, ба рӯйи кор бепарда намеорад, балки ба назари муддаиён ва забондарозон амрро муштабаҳ мегузорад ва бад-ин васила худро аз забони бехирадону бехаборон махлас медиҳад. Агар аз ин ҳайсият аз шарри нос халосу наҷот меёбад, лекин аз ҷиҳати дигар мавриди таъни суфаҳо мегардад, ки мегӯянд: «миёни саҳеҳу сақим ва рақиқу матин қувваи тафриқаю тамйиз надорад. Истеъдоди маърифати калом, ки балоғат аст, дар фитраташ нест, вагарна имтиёз дода исбот мекард» [17, с. 80].

Чунонки мушоҳида мекунем, муаллиф на танҳо фазилатҳо, балки заъфу камбудиҳои суханваронро низ зикр мекунад, ки онро метавон аз имтиёзоти тазкира қабул кард. Ба рағми бархе аз тазкиранависони ин давра аз қабили Афзал-махдуми Пирмастӣ, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам ва Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ (бар истисноӣ Мирсиддиқхони Ҳашмат ва Шарифҷон-махдуми Садри Зиё), ки зимни нигориши аҳвол ва осори суханварон дар аксари маврид бо суханпардозиву умумигӯйӣ иктифо намуда, аз зикри мақом, манзалат ва ҳунари шоирии онҳо лаб фурӯ бастаанд, Шаръӣ қариб дар ҳама маврид назари шахсии худро, ки баъзан интиқодист, пинҳон намедорад. Чунончи, дар мавриди шоире бо номи Маҷнуни Эронӣ интиқоди шадиди муаллиф ба мушоҳида мерасад: «Баъзе содадилон, ки тамйизи ошноии ҳусну қубҳи шеъру сухан нестанд, ӯро шоири моҳир тасаввур карда, ашъори ӯро мутлақан носанҷида, бад-он замзама месозанд. Ашъораш бисёр ва татаббуаш бешумор, аммо аз нақду тасҳеҳ холис кам мебарояд. Баъзе ислоҳпазир ҳам нест, магар он, ки маънӣ аз хориҷ барои вай тарошида часпонанд» [17, с. 78].

Ҳақ ба ҷониби Т. Неъматзода аст, ки бар асоси мушоҳидааш аз байни тазкиранигорон танҳо Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ ягона нафарест, ки дар бораи рӯзгор ва аҳволи Раҳматуллоҳи Возеҳ хеле муфассал иттилоъ додааст.

Дар тазкираи Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ якчанд ғазалиёти Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ сабт ёфтааст, ки дар татаббуъ ва ҷавобияи ғазалиёти худи Шаръӣ гуфта шудааст. Дар ин бора соҳиби тазкира низ бо ибороти «ин ғазалро дар татаббуи роқими ҳуруф… барҷаста ва матбуъ гуфта» ишораи сареҳ кардааст [17, с. 90-91]. Ин ҷо ба тариқи ихтисор аз ғазалҳои ҷавобияи Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ байтеро меорем, ки ба ваҷҳи аҳсан гуфта шудааст:

Татаббуъ бар ғазали Шаръӣ:

**Аз даҳр кас надид, бад-ин сон ҷафо, ки ман,**
**Ҳар дам ба доми ранҷу бало мубтало, ки ман.**
**[17, с. 91]**

Мавриди зикр аст, ки Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ зимни овардани намуна аз эҷодиёти шоиру нависандагон ҳар як порчаи шеъриро аз лиҳози мансубият ба анвои жанри адабӣ ба тариқи «ва лаҳу айзан фил қасида», «ва лаҳу айзан фӣ ғазал», «ва лаҳу айзан фил қитъа», «айзан ва лаҳу тавашшуҳ», «ва лаҳу айзан фӣ тазмин», «валаҳу айзан фӣ латифа» ва ғайра муайян намудааст, ки ин нукта огоҳии ӯро аз адабиётшиносӣ ва сухансанҷӣ собит менамояд.

Ҳамчунин дар тазкираи Шаръӣ интихоби ашъори суханварон назар ба тазкираҳои дигари ҳамаҳд имтиёз дорад. Мавсуф ашъори аз лиҳози мазмуну муҳтаво баланду арзишмандро дар тазкира овардааст, ки ин тарзи нигориш қимати асари ӯро ҳамчун сарчашмаи муҳимми адабӣ меафзояд.

Ҳамин тавр, «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдулазими Шаръӣ аз тазкираҳои арзишманди охири асри XIX ба ҳисоб рафта, дар равшан сохтани баъзе ҷузъиёти зиндагӣ, шахсият, сабки нигориш ва ҳунари шоирии 10 тан аз суханварони маъруфи Фарорӯд нақши муассир дорад. Ба василаи омӯзиши тазкираи мазкур имкон дорад, ки баъзе лаҳазоти мубҳам ва номакшуфи рӯзгор ва осори шуарои мазкурро дарёбем. Маълумоти Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ дорои аҳаммияти адабиву таърихӣ буда, аз нуфуз ва ҳунари тазкиранигории адиб шаҳодат медиҳанд.

**Пайнавишт:**

1. *Абдӣ, Абдуллоҳхоҷа*. Тазкират-уш-шуаро / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо; зери назари Саҳобиддин Сиддиқов. – Душанбе: Дониш, 1983.

2. *Айнӣ, Садриддин*. Намунаи адабиёти тоҷик / Аз хати форсӣ таҳия ва тасҳеҳи Мубашшири Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2010. – 438 с.

3. *Аҳмад Гулчини Маонӣ*. Таърихи тазкираҳои форсӣ. Дар 2 ҷилд, ҷ. 1. – Теҳрон, 1363. – 316 с.

4. *Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ*. Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб : Матни интиқодӣ бо муқаддима ва тасҳеҳи Асғари Ҷонфидо; зери назари Абдулғанӣ Мирзоев. – Душанбе: Дониш, 1977. – 227с.

5. *Муҳтарам, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ*. Тазкират-уш-шуаро / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо; зери назари Камол Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 1975. – 399 с.

6. *Неъматзода, Турсунбой*. Возеҳ. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 228 с.

7. *Пирмастӣ, Афзал-махдум*. Афзал-ут-тазкор. – Захираи дастхатҳои шарқии АФ Тоҷикистон, №5027.

8. *Садри Зиё, Шарифҷон-махдум*. Рӯзнома. Вақоеънигории таҳаввулоти сиёсӣ-иҷтимоии Бухорои шариф тайи нимаи поёнии амороти хоноти манғит бар асоси ёддоштҳои рӯзонаи Шарифҷон-махдуми Садри Зиё – охирин қозикалони Бухоро / Таҳқиқ ва пажуҳиши Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. – Теҳрон: Маркази аснод ва хадамоти пажуҳишӣ, 1382. – 500 с.

9. *Садри Зиё*, *Шарифҷон-махдум*. Набзе аз гузоришоти аҳвол, нш, варақи 3; Мусаввадаи 1, шумораи 2347, варақи 115.

10. *Садри Зиё, Шарифҷон-махдум*. Тазкори ашъор. Шарҳи ҳоли бархе аз шоирони муосири Тоҷикистон ва намунаҳое аз ашъори онон / Бо тасҳеҳи Саҳобиддини Сиддиқ; бо кӯшиши Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Чопи аввал. – Теҳрон: Суруш, 1380=2001. – 428 с.

11. *Сомӣ, Мирзо Абдулазим*. Миръот-ул-хаёл. – Дастхати №2188-уми Ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ.

12. *Хадизаде, Расул*. Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX века. – Сталинабад, 1956. – 140 с.

13. *Ҳашмат, Мирсиддиқхон*. Тазкират-уш-шуаро. – Дастхати №2728-уми Ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ (Тошканд). – 104 с.

14. *Ҳашмат, Мирсиддиқхон*. Тазкират-уш-шуаро. – Дастхати №61-уми Ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ (Тошканд). – 138 с.

15. *Ҳашмат, Мирсиддиқхон*. Тазкират-уш-шуаро. – Дастхати №2729-уми Ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ (Тошканд). – 223 с.

16. *Ҳодизода, Расул*. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX. – Душанбе: Дониш, 1968. – 291 с.

17. *Шаръӣ, Ҳоҷӣ Абдулазим*. Тазкират-уш-шуаро. – Дастхати №3396-уми Ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ (Тошканд). – 95 с.

# «ТАЪРИХИ МУҲОҶИРОН»-И ДИЛШОДИ БАРНО ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР МИЁНИ ТАЪРИХНОМАҲОИ БОНУВОН

Ағлаб иштибоҳан бар он назар ҳастанд, ки аз миёни занони форсизабон таърихнигоре барнахостааст. Ҳам дар назму наср ва ҳам дар таърихнигорӣ ҳарчанд дар садаҳои мозӣ дар кишварҳои форсизабон бонувон зиёд нестанд, аммо ҷойи онҳо батамом холӣ нест. Ҷолиб он аст, ки аз се нафар бонуи таърихнигор, ки исму осорашон то рӯзгори мо расидааст, ҳар се ҳам шеър мегуфтаанд. Ин се нафар аввалӣ Гулбаданбегим (асри XVI) – муаллифи «Ҳумоюннома», дувум, Мастураи Курдистонӣ (асри XIX) – муаллифи «Таърихи Ардалон», севум, Дилшоди Барно (асри XIX) – муаллифи «Таърихи муҳоҷирон» ҳастанд.

Дар бораи шоир ва муаррихи форсизабони Ҳинд Гулбаданбегим (1522, Кобул-1603, Деҳлӣ) тазкираҳои зиёде, аз ҷумла «Арафот-ул-ошиқин», «Машоҳири занон», «Парданишинони сухангӯй», «Аз Робиа то Парвин», «Тазкират-ул-хавотин», «Риёз-ул-орифин», «Махзан-ул-ғароиб» ва ғайра иттилои мухтасаре додаанд. Абулқосим Муҳташами Бҳуполӣ дар «Ахтари тобон» менависад, ки ӯ «Духтари Бобур-подшоҳ» буда, «гоҳ-гоҳ шеър ҳам мегуфт» ва ба сифати шоҳид байти зерини ӯро меорад:

**Ҳар парирӯйе, ки ӯ бо ошиқи худ ёр нест,**
**Ту яқин медон, ки ҳеҷ аз умр бархурдор нест [1].**

Ахборе, ки дар «Машоҳири занони порсигӯй» зикр шудааст, тарҷумаи ҳоли ӯро равшантар мекунад: «Вай... хоҳари Ҳумоюншоҳ (937қ. -962-963қ. ) ва Гулрухбегим буд ва дар Хуросон ба дунё омад. Дар 6-солагӣ ҳамроҳи модараш ба Ҳинд рафт ва дар сояи таваҷҷуҳоти падар ва бародараш бузург шуд ва хат, иншо, адабиёти туркӣ ва форсӣ ва баъзе фунуни дигарро фаро гирифт... Дар замони

султон Акбаршоҳ (962-1014 қ. ) ба зиёрати ҳаҷ рафт (982 қ. ) ва дар ин сафар хоҳарзодааш Салимабегим ҳамроҳи ӯ буд. Ҷамъан чаҳор бор ба ҳаҷ рафт ва дар сафари чаҳорум киштии ҳомили ӯ дар соҳили дарё ғарқ шуд, вале вай ва Салимабегим наҷот ёфтанд ва як соли тамом дар Адан иқомат карданд ва дар соли 990 қ. ба Ҳинд ворид шуданд» [9, с. 197].

Аз Гулбаданбегим асари таърихие ба ёдгор мондааст, ки «Аҳволи «Ҳумоюнподшоҳ, ҷамъкардаи Гулбаданбегим, бинти Бобур-подшоҳ, аммаи Акбар-подшоҳ» унвон дошта, ба забони форсии тоҷикӣ иншо шудааст ва нусхаи ягона ва нотамоми он дар Осорхонаи Британия маҳфуз буда, соли 1902 тарҷумаи англисии онро шарқшиноси маъруф Аннет Сюзанна Беверич (1837-1929) ҳамроҳ бо матни форсӣ ва тавзеҳоту таъликот, инчунин тарҷумаи ҳоли муаллифи асар дар интишороти Муассисаи салтанатии Осиёии Лондон мунташир намуд. Асари мазкур ба забонҳои олмонӣ, ҳиндӣ ва ӯзбекӣ низ тарҷума шудааст. Тарҷумаи ӯзбекии он якҷоя бо матни тоҷикӣ соли 1959 ба эҳтимоми С. А. Азимҷонова дар шаҳри Тошканд ба табъ расидааст.

«Ҳумоюннома» асари муҳимми бадеиву таърихӣ аст, ки таърихи хонаводаи Темуриёни Ҳиндро аз замони поёни зиндагии Бобур-подшоҳ ва салтанати писари ӯ Ҳумоюн сар карда то ба дунё омадани писари ӯ Ҷалолиддин Муҳаммад Акбар подшоҳ фаро гирифтааст. Маълум мешавад, ки Бобур то замони ҳаштсолагии духтараш Гулбаданбегим зинда буда, пеш аз марг ҳокимиятро ба писараш Ҳумоюн додааст. Аммо чун Гулбаданбегим дар дарбори Акбар (замони ҳукмрониаш 1556-1603м. ) зиндагӣ ва фаъолият дошт, тахмин кардан мумкин аст, ки таърихномаи ӯ на танҳо замони ҳукмронии Бобур ва Ҳумоюн, балки Акбарро, ки дар «Акбарнома»ва «Оини Акбарӣ»-и Абулфазли Алломӣ ибни Муборак низ муфассал омадааст, дар

бар мегирад. Азбаски як қисми ин асар то ба мо нарасидааст ва матни маҳфуз дар Осорхонаи Британия ҳамагӣ 96 сафҳаро фаро мегирад ва мазмуни саҳифаи охирин аз бурида шудани матн шаҳодат медиҳад, муҳаққиқон бар он назаранд, ки қисмати боқимонда гум шудааст. Бо ин ҳама он бахши китоб, ки дар дасти мост, хеле нуктаҳои ҷолибро перомуни ин хонавода, усули корбарӣ дар ин салтанат, муносибатҳои дохилӣ ва байналмилалӣ, масоили иҷтимоиву иқтисодӣ, фарҳанги мардумӣ, ҳаёти занони дарбор ва ғайра равшан мекунад. Таърихи Афғонистон, Ҳиндустон ва Покистон дар садаи XVI бидуни ошноӣ бо ин китоби арзишманд нотамом хоҳад буд. Кобулу Лоҳур, Деҳливу Агра ва шаҳрҳои зиёди дигар, ҳатто Кӯлоб низ, ки ҳукумати онро Ҳумоюнподшоҳ ба дасти Мирзо Комрон супорида буд, дар ин асар макони зист ва баргузории ҳодисаву воқеоти асосӣ қарор гирифтаанд.

Дар бораи хонаводаи Темуриёни Ҳинд осори зиёде рӯйи кор омада ва «Бобурнома»-и Заҳиридини Бобур, «Акбарнома»-ву «Оини Акбарӣ»-и Абулфазли Алломӣ аз намунаҳои ин осоранд, ки аҳаммияти бузурги адабиву таърихӣ доранд. Аммо таърихномаи Гулбаданбегим, аз назари мавзуъву шакл ва забону сабк ҷойгоҳи хос дорад, бахусус ки муаллифи он шахсияти истисноӣ – зани фозилаест аз дарбори Темуриёни Ҳинд бо салиқа ва қариҳаи беназир.

«Ҳумоюннома» асари ёддоштӣ буда, дар он хотираҳои муаллифи асар ва ҳикоёти мухталифе, ки ӯ дар бораи муҳорибаҳо, пирӯзиву шикастҳо, ҷашну сурҳо, сайру шикорҳо ва ҳаёти хонаводагии аҳли дарбор ҷамъ кардааст, бидуни риояи низоми солшуморӣ ҷой дода шудааст. Дар он симои Бобур, ҳуҷумҳои ӯ ба Самарқанд ва шаҳрҳои дигар, аҳволи аҳли хонаводаи ӯ, модару хоҳараш, хешовандон Бойсанғур-мирзо ва Масъуд-мирзо, Султон Ҳусайн Бой-

қаро ва Султон Маҳмудхон, ҳамсаронаш Ойиша-бегим, Моҳим-бегим, Дилдор-бегим, фарзандони онҳо инъикос ёфта, дар ҷараёни асар сифоту сарнавишти онҳо ба қалам дода мешаванд.

Асари дувум «Таърихномаи Ардалон»-и шоир ва фозили замон Мастураи Курдистонӣ (1805-1852) тақрибан дар бист соли охири умри муаллиф иншо шудааст. Ӯ онро ҳанӯз дар замони зиндагии шавҳараш Хусравхони Ноком (1804-1834) сар карда, дар авохири умри худ солҳои 1847-52 то замони вафот идома медиҳад. Мастураи Курдистонӣ бо вуҷуди зиндагии кӯтоҳ шахсияти хеле равшани фарҳангии замони худ буд, ки ин матлабро тамоми сарчашмаҳои марбут ба замони ӯ тасдиқ мекунанд. Аз ҷумла муаллифи ҷомеътарин тазкираи форсӣ «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» Ризоқулихони Ҳидоят таъкид мекунад, ки ин шоира «аз нисвони наҷибаи машҳура, сабияи Абулҳасанбек ва манкуҳаи Хусравхон – волии Санандиҷ буда, ағлаби хututро хуш менигошта, зане афифаи ҷамилаи мардона буда ва Моҳшараф ном дошта, дар санаи 1267 реҳлат ёфта» [10].

Дар «Ҳадиқаи Носирия» – таърихномаи Курдистон муаллифи он Мирзо Алиакбари Содиқулмалик чунин менависад: «Яке аз ин хонавода зане аст, амузодаи ҳақир, ки исми ӯ Моҳшарафхонум ва мутахаллис ба Мастура филвоқеъ сазовор аст назар ба фазлу камол ва ва хату рабт ва шеъру иншое, ки ин афифа доро буда, исми ӯро муаррихини олам дар сафаҳоти таърихи худ ба ёдгор сабт ва забт намоянд. Қариб бист ҳазор байт шеър, девони ғазалиёт ва қасоиду ғайра дорад» [5].

Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо Моҳшарафхонум бо тахаллуси Мастураи Курдистонӣ (Мастура – аз решаи «мастур»-и арабӣ, яъне пинҳон будан, нуҳуфта будан, ки барои занони мусалмон хос буд) асарҳои худро таълиф намудааст. Мероси адабии ӯ иборат аз «Таърихномаи Арда-

лон», девони ашъор ва як асари ҳанӯз нопайдои динӣ будааст.

Дар «Девон» дар абёти ифтихории худ Мастура борҳо ба ҳунари шоирии волояш ишорат мекунад:

**Суханҳои ту, Мастура, ҳаловатбахши ҷонҳо шуд,**
**Ҷаҳонро пуршакар кардӣ, макун дигар шакархоӣ.**
**[3, с. 180]**

**Хомаи Мастураи ширинзабон**
**Доди сухан дод дар ин достон [3, с. 227].**

Таълифи «Таърихномаи Ардалон» ҳанӯз аз замони зинда будани Хусравхони Ноком шуруъ шуда, то рӯзҳои вопасини умри муаллиф идома меёбад ва охирин навиштаҷоти Мастура аз вазнин будани аҳволи саломатиаш хабар медиҳад. Дувоздаҳ саҳифаи охирини китобро амаки Мастура Мирзо Абдуллоҳи Муншӣ, ки ҳамроҳи Мастура дар қатори гурезагон буд, навишта, таърихномаи хонаводаи Бани Ардалонро ба поён расонидааст. Ин асар соли 1946 баъди таъсис ёфтани Курдистони Шимолӣ аз ҷониби донишманди курд Носири Озодпур таҳия ва интишор меёбад ва ин олим дар бораи мавҷудияти китоби динии ҳанӯз нопайдои Мастура низ хабар медиҳад. Соли 1990 ин асарро курдшиноси рус Е. Васильева ба забони русӣ тарҷума карда, дар Маскав ба табъ расонид, ки муқаддима ва тавзеҳоти хеле пурбор дорад [6].

Асари севум «Таърихи муҳоҷирон» асари мансур ва ёддоштии бонуи суханвари истаравшанӣ Дилшоди Барно (1800-1907) мебошад. Дар бораи ӯ ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар Ӯзбекистон як силсила тадқиқот анҷом пазируфтааст. Мероси адабии ӯ ба ду забон нигошта шудааст ва дар бораи он дар мақолаву монографияҳои А. Мухторов, М. Қодирова, С. Султон ва дигарон нуктаҳои муҳим арз шудааст.

Маълум аст, ки Дилшоди Барно то синни ҳабдаҳсолагӣ дар зодгоҳаш Истаравшан ва баъдан, пас аз забт шуда-

ни ин шаҳр аз ҷониби амир Умархон дар Хӯқанд зиндагӣ кардааст. Дар Хӯқанд Дилшод забони ӯзбекиро омӯхта, дар мактаби духтаронаи ӯзбекӣ дарс медиҳад ва асарҳои худро ба ду забон менависад. Матни ашъори тоҷикии ӯ аз ҷониби академик А. Мухторов ва матни ашъори ӯзбекиаш аз тарафи доктори илмҳои филологӣ М. Қодирова ба чоп расонида шудааст. Дар бораи ҳунари шоирии Дилшоди Барно ҳарф задан мушкил аст, зеро Дилшод, мутаассифона, имкон надошт, ки аз қавоиди арӯз, назарияи бадеъ ва маонӣ ба хубӣ баҳравар шавад. Мероси адабии Дилшод иборат аз ҳудуди 100 ғазал, асари таърихиву ёддоштии «Таърихи муҳоҷирон», маснавии тарҷумаиҳолӣ ва якчанд мухаммас аст, ки ба ду забон таълиф шудаанд. Дар ашъори Дилшод оҳангҳои иҷтимоӣ хеле нерӯманд мебошанд, муаллиф дар бораи вазъи ноҷӯри заҳматкашон зиёд андеша мекунад:

**Чаро халқи Ватан инхела муҳтоҷ,**
**Чаро пиру ҷавону бева мухтоҷ? [4, с. 58]**

Шоир дар чунин аҳволи бади халқ шоҳи замонро гунаҳкор меҳисобад. Ба пиндори ӯ тазъиқу ҷаҳолат, азияту ранҷҳои меҳнаткашон ҳама аз дасти подшоҳи золим аст. Радифи «эй воҳ» барои бозтоби ҳолати мардум ва муносибати қаҳрамони ғиноӣ ба ин ҳол хеле созгор омадааст:

**Замона каҷраву золим бувад шоҳи замон, эй воҳ!**
**Халоиқ аз уқубат ҳеч намеёбад амон, эй воҳ!**
**[4, с. 84]**

Дар ашъори Дилшод ҳамчунин сухан аз сарнавишти талхи занон, вазъи маориф, зарурати таҳсил ва набудани мактабҳо меравад:

**Диёр асту дабистон нест, афсус,**
**Дабистони фанистон нест, афсус [4, с. 69].**

Ӯ дар ашъори тоҷикиву ӯзбекии худ муҳаббат ба илму фан ва китобро ҳамеша бо лаҳни содаву беороя талқин мекунад. Чунончи, дар мухаммаси ӯзбекии худ гуфтааст:

**Энг яқин, дӯсти азиз, ҳамдарду дармондур китоб,**
**Ҳамдамим ҳамсуҳбатиму ҳамқадирдондур китоб.**
**[4, с. 59]**

Дар маснавии тарҷумаиҳолии худ Дилшод оид ба зодгоҳ (Истаравшан), воқеаҳои хунини ҷанг, асорат, мулоқот бо амир, дар бораи шавқи илмомӯзӣ ва завқи шоириаш маълумот медиҳад.

Дилшоди Барно на танҳо дар шеър, балки дар наср низ ҳунари худро санҷидааст. Дар таърихнигорӣ аз миёни занони Осиёи Марказӣ ӯ аввалин нафарест, ки ёддошти таърихӣ навиштааст. Исми муаллифро академик Аҳрор Мухторов «Дилшоди Барно» гуфтааст. Ҳам дар китоби «Дилшод ва мақоми ӯ дар таърихи афкори ҷамъиятии халқи тоҷик дар асри XIX-ибтидои асри XX» (1969) ва ҳам «Дилшоди Барно ва мероси адабии ӯ» (1970) номаш Дилшод ва тахаллусаш Барно рафтааст. Худи шоира ҳам дар «Таърихи муҳоҷирон» «Номи ман Дилшод» навишта ва муаллифи «Таърихи доираи адабии Истаравшан» Саидумари Султон исми ӯро Барнои Дилшод зикр кардааст [11, с. 77]. Аммо бо такя ба чанд шеъри шоира, ки дар бархе «Барно», дар бархи дигар «Дилшод» ва дар баъзе «Дилшоди Барно» дар байти мақтаъ омадааст, дуруст будани «Дилшоди Барно»-ро метавон тасдиқ кард. Чунонки мисраи аввали яке аз байтҳои мақтаъ «Бубин, Дилшоди Барно, гар насиби худ гирифт аз он...» далели ин гуфта аст.

«Таърихи муҳоҷирон» дар охири солҳои 80-уми асри XIX навишта шудааст, зеро муаллиф дар ҷое аз ин асар қайд мекунад, ки «то синни ҳаштоду ҳашт бе айнак хат дидаву чоки хаёл дӯхтам». Аз ашъори ӯ маълум мешавад, ки дар садсолагӣ ҳам зинда будааст, чунонки дар як шеъраш мегӯяд: «Синнам расида ба як аср қариб... ».

Матни «Таърихи муҳоҷирон» аз 68 саҳифа иборат аст, вале 38 саҳифаи он нобуд шудаву аз байн рафтааст, бино-

бар афтодагии аввали асар матн аз саҳифаи шаш шуруъ мешавад ва чунонки А. Мухторов хабар медиҳад, «саҳифаҳои 8-11, 14-15, 18-22, 25-26, 29-32, 35-36, 39-40, 45-48, 53-54,, 57-58, 61-62» гум шудаанд, бинобар ин аз 68 саҳифа сӣ саҳифа боқӣ мондааст.

Дар оғози асар сухан аз таърихи ҳамлаи хони Хӯқанд ба Истаравшан, ба дор кашидани садҳо нафар, ба асорат гирифта шудани сездаҳ ҳазор зану мард ва ба Хӯқанд бурдани онҳо меравад. Дилшод аҳволи вазнини асирон, роҳҳои пур аз хору санг, пойҳои пуробилаи асиронро басо муассир нақл мекунад. Манзараи пурдаҳшати қатлу ба дор кашидани ҳамшаҳриёнро Дилшод чунин ба қалам медиҳад: «... бо ишораи амир ҳамаи гунаҳкоронро ба тарафи сои паҳновари самти шарқии Чаҳорсу, баъд ба он ҷой пешандозкунон бурданд. Ва дар он сой дорҳои одамовезӣ меистоданд . Аз чоштгоҳ то вақти намози аср пайи ҳамдигар одамонро ба дор овехта, кушта, мурдаҳоро мурдабардорони тайёр бо занбел ва ароба кашонда, дур мекарданд» [8, с. 38]. Боқии асиронро пои пиёда аз дашту саҳроҳо ба тарафи Хӯқанд пешандоз карданд: «Гирён, нолон ва афтону хезон бо дашти Навганда ва Бекат ва Куркату Маҳрам, ки номи он дашти бедунро асирон номбар менамуданд, аз он ба хотирам боқӣ мондааст, тайи манозил сохта мерафтем. Дар саҳро ба сангҳо ва хорҳо пешпо хӯрда, пойҳои худам ҳамчун дигарон таҳаш обғӯла ва леликҳо хунравон ва нохункӯчак шуда буд. Маҷол ва мадор намонда буд, ки як қадам монда роҳ равем» [8, с. 38]. Дилшод ба сарнавишти минбаъдаи асирон бепарво нест, ӯ бохабар мешавад, ки онҳо ҳафт сол иҷозати хонасозӣ надоштанд ва танҳо баъди даргузашти ин муддат ҳар кадом барои худ манзиле сохта, шаҳр бино кард, ки номи онро Шаҳрихон гузоштанд. Шаҳрихон, яъне шаҳре, ки ба номи Умархон бунёд ёфтааст.

Назари шахсии Дилшод ба хон ва муқаррабони ӯ комилан манфист. Ӯ хонро сабабгори ҳамаи ҷабру ситами мардум медонад. Дар бораи ин хони бераҳму золим менависад: «Худи амири Фарғона, яъне амир Умархон бо вуҷуди олим ва шоири бузург будан ба ягон олим ва шоири ин балдаи мазлум тараҳҳум надошт» [8, с. 37]. Ин аст, ки сурати хон бо вуҷуди ҷавониву зебоӣ дар назари ӯ манфур метобад: «Хони баландқомат, абрӯдор, чашмсиёҳ, ришсиёҳ, кушодрӯ бо ман бо хушмуомилагӣ сухангудозӣ мекард. Бо вуҷуди хушмуомилагӣ амир дар назари ман як шоҳи ҷобир ва хунрез дар майдони қатл намоён буд» [8, с. 40].

Хамин нафрати бузург боис мешавад, ки Дилшод ба хон дурруштӣ кунад ва дар шеъре, ки дар васфи анор мегӯяд, ӯро золиму хунхор номад. Ҳамин мулоқот ва ҳамин шеър сабаб мешавад, ки Дилшод ҳамешагӣ аз дарбор ва инояту лутфи хон дур гардад.

Яке аз хусусиятҳои ин асар тарҷумаиҳолӣ будани он аст. Аз оғози асар маълум мешавад, ки модари шоира тақрибан дар чордаҳсолагии ӯ аз вабо мемирад ва падараш ҳам ба ҳалокат расонида шуда, сараш дар Калла Манора мисли кулӯх гузошта мешавад. Дилшод ҳамроҳи модаркалони навадсола то замони ба асорат афтодан калоба ресида зиндагӣ ба сар мебурд. Баъди муҳоҷират ба Хӯқанд ва ронда шудан аз дарбори хон бо ёрии гӯлахиён ва ҳамшаҳриаш дар манзили Тошмахдум ном шахсе паноҳ меёбад ва бо ӯ издивоҷ карда боқии умрро дар манзили ӯ мегузаронад. Ба қавли худаш, соҳиби ҳашт фарзанд шуда ва шаш нафарашон талаф ёфта, ду нафар боқӣ монданд. Модари Тошмахдум, ки мактабдор буд, чаҳор сол ӯро дар мактаби худ хононд ва дар наваду ҳаштсолагӣ аз дунё чашм пӯшид. Дилшод, ки комилан забони туркиро намедонист, аз ӯ ин забонро омӯхт ва минбаъд бархе аз ашъори худро ба ҳамин забон гуфт. Аз ин пас қариб то охири

умр, дар давоми 51 сол Дилшод мактабдорӣ кард ва, ба шавоҳиди худаш, дар мактаби ӯ 891 нафар тарбият гирифтанд, ки аз ин миён аз чаҳор як ҳиссаи онҳо табъи назм доштанд. Чунонки худаш ишора мекунад, дар охири ҳошия исми бисту чаҳор нафар шоираҳоро зикр карда (аммо ин саҳифа гум шудааст), гуфтааст, ки аз онҳо «Хайринисо, Баҳринисо, Анбарой ва Тӯтиқиз ном духтарон беҳтарин шогирдони ман ва ушшоқони пайравони Ҳофиз ва Навоӣ ва Бедилу Фузулӣ буданд» [8, с. 45].

Аз миёни ин шоираҳо Дилшод Анбаройро махсус зикр карда, дар васфи ӯ, ҳусну ҷамол ва одобу ахлоқаш беҳтарин ҳарфҳоро мегӯяд ва ҳатто шеъре низ ба ӯ мебахшад, ки бо байти зерин шуруъ мешавад:

**Анбарой отунчаи чаққонакак, ҳушёракак,**
**Тундхӯйиҳо надорад дар адаб як боракак [8, с. 76].**

Маълум мешавад, ки Дилшод сифатҳои шогирдаш – андешаву тааммуқ дар рӯзгори халқ ва норасоиҳо дар тариқаи ҳукмрониро хеле муҳим меҳисобад. Лекин шоира медонад, ки «бо ҳаракати шахси танҳо ва нотавон» ба натиҷаи дилхоҳ расидан имконпазир нест. Бояд муттаҳид шуд.

Аз шоирони ринди хӯқандӣ Дилшод исми Маҳҷуб, Мунтазир, Маҷзуб ва Гулханиро ном мебарад ва онҳоро дӯстони қадима ва ҳамназари худ мешуморад.

Дар бораи Нодира менависад, ки «дар он ҷо маликаи мулки Фарғона ва соҳиби салиқа ва шеърияту тарона, яъне нодираи даврон ва шоираи барҷастаи замон эҳё будаанд. Бисёр кӯшиши мулоқот доштам, аммо муяссар накард» [8, с. 46].

Дилшод як гурӯҳ шоирони дигари хӯқандиро низ ном мебарад, ки аз ҷумла Маҳзанӣ, Туробӣ, Баҳорӣ, Низомӣ, Сабуҳӣ, Садоӣ ва Девона Қорӣ мебошанд. Бархе аз ин шоирон дар тазкираи Фазлӣ низ номбар шудаву намунаҳое

аз ашъорашон дар он асар ҷой доранд. Аммо бо сабаби назари дигаргуна ва нохайрхоҳона доштан ба ҳокимият, аксари онҳо берун аз тазкираҳо мондаанд.

Пас аз тасарруфи Осиёи Марказӣ аз ҷониби Русия, пайдо шудани корхонаву заводҳо, фаъол шудани роҳи оҳан ба Дилшод муяссар шуд, ки ду маротиба ба зодгоҳи азизаш Истаравшан сафар кунад ва дар он ҷо бо шоирони маъруфи замон эшони Шаҳдии Сепулагӣ ва Зуфархони ҷавон ошноӣ пайдо кунад. Дар бораи Шаҳдӣ Дилшод бар он назар аст, ки «ин шоири замон маҳорат ва истеъдоди баланд доранд ва ғазалҳои манзумаи мазмуни вуҷудпаймоӣ ва шеърҳои пурмазмуни ҳалокнопазир эҷод кардаанд» [8, с. 48]. Зуфархон низ дар назари ӯ, ҷавони соҳибистеъдод аст: «Зуфархон, тӯрачаи ҷавон низ салиқаи ғазалхонӣ ва машқи хуб дорад» [8, с. 48].

Аз рӯйи ишораи Дилшод маълум мешавад, ки дар саҳифаи қабл ӯ шоирони Ӯротеппаро номбар кардааст, аммо он саҳифа талаф ёфтааст. Дар саҳифаи дигар номҳои Саида-бону, Мастураой, Фазилат-бону ва Кароматойро зикр карда, муаллиф онҳоро заифаҳои соҳибсалиқа мешуморад.

Дар маҷмуъ, Дилшод номи чаҳордаҳ нафар бонувони хушсалиқаи шоирро дар асари ёддоштии худ зикр мекунад, ки ба ғайр аз чаҳор тани фавқуззикри истаравшанӣ, боқӣ шаҳрвандони Хӯқанд: Нодира, Фидоия, Маҳинбону, Ҳафиза-отун, Увайсӣ, Баҳринисо, Хайринисо, Тӯтиқиз, Каттахон, Анбар-отун мебошанд. Аз ин миён дар бораи чаҳор нафари онҳо: Нодира, Увайсӣ, Анбар-отун ва Тӯтиқиз аз сарчашмаҳо маълумот ва намунаҳои ашъорашонро пайдо кардан мумкин аст. Аммо дар бораи дигарон бо сабабҳои номаълум, шояд заъфи шеър ё ҳифз нашудани таълифоташон, маълумоти кофӣ ба даст наомад. Ашъори Нодира ба ду забон навишта шудааст, аммо осори Увайси-

ву Анбар-отун ва Тӯтиқиз ғолибан ба туркӣ таълиф ёфтаast. Ашъори худи Дилшод низ ба ду забон – тоҷикиву ӯзбекӣ аст. Аз рӯйи ашъори боқимондаи ӯ маълум мешавад, ки Дилшод маълумоти махсуси шеършиносӣ надошта, дар авзон ва ороиши калом бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ будааст. Аксари ашъораш дар мавзуъҳои иҷтимоӣ ва андарзӣ ба қалам омадааст.

Дар мавриди «Таърихи муҳоҷирон» метавон гуфт, ки муаллифи он чун зодаи замони худ ва як бонуи соҳибмаърифат зарурати ҳифзи воқеаҳои замонро эҳсос карда, ба таълифи ин асар даст задааст. Ба андешаи ӯ, «Таърихи истилои Ӯротеппа... ахбори сазовори ҳайрат низ дорад» ва дар китобу тазкираҳои гузашта, аз ҷумла «Тазкираи Исломия», «Тазкираи муҳориба», «Тазкираи Истаравшан», достони шоир Шаҳдӣ, «Ҷангнома»-и Хоҷа Калон ба таври басанда ахбор надодаанд» [8, с. 35]. Муаллифи асар ҳамин вазифаро ба дӯш мегирад ва худро «камтарин ноқили эҳёи ахбор» меномад.

Чунонки маълум шуд, бештар аз нисфи асар талаф ёфтааст, аммо қисмати боқимонда ҳовии ахбори ҷолиб дар бораи воқеаҳои таърихӣ ва мадании ду шаҳри бузург – Истаравшан ва Хӯқанд аст. Забони асар бисёр содаву фасеҳ, аммо орӣ аз ороишу саноеи бадеист.

Муаллиф ғолибан камсухан буда, нақли ӯ хеле муҷаз сурат гирифтааст. Танҳо дар ду ҷойи асар мусоҳибаи мухтасар ҷой дорад: яке мулоқоти Дилшод бо Умархон ва дувум, суҳбати кӯтоҳ бо маҳрами хон.

Чунонки мебинем, ҳар се асар ҳам дар шакли комил ба мо нарасидааст. «Ҳумоюннома» дар 96 саҳифа ҳифз шудааст ва мантиқан идомат дорад, ки нопайдост. «Таърихи Ардалон»-ро, ки нотамом мондааст, амаки Мастура Мирзо Абдуллоҳи Муншӣ дувоздаҳ саҳифаи дигар навишта, тамом кардааст. Аз матни «Таърихи муҳоҷирон»

сиву ҳашт саҳифа талаф ёфта, танҳо сӣ саҳифааш то рӯзгори мо расидааст. Бо ин ҳама ҳар се асар ҳам аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар таърихнигории форсу тоҷик ҷойи бонувон холӣ нест. Агар дар китоби аввал воқеаҳои марбут ба Бобур ва ҷаҳонкушоии писари ӯ Ҳумоюн ба қалам омада бошад, дар китоби дувум қиссаҳои Ардалон ва Хусравхони Ноком ва дар китоби севум ҳамлаи Умархон ба Истаравшан, муҳоҷирати асирон ба Хӯқанд, ҳаёти мадании ин ду шаҳри Осиёи Марказӣ ва рӯзгори худи муаллиф ба тасвир омадаанд.

Афзалияти асари Дилшоди Барно барои мо, мардуми Осиёи Марказӣ дар он аст, ки «Таърихи муҳоҷирон» шояд то садаи XX ягона асари таърихиву тарҷумаиҳолии як бонуи суханвар ба забони тоҷикӣ бошад. Дар ин асар ҷузъиёти ҷолиб дар бораи рӯзгори муҳоҷирон ва воқеаҳои таърихиву мадании ду шаҳри бостонӣ – Истаравшану Хӯқанд ба тасвир омадаанд.

**Пайнавишт:**


1. *Абулқосим Муҳташами Шарвонии Бҳуполӣ*. Ахтари тобон / Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммади Хушкоб. – Теҳрон, 1393. – 324 с.
2. *Гулбаданбегим бинти Бобурподшоҳ*. Ҳумоюнномa / Ба эҳтимоми Аннет С. – Бевириҷ-Лондон, 1902.
3. Девони Моҳшарафхонум мутахаллис ба Мастураи Курдистонӣ / Таҳияи матн ва луғат Дилором Ваҳҳобзода. – Хуҷанд, 2013. – 244 с.
4. *Жалолов, Т*. Ӯзбек шоиралари. – Тошкент, 1970. – 344 с.
5. *Алӣ Акбар Мушири Салимӣ*. Занони суханвар. Дафтари дувум. – Теҳрон, 1335. – С. 176.
6. *Мох Шараф Ханум*. Хроника дома Ардалан / Подготовка текста и предисловие Е. Васильевой. – Москва: Восточная литература, 1990. – С. 5.

7. *Мухтаров, А*. Дильшод и ее место в истории общественной мысли таджикского народа в XIX-начале XX вв. – Душанбе: Дониш, 1969. – 372 с.

8. *Мухторов, А*. Дилшоди Барно ва мероси адабии ӯ. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 166 с.

9. *Раҷабӣ, Муҳаммадҳасан*. Машоҳири занони эронӣ ва порсигӯй. –Теҳрон, 1374. – С. 197.

10. *Ризоқулихони Ҳидоят*. Маҷмаъ-ул-фусаҳо, ҷилди 2, бахши 2. – Теҳрон, 1382. – С. 1394.

11. *Султон, С*. Таърихи доираи адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри XVII1 ва аввали асри XIX. – Душанбе: Сурушан, 2002. – 232 с.

12. *Султон, Саидумар Кавкабӣ*. Тазкираи суханварони Истаравшан (шеърҳо). – Душанбе: Адиб, 2012. – 260 с.

## АБУЛФАЗЛИ СИРАТ ВА «ДЕВОН»-И Ӯ

Дар нимаи дуюми садаи XIX адибони номваре мисли Аҳмади Дониш, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Шамсуддини Шоҳин, Ҳайрат ва дигарон беҳтарин анъанаҳои адабиёти моро идома дода, дар баробари ин дар вуруди мавзуоти нав ва тарзи баёни тоза хадамоти шоистае ба ҷо оварданд. Аммо дар ҳамин давра дар радифи шуарое, ки зикрашон рафт, як зумра суханварони дигаре низ ба майдони адабиёт омада, ашъори нобу обдоре ба ёдгор мондаанд. Қозӣ Қурбонхони Фитрат, Афзал-махдуми Пирмастӣ, Абулфазли Сират, Садри Сарир, Исо-махдум, Муҳаммадшарифи Анбар, Сипандӣ, Бебок ва дигарон аз ҷумлаи шоироне ҳастанд, ки дар фазлу дониш ва сухангустарӣ шуҳраи замон буданд, вале ба иллати он ки ҷаҳоншиносии эшон ба мафкураи замони шуравӣ мувофиқ набуд, ин адибон аз назарҳо дур монда ва таълифоташон низ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Ҳоло фурсати он расидааст, ки ин давраи нисбатан камтар омӯхташудаи адабиёт дубора мавриди таҳқиқ ва арзишдоварӣ қарор гирад ва ба ҳамин минвол дар бораи баъзе шуарое, ки аз аҳволу осорашон воқиф набудем ва ё камтар маълумот доштем, огоҳии бештаре пайдо кунем ва ҷойгоҳи ҳар кадоми онҳоро дар адабиёт дуруст муқаррар намоем.

Яке аз адибони хушзавқи ҳамин давра Абулфазли Сират аст, ки аз пайравони Бедил маҳсуб меёбад ва дафтари ашъораш ҳамроҳ бо як сарсухани кӯтоҳи шоир аз ҳаводиси айём маҳфуз монда, дар захираи дастхатҳои шарқии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон зери шумораи 858 нигоҳ дошта мешавад ва аз 77 саҳифа иборат аст. Ин дафтари ашъор муштамил бар анвои гуногун мебошад, ки маснавиву қасида, ғазалу қитъа, моддаи таърих ва рубоӣ, муаммову муфрадот аз он шуморанд.

Дар бораи аҳвол ва осори Сират аз тазкираҳои охири асри XIX-ибтидои асри XX – «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё, «Афзал-ут-тазкор фӣ зикр-и-ш-шуарои ва-л-ашъор»-и Афзал-махдуми Пирмастӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Мирсиддиқхони Ҳашмат, «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, «Тазкираи Шаръӣ»-и Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ ва баъзе сарчашмаҳои дигар маълумот пайдо кардан мумкин аст.

Чуноне ки аз ахбори сарчашмаҳо маълум мешавад, ӯ тақрибан солҳои 20-уми асри XIX дар хиттаи Балх дар хонаводаи ашрофзодагон ба дунё омада, дар ҳамон ҷо маълумоти ибтидоиро мегирад ва барои идомаи таҳсил ба Бухоро меояд. Ин ҷо улуми мухталифи замон: сарфу наҳв, луғат, муаммо, адабиёт ва ғайраро фаро гирифта, дар ҳамин шаҳр сукунат ихтиёр мекунад. Солҳо бо амри амир қозиюлқуззоти Кешу Насаф ва Ҳисор шуда хидмат кардааст ва дар поёни умр ба тадриси шогирдон машғул шуда, соли 1898 дар Бухоро чашм аз олам пӯшидааст.

Аксари муаллифони тазкираҳо Сиратро яке аз фозилони замон, донишманди нуктадон, шоири хушбаён ва инсони фурӯтану хушахлоқ тавсиф намудаанд.

Чунончи, муаллифи аввалин тазкираи нимаи дуюми асри XIX «Туҳфат-ул-аҳбоб» Раҳматуллоҳи Возеҳ дар бораи ӯ менависад: «Дар аҳди шабоб ба ҷиҳати таҳсили илм аз маскани маъҳуд ба Бухоро омада, аз хидмати устодон файзу фазли тамом ёфта. Бар аксар аз улуми маъқул ва манқул вуқуфи комили тамом дорад ва истеъмори кутуби луғат ва тавориху мушкилоти соири улуми бисёр намуда ва дар фанну таворих ва муаммову ҳалли абёти муғлақа низ салиқаманди софсирату поксарир аст. Хушмуҳовара, нуктасанҷ, рамузфаҳму ҳазлгӯй ва некӯсуҳбат ва ҳиммати

манеъ дорад ва ба тариқаи аҳли тасаввуф ва таарруф дохил ва ҷамеи сулуки олияи нақшбандия тамом намуда… Алҳол ба тадриси талабаи улум машғул аст» [3, с. 93].

Возеҳ ҳамчунин дар бораи ҳунари хаттотии ӯ низ хабар медиҳад ва аз маълумоти ӯ равшан мешавад, ки Сират девонҳои Муиззӣ ва Анвариро нусхаҳо бардоштааст ва ин санад аз хушсаводӣ ва хушнависии ӯ дарак медиҳад.

Садри Зиё низ дар тазкираи манзуми худ «Тазкори ашъор» ин маълумотро такмил медиҳад ва баъзе нукоти тоза илова мекунад: Ӯ исми шоирро домулло Абулфазл Садри аъламии Балхӣ ва тахаллуси ӯро Сират зикр карда, дар 14 байт перомуни аҳволу шахсияти ин адиб маълумоти худро ҷой медиҳад. Зикри исми Сират дар ин тазкира бо чунин абёт шуруъ шудааст:

**Абулфазли баҳри улуму ҳикам**
**Ба ҳар илм гашта ба олам алам.**
**Зи умм-ул-билод омада дар Бухор,**
**Баровард дар ҳар ҳунар иштиҳор.**
**Ба аснофи шеъру ба анвои илм,**
**Шуда шуҳра бо зуҳду тақвову ҳилм [6, с. 97].**

Чунонки ба мушоҳида мерасад, дар баробари зикри фазоили мамдуҳ муаллиф баъзе нукоти дур аз таоруф ва ситоишро низ қайд мекунад ва ин тарзи нигориш хоси каломи Садри Зиёст. Масалан, бо ишора ба сурати Сират мегӯяд:

**Чу ӯ сурати хубу зебо надошт,**
**Тахаллус дар ашъор Сират гумошт.**

Аммо дар мавриди хушодобиву хушхулқии ӯ Садри Зиё бо Возеҳ комилан ҳамназар аст:

**Накӯгӯву хушхӯву ширинкалом,**
**Адофаҳму некӯсухан, некном.**

Ҳамин муаллиф дар бораи қозиюлқуззоти Кешу Ҳисору Насаф тайин шудани Сират хабар медиҳад ва илова ме-

кунад, ки ӯ ба шарофати донишу фазлу камоли худ аъламу садри донишмандони Бухоро гардид:

**Басе сол қозӣ або фаррахӣ**
**Шуд аз юмни алтофи шоҳаншаҳӣ.**
**Ба амсоли Кешу Ҳисору Насаф**
**Расида зи лутфи шаҳи зишараф.**
**Чу дар байни амсол мумтоз шуд,**
**Ба илму ба дониш беанбоз шуд.**
**Ҳилоли камолаш чу гардид бадр,**
**Дар охир шудаш аъламу гашт садр.**

Ба қавли Садри Зиё, Сират дар поёни умр дар маҳаллаи Говкушон ба тадриси илм барои шогирдон машғул будааст:

**Сарафрози тадрисии Говкушон**
**Шуд аз лутфи шоҳаншаҳи нуктадон.**

Аз ҳамин сарчашма маълум мешавад, ки шоир беш аз ҳафтод сол умр дида будааст:

**Чу солаш ба ҳафтоду андак расид,**
**Равонаш ба садри ҷинон орамид [6, с. 97].**

Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, соҳиби «Тазкират-уш-шуаро» дар оғоз Сиратро бо камоли хушгуфторӣ ва суханпардозӣ тавсиф мекунад ва баъд аз овардани қитъае меафзояд: «Мушорунилайҳ аз акобирзодагони хиттаи маъмураи Балх буда, ба ҷиҳати касби камол аз назди уламои завиюлафзол қадами саъйро фарсуда, ба чандин риёзат ба сари мазороти бузургон ва ба камоли иқомат ба ҳалқаи суҳбати азизон ливои ҷомеиятро дар арсаи майдони анвои улуми ақливу нақлӣ ниҳода ва абвоби табаҳҳурро дар ҷодаи бӯстони анҳои фунуни асливу фаръӣ кушода, охируамр ба ҳукми зобитаи нахвия «афзалут-тафзил ло ятаъаддаду» аз мароҳими султонӣ ва мақорими хусравонии ҳазрати амир-ул-муъминин дар мансаби аъламии дорулфохира сарфароз ва аз байни соири уламои аср мумтоз

гардида, то он ки дар санаи 1316 ҳ. алами аъламӣ ва қадами саъйро дар олами арвоҳ варзида» [4, с. 172].

Дар мавриди улуме, ки Сират аз онҳо баҳраёб будааст, Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ дар «Тазкират-уш-шуаро»-и худ, менависад, ки «билҷумла дар ҳар илм аз ҷузъиёт, мисли муаммо ва чистону шеър ва ғайри золика ва аз мантиқу ҳикмат ва наҳву сарф беназир ва дар боби тақво ва вараъ низ тасобиқ бо ҳамакнон дошт. Бо сӯфиё бисёр мухлис ва муътақид. Аксар намози ҷумъа бо шоҳ эҳсо мегузорид. Бо эшон Султонхон изҳори эътиқод мекард. Дар ҳарду илм – ҳол ва қол олим буд, боз дар ғояти ҳилму тамкину тавозуъ, касе аз ӯ ҳаракати ношоиста мушоҳида накарда» [1, с. 102].

Дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳашмат низ фазоили Сират як-як номбар шуда ва дар ниҳоят таъкид шудааст, ки «он ҷанобро авсофи берун аз теъдоду таҳрир аст» [8, с. 73].

Ин муаллиф хабар медиҳад, ки Сират «дар авоили шабоб аз Балх озими Бухорои шариф гашта… аз пояи талмиз ба дараҷаи устодӣ иртифоъ ҷуста, комил дар ҳар илм ва моҳир ба ҷамъи фунун» будааст. Соҳиби тазкира меафзояд, ки «дар ҳалли муаммо чун ин ҷаноб номбардор дар ин замон муяссар нест ва дар кушодани алғоз амсоли ин зоти саодатоёт ном намебаранд» [8, с. 74].

Ҷолиб он аст, ки баъзе муаллифони сарчашмаҳо, аз ҷумла Мирсиддиқхони Ҳашмат, Муҳтарам ва Садри Зиё ҳикоётеро аз лаҳазоти зиндагии Сират нақл кардаанд ва бад-ин минвол ба баъзе аз сифоту фазоили ин бузургмард далел овардаанд. Чунончи, Ҳашмат аз рӯзгоре ёдовар мешавад, ки дар таърихи 1302 ҳ. ҳокими Хузор буд ва Сират – қозии вилояти Ҳисор. Ва инҳо ба Шаҳрисабз ба рикоббӯсии амир рафта буданд ва чун вақти намоз шуд, маҷмуи аъён ва қуззот барои адои намоз ба масҷид даромаданд ва чун афзалтарини эшон қозӣ Абулфазл буд, имоматиро аз ӯ хоҳиш карданд. Ва дар вақти адои намоз мулозимони амир

густохона ба масҷид даромада, фарёд заданд, ки ҷаноби олӣ озими сафар аст ва намозгузорон бояд намози худро ба зудӣ тамом кунанд ё ихтисор кунанд. Аммо Сират бидуни шитоб бо риояи тамоми фароиз намозро идома дод ва ба анҷом расонид [**нақл аз:** 8, с. 74].

Ҳашмат ҳамчунин ҳикояти дигареро низ бозгӯ мекунад, ки далели фазлу дониши Сират мебошад. Ӯ нақл мекунад, ки боре дар Бухоро дар ҳавлии яке аз мухлисони Сират маҷлиси афозил баргузор буд ва китоби шайх Саъдиро мутолиа мекарданд. Аз Ҳашмат хоҳиш карданд, ки маснавии Саъдиро бо матлаи зерин бихонад:

**Гили хушбӯй дар ҳаммом рӯзе**
**Расид аз дасти маҳбубе ба дастам…**

Ва миёни афозил баҳсе сар зад, ки гофи аввал бо фатҳа бояд хонда шавад ё касра. Ва қарор шуд, ки Сиратро интизор шаванд ва чун ӯ омад, ба ин баҳс хотима гузошт.

Дар ҳар се тазкирае, ки зикраш рафт, як ҳикояти дигар низ ба мушоҳида мерасад. Чунончи, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам нақл мекунад, ки «рӯзе ҷаноби Сират дар маҷлиси мунозира ва маҳфили муҳозара ҳамроҳи қозӣ Муллоқурбони Фитрат дар исботи муқаддамот ва эроди далоил бар назариёт ва табния бар бадеҳиёт буд ва ҷаноби Фитрат низ ба пешравии кори худ иқоматан далел бар хилофи «мо акома ъалайҳил хасм» менамуд. Охируламр хушзабонӣ ба оташзабонӣ кашид ва насими латифасанҷӣ ба сактахонӣ анҷомид. Фитрат гуфт: дар ин муҷодалат бадмуомилат мабош ва ба маҳзи панҷаи ҷидол синаи моро махарош…, дар тақрир ва тазвир чаро кӯшӣ ва матое, ки надорӣ, чи гуна мефурӯшӣ? Сират гуфт: эй қозии хиттаи мусалмонӣ, ин чӣ нотавонбинӣ ва нотавонӣ… сирри ҳақро ба ботил чаро пӯшӣ ва харoше наёфта, ба ҳарза чаро хурӯшӣ? Билохир аз ин қолумақол хуруҷ аз мофиҳо рӯй овард, Фитрат ин фардро иншо кард. Байти Фитрат:

**Дорам диле, ки шуълафурӯшист кори ӯ,**
**Доман мазан, мабод, ки афтад шарори ӯ.**

Ва Сират ба фарде ӯро ҷавобе шофӣ ва мусоҳабатро мунқазиву кофӣ фармуд. Байти Сират:

**Ман шамъи маҷлисам, ки ба ман ҳар ки дам занад,**
**Хомӯш нишаста, тира кунам рӯзгори ӯ.**

Садри Зиё ҳамин ҳикоятро ба шакли дигар нақл мекунад ва тибқи навиштаи ӯ байте, ки Сират гуфта буд, гӯё бо иҷозати Фитрат ва аз номи ӯ иншо шудааст, дар ҳоле, ки дар тазкираи Муҳтарам ин мушоира дар ҳоли дуруштиву дағалии муаллифон ба ҳамдигар сурат гирифтааст. Садри Зиё нақл мекунад, ки Муллоқурбон, мутахаллис ба Фитрат, ки дар ҳусну ҷамол адимулмисол, дар фазлу камол беқарину ҳамол буд ва дар шоирӣ беҳамто, дар соҳирӣ ангуштнамо, дар муаммоёбӣ якто буд, дар айёми ҷавонӣ ҳамроҳи чанде зурафо ва фузало дар маконе фарҳатафзо тарҳи маҷлис андохта буданд. Фитрат ба тақрибӣ мутаранними ин байт, ки аз натоиҷи табъи диққатписанди ӯст:

**Дорам диле, ки шуълафурӯшист кори ӯ,**
**Доман мазан, мабод, ки афтад шарори ӯ.**

Домулло Абулфазли садри аълами Балхӣ Сират низ дар он ҷамъ ҳозир буд ва тааллуқи хотир ба Фитрат дошт, бадеҳатан ба иҷозати Фитрат аз забони ӯ чунин гуфта ки:

**Ман шамъи маҷлисам, ки ба ман ҳар ки дам занад,**
**Хомӯш нишаста тира кунам рӯзгори ӯ [6, с. 336].**

Мирсиддиқхони Ҳашмат гӯё аз номи дигарон менависад, ки гӯянд, ҳардуи ин байтро Имомхон ном шоире ба номи Сират фиристода ва дар ҷавоб Сират низ чанд пора аз ашъори худро ба ӯ ирсол намудааст. Аммо дар хулосаи ин гуфтор соҳиби тазкира байти мазкурро мансуб ба Сират зикр кардааст.

Он нукта қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар вафоти Сират чанде аз шоирон моддаи таърих ва ё марсия навиштаанд

ва дар ин ашъор низ баъзе нукоти тарҷумаиҳолӣ ва фазоили мамдуҳ зикр ёфтааст. Таърихи фавти Сиратро Ҳайрат дар 22 байт иншо намуда, дар ин шеър исми чандин нафар ҳамзамонони худро номбар кардааст, ки аз ҷумла Фитрат, Адо, Анбар, Дониш, Фикрат, Шоҳин, Возеҳ, Ҷуръат, Хиҷлат, Оташӣ, Ҳасрат, Сипандӣ ва дигарон мебошанд ва ин нуктаро Садриддин Айнӣ ҳам ҳини зикри Сират дар «Намунаи адабиёти тоҷик» [1, с. 230] таъкид намудааст. Ин моддаи таърих дар «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё чунин омадааст:

**Андаке хоҳам адо кардан зи авсофаш, вале**
**Дарнамеоял ба килки анбарини хӯрдадон.**
**Шоҳбози фитраташ сайди маонӣ менамуд,**
**Дошт Шоҳини хаёлаш авҷи Дониш ошён.**
**Нуктаи мубҳам зи сайъи фикраташ возеҳ шудӣ,**
**Будаш аз табъи расо дар ҳар сухан лутфе аён.**
**Баски дар майдони ҷуръат ройи ӯ бебок буд,**
**Муддао аз хиҷлаташ ҳамчун парӣ гашта ниҳон.**
**Оташе дар оташи ғайрат сипанде гашта буд,**
**Ҳасрат андар ҳасрати ҳар ҳарфи ӯ медод ҷон.**

Сипас Ҳайрат аз фазоили ӯ ҳарф зада, камоли дониши ӯро дар сарфу наҳв, фиқҳу мантиқ ва улуми динӣ зикр мекунад ва ниҳоят, ёдовар мешавад, ки дар рӯзи ҷумъа хабари вафоти ин фозили замон расидааст:

**Ҷониби мо омад аз ҳукми қазо ройи қадар,**
**Дар шаби одина ин рӯзи сияҳ доманкашон.**

Дар се байти охири шеър Ҳайрат аз хиттаи Балх будану дар Бухоро садри аълам шудани Сират ва маҳбуби кулли мардум буданашро ба риштаи назм мекашад ва таърихи вафоти мамдуҳи худро низ зикр мекунад:

**Гарчи худ ӯ зодаи уммулбилоди Балх буд,**
**Дар Бухоро фазлу донишро падар шуд бегумон.**

**Бехилоф ин нукта равшан буд бар аҳли камол,**
**Муттафиқ буданд балхӣ бо бухорӣ дар фиғон.**
**Нолаву фарёд агарчанд аз бухорӣ сар кашид,**
**«Дод» берун шуд зи «балхӣ» ҳам пайи таърихи он.**

Дар мавриди санаи вафоти Сират дар ин шеър Муҳтарам менависад, ки «моддаи таърих аз калимаи «балхӣ» ва «бухорӣ» аст, ки якҳазору чорсаду панҷоҳу панҷ адад аст. Сари нолаву фарёд ё калимаи «дод», ки яксаду сиву нуҳ аст, аз он хориҷ шавад, таърих ҳосилояд» [4, с. 173-174].

Моддаи таърихи дигаре аз ҷониби шогирди Сират – шоир ва фозили замон Муҳаммадшарифи Анбар ба қалам омадааст, ки дар он хасоили ҳамидаи он зоти покро барчидааст:

**Машав ғофил, дило, аз фитнаи ин гунбади хизро,**
**Ки дорад ҳар тараф аз кин ҳазорон шӯришу ғавғо.**
**Дар ин ваҳшатсаройи ғам адам дорад басе вусъат,**
**Ки як-як рафту меҷӯям суроғаш аз пари анқо.**
**Хусус он пешвои шаръу дониш, аълами олим,**
**Ба ҳар матлаб муборак, исми покаш зиннати туғро.**
**Садоратмартабат, афлокрифъат, аҳсани хислат,**
**Вафоойин, сафоперо, ҳаёкешу қамарсимо,**
**К-аз ин дори ҳавас қатъи тааллуқ кард чун Исо,**
**Тарақӣ кард руҳи тоираш бар зурвати улё.**
**Ба сад афсус баҳри соли фавташ хомаи Анбар,**
**Ба малфузӣ рақам зад, гуфт: «ҳайфи Сирати доно!»**

Як моддаи таърихи дигаре низ иншо шудааст, ки муаллифи он писари Сират Қозӣ Абдуллоҳи Ибрат аст ва дар баъзе тазкираҳои давраи мавриди назар дар бораи ӯ сухан рафтаву пораҳое аз ашъораш низ нақл шудааст. Чунончи, Садри Зиё дар бораи ӯ мегӯяд:

**Халаф монда з-он Сирати покдин,**
**Ҷавони хирадманди хубу матин.**

**Зи лутфи шаҳе лозим-ул-эҳтиром**
**Дар афвоҳи мардум Ибодулла-ном.**
**Ба назми сухан соҳиби хибрат аст,**
**Тахаллус дар ашъори ӯ «Ибрат» аст.**
**Бувад дидаи фазлро мардумак,**
**Дар ин дам шуда қозии Гаждумак.**
**Зи ашъори ӯ баъди шеъри падар,**
**Нависам ду-се байт аз хушку тар.**

Пас аз ин шеър Садри Зиё ду ғазал ва як моддаи таърихро аз таълифоти Ибрат дар тазкирааш ҷой дода, ки ба қавли худаш «ду се байти хушку тар» мебошанд. Ин ҷо Садри Зиё ишора ба ҳунари шоирии Ибрат низ карда, соҳиби на танҳо ашъори ноб, балки муаллифи баъзе аз абёти хушк будани ӯро низ зикр мекунад, ки бори дигар аз қалами наққодии тазкиранигор шаҳодат медиҳад.

Моддаи таърихи Ибрат дар вафоти волиди моҷиди худ Сират иборат аз се байт аст:

**Абулулуми маонӣ, аниси васфҷамолӣ,**
**Ба нури Ҳақ шуда восил, чу ёфт рутбаи олӣ.**
**Фишонда хомаи Ибрат барои соли вафоташ**
**Чаҳор фикраи олӣ ҳама ба ваҷҳи камоле.**
**Қарини фазли илоҳӣ, макини файзи расулӣ,**
**Нигини бадри шариат, фанои зоти ҷалолӣ!**

Аз ин санад метавон ба хулосае расид, ки Сират соҳиби фарзанди нек, идомабахши кораш будааст. Дар қисмати таълиқоти «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё аз соҳиби набераи хушсаводу хушхате бо номи Ҳабибуллоҳ-махдуми Авҳадӣ будани ӯ низ огоҳ мешавем, ки «Наводири Зиёия»-ро китобат кардааст [6, с. 282].

Маълум мешавад, ки ӯ низ кори бобояшро дар хаттотиву нусхабардорӣ (Сират носихи девонҳои Муиззӣ ва Анварӣ буд) давом додааст.

Аз ахбори сарчашмаҳо ҳамчунин маълум мешавад, ки Сират шогирди Садри Сарири Балхӣ будааст ва дар ин

бора Садри Зиё як шеъри Мирзо Азими Сомиро дар бораи Сарир нақл кардааст, ки байти зерини он гувоҳи гуфтаи мост:

**Ҳамон Аълами Садри «Сират»-лақаб,**
**Зи талмизи ӯ дон ба илму адаб [6, с. 126].**

Шогирди хуб мояи ифтихор ва сарфарозии устод аст ва байти мазкур далели бузургии мамдуҳ мебошад.

Дар навбати худ Сират устоди шоир Мулло Муҳаммадшарифи Анбар аст, ки дар расои устодаш моддаи таърихи фавқро гуфта, инчунин тазмине низ ба шеъри ӯ дорад. Садри Зиё ғазали Анбарро бо сарлавҳаи «Дар тазмини як мисраи устоди худ Сират гуфта» оварда, дар байти мақтаъ ҳамон мисраъро ҷо додааст:

**Барҳазар бош аз ҳуҷуми оҳи Анбар, гуфтаанд:**
**«Бар нафас зулм аст, агар ин хори мижгон гул кунад».**
**[6, с. 148]**

Дар «Девони Сират», ки дар захираи дастхатҳои шарқии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон зери шумораи 858 ҳифз шудааст, 1470 мисраъ баробар ба 735 байт ашъори шоир ҷой дода шудааст. Ногуфта намонад, ки аз сарчашмаҳо баъзе ашъоре низ ёфт шуданд, ки ба девон ворид нашудаанд. Сабаби ин ҳолро метавон чунин шарҳ дод, ки девони Сират дар замони зиндагии шоир мураттаб шуда ва баъди тадвини он низ ӯ шеър гуфта будааст, ки дар тазкиraву баёзҳо боқӣ мондаанд. Сабаби дигар шояд дар камҳавсалагии муаллиф дар ҷамъ овардан ва ҳифз намудани осораш бошад. Чунончи дар тазкираи Возеҳ 6 мисраи номатбуъ пайдо шуд, ки зоҳиран порае аз ғазал аст:

**Баҳор шарҳе зи матни лутфаш, тараб паёме зи боғи хулқаш,**
**Саҳар чароғе зи файзи базмаш тамоми хубӣ бувад саропо.**

**Чу лаъли ҷонбахши ёр дидам муқим дар зери**
**сабзаи хат,**
**Ба ҳайрат афтод дил, ки чун шуд Масеҳ поён,**
**Хизр боло.**
**Дукони ҳусни ту шуд баробар зи хатти сабзи**
**лабони аҳмар**
**Зумурраду лаъл бичида яксар барои тарғиби**
**дил ба савдо.**

Дар тазкираи Абдӣ низ ду ғазал ҳаст, ки дар Девон сабт нашудааст. Ғазали аввал бо радифи «дар оина» гуфта шуда, иборат аз 8 байт аст:

**Гоҳе ки ҷилва мекунад он гул дар оина,**
**Гул мекунад баҳори тасалсул дар оина.**
**Чун зулфи дилбарон шаби базмаш зи тори шамъ**
**Дорад ҳазор дастаи сунбул дар оина.**
**Оинаҳо шуда зи гули шамъҳо лаган,**
**Тасвири тӯтиё шуда булбул дар оина.**
**Аз қулқули таронаи сероби мутрибон**
**Оби зулол карда тақалқул дар оина.**
**Дасте, ки хам ба гӯшаи танбӯр шуд, намуд**
**Садранг гӯши ҳалқаи кокул дар оина.**
**Сеҳре ба кор бурдаву дар шавқ ҷилваҳост,**
**Як чашм то забона тағофул дар оина.**
**Бо шӯхии ҳуҷуми нигаҳ аз сафои дил**
**Тамкини кӯҳу дашти таҳаммул дар оина.**
**Сангест, Сират, оина гулпӯш чун шавад,**
**Эҳсони шоҳ дода таҷаммул дар оина [1, с. 106].**

Ғазали дигар низ 7 байт дорад ва бо радифи «маъшуқ аст» эҷод шудааст:

**Мурод аз майпарастӣ нашъаи дидори маъшуқ аст,**
**Димоғи дида хуррам аз гули рухсори маъшуқ аст.**
**Зи гарди шӯхии тарзи нигоҳаш ҳасрат афзун шуд,**
**Нигаҳ дар дидаам мустағриқи рафтори маъшуқ аст.**

**Зи сайри нози мижгон сад ба гулшан бисмиле дорам,**
**Тапиданҳои дил з-ин ханҷари хунхори маъшуқ аст.**
**Илоҷе нест ҷуз мурдан гирифтори муҳаббатро,**
**Табиб аз набз бишносад, ки дил бемори маъшуқ аст.**
**Зиҳӣ ҳусни назокат дар баҳористони некӯйӣ,**
**Биҳишташ ҳамчу гул бишкуфта аз гулзори маъшуқ аст.**
**Яди байзои ӯ шамъи тамошохонаи дил шуд,**
**Сафои ботини ошиқ аз ин девори маъшуқ аст.**
**Зи авсофи буте дурри маонӣ суфтаам, Сират,**
**Забони ҳамзабони хона аз гуфтори маъшуқ аст [1, с. 106].**

Дар тазкираи Шаръӣ низ чанд байти пароканда ва но噢матбуи шоир ба мушоҳида расид, ки аз ҷумла инҳост:

**Аз шавқ номаам ҳама боли кушуда аст,**
**Бахташ магар раҳе ба наҷобат кушуда аст.**

***

**Он ки шӯри касрати ваҳме дар ин олам зада,**
**Воҳиде, к-охир зи яктойӣ дуйӣ барҳам зада.**

***

**Интизори қосид он сӯйи қиёмат мекашад,**
**Ин ҳуморо байза зери боли анқо гашт сабз.**

***

**Шабнами оҳанги меъроҷи ҳавоят гирди сар,**
**Дидаам пайваста аз меҳри ту худ ранги дигар.**
**[10, с. 8]**

Дар тазкираи Муҳтарам низ як қитъаи шеъри номатбуъ сабт шудааст:

**Гоҳе зи накҳати сари зулфаш шамиданист,**
**Гоҳе шакар зи лаъли лаби ӯ макиданист.**
**Гаҳ аз камоли аҷз ба пояш фитоданист,**
**Ҳар кӯчае, ки ҳаст, ба олам давиданист [4, с. 175].**

Ба андешаи мо, девони Сират аз ҷониби худи муаллиф мураттаб ва хаттотӣ шудааст. Барои чунин хулоса ду нукта ҳаст, ки метавонад далолат диҳад, яке ин ки ба ғайр аз

ашъоре, ки дар девон ҳаст, ашъори нихматбуъ низ аз тазкираву баёзҳо ёфт шудаанд, ки яқин баъд аз тартиб додани девон иншо шудаанд. Далели дигар ин аст, ки пешгуфтори девонро худи Сират навиштааст ва дар ҳеҷ ҷо ишора ба исми хаттот нест.

Дар пешгуфтор муаллиф ба аҳволи худ ишора мекунад ва менависад, ки «аммо баъд баҳри замоири хуҷастаназоири аҳли донишу биниш возеҳ буда бошад, ки ин бандаи камтарин… Абулфазли Сират тахаллус… чун муддате мадид ва аҳде байид гарди ғурбат бар ҷабинаш фурӯ нишаста буд ва абвоби маишат ва масаррат ба рӯяш барбаста, биноан, алаззолик шаммае аз аҳволи бекасии худ боз менамояд ва варақе чанд аз дафтари саргузашти худ мекушояд» [7, с. 1].

Аммо, ба қавли баъзе тазкиранигорон аксари таълифоташ ҳифз нашудааст. Дар ин бора Шаръӣ дар тазкираи худ менависад, ки аксари муаллафот ва маҷмуаҳояш аз камоли бешавқӣ ва беалоқагӣ талаф гардидааст» [10, с. 4].

Дар бораи ҳунари шоирии ӯ низ ҳамзамонон изҳори назар намуда, соҳиби табъи воло будани ӯро зикр кардаанд. Чунончи, Возеҳ қабл аз овардани ашъори шоҳид менависад: «Ин ашъори обдор, ки дар латофат гарав аз оби ҳайвон бурда, аз натоиҷи афкори ӯст» [3, с. 93].

Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ низ ба шеъри Сират баҳои баланд додааст: «ба гуфтани ашъори намакин ва манзумоти рангин дар камоли диққати маонӣ ва матонат мепардохт ва дурри маониро дар сулуки назм кашида, овезаи гӯши сомеони суханрас месохт» [1, с. 103].

Ба андешаи Муҳтарам, «домулло Абулфазл Садри Аълам, ки атфоли макотиби афкораш ба болиғкаломони мадориси маонӣ фоиқнишин ва мубтадиёни мадориси ифодааш бо мунтаҳиёни дорулилми камол тафаввуқгузин, аз равонии каломаш оби гавҳар чун арақ аз шарми бесафоӣ

нақши беобурӯйӣ баста ва аз рангинии суханаш ҷавҳари ёқут аз хиҷолати хунукрӯйӣ дар яхдони ҷамод нишаста» [4, с. 172].

Шаръӣ қайд мекунад, ки «назму насраш, хусусан ашъораш пурмазмуну латиф ва тозаву обдор, рангину баланд, дилписанду намакин ва ибороташ саросар ширин» [10, с. 4].

Дар воқеъ соҳиби маонии баланду рангин ва абёти намакин будани шоир аз ашъори ӯ ба хубӣ аён мешавад. Дар девон як соқинома, ду маснавӣ, ду қасида, 21 ғазал, 11 фард, 6 рубоӣ, 9 моддаи таърих, боқӣ абёти мутафарриқа, аз ҷумла қитъаву муаммо ва як рисолаи манзум роҷеъ ба тақсими мерос ҷой дода шудааст.

Дар соқинома, ки чун анъана дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф иншо шудааст, такрори руҷуъ ба соқӣ ба мушоҳида меояд. Чунин руҷуъ аз оғози асар шуруъ мешавад:

**Биё, соқӣ, ба ҷоме соз мастам,**
**Ба шаҳди бехудӣ кун пойбастам,**
**Ки шояд ғунчаи матлаб кушояд,**
**Ба гулзори хаёлам рӯ намояд.**

Дар ин асар беҳтарин тавсифи зебоии беқиёси ёр ба қалам омадааст. Шоир ҳар узви маъшуқ ва ҳар ҷузъи вуҷуди ӯро як-як ба силки тасвир мекашад ва чеҳраи бемонанди нозанинеро бо сухан рӯйи сафҳа мекашад:

**Зи сар то по назокатофарин буд,**
**Ҷабинаш нури маҳ бар хок месуд.**
**Камони абрӯяш бас беназир аст,**
**Камон аз ҳасрати ӯ гӯшагир аст.**
**Зи мижгонаш намонда тоби ханҷар,**
**Аз ӯ хушк аст дар тан оби ханҷар.**
**Ба хунрезӣ чу тираш дида чолок,**
**Зи шармаш сар фурӯ дуздид дар хок.**
**Зи чашмаш оҳувон рамзе кушоданд,**
**Зи рашкаш рӯй дар саҳро ниҳоданд.**

**Чу ҳамчашмӣ ба чашмаш кард бодом,**
**Аз он дар дидааш сӯзан зад айём.**
**Чу рухсораш ба олам равшанӣ кард,**
**Рухи хуршед гардид аз ҳасад зард.**
**Чу тавсифи баногӯшаш шунида,**
**Ба ёдаш субҳ пероҳан дарида.**
**Чи бинӣ, дида сӯяш нест роҳаш,**
**Ки лағжад аз сафои ӯ нигоҳаш.**
**Ба марҷони лабаш ҷон дода мар ҷон,**
**Ба хун биншонда лаълаш лаълро кон.**
**Зи тангии даҳонаш ғунча дилтанг,**
**Зи дандонаш гуҳар беоб чун санг.**
**Ба чоҳи ғабғабаш сад дил гирифтор,**
**Зулоли кавсар аз он чаҳ намудор.**
**Баёзи гарданаш дебочаи нур,**
**Зи нураш гашта равшан машъали Тур.**
**Ба панҷа панҷатоби офтоб аст,**
**Яди байзо аз он соид хароб аст.**
**Миёни ӯ надорад ҷуз шунидан,**
**Зи борикӣ чӣ имкон аст дидан?!**
**Зи соқаш хонаи торик равшан,**
**Ба соқи арш нураш партавафкан.**
**Хироме дошт он маҳваш бад-он ранг,**
**Ки ҳасрат бурда пойи кабк дар санг.**
**Намедонам, чӣ андар пераҳан дошт,**
**Ки нур аз вай аламҳо мебарафрошт?!...**

Сират дар тасвирсозӣ воқеан ҳам дасти тавоно дорад. Ӯ инсон, манзара ва ё ҳолатро чунон моҳирона ба риштаи назм мекашад, ки матлаб дар зеҳни хонанда хеле равшан инъикоси худро меёбад. Масалан, дар маснавии «Базми ҳайрат», ки сухан дар бораи базми шоҳона дар Шаҳрисабз меравад, шоир рақсу хурсандии аҳли базмро хеле ҷаззоб офаридааст:

**Дар он маҷмаъ ҷаҳоне ҷамъ гашта,**
**Чу парвона ба гирди шамъ гашта.**
**Қиёмат шӯрбазме гашта барпо,**
**Ҳаёти тоза дида мурдадилҳо.**
**Зи мутрибҳо баланд овози танбур,**
**Садои чанги нояш сурмаи сур.**
**Малак аз нағмаи мизмор беҳуш,**
**Зи овози дуҳулҳо раъд хомуш.**

Дар абёти сонӣ манзараи дилхушиву рақси аҳли маҳфил ба мушоҳида меояд, ки, воқеан, на танҳо аз назари тасвирсозӣ, балки аз назари бозтоби воқеоти таърихӣ ва расму оин низ қобили таваҷҷуҳ аст:

**Ҳама дар ҷилва масти ишваву ноз,**
**Ҳама дар дилрабойӣ сеҳрпардоз.**
**Ҳама дар рақсу бозӣ ҳамтарозу,**
**Гаҳе бар по даванду гаҳ ба зону.**
**Писар як бор, духтар бори дигар,**
**Замоне хоҳару вақте бародар,**
**Барои бурдани дилҳо ба найранг**
**Ниқоби ҷилва афканда ба сад ранг.**
**Гурӯҳе сӯфиён дар зикри ёҳу,**
**Ба гардун бурда фарёди ҳаёҳу.**
**Гаҳе ҳалқа зада чун ҳалқаи ҷом,**
**Майи тавҳид з-он нӯшида дар ком.**
**Гаҳе чун ғунча бар ҳам чида аврок,**
**Шуда гардан ба гардан, соқ бо соқ.**
**Ба гирдаш гарди бодосо ҷунунхез,**
**Каф оварда даҳонҳо гашта лабрез.**
**Ҳама гарми самову пойкӯбон,**
**Ҳама дар рақси дасту каллаҷунбон.**
**Чу мурғони ҳаво гаҳ дар паридан,**
**Чу моҳӣ гаҳ ба хушкӣ дар тапидан.**
**Ба гоҳи рақс то ҷон дар бадан буд,**

**Зи худ рафтан, ба худ бозомадан буд.**
**Дар он маҳфил гурӯҳи сеҳрпардоз**
**Ба чолокӣ ҳавопаймо, фалактоз.**
**Ҳама маззоҳи ширинкори солор,**
**Ки шуд шогирдашон чархи фусункор.**
**Ба шӯрангезии аҳли тамошо**
**Биороянд анвоъи ҳунарҳо.**
**Гаҳе миранд, гоҳе зинда гарданд,**
**Гаҳе зан, гаҳ хуносо, гоҳ марданд.**
**Чу холи лаъли ширин дар тасаввур,**
**Куҷо бошанд ҳиндуи шакарпур.**
**Гаҳе боло ҷаҳанд аз ҷой, гаҳ зер,**
**Сабукбору сабукруҳу сабуксер.**

Аз ду қасидае, ки дар девон ҷой дода шудааст, яке дар васфи Амир Музаффар гуфта шудааст ва дигаре дар ҳаққи муршиди шоир халифа Абдулсаттор. Ҳарду қасида ҳам аз лиҳози мазмун мадҳия аст ва шоир дар онҳо мамдуҳонашро бо камоли суханпардозӣ ситоиш намудаву дар ҳаққашон дуои хайр намудааст.

Беҳтарин сурудаҳои Сиратро дар анвои ғазал метавон мушоҳида кард.

Абёти зер гувоҳи тозагии фикру тасвир ва ҷазаботи ашъор аст:

**Бигзоштам ба рӯйи ту ин дидаи пуроб,**
**Бояд матоъи таршуда бурдан ба офтоб.**

Ин ҷо шоир рӯйи маъшуқи худро ба офтоб монанд мекунад ва дидаи пуроби худро ба матои таршуда ва маънии зебое ба бор меорад: чуноне ки офтоб бо нуру гармии худ матои таршударо хушк мекунад, дидаи пуроби ошиқ низ дар рӯ ба рӯйи чеҳраи хуршедии маъшуқ аз гиристан бозмемонад.

Дар ғазали дигар мегӯяд:

**Хаёли зулфи қади ёр мекунам, Сират,**
**Баландфикраму андешаи расо дорам.**

Ин байт мақтаи ғазалест бо радифи «дорам» ва мазмунан байти ифтихорист, ки дар он шоир аз фикри баланд ва андешаи расои худ фахр кардааст. Аммо ин матлабро дар пайвастагӣ бо қади баланди ёр ифода кардааст, ки дар ниҳоят баландии фикр ва баландии қади ёр таносуби зебое ба ҳосил овардааст.

Байти зерин бозгӯйи матлаби маъруф аст дар бораи беқадрии гули коғазин ва беарзишии ҳунари тақлидгар. Шоир ин маъниро хеле латиф ба силки назм кашидааст:

**Кайфияти таҳқиқ зи тақлид маҷӯед,**
**Ҳаргиз гули коғаз ба димоғе надиҳад бӯ.**

Дар ашъори Сират такрори овозу калимот, ки барои хушоҳангии шеър мусоидат менамояд, ба назар мерасад:

**Шикани дил шикани тарфи кулоҳ аст маро,**
**К-ин шикан дар шикани зулфи шикан дар шикан аст.**

Дар байти мазкур 6 маротиба калимаи «шикан» такрор шудааст, вале такрори маҳз нест, дар ҳар маврид матлаби дигаре дар назар аст.

Дар байти зерин низ ҳамин ҳодисаи забонӣ ба назар мерасад, ки имкон дорад онро чун навъи таҷнис низ шарҳ диҳем:

**Оламе ҳасрати дидори ту дар дил доранд,**
**Доғи чун лола чу ман, сад чу ман аз ин чаман аст.**

Вожаҳои «чу ман», «чу ман» ва «чаман» мисраи дуюми шеърро хеле латифу хушоҳанг кардаанд.

Ҳунари тасвиргарии шоир дар ағлаби ғазалиёти ӯ ба хубӣ зуҳур кардааст. Ӯ ранги сурхи ҳинороро, ки дар пои маъшуқ бастаанд, бо ранги хуни худ қиёс мекунад ва имтиёзи ҳинороро, ки лаззати пойбӯсии кафи пои ёр насибаш аст, бо алам ва ҳасад зикр мекунад:

**Чанд хунам гиламанди кафи раъно бошад,**
**То ба кай лаззати побӯсӣ ҳиноро бошад?!**

Ҳамин матлабро ба тариқи дигар дар ғазали зерин низ баён намудааст:

**Ба пойбӯсии ту кай ҳино расад, ман ҳам**
**Зи ашки хуншуда ранги гули ҳино дорам?!**

Ғазалиёти Сират басо ширину намакин ҳастанд. Дар баъзе ғазалҳо шоир сар то ба по ҷиносро чунон моҳирона ба кор бурдааст, ки ба шеъри ӯ лаззати нотакроре ато намудааст:

**Тугма аз банди қабо дармакушоию бикушой,**
**Як дам аз пераҳани худ бибароию ба бар ой!**
**Шиша пурмай куну соқӣ, қадаҳ аз каф магузор,**
**Шаби васл аст, муғаннӣ, ба сар оию, бисарой.**
**Хонаи дил, ки ман аз ғайри ту пардохтаам,**
**Ба фусунҳои рақибон мадароию ба дар ой.**
**Ҳайрати дидаам аз оина кам нест маро,**
**Лутф кун, чеҳра тағофул манамоию бинамой.**
**Сират, аз қомати хам ҳалқа бар он дар задааст,**
**Як дам аз хона, карам кун, ба дар оию бидарой!**

Чунин ба мушоҳида расид, ки таҷнис аз саноеъи писандидаи Сират аст ва ӯ дӯст медорад, ки вожаву таркибҳои зоҳиран ҳаммонандро бо тобишҳои тозаву ғайриинтизор ба кор барад:

**Абрӯйи ту гуфтам ба яқин ҷон бириситонад,**
**Дарҳам шуду гуфто, чӣ гумон аст, камон аст.**

Ин ҷо вожаҳои гумон ва камон, ки ба хати форсӣ тарзи ягонаи навишт доранд, як навъи таҷнис мебошанд.

Дар рубоии зерин низ ҳамин санъат устодона ба кор рафтааст:

**Дӣ соғари май бахт ба дастат додам,**
**Фарёд, ки имрӯз зи дастат додам.**

**Сабру хираду ҳуш зи дастат додам,**
**Дар гӯши ту кай расад, зи дастат додам?!**

Дар ин рубоӣ таркибҳои «ба даст додан» ва «зи даст додан» гоҳе ба маънии узви инсон ва гоҳи дигар ба маънии маҳрум шудан аз чизе ифода ёфтаанд.

Сират аз пайравони сабки Бедил аст ва ба маъниҳои печидаву таъқид, ба таркибу ибороти сабки ҳиндӣ майли зиёд дорад. Вожаҳои пуркорбурди шеъри Бедил, аз қабили *ойина, ранг, бӯ, ҳайрат, ҳубоб, мавҷ, аҷз, ҷилва, фано, ваҳшат, ҷавлон, имкон, ваҳм, муҳит, рақам, шикаст, ҷунун, ҳасрат* ва ғайра фазои шеъри ӯро пур карда, ба шеъри ӯ накҳати чаманистони ашъори Бедилро интишор намудаанд. Таркибу ибораҳои сабки Бедил низ, мисли «рамзошнои қоидаи интихоб», «ранги вафо», «қайди фано», «шикани дил», «шикани тарфи кулоҳ», «таслими соя», «тӯфони хоб», «мавҷи муҳит», «субҳи ҷунун», «субҳи айш», «ҷайби шом», «рақами мавҷ», «ранги имкон», «оинадори кулфат», «тилисми ҷаҳоннамо» барои ифодаи матолиби шоир коргар омадаанд. Сират дар ашъораш калимаҳои мураккабро низ бавофир истифода намудааст:, «ҷилванигор», «товусҷилва», «алампараст», «тиратабъ», «балосайд», «тамомойина», «хасмтимсол», «ҳарзадавӣ» ва ғайра. Масалан, дар байте мегӯяд:

**Ҷаҳони ҷилванигоре маро дар оина аст,**
**Сикандарам, ки тилисми ҷаҳоннамо дорам.**

Дар байти дигар вожаи «хасмтимсол»-ро хеле бамавқеъ истифода намудааст:

**Хун шав, эй оина, дар ҳасрати акси рухи ёр,**
**Хасмтимсол бувад ҳусн, ки якто бошад.**

Вожаи «оина» дар шеъри Бедил ва пайравони сабки ӯ аз калимоти калидӣ буда, нақши он дар тасвирсозӣ хеле равшан аст. Ба ғайр аз он ки шоир ғазали комиле дорад бо радифи «ойина» (ин ғазал аз осори номатбуи шоир аст, ки

дар тазкираи Абдӣ маҳфуз мондааст ва мо онро аз ҳамин сарчашма интиқол намудаем), бо истифода аз ҳамин калима мазмунҳои нафисе сохтааст. Чунончи:

**Диламро хонаи *оина* бинмой…**

***

**Ман аз дил дил зи ман *оина* медид…**

***

**В-арна кай *оинаи* мо туҳмати зангор дошт…**

***

**На ҳамин *оина* аз шарми рухат обасту бас…**

***

**Ҳайрат зи дил бар *оинаи* дида об рехт…**

***

**Чизе натавон дид дар *оинаи* зону …**

Яке аз анвои дилпазири ашъори Сират муфрадот аст, ки дар он табъи баланду сухани обдори ӯ ба сароҳати комил ба мушоҳида меояд. Масалан, дар фарде бо камоли устодӣ иҳомро ба кор бурда, мегӯяд:

**Раҳини миннати гӯши гарони хештанам,**
**Ки то баланд набошад сухан, намешунавам.**

Табиист, ки дар ин байт сухан аз овози баланд нест, чунонки маънии зоҳирии шеър далолат медиҳад, балки аз маънии баланд аст, ки на ҳар кас қудрати гуфтани онро дорад. Зимнан, шоир ба завқи баланду дерписанди худ низ ишора мекунад ва мегӯяд, ки на ҳар ки сухан манзум мекунад, мавриди эътибори ӯ қарор мегирад.

Дар фардбайти дигар мегӯяд:

**Ман фироқи ёр дӯзах гуфтаму кардам ғалат,**
**Нори дӯзах сӯхтан дорад, вале ҷонсӯз нест.**

Дар бораи инсонҳои беимон, ки рахна ёфтани имонашон ҳаргиз боиси озурдахотирии эшон намешавад ва барои ин тоифа ба анборашон ворид шудани муш ғамовартар аст, гуфтааст:

**Агар сад рахна дар имон шавад, ҳолаш надорад ғам,**
**Аз ин ғамгин шавад ногаҳ шикофад муш анбораш.**

Дар бораи ҳамдастиву ёварӣ ба ҳамдигар, ки асоси равнақу пешравист, дар фарди зерин гуфтааст:

**Ривоҷу равнақи улфат зи дасти якдигар бошад,**
**Надорад лутф он мисраъ, ки танҳо дар китоб афтад.**

Ба андешаи шоир, инсони танҳо ба мисли мисраест, ки ҷудо аз байт дар китоб танҳо меояд ва маънии он ҳаргиз комил нест.

Сират дар гуфтани моддаи таърику муаммо низ аз устодони баландмартаба аст. Дар девони Сират ин анвои шеърӣ зиёд ба назар мерасад. Моддаҳои таърихе, ки шоир ба муносибати соҳиб шудан ба садорати илмӣ, таърихи фатҳи Ҳисор, таърихи меҳмонхона, бинои мадрасаи Кошғарӣ иншо намудааст, аз завқи баланду табъи равони ӯ дарак медиҳанд.

Ҳамин тариқ, баррасии аҳвол ва осори домулло Абулфазли Сират ба хулосае меорад, ки номбурда аз фузалои замони худ буда, дар улуми мухталифи диниву дунявӣ тасаллути комил доштааст ва аз ашхоси боэътибори нимаи дувуми садаи XIX маҳсуб меёфтааст. Дафтари шеъре, ки аз ӯ ба ёдгор мондааст, ҳовии ашъори рангину дилнишин дар анвои гуногуни шеър: соқиномаву маснавӣ, қасидаву ғазал, рубоиву қитъа, муфрадоту муаммо ва моддаи таърих мебошад. Аммо ашъори пароканда ва номатбуи шоир дар дигар сарчашмаҳо низ ёфт мешавад.

Аҳли адаб ба ҳунари шоирии Сират баҳои баланд додаанд ва баррасии иҷмолии шеъри ӯ дар ин навишта қавли мазкурро собит менамояд. Шоиста аст, ки Сират ба унвони яке аз муваффақтарин пайравони сабк ва мактаби адабии Бедил дар садаи XIX шинохта шуда, соҳиби табъи расо ва фикри баланд будани ӯ тасдиқ гардад.

**Пайнавишт:**

1. *Абдӣ, Абдуллоҳхоҷа*. Тазкират-уш-шуаро / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо; зери назари Саҳобиддин Сиддиқов. – Душанбе: Дониш, 1983. – 291 саҳ.

2. *Айнӣ, Садриддин*. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе, Адиб, 2010. – 448 с.

3. *Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ*. Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ил-асҳоб : Матни интиқодӣ / Бо муқаддима ва тасҳеҳи Асғари Ҷонфидо; зери назари Абдулғанӣ Мирзоев. – Душанбе: Дониш, 1977.

4. *Муҳтарам, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ*. Тазкират-уш-шуаро / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо; зери назари Камол Айнӣ. – Душанбе, Дониш, 1975. – 370 + 6 с.

5. *Пирмастӣ, Афзал-махдум*. Афзал-ут-тазкор фӣ зикр-и-шшуарои ва-л-ашъор. – Шакли электронӣ.

6. *Садри Зиё, Шарифҷон-махдум*. Тазкори ашъор. – Теҳрон: Суруш, 1380. – 428 с.

7. *Сират, Абулфазл*. Девон. – Хазинаи дастхатҳои шарқии Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Шумораи 858.

8. *Ҳашмат, Мирсиддиқхон*. Тазкират-уш-шуаро. – Ганҷинаи дастнависҳои шарқии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ. – Тошканд, дастхати № 2728. – 104 с.

9. *Ҳодизода, Расул*. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX. – Душанбе: Дониш, 1968. – 294 с.

10. *Шаръӣ, Ҳоҷӣ Абдулазим*. Тазкираи Шаръӣ. – Ганҷинаи дастнависҳои шарқии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ. – Тошканд, дастхати №3396/111.

# МУРУРЕ БА АҲВОЛ ВА АШЪОРИ САДРИ САРИРИ БАЛХӢ

Қозӣ Абдулвоҳид Садри Сарири Балхӣ аз фозилон ва равшанфикрони садаи XIX буда, ба унвони шоир, насрнавис, олим, хаттот ва донишманди фунуни шаръӣ шинохта шудааст. Дар бораи ӯ дар аксари сарчашмаҳои охири асри XIX-ибтидои асри XX, аз ҷумла тазкираҳои Возеҳ, Афзал, Муҳтарам, Ҳашмат, Садри Зиё, Абдӣ, Айнӣ маълумоти гоҳе муфассал ва гоҳе мухтасар омадааст. Аз ахбори ин сарчашмаҳо маълум мешавад, ки Садри Сарир соли 1809 дар Балх ба дунё омада, пас аз таҳсилоти ибтидоӣ дар зодгоҳ ба Бухоро меояд ва дар мадраса улуми зиёдеро мисли аҳодису тафсир, фиқҳу усул, маониву бадеъ, ақсоми шеъру наср, анвои хат фаро мегирад. Чунонки Садри Зиё дар «Тазкори ашъор» менависад:

**Яке аз бузургони Балхидиёр**
**Биёвард ташриф андар Бухор.**
**Лақаб Қозии Садру Воҳид ба ном**
**Сарафрозу мумтоз байналаном.**
**Варо буд ҳилму адаб он қадар,**
**Ки берун намудӣ зи тавқи башар.**
**Ба дониш бад-он сон баровард ном,**
**Ки гардид машҳур бо хосу ом.**
**Камолоти он буд берун зи ҳаср,**
**Ваҳиди замон буду яктои аср.**
**Аҳодису тафсиру фиқҳу усул**
**Бувад бартарин рутбааш дар вусул.**
**Ба илми маониву илми бадеъ**
**Варо пояи қадр будӣ рафеъ.**
**Ба ақсоми шеъру ба анвои хат**
**Нафири анову аҳад зад фақат.**

**Тахаллус дар ашъор дорад Сарир,**
**Санохони Саййид Музаффар амир.**
**Ба насри сухан буд он сон фарид,**
**Кас андар замона назираш надид [7, с. 125].**

Аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳо ӯ пас аз хатми мадраса панҷоҳ сол дар Комоту Каждумаку Ғиждувон дар мансаби қозигӣ фаъолият доштааст ва бисёр парҳезгор буда, ҳамеша ба нафъи мардум кор мекардааст ва «матои ҷаҳон пеши чашмаш ҳақир» будааст:

**Ба амри қазо буд парҳезкор,**
**Аз ӯ халқ хушнуду ҳам кирдгор.**
**Ба зуҳду ибодат адимунназир**
**Матои ҷаҳон пеши чашмаш ҳақир.**

Тибқи маълумоти Садри Зиё дар замимаи «Тазкори ашъор» Садри Сарир хеле пурмутолиа буда, «аз ду ҳазор китоб бештар дар китобхонаи он ҷаноб ҷамъ шуда буд; ин ҷумла тамоман аз назарашон гузашта, тасҳеҳу таҳрир ёфта». Маълум мешавад, ки ба ғайр аз китобхонаҳои хусусии Қозӣ Бурҳонуддини Садр, Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ ва Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, ки дар сарчашмаҳо чун бузургтарин китобхонаҳои хусусии Бухорои охири асри XIX-ибтидои асри XX маъруфанд, китобхонаи Садри Сарир низ хеле ғанӣ будааст.

Шоири маъруф Сират дар илму адаб шогирди ӯ будааст.

**Ҳамон Аълами Садри «Сират»-лақаб,**
**Зи талмизи ӯ дон ба илму адаб.**

Дар синни ҳафтоду нуҳсолагӣ, пас аз панҷоҳ соли қозигӣ, соли 1886 дар Ғиждувон чашм аз дунё пӯшидааст:

**Ба Комоту Каждумаку Ғиждувон**
**Зи алтофи хоқони соҳибқирон**
**Муқайяд будӣ он ҳамидахисол**
**Ба амри қазо қурби панҷоҳ сол.**

**Чу умраш ба ҳафтоду нуҳ даррасид,**
**Фиристод бонии ҷаннат навид.**
**Қазои илоҳӣ расидаш бад-он**
**Дар аснои қозигии Ғиждувон [7, с. 125].**

Маълум мешавад, ки Садри Зиё ба ӯ эҳтиром ва иродати хос доштааст, зеро дар бораи ӯ дар чандин асари хеш маълумот додааст. Аз ҷумла дар «Асомӣ-юл-кутуб» хати ӯро бо хати Исо-махдум муқоиса намуда, шабоҳати онҳоро зикр мекунад ва қуввати насри Садри Сарирро зиёдтар меҳисобад. Инчунин дар 9 байт шарҳи ҳол ва сифатҳои ин марди некномро номбар мекунад, ки дар муқоиса бо матни «Тазкори ашъор» тафовут дорад [13, с. 195]. Дар феҳристи китобхонаи Садри Зиё чандин асари Садри Сарир оварда шудааст, ки баъзеи онро худи Зиё китобат карда будааст. Аз ҷумла «Тарҷумаи аҳволи қозӣ Абдулвоҳид Садри Сарир», «Ҳалли луғот», «Руқъа дар ҷавоби истиҷоза», «Руқаот», «Мақоми истиқболия», «Саводи арза аз ваҷҳи камобии вилояти Қарокӯл», «Мактуб ба амир Музаффар», «Ёддоштҳои манзум», «Матнҳои мансур ва манзум», «Муншаот ва мактубот» ба қалами ӯ ба ин феҳрист ворид шудаанд [13, с. 298-300]. Садриддин Айнӣ низ дар «Ёддоштҳо» аз воқеаи муҳимми кандани рӯди Шофирком бо сарварии қозӣ Садри Сарир ёдовар шуда, ин кори ӯро барои ободии диёр хеле муҳим меҳисобад. Аммо чанде нагузашта, ин рӯдро бо супориши амир вайрон мекунанд ва қозӣ дар пеши чашмаш нобуд шудани тамоми ободкориҳои худро дида, «ба амиру мансабдорони ӯ нафрат карда, бе он ки истеъфо диҳад, намоишкорона қозигии Ғиждувонро партофта, ба Бухоро – ба хонаи худ рафт ва дар он ҷо якчанд рӯз хобида ғуссамарг шуда вафот намуд. (Қозӣ Абдулвоҳиди Сарир аз ҳамфикрони Аҳмад-махдуми Дониш буд, аммо ӯ ғайрифаъол буда, ғазаби иҷтимоии худро изҳор карда натавонист ва монанди каҳдуд дарун-дарун сӯхта мурд) [2, с.

59]. Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» борҳо қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарирро ном мегирад ва аз эҳтирому муҳаббати хоси падараш нисбат ба ӯ ёдовар шуда [2, с. 92] таъсири ин шахсияти бузургро ба тағояш Қурбонниёз таъкид мекунад [2, с. 189].

Дар таърихи вафоти ӯ Мирзоазими Сомӣ шеъре гуфта, ки бисёр фазилатҳои шахсияти ин марди хирадманд ва парҳезгор аз он равшан мешавад:

**Қозӣ Абдулвоҳиди Садр, он хирадманде, ки буд**
**Аз сарири хомааш ҳосил адоҳои латиф.**
**Аз шакарафшонии килки маонипарвараш**
**Коми арбоби фазилат дида лаззоти назиф.**
**Тавсани фикри дақиқаш гармҷавлон гар шудӣ,**
**Форисони арсаи дониш куҷо гаштӣ радиф?!**
**Он қадар болодавиҳо дошт фикри соқибаш,**
**К-аш нагаштӣ ақли аввал воридоташро радиф.**
**Мавлидаш Балху Бухоро маскану машраб сафо,**
**Бо мизоҷи ҳар ки меҷӯшид аз хӯи муниф.**
**Чун зарур афтод амри ногузираш аз қазо,**
**Тоифан биллоҳ шуд дар ҷаннатулмаъво вақиф.**
**Доғ шуд фазлу адаб хун гашту дониш хок шуд,**
**Гашт яксон дар назарҳо ҳар тариду ҳар тариф.**
**Аз фироқаш толибонро садмаи сахте расид,**
**Шӯри маҳшар шуд ҳувайдо аз адоҳои аниф.**
**Нест мумкин даҳр баъд аз қарнҳо пайдо кунад**
**Мисли ӯ қозии шаръу ҳомии дини Ҳаниф.**
**Шуд пайи гул кардани соли висоли реҳлаташ**
**Доду оҳу нола берун аз Бухорои Шариф [7, 126].**

Тибқи моддаи таърих ихроҷи «доду оҳу нола» аз «Бухорои шариф» баробар ба 1303 / 1886, яъне соли вафоти Садри Сарир мешавад. Устод Айнӣ дар бораи ӯ менависад, ки «дар вараъу парҳезгорӣ ба дараҷае буда, ки дар зарфи панҷоҳсола қозигӣ дар боби хидматҳои хусусии худ

имдоду ёрмандии шахсеро ва хидматгореро қабул накардааст. Дар овони шавкату ҳашмат, ки аз дари хонааш доимӣ 20-25 нафар нон мехӯрданд, касе ривоят накардааст, ки оби таҳораташро аз хизматгоре омода кунонда бошад» [3, с. 265].

Муҳтарам дар ҳаққи ӯ гуфта:

**Туйӣ, ки хома ба дастат забон занад ба сарир,**
**Хиҷолат аст зи эъҷози ту Масеҳоро.**
**Туйӣ, ки ҷон ба сухан медиҳӣ ба ҳар беҷон,**
**Хироми хома гувоҳӣ бас аст биноро.**
**Туйӣ, ки ғулғули васфи сарири хомаи ту**
**Ба ҳафт калъаи Мино фиканда ғавғоро [6, с. 203].**

Намунаҳои ашъори ӯ, ки дар тазкираву баёзҳо боқӣ мондаанд, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки шоир дар марҳалаи аввали эҷодиёташ майл ба бедилгароӣ доштааст. Дар тазкираву баёзҳо аз ӯ якчанд ғазал, қитъа, рубоӣ ва фард сабт шудааст. Дар ягон сарчашма аз мавҷудияти девони ӯ хабар нест. Дар аксари ғазалҳо баъзе нишонаҳои сабки ҳиндӣ ба мушоҳида омад, ки аз ҷумла маъниҳои печида, вожаву таркибҳои мураккаб, фазои фикрии махсус хоси ин сабк мебошанд. Чунончи, танҳо бо радифи «оинаро» дар тазкираи Возеҳ 4 ғазал оварда шудааст. Ҷолиб он аст, ки ин ғазалҳо дар пайравӣ ба ғазалҳои шоирони замон чун ҷавобия ё татаббуъ ба қалам омадаанд ва мисли ин ки радифи мазкур низ чун чанд радифи дигар, мисли радифи «ангушт» дар шеъри шоирони аҳд мизони санҷиши ҳунар будааст. Аз он чаҳор ғазал, ки сабт шудааст, ғазали аввал ин аст:

**Акси рӯят карда гулшан дастгоҳ оинаро,**
**Ҳам бар ин даъво ниҳам пешат гувоҳ оинаро.**
**Ғайри истиқболи нозат нест сомони ғурур,**
**Андаке дар ҷилва обаш кун кулоҳ оинаро.**
**Сайъи мо дар софии дил нест бе тамҳиди нафъ,**
**Ҳусн дорад илтифоте гоҳ-гоҳ оинаро.**

**Гар кунам бо ҷилваи тоқатгудозат рӯ ба рӯ,**
**Мешавад ҷавҳар замоне узрхоҳ оинаро.**
**Бар хусуфи маҳ сабаб ҷуз дурии хуршед нест,**
**Бе рухат уфтод бас рӯзи сиёҳ оинаро.**
**Як қалам мазмуни найранг аз хатат фаҳмиданист,**
**Гардад ин ҷо ҷавҳари об зери коҳ оинаро.**
**Табъи ғаммозон ҳамон дар зери кулфат беҳтар аст,**
**Занг шуд дар айбҷӯӣ садди роҳ оинаро.**
**Нест ҷинси худписандӣ боби арбоби камол,**
**Юсуфе дорам, ки донад қаъри чоҳ оинаро.**
**Ҷилвамуштоқ аст ҳусни ӯ чӣ созад кас, Сарир,**
**В-арна мекардам сиёҳ аз дуди оҳ оинаро [4, с. 134].**

Ин ғазал, ки дар тазкираи Возеҳ аз 9 байт иборат аст, дар «Тазкори ашъор» 12 байт дорад. Дар «Намунаи адабиёти тоҷик» низ 9 байти он омадааст. Дар «Намуна» ғазал бо «Ашки рухат» оғоз меёбад, дар сарчашмаҳои дигар бошад «Акси рухат» сабт шудааст. Дар тазкираи Садри Зиё ба ҷойи «Сайъи мо дар софии дил нест бе тамҳиди нафъ» мисраи «Ҷилва манзур аст, агар мо содалавҳ афтодаем» омадааст. Маълум мешавад, ки сарчашмаи мавриди истифодаи тазкиранигорон аз ҳам фарқ доштааст, зеро на танҳо аз назари миқдори байтҳо, балки истифодаи баъзе калимаву таркибҳо низ ин ғазал дар ду тазкира аз ҳамдигар тафовут дорад.

Муқоисаи ин ғазал дар тазкираҳои Возеҳ ва Садри Зиё нишон дод, ки байти зерин дар тазкираи Возеҳ ҳаст, аммо дар тазкираи Садри Зиё нест:

**Гар кунам бо ҷилваи тоқатгудозат рӯ ба рӯ,**
**Мешавад ҷавҳар замоне узрхоҳ оинаро.**

Чаҳор байти дигар дар «Тазкори ашъор» ҳаст, вале дар тазкираи Возеҳ ҷой надорад:

**Дар ҳақиқат рӯят ар хуршед набвад, аз чӣ рӯ**
**Дид ҳар кас, кард бар моҳ иштибоҳ оинаро?!**

**Ҷуръати қатли заифон теғ бар худ рондан аст,**
**Эй ки кардӣ равшан аз мардумгиёҳ оинаро.**
**Хок бар сар, чашм бар дар ҳамчу ман истодааст,**
**Эй тағофулпеша, кардам иктиноҳ оинаро.**
**Бе ҳузурат нест дилро чора аз арзи гудоз,**
**Бурқаъ аз рух барфикан, чандин макоҳ оинаро.**
**[7, с. 128]**

Чунонки гуфтем, дар манбаъҳо чаҳор ғазали Садри Сарир бо ҳамин радиф сабт шудааст.

Ғазали дувум:

**Ҳар куҷо бо дидаат дидам дучор оинаро,**
**Ёфтам аз хеш ҳайратмустаъор оинаро.**
**То нигоҳе аз сари зулфат тасаввур кардааст,**
**Баҳросо гашта аз анбар канор оинаро.**
**Машраби ҳусни ту дар даврони хат гардид танг,**
**Кард ҷӯши ҷавҳар охир дар ҳисор оинаро.**
**Ҳайрати мо ояти ҳусни туро тафсир кард,**
**Пур мадон дар базми васлат ҳеч кор оинаро.**
**Сафҳаи дил як қалам бар боди сайқал додаам,**
**Баски кард он ҷилва рӯзе комгор оинаро.**
**То ба теғи барқи ҳусни ӯ сипардорӣ кунад,**
**Бастааст оина аз ҷавҳар чаҳор оинаро.**
**Чун Сарири содадил бар касби дониш пар мапеч,**
**Гарди ҷавҳар дур карда, базми ёр оинаро [4, с. 134].**

Ғазали севум:

**Ҳар куҷо машшота орад дар амал оинаро,**
**Тинати ман мешавад ниъм-ал-бадал оинаро.**
**Аз чӣ рӯ дар боргоҳи ҷилва месозад савор,**
**Гар зи ҷавҳар нест дар чашмаш сабал оинаро?!**
**Ай ҷаҳони ноз, то дилҳо нагардад ноумед,**
**Бор деҳ дар базми васлат лоақал оинаро.**
**Мешавад равшан бибинӣ гар хаёлашро ба дил,**
**Будани хуршеди тобон дар бағал оинаро.**

**Нест як гулранги шӯхӣ он баҳори нозро,**
**Кард як сар чашми худ тули амал оинаро.**
**Сурати бетобии шавқам тамошо карданист,**
**Ҳар куҷо пардозад он шӯх аз кафал оинаро.**
**Чун ба ҳарфи сарди носеҳ дил тараф гардад, Сарир,**
**Нест ҳаргиз бо касе тоби ҷадал оинаро [4, с. 135].**

Ғазали чорум:

**Бо рухи гулшантирозат кун дучор оинаро,**
**То кунӣ қодир ба эҷоди баҳор оинаро.**
**Баски ҳайратгаштаи теғи тамошои туам,**
**Ҷой дорад гар кунам лавҳи мазор оинаро.**
**Ай дил, ин миқдор арзи ҷавҳари тоқат макун,**
**Мегудозад ҷилвааш симобвор оинаро.**
**Аз сафо то чанд лофад, бурқаъ аз рӯ барфикан,**
**Ҳам зи ҷавҳар бишканад дар дида хор оинаро.**
**Андаке бихром берунтар зи оғӯши ниқоб,**
**Чанд хоҳӣ тира бошад рӯзгор оинаро.**
**Гар ҳама акс аст бар маъдуми мутлақ тухмат аст,**
**Ҳастии ман кард охир шармсор оинаро.**
**Аз Сарири дил мусаффо карда бар доман мапеч,**
**Эй ки дар даври рухат ҳаст эътибор оинаро [4, с. 135].**

Дар иртибот бо радифи «оинаро» дар тазкираи Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ ишорат бар он нукта ҳаст, ки Қозӣ Абдулвоҳид, ки падарарӯси Султон ном шоир будааст ва ӯ аз эшон китоби «Миръот-ул-хаёл»-ро ба орият гирифта дар баргардонидани он таъхир кардааст, қозӣ ба ӯ навиштааст, ки: «Оинаи хаёл ситоиш намудаем, З-оинаи хаёл чаро фориғӣ ҳанӯз?», дар ҷавоб менависад, ки:

**Як даме фориғ зи «Миръот-ул-хаёл»-ат нестам,**
**Чун кунам, гар дам занам гарди ғубор оинаро.**
**[1, с. 118]**

Маълум аст, ки дар асри XIX ва ибтидои асри XX ҷавобиянависӣ аз равандҳои маъмули адабӣ буд. Дар ин за-

мон аксари шоирон ба ашъори Бедил пайравӣ карданд ва дар ибтидои асри XX ба чандин ғазали амир Абдулаҳадхон, ки бо тахаллуси Оҷиз шеър мегуфт, сабқатҳои шоирон даргир буд. Ба вуҷуд омадани чандин маҷмуаҳои «Радоиф-ул-ашъор» низ аз ҳамин анъана сарчашма мегирад. Бедилро, ки «шоири оинаҳо» гуфтаанд, шоирони зиёде ба тарзи ӯ, дар татаббуъ ва пайравӣ ба ғазалҳои ӯ шеър мегуфтанд. Бидуни шак, ғазалҳои Садри Сарир низ идомаи ҳамин анъанаи ҷорӣ буд. Дар девони Бедил якчанд ғазал бо радифи «оинаро» дар ҳамон баҳри рамали мусаммани маҳзуф ба назар расид, ки абёти матлаашон инҳост:

**Бо баду нек аст якрангӣ ҳавас оинаро,**
**Нест изҳори хилофи ҳеч кас оинаро.**
**Ҷилваи ӯ дод фармони нигоҳ оинаро,**
**Ҳола кард охир ба рӯйи ҳамчу моҳ оинаро.**

Он нукта, ки ғазалҳое бо ин радиф чун ҷавобия хеле зиёд гуфта шудаанд, исботи худро дар эҷодиёти Фитрат, Исо, Анбар, Возеҳ, Ғайбӣ ва дигарон пайдо мекунад. Чунонки Қурбонхони Фитрат мегӯяд:

**Чанд бошад дида маҳви он нигор оинаро,**
**Ё Раб, аз мижгон халад дар дида хор оинаро.**
**Мекунад найранги ҳусни он бути паймоншикан,**
**Оқибат бар хок фарши интизор оинаро.**
**То гирифт аз ноз он хуршед аз рӯяш ниқоб,**
**Тира шуд чун рӯзгорам рӯзгор оинаро.**
**Чор шуд чашмам ба роҳаш, лек з-он рӯ ғуссаам,**
**К-интизорӣ баст бар қатлам чаҳор оинаро.**
**Бар нагирад ҳеч ҷо ором Фитрат ин қадар,**
**Шавқи дидоре, ки дорад беқарор оинаро [4, с. 163].**

Исо-махдум низ бо ин радиф ғазали зебое дорад:

**То ба рухсори маҳат кардӣ дучор оинаро,**
**Гашт ҷавҳар панҷаи ӯ бар узор оинаро.**

**Ин чӣ ошӯб аст, ё Раб, карда акси ҷилвае,**
**Гарми ҳайрони ҳамин чандин ҳазор оинаро?!…**
**Чун ҳубобам мавҷи теғат то расад аз шаш ҷиҳат,**
**Баста дидам дил ба шамшерат чаҳор оинаро.**
**Бар рухат шуд ҳамчу дасти акси даст равшан хатат,**
**Кард яъне тира охир рӯзгор оинаро.**
**Дил ба бераҳми тағофуликтидоре додаам,**
**Кардаам бо санг аз ғафлат дучор оинаро.**
**Мезанад аз панҷаи ҷавҳар ба фарқи худ магар,**
**Кард акси ҷилваат ҳайратшиор оинаро.**
**Софии тинат далели эҳтиром афтоду бас,**
**Гоҳ дил хонанду гаҳ рухсори ёр оинаро.**
**Меваи дониш саропо ҳайратоин асту бас,**
**Гашт Исо ҷавҳар андар сина хор оинаро. [5, с. 23-24]**

Мирзо Муҳаммад Содиқи Марвии Самарқандӣ, ки бо тахаллуси Матлаб маъруфият дошт, низ дар ин радиф ду ғазали ҷавобия навишта будааст:

**Гар ба рӯйи хештан созад дучор оинаро,**
**Акси рухсораш кунад рашки баҳор оинаро.**
**Комёбони рухатро доғи нокомӣ балост,**
**Кушт чун ман заҳмату ранҷи хумор оинаро.**
**Ҳоҷати машшота набвад рӯйи зебои туро,**
**Ҳаққи ҳусни худ, биё, аз каф гузор оинаро.**
**Кишти ҳайратпеша сабз аз оби барҷомондагист,**
**Нест ғайр аз мавҷи ҷавҳар обёр оинаро.**
**Саъй дар забти нафас кун пеши равшантинатон,**
**Тира созад оҳи беҷо рӯзгор оинаро.**
**Ҳеч касро ҷавҳари кайфияти ҳусни ту нест,**
**Як ба як дидам дар ин маҳфил ҳазор оинаро,**
**Кард Матлаб нуктае з-он лаъли шаккарфориқам,**
**Рашҳи назмаш сохт яксар марғзор оинаро. [4, с. 213]**

Ғазали дигари Матлаб:

**Гирад он хуршедрух дар даст агар оинаро,**
**Заррасон ҷавҳар ба рақс ояд ба бар оинаро.**

**З-оташи рухсораат дур, эй бути оташмизоҷ,**
**Мавҷи ҷавҳар гашт андар дил шарар оинаро.**
**Ҷавҳари фитрат намояд мардро мақбули халқ,**
**Гулрухон доранд з-он рӯ дар назар оинаро.**
**Дарди маъшуқони тамкинхӯ гаронам кардааст,**
**Бишканад гар акси ман афтад камар оинаро.**
**Гар шабе аз саргузашти хештан лаб во кунам,**
**Оварад афсонаи ман дарди сар оинаро.**
**Матлаби мо мешавад з-оина равшан пеши ёр,**
**Ҷойи хат қосид ба кӯйи ӯ бибар оинаро [4, с. 213].**

Дар ашъори Возеҳ низ ҷавобияи зерин ба мушоҳида омад:

**То кашид он шӯх аз мастӣ канор оинаро,**
**Ҷайби доман кард пургул чун баҳор оинаро.**
**Бо рухи некӯйи ӯ худро муқобил мекунад,**
**Хатти бутлон шуд зи ҷавҳар бар узор оинаро.**
**Обрӯ хоҳӣ агар аз чарх, бо дониш мапеч,**
**Содагӣ афзуд қадри эътибор оинаро.**
**Софтинатро кудуррат зуд аз дил меравад,**
**Як нафас бошад, агар бошад ғубор оинаро.**
**Ҷилваи маъшуқро бошад зи ошиқ ногузир,**
**Ҷазби ҳусн орад бурун аз кӯҳсор оинаро.**
**Рашкаш, эй турки сипоҳӣ, дил дунимам кардаӣ,**
**Кай бувад бинам ба шамшерат чаҳор оинаро?!**
**Баски бурдам орзуи содарӯёнро ба хок,**
**Мекунам, Возеҳ ба худ лавҳи мазор оинаро. [4, с. 247]**

Ғазали Ғайбӣ Ҳоҷӣ Домулло Сайидғайбуллохони Вобкандӣ низ бо риояи ҳамин анъана гуфта шудааст:

**Оразат то кард бо худ рози дил оинаро,**
**Шуд арақрези хиҷолат рӯйи ноз оинаро.**
**Чеҳра бинмудӣ зи бас аз пардаи асрори ишқ,**
**Ин таҷаллӣ кард, дарсӯзад гудоз оинаро.**

**Мавҷи дунёи камолат шуд гуҳарафшони ноз,**
**Ҳамчу гавҳар кард ғарқоби ниёз оинаро.**
**Дар сафи ушшоқ маҳви ҳайрати дидор буд,**
**Дод ҳуснат аз суҷуди имтиёз оинаро.**
**Турфа равшангар, ки дар санъат ба чашми аҳли ҳуш**
**Карда аз ҷӯши сафоят дилнавоз оинаро.**
**Эй нигоҳат дода мастӣ дар дили махмури ҷон,**
**Дӣ ҷамолат карда доим сарфароз оинаро.**
**Мекунад арзи хиҷолат ҷавҳарам аз инфиол,**
**Шояд аз лутфи ту бинам чеҳрабоз оинаро.**
**Дидаи Ғайбӣ надорад гарчи анвори шуҳуд,**
**Лек дорад пешрӯяш чорасоз оинаро [12, с. 94].**

Имкон дорад, ки бо ин радиф аз шоирони дигар низ ғазалҳо оварда шавад. Аммо ҳамин намунаҳо кофист, ки пайравӣ ба сабки Бедил ба сароҳат ба мушоҳида ояд. Истифодаи калимаву таркибҳои *ҷилвамуштоқ, оина, арақрез, хиҷолат, таҷаллӣ, ҷӯши сафо, арзи хиҷолат, ҷавҳар, инфиол, ҷилва, нафас, ғубор, мавҷ, ҷавҳар, найранг, ҳайратпеша, интизорӣ, ҳубоб, шавқ* ва ғайра фазои маънавии ин ашъорро пур карда, матлабҳои сабки ҳиндиро ба маърази таваҷҷуҳ кашидаанд. Ҳамаи ғазалҳо дар вазни ягонаи фоилотун / фоилотун / фоилотун / фоилун – баҳри рамали мусаммани маҳзуф гуфта шудаанд. Ағлаби онҳо қофияҳои якхела низ доранд, аммо қофияҳои дигар низ истисно нестанд.

Радифи «таҳсин» низ дар рӯзгори Садри Сарир роиҷ будааст. Ғазалҳои чанд тан аз шоирон ба ин нукта шаҳодат медиҳанд. Чунончи, Мулло Қурбонхони Фитрат бо ин радиф гуфтааст:

**Нашуд бо кунҷи абрӯ холи мушкинат қарин таҳсин,**
**Газид аз гӯшаи лаб турфа ҷойи дилнишин таҳсин.**
**Сарангуште, ки натвонад кашидан тухмати ранге,**
**Чӣ сон бардошт бори миннати ангуштарин таҳсин?!**
**Ба ин андози шӯхӣ сахт ҳайронам, ки номи ӯ**
**Чӣ сон хотирнишин гардид дар табъи нигин таҳсин?!**

**Насозад обу оташ лек аз найранги ҳусни ӯ**
**Арақ ҷӯшид, Фитрат, з-он узори оташин таҳсин.**
**[7, с. 184]**

Садри Сарир низ бо истифода аз ин радиф гуфтааст:

**Ба ин ваҳшатмизоҷиҳо, ки дорад турки шӯхи ман,**
**Гирифта ин қадар ором дар оғӯши зин таҳсин.**
**Мани рамзошно ҳайронам аз мӯйи миёни ӯ,**
**Ки бо ин нотавонӣ мекашад бори сурин таҳсин.**
**Сарири хомаам гоҳе, ки маъниофарин гардад,**
**Нахезад гар зи табъи аҳли маънӣ, офарин, таҳсин!**
**[3, с. 264]**

Дар ашъоре, ки ба тарзи Бедил гуфта шудааст, ағлаби адабиётшиносон тақлиди ноуҳдабароёнаи ин бузургвор-ро мушоҳида ва таъкид кардаанд. Аз ҷумла, ба қавли Расулхон Ҳодизода, «бисёр шеърҳои дар тақлиди Бедил навиштаи Садри Сарир (аз дӯстони Аҳмади Дониш), Сипандӣ, Сират, Бебок ва дигар шоирони «хурду калон», ки «пайрави тарзи Бедилӣ» буданд, дар ашъори худ ғояҳои гӯшанишинӣ, дармондагӣ ва лоилоҷӣ, пессимизми диниро тарғиб менамуданд» [11, с. 127]. Дар рисолаи дигари худ низ Р. Ҳодизода бо сабаби мавҷуд будани маонии ирфонӣ ҷолиб набудани эҷодиёти ӯро таъкид намудааст [10, с. 126]. Ба фикри мо, дастрасӣ ба осори бештари Садри Сарир барои хулосаҳои дақиқтар имкон медиҳад. Дар ҳоли ҳозир намунаҳои осори Садри Сарир, ки дар тазкираҳо сабт шудаанд, чандон зиёд нестанд, вале ҳамаи тазкиранигорон истеъдоди волои осори шоирро зикр кардаанд. Феҳристи китобхонаи Садри Зиё низ ин маъниро тақвият мебахшад.

Баъзе намунаҳо аз таваҷҷуҳи шоир ба равияи соданависӣ низ гувоҳӣ медиҳанд:

**На ҳамин чарх маро сӯхта ё месӯзад,**
**Ҳар ки гардид расо, сӯхта ё месӯзад.**

**Гармии улфати оташкадаи нозу ниёз,**
**Бетакаллуф ҳамаро сӯхта ё месӯзад.**
**Оташи ҳаҷр ҳамин аст, ки ман месӯзам,**
**Дил ҷудо, дида ҷудо сӯхта ё месӯзад.**
**То ту рафтӣ зи дилам дуд ба дар меояд,**
**Хонаи меҳру вафо сӯхта ё месӯзад.**
**Кори он тифли шарархӯй, ки оташбозист,**
**Кош донад, ки киро сӯхта ё месӯзад.**
**Хондам аз дуди хати нуқтаи холи лаби ёр,**
**Хизр аз оби бақо сӯхта ё месӯзад.**
**Шамъосо шавад ар шуълабаён килки Сарир,**
**Музтару Ҳозиқ, Адо сӯхта ё месӯзад [3, с. 263].**

Дар ин ғазал шоир бо истифодаи радифи «сӯхта ё месӯзад», маъниҳои ғариберо ҷой додааст. Ӯ бо сароҳат аз гардиши чарх ва сӯзанда будани он, аз он ки ҳар касе комил бошад, сӯхтааст ва ё месӯзад, ҳарф мезанад. Оташкадаи нозу ниёзҳо ҳам ҳамаро сӯхтаву месӯзад. Дар идомаи шеър сухан аз ҳаҷр ва оташи он меравад, ки шахси шоир ба он гирифтор аст ва ин оташ тамоми узвҳои ӯро ҷудо-ҷудо ба сӯзиш овардааст. Рафтани ёр хонаи меҳру вафоро сӯхтааст ва он мисли кори кӯдаки бадхӯест, ки оташбозӣ мекунад ва намедонад, ки киро ва чиро месӯзад. Ҷолибтарин байти ғазал мақтаъи он аст, ки дар он шоир маънии духӯраро ҷой медиҳад ва мегӯяд, ки агар қалами Сарир мисли шамъ шуълаафрӯз бошад, аз оташи он шоирони замон месӯзанд. Ин се нафар шоирон, ки ӯ ном мебарад, ҳамзамони Садри Сарир буданд, ки шоир бо эшон гӯё як навъ сабқати адабӣ дорад ва мехоҳад шеъраш ончунон гарм бошад, ки дар он Музтару Ҳозиқ ва Адо бисӯзанд. «Сӯхтан» ин ҷо ҳам ба маънии гарм шудан ва ҳам ба маънии ҳасад бурдан омадааст. Маълум аст, ки шоир на танҳо ин се нафар, балки тамоми суханварони аҳди худро дар назар дорад.

Дар тазкираҳо чанд қитъаву рубоӣ ва фард низ сабт шудаанд. Аз ҷумла аз қитъаи зерин маълум мешавад, ки ӯ бо танаффур душманони худро «хар» меномад ва мегӯяд, ки ба ҷурми Одам будан ин харон ӯро аз олам берун кардаанд. Маълум мешавад, ки Садри Сарир дар ин қитъа оҳанги иҷтимоӣ ҷой дода, эътирози худро нисбат ба як гурӯҳи одамони зулмпеша баён мекунад:

**Саҳл бошад, агар одам будан,**
**Шуд зи фирдавси худ одам берун.**
**Вой бар ман, ки бад-ин ҷурм маро**
**Ин харон карда зи олам берун [4, с. 136].**

Тазмини хубе низ дар ин фард ба мушоҳида омад, ҳарчанд муаллифи мисраи дувум дақиқ нест:

**Зи сози саҷда бар хоки дари дӯст,**
**«Ғараз нақшест, к-аз мо боз монад» [4, с. 136].**

Аз ин байт метавон матлаби ирфониро низ дарёфт кард. Агар ғараз аз дӯст он Ёри ягона бошад, нақше, ки аз мо боз хоҳад монд, саҷда бар хоки дари Ӯст.

Садри Сарир на танҳо дар назм, балки дар наср низ дасти тавоно доштааст. Осори мансури ӯ аз мактубот ва мурсалот иборат буда, аз он ҷумла «Мурсалоти Қозӣ Абдулвоҳиди Сарир», «Мусаввадаи мактуботи Садри Сарир», «Мақомаи истиқболия» мебошанд. Насри ӯ мусаҷҷаъ буда, аз ҳунари суханварии муаллиф дарак медиҳад. Устод Айнӣ порае аз як мактуби ӯро ҷиҳати тахфифи хироҷи Абдусамад ном касе ба номи амлокдоре намуна овардааст, ки аз мантиқи қавии фикр ва иқтидори қалами пардозгари ӯ шаҳодат медиҳад. Мактуб чунин оғоз меёбад: «Бӯстони вуҷуди зиҷуди саодатнамуди он макраматпаноҳи мурувватинтибоҳ аз қатароти матароти файзи субҳонӣ ва рашаҳоти фазли яздонӣ сарсабзу шодоб, барӯманду комёб бод!» [3, с. 265]. Дар поёни мактуб баъд аз арзи матлаб менависад: «Муруввват баҳонаҷӯст, карам илтифотхӯ. Дигар чӣ намоям?» [3, с. 265].

Ҳамин тариқ, метавон ба чунин хулосае расид, ки Садри Сарир аз шахсиятҳои баргузидаи замон буда, бо донишу суханварӣ ва адолату парҳезгорӣ миёни халқ обрӯву эътибори зиёд доштааст. Ашъораш ҳам дар сабки ҳиндӣ ва ҳам равияи соданависӣ ба назар расид. Дар ҷавобиянависӣ ҳам дасти тавоно доштааст, зеро танҳо бо радифи «оинаро» чаҳор ғазал дар баҳри рамали мусаммани маҳзуф гуфта, гӯи сабқат аз дигарон бурдааст. Дар ашъори дигараш матолиби иҷтимоӣ, ишқӣ, фалсафӣ ва ирфонӣ ҷой доранд. Аммо миқдори абёте, ки то имрӯз интишор ёфтааст, ҳанӯз барои хулосаҳои комилтар имкон намедиҳад. Бинобар ин, зарур аст, ки аз баёзҳо, осори таърихӣ ва сарчашмаҳои дигари ин давра ашъори шоирро ёфта, дастраси аҳли илму адаб намоем. Насри адиб низ аз қалами хуби муаллиф гувоҳӣ медиҳад ва он ҳам то имрӯз ба хонандагон муаррифӣ нашудааст.

**Пайнавишт:**


1. *Абдӣ, Абдуллохоҷа*. Тазкират-уш-шуаро / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо. – Душанбе, 1983. – 290 с.

2. *Айнӣ, С*. Ёддоштҳо // Энсиклопедияи насри муосири тоҷик. – Душанбе, 2009. – 680 с.

3. *Айнӣ, С*. Намунаи адабиёти тоҷик / Таҳия ва тасҳеҳи Мубашшири Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с.

4. *Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ*. Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб / Бо муқаддима, таҳия ва тавзеҳоти Ҷӯрабек Назрӣ. – Душанбе: Дониш, 2020. – 284 с.

5. *Исо-махдум*. Ашъор. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 80 с.

6. *Муҳтарам, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ*. Тазкират-уш-шуаро / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо. – Душанбе: Дониш, 1975. – 369 с.

7. *Садри Зиё*. Тазкори ашъор / Ба кӯшиши Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. – Теҳрон: Суруш, 1380. – 428 с.

8. *Садри Зиё*. Рӯзнома. Вақоеънигории таҳаввулоти сиёсӣ-иҷтимоии Бухорои шариф тайи нимаи поёнии амороти хоноти манғит бар асоси ёддоштҳои рӯзонаи Шарифҷон-махдуми Садри Зиё – охирин қозикалони Бухоро / Таҳқиқ ва пажӯҳиши Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. – Теҳрон: Маркази аснод ва хадамоти пажӯҳишӣ, 1382. – 500 с.

9. Садри Сарир / Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Ҷ. 3. – Душанбе, 2004. – С. 81.

10. *Хади-заде, Р*. Источники к изучению таджикской литературы XIX века / Под редакцией И. С. Брагинского. – Сталинабад, 1956. – 138 с.

11. *Ҳодизода, Р*. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX. – Душанбе, 1968. – 295 с.

12. *Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳи Бухорӣ*. Тазкираи Сибоқ / Таҳияи М. Отахонзода. – Тошканд: Фан, 2007. – 200 с.

13. *Шодмон Воҳидов.* Зиёи Садр Бухорӣ ва феҳристи китобхонаи ӯ. – Душанбе: Маориф, 2021. – 560 с.

# САРЧАШМАҲОИ ОСОР ВА САБКИ АШЪОРИ ИСО-МАХДУМ

Исо-махдум (1244/1828-1305/1877) аз шоирони номвари асри XIX буда, шахсият ва эҷодиёташ ҳанӯз дар замони зиндагиаш қобили таваҷҷуҳ будааст. Симои зоҳирии ӯро мо метавонем аз «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ пайдо кунем. Маълум мешавад, ки аввалин шоире, ки ӯ дар замони кӯдакии худ дида буд, ҳамин Исо-махдум аст: «Дере нагузашта аз мадрасача ду кас баромад, яке аз онҳо хатиби деҳа буд, ки ман дар пеши ӯ дарс мехондам ва дар паҳлуи ӯ як одами миёнақади хушкбадани сабзиначеҳрае меомад, ки риши миёнаи сафедшуда дошт, ба сараш як саллачаи сафеди хурд ва ба танаш як яктаҳи сафед буд. Падар ана ҳамин одамро ба ман нишон дода: – Ҳамин кас аст домуллои акаат, – гуфт ва илова намуд, ки одами бисёр калон, олими гузаро, донишманди бузург ва шоири забардаст аст» [2, с. 70]. Исо-махдум аз камтарин шоироне будааст, ки падари Садриддин Айнӣ эътироф мекардааст. Ӯ аз эҷодиёти шоир чанд байт азёд хондааст.

Худи Айнӣ низ ду байти Исо-махдумро дар кӯдакӣ азёд мекунад:

**Дил ба як адо шокир, ҷон ба сад ҷафо собир,**<br>**Эй ғурури ноз охир, андаке мадоро кун.**<br>**Он баҳори ноз омад, дидаи тараб бикшо,**<br>**Барг-барги ин гулшан назри он кафи по кун!**

**[2, с. 71-73]**

Шарҳи ҳоли Исо-махдумро муфассалтар аз дигарон Садри Зиё дар «Тазкори ашъор» ҷой додааст. Дар бахши «Зикри ҳоҷиюлҳарамайн Мирисо-махдуми муфтӣ ибни домулло Ниёзмуҳаммади муфтии Балхӣ» муаллиф ӯро «фозили парҳезгор», «закитабъу озодаву некхӯ, адофаҳму ширинсухан, базлагӯ, адимунназиру донишмаоб» ном

ниҳодааст. Оид ба фазилатҳои шахсӣ ва донишу ҳунари ӯ менависад, ки:

**Ба илму ба дониш зи ақрон фарид**
**Касе дар замона назираш надид.**
**Хусусан ба фиқҳу ҳисобулусул,**
**Ки з-андоза беш аст ӯро вусул [9, с. 136]**.

Муаллифи тазкира беш аз ҳама ба ҳунари хаттотии ӯ таваҷҷуҳ карда ва бо камоли иродатмандӣ ба ситоиши ӯ мепардозад:

**Басе буд некӯхату хушнавис,**
**Ба некӯнависони олам раис.**
**Дар ин шева чун шуд варо тарзи хос,**
**Сазад, гар диҳӣ хат бад-ӯ ихтисос.**
**Ба чобукнависӣ чунон чира буд,**
**Ки чашми кас аз диданаш хира буд.**
**Ба як рӯзу як шаб ҳамон пурҳунар**
**Навиштӣ ба хубӣ яке «Мухтасар».**
**Ба ҳадде, ки дар нусхааш як нуқат**
**Намешуд падидор саҳву ғалат [9, с. 136].**

Дар бораи хушнависӣ ва зуднависии Исо-махдум, Садри Сарир, Садри Зиё ва аз он ки ин се тан «Мухтасари виқоя»-ро, ки 12 ҷузъ буд, дар як шаб навишта тамом карда ва бисёр зебову беғалат менавиштанд, дар чандин сарчашмаи дигар низ маълумот ҷой дорад.

Дар бораи ҳунари шоирӣ ва насрнависӣ, таҷвиду тартили Қуръон, шатранҷбозӣ, чистону луғзу рамал, танбӯрнавозӣ ва мусиқидонии ӯ низ Садри Зиё дар осори худ хабар медиҳад. Аз ҷумла дар «Асомӣ-юл-кутуби китобхонаи хусусии Муҳаммад Шарифҷон Зиёи Садр» дар бораи ӯ дар 31 байт маълумот ҷой дорад, ки зоҳиран шакли мухтасари маълумотнома аз «Тазкори ашъор» аст [14, с. 192]. Дигар тазкиранависон низ шавқу рағбати ӯро ба илму дониш таъкид карда гуфтаанд, ки дар ҷавонӣ бо вуҷуди мушкило-

ти иҷтимоӣ ба назди ҳар домулло ё ҳунарманде, ки имкони омӯхтани чизе аз ӯ буд, мерафт:

**Татаббуъ дар ашъори Бедил кунад,**
**Аз он рутбаву қадр ҳосил кунад.**
**Ба майдони наср Ибни Муқла-мисол**
**Ба ҷавлон дарорад кумайти хаёл.**
**Ба таҷвиди Қуръону тартили он**
**Варо сомини саъба гуфтан тавон.**
**Ба шатранҷу чистону луғзу рамал**
**Надорад ба гетӣ назиру бадал.**
**Ба овози танбӯру алҳони савт**
**Рабояд зи амвот талхии мавт.**
**Варо буд дигар ҳунар ғайр аз ин**
**Сазовори таҳсину ҳам офарин [9, с. 136].**

Пас аз хатми мадраса ба амри Музаффаршоҳ муҳтасиб таъин мешавад, аммо дере нагузашта дар Чорҷӯ аз вазифа маъзул гардида, бо ҳамин аз вазифаҳо даст кашида, сафари ҳаҷ ихтиёр мекунад ва пас аз бозгашт аз зиёрати Маккатуллоҳ бо хаттотӣ ва таълими талабагон дар мадраса машғул шуда, боқии умрро бо аҷзу ниёз сипарӣ кард. Дар поёни умр ба вазифаи ифтонависии мадраса таъин шуд ва дар шасту ду солагӣ аз олам чашм пӯшид. Садри Зиё хати ӯро ба хати Садри Сарир монанд карда, мегӯяд, ки «рутбаи шеърияи эшон ҳам баробар, валекин қуввати насрияи Садри Сарир зиёдатар» [14, с. 195]. Азбаски Исо-махдум бо Садри Сарир қарин буд, барои ӯ ва писараш мулло Бадриддини раис рубоии зерро гуфта будааст:

**Садро! Ба дарат ниёз чун ман садро,**
**Бадро! Ба дарат паноҳ неку бадро.**
**Хуршед зи дидани ту хурсанд шавад,**
**Гар рост кунӣ, баландқадро, қадро [14, с. 195].**

Дар бораи Исо-махдум дар тамоми тазкираҳои охири асри XIX-ибтидои асри XX, аз ҷумла тазкираҳои Возеҳ,

Ҳашмат, Афзал, Абдӣ, Муҳтарам, Садри Зиё ва Садриддин Айнӣ маълумот пайдо кардан мумкин аст.

Чунончи, Садри Зиё дар «Набзе аз гузоришоти аҳвол» дар бораи дӯстии падараш Абдушшакури Оят бо Исо-махдум навишта, хабар медиҳад, «маро ки тахминан сездаҳсола будам, барои тарбият ва нигоҳбонӣ ба мумиилайҳ, ки манзилашон ба Таҳти Манор буд, супурда рафтанд. Ман ҳар рӯз баъд аз намози бомдод ба хидматашон мерасидам, машқи хат мекардам, «Бидон» ва «Аввали илм»-ро мехондам, хидматҳои лозимашонро ба қадри қудрату тавонам ба ҷо меовардам» [9, с. 331].

Дар бораи муросалаву мусоҳабае, ки байни Оят ва Исо-махдум воқеъ мешуд, М. Шакурӣ тавзеҳ медиҳад, ки Исо-махдум ба номи домулло Абдушшакури Оят номае навишта будааст, ки «дар дастнависи шумораи 1304, яъне дар рисолаи «Набзе аз гузоришоти аҳвол» [с. 145, 146] омадааст. Дар с. 146-149 чанд байти Бедил омада, ки Исо маънидод карда» [9, с. 363]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки Исо-махдум баъзе абёти Бедилро шарҳ баста будааст.

Садри Зиё дар «Шуарои мутааххирин» ном асараш овардааст, ки «шабоҳати хатти мумиилайҳ ба навиштаи ҷаноби мустатоби ҷомеъ-ул-ансоб Қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарири Балхист..., ашъори обдор ва мазомини гуҳарбори он фазоилдисор бисёр аст. Ба номи номии худ тахаллус кард» [9, с. 331].

Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам дар тазкираи худ дар бораи мавҷудияти чанд рисолаи ӯ дар илмҳои гуногун, аз ҷумла илми ҳисоб хабар медиҳад: «Дар улуми аҷиба ва фунуни ғариба бисёр рисолаҳо тасниф карда ва дар зимни он ихтирооти бадеъа ба рӯйи кор оварда. Чунончи, як рисолаи тақвим дар илми ҳисоб таълиф намуда, ки ба санъати аҷиба ва кайфияти сутуда аст, халафи ашрафи ӯ Мулло

Мир Садруддини мударрис дар матбааи Дор-ул-фохира онро чоп низ фармуда» [8, с. 271].

Ашъори ӯро дар тазкираву баёзҳо, осори таърихӣ ва сарчашмаҳои дигар метавон пайдо кард. Дар «Асомӣ-юл-кутуб»-и Садри Зиё китобе бо унвони «Ашъор» зикр шудааст, ки дар он бо хати худи Садри Зиё ашъори Исо-махдум, Сомӣ, Зиёи Садр ва чанд тани дигар омадаанд [14, с. 317]. Дар ин сарчашма ба ғайр аз ғазали маъруфи Исо бо радифи «бинишин» як байте дар муҳовара ҳам сабт шудааст:

**Зи лафзи пурғалати кас Худо шавам гӯйӣ,**
**Хамӯш бош ту, эй хар, ки кас Худо нашавад [14, с. 196].**

Дар бораи соҳибдевон будани Исо-махдум дар ягон сарчашма хабаре нест, аммо як миқдори ашъори ӯ дар тазкираву баёзҳо маҳфуз мондааст ва ин миқдор кофист, ки дар бораи сабки фардии ӯ тасаввуроте дошта бошем. Маҷмуаи ашъори шоирро адабиётшинос А. Абибов соли 1982 дар нашриёти «Ирфон» бо сарсухани худ ба табъ расонид. Дар сарсухан мураттиб дар бораи сарчашмаҳои асосии баҳрамандии худ хабар дода, пеш аз ҳама баёзи дастхати рақами 340 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон (26 ғазал ва 1 мухаммас), дастхати шумораи 1306-уми захираи дастхатҳои шуъбаи Институти халқҳои Осиё дар Санкт-Петербург (21 ғазал), маҷмуаи Муҳаммадшарифи Анбар дар дастнависи 1213-ум дар захираи дастхатҳои АИ Тоҷикистон (10 ғазал)-ро номбар карда ва аз дастрасӣ ба 94 ғазал, 10 мухаммас, 4 рубоӣ, 17 порчаи пароканда ва 1 ҳикояти тамсилӣ маълумот медиҳад. Аммо мураттиб аз ин миқдор мавод танҳо 88 ғазал ва 8 мухаммасро барои чоп интихоб карда, ки сабаби фурӯгузор шудани осори боқимонда шояд навоқиси ин ашъор ва ё иллати дигаре бошад. Дар маҷмуъ, дар китоби «Ашъор»-и Исо-махдум, ки А. Абибов мураттаб намудааст, 6 ғазал, 2 мухаммас, 4 рубоӣ, 17 пораи пароканда, 1 ҳикоят аз шумори дастраси ашъори шоир истифода нашудааст.

Донишманди номвари адабиёти асри XIX Расулхон Ҳодизода оид ба мероси адабии Исо-махдум менависад, ки «он чи ҳоло аз баёзу тазкира ва дафтарҳои мусаввада аз ашъори ӯ гирд омадааст, дар «Баёзи ҷомеъ» дар ҳудуди ҳафтсад байт аст» [12, с. 133]. Ин «Баёзи ҷомеъ», ки зикр шуд, нусхаи шумораи 3294 буда, дар захираи дастхатҳои АФ Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешавад. Ба ғайр аз ин дар тазкираву баёзҳои дигар низ ашъори Исо-махдум сабт аст. Аз мавҷуд будани чанд шеъри Исо дар баёзи Садри Зиё (дастнависи шумораи 2315, с. 109, 142, 147, 148, 160, 176) ва «Асомӣ-юл-кутуб» аз тавзеҳоти «Тазкори ашъор» [9, с. 363] бохабар мешавем.

Садри Зиё дар тазкираи худ аз ӯ як ғазал бо матлаи «Ранги орзу бишкан, навбаҳор иншо кун / Даҳр ҷаннат аст, аммо, дидае муҳайё кун!» ва як ҳикояти ҳаҷвӣ нақл мекунад. Азбаски ин ҳикояти манзум дар ягон сарчашмаи дигар ба назар нарасид, ин ҷо мазмуни мухтасари он бозгӯ мешавад. Дар он сухан дар бораи марде меравад, ки дар замонҳои қадим аз шаҳре ба шаҳре ва аз кишваре ба кишваре рафта, умр ба сар мебурд ва ҳар ҷо, ки рафт, на бештар аз ду моҳ мемонд ва зан мегирифт. Ниҳоят ба шаҳри зебое расид, ки хеле писандаш омад ва як сол он ҷо зиндагӣ кард. Миёни муқаррабон он ҷо пиразане буд дар ниҳояти бадрӯйӣ, ки духтареро барои ӯ хостгорӣ мекунад ва тамоми сарвати мардро бо роҳи фиреб соҳиб шуда, дар шаби тӯй ба ҷои он духтар худро ба никоҳи ӯ медарорад. Марди фиребхӯрда маҷбур мешавад, ки худро бемор вонамуд кунад ва аз дасти ин пиразол раҳоӣ ёбад. Дар ин ҳикояти ҳаҷвӣ панде ба он фориғболоне дода мешавад, ки ба иллати ғолибияти нафс ба доми фиреб меафтанд.

Пас аз нақли ин ҳикоят муаллиф ба рӯзгори воқеии хеш бармегардад ва тахмин кардан мумкин аст, ки дар замони таълиф шудани ин асар Исо-махдум беш аз чил сол

дошта, ба мусибате гирифтор шуда ва фарзандашро аз даст дода будааст:

**Маро аз чиҳил шуд фузун солиён,**
**Басе дидам аз даҳр суду зиён…**
**Ҳама ранҷ аз сина берун шавад,**
**Ба ҷуз доғи фарзанд, к-афзун шавад [9, с. 137].**

Дар тазкираи «Туҳфату-л-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ 1 ғазал, 1 қасида (ба муносибати оризаи чашм) ва чанд байти пароканда, дар тазкираи Абдӣ – 5 ғазал, 1 байт ва 1 мухаммаси мусанниф бар ғазали Исо-махдум, дар тазкираи Муҳтарам – 5 ғазал, 2 қитъа, 1 рубоӣ ва 1 мухаммас, дар «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё – 1 ғазал ва 1 ҳикоят, дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ – 7 ғазал ва 1 мухаммас бар ғазали Бедил, дар тазкираи Сибоқ – 5 ғазал ва 1 мухаммас бар ғазали Қассоб, дар «Гулшани адаб» аз Исо-махдум 9 ғазал ва 1 мухаммас бар ғазали Бедил оварда шудааст, ки сарчашмаҳои ашъори Исо-махдум ҳастанд.

Дар баёзи Идрисхоҷаи Роҷӣ низ дар саҳифаҳои 9, 14, 24, 26, 53 ашъори Исо-махдум ҷой дода шудааст.

Чунонки зикр гардид, дар маҷмуае, ки А. Абибов тартиб дода, 88 ғазалу 8 мухаммас ҷой ёфтааст. Муқоиса бо маводи тазкираҳо ба натиҷае расонид, ки мураттиб на ҳамаи маводи онҳоро ба маҷмуаи худ ворид намудааст. Чунончи, ба қавли устод Айнӣ бо радифи «теғро» ду ғазал мавҷуд буда, аммо дар «Намунаи адабиёти тоҷик» бо сабаби пурғалат будани дастхат мусанниф «ночор дар таҳти як матлаъу мақтаъ аз ду ғазал интихоб карда омад» гуфта, 16 байтро бо ҳамин радиф ҷой додааст [3, с. 286]. Дар матни А. Абибов бо ин радиф 11 байт омада, яъне ғазали дувум фурӯгузор шудааст. Ғайр аз ин, дар китоби «Намуна...» ғазале бо радифи «фақр» омадааст, ки дар маҷмуаи А. Абибов нест ва сабаби фурӯгузор шуданаш ҳам маълум

наградид. Як рубоие низ дар «Намуна...» сабт шудааст, ки дар маҷмуаи А. Абибов истифода нашудааст. Айни ҳамин гуфтаҳоро метавон дар мавриди матолиби тазкираҳои дигар низ мушоҳида кард. Бо ин ҳама, коре, ки А. Абибов кардааст, шоистаи таҳсин аст, зеро ӯ бори аввал ашъори Исо-махдумро дар шакли маҷмуа бо як пешгуфтори хуби ҳирфаӣ манзур мекунад. Ин маҷмуа барои муайян кардани мушаххасоти сабкии ашъори Исо-махдум низ имкон фароҳам меоварад. Бо ин ҳадаф шеъри Исоро дар се сатҳ – забон, бадеъ ва тафаккур мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

**Дар сатҳи забонӣ** шеъри Исо-махдум ба сабки ҳиндӣ гироиш дорад.

Дар осори ӯ калимаву ва таркибҳои ин сабк фаровон ба назар мерасанд: *доги ҳасрат, губори мақдам, ҷӯйи ҳаё, шикастани ранг, ҳайрони дидаи тасвир, иброми тапидан, мавҷи тег, саъйи ҷунун, бозуи аҷз, хуни ҳасрат, ҷӯши нола, нафас сӯхтан, доги оташ, ҳубоби бода, ҷунуни согар, завқи шаҳодат, дашти нола, тарфи кулоҳ, губори ваҳшат, матои ваҳм, ранги иттиҳод, ранги имкон, ранги пайдоӣ, ранги орзу, ранги муборакбод, найранги имкон, найранги истигно, туҳмати фарёд, огӯши ҳасрат, хуни ҳасрат, авҷи бениёзиҳо, хилъати урёнӣ.*

Калимаҳои мушкилфаҳм ва нодири арабӣ: *ҷаввола (ҷаҳанда, гирдгарданда), ҳудус (пайдоиш, рӯй додан), лилоамин, лоҳабиб, вамо-адрок* ва монанди инҳо хеле кам истифода шудаанд, ки ин ҳам аз мухтассоти сабки фардии шоир аст.

Вожасозӣ низ дар осори Исо-махдум қобили диққат аст, ҳарчанд баид аст, ки онҳо сохта ва бофтаи худи ӯ бошанд: *ахтаргудоз, ваҳшатпарида, самандартинат, ваҳшатпаноҳ, ҷунунмиҷоз, ишратобод, видоъомода, ҷуръатфурӯш, ҳисоратмоя, нафасфарсуд, ситамолуд, новакандӯз, адамтахмир.*

**Дар сатҳи адабӣ** хусусиятҳои сабки фардии Исо-махдум беш аз ҳама дар истифодаи истиораву маҷоз зоҳир мешавад, зеро дар тасвирсозӣ ва маънипардозии сабки ҳиндӣ баъзе санъатҳои бадеӣ падид омадааст. Дар навбати аввал ин санъати талмеҳ аст, ки тавассути ишора ба ривоятҳо, қиссаҳои динӣ ва устураҳо зуҳур мекунад. Дар таносуб бо тахаллуси худ Исо борҳо исми Масеҳро ба кор бурдааст, ки ағлаб дар абёти мақтаъ ба мушоҳида меояд:

**Исии дардему моро нест парво аз Масеҳ,**
**Дарди мо бошад табибу марҳаму дармони мо.**

Ё ки:

**Гуландоме, ки аз шаҳди такаллум сӯхт Исоро,**
**Ҳазорон чун Масеҳо ҳаст дар ҳар парда бемораш.**

Исо дар ашъораш талмеҳи зиёдеро чун Мусо, Юсуф, Лайливу Маҷнун, Бесутун, Сулаймон, Фарҳоду Ширин, Айюб, Монӣ, Беҳзод истифода бурдааст.

Гоҳе дар ғазалҳо пай дар пай якчанд талмеҳро ба кор мебарад:

**Гирифторам ба шӯхиҳои чашми масти Лайлое,**
**Ки шӯхиҳои чашмони ғизолон аст Маҷнунаш.**
**Дил аз каф бурд ҳусни Хусрави Ширингирифторе,**
**Ки хуни Кӯҳкан бошад ҳинои пойи гулгунаш.**

Пайравӣ ба ашъори шоирони сабки ҳиндӣ вежагии асосии эҷодиёти Исо-махдум буда, ӯ ба ғазалиёти чандин шоирон ҷавобия навишта ва ё мухаммас бастааст.

Масалан, ба ғазали Бедил, ки байти мақтааш ин аст:

**Эй хаёли қоматат оҳи заифонро асо,**
**Бар рухат наззораҳоро лағзиш аз ҷӯши сафо**.

Исо-махдум ғазали ҷавобияи зебое навиштааст:

**Эй ғубори мақдамат оинаи дилро ҷило**
**В-эй каломи дилкашат конуни маъниро садо.**

Ғазали маъруфи Бедил бо радифи «теғро» низ аз намунаҳои хуби пайравӣ ба сабки Бедил аст:

**То ба даври лаълаш аз хат сохт музмар теғро,**
**Вақти он омад, ки бӯсам ҷои соғар теғро.**

Ғазали Исо-махдум бо радифи «оинаро» низ дар пайравӣ ба ғазали зерини Бедил ба қалам омадааст:

**То ба рухсори маҳат кардӣ дучор оинаро,**
**Гашт ҷавҳар панҷаи ӯ бар узор оинаро.**

Дар мавриди муқоисаи сабки Исо-махдум бо Бедил Р. Ҳодизода комилан дуруст менависад, ки: «Исо-махдум ҳам дар матонати сухан ва ҳам дар пайравии эътиқодоти фалсафиву сӯфиёнаи Бедил аз бисёр шоирон як сару гардан болотар меистад. Ба назари мо, муваффақияти Исо-махдум дар он аст, ки вай системаи образҳои ашъори Бедилро ба тарзи сунъӣ дар шеърҳои худ начидааст, балки ин образҳоро барои ифодаи мазмунҳои нави замон, барои ифода намудани эҳсосоти худаш, ки аз зиндагию муҳити он давр ҳосил шуда буд, кор фармудааст» [12, с. 135]. Дар қиёс бо аксари пайравони сабки Бедил Исо-махдум муваффақтар буда, аз дараҷаи тақлид берун омад ва эҷодкоронаву ба тарзи хос, бо истифода аз тасвирҳои содатар ва матлабҳои равшантар андешаҳои худро баён намудааст. Дар заминаи қиёси як ғазали Бедил бо ғазали мушобеҳи ӯ Р. Ҳодизода ба натиҷае мерасад, ки «вақте ки ба ғазали Исо-махдум аз ҳайси ташбеҳу истиора ва мантиқи сухан назар кунем, мебинем, ки тақлиди ӯ ба дараҷаи пайравии комиле ва худи шеър ба дараҷаи матонати устодона аст. Дар ин ғазал Исо-махдум на образ ва истилоҳоту таъбироти Бедил, балки тарзи образофарии ӯ, тарзи суханпардозии ӯро бомуваффақият пайравӣ намудааст» [12, с. 136]. Албатта, ин баҳои хеле баланд аст, зеро ағлаби пайравони Бедилро аҳли таҳқиқ «муқаллидони ношуд» гуфтаанд. Дар ҳақиқат, агар аз назари баёни матлаб ба ашъори Исо-махдум назар кунем, маълум мешавад, ки маъниҳои хуби равшан дар онҳо фаровонанд:

Масалан:

**Фирқае аз вазъи ман безору ҷамъе дар талаб,**
**Гаштаам, Исо, матои касмаёбу касмахар.**

**Ба азми Каъба мазан пушти по ба каъбаи дил,**
**Тафовут аст, ки ин шиша асту он санг аст.**

**Исо, маро зи душмани бебок шиква нест,**
**Тири шикоятам ба дил аз дӯстон гузашт.**

**Ишқро сарпанҷа пурзӯр асту чун зӯр оварад,**
**Гургро тоқат набошад дар набарди шерҳо.**
**Нест, Исо, ҳосиле аз чарх ҷуз саргаштагӣ,**
**Сифлагонро дӯстӣ то бар лаби бом асту бас.**

Тазмин низ аз санъатҳои писандидаи Исо-махдум мебошад. Маълум гардид, ки Исо-махдум на танҳо дар пайравӣ ба Бедил, Савдо ва шоирони дигари ҳамзамону ҳаммаслакаш Садри Сарир, Сират, Қурбонхони Фитрат ашъори зиёд гуфтааст, балки дар ғазалҳои худ ба ашъори Нозим, Авҳадӣ ва дигарон низ тазмин овардааст:

**Исӣ, аз андоза по берун манеҳ, гуфт Авҳадӣ,**
**«Муъмину саҷҷодаи худ, кофару зуннори хеш».**

Ё ки:

**Исо, сухан ба таҷриба гӯ, ҳарфи Нозим аст,**
**«Санҷида гӯ, чу мардуми маънирасида бош!»**

Мухаммасҳои тазминии Исо низ бештар бо таваҷҷуҳ ба намояндагони сабки ҳиндӣ ва ё ироқии марҳалаи охир эҷод шудаанд. Дар маҷмуаи ашъори ӯ чанд мухаммас ба ғазалҳои Бедил, Калим, Носиралӣ, Қассоб ва Ҷомӣ ба назар расиданд.

Яке аз хусусиятҳои шеъри Исо истифодаи радиф чун санъати муҳимми шеърӣ дар ғазал мебошад. Дар ашъори ӯ аксари шеърҳо радиф доранд ва аз назари таркиб онҳо

гуногунанд: сода ва мураккаб. Радифҳои Исо-махдум аз назари сохтор низ гуногун буда, бо ҷонишин, исм, феъл ва зарф сохта шудаанд. Як назар ба радифҳои шоир – *мо, оинаро, дидаро, тегро, ханҷарро, шамшерро, аз даст рафт, бинишин, ман аст, кард тарҳ, бофтанд, асту бас, аз дасташ, дар бағал, афтодаам, чашм, қашоқӣ, имшаб, шикаст ва ғ.* ин қавлро собит мекунад.

Бо як радиф навиштани чанд ғазал барои Исо-махдум маъмулӣ будааст. Масалан, ӯ бо радифҳои *«дар бағал», «бинишин», «тегро»* ду ва ё бештар аз он ғазал эҷод кардааст:

**Умрест аз худ меравам з-ин базму ҳирмон дар бағал,**
**Дар ҳасрати дидори ӯ дил дар кафу ҷон дар бағал**.

Байти матлаи ғазали дигар:

**Маҷнунаму дорам диле чун санги тифлон дар бағал,**
**Ҳам шӯри ҷонон бар сару ҳам шӯриши ҷон дар бағал.**

Ҷолиб он аст, ки ҳарду ғазал ҳам дар як вазн гуфта шудааст. Радифҳои муштарак ва вазни муштарак дар ғазалҳои зерин низ ба мушоҳида меоянд:

**Ҳар куҷо менигарам, бо ту дучорам, бинишин,**
**Домани ҷилваат аз каф нагузорам, бинишин.**

Дар байти матлаъи ғазали дигар, ки бо ҳамин радиф эҷод шудааст, санъати тарсеъ моҳирона ба кор рафтааст:

**Бе майи васли ту бишкаст хуморам, бинишин,**
**Бе сари кӯйи ту наншаст ғуборам, бинишин.**

Мантиқан ба хулосае омадан имкон дорад, ки бо радифи «оинаро» низ ду ғазал навишта шуда будааст. Байти зерин, ки аз тазкираи Возеҳ [4, с. 151] ёфт шуд ва дар сарчашмаҳои дигар ба назар нарасид, ин қавлро тасдиқ мекунад:

**Ранги рухсораш гулистон мекунад оинаро,**
**Чашми масташ наргисистон мекунад оинаро.**

Як қисми радифҳо бо истифодаи пасванди «ро» сохта шудаанд: *тегро, шамшерро, ханҷарро, оинаро.*

Калимаҳои қофияшаванда низ бо пасвандҳои «ро» ва «аш» тарҷеҳ доранд, чунонки дар мисраъҳои аввали ғазалҳо: *гамгинро, дарёро, заъфарониро, дасташ, ҷавлонаш, мавзунаш, мижгонаш, рафтораш, гулфомаш, гиребонаш, болояш, тобонаш, тираш, камаргираш, маъҷунаш* ва ғайра, ки ин навъи қофияҳоро аз вежагиҳои шеъри Исо-махдум метавон баршумурд.

Дар интихоби вазни шеър Исо-махдум бештар ба авзони хушоҳанг майл дорад. Баҳрҳои дӯстдошта ва мақбули ӯ дар ғазал асосан рамал ва ҳазаҷ мебошанд.

Аз назари корбурди авзони шеърӣ маълум мешавад, ки алаби ғазалҳо дар баҳрҳои рамали мусаммани маҳзуф (фоилотун / фоилотун / фоилотун / фоилун – 31 ғазал) ва ҳазаҷи мусаммани солим (мафоӣлун / мафоӣлун / мафоӣлун / мафоӣлун – 30 ғазал) сароида шудаанд. Ғазалҳои дигар дар баҳрҳои зерин ба қалам омадаанд:

– Музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф (мафъӯлу / фоилоту / мафоӣлу / фоилун – 11 ғазал);

– Муҷтаси мусаммани махбуни маҳзуф – (мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаилун – 10 ғазал);

– Рамали мусаммани махбуни маҳзуф – (фоилотун / фаилотун / фаилотун / фаилун – 6 ғазал);

– Раҷази мусаммани солим – (мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун – 2 ғазал),

– Раҷази мусаммани махбуни матвӣ (мафоилотун /мафоилотун / мафоилотун / мафоилотун – 2 ғазал);

– Зубаҳрайн – баҳри муқтазаби мусаммани матвии мақтуъ (фоилоту / мафъӯлун / фоилоту / мафъӯлун) ва баҳри ҳазаҷи мусаммани аштар (фоилун / мафоӣлун / фоилун / мафоӣлун – 1 ғазал);

– Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур (мафъӯлу / мафоӣлу / мафоӣлу / мафоил / мафъӯлу мафоӣл – 1 ғазали мустазод).

Чанд ғазали Исо-махдум дар авзони ҷолиб ба миён омадаанд. Масалан:

**Ба таъни мастӣ чӣ лаб кушоӣ, ки заҳри ҳасрат ба ком дорад,**
**Зи кулфати даҳр ғаме надорад ҳар он ки шурби мудом дорад.**

(мафоилотун/мафоилотун/мафоилотун/мафоилотун)

Ё ғазали дигар, ки зубаҳрайн аст:

**Ранги орзу бишкан, навбаҳор иншо кун,**
**Даҳр ҷаннат аст**, **аммо дидае муҳайё кун.**
(фоилун / мафоӣлун / фоилун / мафоӣлун) ва
(фоилоту / мафъӯлун / фоилоту / мафъӯлун)

Ғазали мустазод низ намунаи хеле ҷолиби авзони шеърист:

**Наргис ба чаман мунтазири тарзи хиромат, бихром ба гулзор,**
**Гулҳо ҳама тан гӯш шуд аз баҳри паёмат, бинвоз ба гуфтор.**

(мафъӯлу/мафоӣлу/мафоӣлу/мафоӣл/мафъӯлу мафоӣл).

Маълум мешавад, ки шоир дар вазнҳои гуногун ҳунари худро санҷида будааст.

**Аз назари фикрӣ** шеъри Исо аз лиҳози дарунмоя ва мавзуъҳои меҳварӣ қобили таваҷҷуҳ аст.

Мавзуи асосии эҷодиёти Исо-махдум ишқ аст ва он ғолибан ҷанбаи тасаввуфӣ дорад. Ба ин маънӣ Садриддин Айнӣ навиштааст: «Исо аз ҷумлаи мутасаввифин аст. Аксари абёташ низ дар мазоқи сӯфия иншод ёфтааст. Бедилро пайравию тақлид мекунад, аммо тақлидаш ба камоли муваффақият аст» [3, с. 290]. Барои намуна устод Айнӣ ғазалеро бо радифи «фақр» оварда, таъкид мекунад, ки «ин ғазалро дар бораи фақре, ки аҳли тасаввуф бад-он фахр кунанд, иншод кард». Ин ҷо гуфтан бамаврид аст, ки ғазали зерин дар ягон тазкираи дигар ва ҳатто дар маҷмуаи ашъори Исо-махдум вонахӯрд, бинобар ин онро пурра меоварем:

**Осоиши ду кавн бувад дар ҷаҳони фақр,**
**Дигар куҷо равад касе аз остони фақр?!**

**Бозори эҳтиёҷ карам гарм мекунад,**
**Дасти сахост зеби матоъи дукони фақр.**
**Касби ғано бар аҳли басират фурӯтанист,**
**Ё Раб, ба хоки тира мазан осмони фақр.**
**Аз авҷи арш ҳам гузарад рутбааш яқин,**
**Онро ки пояе расад аз нардбони фақр.**
**Дар маҳфили қабул ҳар он кас, ки бор ёфт,**
**Оҳанги фахр мешунавад аз забони фақр.**
**Улфатпарасти лаззати ҷовид нестӣ,**
**Эй ночашида чошнии имтиҳони фақр.**
**Исо, ҳавои ҳашмату ҷоҳ аст халқро,**
**Ҷуз Мустафо куҷост касе қадрдони фақр?!**
**[3, с. 290]**

Дар ашъори Исо абёти ошиқона низ кам нестанд ва шоир кӯшиш кардааст, ки аз тарзи тасвирсозии шоирони салаф, аз ҷумла Бедил истифода барад:

**Атласи сабзи хатат аз мавҷи сунбул бофтанд,**
**Лаъли майгунат зи тори накҳати гул бофтанд.**

Ё ки:

**Гардиши чашми сиёҳат гардиши ҷом асту бас,**
**Ҳалқаи мушкини зулфат ҳалқаи дом асту бас.**

Дар ғазали зер низ вожаву таркибҳои *пои оҳ, парвози ишоратҳо, шаккарханди ишрат, оташзабонӣ, ранги барқ, гиребони адам, фано, ваҳдат,* ки аз вожаҳои калидии сабки ҳиндиянд, фазои маънавии шеърро пур кардаанд:

**Ба пойи оҳ кардам сайр қасри осмониро,**
**Ниҳон андохтам бар хасм ин тири ниҳониро.**
**Аз он барбод додам болу парвози ишоратҳо,**
**Ба шаккарханди ишрат ҳамчу гул додам ҷавониро.**
**Зи хомӣ чанд омӯзӣ тариқи сӯхтан бо ман,**
**Зи ман омӯхт шамъи маҳфил ин оташзабониро.**
**Ба ранги барқ то сар аз гиребони адам кардам,**
**Фано кардам ба як наззора нақди зиндагониро.**

**Ба ваҳдат гар наёбӣ ин гули сарбастаи худро,**
**Тавонӣ ёфт аз як ғунча бӯйи гулситониро.**
**Ду рӯзе беш набвад фасли гулзори ҷаҳон Исо,**
**Ба пойи гул тавонӣ дод нақди комрониро.**

Аммо дар қиёс бо сабки Бедил дар ағлаби ашъори Исо матлабҳо печида набуда, маъниҳо равшану ба фаҳм наздиканд:

**Баҳори айш бигзашту хазон овард пириҳо,**
**Ба хоби хеш агар бинем айёми ҷавониро.**
**Намебошад бақо дар даври иқболи ҷаҳон, Исо,**
**Надидам ғайри кулфат ҳеч ин дунёи фониро.**

Ин маъниро мураттиби «Ашъор»-и Исо-махдум А. Абибов чунин шарҳ медиҳад, ки «ӯ дар аввал яке аз муқаллидони мутлақи Бедил буда, шеърҳояшро ба мавзуъҳои сӯфиёна мебахшид. Аммо дар баробари ривоҷ ёфтани услубе, ки Аҳмади Дониш онро пеш гирифта буд, Исо-махдум ҳам монанди баъзе шоирони дигар ба Аҳмади Дониш пайравӣ намуда, аз услуби душворфаҳми бедилӣ оҳиста-оҳиста даст мекашад. Аз ин ҷост, ки мо дар эҷодиёти Исо бо бисёр фикрҳои пешқадам, танқид ва шикоят аз замон, масъалаҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ ва иҷтимоӣ вомехӯрем» [6, с. 6-7].

Дар баъзе ғазалҳо мазомини ишқиву тасаввуфӣ бо матлабҳои заминӣ ва панду ахлоқӣ махлут мешаванд. Дар ғазали зерин, ки вожаҳои мушкилфаҳм ҷой надоранд, матолиби ишқиву тасаввуфиву фалсафӣ ба ҳам печида омадаанд:

**Ба сӯйи дил каманд андохт то зулфи камаргираш,**
**Кунун умрест ин девонаро гирад ба занҷираш.**
**Ба доғи куҳна марҳам хостам, доғи дигар бинҳод,**
**Илоҳӣ захми тирашро мудово мекунад тираш.**
**Ду чашми турки масташ тиру таркаш баста аз мижгон,**
**Камонабрӯйи ман пайваста меояд ба дил тираш.**

**Биёбоне, ки ман паймудаам дар ишқ, хунрез аст,**
**Паланги осмонро гурба донад панҷаи шераш.**
**Ба зуҳди хеш зоҳид мекунад фахру намедонад,**
**Ки ғайри худнамоӣ нест дар оина иксираш.**
**Ба сӯйи сайдгаҳ тозад агар ваҳшишикори ман,**
**Ба ранги гирдбод ояд зи ҳар сӯ фавҷи нахчираш.**
**Рақиби дӯстрӯ беҳтар бувад аз ёри душманхӯ,**
**Ки заҳри дӯстиҳоро набошад ҳеч тадбираш.**
**Агар Исо канор аз халқ бигрифту ба хилват шуд,**
**Макун айбаш, ки ранҷи ошноӣ карда дилгираш.**

Шеърҳои иҷтимоӣ дар осори Исо аз назари миқдор зиёд нестанд, аммо аз назари муҳтаво яке аз унсурҳои нерӯманди эҷодиёти ӯ мебошанд. Дар шеърҳои иҷтимоии худ шоир ҳам вазъи худро баён мекунад ва ҳам баъзе аз масоили рӯзгори хешро ба қалам медиҳад. Намунаи олии шеъри иҷтимоӣ ғазале бо радифи «қашшоқӣ» мебошад:

**Манам махмури ҳуббу ҷоҳу шавкат, масти қашшоқӣ,**
**Забуну хиҷлати нодорию сарпасти қашшоқӣ.**
**Зи умрам сӣ гузашту ман ҳамон дар қайди ифлосам,**
**Ба панҷоҳу чиҳил шояд раҳам аз дасти қашшоқӣ.**

Дар ғазали дигар низ гӯяд:

**Манам ситамкаши сад ғам зи гардиши гардун,**
**Забунафтодаи ин рӯзгори бӯқаламун.**
**Дарун фигору бурун манзари ҳазор алам,**
**Гирифта доманам осеб аз даруну бурун.**

Аз назари муҳтаво анвои дигари шеърии Исо, аз ҷумла рубоӣ ва қитъаҳои ӯ низ қобили таваҷҷуҳанд. Ӯ аз ин анвои шеърӣ барои баёни бардоштҳои худ аз зиндагӣ ва ифодаи андешаҳои фалсафӣ ҳам истифода мекунад. Чунончи, дар мухаммасе мегӯяд:

**Эй он ки басе заҳмати айём кашидӣ,**
**Аз соғари ин даҳр басе заҳр чашидӣ,**
**Ҳарчанд дар ин ғамкада бисёр тапидӣ,**
**Ҷуз шеваи ҳасрат ба навое нарасидӣ,**

**Охир чӣ тавон кард, ки саргашта давидӣ?!**

Дар рубоие низ аз бахти бади хеш шиква мекунад:

**Шом аз шафақ аст ҷоми ишрат дар пеш,**
**Шаб ҳам бувад аз субҳ тароватандеш.**
**Алқисса, ки ҳар фасл баҳоре дорад,**
**Аммо Исо асири бахти бади хеш [3, с. 289].**

Аз баррасии ашъори Исо-махдум метавон ба хулосае расид, ки ӯ аз суханварони мумтози охири асри XIX буда, дар замони худ ҳам бо ҳунари шоирӣ ва ҳам бо сифоти шахсии ҳамида ва қаноатпешагӣ шуҳрати зиёд доштааст. Ҳарчанд ки девон надорад, аммо ашъораш ҳудуди 1000 мисраъ то ба мо расидааст. Аз маҷмуаи ашъоре, ки А. Абибов интишор намудааст, чандин ғазалу қитъа, рубоӣ ва ҳикояти тамсилӣ берун мондаанд, ки дар ин мақола ба онҳо ишора шуд. Сабки ашъори Исо-махдум дар заминаи забон, хусусиятҳои адабӣ ва андешаву афкор нуктаҳои ҷолиби таваҷҷуҳро ошкор менамояд. Дар сатҳи забон ҳарчанд фазои шеърии Исоро вожаву таркибҳои сабки бедилӣ пур кардаанд, дар қиёс бо сабки Бедил дар аглаби ашъори ӯ матлабҳо печида нестанд, маъниҳо равшан ва ба фаҳм наздиканд. Дар истифодаи санъатҳои бадеӣ, хусусан талмеҳу тазмин ва истиораву маҷоз дасти қавӣ доштааст. Ҳарчанд ки аксари ғазалҳои шоир дар баҳрҳои ҳазаҷ ва рамал гуфта шудаанд, маълум мешавад, ки ӯ дар авзони гуногун ҳунари худро санҷида будааст. Шоир ҳам дар гуфтани ашъори ошиқона ва ҳам ашъори иҷтимоӣ тавфиқ доштааст.

**Пайнавишт:**

1. *Абдӣ, Абдуллохоҷа*. Тазкират-уш-шуаро / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Аасғари Ҷонфидо. – Душанбе, 1983. – 290 с.

2. *Айнӣ, С*. Ёддоштҳо // Энсиклопедияи насри муосири тоҷик. – Душанбе, 2009. – 680 с.

3. *Айнӣ, С*. Намунаи адабиёти тоҷик / Таҳия ва тасҳеҳи Мубашшири Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с.

4. *Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ*. Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб / Бо муқаддима, таҳия ва тавзеҳоти Ҷӯрабек Назрӣ. – Душанбе: Дониш, 2020. – 284 с.

5. Гулшани адаб. Намунаҳои назм. Ҷилди 5. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 464 с.

6. *Исо-махдум*. Ашъор. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 80 с.

7. Исо / Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Ҷ. 1. – Душанбе, 1988. – С. 521-522.

8. *Муҳтарам, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ*. Тазкират-уш-шуаро / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо. – Душанбе: Дониш, 1975. – 369 с.

9. *Садри Зиё*. Тазкори ашъор / Ба кӯшиши Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. – Теҳрон: Суруш, 1380. – 428 с.

10. *Садри Зиё*. Рӯзнома / Таҳқиқ ва пажӯҳиши Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. – Теҳрон: Маркази аснод ва хадамоти пажӯҳишӣ, 1382. – 500 с.

11. *Хадизаде, Р*. Источники к изучению таджикской литературы XIX века / Под редакцией И. С. Брагинского. – Сталинабад, 1956. – 138 с.

12. *Ҳодизода, Р*. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX. – Душанбе, 1968. – 295 с.

13. *Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳи Бухорӣ*. Тазкираи Сибоқ / Таҳияи М. Отахонзода. – Тошканд: Фан, 2007. - 200 с.

14. *Шодмон Воҳидов*. Зиёи Садр Бухорӣ ва феҳристи китобхонаи ӯ . – Душанбе: Маориф, 2021. – 560 с.

# МУЛЛО ҚУРБОНХОНИ ФИТРАТ ВА МЕРОСИ АДАБИИ Ӯ

Дар адабиёти мо якчанд нафар бо ном ё тахаллуси адабии Фитрат шуҳрат доранд, ки аз он ҷумла Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ (асри XVII), Мирзо Муизи Фитрат, шоири форсизабони Ҳиндустон (асри XVII), Фитрати Дарвозӣ (охири асри XIX-ибтидои асри XX), Мулло Қурбонхони Фитрат (асри XIX), Абдурraуфи Фитратро (охири асри XIX-ибтидои асри XX) метавон ном бурд. Гоҳе ду нафари охиринро бо сабаби якхела будани ном ва наздик будани макону замони зисташон ба ҳам омезиш медиҳанд. Дар бораи Абдурраруфи Фитрат солҳои охир мақолаҳову рисолаҳои зиёд навишта шуданд, вале Мулло Қурбонхони Фитрат шахсияти чандон шинохта нест. Дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» низ танҳо чанд ҷумла ва ду байт аз ӯ намуна оварда шудааст, ҳол он ки дар замони зиндагиаш ӯ яке аз шахсиятҳои маъруфе буда ва ҳамин маъруфият боис шуда, ки ном ва эҷодиёти ӯ қариб ба ҳамаи тазкираҳои замонаш ворид шавад. Дар бораи ӯ аз тазкираҳои Возеҳ, Садри Зиё, Абдӣ, Афзал-махдуми Пирмастӣ, Муҳтарам ва «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Айнӣ маълумот пайдо кардан мумкин аст.

Мутаассифона, дар бораи тарҷумаи ҳолаш иттилоъ хеле мухтасар аст. Соли таваллудашро ягон тазкиранигор қайд накарда ва соли вафоташро 1887 навиштаанд. Ӯ дар шаҳраки Вардонзеҳи тумани Бухоро ба дунё омадааст. Он яке аз шаҳрҳои қадимаи тоҷикон буда, дар масофаи 40 км аз Бухоро ҷой гирфтааст. Азбаски Фитрат аз ҳамзамонони Шамсиддини Шоҳин буда, бо ӯ моҷароҳое доштааст ва аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳо Шоҳин (1858-1894) аз ӯ чанд сол хурд будааст, ҳатто агар даҳ сол ҷавонтар ҳам бошад, соли таваллуди Фитратро тақрибан охири солҳои 40-уми

асри XIX гуфтан мумкин аст. Тахмин кардан мумкин аст, ки Фитрат умри дароз надида, тақрибан дар чилсолагӣ аз олам чашм пӯшидааст.

Аз «Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ (1870) нахустин маълумот дар бораи Фитрат ба даст меояд:

«Фитрат – тахаллуси Муллоқурбонхони Вардонзеҳӣ аст аз тумони Бухорои шариф. Ба таҳсили улуми шаръия машғул, қариб ба хатм расида, бисёр рашид ва мутолааи истеъдоди илмиаш ба камол ва шоҳидони афкори назмиаш низ дар ниҳояти ҳусну ҷамол. Хусрави иқлими балоғату бароат, хуршеди осмони фазлу камолу фасоҳат ва дар таърихи фунуни ашъор иқтидори тамому комил. Чунончи аз ин абёти малоҳатосор, ки марқум мегардад ва маълум мешавад, аз натоиҷи табъи оинапардози ӯст» [4, с. 162]. Дар идома аз шоир 5 ғазал ва 2 рубоӣ намуна оварда шудааст. Маълум мешавад, ки ҳангоми таснифи ин тазкира Фитрат муҳассили мадраса буда ва аллакай чун шоири хуб шуҳрат ёфтааст. Возеҳ ба ҳунари шоирии ӯ низ баҳои баланд дода, «афкори назмиаш дар ниҳояти ҳусну ҷамол» ва дар «фунуни ашъор иқтидори тамому комил» мегӯяд. Дар он замон, яъне соли 1870 – соли таълифи тазкира, шоир тақрибан 20-25 сола бояд бошад.

Иттилои нисбатан мукаммалеро дар бораи Фитрат аз «Тазкори ашъор», «Мусаввадаи 2» (варақаи 7, 25, 26, 27), «Мусаввадаи 3» (варақаи 260), «Набзе аз гузоришоти аҳвол» (варақаи 109 ва 112) ва «Рӯзнома»-и Садри Зиё метавон гирифт. Чунончи, дар «Тазкори ашъор» Садри Зиё дар 26 байт дар бораи ӯ менависад:

**Яке фозиле буд «Фитрат»-лақаб**
**Мусаллам дар ойини илму адаб.**
**Ба наҳву ба сарфу ба илми калом**
**Ба ҳар як варо буд ҳаззи тамом.**

**Ба таҳзибу ҳикмат ба «Мулло Ҷалол»**
**Вароดониш омад ба ҳадди камол.**
**Басе номдорони аҳли талаб,**
**Ҳама тезфаҳмони аҳли шағаб.**
**Ба гирдаш пайи касби фазлу камол**
**Ҳама рӯз машғули баҳсу ҷидол,**
**Ки аз чашмаи фитраташ ошкор**
**Майи илм бошад тарашшуҳшиор... [7, с. 182].**

Маълум мегардад, ки Фитрат дар ҷавонӣ дар омӯзиши сарфу наҳв, илми калом ва ҳикматҳои китоби «Мулло Ҷалол» тавфиқ дошта, миёни талабагон дар хушзеҳнӣ ва тезфаҳмӣ эътибори хос доштааст ва дар гирди ӯ ҳамдарсони зиёде ҷамъ шуда, барои касби фазлу камол ҳамарӯза «машғули баҳсу ҷидол» будаанд. Садри Зиё табъи шоирии ӯро низ хеле ситоиш мекунад ва дасти тавонои ӯро дар таълифи фарду ғазал ва дарки муаммо таъкид менамояд:

**Дар ашъор табъаш расо буду фикр**
**Тасарруф намудӣ маонии бикр.**
**Дурарҳои мазмуни рангин басе**
**Наёрад дар абёт чун ӯ касе.**
**Парад тоири фикраташ то абад,**
**Ба пероmани фитраташ кай расад?!**
**Дар иншои ашъори фарду ғазал**
**Ба олам надорад шабеҳу бадал.**
**Ба дарки муаммо чунон тезрас,**
**Ки меёфт номаш, намегуфт кас.**
**Ба фикри даванду ба табъи баланд**
**Басе буд донандаву арҷманд [7, с. 182].**

Муҳтарам низ дар тазкираи худ дар фанни муаммо маҳорати беназир дошани Фитратро таъкид кардааст [6, с. 287]. Садри Зиё дар «Тазкори ашъор» чанд сухан ба тарҷумаи ҳол ва фаъолияти кории Фитрат илова мекунад. Маълум мешавад, ки Фитрат бо саъю кӯшиши бештар дониш-

манди хуб гардида ва дар замони таҳсил ифтихори шогирдии Абдушшакури Оятро (бобои Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ) пайдо мекунад. Пас аз хатми таҳсил чанд сол дар яке аз мадрасаҳои Бухоро ҳамчун мударрис бо ин касб машғул шуда, дар миёни халқ обрӯву эътибори зиёд пайдо мекунад, шуҳраташ то ба гӯши Музаффаршоҳ мерасад ва шоҳ ӯро ба хидмати дарбор даъват менамояд:

**Ба мулки сухан гарчи фармондеҳ аст,**
**Валекин зи тумони Вардонзеҳ аст.**
**Варо ном Қурбон, вале ин аҷаб,**
**Ки қурбони табъаш Аҷам, ҳам Араб.**
**Пайи истифода чу шуд дар Бухор,**
**Ба саъю талаб гашт донишшиор.**
**Зи ақрони ӯ ҳамчу ӯ кас набуд,**
**Зи амсол гӯйи тафаввуқ рабуд.**
**Пас аз хатми таҳсил беталваса**
**Мударрис шудаш бо яке мадраса.**
**Бувад он хирадманди донишвуфур**
**Зи талмизи устод Абдушшакур.**
**Ба таълими туллоб то чанд сол**
**Муқайяд будӣ он ҳамидахисол [7, с. 182].**

Музаффаршоҳ бо назари илтифот ба ӯ муносибат карда, сароввал қозии Пешкӯҳ ва баъдан қозии Хатирчӣ таъйин мекунад. Дар Хатирчӣ Фитрат ҳамагӣ ду моҳ ифои вазифа намуда, дар ҳамон ҷо чашм аз олам мепӯшад.

**Чу шуҳрат баровард дар байни нос,**
**Расидаш ба гӯши шаҳи ҳақшинос.**
**Талаб карда ӯрову бишнохташ,**
**Карам кард ӯрову бинвохташ.**
**Зи лутфи Музаффаршаҳи бошукӯҳ**
**Пас он гаҳ шудаш қозии Пешкӯҳ.**
**Аз он ҷо қазои Хатирчӣ бад-он**
**Расида зи лутфи шаҳи нуктадон.**

**Ба ду маҳ қазои илоҳӣ расид,**
**Дар он ҷо ба мулки адам орамид [7, с. 182].**

Аз маълумоти иловагии Садри Зиё дар Замимаи 2-и «Тазкори ашъор» маълум мегардад, ки Фитрат чеҳраи зебо дошта, «дар ҳусну ҷамол адимулмисл»-у дар дониш ва фазл низ беҳамто будааст [7, с. 336].

Муносибати хуби шоҳ ба Фитрат дар «Рӯзнома»-и Садри Зиё низ таъкид шудааст. Чунончи, гуфта мешавад, ки «дар муддати чаҳор моҳ ҷаноби зилуллоҳӣ вориди Қаршӣ шуда, абвоби марҳаматро ҳаррӯза бар чеҳраи иқболи мавлоӣ мафтуҳ дошта, уламои номдор ва фузалои донишшиорро ба рикоби зафари интисоб гирд оварда, ҷаноби мавлоиро мумаййиз сохта, ҳаррӯза дар маҷлиси олӣ иҷлоси мунозара фармуда, бад-ин васила аз байни ин ҷамоа олимони барушд, фозилони комилро имтиёз карда, дар бораи онҳо меҳрубониҳо мекарданд, аз он ҷумла Абӯсаид-махдуми Судур – валади Наҷмуддин-махдуми марҳуму Ғиёсиддин-махдуми Садри Аълами марҳум, Изомуддин-махдум – набераи Охунд Домуллоҳасан алайҳирраҳма ва мулло Имомуддин Садри Аълами олӣ ва мулло Қурбон ал-мутахаллис ба Фитрат ва мулло Одил, мударриси Самарқанд ва ҳ., тахминан сад нафар олимони номвар ба рикоби қамаринтисоб чун фатҳу зафар мулозим ва муқаррар буда...» [8, с. 115].

Як санади дигар оид ба соҳиби ҳуҷраи мадраса дар Бухоро шудани Фитрат низ дар «Рӯзнома» ба мушоҳида меояд. Садри Зиё ин санадро чун дастоварди хуби сол ва кори савоб, ки дар он худаш низ саҳим будааст, хабар медиҳад: «Осори ҳасанаи дигари имсол ҳамин ки ба мурури синину шуҳур ба раҳнамоии уламои суъи ҷасур сиҳоми тадрисӣ ва ҳуҷуроти мадрасаи Абдуллоҳхон ва мадарасаи олӣ ба мустаҳиққинаш нарасида, аксарӣ дар зайли мозодаи хизонаи омира роҷеъ шуда будааст, ки роқими сутур

бар вачҳи некӯ гӯшгузори хусрави ғайюр гардонидам, ки ба дарачаи қабул расида, Мулло Юсуфи Ӯроқ ба тадрисии мадрасаи Абдуллоҳхон ва аъламии мадраса, Мулло Қурбон ном ба тадрисӣ ва муфтигии мадрасаи олӣ, Мулло Мансурхоча ва Муъминхоча номон ба муфтигии вилояти Қаршӣ ба марҳамати хусравонӣ сарафрозӣ ёфта, ҳучуроти холӣ истода, ҳар кадомаш ба мустаҳиқаш расида, савоби беҳисоб ҳосил шуд» [8, с. 219].

Аз асноди сарчашмаҳо маълум мешавад, ки Фитрат ба устоди худ Абдушшакури Оят эҳтиром ва иродати хеле зиёд доштааст. Ин қавлро як қасидаи мадҳияи шоир дар васфи устодаш низ собит мекунад. Дар ин қасида Фитрат ҳунари таҳриру суханварии Оятро васф намуда, каломи ӯро «ҳуштасхир» мегӯяд. Аз он чунин маълум мешавад, ки Абдушшакури Оят ба нуктаҳои саҳв дарибораҳои шогирдон ишора карда, ба ислоҳи онҳо мепардохтааст. Ӯ дар донишмандӣ устодашро баробар ба Афлотун ва дар маъниофарӣ килки тасвири ӯро эъчозофарин медонад. Дар поёни қасида шоир орзу мекунад, ки устодаш ҳаргиз ба кулфати айёми нокомӣ гирифтор нашавад ва ҳамеша чавон бимонад:

**Бурун ояд чу бӯ аз барги гул мазмуни таҳрират,**
**Тарашшуҳ чун май аз мино кунад маънии тақрират.**
**Биҳамдуллаҳ, ки дар даври ту з-аввал дилкушотар шуд**
**Харобиҳои иқлими сухан аз дасти таъмират.**
**Ба андози шунидан мекунад тасхир мардумро,**
**Фусун дорад мукаррар қилу қоли сеҳри тасхират.**
**Ишоротест дар ҳар нуктаи саҳв аз иборотат,**
**Фалотун кист, гардад маҳрами асрори таъбират.**
**Чаҳонеро зи худ берун барад то базми беранги,**
**Таҳайюртарчумон, яъне каломи ҳуштасхират.**
**Кашад дар сафҳаи наззораи тасвир маониро,**
**Магар хосияти эъчоз дорад килки тасвират?!**

**Ҳамин ҳарф аст мегӯяд, забони Фитрати бебок,**
**Мабодо кулфати айёми нокомӣ кунад пират.**
**[7, с. 183]**

Дар бораи фазлу дониш ва ҳунари суханварии шоир дар сарчашмаҳо борҳо ишора шудааст. Чунончи, Садри Зиё, ки ба ӯ эҳтиром ва иродат доштааст, менависад, ки боре ба Фитрат муроҷиат карда, маънии калимаи «бағо»-ро пурсидааст. Ва дар ҷавоб Фитрат филфавр гуфтааст:

**Аз ёр вафо тамаъ намебояд кард,**
**Ё тарки ҷафо тамаъ намебояд кард.**
**Аз чарх умеди поймардӣ ғалат аст,**
**Мардӣ зи бағо тамаъ намебояд кард.**

Дар ҷавоб ба тафсири вожаи «ниҳолӣ» низ шеъри зеринро бадоҳатан сурудааст:

**Эй ранги рухат ба ранги олӣ машҳур,**
**Ёқути лабат ба хушмақолӣ машҳур.**
**Аз нахли қади ту баҳравар шуд тӯшак,**
**Гардид аз он рӯ ба ниҳолӣ машҳур! [7, с. 335]**

Аз ин гуна мисолҳо маълум мешавад, ки Қурбонхон зеҳни тез дошта, бадоҳатан шеър мебофта ва дар зарофат ҳам аз истеъдоди хос бархурдор будааст.

Дар робита бо рӯзгори Фитрат чанд ҳикояте дар тазкираҳо ҷой доранд. Аз ҷумла, Муҳтарам ду ҳикояти ҷолиб меоварад. Дар ҳикояти аввал сухан аз базми шеър меравад, ки дар он Сират ва Фитрат ширкат доштанд. Фитрат дар он маҷлис ин фардро иншо кардааст:

**Дорам диле, ки шуълафурушист кори ӯ,**
**Доман мазан, мабод, ки афтад шарори ӯ.**

Ва Сират бо фарди зерин ба ӯ ҷавоб медиҳад:

**Ман шамъи мачлисам, ки ба ман ҳар ки дам занад,**
**Хомуш нишаста тира кунам рузгори ӯ [6, с. 172].**

Ин ҳикоят дар сарчашмаҳои дигар низ бо андак тағйир мавҷуд аст.

Ҳикояти дигар дар бораи он аст, ки Шоҳину Фитрат ҳарду ба ҷое мераванд ва иттифоқан саге аз пеши роҳ мебарояд. Шоҳин бо камоли ҷуръат пеши роҳи сагро медорад, вале Фитрат худдорӣ мекунад [6, с. 180].

Ҳикояти дигар низ дар тазкираҳо ба назар мерасад, ки аз рӯйи он яке аз подшоҳон Фитрат ва Гулмаҳмади Фоиқро ба зиёфат даъват кард, вале Фитрат ба сабаби он ки кудурат ба Фоиқ дошт, бар он базм намеравад, зеро бар он назар аст, ки:

**Бо мухолифмашрабон як ҷо нишастан хуб нест,**
**Ин ғалатмаҷмуаро шероза бастан хуб нест.**

Баъдан барои узр ин қитъаро навишта мефиристад:

**Миро, агар ба кӯят Фитрат нарафт, шояд,**
**Бояд ғубори коҳаш аз хотират барояд.**
**Фитрат фариштахӯест, Гул чун саги газанда,**
**Дар хонае, ки саг ҳаст, он ҷо фаришта н-ояд.**
**[7, с. 336]**

Яке аз масъалаҳое, ки дар мавриди рӯзгори Фитрат дар бархе аз сарчашмаҳо ба назар мерасад, муносибати Фитрат бо Шоҳин будааст. Ба қавли устод Айнӣ, сабаби моҷаро Офарин ном шоире буда, ки ба иллати иғвогарӣ ба ӯ лақаби Дӯзахӣ додаанд. «Ӯ мардумро ба ҷанги ҳам меандохт. Аз забони Шоҳин ва Қурбонхони Фитрат дар ҳаққи ҳар ду ҳаҷвия сохту он ду ногап шуданд. Аз ин рӯ, ӯро «Офарини дӯзахӣ» номида буданд» [2, ҷ. 7, с. 24].

Дар ин маврид иттилои ҳошияи «Куллиёт»-и Шоҳин нисбат ба тамоми асноди дигар дақиқтар ба назар меояд. «Дар Девони қасоид» [дастнависи 229] гуфта мешавад, ки сабаби эҷоди қасидаи Шоҳин дар ҷавоби Фитрат байти зерин будааст:

**Худфурӯшӣ касали куҳна бувад зоҳидро,**
**Мекунад ишва ба ҳар ҷо зани даллола барин.**

Дар дастнависи шумораи 1436 гуфта мешавад, ки «Вақте Шоҳин мақтаи:

**Насазад даъвии Фитрат ба ту дар боби сухан,**
**Лоақал шеъри ту, Шоҳин, набувад Вола барин», –**
ро нисбат ба худ гуфта, лекин домулло Қурбони Фитрат аз тавҷеҳи маънии зоҳирӣ ранҷида, дар бораи Шоҳин ин байтро иншо карда фиристоданд, ки:

**Худфурӯшӣ касали куҳна бувад Шоҳинро,**
**Мекунад ишва ба ҳар ҷо зани даллола барин.**

Шоҳин баъд аз шунидани ин мақол ва мушоҳидаи ин ҳол ба тариқи истеъҷол ба тамҳиди чанд байт он байти фиристодаи Фитратро истиқбол менамояд» [12, с. 234-235].

Қасидаи Шоҳин аз 126 мисраъ иборат буда, дар он шоир ба ҳар як калимаи байти Фитрат ҷавоб мегӯяд. Аввал ӯ ба обрӯву эътибори Фитрат ишора карда, сабаби чунин ҳарфи нохуши ӯро мепурсад:

**Таъна бар халқ мазан, хоса ба Фитрат, ки писанд**
**Нест он таъна, ки аз моҳ ба ахтар бошад.**
**Гуфтам: – Эй неши ҳадисат ба мазоқам чун нӯш,**
**Аз чӣ бо ман зи ту ин туҳмати мункар бошад?!**

Аммо баъди ин тамоми ҳунарашро дар мазаммати Фитрат ба кор бурда, ӯро дар кинаварзӣ ва ҳасудӣ айбдор мекунад. Дар абёти баъд бо истифода аз калимоти байти Фитрат «худфурӯшӣ», «зани даллола», «касали кӯҳна», «зоҳид», «ишва» айбномаи Фитратро инкор мекунад ва баландии мақоми худро таъкид намуда, мегӯяд, ки дар назди Шоҳин дигарон камтар аз кабӯтар ҳастанд:

**Гар маро дасти сухан дода Худо, кина магир,**
**Панҷ ангушт кӣ дидаст, баробар бошад?!**
**…Худфурӯшӣ накунам, лек зи даъво холӣ**
**Набувад он ки ҳунарманду суханвар бошад.**
**Зани даллола магӯ, маънии бикрам дар лафз**
**Чун арӯсест фурӯҳишта ба чодар бошад.**
**Касали кӯҳна гар эдун ба касе ҳаст, бигӯ,**
**Бо ман ояд, ки дами Исавӣ эдар бошад.**

**Нестам, зоҳид, дар базми фалак зуҳрасифат,**
**Шафақи меҳр маро бодаи соғар бошад.**
**Туҳмати ишваи харҷоиям аз ту, боре,**
**Аз бузи мода ғалат бар шутури нар бошад.**
**Кош ояд, ки сиголем зи ҳар фан рӯзе,**
**Аз қазо бар ману ту он чӣ муқаддар бошад.**
**То бубинем, кӣ дар фазл саромад ояд?**
**То бидонем, кӣ дар разм диловар бошад?!**
**[12, с. 134]**

Ашъори Фитрат иборат аз ғазал, қасида, мухаммас, тарҷеъбанд, таркиббанд, рубоӣ ва муфрадот аст. Мероси адабии ӯ дар тазкираву баёзҳо дар шакли пароканда маҳфуз мондааст. Дар бораи соҳибдевон будани ӯ дар ягон манбаъ маълумоте нест. Аммо миқдори боқимондаи осораш дар тазкираву баёзҳо зиёданд. Ҳамзамонон дар тазкираҳо ба шеъри ӯ баҳои баланд дода, ҳунари шоириашро эътироф кардаанд. Аммо дар замони шуравӣ ба ҳамаи онҳое, ки ба дарбори шоҳ қаробат доштанд, муносибати назарногирона зоҳир мешуд. Ҳамаи онҳо чун шоирони хушомадгӯ ва беҳунар муаррифӣ мешуданд. Чунончи, дар китоби «Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX» Р. Ҳодизода навишта, ки «шоиру мусоҳибоне, ки дар атрофи амир ва дарбори он ҷамъ омада буданд (монанди Қозӣ Қурбонхони Фитрат, Афзал-махдуми Пирмастӣ, Сират, Муҳаммад Шарифи Анбар ва ғайра), мисли шоирони дарбории пешина шоирони касбӣ набуданд ва шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки ҳоло аз бисёрии онҳо девони ашъор боқӣ намондааст» [9, с. 59]. Дар идомаи ин андеша гуфта мешавад, ки аксари ин шоирон, аз ҷумла Фитрат, нисбат ба шоирони пешқадам бадгӯйӣ мекарданд, кӯшиш доштанд, ки онҳоро бадном ва мазаммат намоянд. Барои мисол муаллиф ба моҷарои Фитрат ва Шоҳин ишора мекунад. Гузашта аз ин, дар бораи таназзули жанри қасида сухан

ронда, иллати онро пучгӯӣ, ҳарзадароӣ, такрори ибораҳои обшуста, тақлиди ноуҳдабароёнаи қасидасароёни гузашта номбар карда, барои мисол аз қасидаи Фитрат бо радифи «муччӣ» чанд байт намуна меорад [9, с. 70].

Албатта, Расулхон Ҳодизода донишманди беҳтарини ин давраи адабиёт буда, аксари навиштаҳояш бидуни баҳс қобили қабул аст. Табиӣ, ки мафкураи ҳоким дар замони шуравӣ дар мавриди шоирони муқарраби дарбор чунин баҳогузориро талаб мекард. Аммо на ҳамаи шоирони аҳли дарбор ҳарзагӯ буданд ва дар мавриди Қурбонхони Фитрат низ на ҳамеша ин қавл исбот мешавад.

Маълум мешавад, ки дар аввали роҳи эҷодӣ Фитрат бештар дар пайравӣ ба Бедил ва шоирони дигари замон шеър гуфтааст. Чунончи, дар тазкираи Возеҳ омадааст:

**Сари савдоии мо гар зи роҳат дур мегардад,**
**Ҷунунтӯфонии чандин қиёмат шӯр мегардад.**
**Нигоҳе, ай Масеҳо, нашъаи ҳангомаи имкон,**
**Тани мо мустамандон то ба кай ранҷур мегардад?!**
**Қабули арзи нозат туҳфаи дигар намехоҳад,**
**Раҳоварди ниёзам бас агар манзур мегардад.**
**Ҳаром, эй мояи айши абад, бе лаъли майгунат,**
**Қадаҳ як ҳалқаи хамёзаи махмур мегардад.**
**Насими субҳ агар орад ғуборе аз сари кӯят,**
**Ба доғи синаи мо марҳами кофур мегардад.**
**Ба даври хатти мушкини ту завқи зиндагонӣ ку,**
**Чу дил дар хотир орад хонаи занбӯр мегардад.**
**Чӣ ҳоҷат мутриби дигар бисозӣ нотавон Фитрат,**
**Мижа барҳам задан ҳам нохуни танбӯр мегардад.**
**[4, с. 163]**

Дар ин ғазал вожаву таркибҳои пуркорбурди сабки ҳиндӣ – монанди *ҷунунтӯфон, ҳангомаи имкон, арзи ноз, раҳоварди ниёз, ҳалқаи хамёзаи махмур* ва ғайра ишора ба тарзи баёни шоир доранд. Дар ғазали дигар низ ҳамин ҳол ба мушоҳида меояд:

**Чанд бошад дидаи маҳви он нигор оинаро,**
**Ё Раб, аз мижгон фитад дар дида хор оинаро.**
**Мекунад найранг ҳусни он бути паймоншикан,**
**Оқибат бар хок фарши интизор оинаро.**
**То гирифт аз ноз он хуршед бар рӯяш ниқоб,**
**Тира шуд чун рӯзгорам рӯзгор оинаро.**
**Чор шуд чашмам ба роҳаш лек з-он рӯ ғуссаам,**
**К-интизорӣ баст бар қатлам чаҳор оинаро.**
**Бар нагирад ҳеч ҷо ором Фитрат ин қадар,**
**Шавқи дидоре, ки дорад беқарор оинаро [4, с. 164].**

Дар ин ғазал ҳам вожаҳои *маҳв, оина, найранг, интизор, шавқ, беқарор* аз ҳусни таваҷҷуҳи шоир ба ин сабк гувоҳӣ медиҳанд.

Дар тазкираи Возеҳ ду рубоӣ низ ба унвони гувоҳи ҳунари шоирии Фитрат намуна оварда шудаанд:

**На бо худиям, на аз худӣ берунам,**
**На масту на ҳушёр аҷаб маъҷунам.**
**Таъбирамро ба ҳеч натвон кардан,**
**Ё Раб, ба чӣ ранг бастаӣ мазмунам?! [4, с. 164].**

Рубоии дигарро чун намунаи хуби санъати муроот-ун-назир оварда ва зикр кардааст, ки он дар татаббуи рубоии Мавлоно Лутфуллоҳи Нишобурӣ эҷод шудааст:

**Дӣ даръи зари лола насиме зад чок,**
**Шуд ҷавшани лаъли гул парер оташнок.**
**Ҳар ҷавҳари теғ савсани об аст имрӯз,**
**Пайкони ақиқи ғунча фардост ба хок [4, с. 165].**

Ин ду рубоӣ ба анъанаи рубоисароии гузаштагон ба миён омада, ҳунари вежаи суханпардозии шоирро нишон медиҳанд. Дар ҳамин бастаи намунаҳо, ки дар тазкираи Возеҳ омадааст, як ғазале низ ҷой дода шудааст дар васфи чои кабуд, ки байти матлааш ин аст:

**Касе, ки чойи кабуд аз лаби пиёла нанӯшад,**
**Ба ҳеҷ ранг димоғаш ба назму наср наҷӯшад.–**
**[4, с. 164]**

Ин ғазал аз намунаҳои дигари ашъори Фитрат комилан тафовут дорад. Он бо сабаби наздик буданаш ба забони халқ аллакай дар замони худаш иштиҳори зиёде ёфта будааст, ки далели ин қавл аз забони шахси нобино садо доданаш дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ мебошад.

Ҳамин таваҷҷуҳи шоирро ба калимаву таъбирҳои мардумӣ тазкиранависони замон низ пай бурда будаанд. Чунончи, Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ мегӯяд, ки «дар ашъор он ҳама санъатҳои аҷиба ва истилоҳоти ғариба ба кор бурда, кам касро даст дода, гӯё ки ба услуби ҷадид ва тарҳи ғариб мухтареъ аст ва ба тарзи нав ва истихроҷи тоза мутафаррид... бе такаллуф дар ашъор дарҷ мекунад ва суханҳои урфияро бе таассуф назм. Аксар аз шуарои мобаъди ӯ муқаллиди ӯянд ва риштаи тақлиди ӯ дар гардани ҷон андохта ва нақди дилу ҳушро дар равиши ӯ бохтаанд [1, с. 215].

Дар ин қавл ду нукта қобили таваҷҷуҳ аст. Аввал ин ки, Абдӣ Қурбонхони Фитратро мухтареи «тарзи ғариб», яъне, ихтироъгари тарзи нав, навовар меномад. Дувум, таъкид мекунад, ки шоирони зиёде дар тақлид ва пайравӣ ба ӯ шеър гуфтаанд, яъне ӯ сарвари равияи нави шеъргӯӣ гардид.

Дар қисмати «Таълиқот ва тавзеҳот»-и «Рӯзнома»-и Садри Зиё, ки ба қалами Муҳаммадҷони Шакурӣ мансуб аст, аз қавли Садри Зиё қайд шудааст, ки Қурбонхони Фитрат ба тарзи навин шеър мегуфт. «Шояд Садри Зиё мурооти гӯйишҳои мардумиро, ки гоҳ дар шеъри Фитрат дида мешуд, дар назар дошта бошад», – хулоса мекунад М. Шакурӣ [8, с. 383].

Дар ҳақиқат, як силсилаи калони ашъори Фитрат бо истифода аз вожаҳои урфӣ таълиф шудаанд. Чунончи, мухаммаси зерин, ки аз панҷ банд иборат аст, намунаи ҷолиби чунин шеърҳост:

**Кайвониё, асири бичак пухтанат шавам,**
**Шайдои шавлабегими мардафканат шавам,**

**Ҳайрони рӯйи лахчаки кочифанат шавам,**
**Бе обу тоб дег фуроварданат шавам,**
**Қурбони ёймачалпаки беравғанат шавам.**

**То кай занем кочию мошоба субҳу шом,**
**То кай хӯрем қотуру то кай фатири хом?!**
**Кардаст доғи дунбаҷигар айши мо ҳаром,**
**Катбонуё, ба марҳамате соз шодком,**
**Эй ман адои лутфу карам карданат шавам.**
**[7, с. 184]**

Ин ғазал ҳам намунаи ашъори урфии шоир аст, ки дар атъима, яъне дар васфи таъом навишта шудааст:

**Иштиҳо гарм аст, дасте дар хами угро занед,**
**Ҳамчу қошуқ остини хешро боло занед.**
**Шӯрбои боҳаловат мавҷаи оби бақост,**
**Сарбасар ишкам шаведу соғари дарё занед.**
**Ҳасрати омочи саҳро хоки мо бар бод дод,**
**Ин ғубори рафтаро дар домани саҳро занед.**
**Кулфати зар гар набошад, нест ташвиши палав,**
**Ком агар хоҳед, дасти харҷ бар дунё занед.**
**Порае аз гӯшт ҳангоми кашидан аз табақ,**
**Бар замин афтад, ба коми Фитрати шайдо занед.**
**[3, с. 300]**

Ин ашъор ба ғайр аз таъкиди истифодаи мусталеҳоти урфӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки Фитрат ба ҳаҷву ҳазл ҳам рағбати зиёд доштааст.

Агар эҷодиёти Фитратро ба ду марҳала ҷудо кунем, маълум мешавад, ки дар марҳалаи дувум ӯ аз сабки ҳиндӣ дур шуда, бештар ба соданависӣ майл пайдо кардааст. Шояд ҳамин хусусияти эҷодиёти ӯ боис шуда, ки Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳи Бухорӣ дар «Тазкираи Сибоқ» ӯро «аз беҳтарин шуарои мадрасаи нав» ва шеъри ӯро «дорои маъниҳои мубтакир ва мусталиҳоти шуубӣ» меномад [11, с. 36].

Дар мавриди шуубия дар ин тазкира чунин шарҳ дода мешавад, ки он «номи мактаби адабиест, ки амир Абдулаҳадхон таъсис кардааст. Парҳез аз луғатҳои мушкилфаҳми арабӣ, истеъмоли калимаҳои оммафаҳм мароми онҳо буд» [11, с. 194]. Ҳарчанд Фитрат пеш аз замони ҳокимияти Амир Абдулаҳадхон, яъне дар давраи Музаффаршоҳ зиндагӣ кардааст, маълум мешавад, ки соданависӣ аллакай дар замони Музаффаршоҳ оғоз шуда будааст. Дар равияи соданависӣ Фитрат ашъори гуногун, аз ҷумла ғазал, рубоӣ, мухаммас, тарҷеъбанд, таркиббанд навиштааст. Масалан, тарҷеъбанди машҳури ӯ, ки хеле ширин баромадааст, аз 17 банд иборат буда, байти тарҷеҳи он чунин аст:

**Домони ту, эй бути ситамгар,**
**Сар медиҳаму намедиҳам сар [7, с. 184].**

Дар ин байти тарҷеҳ шоир суханро бозӣ доронида, калимаи «сар»-ро, ки таҷнис шудааст, бори аввал ба маънии «калла», «сари инсон» ва бори дувум ба маънии «аз даст надодан» ва «сар надодан» ба кор бурдааст. Дар бандҳои ин шеър низ матлабҳо гоҳе шӯхиомез, бо оҳанги ҳаҷву ҳазл омадаанд:

**Эй маҳваши беҳ зи ҷумла хубон,**
**Хӯрдам зи ҳаданги ғамза бар ҷон!**
**Бишкастӣ мазори аҳду паймон,**
**Ором нишин, фасона кам хон!**
**Домони ту, эй бути ситамгар,**
**Сар медиҳаму намедиҳам сар [7, с. 184].**

Чунин тарзи баён бо истифода аз калимаҳои халқиву лаҳҷавӣ дар ғазалҳои шоир низ кам нестанд.

**Дар хонае, ки ҳусни ту гардид ҷилвагар,**
**Ҳур оядат барои тамошо ба пушти дар.**
**Дар пеши ёр шиква намесозам аз рақиб,**
**Зеро ки ошнои қалин аст баччағар.**

**Сад бор гуфтамаш, ки бар ӯ ҳеч дам мазан,**
**Сад бор гуфтамаш, ки биё, номи деҳ мабар!**
**Бар дасти тифли шӯх маро дода рӯзгор,**
**Барбаста ҳар ду пойи маро ҳамчу доғсар.**
**Як раҳ хиром баҳри ибодат ба сӯйи мо,**
**К-андар ғами ту ҳол ба ҳолему муҳтазар.**
**Умрест, орзуйи ту дорам ба сар, вале**
**Ку бахти он ки бар сарам ойӣ тақар-тақар.**
**Кайвонии маҳалла, илоҳӣ, ту хуш шавӣ,**
**Гуфтӣ румузи ошиқиямро ба сад гузар.**
**Фитрат, ба ғайри ман, ки харидам ғами бутон,**
**Пул дода кас ба худ нахаридаст дарди сар.**
**[97, с. 186]**

Дар ин ғазал *қалин, баччагар, тақар-тақар, кайвонӣ, сад бор гуфтан, пул дода дарди сар харидан* аз вожаву таркибҳои маҳаллӣ ва мардумиянд, ки шеърро содаву ширин кардаанд.

Мулло Қурбонхони Фитрат барои пасовандон ва шогирдонаш шахсияти забардасту соҳибэҳтиром будааст. Шогирди номвари ӯ Мулло Иноятулло, ки низ дар шоирӣ тавфиқ ёфтааст, қасидаи ғаррое дар мадҳи Фитрат дорад, ки аз 44 байт иборат буда, дар қисмати аввалаш ӯро дуоъ мекунад, ки:

**Бод, эй Худой, табъи ту ҳамвора шодмон,**
**Бод, эй Илоҳ, шахси ту пайваста комрон!**
**[7, с. 151]**

Шоир Фитратро дар хубиву дилбарӣ беназир ҳисоб карда, як-як сифатҳои хубу писандидаашро шумурдааст:

**Эй дилбарӣ-т беҳаду хубӣ-т бекарон,**
**Хубиву дилбарӣ ба ту хатм аст дар ҷаҳон.**
**[7, с. 152]**

Иноятулло-махдум дар васфи ақлу донишу фитрати олии устодаш беҳтарин тавсифҳоро оварда, ифтихор дорад, ки маҳз бо дониши ӯ кори шариат низом ёфтааст:

**Ақз-ал-қузоти қозии Фитратлақаб, ки шаръ**
**Нозад ба худ зи фитрати олӣ-ш ҳар замон.**
**Ақлаш ба фирқа-фирқаи халқ аст раҳнамо,**
**Килкаш ба оя-ояи шаръ аст тарҷумон.**
**Эй дониши муҷассаму эй кибриёи маҳз,**
**Эй ақли солхӯрдаву эй давлати ҷавон! [7, с. 152].**

Қасидаи Иноятулло-махдум тибқи анъана бо мадҳи шоҳи кишвар Музаффаршоҳ ба охир мерасад.

Ҳамин тавр, метавон ба хулосае бирасид, ки Мулло Қурбонхони Фитрат аз шоирони хушноми нимаи дувуми садаи XIX буда, соҳиби девон буданаш дақиқ нашудааст. Ашъораш дар ду равия – бархе дар пайравӣ ба сабки ҳиндӣ ва бархи дигар дар равияи соданависӣ таълиф шудаанд. Дар байни инҳо ашъори гурӯҳи дувум шуҳрати бештар доранд.

**Пайнавишт:**

1. *Абдӣ, Абдуллохоҷа*. Тазкират-уш-шуаро / Бо тасҳеҳу муқаддимаи Аасғари Ҷонфидо. – Душанбе, 1983. – 290 с.

2. *Айнӣ, С*. Куллиёт. Ёддоштҳо. Ҷ. 7. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. – 906 с.

3. *Айнӣ, Садриддин*. Намунаи адабиёти тоҷик / Таҳия ва тасҳеҳи Мубашшир Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с.

4. *Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ*. Туҳфату-л-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб / Бо муқаддима, таҳия ва тавзеҳоти Ҷӯрабек Назрӣ. – Душанбе: Дониш, 2020. – 284 с.

5. Гулшани адаб. Намунаҳои назм. Ҷилди 5. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 464 с.

6. *Муҳтарам, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ*. Тазкират-уш-шуаро / Бо тасҳеҳу муқаддимаи Асғари Ҷонфидо. – Душанбе: Дониш, 1975. – 369 с.

7. *Садри Зиё*. Тазкори ашъор / Ба кӯшиши Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. – Теҳрон: Суруш, 1380. – 428 с.

8. *Садри Зиё*. Рӯзнома. Вақоеънигории таҳаввулоти сиёсӣ-иҷтимоии Бухорои шариф тайи нимаи поёнии амороти хо-

ноти манғит бар асоси ёддоштҳои рӯзонаи Шарифҷон-махдуми Садри Зиё – охирин қозикалони Бухоро / Таҳқиқ ва пажӯҳиши Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. – Теҳрон: Маркази аснод ва хадамоти пажӯҳишӣ, 1382. – 500 с.

9. *Ҳодизода, Р.* Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX. – Душанбе, 1968. – 295 с.

10. *Ҷалилова, М.* Фитрат // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. –Ҷ. 3. – Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ, 2004. – С. 288.

11. *Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳи Бухорӣ.* Тазкираи Сибоқ / Таҳияи М. Отахонзода. – Тошканд: Фан, 2007. – 200 с.

12. *Шоҳин, Шамсиддин.* Куллиёт / Таҳия ва тавзеҳи М. Муҳаммадӣ. – Душанбе: Адиб, 2006. – 640 с.

## ДАР БОРАИ НОМАҲОИ ҲАЙРАТ БА ТУҒРАЛ

Номаҳои манзум навиштани аҳли адаб ба ҳамдигар дар адабиёт ҳодисаи нав нест. Ҳануз дар садаи XII Маҳастӣ ба Адиб Собир номае навишта, иродати худро ба ӯ изҳор карда буд, ки чунин шуруъ мешуд:

**Собиро, номаи гиромии ту**
**Руҳи афсурдаро равон бахшид!**
**Машъали килки ту ба фанни адаб**
**Равшанӣ бар зуломи ҷон бахшид.**
**Маҳситиро каломи шевоят**
**Роҳати ҷисми нотавон бахшид [1, с. 256].**

Номаҳои Адиб Собир ба Рашидаддини Ватвот, Ҷомӣ ба Навоӣ, Ҷомӣ ба Ҳотифӣ, номаҳои Ҷавҳарӣ ба Тамҳид, Асирӣ, Лоҳутӣ ва дигарон намунаҳои ҷолиби ин навъ номаҳо ҳастанд. Зимнан, ҷавобияҳо ҳам як навъ нома мебошанд.

Ду номаи манзуми Ҳайрат ба Туғрали Аҳрорӣ низ хеле ҷолиб ва хонданӣ ба назар расид. Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат (1878-2002) аз шоирони номвари ҳавзаи адабии Бухоро дар охири садаи XIX – ибтидои садаи XX буда, ба иллати бемории сил хеле ҷавон аз ҷаҳон чашм пӯшидааст. Дар мавриди истеъдод ва ҳунари шоирии ӯ мураттибони ҳамаи тазкираҳои ин давра муттафиқанд. Бахусус устод С. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ва «Ёддоштҳо» бо камоли муҳаббату ихлос аз ӯ ёд намуда, ӯро бо вуҷуди «хурдсолу хурдҷусса» буданаш устоди худ механад. Ҳам аз хотироти устод Айнӣ, ҳам аз таълифоти адибони дигар ва ҳам ашъори худаш Ҳайрат як ҷавони донишманду камсухан ва хушахлоқу хушодоб ба назар меояд. Аз ғазалу қасида, қитъаҳое, ки дар васфи Аҳмади Дониш ва Туғрал гуфтааст, инчунин аз мухаммасҳое, ки бар ғазалҳои Бедил, Парии Ҳисорӣ, Оят, Гавҳарӣ, Исмати Бухороӣ ва дигарон навиштааст, аз рубоиву таркиббанд, ҳаҷвиёту мутоибот ва маснавии ӯ маълум мешавад, ки саррофи сухан буда. Ҳай-

рат дар анвои гуногуни шеърӣ дасти қавӣ дорад ва дар ҳар ҳолат вобаста ба мавзуъву жанру мазмун маънӣ меофарад.

Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат бо шоирони зиёде мисли Садри Зиё, Садриддин Айнӣ, Аҳмадҷон-махдуми Ҳамдӣ, Абдулвоҳиди Мунзим дӯстиву рафоқат пайдо карда, бо шоирони дигаре, ки ба ин ҳалқа иртибот доштанд, ошноӣ дошт. Маълум мешавад, ки ӯ як нафари хеле пурмутолиа буда, бо ҳар роҳу воситае китобҳо ва матбуоти навро дастрас карда мехонд. Бо ашъори шоирони муосири на танҳо ҳавзаи адабии Бухоро, балки ҳавзаҳои адабии дигар низ ба хубӣ ошно буд. Яке аз чунин шоирони варзидаву номвари замон, ки Ҳайрат ба шеър ва ҳунари ӯ иродату ихлос дошт, Туғрали Аҳрорӣ (1865-1919) буд. Ин маъниро аз як шеъри ӯ, ки дар шакли номаи манзум дар 72 мисраъ бо номи «Ба Туғрали Самарқандӣ» иншо шудааст, метавон дарк кард. Дар тавзеҳоти худ ба китоби «Ҳайрат. Ашъори мунтахаб» Р. Ҳодизода навиштааст, ки: «Ба Туғрали Самарқандӣ» – сарлавҳаи ин қитъаро котиби девон – Мунзим чунин гузоштааст: «Ин қитъаро ҷиҳати истифсори маънии байте, ки гуфтаи Туғрали Самарқандист, ба Туғрал ирсол дошта». Маълум мешавад, ки Ҳайрат ин шеърро ҳамчун мактуб ба Туғрал фиристода будааст ва дар он маънии як байтро, ки Туғрал навиштааст, пурсидааст» [4, с. 155].

Дар 8 байти аввали шеър мухотаб боди сабо аст, ки бояд аз Бухоро то Самарқанд дуои нависандаро армуғон бубарад. Насимро шоир «тӯтии боғи вафо», навозишгару хидматгузор ва «қосиди фархундапай» меномад:

**Боракаллаҳ, ҳаббазо, эй ҳудҳуди боди сабо,**
**К-аз сабои ҷуръатат дил қиссахонӣ мекунад.**
**Хайри мақдам, эй насим, эй тӯтии боғи вафо,**
**Эй ки бо ёдат қалам шаккарбаёнӣ мекунад.**
**Аз паёми дилбари номеҳрубон, барнои ман,**
**Эй ки саъят гоҳ-гоҳе меҳрубонӣ мекунад.**
**Дар қусури шукри алтофи ту дорам эътироф,**

**Дар ташаккур фикратам қосирзабонӣ мекунад.**
**Баски дорам инфиоле аз навозишҳои ту**
**Ғайратам иқдоми ҳарфе имтиҳоне мекунад.**
**Нақди ҷонро баъд аз ин дар мақдамат созам нисор,**
**То нагӯӣ бо ту хидмат ройгонӣ мекунад.**
**Яъне имрӯз аз Бухоро то Самарқанд, эй насим,**
**Бо касе хоҳаш дуое армуғонӣ мекунад.**
**Гар намедонӣ, ало, эй қосиди фархундапай,**
**Хомаи таҳрирнишони ӯ аёнӣ мекунад! [3, с. 155]**

Дар идомаи шеър сухан аз Туғрали Самарқандӣ меравад, ки ин нома ба номи ӯст. Ҳайрат ба ӯ баҳои хеле баланд медиҳад ва дар фаҳму дарк ва мазмунсозиву маънипардозӣ беназир мебинад. Ба фикри ӯ, Туғрал бо фаҳми расои худ дар сайди маънӣ ҷойгоҳи рафеъ дорад. Азбаски дар авҷи парвоз аст, мақоми ӯро ҳама орзу мекунанд, ҳатто насри тоир, яъне ситорае дар бурҷи уқоб мехоҳад бо ӯ ҳамошён бошад. Аз мазмунҳои ғарибе, ки ӯ бо камони фитраташ шикор мекунад, мурғи анқоро дар сайдгоҳи фикр нишон мегирад. Дар бастани маънӣ низ каманди ҷуръаташ беҳамтост.

**Туғрал он, к-андар фазои даъвӣ аз фаҳми расо**
**Дар ҳавои сайди маънӣ парфишонӣ мекунад.**
**Дар фарози орзуи авҷгириҳо бад-ӯ**
**Насри тоир хоҳиши ҳамошёнӣ мекунад.**
**Аз мазомини ғарибулло камони фитраташ,**
**Сайдгоҳи фикрро анқонишонӣ мекунад.**
**Ҳаббазо дар бастанӣ маънӣ каманди ҷуръаташ**
**Шаҳрбанди табъи мазмунро амонӣ мекунад. [3, с. 156]**

Ҳайрат бар он бовар аст, ки ба шеъри Туғрал шоире мисли Соиб, ки бузургтарин намояндаи сабки ҳиндист, бо садои баланд аҳсану офарин мегӯяд. Бинобар ин ӯ эҳтиёҷ ба ситоишу таҳсини шиоре мисли Фиғониро (Бобо Фиғонӣ – шоири охири асри XV-ибтидои асри XVI – аз аввалин намояндагони сабки ҳиндӣ) надорад. Шохаи дарахти назмро

самари лутф оварда ва нахли шеърро аз мазмунҳои нав сероб кардааст:

**Он ки фарёдофариниҳои Соиб бишнавад,**
**Самъи рое кай ба таҳсини Фиғонӣ мекунад?!**
**Фаръи давҳи назмро з-асмори лутф оварда бор**
**Асли нахли шеърро мазмундавонӣ мекунад. [3, с. 156]**

Дар байти дувум «фаръ» ба маънии шоха, «давҳ» – дарахти мевадор ва «асмор» ҷамъи самар, яъне мева омадааст.

Шоир дубора бармегардад ба мухотаби худ – боди сабо, ки паёми ӯро аз Бухоро ба Самарқанд, ба мамдуҳ бояд мерасонд ва мегӯяд, ки фалонӣ, яъне Ҳайрат дуогӯйи туст:

**Эй сабо, чун сар ба хоки мақдамаш судӣ, бигӯй,**
**Дар дуоят сарфи авқоте фалонӣ мекунад [3, с. 156].**

Аз забони ман (яъне Ҳайрат) ин чанд ҳарфи мадҳро бояд ба ӯ бирасонӣ ва бигӯӣ, ки эй касе, ки дар иқлими сухан дар маснади сафҳа килки ту ҳукмронӣ мекунад ва фаҳми баланди маънисайди ту мисли шоҳбозест, ки дар дарахти сидра, яъне дар осмони ҳафтум сайр дорад, «дар замин истода кори осмонӣ мекунад». Баъдан Ҳайрат шеъри Туғралро оинадори ашъори Камоли Исфаҳонӣ номида, ҳунари ӯро дар бозофаринии фикр баробар бо килки Беҳзод меҳисобад, ки Шопуру Монии афсонавӣ дар қиёс бо ӯ ҳечанд.

**Аз забони ман ба одоб он замон ин чанд ҳарф**
**Месароӣ, гарчи тамҳиди гаронӣ мекунад,**
**К-эй ба иқлими сухан дар шаҳрбанди назму наср**
**Дар сарири сафҳа килкат ҳукмронӣ мекунад.**
**Дар сарири сарфа овои сарири хомаат**
**Хони маъниро салои меҳмонӣ мекунад.**
**Шоҳбози сидрасайру фаҳми маънисайди ту,**
**Дар замин истода кори осмонӣ мекунад.**
**Тӯтии тақрир аз оинадориҳои туст,**
**Он чӣ таъйиде Камоли Исфаҳонӣ мекунад.**
**Килки Беҳзодат ба тасвирофариниҳои фикр,**
**Насхи Шопур оварад, батлони Монӣ мекунад. [3, с. 156]**

Ҳамин тариқ, мамдуҳи худро «шуҳраи шаҳру диёр» номида, иқрор мешавад, ки ин ҳама мадҳу ситоиш як навъ арзи ихлоси ниҳонӣ аст:

**Шуҳраи шаҳру диёро, гӯш бар ҳарфи раҳӣ**
**Гар гузорӣ, арзи ихлоси ниҳонӣ мекунад [3, с. 157].**

Сипас мегузарад ба арзи матлаб. Суханро аз як шеъре, ки Туғрал дар шакли ғазал гуфтааст, шуруъ карда, дар тавсифи он шеър беҳтарин ҳарфҳоро мегӯяд:

**К-аз ту дар ранги ғазал назме, ки тарҳ афтода буд,**
**Он ки об аз софияш касби равонӣ мекунад.**
**Не дурар чанде ки берун гашта з-он баҳри замир,**
**Дар ҳақиқат кори ганҷи шойгонӣ мекунад.**
**Баҳри мазмунҳои ӯро сар фурӯ бурдам ба фикр,**
**Фикри ман ҳам баски ҳалли Булмаонӣ мекунад.**
**Кишту моте чанд дидам, з-он ки худ фармудаӣ:**
**«Ҳар касе бо қадру дониш донаронӣ мекунад» [3, с. 157]***

Ин ҷо як нуктаи дигар низ, ба фикри мо, бояд афзуда шавад. Муҳаққиқи эҷодиёти Ҳайрат Ҷумъаназар Эшонқу-

* Сухан дар бораи ғазали зерини Туғрал аст:

**Партави оинаам ҳайратбаёнӣ мекунад,**
**Сурати Беҳзоди фикри ман на Монӣ мекунад.**
**Вазъи мизони хаёламро мапурс аз нозукӣ,**
**Сояи мӯе ба ёд ояд, гаронӣ мекунад.**
**Уқдаҳои мушкили рамзу киноёти маро**
**Фаҳмад он доно, ки ҳалли Булмаонӣ мекунад.**
**Дар сарири мӯшикофӣ шоҳам аз фикри расо,**
**Дар диёри назм табъам ҳукмронӣ мекунад.**
**Ахтари толеъ ба авҷи донишам дунбола зад,**
**Мулки маъниро дилам соҳибқиронӣ мекунад.**
**Ҳарки шуд дар баҳри ашъорам нахустин нохудо,**
**Завраҳ аз фаҳми баланди хеш сонӣ мекунад.**
**Муҳраи нарди бисоти байти мавзуни маро**
**Ҳар касе бо қадри дониш донаронӣ мекунад.**
**Дар шикори сайди маъниҳои ваҳшатроми ман**
**Кай хаданг аз ғамза, кай абрӯ камонӣ мекунад?**
**Туғралосо рӯзу шаб дар авҷи мазмунҳои бикр**
**Тоири рамзи нукотам парфишонӣ мекунад [2, с. 212].**

лов бар он назар аст, ки дар ин ду шеър бедилгароии Туғрал зери танқид гирифта шудааст: «Яке аз фазилатҳои беҳтарини ашъори Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат дар он аст, ки вай ба суханварони пешин, хусусан ба Мирзо Абдулқодири Бедил, ки дар он замон иродатмандон ва муқаллидони ӯ бисёр буданд, тақлид ва пайравӣ намекард. Баръакс, ӯ пайравгарони номуваффақи ин шоири бузургро сахт зери тозиёнаи танқид мегирифт. Чунин муносибати эҷодкоронаи ӯ ба шеъри Бедил дар ду қитъае, ки Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ба Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ навишта буд, равшан ба назар мерасад» [5, с. 102].

Ба фикри мо, дар ин шеър танқиди бедилгароӣ ҷой надорад, баръакс шоир шеъри Туғралро хеле ситоиш карда, танҳо дар мавриди як байт назари интиқодии худро баён мекунад. Ӯ пас аз тавсифҳои олӣ бо камоли адаб арзи матлаб мекунад, ки дар ин ғазал байте ҳаст, ки «дар тартиби мазмун» сакта дорад. Аз қодирназме чун ту гуфтани чунин байт шоиста нест, зеро ту, ки халлоқул-маонӣ ҳастӣ, бояд чунон сухан гӯйӣ, ки хосу ом ба ту таслим шаванд. Халлоқ-ул-маонӣ будан, яъне пайрави Бедили бузург будан аст, ки ба чунин унвони баланд шоир бояд сазовор бошад:

**Лек дар ин байт тақрири забони фикратам**
**Андак аз тартиби мазмун сактахонӣ мекунад.**
**«Ҳар ки шуд дар баҳри ашъорам нахустин нохудо,**
**Завраք аз фикри баланди хеш сонӣ мекунад».**
**Гарчи фикри ман дар аввал фикри заврақ ҳам намуд,**
**Боз ҳайрат киштиямро бодбонӣ мекунад.**
**Ҳирс қонеъ нест доъиро назар дар даъвият**
**В-арна тавҷеҳе ба ҳар оин, ки донӣ, мекунад.**
**Яъне аз ҳамчун ту қодирназм дӯши фикри мо**
**Муддаоро з-ин нишон оҷизгумонӣ мекунад.**
**Аз ту дар кайфияти мазмуни ин саҳбои соф**
**Соқии омол саршори авонӣ мекунад.**
**Хештанро баски халлоқ-ул-маонӣ хондаӣ,**
**Оре, оре фикратат хилқи маонӣ мекунад [3, с. 157].**

Ва ниҳоят, мегӯяд, ки ин ду мисраъ ё ба саҳв аз маънӣ дур мондааст ва ё маъние дорад, ки аз ман пинҳон аст. Бинобар ин маслиҳат медиҳад, ки тез онро ислоҳ кунад ва ё аз баҳри ин байт барояд:

**Ин ду мисраъ ё ба саҳв аз хилқи маънӣ мондааст,**
**Ё ки дорад маъние, бо ман ниҳонӣ мекунад.**
**Бе таваққуф ё бубар оини халлоқӣ ба кор,**
**То ки таслимат ақосӣ чун адонӣ мекунад.**
**Ё забон дар ком каш, якбора з-ин даъвӣ гузар,**
**В-арна килк аз ҳарфи дигар тарҷумонӣ мекунад [3, с. 158].**

Зоҳиран, вақте ин шеър ба Туғрал мерасад, ӯ тамоми муҳаббату ихлосеро, ки дар замири он нуҳуфта аст, нодида гирифта, зеҳнаш ба ҳамон байте андармон мешавад, ки мавриди танқиди Ҳайрат қарор гирифта буд. Ин матлабро метавон аз байти зерин дарк кард:

**Хурда дар гуфтаи Туғрал кам гир,**
**Коснӣ ҳам гуле аз гулзор аст [2, с. 139]*.**

---

* Шакли пурраи ғазал ин аст:

**Ҳар киро шӯхи парирухсор аст,**
**Соғари ишрати ӯ саршор аст.**
**Зоҳидеро, ки сафо дар дил нест,**
**Субҳаи ӯ на кам аз зуннор аст.**
**Зулфи ӯ дидаму гуфтам дар дил:**
**Ҳар куҷо ганҷ бувад, гар мор аст.**
**Аз лабаш вақти сухан дур (р) борад,**
**Лаъли ӯро зи Бадахшон ор аст.**
**Кай бувад ёр барӣ аз ағёр,**
**Як гуле нест, ки ӯ бехор аст.**
**Дар талаб неҳ, ту, қадам оҳиста,**
**Кӯҳи ин бодия ноҳамвор аст.**
**Кӯҳкан ҷон ба абас мебозад,**
**Кандани кӯҳи ғамаш ночор аст.**
**Укди зулфаш нашавад ҳал осон,**
**Ки ба ҳар ҳалқаи ӯ асрор аст.**
**Бе фано кай бувад имкони васул,**
**Ба ҳарими ҳарамаш гар бор аст?!**
**Хӯрда дар гуфтаи Туғрал кам гир,**
**Коснӣ ҳам гуле аз гулзор аст [2, с. 139].**

Маънии мазкурро Нуралӣ Нурзод низ пай мебарад: «Шояд Нақибхон Туғрал ин байтро дар ҷавоби ҳамин эроди Ҳайрат гуфта бошад» [2, с. 721]. Ба пиндор чунин мерасад, ки шояд Туғрал номаи дигари таҳқиромезе низ ба Ҳайрат фиристода бошад, ки боиси таълиф шудани шеъри наве аз ҷониби ӯ гаштааст. Ба қавли Р. Ҳодизода: «Аз мазмуни шеър маълум мешавад, ки Туғрал ба қитъаи аввали Ҳайрат ҷавоби густохонае навиштааст. Аз ин сабаб дар ин қитъаи Ҳайрат оҳанги эҳтиромкоронаи пештара дида намешавад» [4, с. 159]. Дарвоқеъ, Ҳайрат дар номаи дувуми худ на танҳо изҳори озурдагӣ мекунад, балки як навъ бо ишора ба ҳунари танзнигории худ, ҳушдор медиҳад, ки агар минбаъд низ шоир пой бурун аз ҳода ниҳад, беҷазо нахоҳад монд:

*Ба Туғрал*

**Эй музмар аз матолиби даъвӣ, ки мар туруст,**
**Биттабъ гоҳ дар сари изҳор мешавӣ.**
**Гар баъд аз ин ниҳода бурун по зи ҳодаат,**
**З-он роҳ гарми азм дигар бор мешавӣ.**
**Ҳайрат зи табъи шӯх балои замона аст,**
**Ҳуш дор аз ин бало, ки гирифтор мешавӣ. [3, с. 159]**

Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки ин ду нома аз ҳамдигар аз назари ҳаҷм ва муносибати гӯянда ба мамдуҳ хеле тафовут доранд. Сабаб ҳам мантиқан бояд посухи дурушти Туғрал бошад. Бинобар ин шеъри дувуми Ҳайрат як андак оҳанги таҳдид ҳам дорад.

Дар маҷмуъ номаҳо баёнгари аҳволи шоир, ҳунари бориксанҷӣ ва дараҷаи шеърфаҳмии ӯ буда, муносибати муаллифро ба Туғрал инъикос менамоянд.

**Пайнавишт:**

1. *Мирзоюнус, М*. Маҳастии Хуҷандӣ. Рӯзгор ва осор. – Хуҷанд: Хуросон, 2020. – 287 с.

2. *Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ*. Девон / Тасҳеҳ, тавзеҳот, пешгуфтор ва баргардонӣ ба хатти форсӣ аз Нуралӣ Нурзод. – Хуҷанд: Хуросон, 2015. – 792 с.

3. *Ҳайрат*. Ашъори мунтахаб. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1964. – 254 с.

4. *Ҳодизода, Р*. Тавзеҳот ба китоби Ҳайрат // Ашъори мунтахаб. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1964. – С. 233-251.

5. *Эшонқулов, Ҷ*. Рӯзгор ва осори Ҳайрати Бухороӣ. – Тошканд: Тамаддун, 2023. – 208 с.

## ИДРИСХОҶАИ РОҶӢ ВА МАСНАВИИ «ТАЗКИРАТ-УЛ-ХАТТОТИН»-И Ӯ

Бо вуҷуди он ки Қозӣ Мирмуҳаммад Идрисхоҷа Роҷии Бухороӣ аз шоирони соҳибистеъдоди охири асри XIX – ибтидои асри XX буд, дар бораи ӯ то ин замон ягон тадқиқоти ҷиддӣ сурат нагирифтааст. Албатта, дар тазкираҳо, аз ҷумла дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Муҳтарам ва «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё, «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, «Афзал-ут-тазкор»-и Афзал-махдуми Пирмастӣ, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ дар бораи ӯ маълумот пайдо кардан мумкин аст. Баъзе матлабҳои муқаддамотиро магистранти мо Маҳинабону Ғаффорова бо фарогирии маводи ин сарчашмаҳо дар мақолаи худ «Ҳаёт ва эҷодиёти Идрисхоҷаи Роҷӣ» [7, с. 46-51] овардааст, ки умедворем, пажӯҳиши худро идома медиҳад. Дар мақолаи мо баъзе масъалаҳои марбут ба тарҷумаи ҳол, мероси адабӣ ва маснавии ӯ «Тазкират-ул-хаттотин» ба миён кашида мешаванд.

Устод С. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» аз Идрисхоҷаи Роҷӣ (1298-1338 / 1878-1918) 3 ғазал, 6 рубоӣ ва 1 қитъаро оварда, дар ҳаққи ӯ менависад: «Роҷӣ аз муқтадиртарин муосирони худ ва дӯсти наздики Неъматулло-махдуми Муҳтарам буд. Роҷиро қасидаҳои ҳар мисроъ таърих ва қасидаи бенуқта низ буд» [3, с. 217]. Аммо дар «Ёддоштҳо», ки пас аз бисту чанд соли ин тазкира таълиф шудааст, муаллиф ӯро аз мухолифини шоирони пешқадам, аз он ҷумла Ҳайрат пиндошта, ӯ ва дӯсташ Муҳтарамро танқид мекунад: «Сонитар ду шоири ҷавон муқарраби даргоҳ шуданд. Қобилияти шоирии инҳо нисбат ба он замон хеле дуруст буд. Лекин ҳардуи инҳо аз хурдсолӣ худро боби дарбор месохтанд. Ҳардуи инҳо ҳам аз калонзодагони Бухоро буда, ба таъбири ҳамон замон «устухонҳошон бо нону намаки

ҷаноби олӣ сахтшуда» буда, ба дарбор наздик шудан мақсади табиии инҳо буд. Инҳо аввал лафзбозиҳо, муаммоҳо, қасидаҳои тамомтаърих, қасидаи аз ҳарфи бенуқта тамомшаванда барин корҳоро, ки дар замони пӯсиши феодализм «санъат» ба шумор мерафт, ба даст даровcovered даровარданд, баъд аз он дар дарбори амири замон Абдулаҳад, ки фаҳшиёт ривоҷ ёфта буд, мувофиқ шуданро машқ карда, шеърҳои беодобонагӯйиро сар карданд» [2, с. 630].

Сабаби чунин дугунагии назар, тахмин меравад, ки таъсири ғояҳои ҳоким ва дар дарбори амир Абдулаҳадхон қарор доштани Роҷӣ аст. Хусусан, баъд аз воқеаҳои соли 1937 ҳатто Айнӣ барин як шахсияти ҷасур маҷбур буд, ки назари манфии худро дар бораи ин шоири дарборӣ баён кунад.

С. Айнӣ оид ба дӯстии Роҷӣ бо Муҳтарам, муаллифи «Тазкират-уш-шуаро» сухан ронда, ҳардуро аз зумраи «калонзодагони Бухоро» ва хоҳишмандони хидмат дар дарбор меҳисобад. Муҳтарам дар тазкираи худ дар бораи Роҷӣ маълумот дода, ӯро писари «Мулло Наберахоҷаи муфтӣ, мутахаллис ба Тавфиқ, ки дар мавридаш таҳқиқ ёфт» мегӯяд ва дар бораи «вазъи салим ва табъи латифи ӯ» суханҳои баланд гуфта, аз эҷодиёташ як рубоӣ, ду қасида ва ду ғазалро намуна оварда, дар ниҳоят «Таърихи вафоти Идрис-махдуми Роҷӣ»-ро, ки мансуб ба қалами тазкиранигор аст, замима мекунад:

**Афсус, ниҳоли гули боғи фузало рафт,**
**Чун боди ҳаво аз асари боди ҳаво рафт.**
**Дар манзили ваҳшаткадаи аҳли фано буд,**
**Дар маҷлиси хилваткадаи аҳли бақо рафт.**
**Аз кашмакаши сурати ҳастӣ дили худ чид,**
**Оина барандохту худ маҳви лиқо рафт.**
**Дар давраи имкон, ки ризо ӯ ба қазо буд,**
**Дар равзаи ризвон шуда розӣ ба қазо рафт.**

**Дар маъбади таҳқиқ ниёзи абадӣ сохт,**
**Як саҷда адо кард, ки то рӯзи ҷазо рафт.**
**Бар рӯйи замин латмаи асҳоби сухан монд,**
**Бар гӯши фалак ноиҳаи аҳли азо рафт.**
**Аз сафҳаи девони сухан маънии мавзун**
**Оҳиста, нафаҳмонда чу бӯе зи сабо рафт.**
**Ё Раб, чӣ хабар қосиди ғайбӣ ба вай овард,**
**К-андар кафи худ ҷони гиромӣ ба фидо рафт.**
**Моем гирифтортар аз сайд дар ин дом,**
**Ӯ рухи муҷаррад шуда, аз қайд раҳо рафт.**
**Хун баски фишурдем зи дил баҳри вафоташ,**
**Аз панҷаи мижгон асараш мисли ҳино рафт.**
**Тоун, ки дар ӯ ҳукми шаҳодат шуда ҷорӣ,**
**Дар ҳини вабо ӯ ба адоди шуҳадо рафт.**
**Таърихи варо Муҳтарами хаста чунин ёфт:**
**Роҷӣ ба суйи мабдаи боқӣ ба риҷо рафт (1338).**
**[9, с. 141]**

Аз ин марсия маълум мешавад, ки шоир соли 1338, дар синни чилсолагӣ ба бемории тоун гирифтор шуда, аз ин вабо ба шаҳодат расида будааст. Муҳтарам дар мақолаи алоҳида дар бораи падари Роҷӣ низ маълумот дода, ӯро аз ҳарду ҷониб «шариф-ут-тарафайн» – аз як ҷониб авлоди содоти Саид Атоӣ ва аз ҷониби дигар – Хоҷагони Даҳбедӣ меномад. Аз ин шоир ӯ як байт, як наът ва ду ғазалро намуна меорад [9, с. 82-84]. Худи Роҷӣ дар вафоти падараш марсияе менависад ва он дар тазкираи Садри Зиё нақл шудааст:

**Оҳ аз он туғрои девони фазоил, к-аз сафо**
**Дар баёзи хотираш канзи дақоиқ буд сабт.**
**Навниҳоле дам ба дам аз нуктаҳои дилфиреб**
**Ранг-ранг аз мазраи фикри дақиқаш дошт набт.**
**Буд васфи донишу ҷуду ҷалолу рифъаташ**
**Зоидан ъаммо нақулу ъолиян миммо катабт.**

**Кард чун сомони сайри хиттаи дор-ул-қарор,**
**Гуфт аз маънишиносӣ доъии Ҳақро раҳабт.**
**Шуд сариророи саҳни гулшани дорулхулуд,**
**Дар маҳи Қурбон, ҳазору сесаду дар явми сабт.**
**[12, с. 92]**

Дар навбати худ Садри Зиё дар тазкираи манзуми худ «Тазкори ашъор» Роҷиро хеле ситоиш мекунад:

**Ҷавоне зи шоирфанони Бухор,**
**Ки дорад ба фанни сухан эътибор,**
**Хирад дораду ақлу ҳушу насаб,**
**Ҳунар дораду илму ҳилму ҳасаб.**
**Хирад омада ирси ӯ аз падар,**
**Хирад маврас омад ба касбу ҳунар.**
**Мусаммо ба Идрису Роҷӣ хитоб,**
**Сиёдатнасаб, хоҷагиинтисоб [12, с. 91].**

Дар идомаи ин тавсифот муаллифи тазкира дар бораи падари ӯ маълумот додааст:

**Падар буд з-аъёни мулки Бухор,**
**Ки дорад ба илму амал иштиҳор.**
**Ҳасаб ҷамъ омад варо бо насаб,**
**Саййидхоҷа ному Набера лақаб.**
**Расида зи лутфи шаҳи бовиқор**
**Ба ифтонависии шаҳри Бухор.**
**Ба фазлу камолу ба иззу шараф**
**Надорад назиру адилу тараф.**
**Муваффақ ба тавфиқи лорайбӣ аст,**
**Камолоти ӯ ҷумлагӣ ғайбӣ аст,**
**Ки дар шеър ҳам дошт табъи расо,**
**Ки «Тавфиқ» бошад тахаллус варо [12, с. 91].**

Дар ҳамин ҷо Садри Зиё аз вафоти Тавфиқ ва аз навишта шудани таърихи вафоти ӯ аз ҷониби писараш хабар медиҳад, ки мо он таърихро дар боло овардаем:

**Аз ин домгаҳ пеш аз чанд сол**
**Варо тоири руҳ кард интиқол.**
**Пайи забти таърихи фавти падар**
**Чӣ абёти зебо, ки дорад писар [12, с. 91].**

Садри Зиё изҳори умедворӣ мекунад, ки Роҷӣ, агар аз чанги аҷал зинда монад, дар оянда метавонад «зубдаи шоирони замон» шавад:

**Биёбад зи чанги аҷал гар амон,**
**Шавад зубдаи шоирони замон.**
**Ҳанӯзаш, ки дар унфувони шабоб,**
**Тавон кард аз фозилонаш ҳисоб.**
**Ҳамоно пас аз касби такмили ҳол**
**Ба олимаротиб расонид камол.**
**Дар ин аҳд дар шеваи шоирӣ**
**Варо рутба бартар бувад з-аксаре.**
**Варо зеҳни соф асту табъи равон**
**Талиқ-ул-лисон асту азб-ул-баён [12, с. 91].**

Садри Зиё Роҷиро на танҳо ба унвони як шоири рангинхаёл, балки ҳамчун хаттоти хушкор низ муаррифӣ кардааст:

**Ба ашъори рангин, ки ӯ қоил аст,**
**Ба хаттотӣ ҳам дасти ӯ қобил аст [12, с. 91].**

Азбаски дар назари Садри Зиё шеъри Роҷӣ беҳтар аз шеъри падараш аст, дар тазкирааш, ӯ нахуст ашъори писар ва баъдан намунаҳо аз ашъори падар меорад ва ин маъниро махсус таъкид менамояд:

**Нахустин зи ашъори хуби писар**
**Нависам, пас он гаҳ зи шеъри падар [12, с. 91].**

Садри Зиё дар тазкираҳои дигари худ низ дар бораи Роҷӣ маълумот додааст, ки дар ин бора Саҳобиддини Сиддиқ дар рисолаи худ хабар медиҳад [13].

Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ – аз тазкиранависони муосири Роҷӣ дар тазкирааш ба ӯ баҳои баланд дода, 2 ғазалашро

намуна овардааст [1, с. 101]. Ӯ иштибоҳан тахаллуси Тавфиқро «Таҳқиқ» навишта, аз ҷониби модарӣ аз хоҷагони Шайхи Рангрез набераи Иноятуллохоҷаи Муфтии мударриси Кӯшон Толиби Таҳзибхон будани ӯро қайд мекунад ва низ умед бар он мебандад, ки агар толеъ мадад кунад, ба мартабаи камол хоҳад расид [1, с. 101].

Аммо аз миёни тазкиранависони баъдина «Тазкираи Сибоқ» дар бораи Роҷӣ маълумоти фаровонтар медиҳад. Ба қавли ӯ, «эшон домоди Қозӣ Ибодуллохони Ибрат, ки мавсуф валади аршади домулло Абулфазли Сират мебошанд» [4, с. 100]. Ӯ хабар медиҳад, ки бародари Роҷӣ Насрулло-махдум бо ду писари Ибодуллохони Ибрат «ба Афғонистон (ба Ақча) ҳиҷрат намуда ва дар ҳамон ҷо зиндагонӣ карда ва дар ҳамон ҷо аз олам гузаштаанд» [4, с. 100].

«Девони Роҷӣ дар ин ҳангом назди Атоуллохон, фарзанди Насруллохон-махдум аст, ки муҳаррир шаби сафари худ аз Кобул соате аз он истифода бурда, баъзе аз ғазалҳои онро навишта гирифта будам» [4, с. 100].

Ин хабар воқеан ҳам ҷолиб аст. Маълум мешавад, ки Идрисхоҷаи Роҷӣ шоири соҳибдевон буда, девонаш айни ҳол дар дасти бародарзодааш Атоуллохон будааст ва ӯ дар Кобул иқомат доштааст. Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳи Бухорӣ дақиқ накардааст, ки дар кадом сол бо ӯ мулоқот доштаву девонро бо чашми худ дидааст, вале аз замимаи тазкира маълум мешавад, ки дар аввали солҳои 2000 ҳам ӯ дар қайди ҳаёт будааст. Пас, маълум мешавад, ки имкон дорад, девони шоир дарёфт ва муаррифӣ шавад. Дар «Тазкираи Сибоқ» муаллиф 5 ғазал, 4 мухаммас бар ғазалҳои Шоҳин, Тоҷуддавла, Оҷиз, Анқо, 4 истиқболия бар ғазали амир Оҷиз, 1 истиқболия бар ғазали Наҷиби Ҳиндӣ, 4 рубоӣ ва як марсия-моддаи таърихи Муҳтарам бар вафоти Роҷиро интиқол намудааст, ки аксар нав буда, дар тазкираҳои дигар вонамехуранд.

Ниҳоят, тазкираи дигар «Тазкираи суханварони Истаравшан», ки мансуб ба қалами Сайидумари Султони Кавкабист, дар бораи Идрисхоҷаи Роҷӣ маълумот дода, менависад, ки ӯ дар мавзеи Қалъачаи Раиси Ғончӣ соли 1298 / 1880 «дар оилаи фозил ва шоир Мулло Бурҳонхоҷа мулаққаб ба Наберахоҷа тахаллусаш Тавфиқ таваллуд ёфт. Мулло Бурҳонхоҷа фарзанди шоир Сайидғозихоҷаи Нолаи Истаравшанӣ ва набераи Хоҷа Убайдуллоҳи Солик мебошад. Бинобар ҳамин ҳам Тавфиқ ба худ Наберахоҷа лақаб гирифтааст» [с. 249] Аз рӯйи иттилои Сайидумари Султон, Роҷӣ саводи ибтидоиро дар зодгоҳ гирифта, баъди дар Бухоро муфтӣ шудани падараш ба ин шаҳр мекӯчад, дар мадрасаи Кӯкалтош таҳсил карда, дар ноҳияи Янги Қурғон қозӣ таъйин мешавад. Аммо соли 1336/1918 ба бемории вабо гирифтор шуда, дар синни 39 солагӣ вафот мекунад. Тибқи иттилои муаллиф, Роҷӣ дар Истаравшан ба яке аз хешовандонаш издивоҷ карда, соҳиби фарзандон, аз ҷумла писаре мешавад бо табъи шоирӣ.

Дар маълумотномаи Сайидумари Султон чанд нукта баҳснок аст:

1. Сабаби Наберахоҷа тахаллус ёфтани Тавфиқро донишмандони дигар набераи Иноятуллоҳхоҷаи муфтӣ будани ӯ гуфтаанд.

2. Соли вафоти Роҷиро аксари тазкиранависон 1338 гуфтаанд, аммо С. Султон 1336 менависад. Агар ба моддаи таърихи Муҳтарам такя кунем, 1338 дуруст аст.

3. С. Султон ҳини баёни шарҳи ҳоли шоир дар бораи хидмати Роҷӣ дар дарбори амир хомӯш мондааст.

4. Шайх Кароматуллоҳ дар «Тазкираи Сибоқ» ӯро домоди шоир Ибрат гуфтааст, аммо С. Султон аз издивоҷи ӯ бо хешдухтари истаравшанӣ хабар медиҳад, ки маълум нест, ахбори кадоме аз онҳо саҳеҳ бошад.

5. Тибқи хабари С. Султон дар тазкираи Возеҳ дар бораи Идрисхоҷаи Роҷӣ маълумот ҷой дорад. Аммо мутолиаи

бодиққати ду нашри ин тазкира ба натиҷае овард, ки дар бораи Роҷӣ чизе гуфта нашудааст.

6. С. Султон маълумоти Садри Зиёро аз «Тазкори ашъор» иштибоҳан чун чакидаи қалами Муҳтарам овардааст.

7. С. Султон менависад, ки Роҷӣ «ба вафоти шоирони машҳури замон Шамсиддини Шоҳин, Мирсиддиқи Хайрат, Тавфиқ, Ёрӣ, Риҷоӣ ва чанди дигар қитъаҳои таърихӣ навиштааст» [8, с. 252]. Қитъаи таърихии ӯ дар вафоти падараш Тавфиқ ҷойи баҳс надорад, аммо дар мавриди шоирони дигар қитъаҳои ӯ дар ҳеч ҷо, аз ҷумла дар тазкираи худи С. Султон низ сабт нашуда, боиси шубҳа мемонанд.

8. Ба қавли С. Султон «соли 1976 ба табъи девони Нақибхони Туғрал таърихи марғуб гуфт ва баҳои сазовор дод» [8, с. 252]. Аммо ин фикр ҳам баҳснок аст, зеро соли 1976 Роҷӣ дар қайди ҳаёт набуд, девони Туғрал бошад, соли 1916 интишор ёфт, ки баробар ба соли 1876 ҳ. мебошад. Шояд муаллиф ҳамин солро дар назар дошта бошад?!

**Мероси адабии Идрисхоҷаи Роҷӣ** аз рубоиёту қитъаот, ғазалиёту қасоид, мухаммасҳову ҷавобияҳо, баёз ва маснавии манзуми «Тазкират-ул-хаттотин» иборат аст. Девони Идрисхоҷаи Роҷӣ, чунонки гуфта шуд, тибқи маълумоти Шайх Кароматуллоҳи Сибоқ дар дасти бародарзодаи шоир дар Кобул нигаҳдорӣ шудааст. Намунаҳои ашъори Роҷӣ дар тазкираҳо оварда шуда, аз ҳунари волои шоир шаҳодат медиҳанд. Дар суханбозӣ низ Роҷӣ истеъдоди фавқулода доштааст, ки рубоии зерин бо истифодаи таҷниси қофия гувоҳи ин даъвост:

**Эй дилбари шӯхи дилкаши дидадаро,**
**Кардам зи барот ҷой, дар дида даро!**
**Бар пот ғуборе нарасад, дида даро,**
**Берун кунадат сиришк, гар дида даро!**

Дар радифи мухаммасҳое, ки Роҷӣ ба ашъори шоирони мозиву муосир гуфтааст, як мухаммаси тазминии зебое

бар ғазали Камоли Хуҷандӣ низ ҷой дорад, ки банди аввалинаш чунин аст:

**Сунбул аз он кокули пурпечутоб аз худ равад,**
**Наргис аз он чашми масти нимхоб аз худ равад.**
**Ғунча аз лаъли ту ҳангоми хитоб аз худ равад**
**Акси рӯят гар фитад дар об, об аз худ равад**
**В-ар фишонӣ зулфи мушкин, мушки ноб аз худ равад.**

Баёзи Идрисхоҷаи Роҷӣ, ки бо хати хеле зебо таълиф шуда, ашъори шоирони зиёд аз ҷумла абёти дилнишини Абдурраҳмони Ҷомӣ, Камоли Хуҷандӣ, Саъдии Шерозӣ, Сайидои Насафӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Садри Сарир, Абдулқодирхоҷаи Савдо ва дигаронро дар бар гирифтааст.

Маснавии «Тазкират-ул-хаттотин» аз манбаъҳои муҳимми таърихиву адабии тоҷикон буда, дар он дар бораи ҳунари хаттотӣ, хусусиятҳои он, хушнависони номвар маълумот дода шудааст. Маснавии мазкур дар вазни мафоӣлун / мафоӣлун / мафоӣл (ё фаулун) – баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳфуз ё мақбуз навишта шуда, шумори мисраҳояш аз 1700 адад (850 байт) мутаҷовиз аст.

Зимнан, маснавии Роҷӣ асари муҳимме аз силсилаи осор дар бораи хушнависон буда, дар ин давра чандин асари дигар ҳам аз боби ҳунарҳои хушнависӣ, китоборобӣ, муқовасозӣ ва монанди ин таълиф шуда будааст. Аз он ҷумла «Тазкират-ул-хаттотин»-и Садри Зиё, «Маҷмуаи котибин»-и Фатҳуллоҳи Муӣ, «Тазкираи хушнависон»-и Ғуломмуҳаммад Ҳафтқаламии Деҳлавӣ ва ғ. -ро метавон ном бурд, ки бо таърихи ин навъ ҳунар, вежагиҳо ва номварони он метавонанд ошно кунанд. «Тазкират-ул-хаттотин»-и Идрисхоҷаи Роҷӣ, ба қавли мутахассиси соҳаи хатшиносӣ Эҳсон Оқилов, ба шарофати «Тазкират-ул-хаттотин»-и Садри Зиё, ки соли 1350/1931 таълиф шудааст, ҳифз шудааст (Э. Оқилов). Садри Зиё дар асари худ дар бораи анвои

хат ва хаттотони мутақаддимин ва мутааххирин маълумот дода, баъзе рисолаҳои марбут ба хатро низ ба он ворид кардааст. Ӯ дар бораи анвои шашгонаи хат, равияҳои хатнависӣ, мисли қитъанависӣ, равияи мавлавии соқигӣ, равияи абдуҷабборӣ, хати настаълиқ, хати шикаста ва ғайра дар ин асар маълумот медиҳад ва илова мекунад, ки аз хатҳои шашгонаи маъмули анъанавӣ дар асри XIX се навъи хат – сулс, таълиқ ва настаълиқ густариш ёфтанд. Аз ҷумла, Э. Оқилов, менависад, ки маснавии Идрис-махдуми Роҷӣ низ ба рисолаи Садри Зиё ворид шуда, дар бораи 42 нафар хаттотони машҳур маълумот медиҳад. Ҳақ ба ҷониби ӯст, ки «ин маснавӣ барои омӯзиши таърихи адабиёти асри XIX-ибтидои асри XX ва мактаби хушнависии Бухоро сарчашмаи муҳим мебошад» [10, с. 18].

Маснавии Идрисхоҷаи Роҷӣ яке аз асарҳои хеле арзишманди таърихиву адабӣ буда, дар он роҷеъ ба масъалаҳои омӯхтани асосҳои ҳирфаии хушнависӣ ва пайванди ин ҳунар бо ҷамъи ҳунарҳои дигаре, ки дар он рӯзгор дар Бухорои Шариф равнақ дошт, матлабҳои ҷолибе оварда шудааст. Идрисхоҷаи Роҷӣ дар баробари васфи ҳунари ҳар хушнавис оид ба ҳунарҳои дигаре, ки ин хаттот дорад, аз он ҷумла китоборойӣ, муқовасозӣ, заргарӣ, коғазсозӣ, суханварӣ, шоирӣ ва ғайра сухан ронда, дар маҷмуъ як манзараи умумии ҳаёти фарҳангии яке аз бузургтарин шаҳрҳои Шарқ – Бухороро инъикос менамояд.

Маснавии Идрисхоҷаи Роҷӣ дар шакли соқинома навишта шуда, баъд аз ҳар банди он, ки ихтисос ба мавзуе дорад, як байте бо мухотаби «соқӣ» меояд. Ҷамъулҷамъ миқдори чунин бандҳо бисту ду адад аст. Бандҳо аз назари миқдори байт гуногунанд.

Дар банди аввали маснавӣ муноҷот ба Худованд, ҳамду сано ба Офаридгор ва расули акрам оварда мешавад ва дар ҳамин қисми маснавӣ муаллиф аз даргоҳи илоҳӣ хоҳиш мекунад, ки:

**Диламро пок гардон аз намоиш,**
**Забонам соф кун андар ситоиш,**
**Ки то некӯ диҳам доди фасоҳат,**
**Кунад хонанда аз вай истироҳат!**

Ин ҷо нуктаи муҳим он аст, ки муаллиф мехоҳад аз гуфтани айби дигарон барканор бошад, вале айби худро бидонад:

**Ба айби кас маёло фикратамро,**
**Зи айби ман хабар деҳ фитратамро!**

Дар банди дувум пас аз ситоиши Худову Расул шоир ба васфи шоҳаншоҳи замон мегузарад:

**Бидеҳ, соқӣ, мае, то з-ин тарона**
**Кунам васфи шаҳаншоҳи замона!**

Дар банди дигар пас аз мадҳу ситоиши шоҳи замон шоир ба тавсифи Бухоро шуруъ мекунад. Сабаб он аст, ки дар меҳвари ин маснавӣ васфи хаттотони Бухоро, ки аз марказҳои бузурги тамаддуни Шарқ ва ҳунарҳои хушнависиву китоборойӣ буд, қарор дорад. Ин аст, ки дар васфи ин шаҳри бузург ва ин гаҳвораи бемисли миллати мо мусанниф мегӯяд:

**Ҷаҳонро аз Бухоро зебу зин аст,**
**Ки олам хотаму ин ҷо нигин аст.**
**Ҷаҳон шахсу Бухоро омадаш дил,**
**Ба дил шуд эътибори шахс ҳосил.**
**Бухоро мағзу олам ҷумлагӣ пӯст,**
**Барои мағз охир пуст некӯст.**

Дар чанд банди дигар шоир дар васфи маъшуқи худ сухан меронад ва ӯро дар ҳамаи ҳунарҳо соҳибкамол меномад.

**Зи ҳар фанне, ки меномӣ камоле,**
**Набуд ӯро дар ӯ фан худ мисоле.**
**Ба фаҳми чистону сунъи муаммо**
**Миёни нуктасанҷон буд якто.**

**Ҳулул оварда ӯро илм дар килк,**
**Диҳад эъломи ӯ килки гуҳарсилк.**
**Хафиву ҳам ҷалӣ хат дошт дилбар,**
**Ки гӯйӣ бар садаф барчида гавҳар.**
**Варо назме ба синни хурдсолӣ**
**Бар он ваҷҳе, ки бо силки лаолӣ,**
**Зи ҳар фан гарчи некӯ баҳравар буд,**
**Ба хатту шеър майлаш бештар буд.**

Дар ниҳояти ин тавсифҳо майли дилбарро ба хатту шеър зикр карда, таъкид менамояд, ки танҳо бо роҳи вуруд ба ин ду ҳунар имкон дорад, ки дили маъшуқ ба даст ояд:

**Агар хоҳӣ висоли он дилором**
**Бурун овар ба фанни шеъру хат ном.**
**Бидеҳ, соқӣ, майе то ҳотифи ғайб**
**Кунад ҳусни хат андар сафҳа беайб!**
**Хат охир мазҳари рӯйи нигор аст,**
**Ба шахси ҳусни ӯ оинадор аст,**
**Ки мемонад алиф бо қадди ҷонон**
**В-аз ӯ ҳам ҷилва созад тири мижгон.**

Ҳамин тариқ, аз ҳарфи алиф тавсифи ҳарфҳо, тарзи навиштани онҳо, тарзи пайваст шудани онҳо бо ҳамдигар ва дигар хусусиятҳои ҳусни хат оғоз меёбад. Муаллиф дар идома дар бораи таълими хат ва таърихи хати настаълиқ маълумот дода, асосгузори онро Алии Табрезӣ меномад:

**Бидеҳ, соқӣ, майе, то дар мавозеъ**
**Кунам таълими хат-ул-айн возеҳ!**
**Мар ин хатро, ки настаълиқ ном аст,**
**Бино аз насхи таълиқаш тамом аст.**
**Намуда вазъи ин хат назди ҷумҳур**
**Алӣ Табрезӣ андар асри Темур.**

Пас аз баёни хусусиятҳои ҳар ҳарф ва тарзи навишта шудани онҳо, муаллиф дар бораи устодони ин фан хабар медиҳад:

**Бидеҳ, соқӣ, майи софе, ки то ман**
**Кунам теъдоди устодони ин фан!**

Аввалин касе, ки ӯ дар борааш хабар медиҳад ва ҳунари ӯро дар хушнависӣ тавсиф менамояд, Махдуми Аҳмад аст:

**Ваҳиди комилон Махдуми Аҳмад**,
**Ки давлат дар камолаш буд сармад.**
**Хаташ бар сафҳаи силки лаолӣ**,
**Найи килкаш зи шаққи нақс холӣ.**
**Зи тиббу ҳандаса шеъру нуҷумаш,**
**Мусаххар бар сари мулки улумаш.**
**Дар ин фанҳост аз тасниф машҳур**,
**Ки чашми нотавонбин бод аз ӯ дур.**

Аз ин васф бармеояд, ки Аҳмади Донишро муаллиф на танҳо саромади хаттотони замон, балки донишманди бемисле дар улуми тиббу ҳандаса ва шеъру нуҷум низ меҳисобад. Аммо ин ҷо сухан на танҳо аз донишмандии Махдум, балки сурату сирати ӯ низ рафтааст:

**Ба сурат чун қаландар лоуболест**,
**Ба сират лек Афлотунмисолест.**

Дар идомаи ин қисмати маснавӣ шоир дар бораи хушнависоне мисли Иброҳиму Исҳоқ, Мир Икром, Мирзо Аҳмади Муншинажод, Иброҳимхоҷаи мири Кӯлоб, Иброҳимхон, Абдуллоҳбег, Мирзо Баҳром, Мирзо Бадриддин, Бақохон (Нодир), Таҳсин, Муллохоҷа, Имодуддин, Мирзои Дабир, Шаҳобуддин Халифа, Ҳоҷӣ Ҳусайн, Ҳоҷи Мирзо Раҳматуллоҳ, Саъдуллоҳи Ӯроқ, Муллоориф Бобои Ирсӣ, Қорӣ Шариф, Мирзо Шариф Махдуми Садр, Сиддиқ, Қозӣ Сабохон, Махдуми Солеҳи Навҳа, Мирзо Ғиёс, Мирзо Фармонқулӣ, Мирзо Қамархон, Мирзо Ҷаҳонгир, Ҳоҷӣ Абдусаттор, Ҳабибуллохони Қозинажоди Авҳадӣ, Ҳоҷӣ Абдуваҳҳоб, Ҳаким Абдулмаҷиди Зӯфунун, Абдуллобеки мири Китоб, Абдулкарими Имод, Абдуллоҳ

муншии Мирзо, Мирзо Азим, Абдурраҳими Пушткӯҳӣ, Убайдуллоҳ Мирзои Ҳисорӣ, Мирзо Абдурраҳмон, Мирзо Абдулвоҳид, Мирзо Абдуқайюм, Қорӣ Абдулвоҳид, Мирзо Умари Сонӣ, Мирзо Қорӣ Олим, Мирзо Қобил, Мир Файзуллоҳи Котиб, Мирзо Қобили Мирохур, Қорӣ Қулӣ, Мирзо Мурод, Маҳмадамин, Қорӣ Музаҳҳиб, Абдулмуъмин, Қозӣ Маҳмадамин, Муҳсинҷон, Қозӣ Назруллои Ӯроқ, Қозихоҷа Неъматуллоҳ, Мирзо Сафар, Мирзо Миряҳё маълумот медиҳад.

Мо 58 нафар хушнависони замонро дар маснавии Идрисхоҷаи Роҷӣ шумурда тавонистем, ки аз шумори Э. Оқилов (42 нафар гуфта буд), 16 нафар бештаранд. Аммо, чунонки худи муаллиф эътироф мекунад, ин шумор танҳо қатрае аз бахр аст. Бинобар ин, ӯ аз ҳамаи онҳое, ки номашон ба ин маснавӣ ворид нашудаанд, узр мепурсад ва иллати ба тазкира ворид нагардиданашонро на фориғболии муаллиф, балки бехабарии ӯ аз ҳоли онҳо шарҳ медиҳад:

**Зи хаттотон, ки дар ин сафҳа гуфтам,**
**Зи баҳри мадҳашон як дур (р) насуфтам.**
**Зи баҳре қатра аз хавфи итолат,**
**Зи муҳре заррае омад ҳаволат.**
**Ҳаминҳо худ яке аз сад ҳазоранд,**
**Ки ин ҷо аҳли ин фан бешуморанд...**
**Пас онҳоро, ки бо шуҳрат нашуд кор,**
**Наёмад номашон дар силки тазкор.**
**Басе з-онҳо, ки худ ҳастанд машҳур,**
**Маро ноҳолдонӣ дошт маъзур.**
**Фаромӯшӣ сабаб омад на иҳмол,**
**Басе з-онҳо, ки будам огаҳ аз ҳол.**
**Аз ин маънӣ сухан дар кӯтаҳӣ монд,**
**Зи зикри баъзешон дафтар тиҳӣ монд.**
**Бибояд аз карам узрам пазиранд,**
**Маъозуллоҳ, ки бо ман хурда гиранд.**

Идрисхоҷаи Роҷӣ дуруст гуфтааст, ки аксари онҳое, ки дар хаттотӣ машҳур буданд, дар шоирӣ низ ҳунари хос доштаанд:

**Бувад з-инҳо, ки шуд дар сафҳа тазкор,**
**Зи хатту шеър аксар баҳрабардор.**

Бинобар ин дар идомаи сухан Идрисхоҷа ба васфи «сухан» мепардозад. Сухан аз диди ин суханвар, сарвати бебаҳост:

**Сухан мавҷе бувад аз баҳри эҳсон,**
**Сухан дуррест аз дарёи ирфон.**
**Сухан охир мадори лутфу кин аст,**
**Сухан охир бинои куфру дин аст.**
**Сухан бошад далели куфру ислом,**
**Сухан бошад нишони амру илҳом.**
**Сухан бо шоҳиди мазмун қабоест,**
**На балки мазҳари маънинамоест.**
**Сухан оинаи шахси маъонист,**
**Маъониро сухан гар нест, фонист.**
**Вуҷуде дар маъонӣ бе сухан нест**
**В-агар маънӣ набошад, ҳеч фан нест.**
**Сухан чун наврасе покизагавҳар,**
**Тасарруф мекунад мазмуни духтар.**
**Сухан равнақдеҳи соҳибкамолон,**
**Сухан фарбеҳкуни лоғархиёлон.**

Азбаски сухан «ҷавҳари таъми суханвар аст»-у зодаи табъи ӯ, хоҳ зебо бошаду хоҳ безеб, дар назари соҳиби худ арҷманд аст:

**Сухан бошад чунон покизагавҳар,**
**Ки бошад ҷавҳари таъми суханвар.**
**Сухан к-ӯ зоид аз табъи хирадманд,**
**Халаф бошад туро монанди фарзанд.**
**Халаф гар хуб бошад, рост дилҷӯст,**
**Сухан гар ҳусну гар қубҳ аст некӯст.**

**Халаф гар дилкашу гар нописанд аст,**
**Ба назди соҳиби худ арҷманд аст.**

Ин матлабро – яъне мисли фарзанди хубрӯву нек будани ҳар сухан аз назари суханвар ба воситаи як ҳикояти тамсилӣ ба қалам омадааст. Мазмуни ин ҳикоят он аст, ки боре пире аз ровӣ хоҳиш мекунад, то себеро ба зеботарин кӯдак, яъне фарзандаш, ки дар мадраса таҳсил мекунад, бирасонад. Ӯ фарзандашро чунон ситоиш мекунад, ки гӯйӣ, дар ҳусну малоҳату ақлу дониш ягона ва фариди рӯзгор бошад. Вақте ровӣ ба мадраса мерасад, мебинад, ки ҳама ноқису шалу калу кӯранд ва танҳо фарзанди худаш зеботарини онҳост ва он себро ба фарзанди худаш медиҳад. Ин ҳикоятро дар шаклу гунаи дигар дар осори ин давра метавон пайдо кард. Пас аз ин ҳикояти тамсилӣ муаллиф дар бораи худаш ва корҳое, ки кардааст, хабар медиҳад:

**Ба хатту шеър кардам феълу гуфтор,**
**Ҳама қасри забону хома даркор.**
**Каломам ҷумла яксар беғараз буд,**
**Хулусаш ҷавҳару сидқаш ғараз буд**...
**Навиштам ҳарчи омад бар забонам**,
**Дигар радду қабули ӯ надонам.**

Шоир ифтихор дорад, ки ҳаргиз ба хотири тамаъ ва савдои хом шеъре нагуфта, ба хотири обу ошу маош каломе мавзун накарда. Ӯ шукргузор аст, ки ҳарчи мехост, барояш бо лутфи Илоҳӣ дастрас буд:

**Ҳар он чи мақсад аз дунё ҳавас буд**,
**Зи лутфи ҳақ бар онам дастрас буд.**

Шоир дар идома аз санҷиши қалам ва тавфиқи худ дар таълифи ҳусни талаб, ғазал, мухаммас, рубоӣ, қасида, муаммо, ҳошия, маснавӣ, ҳикоят, шаҳрошӯб, моддаи таърих маълумот медиҳад. Дар охир ин ҳама дар назари ӯ як навъ худситоӣ менамояд, ки пас аз байте ба унвони соқӣ лаҳни худро тағйир медиҳад:

**Бидеҳ, соқӣ, майе аз раҳнамоӣ,**
**Фуруд ор аз саманди худситоӣ!**

Роҷӣ ҳама гуфтаҳои худро ғалату ҳарзагӯйӣ номида, иқрор мешавад, ки:

**Бузургон ҳарчи маънӣ буд, гуфтанд,**
**Дури маънӣ ба пеши табъ суфтанд.**

Дар чанд банди охири маснавӣ шоир изҳори аҷзу нотавонӣ карда, аз хатову айб орӣ набудани ашъорашро таъкид мекунад ва аз хонандагон авфу пӯзиш мехоҳад.

Дар «Тазкират-ул-хаттотин», чунонки зикраш рафт, асомии қариб 60 хушнавис ворид шудааст. Муаллиф ба ҳар кадоми онҳо баҳои сазовор дода, аз ҳунарҳояшон маълумот медиҳад. Масалан, дар бораи Исҳоқ менависад, ки ӯ дар хатти ҷалӣ ва хафӣ «ба ҳар як беҳтар аз якдигар тавоно» ва аҳли шеъру тақрир буда, дар шоирӣ машҳури даврон буд. Ё худ Мир Икром «зи санъатҳои ҷузъӣ бас хабардор», Мирзо Аҳмади Муншинажод «шаҳир андар фунуни шеъру тақрир», Иброҳимхоҷаи мири Кӯлоб «ба шеъру заргарӣ» будаш маҳорат, Иброҳимхон «ба иншову ба назму шеър якто», Мирзо Баҳром «ба фанни хатту тақрираш камолест, Хаёли шеъриаш сеҳри ҳилолест», Бақохон «ба дарсу шеър мумтоз ва тахаллусаш Нодир», Таҳсин «дабиру шоири маънишинос», Муллохоҷа «дар машқи ҷалӣ ва лавҳу қитъа» шуҳратманд, Имодуддин «ба таъриху сухандонӣ мусаллам», Мирзои Дабирӣ «ба шеъру хат инон тофт», Шаҳобуддин Халифа «худодон, фақеҳу олим ва дар хатти ҷаливу китобат соҳибмаҳорат» будаанд. Аз миёни хушнависон шахсиятҳои бағоят номваре мисли Аҳмади Дониш ва Садри Зиё низ будаанд. Чунончи, дар бораи Садри Зиё мегӯяд, ки:

**Дар ин фан он ки ӯ худ аҳли қадр аст,**
**Ҳаме Мирзошариф Махдуми Садр аст.**
**Қалам дар дасти ӯ ҳамчун чапандоз,**
**Ба майдони саҳоиф дар таку тоз.**

**Чу ояд маст дар майдони тақрир,**
**Ишороташ намегунҷад ба таҳрир.**
**Набошад андар ин фирӯзасоҳат,**
**Қаринаш ҳолиё андар фасоҳат.**
**Ҳама ашъори ӯ дархурди тавсиф,**
**Бувад ӯро ба маълумот тасниф.**
**Ба қаддаш рост дебои фазоил,**
**Шудӣ зоҳир аз ӯ хуш-хуш фазоил.**

Сиддиқро (шояд Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ бошад) зӯфунуни замон меномад ва дар васфаш мегӯяд:

**Сухандону сухангӯву суханвар,**
**Ки кас андар сухан з-ӯ нест бартар.**
**Фарид андар қироат, назму иншо,**
**Нуҷуму рамлу таъриху муаммо.**

Сабаби ин тахмин задан, ки шояд мухотаб Ҳашмат бошад, мукаррараи ишора кардани муаллиф ба зоти ӯст. Бори аввал мегӯяд, ки:

**Ба ҳар фан иттифоқи хосу ом аст,**
**Ки зоташро камолоти тамом аст.**

Бори дигар ишора мекунад, ки:

**Бувад ӯро ба маълумот тасниф,**
**Набошад зоти ӯ муҳтоҷи тавсиф.**

Ҳини номбар кардани анвои хат муаллифи тазкира хатҳои настаълиқ, қуръонӣ, китобӣ, хафӣ, аҷлӣ, ҷалӣ, сулс, кӯфӣ, туғро ва хати нохуниро низ зикр мекунад. Чунончи, дар мавриди хати нохунӣ, ки аз анвои нодири хат буд, менависад, ки:

**Дувум, Абдуллаҳ, он Муншии мирзо,**
**Ки будӣ суҳбати ӯ умрафзо.**
**Ба хатти нохунӣ ҳам буд қодир,**
**Ки ҳаст он хат миёни халқ нодир.**

Ё дар бораи Мир Файзуллоҳи котиб менависад, ки ӯ дар навиштани хатҳои сулсу кӯфиву туғро дасти қавӣ дошт:

**Ҳунарвар Мир Файзуллоҳи котиб,**
**Ба таълими ду хат, бар ҷумла ғолиб.**
**Ба хатти сулсу ҳам кӯфиву туғро**
**Варо дасте бувад аз ҷумла боло.**

Албатта, анвои хат хеле зиёд аст ва аз замонҳои қадим то имрӯз хатҳое, мисли ғубор, девонӣ, кӯфӣ, райҳон, муҳаққақ, риқоъ, рукъа, насх, сулс, тавқеъ, туғро, таълиқ, настаълиқи шикаста ва ғайраро номбар кардаанд ва ҳар кадоме хусусиятҳои худро дорад.

Муаллифи тазкира на танҳо ному насаби хаттотони Бухоро, балки хушнависони мавзеъҳои дигарро низ зикр мекунад, чунончи Алии Табрезӣ аз Табрез бунёдгузори хати настаълиқ будааст. Иброҳимхоҷа мири Кӯлоб аз Кӯлоб, Муҳаммадюсуфи Доӣ аз Хева, Муҳаммад Шарифи Хоразмӣ низ аз Хева, Убайдуллоҳ Мирзои Ҳисорӣ аз Ҳисор, Убайдуллоҳи Бадахшӣ аз Бадахшон, Абдуллоҳбек мири Китоб аз Кеш, Мирзо Абдуқайюм низ аз хиттаи Кеш, Абдурраҳими Пушткӯҳӣ аз Пушткӯҳ ва ғайра бо овардани макони таваллудашон зикр ёфтаанд. Аммо аксари ин хушнависон муддате дар Бухоро зиста ва эътибору шуҳрату номе ин ҷо ёфтаанд.

Ғайр аз ин, Идрисхоҷаи Роҷӣ мансабу вазифаҳои хушнависон ва падарони онҳоро низ ёдовар шудааст. Чунончи, баъзеҳо махдум (Махдуми Аҳмад, Махдуми Садр), баъзе мирзо (Мирзо Баҳром, Мирзо Баҳриддин), муншӣ (Мирзо Аҳмади Муншинажод, Мирзо Ғиёси Муншинажод), бархе ӯроқ (Саъдуллои Ӯроқ, Қозӣ Неъматуллои Ӯроқ), бархе ҳоҷӣ (Мирзо Раҳматулло, Ҳоҷӣ Ҳусайн), қорӣ (Қорӣ Шариф), қозӣ (Қозӣ Сабохон, Қозӣ Маҳмадамин), мирохур (Мирохур Мирзои Қобил), қаровулбегӣ (Мирзо Мир Яҳё) ва ҳоказо мебошанд.

Бархе аз ин хушнависон бо лақабҳои хосе низ иштиҳор ёфта буданд, мисли Аҳмад-махдуми Дониш, Абдуллоҳбег мири Китоб, Имодуддини хушнавис, Қозӣ Сабохони хушнавис, Мир Файзуллоҳи Котиб, Мирзо Аҳмади Муншинажод, Мирзо Бадриддини чапнавис, Мирзо Ғиёси килксоз, Мирзо Қамархони хушкор, Мирзо Муроди коғазсоз ва ҳоказо.

Ҳамин тариқ, дар маснавии «Тазкират-ул-хаттотин» фазои ҳунарии садаҳои XVIII-XIX ва оғози садаи XX-и Бухоро ва дар маҷмуъ Мовароуннаҳр ба қалам омадааст. Маълумоти он дар бораи хушнависон, ороишгарони китоб, шоирону суханварон, анвои хат ва хусусиятҳои он басо ҷолиб ва муҳим мебошад. Маводи ин тазкира ҳам аз назари таърихӣ ва ҳам аз нигоҳи адабӣ арзиши баланд дорад, зеро он агар, аз як тараф, дар бораи аҳли ҳунар ва хоса, хушнависон маълумот диҳад, аз ҷониби дигар, хусусиятҳои адабӣ ва услубии як тазкираи манзуми ибтидои садаи XX ва сабки нигориши яке аз намояндагони номвари ин давра Идрисхоҷаи Роҷиро инъикос менамояд. Айни ҳол ин тазкира аз ҷониби Эраҷи Меликиён зери назари профессор Аскаралӣ Раҷабов ба чоп тайёр шудааст ва умед аст, ки интишори он барои ҷустан ва гуфтани матлабҳои нав мусоидат хоҳад намуд.

**Пайнавишт:**

1. *Абдӣ, А.* Тазкират-уш-шуаро. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо; зери назари Саҳобиддин Сиддиқов. – Душанбе: Дониш, 1983. – 292 с.

2. *Айнӣ, Садриддин.* Ёддоштҳо. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик,2009. – 680 с.

3. *Айнӣ, Садриддин.* Намунаи адабиёти тоҷик . – Душанбе: 2010. – 420 с.

4. *Бухорӣ, Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳ.* Тазкираи Сибоқ. – Тошканд: Академияи фанҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон – Фан, 2007. – 199 с.

5. *Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ*. Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб: Матни интиқодӣ бо муқаддима ва тасҳеҳи Асғари Ҷонфидо; зери назари А. Мирзоев. – Душанбе: Дониш, 1977. – 224 с.

6. *Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ*. Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб: Матни интиқодӣ бо муқаддима, таҳия ва тавзеҳоти Ҷӯрабек Назрӣ – Душанбе: Дониш, 2020. – 284 с.

7. *Ғаффорова, М*. Ҳаёт ва эҷодиёти Идрисхоҷаи Роҷӣ // Камоли Хуҷандӣ. – 2023. – №1(33). – С. 46-51.

8. *Кавкабӣ, Сайидумари Султон*. Тазкираи суханварони Истаравшан. – Душанбе: Адиб, 2012. – 260 с.

9. *Муҳтарам, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ*. Тазкират-уш-шуаро / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо; зери назари Камол Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 1975. – 369 с.

10. *Окилов, Э. И.* Направления и этапы развития таджикской каллиграфии : автореф. на соиск. канд. истор. наук. – Душанбе, 1992. – 25 с.

11. *Роҷии Бухороӣ, Мирмуҳаммад Идрисхоҷа*. Тазкират-ул-хаттотин: Маснавӣ / Хаттот Иноятуллоҳхоҷаи Бухороӣ, соли китобат 1326. – Library of Congress, DCL №02. – B 7550.

12. *Садри Зиё, Шарифҷон-махдум*. Тазкори ашъор: Шарҳи ҳоли бархе аз шоирони муосири Тоҷикистон ва намунаҳое аз ашъори онон / Бо тасҳеҳи Саҳобиддини Сиддиқ; бо кӯшиши Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Чопи аввал. – Теҳрон: Суруш, 1380=2001.

13. *Сиддиқӣ, Саҳобиддин*. Садри Зиё ва тазкираҳои ӯ / Зери назари Т. Неъматзода. Веросторон М. Шакурӣ, М. Хоҷаева. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 200 с.

14. *Хади-заде, Р*. Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX века. – Сталинобод, Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956. – 138 с.

15. *Ҳодизода, Р*. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX. – Душанбе: Дониш, 1968. – 295 с.

# ЧАНД СУХАН ДАР БОРАИ МУҲАММАДСИДДИҚИ ҲАЙРАТ ВА ШИНОХТИ Ӯ ДАР АДАБИЁТШИНОСИИ ТОҶИК

Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат – суханвари тавоно ва шоири нававари поёни садаи нуздаҳ ва оғози садаи бист, инсони наҷибу шариф ва хушодобу покизасирате будааст. Ин маъниро мо аз ҳамаи тазкираҳои ин давра, ки номи ӯ зикр шудааст, аз он ҷумла аз «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё, «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Садриддин Айнӣ, «Тазкираи Сибоқ»-и Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳи Бухорӣ метавонем дарёбем. Аммо манбаи асосӣ ҳамоно қисмҳои севум ва чоруми «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ боқӣ мемонад, ки дар он ҷо бобҳои алоҳидаи «Шиносоиям бо Ҳайрат», «Тарҷумаи ҳоли Ҳайрат» ва «Мероси адабии Ҳайрат» ҷой дошта, муҳаққиқони эҷодиёти Ҳайрат дар навбати аввал ба ҳамин манбаи муҳим такя мекунанд.

Дар бораи тавоноии табъ ва нававарии ӯ сарвари маҳфили адибони замон, тазкиранигор, адабиётшинос ва шоири ҳақиқатгӯву бориксанҷ Шарифҷон-махдуми Садри Зиё навиштааст, ки:

**Каманди хаёлаш чунон буд расо,**
**Ки сайди маонӣ намешуд раҳо.**
**Ба фикри расову ба табъи баланд**
**Ба назми Сурайё фикандӣ каманд.**
**Ба тарзи наве нуктапардоз шуд,**
**Чу булбул адосанҷи ин роз шуд [10, с. 73-83].**

Дар «Намунаи адабиёти тоҷик» низ С. Айнӣ ба ӯ баҳои баланд медиҳад. «Ҳайрат аз шарикдарсони фақир аст. Аммо аз камоли истеъдоду ишқи адабиёт дар хурдсолӣ ба мартабаи устодӣ расида буд. Фақир низ қавоиди

арӯз ва баъзе нозукиҳои санъати адабияро аз ӯ омӯхта будам. Ҳайфо, ки ин истеъдоди муҷассам дар айёми ҷавонӣ (дар бистуҳафтсолагӣ) ҷаҳони фониро падруд намуд, вагарна аз ин қудрати фавқулода хориқаҳо дар олами адаб ба вуҷуд меомад. Азбаски ба табъ ёфтани авроқи парешонаш ба ин зудӣ дар назар наменамуд, аз осораш нисбат ба дигарон бештар интихоб карда шуд [3, с. 182-189].

Ин ҷо ба овардани гуфтори дигар ҳоҷат нест, зеро муҳаққиқони эҷодиёти Ҳайрат борҳо ба онҳо рӯ оварда, ӯро дар адабиёти тоҷик чун шоири борикхаёлу сарафрозе, ки ба касе дасти тамаъ дароз накардааст, шинохтаанд ва ин маъниро худи ӯ низ тасдиқ кардааст:

**На шавқи ҷоиза дорам, на орзуи сила**
**Зи васфи садри муаззам зи мадҳи хусрави дод.**
**[7, с. 173]**

Аз миёни пажӯҳишгароне, ки ба таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти адабии Ҳайрат машғул шудаанд, пеш аз ҳама Р. Ҳодизодаро бояд ном бурд, ки бо таҳияи маҷмуаи ашъори Ҳайрат [1964) ва таълифи сарсухани муфассале иборат аз 33 саҳифа таҳти унвони «Гуфтор дар бораи Ҳайрат» хидмати мондагоре анҷом додааст. Нахуст, ӯ тарҷумаи ҳоли Ҳайратро бо такя ба сарчашмаҳои дастрас мураттаб намуда, баъдан дар бораи сарнавишти мероси адабии Ҳайрат маълумоти хеле ҷолиб медиҳад. Маълум мешавад, ки ҳини ҷустуҷӯ ва таҳқиқи тазкираҳои охири асри XIX-ибтидои асри XX ӯ ба пайдо кардани девони Ҳайрат муваффақ мешавад. Муҳтавову мундариҷаи ин дастхат, муқоисаи он бо хати Абдулвоҳиди Мунзим, ки пас аз вафоти Ҳайрат девони ӯро дар ҳамдастӣ бо устод С. Айнӣ мураттаб намуда буд, ошкор мекунад, ки ин дастхат яке аз ҳамон ду нусхае аст, ки тибқи маълумоти устод Айнӣ дар воқеаҳои Колесов аз байн рафта буд. Хушбахтона, яке аз нусхаҳои девон гум нашуда ва ба китобхона супорида мешавад ва

ба дасти муҳаққиқи нуктасанҷе чун Р. Ҳодизода афтода, боиси васеъ шинохта шудани ашъори Ҳайрат мегардад. Муҳаққиқ нусхаро таъриф намуда, қайд мекунад, ки он соли 1320/1903 сабт шуда, зери шумораи 1247 дар захираи дастнависҳои АМИ ҶТ нигоҳ дошта мешавад. Маълум мешавад, ки Девон аз рӯйи варақҳои парешони шоир тартиб дода шуда, аз ду қисм иборат аст. Дар анҷоми қисми аввал котиб чунин навиштааст: «Маъруфи замоири нозирони ба инсофи мавсуф бод, ки аз зодаи табъ ва натиҷаи фикри бикри Мулло Муҳаммадсиддиқи марҳумии мағфурӣ мутахаллис ба Ҳайрат абёте, ки филҷумла тартиби ҳуруфи таҳаҷҷӣ дошт – аз ғазал ва қасида ва ғайриҳумо – тамом шуд. Аммо назму насре, ки дар зикри таърих ва чистон ва баъзе ҳикоят, ки бархе аз он бар сабили ҳазлу мутоябат ё ба эроди алфозе, ки лисони ом бад-он ҷорист, воқеъ шуда, аз ғайри тартиб муламмаъ ва парешон навишта хоҳад шуд» [7, с. 22].

Аз ин қайди Мунзим бармеояд, ки қисме аз девон ба тартиби алифбоӣ ва қисми дигар бидуни низому тартибе ҷамъоварӣ ва тадвин шудааст. Профессор Ҳодизода аз ин бозёфти худ дар маҷаллаи «Шарқи сурх» (соли 1957, № 5) дар мақолае таҳти унвони «Намунаи шеърҳои Ҳайрат» дарак медиҳад. Андак дертар, соли 1960 мақолаи дигаре бо номи «Айнӣ ва Ҳайрат» навишта, онро дар маҷмуаи «Ҷашнномаи Айнӣ» №3 (26) ба табь расонид, ки дар он ашъори Ҳайрат аз китобҳои «Намунаи адабиёти тоҷик» ва «Ёддоштҳо» муқоиса ва баррасӣ шудааст.

Дар пешгуфтори маҷмуаи ашъори Ҳайрат Ҳодизода дар бораи мазмун ва сабки эҷодиёти шоир низ андеша ронда, фикрҳои муҳимме баён кардааст. Ба пиндори ӯ, «Ҳайрат дар назм аз роҳи пешгирифтаи шоирони пешқадами асри XIX (махсусан Шоҳин) рафт ва ин сабкро боз ҳам инкишоф дод. Дар лирикаи ӯ мо нақши «фалсафафурӯ-

шии» тақлидкорона ва мавҳумоти сӯфиёнаро намебинем. Лирикаи шоир – таҷассуми ишқи воқеии инсонист» [7, с. 25]. Ӯ ба он назар аст, ки ғазалҳои шоир бо тасвирҳои гулу булбул ва сарву гулистон «маҳсули давраи шеърмашққунии» ӯ мебошанд. Гузашта аз ин, мухаммасҳои ба ашъори шоирони дигар навиштаи Ҳайратро муаллифи пешгуфтор «тақлидкорона» ба ҳисоб овардааст.

Бо ин ҳама муҳимтарин фазилати Ҳайрат ҷустуҷӯйи роҳи нав дар назм буд. Ба тариқи мисол муаллиф ғазали Ҳайратро бо матлаи зебои зерин меоварад ва таърихи манзур шудани онро ба Садри Зиё, баҳои баланди ин довари ҳақгӯйи адабиёт ва мавриди санҷиш қарор гирифтани Ҳайратро тибқи хотироти устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» нақл мекунад:

**Эй сарв, беибо ба чаман сар кашидаӣ,**
**Моно, ки сарви қомати ӯро надидаӣ.**

Р. Ҳодизода ба шеърҳои иҷтимоии шоир баҳои баланд дода, қайд мекунад, ки Ҳайрат дар ин шеърҳо «аз доираи шикваҳои шахсӣ мебарояд» ва ба онҳо мазмуни васеътар мебахшад.

Ҳақ ба ҷониби муаллиф аст, ки Ҳайратро на шоири муқаллид, балки шоире меномад, ки «ба ҷойи образҳои шартӣ ва рамзомез образҳои барҷастаи бадеиро ба забони содаву равони ба фаҳми омма наздик» [7, с. 33] истифода мебарад.

Масъалаи забони ашъори Ҳайрат низ дар маърази таваҷҷуҳи муаллиф қарор гирифтааст. Ибораҳои рехта, мақолу зарбулмасал, ташбеҳу истиораҳои барҷаста, забони гуфтугӯйии халқ, истифодаи калимаҳои русӣ дар шеър аз вежагиҳои фарққунандаи шеъри Ҳайрат ба ҳисоб оварда шудаанд. Пас аз шарҳи тартиби маҷмуа Ҳодизода қайд мекунад, ки «вазифаи нашр намудани мероси адабии Ҳай-

рат анҷом ёфта бошад ҳам, аммо таҳқиқоти умумии эҷодиёти ӯ ҳанӯз дар пеш аст» [7, с. 36].

Инак, ин вазифа, яъне таҳқиқи умумии эҷодиёти ӯро қариб пас аз шаст соли нашри ашъори Ҳайрат муҳаққиқ, адабиётшиноси тоҷики ӯзбекистонӣ Ҷумъаназар Эшонқулов ба уҳда гирифта, натиҷаи тадқиқоти худро бо номи «Рӯзгор ва осори Ҳайрати Бухороӣ» нашр намуд. Китоб соли 2023 дар нашриёти «Тамаддун»-и Тошканд ба табъ расид. Падидаи хеле хушоянд аст, ки ин асар қаблан дар шакли рисолаи номзадӣ дар Самарқанд бо раҳнамоии профессор Ҷумъа Ҳамроҳ ҳимоя шуд. Зимнан, солҳои охир тоҷикони Ӯзбекистон ба ин давраи адабиёт таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, чандин рисолаи ҷолиброро таълиф намуданд, ки аз ин миён асарҳои С. Хӯҷақулов дар бораи адабиёти охири асри XIX-ибтидои асри XX, Муҳаммад Ҷаъфари Тирмизӣ дар бораи Ороми Понғозӣ, Н. Бекова дар бораи Тамкини Бухороӣ ва рисолаи мавриди назарро метавон махсус таъкид кард.

Ҳадафи асосии таҳқиқоташро Ҷ. Эшонқулов «баррасии мухтассоти сабкӣ, вижагиҳои забонӣ, шинохти ҳунари шоирии Муҳаммадсиддиқи Ҳайрати Бухороӣ» муайян карда, дар доираи рисола кӯшиш намудааст ба ҳалли матолиби зерин даст ёбад: «тадқиқи авзои иҷтимоиву сиёсӣ ва адабии ҳавзаи адабии Бухоро; таҳаввули суннатҳои адабӣ ва анвои шеъри тоҷикӣ дар асрҳои XIX-XX; тадқиқу баррасии рӯзгор ва осори Ҳайрати Бухороӣ бар асоси сарчашмаҳои адабиву таърихӣ ва тадқиқоти муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, девони ашъори Ҳайрати Бухороӣ ва сохту таркиби он; сабки таълиф, забон ва арзишҳои ҳунарии эҷодиёти шоир; пажӯҳиши вежагиҳои мавзуӣ ва мундариҷавии ашъори Ҳайрат; тадқиқи умумии сабки шеъри форсии Мовароуннаҳр дар асри XIX дар мисоли ашъори Ҳайрат; такрири ҷойгоҳи Ҳайрат дар таҳаввули сун-

натҳои шеъри тоҷикии охири асри XIX ва аввали асри XX; пажӯҳиши ҷанбаҳои ҳунарии шеъри иҷтимоӣ: унсурҳои тасвирсоз, танқиди вазъи замон, хусусиятҳои лирикӣ дар эҷодиёти Ҳайрат; корбурди санъатҳои бадеӣ ва маҳорати адабии Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат» [12, с. 13]. Албатта, чунин шумори вазифаҳо барои як рисолаи номзадӣ хеле зиёд аст ва ҳалли онҳо фаротар аз доираи як рисола ба назар мерасад. Бо ин ҳама муҳим он ҳиммати бузург аст, ки ин муҳаққиқи хушсалиқа, хатмкардаи Донишгоҳи Бухоро барои шинохти беҳтари як чеҳраи тобноки ҳамин давраи адабиёт гуморидааст. Зимнан, Ҷумъаназар Эшонқулов, ки бо тахаллуси Озармеҳр шеър низ мегӯяд ва ашъораш дар матбуоту китобҳои дастҷамъии Ӯзбекистону Тоҷикистон интишор ёфтааст, ин ҳунари худро барои таҳқиқи беҳтари осори Ҳайрат ба кор бурдааст.

Дар боби аввали рисола, ки «Муҳити адабии Бухоро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX» ном гирифтааст, муаллиф, пеш аз ҳама, як назари иҷмолӣ ба авзои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва адабии Бухоро андохта, вежагиҳои муҳимми адабиёти ин давррро бо такя ба пажӯҳишҳои аҳли таҳқиқ тайъин мекунад ва натиҷаи ин тадқиқотро дар бораи фазои маънавии Бухоро бо ном ва эҷодиёти чеҳраҳои маъруфе мисли Абдушшакур ибни Абдуррасули «Оят», Аҳмади Дониш, Ҳоҷӣ Мулло Икром-Икромча, Муҳаммад Амин Пешоварӣ, Қорӣ Абдулкарими Бухороӣ «Офарин», Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, Мирмуҳаммад Сиддиқи «Ҳашмат» ибни Амир Музаффар, Мир Исо-махдум муфтӣ ибни домулло Ниёзмуҳаммад муфтии «Исо» Носирхон тӯра ибни Амир Музаффар, Абдуллоҳхоҷаи садри муфтии Аскар «Таҳсин», Мулло Ғиёсиддин аъломи садри «Соҳиб», Ҷамолиддин-махсуми Тошқӯрғонӣ, Аҳмадҷон-махдуми «Ҳамдӣ» ибни Абусаид Махсуми Судур ибни Наҷмиддин, Саййид Нуриддинхон ибни амир Музаффар «Ҳаё», Мир-

зо Шамсиддин муншии «Доӣ»-и Бухороӣ, Мирзо Абдурраҳим Пешкӯҳии «Хаёл», Идрисхоҷа ибни Наберахӯҷаи муфтии Бухороӣ «Роҷӣ», Абулфазл садри аълами Балхӣ «Сирот» (бояд Сират бошад – М. М. ), Мирзо Азими мирохур муншии Бӯстонӣ «Сомӣ», шоирон Мулло Содиқи Бухороӣ «Ҳайрат» ва Шамсиддин-махдуми «Шоҳин», Қозӣ Абдулвоҳид Садри Балхӣ «Сарир», Муҳаммад Тоҳирхоҷаи Ҷӯйборӣ «Ӯзбакхоҷа» «Зарир», Қорӣ Абдулмаҷид Ҳакими «Зӯфунун», Мирзо Ҳайити Тӯқсабо «Саҳбо», Қорӣ Бақохӯҷаи Карминагӣ «Матвӣ», Мирзошоҳ ибн Мирзобойи оқсоққол «Сарроф», Абдулқодирхоҷаи ӯроқ «Савдо» ва «Бепул», Мулло Иноятуллоҳи Бухороӣ «Ӯсма», Садриддин Айнӣ, Абдулазизхоҷаи Қуҳандизӣ (Қундузӣ) «Азиз», Абдурраyфи «Фитрат», Мулло Қурбонхони Вардонзеӣ «Фитрат», Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Назруллоҳи ӯроқ «Лутфӣ», Мулло Абдулмаҷид ибни Аҳмад-махдуми «Музтариб», Ҳоҷӣ Ҳодӣ «Масрур», Дӯстмуҳаммад муфтии Бойсунӣ «Нодир», Мирзо Сайид Махсум «Назмӣ», Мирзо Абдулвоҳиди «Мунзим» [12, с. 24] бори дигар собит менамояд. Дар ин замина ӯ ба ҳаракати маорифпарварӣ ва ҷадидия эътибори махсус дода, осори адабии эшонро ба унвони адабиёти пешбари замон муаррифӣ мекунад ва нақши матбуоти замонро дар рушду тавсеаи фазои маънавии Бухоро таъкид менамояд.

Дар фасли дувуми ин боб муаллиф оид ба масъалаи таъсирпазирӣ аз суннатҳои адабии форсу тоҷик ва таҳаввули анвои шеъри тоҷикӣ дар асрҳои XIX-XX андеша ронда, дар ҳавзаи адабии Бухоро дар асрҳои XIX-XX идома ёфтани жанрҳои маъмули классикӣ: ғазал, қасида, қитъа, рубоӣ, мухаммас, маснавӣ, моддаи таърих, муфрадот ва ғайраро бо овардани намунаҳо аз эҷодиёти шоирон исбот мекунад ва таъсири Ҷомӣ ва Бедилро ба шеъри замон таъкид намуда, баҳраварӣ аз ашъори Шайх Саъдии

Шерозӣ, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Хоҷа Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Шавкати Бухороӣ, Соиби Табрезӣ, Саййидои Насафӣ ва дигаронро низ қобили эътироф медонад. Гузашта аз ин, омили асосии тағйирот ва дигаргунии куллӣ дар адабиёти ин давра марбут ба наҳзати «маорифпарварӣ», ки ба унвони «ислоҳотхоҳӣ» низ маъруфият дорад, вобаста доништа мешавад.

Ривоҷ ёфтани афкори инқилобӣ низ ба ҳамин давра мувофиқ омад ва ҳамин ғояҳои инқилобӣ боиси ба ҳалокат расидани як зумра адибони замон шуданд, ки муаллифи асар осори онҳоро хеле муҳим арзёбӣ мекунад ва чун қурбониёни ҷахолати замон номи онҳоро зикр менамояд. «Масалан, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ аз ҳамин гурӯҳ буд, ки бо фармони амир Насруллоҳ дар Қундуз ба қатл расидааст, ё ин ки Симо ва Исо-махдум ба ночор аз дарбори амир Музаффар гурехтанд. Бисёре дигар дар синни ҷавонӣ қурбони дасисаҳои дарбор гашта ва ҷон бохтанд. Шоирон Дилкаш ва Шоҳин низ қурбони ҳукумати террористии амир шудаанд ва Саҳбову Фоиз (Саидхон) эъдом гардиданд» [12, с. 44].

Муаллифи рисола бар он назар аст, ки аз миёни суннатҳои хоси адабиёти ин давра татаббуъ, ҷавобия, зуллисонайнӣ, назирагӯйӣ, тазмингӯйӣ, мухаммасбандӣ, иҷтимогароӣ, моддаи таърихнависӣ, мушоираи адабӣ маъмул ва роиҷ буданд, аммо ғазал ҷойгоҳи назаррас дошт ва «хусусияти хоси ғазалиёти ин давра дар қавӣ будани ҷанбаи иҷтимоӣ, тасвирпардозӣ, реализми маорифпарварӣ ва гаравиши шуаро ба сабки ҳиндӣ буд». Фикри пажӯҳишгар дар мавриди он ки «агар бо чанд далел адабиёти поёни қарни XIX ва ибтидои асри XX-ро баррасӣ намоем, метавон гуфт, ки дар ин давра он аз нигоҳи навигарии мавзуъ рӯ ба инкишоф овардааст, аммо аз нигоҳи ҳунарӣ ба руш-

ди чандоне ноил нагардид» [12, с. 51], қобили қабул ба назар менамояд.

Як масъалаи баҳсбарангез санаи таваллуд ва вафоти шоир аст. Дар сарчашмаҳо ва осори тадқиқотӣ соли таваллуди Ҳайрат 1878, соли вафоташ 1902 зикр шудааст, ки ҳамагӣ 24 солро дар бар мегирад. Аммо чанд нафар аз тазкиранависон, аз ҷумла Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, устод Айнӣ ва Шайх Кароматуллоҳи Сибоқ ӯро сареҳан бистуҳафтсола гуфтаанд. Чунончи, Абдӣ гуфтааст: «Дар бистуҳафтсолагӣ дар болои таҳзиби хонӣ мурғи руҳаш аз олами талаввус ба олами тақаддус тараққӣ намуда» [1]. Устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ду маротиба – яке дар оғози мақолаи Ҳайрат ва дувум, дар охири он «бистуҳафт» сол умр дидани Ҳайратро таъкид мекунад. Дар оғоз менависад, ки «вафот 15-уми раббеъ-ус-сонӣ, шаби душанбе, соли 1320-уми ҳиҷрӣ, дар синни 27-солагӣ» [3, с. 182]. Дар охири матн низ қайд шудааст: «Ҳайфо, ки ин ҷавони мусаҷҷам дар айёми ҷавонӣ [дар бистуҳафтсолагӣ] дунёи фониро падруд намуд» [3, с. 189]. Дар «Тазкираи Сибоқ» дар зикри Ҳайрат навишта шуда, ки «Мулло Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат дар Бухорои шариф таваллуд ва нашъунамо ёфта, таҳсили улуми мутадовиларо дар мадрасаи Бухоро анҷом дода, дар синни 27-солагӣ аз оқибати маризии сил дар рӯзи душанбе, 15-уми моҳи рабеъ-ул-аввали соли 1320-уми ҳиҷрӣ (1902 м.) ҷаҳони фониро видоъ намудааст» [4, с. 140-142]. Оид ба ин масъала муаллифи рисола менависад, ки устод Айнӣ «дар «Ёддоштҳо» соли даргузашти шоирро 1902 ва дар «Намунаи адабиёти тоҷик» бошад, «15-уми рабеъ-ус-сонӣ, шаби душанбе, соли 1330 ҳ.қ.», мутобиқ ба 1905, яъне дар 27 солагӣ вафот кардани шоирро таъкид кардааст, ки ин ҷо як навъ дугунагии иттилоъ ба назар мерасад. Адабиётшиносон Р. Ҳодизода ва Х. Асозода ба 24 сол умр дидани Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ишора

мекунанд» [12, с. 52]. Бинобар ин, ба фикри мо, масъалаи мазкур оид ба санаи таваллуд ва вафоти шоир бояд бознигарӣ шавад. Зоҳиран ва мантиқан, шояд санаи таваллудаш 1876 ва вафоташ 1903 бошад. Аммо дар «Ёддоштҳо» устод Айнӣ менависад, ки «ӯ бо ман ҳамсол ва ҳамдарс буд» [2, с. 408]. Агар ҳамсол бошад, пас, соли таваллудаш бояд 1978 бошад. Маълум мешавад, ки устод Айнӣ шояд ба иллати гузашти замон санаи таваллуд ва ё санаи вафоти шоирро фаромӯш карда бошад.

Масъалаи дигар марбут ба Девони Ҳайрат ва сохту таркиби он мебошад, ки дар фасли дувуми боби дувуми рисола баррасӣ шудааст. Дар бораи чӣ гуна пайдо шудани девон ва тавсифи нусхаи ёфтшуда Ҷ. Эшонқулов бо такя ба гуфтаҳои Р. Ҳодизода изҳори назар кардааст. Баъди шарҳи матлаб ӯ изҳори ҳайрат мекунад, ки: «Аммо аз чӣ сабаб бошад, ба ҷуз аз устод Айнӣ ағлаби тазкиранависони ин давра дар бораи мавҷуд будани девони Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат сухане ба миён наовардаанд» [12, с. 69]. Лекин чӣ ҷойи ҳайрат аст, вақте ки устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» дақиқан гуфтааст, ки девони Ҳайрат пас аз вафоташ аз ҷониби ӯ ва Мунзим тадвин шуда ва аз хавфи афтодан ба дасти одамони амир Абдулаҳадхон аз ҷониби ӯ пинҳон карда шудааст. Яъне ин девонро ба ҷуз Айнӣ ва Мунзим то замони бозёфти он аз ҷониби Расул Ҳодизода касе аз тазкиранависон ва донишмандон надидааст.

Дар ин қисмати рисола муаллиф миқдори ҳар жанри муштамил бар «Девон»-и Ҳайратро баршуморида, хусусиятҳои онро дар ашъори шоир бо далелҳо шарҳ медиҳад. Аз ҷумла, сухан дар бораи ғазал, қитъа, қасида, рубоиёт ва маснавӣ меравад, ки аз маҷмуаи «Ҳайрат. Ашъори мунтахаб» (на аз нусхаи девон) баршуморидааст. Аммо ин ҷо як масъалаи хеле муҳим нокушуда мемонад. Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» миқдори мероси адабии Ҳайратро сароҳатан

2000 байт (4000 мисраъ) гуфта, аммо Р. Ҳодизода дар пешгуфтори маҷмуаи ашъори Ҳайрат шумораи байтҳоро 2447 (4894 мисраъ) муайян мекунад. Ба қавли ӯ, «ба ин маҷмуа фақат зиёда аз 2900 мисраъ шеъри Ҳайрат интихоб шуд, зеро тамоми ашъори девон аз ҷиҳати мазмун ва санъат як хел нестанд. Эҳтимол аст, ки бисёрии ин шеърҳоро худи Ҳайрат низ, агар худ девонашро тартиб медод, ба қатори шеърҳои дигараш дохил намекард» [7, с. 35]. Ба фикри мо, муҳаққиқи ҳаёт ва эҷодиёти Ҳайратро лозим аст, ки 447 байти иловагӣ (ба иловаи гуфтаи устод Айнӣ) ва 1100 мисраеро, ки устод Р. Ҳодизода ҳини танзими маҷмуа ҳазф кардааст, низ мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Дар фасли дувуми ин боб муаллиф дар бораи хусусиятҳои мавзуӣ ва мундариҷавии ашъори Ҳайрат баҳс мекунад. Ӯ дар бораи мавзуъҳои асосии ашъори шоир – ишқу ошиқӣ, табиат, матлабҳои шарҳиҳолӣ ва иҷтимоӣ, танқиду ҳаҷв мурур намуда, бо намунаҳо аз ашъори шоир фикри худро тақвият мебахшад.

Боби меҳварии рисола «Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ва ҷойгоҳи ӯ дар таҳаввули шеъри тоҷикии асрҳои XIX-XX» унвон дошта, дар он сухан дар бораи сабки таълиф, забон, арзишҳои ҳунарии эҷодиёти шоир, ҷанбаҳои ҳунарии шеъри иҷтимоӣ, танқиди вазъи замон дар эҷодиёти Ҳайрати Бухороӣ, корбурди санъатҳои бадеӣ ва маҳорати адабии шоир рафтааст. Оид ба забони асарҳои Ҳайрат андеша ронда, муаллиф изҳор мекунад, ки эътибори махсуси шоир ба калимаҳои омиёна ва аз забони халқ гирифташуда, вожаҳои туркиву арабӣ, калимаҳои русӣ далели вуруди шоир ба равияи нави адабӣ мебошанд. Воқеан ҳам намунаҳо шоҳиди ин даъво ҳастанд:

**Саҳар ба кӯйи харобот турфа валвала шуд,**
**Ба саъйи пири муғон хумми май магар яла шуд?**

**Манам, ки дину дилу ҳуш доштам вақте**
**Ба ғорати нигаҳу нозу ғамзаат тала шуд.**
**Ду рӯз шуд, ки асират набуд ҷуз дили ман,**
**Кунун хунобахури наргиси ту як гала шуд.**
**[7, с. 53]**

Ин навъ «оҳангҳои наздик ба гуфтугӯйи одӣ, таъбиру маҷозҳои халқӣ ва калимаҳои маҳаллие чун *валвала, яла, тала, гала* ва ғайра, ба андешаи муаллиф, дар ин ғазал унсури умдаи «шеъри нав» аст. Корбурди лаҳни маҳаллии омехта бо вожаҳои ӯзбекӣ низ дар баъзе шеърҳо хеле хотирмонанд:

**Эҳ-ҳа ин вақтоба мебинам, ки мизробат баланд,**
**Дӯғи пешопешакиҳо мезанӣ – тобат баланд.**
**Инҷа шин гуфтанба мекебӣ зи ман – инту чиба**
**Як даҳан бо ман намегӯйӣ сухан – инту чиба?!**
**[7, с. 108]**

Ё ки:

**Ҳар чӣ гуфтам, рост – бовар соз аз ин тӯғригӣ,**
**Дилпурӣ бо ман надорӣ аз кадомин тӯғригӣ.**
**[7, с. 209-210]**

Нуктаи ҷолиб он аст, ки аксари ин навъ калимот дар радиф истифода шудаанд. Чунончи, радифи «майлаш-дияе» низ дар яке аз ғазалҳои шоир бо вуҷуди ба қавли Садри Зиё «ағлоти урфия» доштанаш, дилнишин афтодааст. Маълум мешавад, ки Садри Зиё ин навъ калимоти гуфтугӯйии авомро ба қатори ғалатҳои урфӣ дохил карда будааст.

**Гашт дил волаву шайдои ту, майлаш-дияе,**
**Рехт хунам ба таманнои ту, майлаш-дияе.**
**Тоқату сабру қарори мани маҳзун гардид,**
**Садқаи лутфу адоҳои ту, майлаш-дияе.**
**Ба дуо ёфт агар неъмати дашном рақиб,**
**Аз лаби лаъли шакархои ту, майлаш-дияе.**
**[7, с. 126]**

Муаллифи рисола дар фасли махсус ҳунари шоирро дар истифодаи саноеи бадеӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, ба натиҷае мерасад, ки Ҳайрат санъатҳои гуногунро, аз қабили тазоду муқобила, таҷнис, ташбеҳ, истиора, маҷоз, такрор, суолу ҷавоб, моддаи таърих, муболиға ва ғайра ба кор гирифта, бад-ин васила ба бадеияти осори хеш ҳусни тақвият бахшидааст. Намунаҳои фаровони ашъори Ҳайрат барои исботи ин фикр мусоидат кардаанд.

Дар мавриди сабки Ҳайрат муаллиф бар он назар аст, ки шоир «ба ин сабк эҷодкорона муносибат намуда, баъдан ҷиҳати дарёфти роҳу равиши нав кӯшиш намудааст. Дар ашъори Ҳайрати Бухороӣ таркибҳои шоирона, санъатҳои бадеӣ, маонии бикр, таносуб ва ҷозибаи сухан, корбасти мавридшиносонаи ибора ва калимаҳо зиёд ба назар мерасад [12, с. 95]. Дар мисоли ашъори Ҳайрат исбот карда мешавад, ки шоир эҷодкорона вожаву ибораҳо ва истилоҳу таркибҳои нав сохтааст [12, с. 95].

Матлаби худро дар мавриди сабки ашъори Ҳайрат ҷамъбаст намуда, муаллиф менависад, ки «дар маҷмуъ, оид ба услуби ашъори Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ҳаминро таъкид кардан лозим аст, ки шеърҳояш ниҳоят сода, равшан ва холӣ аз такаллуфот аст. Бархилофи ашъори муқаллидони Бедил, ки бештар майл ба сабки ҳиндӣ доштанд, сурудаҳои Ҳайрат ба воқеият наздиктар аст ва ифодаву таркибҳои шеъриаш мазмунҳои мушаххаси ҳаёти реалиро ифода мекунанд. Дар ашъори Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат рамзу киноя, ташбеҳу истиораҳои дур аз зеҳн, ҷумлабандиҳои пурпечутоб, мазмунсозиҳои хаёлангез ба назар намерасанд» [12, с. 110].

Ба фикри мо, ашъори Ҳайрат аз назари сабки эҷодӣ якдаст нест. Агар бархе аз ашъори ӯ бо баҳраварӣ аз суннатҳои шеъри ниёгон ба қалам омада бошад, бархи дигар, хоса қитъаву рубоиёт, ҳаҷвиёту мутоибот ва маснавии

«Саёҳати Фарғона» бунёди воқеӣ доранд ва орӣ аз обуранги ғиноиву романтикӣ буда, ҷанбаи иҷтимоии қавӣ ба онҳо хос аст. Ҳайрат аз равияи бедилгароӣ низ комилан мутанаффир набуда ва исботи ин матлаб истифодаи воҷаҳое монанди *ҷилвамуштоқ, Юсуфиҷурда, Эсавилаҳҷа, мастчашм (он), хастаҳол )он), хиҷолатмаоб* ва ғайра мебошанд.

Азбаски Ҳайрат хеле зуд ин дунёро тарк кард ва сабки эҷодиаш ҳам ҳанӯз дар ҳоли рушду устувор шудан буд, ба яке аз ин сабкҳои адабӣ тарҷеҳ додани маҳсули қаламаш имконпазир нест. Бо назардошти мавҷудияти ин ду сабки эҷодӣ муайян кардани мансубияти ашъори машкук ба қалами ӯ мушкилӣ пеш меоварад ва вуруди хонандаро ба ҷаҳони фикрӣ, тасвирсозӣ, мазмунсозӣ, истифодаи калимаву ибора ва санъатҳои бадеӣ тақозо мекунад. Бинобар ин, ҳушдор додани устод Айнӣ ба муҳаққиқони ҷавон оид ба он, ки ашъори Ҳайратро эҳтиёткорона ва дақиқкорона аз ашъори дигарон бояд ҷудо кард, ба масъалаи сабки ҳунарии ӯ гиреҳ мехӯрад.

Дигар аз мавзуъҳои меҳварии эҷодиёти адибони равшанфикри замон Аҳмади Дониш, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Шамсиддини Шоҳин, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, Абдулвоҳиди Мунзим ва дигарон «мазамматы беадолатиҳои давр, фисқу фасоди аҳли ҷоҳ, пасмондагӣ ва футуроти сохтори аморат, таъсири буҳрони бефарҳангӣ ва зуҳуроти номатлуби замон ба шумор мерафт» [12, с. 113]. Ин ҷанбаи иҷтимоӣ дар шеъри Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат дар фасли дувуми боби охирини рисола ба сароҳат инъикос ёфтааст.

Дар фасли ниҳоии рисола санъатҳои бадеӣ ва ҳунари шоирии Ҳайрат ба доираи таҳқиқ кашида шудааст. Муаллиф дар ин фасл дар бораи касрати саноеи бадеие мисли санъати талмеҳ, танҷим, муболиға, саволу ҷавоб, таҷнис,

истиора, тазод, муқобала, такрор, моддаи таърих сухан ронда, намунаҳои ҷолиби ин санъатҳоро зикр мекунад. Зимнан, қалами хуби нигоранда ва огоҳии ӯ аз масъалаҳои меҳварии шеър дар ҳамаи бахшҳои рисола эҳсос мешавад.

Дар қисмати хотимавии китоб намунаҳои беҳтарини ашъори Ҳйрат ва гуфтовардҳо аз сарчашмаҳои дасти аввал дар бораи Ҳайрат замима шудаанд. Ин ҷо зикри Мирсиддиқи Ҳайрат дар тазкираҳои зерин ҷо дода шудааст: «Тазкори ашъор»- и Садри Зиё, «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Неъматуллоҳи Муҳтарам, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ, «Тазкираи Сибоқ»-и Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳи Бухорӣ, ки воқеан ҳам кори хеле муфид барои муҳаққиқони оянда аст.

Дар омади сухан, лозим аст, ки нашри нави ашъори Ҳайрат ба чоп тайёр карда шавад. Дар нашри нав нуктаҳои зеринро ба инобат гирифтан лозим аст:

Дар байти зерин:

**Соқӣ баҳор омад, манеҳ соғар зи каф,**
**Мутриб шуд овард наю ҳангоми даф [7, с. 87], –**
сактаи мантиқӣ ба назар мерасад ва шакли дурусти онро чунин хондаанд: *«Мутриб шуда овардanӣ ҳангоми даф».*

– калимаи «қадаш» бояд ба ҷойи «қаддаш» дар мисраи «ҳадду қаддаш сарву суман кардам сифат» оварда шавад [7, с. 187];

– вожаи «дӣ» бояд ба ҷойи «дей» биёяд дар мисраи: «Ҳайрат аз савмиа дей рахт ба майхона кашид» [7, с. 45];

– пешоянди дувуми «ба» дар мисраи дувуми байти зерин ба тақозои вазн зиёдатист:

**Ҳарфи васлат занам, роҳи шавқат равам,**
**Чи ба сирру алан, чи (ба) дарангу шитоб [7, с. 39];**
– дар шеъри «Қасида дар ҳикояти риш» – ба ҷойи «риш» бояд «ришта» (навъи бeморӣ) бошад [7, с. 176].

Дар мавриди истифодаи қофияву радиф ва вазни ашъор муаллифи рисола ҷо-ҷо вобаста ба шеърҳои мушаххас нуктаҳои ҷолибе гуфта, хусусиятҳои онҳоро муайян кардааст. Албатта, беҳтар мешуд, ин масъалаҳо дар фасли алоҳида муфассалтар мавриди пажӯҳиш қарор бигиранд ва ҷойи шак нест, ки муаллиф бидуни душворӣ аз уҳдаи ин кор мебарояд.

***

**Баъзе мулоҳизаҳои мо дар бораи шеъри Ҳайрат**

Бо ин ҳама дастовардҳое, ки зикрашон рафт, чанд нукта дар эҷодиёти Ҳайрат қобили таваҷҷуҳи хос аст.

Чунончи, иловатан гуфтан мумкин аст, ки аз миёни мухаммасҳои Ҳайрат, ки яке таълифӣ ва боқӣ тазминӣ ҳастанд, агар дар мухаммасҳои тазминӣ тарзи баёни шоире, ки ба ғазалаш мухаммас гуфта шуда бошад, риоя шуда бошад, дар мухаммаси таълифӣ шоир ҳамон сабки омиёнаи шӯхиомезро ба кор бурдааст. Чунончи, дар банди аввал мегӯяд:

**Эй, ки лаълат бо Масеҳо тоза ҷон бахшидагӣ,**
**Аз тавозуъ дасти Мусо соидат бӯсидагӣ.**
**Хизр бо хатти ту расми бандагӣ варзидагӣ,**
**Аз рухат Юсуф бисоти ҳусну хубӣ чидагӣ,**
**Нест монандат нигори чор кас медидагӣ [7, с. 179].**

Ин ҷо ва дар охири ҳар банд омадани вожаҳои *бахшидагӣ, бӯсидагӣ, варзидагӣ, чидагӣ, медидагӣ, нашнидагӣ, хандидагӣ, дидагӣ, пурсидагӣ ва таркибу ибораҳои «чор кас медидагӣ», «шарҳи худро додагӣ»* ва мисли инҳо шеъри мазкурро як таровату тозагии ширине бахшидааст. Дар шеърҳои дигар низ ин шева корбасти вофир дорад. Чунончи, таркибу ибораҳои рехта ва зарбулмасалу мақолҳои «дил хунук шуд ях барин», «Худо ҳозир», «пераҳан чанд аз ту мебошам дарида пештар», «шарт аст лабу лаҳҷа ба сирка талабидан», «расидаст дили ман ба кафидан», «сиркаи

муфт беҳтар аз асал аст» хеле бамавқеъ ҷойи худро ёфтаанд.

Истифодаи калимаву таркибҳо ва номҳои русии «Первой нумир», «газид», «истакон», «вагон», «квос», «пева», «Шалихо», «Абромуф» ва мисли инҳо забони шеърҳои Ҳайратро ба забони мардум наздик кардааст. Чунончи, дар шеъре мегӯяд:

**Фитнаи шӯри ту сардафтари эълони газид,**
**Қиссаи ҳусни ту дебочаи ахбори сафир.**
**Эй нишони ғаму дардат наваду нуҳ ламбар,**
**Эй матои алами ҳаҷри ту первой нумир [7, с. 78]**

Дар ин шеър «газид» газета ва «первой нумир» – первый номер мебошад.

Оид ба маҳорати шоир дар ороиши сухан метавон дар мавриди чанд санъати дигар ҳам изҳори назар кард. Масалан, санъати лаффу нашр, ки шоир ду маротиба дар шеърҳояш ба он ишорат мекунад. Чунончи:

**Ҳадду қадаш сарву суман кардам сифат,**
**Ҳайрат мушавваш гаштам аз ин лаффу нашр.**
**[7, с. 178]**

Лаффу нашр – санъати бадеиест, ки шоир аввал дар бораи чизе дар маҷмуъ сухан ронда, баъд он чизро шарҳ медиҳад. Дар шеъри мазкур ҳадду қад – яъне руху қомат аст, ки дар он рух ба суман ва қомат ба сарв ташбеҳ шуда, дар айни ҳол ҳадду қад шарҳ ёфтаанд.

Дар ғазали дигар ҳам ҳамин санъатро моҳирона ба кор бурдааст. Ҷолиб он аст, ки ин ғазал ҳам мисли ғазали фавқ дар вазни мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун (баҳри раҷази мусаддаси солим) гуфта шуда, байти мақтаъ ба ғайр аз ҷой иваз кардани ду калимаи охири мисраи дувум, ки вобаста ба қофияи шеър сурат гирифтааст, боқӣ комилан такрор аст:

**Ҳадду қаддаш сарву суман кардам сифат,**
**Ҳайрат мушавваш гаштам аз ин нашру лаф.**
**[7, с. 87]**

Ҳайрат борҳо ба масъалаҳои вазну қофия дар шеъраш изҳори назар намудааст:

**Барнаметохт ба майдони саноят чанде,**
**Бенавоят чӣ кунад – қофия танг омадааст.**
**[7, с. 133]**

Дар 56 байти ин ғазали тулонӣ чандин бор вожаҳои ҷанг, санг, занг, Фаранг, нанг, чанг, банг, даранг, ланг, ғаранг, паланг, куланг, ду ранг омадааст. Азбаски ин қофия имкони зиёд надорад, шоир онро «танг» гуфтааст. Дар он баъзе калимаҳо то 4-5 бор ҳам такрор шудаанд, мисли вожаҳои танг, санг, чанг, ранг. Бинобар ин, шоир мегӯяд, ки «бенавоят чӣ кунад, қофия танг омадааст». Танг омадани қофия ҳам ба маънии воқеӣ ва ҳам ба маънии маҷозист.

Дар ашъори Ҳайрат қитъае ҳаст, ки дар он санъати нодири зуқофиятайн ба кор рафтааст:

**Он ки аз хони висолаш нарасиду нарасанд,**
**На пайи аҷз фақирон, на паси ҷанг шаҳон.**
**Ҷойи тан сохта дар пайкари худ сим сатир,**
**Ҷойи дил дошта дар синаи худ санг ниҳон.**
**Эҳтирози ман аз он маҳфилу з-он анҷуман аст,**
**Маҳфили кайфпарон, анҷумани бангҷаҳон.**
**Ору нангест ба ҷуз ишқу муҳаббат, ки ба даҳр**
**Ҳам бад-он ори кеҳон рафту бад-ин нанги меҳон.**
**Фикри Ҳайрат зи хамӯшет раҳи масдуд аст,**
**Боз бикшой бад-ин қофияи танг даҳон [7, с. 154].**

Ба ғайр аз он ки, ба қавли худи шоир, ин шеър «қофияи танг» дорад, дар он ду қофия паи ҳам омадаанд. Яке ҷанг, санг, банг, нанг, танг ва силсилаи дигар: шаҳон, ниҳон, ҷаҳон, меҳон ва даҳон.

Чунин санъати бадеӣ ҳунари шоирии фавқулодаро тақозо дошт ва Ҳайрат ба камоли тавоноӣ аз уҳдаи он баромадааст.

Ҳамин санъат дар ғазали зерин низ ба кор рафтааст:

**То ҳарфи васли он лаби чун писта бастаам,**
**Аз қайди қанду в-аз тамаъи руста растаам.**
**Гар сар равад ба теғи ҷафоят, чӣ бим аз он,**
**Дасте ба ҷон ба кӯйи ту биншаста шустаам.**
**Дил бастаам ба гесӯйи хилватнишин буте,**
**Аз сайри кӯча фориғу аз раста растаам.**
**Васфи узори тозанигоре намудаам,**
**Лафзи бадеъу маънии барҷаста ҷустаам.**
**Мастам мудому он нигаҳи бемудом маст**
**Пайваста з-он ду абруйи пайваста хастаам.**
**Аз бори ҳаҷри ту, эй навбари вафо**
**Коҳидаам тану дили бишкаста кастаам.**
**Ҳайрат ба ёди оразӣ ӯ боғи ҳушро**
**Ҳар сӯ зи гул чаман-чаману даста-дастаам.**

**[7, с. 98]**

Дар баробари зуқофиятайн дар ин ғазал чандин санъати дигар низ ба мушоҳида меояд, ки аввалинаш таҷнис аст ва анвои гуногуни таҷнисро дар вожаҳои *писта-баста, руста-раста, биншаста-шуста, барҷаста-ҷуста, бишкаста-каста, даста-даста* метавон дид. Дар мисраи «Пайваста з-он ду абруйи пайваста хастаам» бошад, вожаи «пайваста» ҷинос шудааст, ки «пайваста»-и аввалӣ ба маънии ҳамеша, ҳамвора ва «пайваста»-и дувум ба маънии абрӯвони бо ҳам пайваст омадаанд. Вожаву таркибҳои *лаби чун писта, теғи ҷафо, гесуи хилватнишин, лафзи бадеъ, маънии барҷаста, дарди ҳаҷр, навбари вафо, боғи ҳуш низ барои ороиши калом дар анвои мухталифи бадеъ ташбеҳу истиораву, маҷоз ба кор рафтаанд.*

Беҳтарин намунаи таҷнисро дар ин рубоӣ метавон дид:

**Эй он ки ба дарди дили ман дармонӣ,**
**Васлат ҳамаро расидаву дар мо не!**
**Дар базми рақиб, агар қадам дармонӣ,**
**Чун ман биравам, бурун аз дар монӣ [7, с. 201].**

Ин ҷо вожаҳои «дармонӣ», «дар мо не», «дармонӣ», «дар монӣ», ки дар чаҳор мисраъ маъниҳои гуногунро ифода мекунанд, дар хати форсӣ тарзи навишташон ягона аст ва ин навъ бозии сухан ба унвони «таҷнис» маъмул аст.

Ҳодисаи аллитератсия (ҳамовоӣ) низ дар шеъри Ҳайрат кам нест:

**Дерест, нигоро, нигаронам ба узорат,**
**Ҷонам ба нисорат, ҳаваси як нигаридан [7, с. 104].**

Такрори садоҳои «р» ва «с-з» байтро хеле хушоҳанг кардааст. Аз ҷониби дигар, калимаҳои «нигоро», «нигаронам», «нигаридан» аз имконоти хуби сухансозиву суханбозии шоир дарак медиҳанд. Байти зерин низ гувоҳи ҳамин даъвост:

**Халқе, ки рухи хуби ту диданд, навиштанд,**
**Хулд асту барин асту бар инанду бар инам [7, с. 94].**

Мураттиби маҷмуа низ ин лутфу назокати суханро пай бурда дар поварақ навиштааст, ки «хулд – номи биҳишти афсонавӣ-динӣ», барин-олӣ. Шоир дар ин ҷо суханбозӣ кардааст: мардум бар инанд – яъне бар ҳамин ақидаанд, ман ҳам бар инам – яъне дар ҳамин ақидаам» [7, с. 94].

Радифҳои мураккаби *гузашта аст, ман куҷост, чаро кунанд, мо ба хайр, кардӣ, фалак, моро чиҳо кардӣ, кунад бозӣ, чӣ созам,* ки шоир ба кор гирифтааст, на танҳо барои таъкиди маъно, балки барои кашидани бори ғоявии шеърҳо низ мусоидат кардаанд:

**Ба дарду ғам адо кардӣ, ба ҳиҷрон мубтало кардӣ,**
**Ба ҷони мо ҷафо кардӣ, фалак бо мо чиҳо кардӣ?**
**[7, с. 119]**

Дар ғазале дар мавриди қофия бо «ро» менависад:

**Бурун рехт соф аз ин зарфи моӣ,**
**Зи ҷоми қавофӣ мае буд бо ро [7, с. 56].**

«Шоир дар ин байт гуфтанист, ки аз зарфи об майи соф рехт ва аз ин ҷом ҳамаи қофияҳо бо «ро» баромаданд» [9, с. 234].

Тансиқи сифот ҳам аз саноеъи писандидаи Ҳайрат будааст, ки дар чандин шеъраш ба мушоҳида меояд. Пайи ҳам чидани сифат тавоноии табъи ӯро дар истифодаи ин санъат ба хубӣ ошкор мекунад:

**Лоларӯ, шӯхи ситамкораю пуршеваю ранг,**
**Ҷаврпиро, ситамойин, санами зулмоҳанг [7, с. 88].**

Ва ё боз:

**Туйӣ, эй он ки назират набувад дар офоқ,**
**Шӯхи симинкафалу симбару симинсоқ [7, с. 93].**

Боз:

**Эй бути симбару сангдилу шӯхи ҷафоҷӯ,**
**Эй бути шӯхи ҷафоҷӯ, ситамхӯйи ситамгар.**
**[7, с. 75]**

Дар байти зер санъати тарсеъ бисёр зебо корбаст шудааст:

**Салому алайк, эй ҷамоли мусаввар,**
**Салому алайк, эй равони муҷассам! [7, с. 66]**

Дар Девони Ҳайрат ҷо-ҷо муламмаъ низ истифода шудааст. Баъзан як мисраъ тоҷикиву як мисраъ арабӣ, ё як мисраъ туркӣ ё русӣ низ истифода шудааст:

**Ба дил дорам ниҳон умрест парварда,**
**Ҳазорон дарди «ло юзкар ва ло юфҳам [7, с. 129]**

Ё ки:

**Гӯиё кулфату мо қӯшша қараммиш кардем,**
**Фалак аз чодари ғам зад ба сари мо чимилиғ.**
**[7, с. 85]**

Дар тамоми ашъори Ҳайрат дар як маврид ҳодисаи зуллисонайнӣ, яъне ба забони ӯзбекӣ низ навиштани шеър аз ҷониби ӯ маълум шуд. Чунончи, шеъре бо номи «Боз дар ҳаҷви саррофони мазкур ба равияи Хоҷа Аҳмади Ясавӣ» дар пайравӣ ба Аҳмади Ясавӣ ба забони ӯзбекӣ таълиф шудааст, ки тарҷумаи комили он ба забони тоҷикӣ аз ҷониби Р. Ҳодизода дар тавзеҳот оварда шудааст [9, с. 248].

Агар чанд сухан дар мавриди вазни ашъори Ҳайрат гуфтанӣ бошем, пеш аз ҳама он нукта ба ёд мерасад, ки устод Айнӣ ба дониши ӯ дар арӯз ва саноеи бадеӣ баҳои баланд дода гуфта буд, ки «фақир низ қавоиди арӯз ва баъзе нозукиҳои санъати адабиро аз ӯ омӯхта будам» [3, с. 182]. Р. Ҳодизода – муҳаққиқи номвари Ҳайрат низ хуб эътироф мекунад, ки «ӯ таърихи назми гузаштаи форсу тоҷик, илмҳои расмӣ ва ғайрирасмии замонаш, махсусан илми арӯз ва санъати назми классикиро ниҳоят хуб медонистааст. Вай дар вазнҳои мураккабтарини арӯз шеърҳо навиштааст» [7, с. 3].

Таҳлили авзони ғазалиёти Ҳайрат моро ба натиҷае овард, ки аз миёни 79 ғазал, ки дар маҷмуа ҷой дода шудааст, истифодаи баҳрҳо чунин аст:

1. Рамал – 34 ғазал;
2. Ҳазаҷ – 15 ғазал;
3. Музореъ – 11 ғазал;
4. Муҷтасс – 8 ғазал;
5. Раҷаз – 3 ғазал;
6. Мутақориб – 3 ғазал;
7. Хафиф – 2 ғазал;
8. Мутадорик – 1 ғазал;
9. Мунсареҳ – 1 ғазал;
10. Тавил – 1 ғазал.

Маълум мешавад, ки шоир ҳамагӣ аз10 баҳри арӯз истифода бурда, аз ҳама бештар вазни баҳрҳои рамал, баъ-

дан ҳазаҷ ва музореъро ба кор гирифтааст. Чунонки замоне Мавлавӣ низ «муфтаилун, муфтаилун кушт маро» гуфта буд, Ҳайрат низ ишора ба афоили баҳрҳои мавриди истифодааш доштааст. Масалан, дар ғазале мегӯяд:

**Ба васфи холу хатти ӯ мурассаъ омад ин ғазал,**
**Арӯзи ин ҳазаҷ шунав: мафоилан мафоилан.**
**[7, с. 106]**

V – V – / V – V – / V – V – / V – V –

Воқеан ҳам ин ғазал дар вазни мафоилун, мафоилун, мафоилун, мафоилун – ҳазаҷи мусаммани махбун гуфта шудааст.

Дар ғазали дигар низ Ҳайрат мутадорик будани баҳри ғазалашро худаш гуфтааст. Тақотуъ – ҳамон тақтеъ аст, ки ҳини қироати арӯзии шеър ҳосил мешавад:

**Гар зи Ҳайрат кунӣ зи тақотуъ суол,**
**Фоилун, фоилун бо тадорук шитоб [7, с. 39]**

Аз баҳрҳои мураккаб истифодаи баҳри тавил дар ашъори Ҳайрат хеле ҷолиб аст:

**Бувад он нигори ман аз раҳи зулму ҷафо**
**ба тариқи вафо гузарад,**
**Ҳама меҳру муҳаббату лутфу карам шавад,**
**чӣ шавад, суйи мо гузарад [7, с. 57].**

Дар мавриди вазни ин шеър Р. Ҳодизода гуфта, ки «ин шеър дар баҳри тавил (дароз) навишта шудааст, ки ҳар мисраъ аз ҳашт рукни фаилан (**V V –**) иборат аст. Ин вазн аз ихтирооти асрҳои охир аст ва дар арӯзи қадим дида намешавад» [9, с. 234].

**Эй аз ту афоили талаб хабн шуда,**
**Савдои дилу дин ба ғамат ғабн шуда.**
**Мурдам зи табассум маро зинда намой,**
**Эй ноиби Исои Масеҳ айн шуда [7, с. 201].**

Ин ҷо истилоҳҳои арӯзии «афоил» ва «хабн» (аз махбун) барои ифодаи ҷолиби матлаб коргар омадааст.

Баҳри мутақорибии мусамман аз буҳури нодир дар ашъори шоирон аст, ки дар ғазали Ҳайрат бо истифода аз санъати таҷнис басо ширину гуворо омада:

**Мадор аз фиғон даст, эй дил, ки набвад,**
**Мадоре ба ҷону ба ҷонон мадоро [7, с. 56].**

V – – / V – – / V – – / V – – (фаъулун, фаъулун, фаъулун, фаъулун – мутақорибии мусаммани солим).

Мунсареҳи мусаммани матвии макшуф низ аз баҳрҳои камистифода аст, ки Ҳайрат дар он низ табъи худро озмудааст:

**Эй зи ту ҳар сӯ ба дил дарди мукаррар гиреҳ,**
**Дарди мукаррар басе дар дили музтар гиреҳ.**
**[7, с. 112]**

Муфтаилун фоилун муфтаилун фоилун – вазни хеле хушоҳанг аст, вале шеър гуфтан дар он маҳорати хос металабад.

Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки ҳунари Ҳайрат ҳам дар анвои гуногуни шеър, ҳам дар услуби мутафарриқаи ҷиддиву шӯхиомез, ҳам дар анвои саноеи бадеӣ ва ҳам дар қофияву радифу авзони шеърӣ ба хубӣ падид омадааст.

Худи шоир низ ин маъниро дар байти ифтихорияе арз кардааст:

**Нозам ба чунин назм, агар назм чунин аст,**
**Афрохта Ҳайрат сари даъво кӣ надорад? [7, с. 60]**

**Пайнавишт:**

1. *Абдӣ, А*бдуллоҳхоҷа. Тазкират-уш-шуаро / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо; зери назари Саҳобиддин Сиддиқов. – Душанбе: Дониш, 1983.

2. *Айнӣ, Садриддин*. Ёддоштҳо. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. – 680 с.

3. *Айнӣ, С*. Намунаи адабиёти тоҷик . – Душанбе, 2010. – 420 с.

4. *Бухорӣ, Абдулқодир Кароматуллоҳ*. Тазкираи Сибоқ. – Тошканд: Академияи фанҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Фан, 2007.

5. *Возеҳ, Қорӣ Раҳматуллоҳ*. Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб : Матни интиқодӣ / Бо муқаддима ва тасҳеҳи А. Ҷонфидо; зери назари А. Мирзоев. – Душанбе: Дониш, 1977.

6. *Муҳтарам, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ*. Тазкират-уш-шуаро / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи А. Ҷонфидо. – Душанбе: Дониш, 1975.

7. *Ҳайрат*. Ашъори мунтахаб / Бо тавзеҳот ва сарсухани Р. Ҳодизода. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1964. – 254 с.

8. *Ҳодизода, Р*. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX. – Душанбе: Дониш, 1968. – 295 с.

9. *Ҳодизода, Р*. Тавзеҳот ба китоби Ҳайрат // Ашъори мунтахаб. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1964. – С. 233-251.

10. *Садри Зиё, Шарифҷон-махдум*. Тазкори ашъор: Шарҳи ҳоли бархе аз шоирони муосири Тоҷикистон ва намунаҳое аз ашъори онон / Бо тасҳеҳи Саҳобиддини Сиддиқ; бо кӯшиши Муҳаммадҷон Шакурии Бухорой. Чопи аввал. – Теҳрон: Суруш, 1380 = 2001.

11. *Хадизаде, Р*. Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX века. – Сталинобод, Нашрдавтоҷ, 1956. – 138с.

12. *Эшонқулов, Ҷ*. Рӯзгор ва осори Ҳайрати Бухорой. – Тошканд: Тамаддун, 2023. – 208 с.

# ҶОЙГОҲИ СИДДИҚИИ АҶЗӢ ДАР АДАБИЁТИ ИБТИДОИ АСРИ XX ВА МАСЪАЛАҲОИ ШИНОХТИ РӮЗГОР ВА ОСОРИ Ӯ

Мусаллам аст, ки адабиёти ибтидои садаи бист, ки бо номи адабиёти ҷадида маъруф шудааст, мушкилоти зиёде дар батн дорад. Ин мушкилот аз истифодаи истилоҳот шуруъ шуда, бо баҳсҳо дар бораи муносибати маорифпарварӣ ва ҷадидия ва баҳогузорӣ ба эҷодиёти адибони ин давра идома мекунад. Донишмандоне мисли Холиқ Мирзозода, Расул Ҳодизода, Соҳиб Табаров, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Атахон Сайфуллоев, Худой Шариф, Абдухолиқ Набавӣ, Маъруф Раҷабӣ, Пайванди Гулмуродзода, Абдуҷаббор Раҳмонзода ва дигарон дар мавриди ҷараёни ҷадидия ва намояндагони он мақолаву рисолаҳои пурарзише навишта, ҷойгоҳи адибони ин давра Садри Зиё, Садриддин Айнӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Абдуррауфи Фитрат, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдулвоҳиди Мунзим, Шамсиддини Шоҳин ва дигаронро муайян кардаанд. Албатта, фикри муҳаққиқон дар бораи ин давраи адабиёт мухталиф буда, бархе онро «ҷойи холӣ» дар таърихи ҳазорсолаи адабиёти тоҷик ном бурдаанд, бархи дигар сарсупурдагони воқеии адабиётро ашхоси иртиҷоӣ гуфтаанд ва чанд тани дигар ҳамеша ва аз оғози фаъолияташон дар ҷустуҷуи асли ҳақиқат будаанд.

Яке аз шоирон ва равшанфикрони номвари охири асри XIX – ибтидои садаи XX Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ (1864-1927) буд, ки баҳри рушди адабиёти замон ва бедории фикрии мардуми тоҷик саъю талошҳои зиёд дошт. Ишораҳо ба ҳаёт ва фаъолияти адабии ӯ дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, «Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ил-асҳоб»-и Раҳматуллоҳи Возеҳ, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ, мақолаҳои Ва-

дуд Маҳмудӣ, И. Умняков ва дигарон ҷой доранд. Аммо таҳқиқи ҷиддӣ оид ба рӯзгору фаъолияти адабии ӯро донишмандоне монанди Х. Мирзозода, М. Шакурӣ, З. Раҷабов, А. Раҳмонзода ва дигарон анҷом додаанд.

Албатта, барои шинохти Аҷзӣ, пеш аз ҳама, нашри осораш мусоидат кардааст. Мунтахаби ашъори Аҷзӣ дар Тоҷикистон дар ҷилди панҷуми маҷмуаи «Гулшани адаб» [3], «Шоирони Мовароуннаҳр» [24] ва «Зубдаи ашъори Аҷзӣ», маснавиҳои «Миръоти ибрат», «Анҷумани арвоҳ» солҳои 2009-2010 дар маҷаллаи «Фарҳанг» ва нашрияҳои дигар ба чоп расидаанд. Маҷмуаи ашъори Сиддиқии Аҷзиро профессор Х. Мирзозода ду маротиба – соли 1975 барои нашриёти «Ирфон» ва соли 1986 барои нашриёти «Маориф» ба нашр тайёр карда, аммо ба иллати замон ва каҷфаҳмииву мавқеъҳои мухталифи сиёсатмадорони давр оид ба афкори ҷадидия китоб ба чоп нарасида монд. Ниҳоят, соли 2022 бо эҳтимоми А. Худойдодов ва О. Маҳмудзода «Зубдаи ашъор»-и Сиддиқии Аҷзӣ ба дасти хонандагон расид, ки воқеан ҳам падидаи фараҳбахши адабист. Маҷмуа бо сарсухани ҳозиркунандагони чоп ва пешгуфтори муфассали мураттиби он Х. Мирзозода оғоз мешавад. Он аз ҳашт бахш иборат буда, бахшҳо асосан вобаста ба жанрҳои адабӣ тасниф шудаанд: ғазалиёт, қитьа, таркиббанд, тарҷеъбанд, рубоиёт, маснавӣ, достон, дар ду қисми охир шеърҳои давраи шуравӣ ва тарҷумаҳо ҷой дода шудаанд.

Мухтасари тарҷумаи ҳоли Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ чунин аст, ки ӯ дар деҳаи Ҳалвоии вилояти Самарқанд дар оилаи косиб ба дунё омада, нахуст дар зодгоҳ, баъдан дар шаҳрҳои Самарқанду Бухоро муҳимтарин илмҳои замонро меомӯзад. Дар солҳои 1901-1903 ба Ироқ, Маккаву Мадина сафар карда, як муддат дар сафоратхонаи Русия дар Ҷидда кор мекунад ва сафари худро дар шаҳрҳои Санкт-Петербург, Москва ва Тифлис идома медиҳад. Ин

сафарҳо барои Аҷзӣ мактаби бузурги ҳаёт буданд, ки барои шинохти ҳаёти мардуми гуногун ва омӯхтани чандин забони хориҷӣ мусоидат карданд. Баъди бозгашт Аҷзӣ мактабҳои усули нав ташкил мекунад, китобҳои дарсӣ менависад, дар матбуоти тоҷикӣ, туркӣ, озорбойҷонӣ хеле фаъолона ширкат менамояд. Мақолаву шеърҳои ӯ дар «Бухорои шариф», «Самарқанд», «Оина», «Тарҷумон» ва ғайра интишор меёбанд. Танҳо дар маҷаллаи «Оина» беш аз бист асари ӯ ба табъ расидааст, ки руҳи замонро инъикос намуда, барои бедории ақвоми шарқ мусоидат мекард. Сиддиқии Аҷзӣ аз аввалин адибоне буд, ки аз забони русӣ беҳтарин осори И. А. Крылов, А. С. Пушкин ва И. С. Тургеневро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст.

Пас аз инқилоби соли 1917 Аҷзӣ як муддат дар корҳои маъмурии шаҳри Самарқанд низ фаъолият мебарад, вале пас аз бемории вазнине, ки соли 1926 аз сар мегузаронад, дубора ба кори муаллимӣ баргашта, соли 1927 аз дунё чашм мепӯшад.

Аҷзӣ аз соли 1880 ба кори эҷодӣ шуруъ карда, ба забони тоҷикӣ беш аз 40 ғазал, 1 таркиббанд, 1 тарҷеъбанд, 27 рубоӣ, маснавиҳои «Миръоти ибрат», «Анҷумани арвоҳ», «Достони муборизаи серб», як силсила чистонҳо ва беш аз 10 шеъри нав навиштааст. Навовариии ӯро дар шеър на танҳо дар сохтор, дар шакл, балки дар мазмуну муҳтавои ашъораш метавон мушоҳида кард. Дар ашъори ӯ масъалаҳои иҷтимоӣ, тарғиби мактабу маориф, мазмунҳои нави ғоявӣ, даъват ба бедории миллӣ ба миён гузошта шуда, навиштаҳояш баёнгари руҳи замон буданд. Чунончи, дар рубоие мегӯяд:

**Гуфтам ба хирад, ки соҳиби ирфонӣ,**
**Бинмой раҳи наҷотам аз нодонӣ!**
**Гуфто: мактаб, мактаб, мактаб, мактаб,**
**Бояд хонӣ, хонӣ, хонӣ, хонӣ!**

Ҳақ ба ҷониби академик А. Раҳмонзода аст, ки таъсири амиқи ин давраи адабиётро дар бедории фикрии халқи тоҷик ва расидан ба худшиносии миллӣ таъкид намуда, менависад, ки «Дар ин амали хайр саҳми бевоситаи Сиддиқии Аҷзӣ ниҳоят бузург мебошад. Насли имрӯзи даврони соҳибистиқлолӣ вазифадор аст, ки барои омӯзиши осори вай талош намояд ва мероси адабиву бадеии ӯро ҷамъоварӣ карда манзури хонандагон гардонад» [20, с. 146].

Аз миёни адабиётшиносон дар шинохти Сиддиқии Аҷзӣ, пеш аз ҳама, хидмати Х. Мирзозода ва М. Шакурӣ бояд таъкид шавад.

Холиқ Мирзозода аз зумраи донишмандони мумтози адабиёт аст, ки тамоми зиндагии худро ба омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои таърихи адабиёт, назарияи адабиёт ва накди адабӣ сарф кардааст. Дар давоми тақрибан шаст соли фаъолияти илмии худ ӯ ба масъалаҳои мухталифи адабиёти классикӣ, адабиёти маорифпарварӣ ва ҷадида, адабиёти давраи шуравӣ, таҳқиқи осор ва ҷаҳонбинии чеҳраҳои маъруфи адабиёт рӯ овардааст.

Дар миёни таълифоти Х. Мирзозода рисолаву мақолаҳо оид ба адабиёти нимаи дувуми садаи XIX ва ибтидои асри XX, пажӯҳиши ҳаёт ва осори Аҳмади Дониш, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Шамсиддини Шоҳин, Сиддиқии Аҷзӣ, Тошхоҷаи Асирӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Садриддин Айнӣ, Иброҳими Ҷуръат (Гулханӣ) ҷойгоҳи махсус доранд.

Ӯ бар он назар аст, ки дар адабиёти ибтидои садаи XX чор ҷараёни адабӣ мавҷуд аст: маорифпарварӣ, бедилӣ, дарборӣ ва ҷадидӣ. Ӯ ҷараёни маорифпарвариро ягона ҷараёни адабии пешрав ва ба масъалаҳои актуалии замона наздик меномад. Бегумон, ҷараёнҳои маорифпарварӣ ва ҷадидӣ қаробати зиёд бо ҳам доранд, зеро ҷадидҳо низ асосан саводу донишро тарғиб мекарданд.

Маълум аст, ки ҳаракати бедории мардуми Осиёи Миёна ва Тотористон дар ибтидои садаи бист номи ҷадидиро гирифта буд. Байни ҷадидҳо ва қадимиҳо муборизаи мафкуравию ғоявии шадид идома дошт. Фаъолияти ҷадидҳо, ки марому маслаки худро дар навҷӯӣ ва маорифпарварӣ шинохта буданд, пеш аз ҳама дар тарғиби илму дониш ва саводнокӣ, кушодани мактабҳои усули ҷадид, нашри рӯзномаву маҷаллаҳо ва ғайра иборат буд. Ба фикри устод С. Айнӣ, азбаски фаъолияти навандешон аз кушодани мактаби усули ҷадида шуруъ шуда буд, уламо ва арбоби ҳукумат ин фирқаро «ҷадид» ё «ҷадидӣ» номидаанд. Азбаски маслаки ин фирқа тараққиву пешрафт ва роҳбаронашон ҷавонон ва ҷавонфикрон буданд, онҳо худро «ҷавонбухориён» (мисли ҷавонтуркон) меномиданд» [1, с. 66]. Аммо миёни ҷадидҳо ҳам мухолифати фикрӣ ҷой дошт. Бинобар ин, Х. Мирзозода дар мақолаҳои худ ҷадидонро ба гурӯҳҳо – адабиёти миллатчии буржуазӣ ва адабиёти демократӣ-тараққипарварӣ ҷудо мекунад, ки ин таснифи ӯ вобаста ба манфиати кадом қишри ҷомеаро ҷонибдорӣ кардани онҳо сурат гирифта буд. Дар Туркистон ду ҷамъият – «Шӯрои исломия» ва «Иттифоқи мусулмонони меҳнаткаш» ташкил шуда буд, ки яке аз пешвоёни ҳаракати ҷадидӣ Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ ба «Шӯрои исломия» ва Сиддиқхоҷаи Аҷзӣ ба «Иттифоқ» аъзо шуда буданд.

Дар мақолаи «Муносибати партия ба адабиёт ва тарбияи кадрҳои адабӣ» Х Мирзозода адибони пеш аз инқилобро ба се гурӯҳ ҷудо мекунад: «Ҳанӯз пеш аз Октябр, баъд аз инқилоби буржуазии феврал масъалаи муайян намудани мавқеъҳоро ҳодисаҳои револютсионӣ пеш ронда буд, ки ин ҳол аввалин талаби ҳаёт дар роҳи тафриқаи қувваҳои адабӣ буд. Нависандагоне, ки ба халқ наздик буданд, ба ҷамъияти меҳнаткашони мусулмон «Иттифоқ» (РАСС Туркистон) рафтанд ва дар атрофи рӯзномаи «Ҳуррият»

ҷамъ шуданд. Чунончи, С. Сиддиқӣ (1865-1927), Иброҳими Ҷуръат (ваф. 1930), Ф. Роҷӣ (вафот 1937) ва ғайра. Нависандагоне, ки бо доираҳои уламои тараққипарвар ва буржуазияи калон алоқаманд буданд, ҷамъияти нисбатан иртиҷоии «Шурои ислом»-ро ташкил дода ва дар атрофи маҷаллаи «ал-Ислоҳ» гирд омадаанд. Масалан, Беҳбудӣ (ваф. 1919), Васлӣ (1870-1925), Зуфархон Ҷавҳарӣ (1860-1945), Баҳриддин. Азизӣ (1894-1944), Сарвар (1883-1935, ҷадидони маорифпарвари Бухоро А. Фитрат (1887-1947) ва С. Айнӣ дар байни ин ду гурӯҳ мекалавиданд…» [10, с. 139].

Бояд гуфт, ки мавқеи адабиётшиносон низ нисбат ба ҷараёни ҷадидия мухталиф буд. Ин матлабро муҳаққиқи мирзозодашинос Аъзам Худойдодов дар китоби худ «Холиқ Мирзозода ва адабиётшиносии тоҷик дар асри ХХ» шарҳ дода, менависад, ки «Х. Мирзозода дар баҳо додан ба ҷараёни мазкур эшонро ба ду гуруҳ: мусбат ва манфӣ ҷудо намудааст. Ба гурӯҳи аввал С. Айнӣ, Ф. Хоҷаев, Х. Мирзозода, А. Макашов, И. Шарипов ва ба гурӯҳи дувум Р. Ҳошим, Ш. Ҳусейнзода, Ш. Ниёзӣ, Б. Ғафуров, А. Мирзоев, З. Раҷабов, Ҳ. Неъматуллоев, А. Сайфуллоев ва Р. Ҳодизода, ки нақши таърихан мусбати тараққипарваронаи ҳаракати ҷадидияро яктарафа маънидод кардаанд, ҷудо мекунад» [21, с. 189].

Дар мавриди мавқеъ ва нуқтаи назари Х. Мирзозода оид ба масъалаҳои адабиёти тоҷик дар ибтидои садаи ХХ метавон зимни омӯзиши яке аз мавзуъҳои мубрами ин давра – ҳаёт ва эҷодиёти Сиддиқии Аҷзӣ баҳо дод. Чаро маҳз Аҷзӣ на каси дигар?

Ба ин савол метавон чунин посух дод, ки ҳарчанд Х. Мирзозода дар бораи адибони дигари ин давра, аз ҷумла Тошхоҷаи Асирӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Садриддин Айнӣ, Иброҳими Ҷуръат низ мақолаҳои алоҳида навишта-

аст, аммо мавзуи Аҷзӣ барои ӯ бағоят муҳим ва асосӣ буд ва тамоми умр аз оғози фаъолияти илмӣ то рӯзҳои вопасини умр таваҷҷуҳи ӯро ба худ мекашид. Ҳанӯз дар давраи донишҷӯйӣ дар Донишгоҳи Самарқанд соли 1935 дотсенти кафедраи адабиёт Олим Шарофиддинов ба сифати кори дипломӣ ба ӯ таҳқиқи мавзуи «Миръоти ибрат» ва эҷодиёти Аҷзӣ»- ро супориш медиҳад ва муҳаққиқи ҷавон бо истифода аз асарҳои шоир «Ганҷинаи ҳикмат», «Айн-ул-адаб», достонҳои «Миръоти ибрат» ва «Анҷумани арвоҳ», тазкираҳои ибтидои асри бист – иловаи Салимӣ ба «Тӯҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ил-асҳоб»-и Возеҳ, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С. Айнӣ, мақолаву рисолаҳои Вадуд Маҳмудӣ, Н. И. Умняков ва дигарон рисолаи худро ба анҷом мерасонад.

Пас аз дифои ин рисола Х. Мирзозода ҳамроҳи ҳамсабақони худ Б. Ҳоҷизода ва Л. Бузургзода ба Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба кор меояд ва дар ҳамин ҷо дар баробари тадриси адабиёт бо таҳқиқи он низ машғул мешавад. Мақолаи ӯ «Миръоти ибрат» ва эҷодиёти Аҷзӣ», ки соли 1936 дар маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ ба табъ расидааст», асари дуюми илмии муҳаққиқи ҷавон буд. Аз ин пештар мақолаи аввалаш «Забони шеърӣ ва камбудии шеърҳои шоирони ҷавон» соли 1934 дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» ба табъ расида буд. Дар бораи рисолаи «Миръоти ибрат» ва эҷодиёти Аҷзӣ» андеша ронда, А. Худойдодов баъзе ақидаҳои нодурусти муаллифро зикр кардааст, ки аз ҷумла инҳоанд:

«1. Х. Мирзозода бо нияти фош кардани ҷараёни пантуркистӣ ҳаракати ҷадидӣ ва адабиёти ҷадидаро буржуазӣ эълон намудааст;

2. Ӯ дар асоси назарияҳои хатои пролеткултчиён адабиёти ин давраро «ҷойи холӣ» мешуморад;

3. Бо таъсири револютсияи соли 1905-и рус буржуазияи маҳаллии нав бедоршударо танҳо аз буржуазияи савдову саноат иборат дониста, адабиёти ҷадидаи маорифпарвариро танҳо инъикоскунандаи манфиати буржуазияи савдову саноат маънидод мекунад ва моҳияту нақши мутараққии онро инкор менамояд;

4. Муҳаққиқ адабиёти ҷадидаи ибтидои асри XX-ро танҳо буржуазӣ ва буржуазияро бе табақаҳои дохилиаш яклухт гирифта, иртиҷоӣ маънидод кардааст» [21, с. 23].

Аз таҳқиқи осори Х. Мирзозода бармеояд, ки ӯ муттасил ба омӯзиши ин масъала ва масъалаҳои дигари марбут ба ҷараёни адабиёт дар ибтидои садаи XX машғул шуда, батадриҷ баъзе ақидаҳои худро тағйир медиҳад ва хатоҳои худро ислоҳ менамояд. Аммо чун адабиёт аз сиёсат ҷудо нест, Х. Мирзозодаро борҳо муҳокима кардаву ба ӯ танбеҳ медиҳанд. Нахуст, барои мафкураи сиёсӣ соли 1937 Х. Мирзозодаи 26-сола ба ҳабс кашида мешавад ва баъди истинтоқҳои зиёд пас аз як сол ӯро озод мекунанд. Бори дигар, аввали солҳои 50-ум ӯро зери тозиёнаи танқид гирифтанд. Нахуст, 21 нояри соли 1951 дар маҷлисгоҳи Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон, сипас 29 декабри соли 1952 шуъбаи фанҳои ҷамъияти АУ ҶТ ва Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, баъдан дар маҷлиси Иттифоқи нависандагон ва ҷаласаи Донишкадаи омӯзгорӣ ӯро муҳокима карданд. Дар ҳамаи ин ҷаласаҳо Аҷзӣ як навъ баҳонае буд барои сиёх кардани номи Х. Мирзозода чун ҳомии миллатчиёни буржуазӣ. Бори сеюм, 8 феврали соли 1977 дар маҷлисгоҳи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ба муносибати 5-солагии қарори КМ КПСС дар бораи танқиди адабӣ баҳсе доир шуд, ки дар он мақолаҳои Х. Мирзозода дар бораи «Аҳмади Дониш ва маорифпарварони ибтидои асри XX» ва баҳси маҷаллаи «Помир» дар бораи Аҷзӣ мавриди муҳокима ва сарзаниш қарор гирифтанд. Аммо дар ҳама ҳол руҳи муаллиф бешикаст монда-

аст ва чунин ба назар мерасад, ки Сиддиқии Аҷзӣ барои ӯ як навъ имтиҳоне барои барқарор кардани адлу дод дар илму адаб шудааст. Барои ӯ хеле муҳим буд, ки номи неки Аҷзиро барқарор намуда, осор ва ғояҳои арзишманди ӯро дифоъ кунад ва дар китобҳои дарсии адабиёту хрестоматияҳо намунаҳои ашъори ӯро ба унвони яке аз маорифпарварони пешқадам сабт ва исбот намояд.

Баъд аз фишороварӣ ва тазъиқи соли 1937 Х. Мирзозода тасмим гирифт, ки мақсади худро бо роҳҳои дигар амалӣ кунад. Ӯ ин мавзуъро ба яке аз шогирдони боистеъдод М. Шукуров, ки соли 1948 ба аспирантураи Донишкадаи омӯзгорӣ дохил шуда буд, пешниҳод кард. Ин муҳаққиқи ҷавон бо истифода аз тамоми манобее, ки дар бойгонӣ ва китобхонаҳои Душанбе, Самарқанд, Тошканд ва Маскав дастрас буданд, рисоларо навишта аз муҳокимаи кафедра мегузаронад ва фишурдаи онро ба русӣ тарҷума карда, барои дифоъ омодагӣ мегирад, ки ба қавли худи М. Шакурӣ, «Домулло Абдулғанӣ Мирзоев иддао карданд, ки Аҷзиро на равшангар ва маорифпарвар, балки аз ҷадидони миллатгарои буржуазӣ бояд донист. Бобоҷон Ғафуров дар оғоз ба дастгирии банда бархост, лекин дар ниҳоят ба назари Абдулғанӣ Мирзоев розӣ шуд» [14, с. 17]. Устод М. Шакурӣ ҷараёни баҳсу муҳокимаҳоро дар ин мавзуъ матраҳ намуда, илова кардааст, ки «оқибат, маҷлис тасмим гирифт Аҷзиро шоири иртиҷоӣ ба шумор оварад. Бо ин қарор рисолаи ман рад шуд ва заҳмати сесолаам сӯхт. Хавфе пеш омад, ки Холиқ Мирзозода ва маро низ миллатгаро бигӯянд…» [14, с. 17]. Ба андешаи М. Шакурӣ, рақобати мафкуравии донишмандони замон ва мавқеи мухталифи онҳо дар шинохти адабиёти ҷадидия боис шуд, ки рисолаи «Эҷодиёти Сиддиқии Аҷзӣ (1865-1927)» рад карда шавад.

Аммо ин ҳол ҳам Х. Мирзозодаро аз роҳи интихобкардааш бознадошт. Дар мақолаи охирини худ, ки 14 майи

соли 1991 дар рӯзномаи «Садои мардум» таҳти унвони «Ба шохи ҳар дарахтам доми сайёде... Мубориза дар атрофи шахсият ва эҷодиёти Сиддиқии Аҷзӣ» чоп шуд, қайд мекунад, ки ӯ ҳарчанд «чандин даҳсолаҳо кулфати тӯҳматчиён ва ҳарзагӯёнро кашида, аз роҳи ҳақ барнагашта, дар мақолаҳои худ «Адабиёти ҷадидаи демократӣ» (Садои Шарқ, 1969, №9), «Ҳотифи тамаддуни нав» (Садои Шарқ, 1967, №10), «Сиддиқии Аҷзӣ» (Газетаи муаллимон, 18-20-уми майи соли 1985), «Осиёи осмон то чанд гардонам ба сар» (Омӯзгор, 9-уми октябри соли 1990), «Имонам аз офтоб равшан бошад» (Паёми Душанбе, 14-уми июли соли 1990) ва ғ. ҳаракати ҷадида, адабиёти он ва адибонашро устуворона ва пайгирона ҳимоя намуд ва дар ин мубориза ғалаба кард.

Дар рӯзҳои охирини зиндагиаш ҳам Х. Мирзозода ба ёди Сиддиқии Аҷзӣ буд. Вақте соли 1990 ӯ ба деҳаи Равонаки устони Самарқанд баргашт, боз ҳам фаъолияти илмии худро идома дод ва шояд беҳтарин рӯзи зиндагии ӯ дар Донишгоҳи Самарқанд баргузор шудани ҷашни 125-солагии Сиддиқии Аҷзӣ буд.

Яке аз мақолаҳои қобили таваҷҷуҳи Х. Мирзозода «Даромаде бар куллиёти Аҷзӣ» аст, ки дар китоби «Меҳрнома» ба муносибати 80-солагии М. Шакурӣ ба табъ расидааст. Вақте ин китоб ба нашр расид (соли 2006), муаллиф аз дунё рафта буд ва чопи он дар ин китоб як навъ арҷгузории устод М. Шакурӣ ба устоди зиндаёдашон мебошад. Дар мақола муаллиф муҳимтарин асноди зиндагии Сайидаҳмадхоҷаи Сиддиқии Аҷзиро зикр намуда, таъкид мекунад, ки пеш аз инқилоб зикри номи ӯ танҳо дар ду сарчашма - дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам ва «Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ул-асҳоб»-и Возеҳ ба чашм расид ва баъд аз инқилоби октябр дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ баъзе ишораҳо

ҷой доранд. Муаллиф бо такя бар асари С. Айнӣ таъкид мекунад, ки устод ба осори Сиддиқии Аҷзӣ таваҷҷуҳи вежа зоҳир намудааст. Ӯ гуфтааст, ки: «ин адабиёт ҳама интибоҳӣ ва танбеҳӣ аст. Агар авроқи маҷмуа тангӣ намекард, ҳар байтро ба сафҳае шарҳ додан лозим меомад. Ҳоло ба диққати хонандагони гиромӣ ҳавола шуд. Зинҳор ки сарсарӣ нагузаранд» [8, с. 277].

Пас аз овардани мухтасари тарҷумаи ҳоли шоир, вазъи зиндагӣ ва таҳсилу ҳунаромӯзии ӯ муаллиф дар бораи ақидаву назарҳои шоир низ изҳори андеша мекунад. Ба фикри ӯ, «Сиддиқӣ як роҳи расидан ба хушбахтиро ҳамчун маорифпарвар дар омӯхтани илм ва забони русӣ» мебинад ва ба ҳамин сабаб ба мактаби шабонаи омӯзиши забони русӣ дохил шуда, забону адабиёт ва маданияти русро аз бар мекунад ва дере нагузашта пас аз зиёрати Каъба бо роҳи дарёӣ шаҳрҳои бузурги кишварҳои Туркия, Гурҷистон, Озарбойҷон ва Русияро сайр намуда, дар бозгашт муддате дар консулхонаи Ҷидда бо кори тарҷумонӣ машғул мешавад. Пас аз бозгашт ба Самарқанд, таъсиси мактаби усули ҷадид ва мактаби русии маҳаллӣ, фаъолияти омӯзгорӣ дар ин мактаб, фаъолияти маорифпарварӣ дар замони авҷгирии ҳаракати инқилобӣ аз корҳои асосии ӯ будааст. Ба пиндори шоир:

**Бе нури маърифат шаби зулматсиришти ҷаҳл,**
**Кист он ки худ ба манзили мақсуд расидааст?!**

Ба андешаи Х. Мирзозода, Сиддиқӣ бар хилофи пантуркистҳо ба Русия таваҷҷуҳи бештар доштааст ва дар мактабҳои русӣ таҳсил карданро роҳи наҷот пиндошта, ин матлабро дар шеъри зерин ифода кардааст:

**Мусулмонон чаро дар мактаби рус**
**Намехонанду месозанд номус?!**
**Забони ӯ туро н-орад ба ҷуз суд,**
**Расӣ аз илми русӣ суйи мақсуд.**

Дар мақола сухан аз забондонии шоир рафтааст, ки ӯ рӯзномаву маҷаллаҳои форсӣ, русӣ, озорбойҷонӣ, тоторӣ, туркӣ ва тоҷикиро дастрас мекард ва матолиби онро барои мардум шарҳ медод. Ашъори шоир ҳам ба ин забонҳо гуфта шудааст.

Яке аз самтҳои дигари фаъолияти Аҷзӣ тарҷумонӣ буд, ки муаллифи мақола афсонаи Пушкин «Қиссаи моҳигир ва моҳии тилло», повести Гогол «Шинел», қиссаи Тургенев «Шикорчӣ»-ро аз русӣ ба тоҷикӣ тарҷума карда, худаш ҳам дар пайравӣ ҳикояе бо номи «Шикор» навишта ва дертар «Шинел»-и Гоголро ба забони ӯзбекӣ низ тарҷума кардааст. Албатта, дар мавриди афсонаи Пушкин бархе аз мутахассисон бар ин назаранд, ки мутарҷими он дақиқ нест, зеро ин қисса ба барномаи мактабӣ ворид шуда ва дар ҳеч ҷо исми тарҷумон зикр наёфтааст. Аммо профессор А. Худойдодов дар повараќи ин қисса дар китоби «Зубдаи ашъор» бо сароҳат исбот мекунад, ки ин тарҷума ба қалами Аҷзӣ мансуб аст: «Хушбахтона, ҳангоми мутолиаи қиссаҳои рангини Латофат Кенҷаева дар китоби «Духтари Пайрав» ба «Тарҷумаи куҳан ном хотираи бисёр хуби нависанда оид ба Гулчеҳра Сулаймонова аз тарҷумаи «Қиссаи моҳигир ва моҳии тилло»-и Пушкин, ки аз тарафи Аҷзӣ ба анҷом расида буд, маълумоти муҳимме пайдо кардем» [22, с. 168].

Зимни баррасии ашъори Аҷзӣ Холиқ Мирзозода аз мавзуъҳои асосии эҷодиёти шоир ёдовар шуда, ватандӯстӣ, халқпарварӣ, инсондӯстӣ, нафрат ба ҳукамо, тарғиби илму маданияти нав, тарғиби забон, маданият ва тарзи русиву аврупоӣ, ислоҳоти зиндагӣ, интиқод аз амирон, коргузорон, буржуазияи навхез, интиқод аз диндории ҷаҳолатпарастона, тарғиби озодии миллӣ, раҳоӣ аз юғи истилогарон ва истеъморгарони подшоҳӣ ва хориҷӣ, тараннуми инқилоби октябр, ҳокимияти шуравӣ, озодии занон ва ғайраро аз мавзуоти меҳварии осори ин шоир ном мебарад.

Х. Мирзозода бар он назар аст, ки маснавиҳои Аҷзӣ «Миръоти ибрат» ва «Анҷумани арвоҳ» аз назари сохт аз маснавиҳои суннатӣ комилан фарқ мекунанд. Ӯ дар бораи фаъолияти эҷодии шоир андеша ронда, таъкид менамояд, ки Аҷзӣ «аз ҷумлаи он шоиронест, ки эҷодиёти адабии худро аз равияи адабии классикии тоҷику форс оғоз карда, дар маорифпарварӣ онро такомул ва дар адабиёти шуравӣ хотима додаст. Ҷойгоҳи асосии ӯ дар адабиёти тоҷик дар давраи маорифпарварӣ аст ва дар ашъори ӯ ин раванди ғоявӣ нисбатан хеле рӯшантар инъикос ёфтааст» [8, с. 295].

Дар ин мақола муаллиф дар бораи ашъори замони шуравии шоир, шеърҳои ҳаҷвӣ ва мавзуоти онҳо, инчунин имзоҳои мустаори шоир мисли «Шарора», «Гумном», «Шарифбек», «Тир» низ маълумот манзур кардааст.

Дар миёни осори таҳқиқотии аҷзишиносӣ рисолаи Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ низ хеле арзишманд аст. Чунонки гуфта шуд, М. Шакурӣ солҳои 1948-1951 дар замони таҳсил дар аспирантура бо раҳнамоии Х. Мирзозода дар мавзуи «Аҷзӣ ва эҷодиёти адабии ӯ» рисолаи номзадӣ таълиф намуд, вале бо сабаби шоири иртиҷоӣ эълом шудани Аҷзӣ ва мухолифати мафкуравии фозилони замон ин рисола дифоъ нашуд. Ин рисола аз муқаддима, замони Аҷзӣ, тарҷумаи ҳоли Аҷзӣ, эҷодиёти Аҷзӣ: мероси адабӣ, давраҳои эҷодиёти Аҷзӣ, тасвири аҳволи халқу мамлакат дар эҷодиёти Аҷзӣ, танқиди ҳукуматдорон ва синфҳои истисморкунанда, ақидаҳои маорифпарварӣ, инъикоси муборизаи озодихоҳии халқҳои Балкан бар зидди Туркия, эҷодиёти давраи советӣ, баъзе хусусиятҳои услуб, маҳорат ва забони асарҳои Аҷзӣ ва хулосаҳо иборат мебошад.

Дар қисмати «Иловаҳо» ашъори Аҷзӣ ҷой дода шудааст.

Ин рисола айни ҳол аз ҷониби шогирди устод М. Шакурӣ А. Набавӣ ба чоп омода шудааст, аммо чунонки худи

муаллиф мегӯяд, хеле матлабҳои он кухна шуда ва назари умум ба онҳо тағйир ёфтааст. Дар баробари ин хеле нуктаҳои дигаре ҳам ҳастанд, ки ба мушоҳидаҳои бориkбинонаи муҳаққиқи ҷавон шаҳодат медиҳанд. Чунончи, ӯ дар мавриди мавзуъву услуби асарҳои Аҷзӣ менависад, ки «воситаҳои тасвир ва забони онҳо низ тамоман маҳсули он вазифаҳои нави таърихӣ мебошанд, ки шароитҳои замон дар назди шоир гузошта буданд... . Аҷзӣ ташаббуси Аҳмади Донишро ба охир расонида, ба тематикаи фарсуда ва аз ҳаёт дургаштаи замони феодалӣ, аз лирикаи ишқӣ тамоман даст кашид ва танҳо аз ҳаёт мавзуъ ҷустуҷӯ намуд; вай воситаҳои тасвирии адабиёти классикиро ба муносибатҳои нав дохил намуда, ба ифодаи масъалаҳои нави иҷтимоӣ мувофиқ кунонд, ташбеҳ ва истиораҳои нав ба кор бурд; гарчанде, ки давраи дуюми эҷодиёти ӯ бо бедилчигӣ сар мешавад, лекин баъдтарҳо шакли асарҳои худро ба ташвиқоти васеъ мувофиқ гардонида, на танҳо ба соданависӣ мегузарад, балки достонҳои сюжетнок ва ҳаҷвҳои иҷтимоӣ низ ба вуҷуд меорад; вай шакли достонро ба куллӣ тағйир дода, ба идеяҳои нав ва ифодаи бевоситаи мақсад мувофиқ кунонд [25, с. 382].

Дар бораи забони асарҳои Аҷзӣ андеша ронда, М. Шакурӣ дуруст пай мебарад, ки «дар забони асарҳои худ на танҳо калимаҳои русӣ ва интернатсионалии аз русӣ гирифташударо истифода бурда, ба таъсири ибораҳои халқӣ бо эҳтироми самимӣ нигоҳ кард, балки махсусан забони асарҳои ҳаҷвии худро ба забони гуфтугӯӣ наздик карда, дар натиҷаи ҳамаи инҳо барои бойтар шудани таркиби луғатии забони тоҷик, инкишоф ёфтан ва суфтатар шудани забон ёрӣ дод [25, с. 382].

Баъди солҳои зиёд соли 1992 дар маҷаллаи «Садои Шарқ», сипас соли 2006 дар китоби «Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи XX» як боби ин рисола ба табъ расид. Чу-

нонки муаллиф дар сарсухани китоб эътироф мекунад, мақолаи «Зиндагиномаи Аҷзӣ» маҳсули овони ҷавонии нигоранда – соли 1951 буда, як боби рисолаи чопнашуда» аст, ки дубора таҳрир шудааст [15, с. 5]. Устод М. Шакурӣ иқрор шудаанд, ки «имрӯз бисёре аз андешаҳои пештари худро ботил мешуморам, бо қатъият аз онҳо даст мекашам. Баъзеи ин андешаҳо аз пиндорҳои расмии замони шуравӣ ва бархе аз норасоии фаҳмиши худам сар зада буданд» [15, с. 5].

Дар мақолаи «Зиндагиномаи Аҷзӣ» академик М. Шакурӣ Аҷзиро «яке аз барҷастатарин маорифпарварони фидокори тоҷик дар оғози садаи XX» меномад [15, с. 66]. Зиндагиномаи шоирро муаллиф аз рӯйи нақлҳои фарзанди ӯ Аъзамхони Сиддиқӣ, ки охири солҳои чил лаборанти Институти забон ва адабиёти Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон буд, маълумоти устод С. Айнӣ, маводе, ки Ш. Ҳусейнзода ва Х. Мирзозода солҳои сӣ аз Самарқанд ҷамъ кардаанд, инчунин аз рӯйи маводи рӯзномаву маҷаллаҳо ва ҳуҷҷатҳои бойгонӣ таълиф намудааст. Ҳини тасвири зиндагии Аҷзӣ муаллиф аз ёддоштҳои Вадуди Маҳмудӣ, ки бо номи «Муаллим Абдулқодири Шакурӣ» дар шумораи 3-и соли 1990 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шудааст, фаровон истифода бурдааст. Дар мақола ҷо-ҷо ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ба сифати намуна оварда шудааст, аз ҷумла, аризаи Сиддиқӣ ба забони русӣ барои озод шудан аз вазифаи мудирии мактаби русии деҳаи Ҳалвоӣ, маромномаи «Иттифоқ», мактуби С. Айнӣ ба муаллиф ва ғайра. Дар натиҷаи тадқиқот М. Шакурӣ маълум мекунад, ки мероси адабии Аҷзӣ ҳамагӣ аз 2479 байт иборат аст ва аз ин миқдор 1280 байт ба забони тоҷикӣ, 810 байт ба забони туркии озарбойҷонӣ, 263 байт ба забони ӯзбекӣ ва 26 байт ба забони арабӣ мебошанд. Муаллифи мақола инчунин миқдори байтҳоро дар маснавиҳои «Миръоти ибрат», «Анҷу-

мани арвоҳ», достони нотамоми ҷанги сербҳо, маҷмуаҳои «Ганҷинаи ҳикмат», «Айн-ул-адаб», маҷаллаҳои «Мулло Мушфиқӣ», «Машраб» ва ғайра муайян намудааст.

Бори аввал дар ин мақола М. Шакурӣ бо истифода аз дафтари Ш. Ҳусейнзода достони нотамоми Аҷзиро дар бораи муборизаи халқи серб интишор кардааст.

Дар поёни мақола М. Шакурӣ мактуби С. Айниро аз 22. XI. 1950 дар ҷавоби саволҳои хеш ба пуррагӣ меорад. Маълум мешавад, ки дар ин мактуби муфассал устод Айнӣ дар бораи шиносоияш бо Аҷзӣ, хабар надоштанаш аз достони нотамоми шоир, муносибати Аҷзӣ бо Беҳбудӣ, тарҷумаи «Шинел»-и Гогол ба забони ӯзбекӣ, имзоҳои мустаори Аҷзӣ маълумот дода, маслиҳат медиҳад, ки бо саволҳояш ба ректори Донишгоҳи Давлатии Сталинобод Зариф Раҷабов ва писари Аҷзӣ Аъзамхон муроҷиат кунад.

Аз «Мукотиботи устод Шакурӣ» маълум мешавад, ки М. Шакурӣ ба И. С. Брагинский, Б. Ғафуров, М. Абрамов, Ю. Бобоев ва дигарон низ роҷеъ ба мавзуи рисолааш номаҳо навишта, посух гирифта будааст [13, с. 15-22].

Дар бораи Аҷзӣ назари неки муаллифро аз асарҳои дигараш, аз ҷумла дар рисолаи доктор иаш «Масъалаҳои асосии инкишофи ғоявӣ-эстетикии назми советии тоҷик дар асри бистум», «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик», «Хуросон аст ин ҷо», «Истиқлол ва худшиносии миллӣ», «Нигоҳе ба адабиёти садаи бист», «Ҷусторҳо», «Равшангари бузург», «Садри Зиё», «Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ», «Пантуркизм ва сарнавишти таърихии тоҷикон» низ метавон мушоҳида кард.

Муҳаққиқи номвар академик Зариф Раҷабов низ дар шинохти рӯзгор, замони зиндагӣ ва муаммоҳои аҷзишиносӣ хидмати муҳим ба ҷо овардааст. Ӯ дар китоби худ «Аҷзӣ ва Асирӣ» (Сталинобод, 1951) боби алоҳидае бо номи «Аҷзӣ» таълиф намуда, шоирро «яке аз ходимони

тараққипарвари тоҷикон» меномад. Дар оғози ин мақола баҳои мусбати М. Турсунзода ва Б. Ғафуров ба фаъолияти Аҷзӣ оварда шуда, сипас тарҷумаи ҳоли ӯ бо истифода аз мақолаи писари Аҷзӣ шарҳу тафсир меёбад ва муаллиф дар заминаи намунаи ашъори Аҷзӣ, махсусан маснавиҳои «Миръоти ибрат» ва «Анҷумани арвоҳ», дар бораи ҷаҳонбинии ӯ мутобиқ ба мафкураи замон изҳори назар мекунад.

З. Раҷабов ба хулосае меояд, ки «фикрҳои Аҷзӣ хусусияти демократӣ дошта бошад ҳам, албатта, вай революсионер набуд» [18, с. 19]. Ба андешаи муаллиф, ӯ «ҳамчун хаёлотчӣ» ба моҳияти инқилоб сарфаҳм нарафта, фикр мекард, ки бо роҳи баланд бардоштани маърифат ва омӯзиши забони русӣ имкон дорад, ки аз ҷабру зулму беадолатӣ халқ раҳоӣ ёбад ва кишвар тараққӣ намояд. Хулосаи ниҳоии муаллиф ин аст, ки дар эҷодиёти Аҷзӣ «нишонаҳои баъзе унсурҳои ҷадидизм» ҳаст, вале «таърихан маҳдудияти фикрӣ» ба ӯ хос аст. Бо вуҷуди ин «қатъи назар аз хусусиятҳои сусти идеявии худ Аҷзӣ яке аз маърифатпарварони намоёни халқи тоҷик» ба шумор меравад.

Дар мақолаи «Асирӣ» низ муаллиф дар мавриди шарҳи обёрии заминҳо ба осори Аҷзӣ муроҷиат мекунад.

Аммо З. Раҷабов ба ин ақидаҳои худ содиқ намонда, дар асари дигараш «Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX» фикри худро тағйир медиҳад ва «дар баробари аз рисолаҳо баровардани мавзуи Аҷзӣ, ҷадидҳо ва ҷадидиро ба дараҷае сиёҳ намудааст, ки ҳатто ҷадидро ба гург ташбеҳ додааст» [23, с. 200].

Назари шарқшиноси маъруф И. С. Брагинский низ дар бораи Аҷзӣ мусбат набуд. Х. Мирзозода дар мақолаи худ «Маорифпарварони тоҷик дар бораи омӯхтани забони рус» [5, с. 7] дар бораи ифодаи «кисаи зар», ки дар шеъри Аҷзӣ маҷозан ба маънии бахту саодат омадааст, изҳори назар мекунад:

**Забони рус бахшад кисаи зар,**
**Нахонӣ, пеши рӯят бастаӣ дар.**

Ӯ фикри И. С. Брагинскийро, ки дар мақолаи «Природа Среднеазиатского джадидизма» дар бораи ифодаи «кисаи зар» ва ба тарғиби манфиатҳои буржуазия иртибот доштани он комилан нодуруст мешуморад ва муносибати ӯро ба эҷодиёти Сиддиқии Аҷзӣ «муносибати субъективонаи нигилистӣ» меномад [5, с. 7].

Солҳои охир пас аз барҳам хӯрдани кишвари шуравӣ ва дигар шудани вазъи сиёсӣ муносибат ба Аҷзӣ низ тағйир ёфт. Дигарбора ба китобҳои таърихи адабиёт ном ва фаъолияти адабии Аҷзиро ворид карданд, ашъори ӯ ба маҷаллаҳо роҳ ёфт, дар донишномаҳо дар бораи ӯ ахбори муфассал чоп шуд [2; 7; 12; 17]. Бешубҳа, дар ин корҳо саҳми адабиётшиноси номвари тоҷик зиндаёд Х. Мирзозода, ки аз оғози фаъолияти илмӣ то рӯзҳои вопасин барои барқарор кардани номи неки ин шоири маорифпарвар собитқадам будааст, шоиста мебошад.

Зиндагии Аҷзӣ мисли оинае буд, ки дар он тамоми печутоби замон инъикос ёфтааст. Пас аз маргаш ҳам борҳо ба рӯйи номи ӯ хати батлон кашидаву шоири иртиҷоӣ ном бурдаанд ва ҳар бор донишмандони ҳақиқатҷӯ бо талошҳои зиёд ба дифои ҳақиқат бархостаанд. Чунин фишору таъқибҳои маънавӣ ва сиёсӣ ба сари муҳаққиқони эҷодиёти ӯ Х. Мирзозода ва М. Шакурӣ низ омадаанд, ки бар асари мафкураи ғоявии замон рух додаанд, аммо ҳоло дар замони Истиқлоли кишвар имкон фароҳам омадааст, ки хидматҳои Сиддиқии Азҷӣ дуруст шинохта шаванд.

**Пайнавишт:**

1. *Айнӣ, С.* Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. – Душанбе: Адиб, 1987. – 240 с.

2. *Асозода, Х.* Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав). –Душанбе, 2014. – 672 с.

3. Гулшани адаб. Ҷилди 5. Намунаҳои назми тоҷик асрҳои XVIII ибтидои асри XX. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 462 с.

4. *Мирзозода, Х*. Адабиёт аз нуқтаи назари ҳаёт (Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Ирфон, 1973. – 272 с.

5. *Мирзозода, Х*. Адабиёт таълим ва тарбия. –Душанбе, 1983. – 144 с.

6. *Мирзозода, Х*. Афкори рангин. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 352 с.

7. *Мирзозода, Х*. Ачзӣ // Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷилди 1. – Душанбе, 1988. – С. 219-220.

8. *Мирзозода, Х*. Даромаде бар куллиёти Аҷзӣ / Меҳрнома (Ҷашнномаи 80-солагии устод Муҳаммадҷон Шакурӣ). – Теҳрон 1385. – С. 277-297.

9. *Мирзозода, Х*. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик. – Душанбе, 1962. – 138с.

10. *Мирзозода, Х*. Муносибати партия ба адабиёт ва тарбияи кадрҳои адабӣ // Садои Шарқ. – 1965. – №7. – С. 139-150.

11. *Мирзозода, Х*. Шамсиддин Шоҳин. – Сталинобод, 1956. – 256 с.

12. *Мирзозода, Х. , Гулмуродзода, П*. Аҷзӣ. // Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷилди 2. –Душанбе, 2013. –С. 181- 182.

13. Мукотиботи устод Шакурӣ / Мураттиб Дилафрӯз Икромӣ. – Душанбе:Дониш, 2015. – 616 с.

14. *Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ*. Зиндагиномаи худнавишт // Меҳрнома (Ҷашнномаи 80-солагии устод Муҳаммадҷон Шакурӣ). – Теҳрон 1385. – С. 9-28.

15. *Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ*. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 456 с.

16. Неҳзати бедорӣ : Маводи конференсияи байналмилалии «Ҷараёни маорифпарварӣ ва масъалаҳои ҷаҳони муосир». –Душанбе: Дониш, 2016. – 219 с.

17. *Ҳамроев, Ҷ*. Таърихи адабиёти навини тоҷик. –Тошкент: Тамаддун, 2015. – 544 с.

18. *Раджабов, З*. Из истории общественно-политической мысли таджикского народа во второй половине XIX и в начале XX вв. – Сталинабад, 1957. – 460 с.

19. *Раҷабов, З.* Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX. – Сталинобод, 1959. – 448 с.

20. *Раҳмонзода, А.* Сиддиқии Аҷзӣ ва бедории фикрии халқи тоҷик // Садои Шарқ. – 2023. – № 3. – С. 239-150.

21. *Раҷабӣ, М.* Ислом: Ҷадидия ва инқилоб: Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: Дониш, 1997. – 244 с.

22. *Сиддиқии Аҷзӣ.* Зубдаи ашъор / Мураттиб, муаллифи пешгуфтор ва луғату тавзеҳот аз Холиқ Мирзозода; ба чоп ҳозиркунандагон ва муаллифони муқаддима А. Худойдодов ва О. Маҳмудзода. – Хуҷанд: Ношир, 2022. – 196 с.

23. *Худойдодов, А.* Холиқ Мирзозода ва адабиётшиносии тоҷик дар асри XX. – Душанбе: Дониш, 2014. – 364 с.

24. Шоирони Мовароуннаҳр / Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва шарҳи луғоту тавзеҳоти Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2019. – 520 с.

25. *Шукуров, М.* Аҷзӣ ва эҷодиёти адабии ӯ. – Сталинобод, 1952. – 425 с (чопи мошинӣ).

## БОЗТОБИ РУҲИ ЗАМОН ДАР МАҶАЛЛАИ «ОИНА»

Охири асри XIX-ибтидои садаи XX замони зуҳури матбуот, давраи бедории фикрии мардуми тоҷик ва Шарқи мусулмонӣ, замони равшангарӣ ва худшинохтагӣ буд. Дар ин кори басо муҳим – раванди зуҳур ва ташаккулу таҳаввули матбуоти тоҷикӣ ба сифати падидаи тозаи адабӣ-фарҳангӣ ва ангезандаи афкори равшангаройӣ шахсиятҳои барҷастаи замон Садриддин Айнӣ, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Мирзо Ҷалол Юсуфзода, Абдулвоҳиди Мунзим, Саидризо Ализода, Сиддиқхоҷаи Аҷзӣ, Ҳоҷӣ Муин, Абдуррауфи Фитрат ва дигарон заминаи мусоид фароҳам оварданд.

Дар ибтидои садаи XX зиёиёни Туркистон ба чандин нашрияи хориҷӣ дастрасӣ доштанд, ки аз миёни онҳо «Ҳабл-ул-матин»-и Ҳиндустон, «Сироҷ-ул-ахбори афғония»-и Афғонистон, «Чеҳранамо» ва «Парвариш»-и Қоҳира, «Сирот-ал-мустақим»-и Туркия, «Тарҷумон»-и Қрим, «Вақт»-и Оренбург эътибори бештар доштанд. Рӯзномаву маҷаллаҳои «Иршод», «Мулло Насриддин», «Юлдуз», «Баён-ул-ҳақ», рӯзномаҳои ҷадидон «Тараққӣ», «Хуршед», «Шуҳрат», «Осиё» низ барои мусалмонони Туркистон нашрияҳои ошно буданд.

Абдухолиқ Набавӣ оид ба суннатҳои рӯзноманигорӣ дар Осиёи Марказӣ андеша карда, ба натиҷае расидааст, ки «дар оғози қарни XX то замони шуравӣ (байни солҳои 1906-1916) дар Осиёи Марказӣ зиёда аз 14 рӯзномаву маҷалла (ҳафтавор) ба забонҳои туркӣ (ӯзбакӣ) ва форсии тоҷикӣ табъу нашр шудаанд, ки машҳуртарини онҳо рӯзномаҳои «Тараққӣ» (туркӣ, 1906), «Шуҳрат» (туркӣ, 1907-1908), «Бухорои шариф» (тоҷикӣ, 1912-1913), «Тӯрон» (туркӣ, 1912-1913), «Самарқанд» (туркӣ ва форсӣ, 1913),

«Оина» (туркӣ ва тоҷикӣ, 1913-1915), маҷаллаҳои «Садои Фарғона» (туркӣ, 1914-1915), «Садои Туркистон» (туркӣ, 1914-1915), «Шарқӣ» (туркӣ, 1916) ба шумор меоянд» [9, с. 19].

Ин нашрияҳо барои бедории фикрии Шарқи мусалмонӣ ва ба олами нави маънавӣ ворид шудани мардуми Осиёи Миёна мусоидат карданд. Зимнан, ошноӣ бо ин нашрияҳо дар ҷомеа як ҷаҳиши бузурги маънавӣ буда, инқилоби фикрие ба вуҷуд овард, ки интишори рӯзномаву маҷаллаҳои маҳаллиро ногузир гардонид. Зуҳури нашрияҳои маҳаллӣ дар Осиёи Марказӣ ба тағйир ёфтани вазъи сиёсиву иҷтимоии кишвар, пайдо шудани андешаву афкори нав миёни зиёиён, вусъат гирифтани ҷараёнҳои маорифпарварӣ ва ҷадидӣ дар байни тараққипарварон ва ислоҳотхоҳон боис гардид.

Аз миёни ин нашрияҳо барои мо, пеш аз ҳама, нахустин рӯзномаи тоҷикӣ «Бухорои шариф», рӯзномаи «Самарқанд» ва маҷаллаи «Оина» – се нашрияи аввалине, ки маводаш ба забони форсии тоҷикӣ интишор меёфт ва зодгоҳаш ду шаҳри бузург, ду гаҳвораи тамаддуни тоҷикӣ – Бухорову Самарқанд буд, арзиши бештар дорад. Феълан, чун сухан дар мавриди «Оина» меравад, бояд зикр кард, ки муассис ва мудиру ношири он равшанфикри маъруф, маорифпарвари бузурги тоҷик, сиёсатмадори дурандеш Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ (1875-1919) [**ниг**. : 15] буд. Ӯ аз аввалин нафароне буд, ки дар Самарқанд мактаби усули навро дар манзили худ таъсис дод, китобхонаи оммавии «Исломия»-ро бо фарогирии матбуоти замон ба рӯйи хонандагон боз кард, ки минбаъд «Китобхонаи Беҳбудия» ном гирифт. Мақолаҳои ӯ дар аксари нашрияҳои Осиёи Марказӣ ва хориҷ аз он интишор ёфтаанд. Ӯ аввалин нафаре буд, ки баъд аз қатъ шудани нашри рӯзномаи «Бухорои шариф» дар Самарқанд пайи ҳам ду нашрияро таъсис дод ва дар ҳарду ҳам бо ҷалби беҳтарин равшанфикрону маорифпар-

варони замон бахше аз маводро ба забони модарии худ – форсии тоҷикӣ мунтазам ба табъ расонид. Дар нашрияҳои ӯ зиёиёни тараққипарваре чун Сиддиқии Аҷзии Самарқандӣ, Саидаҳмад Васлии Самарқандӣ, Муҳаммад Нурмуҳаммадзода Хатоӣ, Садриддин Айнӣ, Нӯшервон Явушев, Абдуррауфи Фитрат, Мунзими Бухороӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Саидризо Ализода, Фахриддин Роҷӣ, Ҳоҷӣ Муин Шукрулло, Абдурраҳмон Махдуми Муфтизода, Асъади Бухороӣ, Ниёз Раҷабзода, Холмуҳаммад Охундии Намангонӣ, Бадриддин Шарифии Каттақӯрғонӣ, Саидбобохон Аҳрории Хистеварзӣ, Мирсарвар Мирҳайдарзода ва дигарон ҳамкорӣ доштанд.

Мутаассифона, умри рӯзномаи «Самарқанд» дароз набудааст. Нашри он аз аввали апрели соли 1913 то 17-уми сентябри ҳамон сол, тақрибан 6 моҳ идома дошта, ҳамагӣ 45 шумора интишор ёфт. Рӯзнома бо теъдоди 500 адад ба табъ мерасид, аммо бо сабаби камбуди маблағи хароҷот ва шояд ҳам таъсис ёфтани маҷаллаи «Оина», ки имконоти бештар ва ғунҷоиши беҳтар дошт ва вақти зиёдро талаб мекард, чопи он ба охир расид.

Нахустин шумораи маҷаллаи «Оина» 1-уми шавволи соли 1331-уми ҳиҷрӣ, баробар ба 20-уми августи соли 1913 ба тариқи литографӣ аз ҳисоби маблағҳои ношир Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ба чоп расид. Дар оғоз маҷалла ҳафтае як маротиба, маъмулан рӯзи шанбе чоп мешуд ва аз 6-уми ноябри соли 1914 то 15-уми июни соли 1915 бо сабаби кам шудани имконоти молиявии муаллиф ва кам шудани обуна моҳе ду маротиба ба табъ расид. Дар маҷмуъ ин маҷалла дар ду давра интишор ёфта, дар давраи аввал 52 шумора ва дар давраи дувум 16 шумораи дигар, ҷамъ 68 шумора аз чоп баромад ва шумори умумии саҳифаҳо 1720 адад буда, 57 шумораи он 24 саҳифагӣ, шумораҳои боқимонда, аз он ҷумла шумораҳои 7-16 (1913) – 32 саҳифаро дар бар меги-

рифтанд. Маҷалла соли аввал 400-600 нусха ва соли дувум 300 нусха чоп шудааст [6, с. 68].

Тибқи тадқиқоти Б. Исомаддинов [7] дар маҷалла зиёда аз 40 хабари байналмилалӣ, 100 ахбори дохилӣ, 150 шеър, 59 эълон, 278 мақола ҷой дода шудааст.

Маҷалла бо номи форсии «Оина» чоп мешуд ва ношир номи онро дар муқова дар қисмати болоии миёни саҳифа бо ҳарфҳои бузургтар ҷой дода, зери унвони асосӣ ба забони русӣ «Зеркало», дар ду канор – ба арабӣ «Миръот» ва ба туркӣ «Кӯзгу» навиштааст. Дар ҳамин муқова навъи маҷалла – ҳафтавор будан ва ба забонҳои ӯзбекӣ, форсӣ ва русӣ нашр шудани он, номи муҳаррир ва нoшири он – Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ сабт шудааст. Нархи маҷалла 15 тин мебошад. Мундариҷаи он дар муқоваи дохилии шумораи №1 дарҷ шуда, дар шумораҳои дигар мундариҷа ба назар намерасад. Мундариҷа ба ду қисм ҷудо шуда, бахши «Қисми форсӣ» махсус ҷудо шудааст. Дар қисми форсӣ бидуни нишон додани саҳифа маводи тоҷикии маҷалла ба тариқи зерин сабт аст:

«Оина чист?», «Наср ва назми мутафарриқа – назм», «Мулоҳиза» – наср ҳам аз Мавлавӣ Ҷомӣ, «Эй ба саропардаи Ясриб ба хоб», «Ҷароиди Ҷопун».

Як кори бисёр муҳимму арзишманде, ки дар робита бо таҳқиқу омӯзиши маҷаллаи «Оина» анҷом пазируфтааст, аз ҷониби муҳаққиқи донишгоҳи Токио Шимада Шизоу мураттаб шудани феҳристи манобеъи маҷалла аст. Дар феҳрист, ки пешгуфтори муфассал дорад, мундариҷаи ҳар як шумораи он бо нишон додани навъи асар (мақола, шеър, иқтибос, фан, ахбор, адабиёт, саёҳатнома, эълон ва ғ.) ва саҳифаи он сабт шудааст, ки кори муҳаққиқонро хеле осон мекунад. Аз рӯйи ҳамин анвоъ имкон дорад, ки номи бахшҳо (рубрикаҳо) низ муайян гардад, ҳарчанд дар маҷалла суннати ҷудо кардан ба анвоъ ва бахшҳо ҳанӯз

роиҷ набуд. Чунончи, мундариҷаи ҳамин шумораи аввали маҷалла чунин оварда шудааст:

**№ 1 (1913. 08. 20)**

*Маҳмудхӯжа [Беҳбудий], Туркистон, № 1 (1913. 08. 20), Ь. 001-004 (мақола)*

*Маҳмудхӯжа [Беҳбудий], Шердор мадрасаси, № 1 (1913. 08. 20), Ь. 005-009 (мақола, фан)*

*Васлий. Танбеҳ ва баёни воқеъ, № 1 (1913. 08. 20), Ь. 009-010 (шеър)*

*Миллий, Илтижо, № 1 [1913. 08. 20), Ь. 010-011 (шеър)*

*Маҳмудхӯжа [Беҳбудий], Икки эмас, тӯрт тил лозим, № 1 (1913. 08. 20), Ь. 012-014 (мақола)*

*Шаҳр-и шараф, Асҳобда касб ва тижорат, № 1 (1913. 08. 20), Ь. 015-018 [мақола)*

*Маҳмудхӯжа [Беҳбудий], Тутун ёшқи тамақи, № 1 (1913. 08. 20), Ь. 018-022 (фан)*

*Маҳмудхӯжа [Беҳбудий], Майда қарз, № 1 (1913. 08. 20), Ь. 023-024 (мақола)*

*Фахриддин Рожий, Оина чист? № 1 (1913. 08. 20), Ь. 025-027 (мақола, шеър)*

*Маҳмудхӯжа [Беҳбудий], Мулоҳиза, №1 (1913. 08. 20), Ь. 028-031 (мақола, шеър)*

*Чеҳранамо. Жароиди жопун, №1 (1913. 08. 20), Ь. 032 (иқтибос)*

*Усул-и жадид мактаби учун босилган тайёр китоблар, №1 (1913. 08. 20), Ь. 033 (эълон)* [1, с. 13].

Мутаассифона, мураттиб ба кадом забон будани навиштаҳоро зикр накардааст. Азбаски аз рӯйи унвони осори чопшуда муайян кардани забони он на ҳамеша даст медиҳад, дар бисёр маврид хонанда метавонад раҳгум занад.

Ошноӣ бо муҳтавои шумораи аввал маълум мекунад, ки дар он 6 мавод ба қалами худи Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ мансуб аст, ки аз ин миён панҷтои он ба забони ӯзбекӣ ва

як мақола ба забони форсии тоҷикист. Матолиби меҳварии ин мақолаҳоро мавзуъҳои ватан («Туркистон»), мавзеъҳои таърихии он («Мадрасаи шердор»), забономӯзӣ («Ду забон не, балки чор забон лозим аст»), илму фан («Тутун ёшқи тамақи»), кори бонкӣ («Майда қарз»), ислоҳи мактабу мадраса («Мулоҳиза») ташкил додаанд.

Беҳбудӣ ба он назар аст, ки инсони соҳибмаърифат донандаи чандин забонҳост. Бинобар ин ҳарчанд ки номи маҷалларо ба забони модарии худ «Оина» меномад, овардани тарҷумаи ин вожа ба забонҳои русиву арабиву туркӣ дар муқова аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳадафи маҷалла ба ҳам овардан ва муттаҳид кардани намояндагони милали мухталиф, тафриқа нагузоштан миёни онҳост.

Яке аз масъалаҳои меҳварии «Оина» марбут ба маориф ва тарбияи насли нав аст. Метавон гуфт, ки ин масъала беш аз ҳар чизи дигар мавриди андешаи муаллиф аст. Ӯ муътақид аст, ки ислоҳ бояд аз мактабу мадраса шуруъ шавад, «чунки ҳаёти миллат вобастаи мактабу мадраса аст. Мактабу мадрасаи кадом миллат обод аст, он миллат худро мудофиа мекунад, ҳам соҳиб ва ҳокими дигар миллат мегардад. Мактабу мадрасаи кадом миллате, ки харобу по ба таназзул аст, он миллат маҳкуми забунӣ аст. Ривоҷи дину миллат, тараққии илму диёнат, пешрафти фазлу ҳунар, ислоҳи ахлоқу одоб, хубии маишат ва зиндагонии ҳар тоифаро сабаб мактабу мадраса аст» [Оина, №1, с. 29].

Беҳбудӣ аз он афсус мехӯрад, ки дар кишвари ӯ таълим дуруст ба роҳ монда нашуда, илмҳои замонавӣ омӯзонида намешаванд. Ӯ мактабу мадрасаҳои Туркистонро бо низоми маорифи кишварҳои дигар муқоиса мекунад ва маорифи миллати худро дар ҳоли забунӣ дармеёбад: «Ба дигар миллатҳо бингарем, мебинем, ки ҳар сол дар феҳристи дарсҳои мактаб ва мадрасаашон илму фанҳои тоза дохил мекунанд ва дар кайфияти таълиму тадрис ҳар сана

машваратҳову ҷамъиятҳо мекунанд, дар боби интихоби китобҳои дарсӣ маҷлисҳо мешавад. Инчунин ҳар кадом илм мутахассис дорад, ки аз тарафи он таълим мешавад» [Оина, №1, с. 29].

Беҳбудӣ пас аз баёни мулоҳизаҳои худ дар бораи заруратиислоҳи мактабу мадраса ба хулосае меояд, ки ин ақибмондагӣ дар таълим ҳанӯз дар замони Мавлоно Ҷомӣ ҷой доштааст, ки эшон бо сӯзу гудози зиёд ин масъаларо дар «Туҳфат-ул-аҳрор» ба риштаи назм кашидааст. Барои исботи ин матлаб Беҳбудӣ аз ин асари Мавлоно Ҷомӣ як порае иборат аз 34 мисраъро иқтибос меорад ва илова мекунад, ки он рӯзгор ҳам «қалами муфтӣ мисли дасти тамаъ дароз шуда», «воизон сухани ҳақро намегуфта», «хатибон рутбаи худро аз минбар баланд сохта будаанд».

Дар интиҳои мақола муаллиф ба хулосае мерасад, ки таназзул дар олами ислом ҳанӯз панҷ-шаш аср пештар шуруъ шудааст. «Агар ин ҳарфҳоро одами замони ҳозир гӯяд, онро усули ҷадидчии мубтадиъ ва кофир гӯянд. Ҳол он ки қариб 400 сол қабл ҳазрати Мавлавӣ шиква аз уламову руҳонин ва машоиху руасо намудаанд ва боиси таданнӣ ва заъфи ислом онон гуфтаанд. Пас, имрӯза тараққипарварварону ислоҳҷӯён ҷадидӣ не, балки қадимчӣ будаанд» [Оина, № 1, с. 31].

Дар шумораи аввали маҷалла ҳамчунин мақолаи «Оина чист?» ҷой ёфтааст, ки муаллифаш зикр нашуда, аммо муҳаққиқон онро мансуб ба қалами Фахриддини Роҷӣ, яке аз зиёиёни донишманди замон, шоир ва хаттоти номвар медонанд ва далел он аст, ки дар идомаи матлаб ашъори Роҷӣ дарҷ шудааст. Роҷӣ кори хаттотии маҷалларо ба уҳда дошта, айни замон дар шумораҳои мухталифи маҷалла осори ҷолибе пешниҳод мекардааст. Дар мақолаи «Оина чист?» муаллиф ба ин савол чунин ҷавоб медиҳад: «Оина, ки ба арабӣ «миръот» гӯянд, бар вай инсон назар

афканад, худро мебинад ва аз чигунагии ҳолат ва қиёфаи ваҷҳ, ки иборат аз сурхию зардӣ ва сиёҳиву сапедист ва ҳосилшудае аз таъсироти моддӣ ва маънавист, воқифу огаҳ мешавад ва сипас ба илоҷ мекӯшад» [Оина, №1, с. 27]. Пас, маълум мешавад, ки оина бояд чигунагии ҳолатро инъикос намояд ва барои рафъи он чора ҷӯяд.

Роҷӣ матлаби худро бо шеър чунин ифода мекунад:

**Оинаи имрӯзаи инсон ин аст,**
**Таҷдиди ҳузури қалби инсон ин аст.**
**Боре назаре бад-ин саҷанҷал бикунед,**
**Миръоти тамоми хурдабинон ин аст.**
**[Оина, №1, с. 27]**

Роҷӣ аҳли ватанро дар ҳоли хоб мебинад:

**Аҳли ватан ба хобанд, атфоли миллат, аммо**
**Дар мактабу мадорис машғули баҳси «Қонун».**

Аҳволи мардум дар назари ӯ хеле ғамангез аст ва ба дигаргунӣ эҳтиёҷ дорад:

**Ҷамъе ба қалб ҷанганд дар бораи манофеъ,**
**Ҷамъе, ки бе талобанд, аз саф раванд берун…**
**Ҷамъе шуда муаллим бе фазлу илмуดониш,**
**Ҷамъе аз ин фаробеш дар маслаки Фалотун.**
**Ҷамъе ба кешу оин, ҷамъе ба мазҳабу дин,**
**Ҷамъе ба кори пешин машғул ҳамчу гардун.**
**Ҷамъе ҷарида хонанд, ҷамъе надида донанд,**
**Ҷамъе ҳама бидонанд, ин саҳфа чист, он чун.**

Дар поёни ин шеър Роҷӣ чанд байти мутафарриқа меорад, ки ҳар кадом матлабу мароми ӯро муайян мекунад. Чунончи, дар байти зерин сухан дар бораи он меравад, ки ҳусни инсон ва шуҳрати ӯ дар илм аст, на дар ҷомаи фохир:

**Ба илм кӯш, ки то шуҳраи ҷаҳон гардӣ,**
**Ки нест ҷомаи зебо аломати мардӣ.**

Дар байти дигар ӯ рафтори одамонеро зери тозиёнаи танқид мегирад, ки амал ва суханашон аз ҳам куллан та-

фовут дорад. Оне, ки беибо моли мусалмононро мебарад, чун моли худашро бибаранд, аз адами адлу инсоф сухан мегӯяд:

**Бибарӣ моли мусалмону чу молат бибаранд,**
**Бонгу фарёд барорӣ, ки мусулмонӣ нест.**

Ӯ мардумро ба бедорӣ даъват мекунад, то мабодо дар хоби ғафлат мондаву хонааш бисӯзад. Албатта, «сӯхтани хона» ин ҷо ба маънии маҷозист. Хона – яъне доройӣ, мулку ҷоҳ аст ва аз даст додани он инсонро бенаво мекунад. Ғановати моддиву маънавӣ, агар ҳушёру доно набошем, ба осонӣ аз каф хоҳад рафт:

**Хоб бисёр гашту хона бисӯхт,**
**Хоб то кай? Даме бишав бедор!**

Назари шоирро, ки мутобиқ ба мароми маҷалла ва кормандони он аст, аз ин байт низ мушоҳида мекунем. Ба андешаи муаллиф, узви тариқате будан – яъне хидмат ба халқ кардан аст. Мусалмонӣ дар тасбеҳу саҷҷодаву далқ нест, балки ғамхорӣ ба халқ аст:

**Тариқат ҷуз аз хидмати халқ нест,**
**Ба тасбеҳу саҷҷодаву далқ нест.**

Дар бахши охир маҷалла аз «Чеҳранамо» матлаби ҷолиберо доир ба ҷаридаҳои Ҷопон иқтибос меорад. Дар ин хабар зикр мешавад, ки «дар Токио – пойтахти Ҷопон 400 рӯзномаи явмия чоп мешавад, ки аз 50 то се ҳазор адад ҳар як ба табъ мерасонанд ва аз инҳо рӯзномаест, ки субҳ беранг (сафед) ва зуҳр (қирмизӣ) ва мағриб (зард) чоп мешавад, ки мардум аз аломати рангаш медонанд, ки моли чӣ соатест. Дар соли 1335 адади рӯзномаҳои ҳафтагӣ ва понздаҳрӯзагӣ ва моҳиёнаи Ҷопон ба ҳазору ҳафсаду наваду панҷ расида, ки инҳо ҳам бо ихтилоф аз се то понздаҳ ҳазор нусха ба табъ мерасонанд. Ин тараққӣ аз ҳоли матбуот ва ҷароиди миллати осиёии Ҷопон аст» [Оина, №1, с. 32].

Яке аз усулҳои пешниҳоди мавод дар матбуоти ибтидои асри XX дар муқоиса таҳқиқ кардани матлаб аст. Ин усули таълифро дар аксари мақолаҳои таҳлилии «Оина» низ мушоҳида мекунем. Маълум мешавад, ки «Чеҳранамо» низ ба ин тарзи нигориш такя мекунад: «Бадбахтона, ҷароиди Усмонӣ ва Эрон ангуштшумор аст ва онҳо ҳамарӯза ба ҳазорон ишколот гирифтор мешаванд. Чунончи дар моҳи гузашта дар Истамбул ва Сурия 18 рӯзнома баста ва соҳибону мудирони онҳо маҳбус ё мутабарруд гардиданд – оре, ин убуҳат ва азамат ва иҷлоли Ҷопон аз сояи мадорис ва ҷароид буда, ки тоири аршошёни ӯро ба қасри омол ҷой дода ва ин зиллату накбат ва ибтизоли соири дували Осиё ҳам аз адами мадорис ва қиллати ҷароиди онҳо буд» [Оина, №1, с. 32].

Ҳамкорони доимии М. Беҳбудӣ дар «Оина» чаҳор нафар буданд. Худи М. Беҳбудӣ дар ҳар шумора якчанд мавод, аз қабили мақолаву эссе, хабару эълон, ҷавоб ба нома таҳия мекард. Дар рисолаи Г. Дадобоева теъдоди навиштаҳои М. Беҳбудӣ дар 68 шумораи «Оина» беш аз 120 адад ва 50 асари публисистӣ ҳисоб шудааст [6, с. 68].

Дар ҳар шумораи маҷалла мақолаҳои М. Беҳбудӣ ба чоп мерасиданд ва ҷолиб он нукта аст, ки баъзе мақолаҳои ӯ ба таври силсилавӣ дар шумораҳои он пай дар пай чоп мешуданд. Аз ҷумла, хотироти сафари муаллиф «Саёҳат хотиралари» дар 24 шумораи маҷалла, «Таърихи ихтирои башар» – дар 15, «Ҳифз-ул-омма» – 7, «Сарт сӯзи маҳжурдур» – 6, «Қамар» – 6, «Офтоб» ва сатҳи он – 4, «Лоиҳа-Проект» – 3, «Қабристони муслимин» – 2, «Таърих ва ҷуғрофиё» дар 2 шумора ба табъ расидаанд. Аз ин номгӯ маълум мешавад, ки диққати М. Беҳбудиро масъалаҳои гуногун ҷалб мекардаанд, ки аксари онҳо барои баланд бардоштани дониши хонандагон оид ба таърих, ҷуғрофия, тиб, офтоб, моҳ, таълим, мавзеъҳои таърихӣ ва ғайра аз

назари муаллиф муҳим мебошанд. Дар 24 шумора интишор ёфтани хотираҳои сафари муаллиф гувоҳи он аст, ки ӯ хонандагони худро мехоҳад бо кишварҳо ва маҳалҳои гуногун, расму оини миллатҳо, шахсиятҳои маъруфи замон, ки худаш бо онҳо ошноиву суҳбатҳо дошт, шинос ва дар густариши ҷаҳонбинии онҳо бо ҳамин роҳ мусоидат намояд.

Ба ғайр аз М. Беҳбудӣ дар маҷалла Саидризо Ализода [1887-1938), Фахриддин Роҷӣ (1880-1937), Ҳоҷӣ Муин Шукрулло (Меҳрӣ) 1883-1942) фаъолият доштанд.

Саидризо Ализода – маорифпарвар, адиб, мутарҷим, муаллифи китобҳои дарсӣ, рӯзноманигор ва публитсист писари шоҳибофи босавод ва илмдӯст Мирмуҳсин, зодаи Боғи Шамоли Самарқанд буд, ки дар андак фурсат соҳиби савод шуда, забонҳои туркӣ, арабӣ, ибронӣ, русӣ ва франсавиро аз худ мекунад. Солҳои 1813-1815 бо Беҳбудӣ дар рӯзномаи «Самарқанд» ва маҷаллаи «Оина» ҳамкорӣ карда, чанд соли дигар дар газетаҳои «Меҳнаткашлар товуши», «Зарафшон» ва «Овози тоҷик» кор кардааст. Солҳои 1919-1921 С. Ализода муҳаррири маҷаллаи ҳарҳафтаинаи «Шуълаи инқилоб» буд. Ӯ дар ин давра ба нашри 91 шумораи ин нашрияи комилан тоҷикӣ муваффақ шуда, худаш низ мақолаҳо менависад. Зиндагии ӯ низ мисли рӯзгори ҳамкасбонаш хеле мушкилиҳо ва саранҷоми фоҷиавӣ дошт, ӯ низ яке аз қурбониҳои солҳои хунини шахспарастии сталинӣ буд [4].

Мақолаҳои «Мороислоҳи мадорис ва макотиб лозим аст», «Ғариба бир ҳодиса», «Ҳар миллат ӯз тили ила фахр этар» аз тарғиби ғояҳои асосии ин нашрия – дар ривоҷи маориф ва ҳифзи забони миллӣ дарак медиҳанд. С. Ализода дар ин маҷалла бештар ба сифати муҳаррир ва мутарҷим кор карда, ба шарофати сифатҳои ҳамидаи шахсиаш яке аз шахсиятҳои бовариноки М. Беҳбудӣ шуда буд ва ҳангоми сафарҳояш ӯро иваз мекард.

Дастпарвар ва шогирди шоир ва маърифатпарвари машҳури замон Сайидаҳмад Васлӣ Ҳоҷӣ Муин Шукрулло на танҳо аз фаъолони ҳаракати маорифпарварӣ, балки аз шоирони номвари замони нав буд. Ин донандаи забонҳои арабӣ ва русӣ, маданият ва тамаддуни Аврупо фаъолияти публитсистиашро аз рӯзномаи «Туркистон вилоятнинг газети» оғоз карда, баъдан дар рӯзномаи «Самарқанд» ва маҷаллаи «Оина» фаъолият мебарад.

Китоби шеърҳои ӯ соли 1914 «Гулдастаи адабиёт» иборат аз ашъор ва тарҷумаҳо нашр шудааст, ки онро маҷаллаи «Оина» чунин муаррифӣ намудааст: «Гулдастаи адабиёт» бо коғази аъло дар 25 саҳифа ба хати қаламӣ ба тозагӣ табъ гардида, мундариҷоташ форсӣ ва туркӣ, ашъори миллӣ ва диниву насоеҳ аст. Нозиму табоеаш Ҳоҷӣ Муини маълум ибни Шукруллоҳ аст. Аз идораи «Оина» ба даст мерасад. Қимат – 13 тин, сарфи пӯчта аз идора. Аз барои мактаб ба фурӯшандагон арзон дода мешавад» [Оина, 1914, №16, с. 288].

Сарнавишти Ҳоҷӣ Муин басо вазнин сурат гирифта, ӯ баъди баста шудани «Самарқанд» ва «Оина» як муддат мардикорӣ мекунад. Баъди бозашт нашрияи «Меҳнаткашлар товуши» ва замимаи он маҷаллаи «Таёқ»-ро таъсис медиҳад. Дар замони фаъолият дар рӯзномаи «Зарафшон» замимаи он – маҷаллаи ҳаҷвии «Машраб»-ро нашр карда, аз соли 1926 як муддат дар рӯзномаи «Овози тоҷик» фаъолият мебарад. Дар маҷмуъ Ҳоҷӣ Муин дар солҳои 1907-1937 дар 23 рӯзномаву маҷалла 200 мақола ва 400 хабар ва наздик ба 1500 мисраъ шеърҳои тоҷикиву ӯзбекӣ дарҷ мекунад [12, с. 32].

Ҳоҷӣ Муин муаллифи китобҳои дарсии «Раҳнамои савод» (1908) ва «Ақидаи исломия» (1915) аст, ки барои толибилмон пешбинӣ шудаанд. Дар маҷаллаи «Оина» мақолаву шеърҳои Ҳоҷӣ Муини Шукрулло низ интишор ёфтаанд, ки

аз он ҷумла «Варам сил-ар-риё – Чахотка (№№11-12), «Ҷавоб ба масъалаи мактаб» (№7), «Истиқбол қайғуси» (№2), «Миллий таърих ҳаққинда» (№10), «Муҳтарам шуаромизга» (№9), «Танбеҳга ташаккур» (№7), «Ташаккур ва эътизор» (№44) дар шакли мақола, «Эътироф» (№3), «Мадҳи бетамаллуқ» (№16) дар шакли шеър навишта шудаанд. Аз мухтасари номгӯ маълум мешавад, ки масъалаҳои мактаб, сиҳатии омма, таърихи миллӣ, шеъру шоирӣ дар маърази таваҷҷуҳи ӯ қарор доштаанд.

Ин ҷо нуктае қобили таъкид аст, ки қариб ҳамаи рӯзноманигорони тоҷик асарҳояшонро ба ду забон менавиштанд, ки Ҳоҷӣ Муин низ аз ин истисно набуд. Аксари рӯзноманигорон ва адибони замон бо тахаллус асарҳои худро интишор менамуданд. Аз ҷумла Садриддин Айнӣ бо имзоҳои мустаори «Сод Айн» ва «Сод Мим», Саидризо Ализода – «Син. Айн», Нӯшервон Ёвушев – «Нун. Ё», Фахриддин Роҷӣ – «Фе. Ре», Мирзо Сироҷи Ҳаким – «Мим. Син», Ҳоҷӣ Муин Шукулло – «Ҳе. Мим», Мирзозода – «Мим. Зо». Баъзе имзоҳои мустаор ва тахаллусҳо мисли «Алиф. Дол», «Қоф. Мим», «Мим», «Айн. Мим», «Че. Нун», «Алиф. Мим», «Алиф. Айн», «Алиф. О», «Алиф. Син», «Сомеъ», «Миллӣ», «Таассуф» барои хонандагон на ҳамеша ошно буданд.

Фахриддини Роҷӣ, дигар корманди маҷалла, рӯзноманигор, хаттот ва шоири маъруфи ибтидои асри XX (1880-1937), пас аз хатми мадрасаи Шердори Самарқанд мактаби усули нав таъсис медиҳад. Баъдан ба маҷаллаи «Оина» ба сифати ҳуруфчини матбааи литографӣ ба кор даъват мешавад. Ӯ дар давраи фаъолияташ дар ин маҷалла як силсила мақолаҳои хубу хонданӣ ва ашъори тозамазмун эҷод кардааст, ки «Оина чист?», «Ҳазрати Исмоилбек», «Хоби неку ба об бояд гуфт», «Эътироф», шеърҳои «Видоъ», «Оина»,

«Ҳикояти табиб», «Шогирд ва устод», «Мустағнӣ зи тарбият машав ҳеҷ» ва ғайра аз ҷумлаи онҳоянд.

Дар «Оина» чанд нафар аз зиёиён ва донишмандони дигари замон, шоирон ва рӯзноманигорон Саидаҳмад Васлии Самарқандӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Хатоӣ, Садриддин Айнӣ, Абдурраруфи Фитрат, Мунзими Бухороӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Асъади Бухороӣ, Мирсарвар ва дигарон хеле фаъол буданд ва мавқеи ғоявии маҷалларо бо навиштаҳои худ дастгирӣ мекарданд.

Сиддиқии Аҷзии Самарқандӣ низ аз шоирон ва андешамандони пешқадами замон буда, «Оина»-ро ба сифати минбари андешаҳои худ истифода мебурд ва бо мақолаҳои пурбору ашъори обдори худ сафаҳоти онро оро медод. Дар «Оина» беш аз 20 маводи ӯ ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ интишор ёфтааст, ки ағлаби он шеър аст, аз он ҷумла: «Дашна», «Ё Раб», «Фахрия», «Эй шаръ», «Муқобила», «Моро ба кори кас», «Ба шарафи волии Самарқанд», «Ватан манзумаси», мақолаҳои «Туркистон жаридалари», «Туркистонда мактаб, жарида ва уламо» ба қалами Аҷзӣ мансубанд.

**Эй шаръ, зи ҳукми ту чаро даст кашидем?**
**В-эй руҳи ҳақиқӣ, зи ту нуқсон чӣ дидем?**
**Эй ҳамватанон, гулшани мо аз чӣ хазон шуд,**
**Ҷавлонгаҳи мо саҳнаи базми дигарон шуд?**
**Рӯзе, ки зи сарманзили инсоф гузаштем,**
**Осори диёнат зи раҳи мо ба гарон шуд.**

Саидаҳмад Васлии Самарқандӣ низ бо мақолаву шеърҳо маҷалларо дастгирӣ мекард. Мақолаҳои ӯ «Ҷавоб», «Бетарафона сухан», «Ташаккур ба ҳусули неъмати тоза», шеърҳои «Танбеҳ», «Танбеҳ ва баёни воқеъ», «Таърихи реҳлати ҷаноби Мирзо Исмоилбек» чеҳраи Васлиро чун шахсияти озодандеш ва ғамхори миллат нишон медиҳад.

**Таассуб то куҷоҳо нотавони дидани Ҳақ аст,**
**Каромат ар кунад хаффош инкори бадоҳатро…**
**Чӣ бокат, ар шавад бо меҳр кӯршабпарак мункар,**
**Ба ҳар кас чашми ҳақбин аст, мебинад амонатро?**

Аз Мирсарвар қозӣ Мирҳайдарзода шаш шеър дар «Оина» таҳти унвонҳои «Ҷавоб ба Васлӣ», «Илму адаб», «Таърихи иртиҳоли Мирзо Исмоилбек Ғаспаринский», «Таърихи интишори «Оина», «Тарғиб ба илму маориф», «Баҳри ривоҷи миллат» ба табъ расидаанд. Чунонки аз унвони ин ашъор маълум мешавад, шоир аз зарурати илму маориф ва омилҳои ривоҷдиҳандаи миллат андешаҳои хешро манзум намудааст. Мақому аҳаммияти маҷаллаи «Оина»-ро низ дар «Таърихи интишори «Оина» чунин бозгӯ мекунад:

**Биҳамдиллаҳ, ки дар мулки Самарқанд**
**Аҷаб «Оина» пайдо гашт, аҳсан.**
**Зи ҷаҳди вофири Маҳмудхоҷа**
**Бувад ӯ моҳири ҳар илму ҳар фан.**
**Аз ин «Оина» бо ойини хубӣ**
**Намуда ду адад ирсол бо ман.**
**Чунин оинаи софи зиёбахш**
**Бидида, дидаи ман гашт равшан.**
**Хаташ хубу иборатҳо-ш марғуб,**
**Зи ахбору ҳикоятҳо чу гулшан.**
**Ҳама бинандааш таҳсин карданд**
**Зи ҳадди Русия то мулки Ландан.**
**Зи баҳри ёдгорӣ ҷумла аҳбоб,**
**Ки таърихи намо гуфтанд бо ман.**
**Чу соли интишораш гуфт «Сарвар»:**
**Чӣ хуш «Оина»-е бар мо музайян.**

Забони ин шеър чун забони ашъори шоирони навгарои замон хеле содаву фаҳмо, бидуни ибораороиҳои мушкилфаҳм аст. Айни ҳамин суханҳоро дар мавриди ашъори

устод С. Айнӣ, низ, ки чанд шеъраш дар ин маҷалла ҷой дода шудааст, метавон гуфт. Шеърҳои «Ё Раб», «Марсия ба Мирзо Сироҷиддини Ҳаким», «Нидо ба ҷавонон», «Бадкирдориҳо», ки бо имзоҳои мустаори «Сод. Айн» ва «Сод. Мим» ба табъ расидаанд, нигоҳи устод Айниро ба вазъи кишвар ва шахсиятҳои бузурги он, инчунин оид ба масъалаи тарбияи ҷавонон инъикос менамояд. Чунончи, дар мавриди шеъри «Нидо ба ҷавонон» мақолаи ҷолиби А. Набавӣ «Сухан аз шеъри «Нидо ба ҷавонон»-и устод Айнӣ ва тавзеҳи чанд нукта дар иртибот бо маҷаллаи «Оина» [8, с. 55-60] оид ба тафовути матн ва унвони шеър дар «Куллиёт» сухан меравад. Дар ин шеър устод Айнӣ ба ҷавонон муроҷиат мекунад ва онҳоро ба накӯкориву хидмат ба халқ даъват менамояд:

**Эй дил, чу гузаштанист айём**
**Бар хурду бузург кому ноком!**
**Бояд ба замин зи зиндагонӣ**
**Тухми амали накӯ фишонӣ!**
**Тооти Худо ваҷиб донӣ,**
**Бо халқи Худо мадад расонӣ!**
**Чун моҳ ба авҷи комронӣ,**
**Бар рӯйи ҷаҳон зиё фишонӣ!**

Аз Зуҳуриддин Фатҳиддинзода низ дар маҷалла ҳафт мавод – панҷ мақола ва ду шеър ба нашр расидааст. Мақолаҳои «Илм ва тараққӣ», «Муҳовара. Мулло ва тараққӣ», «Тараққӣ ва таданнӣ», «Пешқадамларимиздан риҷо» ва шеърҳои «То ба чанд?» ва «Фахрия ва ҳасбу ҳол» чун чакидаҳои фикру қалами ин адиби тараққипарвар аз ҷаҳонбинӣ ва ғояҳои пешқадами замон, ки ба рушду тараққии кишвар нигаронида шудаанд, дарак медиҳанд:

**Эй Бухоро, ғофил аз илми замона то ба чанд,**
**Бехабар хобидан аз насси китобе то ба чанд?!**
**Манзили бумон шудаст имрӯз ҷойи шаҳрҳо,**
**Пушти сар хорида бепарво нишастан то ба чанд?!**

Муҳаммад Нурмуҳаммадзодаи Хатоӣ бо имзои «Мим. Нун» ғолибан шеър менавишт. Ашъори ӯ «Баҳори Ватан», «Исмоилбек ҳазратлари ёдига», «Саёҳати фохта», «Суруши ғайб», «Гузашта ва оянда» ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ дар саҳифаҳои маҷалла интишор ёфта, хонандагонро ба тараққиву пешрафт даъват мекарданд. Ӯ низ аз тараққихоҳоне буд, ки мехост кишвар ва миллати худро на дар ҳоли забунӣ, балки пешрафту тараққӣ бубинад. Ин аст, ки гоҳе тамсилро низ ба кор бурда, матлаби худро талқин менамуд. Чунончи, дар шеъри «Саёҳати фохта» сухан дар бораи парандаест, ки кишварҳои зиёди ободу ноободро мебинад, онҳоро бо ҳам муқоиса мекунад ва ба ҳасрат барои кишвари худаш пешрафту тараққиро орзу мекунад:

**Фабрику корхона фузун дидам аз шумор,**
**Асбоби зиндагӣ ба дигаргуна гиру дор.**
**Хурсанду шод хайли халоиқ ба ҳар тараф**
**Аз илми худ расонда ба Кайвон сари шараф.**
**Ашхос ҷумла, якдилу якруҳу якзабон,**
**Аҳвол алассивост ба ҳар асру ҳар замон.**
**Самте макотиб аст ба сад шавкату шукуҳ,**
**Атфол рух ниҳода зи ҳар сӯ ба сад гурӯҳ.**

Асъади Бухороӣ низ бо мақолаву шеърҳояш дар кори пешбурди маҷалла иштирок мекард. Мақолаҳои ӯ «Киноёт», «Иди мавлуд», «Дасти асаф баҳам мезанем» ва шеъри «Мактаб» мувофиқ ба руҳияи маҷалла буданд.

Дар миёни адибони публитсист Абдурраууфи Фитрат дар «Оина» ҷойгоҳи хос дошт. Мақолаҳои ӯ бо сабки хоси нигориш ва андешаву мантиқи қавӣ фарқ мекарданд. Баъзе мақолоти ӯ дар як шумора нағунҷида, бақияи онҳо дар шумораҳои дигар дарҷ мешуданд, мисли «Манфиат», «Ҳаёт ва ғояи ҳаёт». Навиштаҳои Фитрат «Музаффар мақоласи», «Иқдомоти ислоҳкоронаи ҳукумати Бухоро», «Манфиат», «Қуръон», «Ҳаёт ва ғояи ҳаёт» мақолаҳое бо

асноди мудаллал буда, оид ба ислоҳоти мактабу мадорис дар Бухоро ва ислоҳи зиндагии ҷомеа баҳс мекунанд. Дар шеърҳои ӯ «Мактаб» ва «Тозиёнаи таъдиб» низ ҳамин матлабҳо дар шакли манзум баён шудааст. Дар шеъри охирин сухан дар бораи он аст, ки инсон бояд худаш барои манфиати хеш саъю талош кунад, зеро «ҷав корӣ, ҷаву гандум корӣ, гандум бармедорӣ» гуфтаанд:

**Донӣ, ки даҳр маърази саъй аст иҷтиҳод,**
**Ин ҷо намедиҳанд ба кас обу нони муфт.**
**Ҳар кас ба қадри ҳар чӣ бикӯшад, к-аз ӯ барад:**
**Гандумфишонда гандуму ҷавкишта ҷав барад.**

Мирзо Сироҷи Ҳаким, ки чун донишманди маъруф, рӯзноманигор, публитсист, табиб, шоир, донандаи забонҳои форсиву туркӣ, арабӣ, франсавӣ, олмонӣ ва русӣ, ба унвони муаллифи саёҳатномаи машҳури «Туҳафи аҳли Бухоро» шинохта шудааст, низ ба маҷаллаи «Оина» таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Мақолаҳои ӯ «Бухоро таҳсили», «Ақл», шеъри «Ёд бод» аз андешаҳои тараққипарваронаи муаллиф, саъю талоши ӯ барои маърифатнок кардани миллат, ҳунари нотакрори қаламкашии ӯ гувоҳӣ медиҳанд:

**Эй Худо, моро ту аз хоби гарон бедор кун,**
**Масту беҳушем, аз фазлу карам ҳушёр кун!**
**Аз камолоту улуми аср бархурдор кун,**
**Ақлу донишро муайян, бахтро ҳам ёр кун!**
**В-аз карам боби тараққиро ба рӯйи мо кушой,**
**Бар сироти мустақими илм моро раҳ намой!**

Дар «Оина» баробари ашъори муосир намунаҳои ашъори шоирони гузашта Умари Хайём, Мавлавии Румӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон низ ба чоп мерасиданд, аммо ин ашъор ҳамеша ҳадафмандона мутобиқи ҳадафҳои маҷалла интихоб мешуд. Мавзуи асосии ин ашъор масъалаҳои ахлоқ, тарбияи насли ҷавон, некиву бадӣ, омӯхтани илм, баҳраварӣ аз дониш ва мисли ин буд.

Зимнан, он нукта афзуданист, ки дар ибтидои садаи XX ғояи асосии тамоми нерӯҳои пешқадами замон, матлабҳои меҳварии матбуоти аҳди маорифпарварӣ даъват ба бедорӣ, омӯзиши илму фанҳои замонавӣ, ҳамқадам будан бо ҷаҳони нав аст. Бинобар ин, дар сартосари маҷаллаи «Оина» ҳамин матлаб ба зеҳн мерасад, хоса дар шеъру манзумаҳо:

**Аҳли ватан ба хобанд, атфоли миллат, аммо**
**Дар мактабу мадорис машғули баҳси «Қонун».**
**(Роҷӣ)**

**Эй Худо, моро ту аз хоби гарон бедор кун,**
**Масту беҳушем аз фазлу карам ҳушёр кун!**
**(Мирзо Сироҷ)**

**Боиси ин марази миллати ислом кӣ шуд,**
**Ин қадар танбаливу хоби гарон то чанд аст?**
**(Мирзозода)**

Дар «Оина» маводи ҷаридаву маҷаллаи дигар зиёд истифода шудаанд. Хусусан, мавод аз нашрияи «Тарҷумон», ки бо сарварии раҳнамои маънавии М. Беҳбудӣ – Исмоили Ғаспиронӣ ба табъ мерасид, зиёд аст. Шояд ҳамин омил буд, ки даргузашти Исмоили Ғаспирониро аҳли маҷалла бо андуҳи бузург қабул карданд ва чандин шеъру марсияву моддаи таърих ба ин муносибат гуфтаву дарҷ шуд.

Дар маҷалла баъзе маводи нашрияҳои «Чеҳранамо», «Вақт», «Сироҷ-ул-ахбори афғония», «Шӯро», «ал-Ислоҳ», «Юлдуз», «Мулло Насриддин», «Садои Туркистон», «Садои Фарғона» низ нақл шудааст, ки онҳо низ ҳадафҳои маҷалларо пайгирӣ мекунанд.

Бахшҳои «Ахбори ҷаҳон», «Ахбори Туркистон ва Бухоро», «Ахбори Бухоро», «Хабарҳои дохилӣ», «Хабарҳои Самарқанд», «Хабарҳои Хӯқанд», ахбор дар бораи воқеаҳои Русия, Амрико ва кишварҳои дигар аз вусъати ҷуғро-

фии маҷалла дарак медиҳад ва мардумро барои бедории фикрӣ даъват менамояд.

Моҳияти маҷалла, маводи публисистӣ, адабӣ, таърихӣ, фарҳангии он аз замони фаъолияти он дарк шуда, (ҳанӯз соли 1915 дар бораи М. Беҳбудӣ ва маҷаллаи ӯ мақола чоп шуда буд) [5], то имрӯз низ таҳқиқи масъалаҳои гуногуни он идома дорад. Ҷойгоҳи маҷалла дар шинохти адабиёт ва нақди адабии замон [10], нақши он дар рушди матбуот [11], мақоми маҷаллаи «Оина» дар таърихи матбуоти тоҷик ва ҷараёнҳои ҷадидияву маорифпарварӣ [9] аз мавзуъҳои муҳиммеанд, ки таваҷҷуҳи аҳли илмро ба худ кашидаанд. Дар кишварҳои хориҷии дуру наздик ҳам ин маҷалла хеле муҳим арзёбӣ шудааст [1].

Ҳамин тавр, маҷаллаи «Оина», ки нахустин маҷаллаи Осиёи Миёна ва фарогири маводи форсии тоҷикӣ буд, на танҳо ба сифати инъикосгари руҳи замон, балки тарғибгари ғояҳои пешқадами он, мубаллиғи маориф, тарбияи сифатҳои неки инсонӣ, адабиёт, театр, илмҳои замонавӣ, таъриху ҷуғрофияи ватан ва ҷаҳон, ҳифзи сиҳатии омма ва амсоли ин дар ибтидои садаи XX дар бедории фикрии ҷомеа нақши калидӣ дошт. Ин маҷалла ба сифати аввалин нашрияи фарогири маводи тоҷикӣ дар ташаккули афкори нав миёни зиёиёни тоҷик ва ҷаҳонбинии нав дар ҷомеаи Осиёи Марказӣ низ ҷойгоҳи муҳим дорад.

**Пайнавишт:**

1. An Index of Ayina / Edited by Shimada Shizuo // Central Asian Research Series. – No. 5. – Tokyo, 2002. – 102 p.; *Khalid, A*. Printing, publishing and reform in Tsarist Central Asia // International Journal of Middle East Studies. – 1994. – No 2. – Vol. 26. – P. 187-200; *Khalid, A*. The politics of Muslim cultural reform: jadidism in Central Asia. – Berkeley-Los Angeles-London: University of California Press,1998. – 336 p. ; *Лемерсье-Келькеже, Ш*. Роль мусульманской прессы в

движении джадидов в Средней Азии начала XX века // Марказий Осиё XX аср бошида: Халқаро конференция материаллари. – Тошкент: Маънавият, 2001. – С. 33-37; *Алимова, Д. , Рашидова, Д*. Махмудходжа Бехбудий и его исторические воззрения. – Ташкент: Маънавият, 1998. – 40 с.; *Рашидова, Д*., О театре и синематографе в джадидском журнале «Оина // Ӯзбекистоннинг янги тарихи: Концептуал-методологик муаммолар. – Тошкент: Академия, 1998. – С. 174-179; *Алиев, А*. Махмудхӯжа Бехбудий. – Тошкент: Хазина, 1994. – 32 б.

2. An index of Ayina. «Ойина» журналининг мундарижаси. Edited by Shimada Shizuo. – Tokio, 2002. – 103 b. – B. 13.

3. *Абдирашидов, З*. Аннотированная библиография туркестанских материалов в газете «Таржуман». – Токио, 2011.

4. *Ализода, С*. Маслаки мо ҳақ / Таҳти назари профессор Расулхон Ҳодизода. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 160 с.

5. *Андреев, Г*. Самаркандский журнал «Оина» и его редактор-издатель Махмудходжа Бегбуди // Туркестанские ведомости. – 1915. – № 205. – 17-го сентября.

6. *Дадобоева, Г*. Роль журнала «Оина» в становлении таджикской журнальной периодики. – Душанбе, 2017. – 156 с.

7. *Исомидинов, Б*. Особенности развития частных журналов в Таджикистане: Автореф. дис. канд. филол. наук. – Душанбе, 2014. – 25 с.

8. *Набавӣ, А*. Нахустин рӯзномаи тоҷикӣ ва фарҳанги рӯзноманигорӣ. – Душанбе: Эҷод, 2007. – С. 39.

9. *Раджабов, З. Ш*. По страницам журнала «Ойна» // Известия Академии наук Таджикской ССР: Отделение общественных наук. – 1984. – № 4. – С. 3-12; *Раҷабов, З*. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1959. – 448 с.; *Ғаффоров, Н. У*. Инъикоси масъалаи мактабу маориф дар маҷаллаи ҷадидии «Оина» // Ахбори ДДҲБСТ. – Хуҷанд, 2011. – №2 (46). – С. 112-119; *Гафаров, Н*. Джадидская пресса. – Худжанд: Ношир, 2012. – 64 с.; *Гафаров, Н*. Общественно-политическая

деятельность Махмудходжи Бехбуди. – Душанбе: Сино, 1997. – 32 с.; *Гафаров, Н*. Роль и место джадидизма в развитии просвещения и духовной культуры народов Средней Азии. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 248 с.

10. *Табаров, С*. Мунзим. Беҳбудӣ. – Душанбе: Диловар-ДДМТ, 2002. – 88 с.; *Маҳмадаминов, А*. Исмоилбеки Гаспаронӣ ва адибони тоҷик // Рудакӣ: Вежаномаи ҷунбиши ҷадидия. – 2007. – № 16. – С. 157-167; *Набавӣ, А*. Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ ва нақди адабӣ дар наҳзати ҷадидия // Рӯдакӣ. – 2007. – №16. – С. 133-148; *Набавӣ, А*. Нахустин рӯзномаи тоҷикӣ ва фарҳанги рӯзноманигорӣ («Бухорои шариф», «Самарқанд», «Оина»). – Душанбе: Эҷод, 2007. – 64 с.; *Набавӣ, А*. Нашрияҳои Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ва тавсеъаи суннати рӯзноманигории тоҷик // Рӯдакӣ. – 2008. – № 17. – С. 115-126.

11. *Усмонов, И*. Чароғи маърифат // Садои Шарқ. – 1991. – №8. – С. 106-114; *Усмонов, И*. Махмудхоҷа Беҳбудӣ ва ташаккули ҷахонбинии нав дар Осиёи Марказӣ // Адаб. – 2005. – № 1. – С. 10-15; *Исомидинов, Б. Т*. К истории частной журналистики Таджикистана / Исомидинов Б. Т. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 144 с.; *Абдуллаев, М. А*. Таджикская публицистика и национальная идентичность (посл. четверт XIX – первая половина XX веков). – Душанбе, 2014. – 309 с.; *Исомидинов, Б. Т*. «Оина» маҷалла аст ё ҳафтанома? // Ҷашни фархундаи матбуоти тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 2012. – С. 144-150; *Гулмуродзода, П*. Маорифпарварӣ ва низоми ҷаҳони нав. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 160 с. ; *Азимов, А*. Воқеияти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик. – Душанбе: Сино, 2000. – 186 с.; *Азимов, А*. Очеркҳо аз таърихи матбуоти тоҷик. – Душанбе: Адиб, 1998. – 92 с.; *Шехов, А*. Бозтоби масоили адабиёт дар матбуоти тоҷикии ибтидои садаи XX (дар мисоли нашрияи «Бухорои шариф» ва маҷаллаи «Оина»). – Хуҷанд, 2011. – 187 с.; *Дадобоева, Г*. Роль журнала «Оина» в становлении таджикской журнальной периодики. – Душанбе, 2017. – 156 с.

12. *Шехов, А*. Бозтоби масоили адабиёт дар матбуоти тоҷикии ибтидои садаи XX (дар мисоли нашрияи «Бухорои шариф» ва маҷаллаи «Оина»). – Хуҷанд, 2011. – 187 с.

13. *Шукуров, М*. Нигоҳе ба поёни зиндагии Маҳмудхӯҷаи Беҳбудӣ // Гули мурод. – 1997-1998. – №№10-12(4). – С. 49-56; *Ҳодизода, Р*. Маҳмудхӯҷаи Беҳбудӣ: Таърихи зиндагӣ ва тақдири таърихии ӯ // Гули мурод. – 1997-1998. – №№10-12. – С. 35-49.

# Боби II.

# САРЧАШМАҲОИ АДАБИИ АСРИ XIX ДАР ҲАВЗАҲОИ ДИГАРИ ФОРСИЗАБОН

# МЕРОСИ АДАБИИ МАСТУРАИ КУРДИСТОНӢ

**Суханҳои ту, Мастура, ҳаловатбахши ҷонҳо шуд,**
**Ҷаҳонро пуршакар кардӣ, макун дигар шакархоӣ!**

Моҳшарафхонум, мутахаллис ба Мастура аз машоҳири занони суханвари асри XIX аст, ки ашъори зебову дилпазире гуфта ва дар таълифи осори таърихиву динӣ низ дасти қавӣ доштааст.

Моҳшарафхонум духтари Абулҳасан ва ҳамсари остондори Синандиҷи Ардалон Хусравхони Ноком аст. Ӯ аз асилзодагони Курдистон буда, аз ҷониби модар вазирзода ва аз ҷониби падар аз хонаводаи маъруфи Қодирӣ будааст. Бобокалони модарии Мастура Мирзо Абдуллоҳ вазири дарбори Хусравхони Бузург [1170/1756-1205/1790) бо хидмати содиқона ва донишу фазоили зиёди дигараш миёни хосу ом эътибор доштааст. Бобои падарии ӯ Муҳаммад-оқо солҳо дар вазифаи нозири Хусравхони Бузург ва пасовандони ӯ хидмат мекунад ва соҳиби молу мулки зиёде мешавад. Падари Моҳшарафхонум Абулҳасанбек ба вазифаи тарбиятгари дарбори писари Хусравхони Бузург – Амонуллоҳхон (1214/1799-1240/1824) даъват мешавад ва тарбияи писари Амонуллоҳхон – Ҳусайнқулихон, ки дертар бо тахаллуси Ҳовӣ дар шоирӣ шуҳрат меёбад, ба ӯҳдаи ӯ вогузор мешавад.

Моҳшарафхонум, фарзанди аввалини Абулҳасанбек, соли 1220/1805-1806 дар шаҳри Синандиҷи остони Ардалон дар замони ҳокимияти Амонуллоҳхон ба дунё меояд. Падар ба тарбияи духтараш таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад ва дере нагузашта ӯ аз муҳимтарин илмҳои замони худ бохабар мешавад. Бино ба маълумоти сарчашмаҳо, духтарони курдистонӣ дарсҳои махсуси овозхонӣ, рақс, дӯзандагӣ ва аспсаворӣ мегирифтанд ва дар ин риштаҳо тавфиқи зиёд низ доштанд, аммо ба саводомӯзии онҳо эъ-

тибори ҷиддӣ дода намешуд. Бар хилофи одати маъмул Абулҳасанбек шавқи беандозаи духтарашро ба таҳсили илм пай бурд, ӯро ҳамаҷониба дастгирӣ намуд ва Моҳшарафхонум хеле зуд ба сифати духтари соҳибфазлу донишманд ва хушзавқу баиффат шуҳрат пайдо кард.

Модари Моҳшарафхонум Маликнисохонум ном дошта, чунонки ёд шуд, вазирзодае аз хонаводаи некноми Курдистон будааст. Мастура дар марсияе, ки дар мотами ӯ навиштааст, модарашро чунин тавсиф намудааст:

**Ҷаҳони ҳусну малоҳат Маликнисохонум,**
**Ки ҳамчу ӯ ба сафо модари замона назод.**
**Халиқи хулқу накӯтинату ҳамидахисол,**
**Сутудахислату покизахӯю покнажод.**
**Надида дидаи гардун чу он афифа карим,**
**Надида чашми замона чу он заифа ҷавод.**
**Батулиисмату Ҳаввоифофу Осияхӯй**
**Зубайдасирату Марямдаму Хадичаниҳод…**
**Кунун зи фурқати модар ба дил ҳамедорам,**
**Ки то абад зи суруру шааф наёрам ёд.**

Тақрибан дар синни 20-солагӣ Моҳшарафхонум бо Хусравхон, писари Амонуллоҳхон, ки он замон ҳокими Ардалон буд, издивоҷ менамояд. Ҳамсари аввали Хусравхон духтари шоҳ Фатҳалишоҳи Қоҷор Ҳуснҷаҳонхонум буд, ки тибқи маълумоти тазкираҳо ба шеъру шоирӣ майл дошт ва бо тахаллуси Волия шеър мегуфт [1].

Пӯрони Фаррухзод дар «Донишномаи занон» хабар медиҳад, ки Хусравхон шоири тавоно будааст. Тибқи маълумоти ӯ «Моҳшарафхонум дар соли 1219-уми ҳиҷрии қамарӣ ба дунё омадааст, дар авҷи суханпардозӣ бо Хусравхон, писари Амонуллоҳхони Ардалонӣ, волии Курдистон, ки ӯ низ шоири тавоно буда, ва пеш аз ин бо Волия, духтари Фатҳалишоҳ заношӯӣ карда буд, паймони издивоҷ баст ва ба унвони ҳамсари дувум ба ҳарамсарои ӯ рафт

ва аз он пас дар муҳити адибонатаре ба шоирӣ идома дод» [2].

Хусравхон баъди издивоҷ бо Моҳшарафхонум ба донишу фазилат, одобу маърифат ва ҳусну ҷамоли ӯ қоил шуда, ӯро вазири хонаи андарун таъйин мекунад ва лутфу марҳамати махсусе ба ӯ зоҳир менамояд. Ҳарчанд ки Моҳшараф соҳиби фарзанд намешавад, вале дилбастагии ӯ ба шавҳар ва маҳбубияти ӯ назди Хусравхон ошкор аст ва аз ашъораш низ ба мушоҳида меояд. Чунончи, дар ғазале мегӯяд:

**Ҷони ширин кунам исори насиме, ки аз ӯ**
**Накҳати Хусрави Парвизлиқо меояд.**

Дар ғазали дигар низ байте дорад ба ҳамин маънӣ:

**Гарам з-он Хусрави хубон паёме бод овардӣ,**
**Ба мужда ҷони ширинро нисори бод мекардам.**

Ва боз ҳам меафзояд:

**Шукри Эзад, ки ба кӯрии рақибон суйи ман**
**Номаи Хусрави ҷамшеднишон меояд.**

Хусрав дар шеъри Мастура шоҳи адлгустар аст, ки дар сояи марҳамати ӯ будан камоли хушбахтист:

**Аз сарири шаҳиву давлати ҷовид маро**
**Сояи марҳамати Хусрави одил хуштар.**

Мастура аз муҳити шеърпарвари хонаводаи шавҳар изҳори хушнудӣ мекунад:

**Туро, Мастура, ин баҳри муҳити табъи гавҳарзо**
**Зи юмни илтифоти Хусрави моликриқоб астӣ.**

Аммо гоҳе аз дурии ёр ва ҳуқуқ надоштан барои ширкат дар базми Хусрав шикоят ва аз ёварону ходимони шоҳ гила менамояд:

**Кай раҳ диҳандам дар базми Хусрав,**
**Хосони ҳазрат, худдоми даргоҳ?!**

Гоҳе аз сидқу вафои худ ба ӯ сухан меронад:

**Гарам Хусрав чу Ширин аз вафо побаст нанмудӣ,**
**Ба олам хешро расвотар аз Фарҳод мекардам.**

Аммо рӯзгори босаодати ӯ дер намепояд. Соли 1834 Хусравхон дар синни 30-солагӣ бо сабаби беморӣ аз дунё дармегузарад ва, бо ҳамин, ба номи ӯ лақаби Ноком пайваста мешавад. Мастура аз марги бармаҳали Хусравхони Ноком хуни ҷигар мехурад ва дар чандин шеър ҳасрати худро баён мекунад. Чунончи, дар ғазали зерин дарду андӯҳи ҷонгудози худро ба ин тариқ ифшо менамояд:

**Чунонам аз бар он ҷони ҷаҳон рафт,**
**Ки гӯйӣ аз танам якбора ҷон рафт.**
**Мабанд, эй сорбон, маҳмил, ки имрӯз**
**Зи оби чашм натвон корвон рафт!**
**Раво бошад шавам жӯлида чун мӯй,**
**Зи шаҳри мо чу он мӯйинмиён рафт.**
**Дареғ, он гул ба суйи ҳай шитобон**
**Хилофи хоҳиши мо, дӯстон, рафт.**
**Чу шуд он маҳ равон, Мастура гуфто,**
**Ки, афсус, офтоби Ардалон рафт.**

Дар ғазали мазкур вожаи «офтоб» ифодагари номи шахси аввалмақоми Ардалон аст. Гоҳе аз вожаи «меҳр» низ шоира барои ифодаи ҳам номи маҳбуб ва ҳам тамсили муҳаббату меҳрабонӣ таҷнис сохтааст.

Азбаски писари бузурги Хусравхон Ризоқулихон дар замони фавти падар ҳамагӣ 11 сол дошт, модари ӯ Ҳусн-ҷаҳонхонум ҳокимиятро ба дасти худ мегирад ва бо лақаби Волия машҳур мешавад. Дертар Ризоқулихон ба сари ҳокимият меояд ва бо сабаби ихтилофи зиёд бо модар соли 1847 ба ҳабс гирифтор шуда, ба ҷойи ӯ Хусравхони Гурҷӣ ҳокими Ардалон таъйин мегардад. Ин ҳокими ҷаррор ба хонаводаи Бани Ардалон бетараҳҳум буд, бинобар ин, Моҳшарафхонум дар қатори аҳли ин хонавода ба ҷониби Сулаймонияи Бобон рӯ ба гурез мениҳад ва бо мушкилоти хеле зиёд аз Авроман ба Сулаймония расида, дар манзили писараммаи худ Ҳусайнқулихони шоир ҳамроҳи амакаш

Мирзо Абдуллоҳи Муншӣ, муаллифи тазкираи «Ҳадиқаи Амонуллоҳӣ» паноҳ мебарад. Дар ин ҷо ӯ оромиши ҷисмониву равонӣ пайдо мекунад ва таълифи «Таърихномаи Ардалон»-ро, ки як навъ таърихи хонаводаи ҳамсараш аст, идома мебахшад. Аммо боз ҳам тақдир ба ӯ бераҳмӣ мекунад ва моҳи ноябри соли 1847 Ҳусайнқулихон баъди бемории кӯтоҳ аз дунё чашм мепӯшад, ки ин ҳодиса Моҳшарафхонумро хеле андӯҳгин ва ғамзада мегардонад. Дере нагузашта худи ӯ низ гирифтори маризӣ мешавад ва тақрибан баъди як моҳи фавти Ҳусайнқулихон риштаи умри ӯ низ бурида мешавад.

Шарқшиноси рус, мутарҷим ва таҳиякунандаи «Таърихи Ардалон» ба забони русӣ Е. Васильева ҳадс мезанад, ки Моҳшараф ва Ҳусайнқулихон робитаи маънавӣ ва дилбастагии махсусе ба ҳам доштанд ва шояд падари Мастура умед дошт, ки духтари маҳбуби худро ба ҷиянаш ба шавҳар медиҳад [4].

Моҳшарафхонум дар қабристони «Гирди Сайвон», ки хокҷойи шоирони курди асри XIX аст, дафн карда мешавад.

Мастураи Курдистонӣ бо вуҷуди зиндагии кӯтоҳ шахсияти хеле равшани фарҳангии замони худ буд, ки ин матлабро тамоми сарчашмаҳои марбут ба замони ӯ собит мекунанд. Аз ҷумла, муаллифи ҷомеътарин тазкираи форсӣ «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» Ризоқулихони Ҳидоят таъкид мекунад, ки ин шоира «аз нисвони наҷибаи машҳура, сабияи Абулҳасанбек ва манкӯҳаи Хусравхон – волии Санандиҷ буда, ағлаби хututро хуш менигошта, зане афифаи ҷамилаи мардона буда ва Моҳшараф ном дошта, дар санаи 1267 реҳлат ёфта» [5].

Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо Моҳшарафхонум бо тахаллуси Мастураи Курдистонӣ (Мастура – аз решаи мастури арабӣ, яъне, пинҳон будан, нуҳуфта будан, ки барои

занони мусалмон хос буд) асарҳо таълиф намудааст. Мероси адабии ӯ иборат аз «Таърихномаи Ардалон», девони ашъор ва як асари ҳанӯз нопайдои динӣ будааст.

Таълифи «Таърихномаи Ардалон» ҳанӯз аз замони зинда будани Хусравхони Ноком шурӯъ шуда, то рӯзҳои вопасини умри муаллиф идома меёбад ва охирин навиштаҷоти Мастура аз вазнин будани аҳволи саломатиаш хабар медиҳад. Дувоздаҳ саҳифаи охири китобро амаки Мастура Мирзо Абдуллоҳи Муншӣ, ки ҳамроҳи ӯ дар қатори гурезагон буд, навишта, таърихномаи хонаводаи Бани Ардалонро ба поён расонидааст. Ин асар соли 1946 баъди таъсис ёфтани Курдистони Шимолӣ аз ҷониби олими курд Носири Озодпур таҳия ва интишор меёбад ва ин олим дар бораи мавҷудияти китоби динии ҳанӯз нопайдои Мастура низ хабар медиҳад. Соли 1990 асари мазкурро курдшиноси рус Е. Васильева ба забони русӣ тарҷума карда, дар Маскав ба табъ мерасонад, ки муқаддима ва тавзеҳоти хеле пурбор дорад.

Ба қавли муаллифи «Ҳадиқаи Носирия» Алиакбархони Содиқ, девони ӯ шомили 20 000 байт буда, вале тибқи маълумоти Носири Озодпур на бештар аз 10000 байтро фаро мегирифтааст. Бояд гуфт, ки то имрӯз на бештар аз 2 000 байти форсии шоира дар ихтиёри хонандагон қарор дорад. Ба қавли номбурдагон, гӯё як қисми ашъори Мастура ба шеваи қурании забони курдӣ таълиф ёфтааст, ки аз бозёфт ва нашри онҳо хабаре нест.

Нахустин касе, ки ба ашъори ӯ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онро ҷамъ овард ва дар шакли девон соли 1302/1926 дар Теҳрон мунташир кард, Ҳоҷӣ Шайх Яҳёи Маърифат буд. Дар нашри Девони Мастураи Курдистонӣ донишманди маъруф Мирзо Асадуллоҳи Курдистонӣ ва соҳиби китобхонаи «Шарқ» Муҳаммад-оқои Рамазонӣ низ ширкат доштанд. Муқаддимаи китобро Яҳёи Маъри-

фат ва хотимаи онро Абулбақо Муътамади Курдистонӣ навиштаанд ва ин китоб алҳол хеле нодир аст.

Соли 1362/1984 Аҳмади Карамӣ дар Теҳрон «Девони Моҳшарафхонум мутахаллис ба Мастураи Курдистонӣ»-ро аз рӯйи девони мураттабнамудаи Яҳёи Маърифат чоп намуд, ки ҳомили 1718 байт буда, анвои гуногуни манзум, аз ҷумла ғазал, қитъа, қасидаву марсия, тарҷеоту маснавиёт, моддаи таъриху рубоиётро дар бар мегирад [6].

Ашъори Мастура бо тасвирҳои ҷолибу авзони хушоҳанг, гуногунии мавзуву рангинии хаёли шоира имтиёз дорад:

**Ояд шамими меҳру муҳаббат зи турбатам,**
**Хоки маро агар паси сад қарн бӯ кунанд.**

***

**Пухтагӣ хоҳӣ агар, Мастура, ишқ омӯзу бас,**
**Ишқ бошад, ишқ, к-он ҳар ҷоҳиле комил кунад.**

***

**Дар кӯйи ишқ ҳоҷибу дарбону бандаанд**
**Султони Руму Хусрави Эрону Пётри Рус.**

***

**Ҳаргиз машав ту ғарра ба домодии ҷаҳон,**
**Чашми вафо мадор аз ин шӯйи сад арӯс.**

Мисли абёти фавқ мазомини ҷолибу дилнишин дар девони шоира зиёд ба назар мерасад. Агар дар абёти аввал сухан аз бузургӣ ва қудрати ишқ бошад, дар байти севум ворид шудани исми шоҳи Русия Пётри 1 ба шеъри форсии асри XIX хеле ҷолиб менамояд. Дар байти охир шоира бар хилофи тасвири маъмулии шуарои форсӣ, ки ҷаҳонро аҷузаву арӯси сад домодаш хондаанд, тасвири тозаи «домод» ва «шӯи сад арӯс»-ро ба қалам меорад.

Дар ашъори Мастура абёти ифтихорӣ низ фаровон ба назар мерасад:

**Дафтари Мастура дар кӯчаву барзан,**
**Халқ сароянд ба навои дафу чанг.**

***

**Шеъри ту, Мастура, дар замона диҳад бас**
**Зеб ба базми Қубоду маҳфили Парвиз.**

***

**Суханҳои ту, Мастура, ҳаловатбахши ҷонҳо шуд,**
**Ҷаҳонро пуршакар кардӣ, макун дигар шакархоӣ.**

***

**Дурри рахшони сухан ин ҳама, Мастура, ту дорӣ,**
**Оқибат мекашӣ овеза ту дар гӯши Низомӣ.**

***

**Хомаи Мастураи ширинзабон**
**Доди сухан дод дар ин достон.**

Аз ашъори Мастура баъзе ҷузъиёти аҳволи ӯ ба мушоҳида меояд. Чунончи, шояд баъд аз даргузашти Хусравхон Мастура ба ҷабри пайвандони ӯ гирифтор мешавад, ки мегӯяд:

**Чунон з-аҳбоб бад дидам, кунун, Мастура, мехоҳам**
**Шавам овораи даҳру кунам тарки диёри худ.**

Гоҳе аз ҷабри замона ва беқадрии суханварони асил садои шиква баланд мекунад:

**Даъвии фазл ту, Мастура, макун з-он ки ба даҳр,**
**Фозилонро ба Худо рояву миқдоре нест.**

Мастура ба саноеи бадеии лафзиву маънавӣ, аз ҷумла таҷнису талмеҳ майли зиёд дорад.

Талмеҳ аз пуркорбурдтарин саноеи шеъри Мастура ба шумор меояд. Қариб дар ҳар шеъри ӯ аз як то даҳ ва бештар аз ин талмеҳ ба мушоҳида мерасад. Дар миёни талмеҳот касрати асомии Хусраву Ширину Фарҳод ва Парвиз аён аст. Ба ғайр аз ин Маҷнун, Лайло, Монӣ, ганҷи Қорун, Даҷла, мушки Хито, муъҷизаи Мӯсо, дами Исо, нахли Тӯбо, водии Айман, Ҷам, Кай, Ҷабраил, Алӣ, Кав-

сар, Салсабил, оҳуи Хутан, чоҳи Хизр, Бесутун, Юсуф, Зулайхо, Пури Гуштосп, Рустам, Рахш, Тӯрон, Бежан, Фаридун, Баҳман, мулки Сулаймон, иқлими Кай, мулки Тагин, базми Қубод, маҳфили Парвиз, тахти Хусрав, шери Худо, шоҳи Наҷаф, сеҳри Набӣ, соҳиби Дулдул, оташи Намруд, Иброҳим, Мавло, бути Чин, маҳи Кашмир, дашти Аржан, мушки Хутан, тоҷи Қубод, тахти Хусрав ва ғайра зиёд ба кор гирифта шудааст. Ҳамчунин ба мушоҳида расид, ки шоира аз номҳои занони машҳур низ барои талмеҳ истифода мебарад. Чунонки дар байте мегӯяд:

**Батулиисмату Ҳаввоифофу Осияхӯй,**
**Зубайдасирату Марямдаму Хадиҷаниҳод.**

Дар ашъори Мастура шахсияти заноне чун Фотимаву Заҳро, Хайруннисову Батул, Лайливу Ширин, Зулайхову Гулшод низ ба сифати замина барои офаридани тасвирҳои шоирона мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар девони Мастура, чунонки ёд шуд, тарҷеъбанду таркиббанд низ ҷой дорад ва аз дасти қавии гӯяндааш дар ин анвои шеър гувоҳӣ медиҳад. Тарҷеъбанди шоира иборат аз чаҳор банд буда, миқдори абёти хонаҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Банди аввал 20 байт, банди дувум 28, банди севум 16 ва банди охирин 24 байт буда, байти восила дар онҳо тағйир намеёбад ва баъди ҳар хона такрор мешавад:

**Ғайри Эзади якто қиблаи суҷуде ку?**
**Ҷуз Худои беҳамто воҷидулвуҷуде ку?**

Байти восила мисли абёти дигар дар вазни фоилоту мафъӯлун фоилоту мафъӯлун гуфта шудааст.

Дар таркиббандҳои Мастура, ки ҳомили 9 банд мебошанд, мавзуи ашъор мотаму фироқ аст. Дар чаҳор банди аввал ашъоре дар сӯги модар ва дар 5 банди охир сухан аз дарду доғи бародар рафтааст.

Дар банди аввал шоира ба руҳи модар муроҷиат мекунад:

**Боз гӯ зери гил он наргиси шаҳло чун аст**
**В-он хироми қади хушҳайати раъно чун аст?!**

Байти аввали банди чаҳорум аз ҷароҳати ҷовидонӣ – бохтани модар гӯёи ҳол аст:

**Захме аз рафтани модар ба тану ҷон дорам,**
**Хуни дил рехтан аз дидаи гирён дорам.**

Дар бандҳои дигари таркиббанди мазкур шоира аз Булмуҳаммад ном бародари худ, ки хеле ҷавон дунёро падруд гуфтааст, ба алам ёд мекунад:

**Булмуҳаммад, он ниҳоли навраси родам, дареғ,**
**Эй дареғ, аз боғи айш он сарви озодам, дареғ.**

Дар банди дигар мегӯяд:

**Хоҳареро кай чу ман доғи бародар бурдамат,**
**Кам ба олам з-ин ситам, ё раб, дигар гум бод ном?**
**Ҳовиву Равнақ куҷо эдар навохонӣ кунанд,**
**Чун зи ғам Мастураро абкам бувад килки калом.**

Дар байти охир сухан аз ду шоири Курдистонӣ - Ҳовӣ ва Равнақ рафтааст, ки аввалӣ писараммаи Мастура Ҳусайнқулихон мебошад, ки бо тахаллуси Ҳовӣ ашъори зиёд гуфтааст.

Дар бахши ашъори парокандаи китоб якчанд моддаи таъриху марсияҳо ҷой дода шудаанд. Аз ҷумла, дар моддаи таърихи аввал, ки ба муносибати зодрӯзи писари Мулло Ҳасан навишта шудааст, ҷузъи зиндагии Мастура ошкор мешавад. Шоира Мулло Ҳасани мазкурро устоди худ ном мебарад:

**Ба ҳукми он ки ваям устоду ман шогирд,**
**Чу аз бариди сабоям ба гӯш мужда расид.**

Дар ин моддаҳои таърих аз шахсони барӯманди ҳамзамони шоира сухан рафтааст, аз ҷумла «махзани одобу дониш Мирзо Абдулкарим», «фахри абнои замон Иброҳим», «кони мурувват Бобохон», модари шоира Маликнисохонум, фахри дин Мирзо Фараҷуллоҳ, Оқо Асадуллоҳ Беҳинзодаи Хусрав, Маҳмуд-оқо ва дигарон.

Дигар аз ашъори дилпазире, ки шомили девон шудааст, се маснавӣ аст: яке маснавие дар бораи гулу булбул, дигар, қиссаи ошиқу маъшуқ ва охирин, маснавии нотамоми некмард ва гавҳар аст.

Рубоиёти Мастура намое аз завқу табъи баланди ӯст. Дар рубоиёт низ аҳволи шоира, дарди ҷонсӯзи ишқ, вазъи зиндагии ӯ, ҷаври фалак бар ҷони шоир хеле муассир ба қалам омадааст. Дар рубоие ба узрхоҳӣ ба маъшуқ мегӯяд:

**Шириндаҳано, зи қавли талхам хиҷилам**
**В-аз номаи зишти хештан мунфаилам.**
**Аз меҳру муҳаббатам набахшӣ ту агар**
**Берун н-ояд пойи хиҷолат зи гилам.**

Шоира рӯйи ниёз ба бандагон надорад. З-ин рӯ, мухотаби ӯ ағлаб Холиқи яктост:

**Ё раб, ту ба фазли хеш дилшодам кун,**
**Аз қайди balову меҳнат озодам кун!**
**Эй холиқи бениёзи раҳмону раҳим,**
**Раҳме ба фиғону оҳу фарёдам кун!**

Ҳамин тариқ, аз мутолиаи ашъори Мастура эҳсос мешавад, ки аз килки ин шоираи соҳибфазлу хуштабъ абёти зебои фаровоне рӯйи сафҳа рехта ва ӯ аз муқтадиртарин шоираҳои садаи XIX будааст, ки аз паи худ як зумра қаламкашони дигарро ба майдони адабиёт ҳидоят намудааст. Ҳифз шудани девони ӯ дар радифи камшумортарин девони занони соҳибқалами то садаи XX гувоҳи он аст, ки ин шоираи хушадо бо вуҷуди талхкомиҳои рӯзгор ва ҷавонмаргӣ, боз ҳам хушнасиб будааст, ки то имрӯз ашъор ва осори таърихиаш бозгӯйи ҳунари зебо ва фазлу дониши камназири ӯ боқӣ монад.

**Пайнавишт:**

1. *Кишоварзи Садр*. Аз Робиа то Парвин. – Теҳрон: Чопи Ковиён, 1334. – С. 268.

2. *Пӯрони Фаррухзод*. Донишномаи занони фарҳангсози Эрон ва ҷаҳон, ҷилди 2. – Теҳрон, 1378. – С. 1686.

3. Ҳамон ҷо.

4. *Мох Шараф Ханум*. Хроника дома Ардалан / Подготовка текста и предисловие Е. Васильевой. – Москва: Восточная литература, 1990. – С. 5.

5. *Ризоқулихони Ҳидоят*. Маҷмаъ-ул-фусаҳо, ҷилди 2, бахши 2. – Теҳрон, 1382. – С. 1394.

6. Девони Мастураи Курдистонӣ – Моҳшарафхонум / Бо кӯшиши Аҳмади Карамӣ. – Теҳрон, 1362.

7. Девони Моҳшарафхонум мутахаллис ба Мастураи Курдистонӣ / Таҳияи матн ва луғат аз Дилором Ваҳҳобзода. – Хуҷанд: Нури маърифат. 2013. – 244 с.

8. *Алӣ Акбар Муширӣ Салимӣ*. Занони суханвар. Дафтари дувум. – Теҳрон, 1335. – С. 176-177.

# АБУЛҚОСИМ МУҲТАШАМИ БҲУПОЛӢ ВА «АХТАРИ ТОБОН»-И Ӯ

«Ахтари тобон» пас аз «Чавоҳир-ул-аҷоиб»-и Фахрии Ҳиравӣ аз нахустин тазкираҳои занони суханвари форсизабон буда, дар асри XIX ба қалам омадааст. Муаллифи он Абулқосим Муҳташами Шарвонии Бҳуполӣ дар соли 1276 ҳ. қ. баробар ба 1879 м. дар Бҳуполи Ҳиндустон ба дунё омада, таълими ибтидоиро дар назди падар гирифтааст. Падари ӯ Акбар Шайх Абулфазл Муҳаммад Аббоси Шарвонӣ мутахаллис ба Рифъат аз шоирон ва донишмандони замони худ эътироф шудааст. Ӯ дар хидмати султон Шоҳиҷаҳонӣ қарор дошта, аҷдодаш аз Мадина баромада, баъдан дар Бағдоду Ҳамадон, Наҷафу Шарвон, Лакҳнаву Бандари Ҳадида ва шаҳрҳои дигар иқомат гузидаанд. Нисбати ин хонавода ба Абдуллоҳи Ансорӣ мерасад. Модари Муҳташам Ҳусайнобегим, ки ба урду ва форсӣ шеър мегуфтааст, бисёр зуд, дар овони хурдсолии писар аз дунё чашм пӯшидааст.

Саид Ашҳарӣ дар поёни тазкираи «Ахтари тобон» чанд ҳарфе дар бораи хонаводаи Абулқосими Муҳташам навишта, хабар медиҳад, ки дар тазкираҳои «Рӯзи равшан», «Наҷм-ус-соқит» ва муросилоти Аҳмадӣ ва «Офтоби оламтоб»-у «Тоҷ-ул- иқбол» ва «Шамъи анҷуман»-у «Субҳи гулшан» ва «Нури дида» тароҷими ҳоли ин хонавода марқум аст. Ҷадди Муҳташам «Мавлоно Аҳмади Яминӣ ал-шаҳир ба ал-Шарвонӣ аз уламои фаҳул улуми маъқул ва манқул омӯхта ба Ҳинд омад... таълифоти эшон лосимо «Туҳфат-ул-яман» ва «Аҷаб-ул-эъҷоб» мисли «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдӣ машҳури офоқ ва дар дасти туллоби илми адаб мавҷуд аст» [1, с. 60]. Падари Муҳташам «Мавлоно Аббос ал мутахаллис ба Рифъат, ки дар арабӣ фасеҳуллисон ва дар порсӣ балеғулбаён ва аз аксари улум ва фунун огоҳ ва дар фанни таърих олидастгоҳ ва дар зумраи

сарбозони сарфароз ва дар хайли сарандозони яккатоз аст... Таълифоташ мисли «Зарринпаранд», «Оини беҳин», «Чашмаи нӯш», «Таърихи нафис», «Равони равонафзо», «Ҷавоҳирхона», «Қайсарнома», «Дилафрӯз», «Зари ноб», «Қабасот-ул-қиёс», «Қоилофарин» [1, с. 60]. Ҷойи зикр аст, ки дар муқаддимаи китоби «Ахтари тобон», ки ахиран, соли 1393/2015 дар Теҳрон ба эҳтимоми Муҳаммади Хушкоб таҳия ва интишор ёфт, муаллиф ин осорро ба қалами Абулқосими Муҳташам мансуб донистааст, ки ба назари мо, бо таълифоти падараш махлут шудааст [2, с. 15].

Дар «Ахтари тобон» якчанд пора аз ашъори падари Муҳташам – Мавлоно Аббоси Рифъат оварда шудааст, ки чанд байт аз он ба тариқи намуна зикр мешавад:

**Иди наврӯзӣ ба олам омада,**
**Хуррамӣ дар дил фароҳам омада.**
**Мекунад мадҳи амирулмулк сар,**
**К-ӯ ба Рифъат чархи аъзам омада.**

Абёти дигар низ аз ҷониби ӯ дар васфи амир Сиддиқ Ҳасанхони Баҳодур гуфта шудааст:

**Ҳар кас, ки бaрад номи ту аз роҳи иродат,**
**Пурдур шавад аз файзи амими ту даҳанҳо.**
**Дар Ҳазрати Сиддиқ Ҳасанхони Баҳодур**
**Гӯям сухане рашки фародиси аданҳо.**
**Ҳар кас ғазале хонаду ман мадҳи ту хонам,**
**Нозам ба санохонии ту ман тани танҳо.**
**Бошӣ ба ҷаҳон шод бар авранги ҳукумат,**
**Дар боғ дамад то гулу насрину суманҳо.**
**Рифъат, дили ман бурд, хушо, мисраи Наввоб:**
**Ҳарфи лаби лаъли ту дамад руҳ ба танҳо.**

Дар бораи Муҳташам иттилои зиёде дар даст надорем. Зикр шудааст, ки дар хушнависӣ даст дошт. Ӯ мусаннифи тазкираҳои «Ахтари тобон» (фарогири ашъори занони форсизабон) ва «Моҳи дурахшон» (ашъори шоираҳои урдузабон) аст. Аз пораҳои шеъре, ки дар тазкираҳо мастур

аст, маълум мешавад, ки истеъдоди шоирӣ доштааст. Чунончи, дар тазкираи «Рӯзи равшан» ду пора аз ашъори ӯ сабт шудааст:

**Ҳарчанд, ки айёми гулу аҳди шабоб аст,**
**Лекин нахурам май, ки маро хавфи ҳисоб аст.**
**Аз офати ҳиҷрони ту, эй кони малоҳат**
**Дил музтарибу оҳ ба лаб, дида пуроб аст.**

***

**Тарки ишқат, эй бути номеҳрубон, хоҳем кард,**
**Бо дигар номеҳрубон улфат ба ҷон хоҳем кард.**
**Улфатат гар нест бо мо, эй ҷафоҷӯ, гӯ, мабош,**
**Мо ба рағмат улфате бо дигарон хоҳем кард!**
**Қаҳти хубон нест, ҳарҷо дилбаре хоҳем ҷуст,**
**Дил ба қайди турраи он дилситон хоҳем кард.**
**Қадри ишқи мо агар пеши ту набвад, нест ғам,**
**Ишқбозӣ бо нигоре қадрдон хоҳем кард.**
**Мо зи кӯят ин замон рахти иқомат мекашем,**
**Ин напиндорӣ, ки боз ин ҷо макон хоҳем кард.**
**Гар биной дӯстӣ маҳкам кунӣ бо Муҳташам,**
**Хоки поятро даруни дидагон хоҳем кард.**

Дар бораи таърихи таълифи «Ахтари тобон» худи муаллиф дар муқаддимаи тазкира қайд мекунад, ки таснифи он бо тарғиби бародараш Абулҳасани Муҳтарам, ки се сол аз ӯ хурдтар буд, сурат гирифтааст. Абулқосими Муҳташам унвони тазкираҳои зиёдеро ба сифати сарчашма зикр намуда, аз хидмати Фахрии Ҳиравӣ, ки муаллифи нахустин тазкираи занони суханвар «Ҷавоҳир-ул-аҷойиб» буд, ёдовар мешавад. Заҳмати пайдо кардани маводи чунин тазкираро шарҳ дода, ӯ менависад: «Мулло Фахрии Ҳиравӣ, ки барои маҳдиулё Моҳим Султонбегим ба аҳди салтанати Акбар дар Ҳиндустон ва Дорои Таҳмосп дар Эрон «Ҷавоҳир-ул-аҷойиб»– тазкираи шоирони порсизабон навишта ба ҳазор талош 23 шоира ёфта ва ҷаноби волиди моҷидам ва ҳайдулзамон, абулфазли даврон Муҳаммадаб-

боси Рифъат домзилла, ки садҳо китоби камёб мутолиа фармудаанд ва дар фанни адабу таърих ва дигар улуму фунун дастгоҳи олӣ медоранд, дар ҷавоҳирхонаи муаллифаи худ ба талоши бисёр ба қадри ҳашт варақ бархе аз калом ва тароҷими қариб панҷоҳ зан ҷамъ кардаанд, аз ин ҷо бар қиллати ин колои нафис пай тавон бурд, ки чӣ қадар камёб аст» [2, с. 25]. Ҳамин тариқ, бо заҳмати фаровон муаллиф тароҷими ҳаштоду ду нафар занони суханварро ҷамъ оварда, ба тартиби таҳаҷҷӣ онҳоро ҷо медиҳад ва асари худро соли 1298 ҳ. қ. ба охир расонида, ба шавҳари раисаи Бҳупол Шоҳиҷаҳонбегим Саид Муҳаммадсиддиқи Ҳасанхон Соҳиби Баҳодур бо қасидаи мадҳияе иборат аз 18 байт пешниҳод мекунад, ки чанд байте аз он нақл мешавад:

**Ба номи ту ин нома омад тамом,**
**Зи ман нома боқӣ бувад, аз ту ном.**
**Бувад то фурӯзанда шамсу қамар**
**Шабу рӯз аз ҳикмати додгар.**
**Илоҳо, бимонад ба шаъни Каён**
**Бар ӯ ранги Бҳупол, Шоҳиҷаҳон! [2, с. 26]**

Китоб дар матбааи Шоҳиҷаҳонии Бҳупол соли 1299 / 1892 дар 63 саҳифа ба табъи сангӣ расидааст. Тазкира аз Орзуи Самарқандӣ шуруъ шуда, бо Ёсуманбӯ ба анҷом мерасад. Дар хотима дар шарҳи аҳвол ва зикри осори Робиаи Қуздорӣ ва Мастураи Курдистонӣ, ки дар аснои табъ аз «Маҷма-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят ба даст овардааст, бар он афзуда шудааст.

Пас аз хотима аз номи Саид Ашҳарӣ ном касе дар ду сафҳа тарҷумаи ҳоли хонаводаи муаллифи тазкира ва дар шаш сафҳа намунаҳои ашъори падари ӯ Мавлоно Рифъат, баъди он тақризе кутоҳ, вале бадеиву пуробуранг ба ин асар ба қалами Муншӣ Маҳманав Ҳирлол мутахаллис ба Нӯш ҷой дода шудааст. Пас аз тақриз чаҳор моддаи таърих, ки ба муносибати таълифи ин тазкира гуфта шудааст, сабт шуда, ки аз ҷумла инҳост:

Саид Собир Ҳусайни Сабо:

**Чун Абулқосим ба ранги тозаву тарзи наве**
**Кард як ҷо муҷтамаъ дилчасп ашъори занон.**
**Зад рақам килки зиё таърихи хатми тазкира,**
**Дилписанди ошиқу маъшуқу дилбанди ҷаҳон.**
**[2, с. 104]**

Аз ҳамин шоир аст:

**Кард Абулқосими фирдавситабъ**
**Ҷамъ ашъори занони хушфан.**
**Соли таърих рақам кард, Сабо:**
**Сеҳромезу париҷилва сухан (1298) [2, с. 104].**

Мақбули Аҳмади Муншӣ:

**Чун Абулқосим, ки вологавҳар аст,**
**Тазкира бинвишт бо сад эҳтимом.**
**Соли он Мақбули Аҳмад хуш навишт:**
**«Ахтари тобон» писандида калом (1281) [2, с. 104].**

Абулҳасани Муҳтарам, бародари Муҳташам:

**«Ахтари тобон» зиҳӣ, ин тазкира**
**Рӯкаши иқди сурайё ҷамъ шуд.**
**Муҳтарам таърихи табъаш зад рақам:**
**Нусхаи маҳбуби олам табъ шуд! (1299) [2, с. 104].**

Ин тазкира замимае низ дорад, ки аз «Моҳи дурахшон» интиқол шуда, дар он ном ва осори чанд тан заноне, ки дар «Ахтари тобон» ҷой надоштанд, инчунин ашъори нав ба даст омада аз Оқобегӣ, Зебуннисо, Қурратулъайн, Гунобегим, Меҳрии Ҳиравӣ, Маҳастии Ганҷавӣ, Муштарӣ, Нурҷаҳонбегим, Вазируннисо афзуда шудаанд. Дар баробари ин чанд номи нав, ки аз матни асосӣ берун монда буд, аз он ҷумла номҳои Амонии Деҳлавӣ, Дилором, Ҳаётуннисобегим, Ҷаҳоноробегим, Фаноуннисобегим, Латиф бо намунаи ашъорашон ба назар омад.

Шоистаи зикр аст, ки тазкираи «Ахтари тобон»-и Абулқосим Муҳташами Бҳуполӣ пас аз «Ҷавоҳир-ул-аҷойиб»-и Фахрии Ҳиравӣ севумин тазкираи тахассусии

занон аст. Баъд аз тазкираи Фахрии Ҳиравӣ, ки дар асри XVI таълиф ёфта буд, тақрибан пас аз се қарн «Оинаи ҳайрат»-и Аҳмад Ҳусайн Сеҳри Кокурвӣ бо фарогирии ному осори 37 нафар занон арзи вуҷуд намуд ва аз пайи он тазкираҳои зиёди нисвон, аз ҷумла «Тазкират-ул-хавотин»-и Маликулкуттоби Шерозӣ, «Хайротун ҳисон»-и Муҳаммад Ҳасани Мароғаӣ, «Машоҳир-ун-нисо»-и Муҳаммад Зеҳнии Афандӣ, «Парданишинони сухангӯй»- и Могаи Раҳмонӣ, «Аз Робиа то Парвин»-и Кишоварзи Садр, «Занони суханвар»-и Алиакбар Мушири Салимӣ, «Машоҳири занони эронӣ ва порсигӯй аз оғоз то машрута»-и Муҳаммад Ҳасани Раҷабӣ ва даҳҳо осори тазкирамонанди дигар то замони мо таълиф шуданд. Аммо арзиши тазкираи «Ахтари тобон»-и Абулқосим Муҳташами Бҳуполӣ пеш аз ҳама дар он аст, ки ин муаллиф аз аввалинҳо шуда, кори ҷамъоварӣ ва нашри осори бонувонро шуруъ намуд ва аз сарчашмаҳои зиёд ва нодире истифода намуд. Муҳташам, чунонки худаш навиштааст, аз «Шамъи анҷуман», «Нигористони сухан», «Субҳи гулшан», «Рӯзи равшан», «Сарви озод», «Хизонаи омира», «Яди Байзо»-и Мир Озод, «Офтоби оламтоб»-и Муҳаммад Содиқхони Ахтар, «囊Наштари ишқ»-и Ҳусайн Алихони Азимободӣ, «Оташкада»-и Озар, «Шайхи ҳазин», «Тазкираи Ҳусайнӣ», «Ҷавҳари пайдарӣ», «Лубоб-ул-албоб»-и Авфӣ, тазкираҳои Сомӣ ва Давлатшоҳӣ, «Хулосат-ул-ашъор»-и Мир Тақии Кошӣ, «Ҳафт иқлим»-и Мирзо Амини Розӣ, «Мунтахаб-ут-таворих»-и Абдулқодир, «Маҷмаъ-ул-фузало»-и Мулло Бақоӣ, тазкираи Мирзо Тоҳир, «Миръот-ул-хаёл»-и Шерхон, «Ҳамешабаҳор»-и Ихлос, «Ҳаёт-уш-шуаро»-и Матини Кашмирӣ, «Сафина»-и Мир Азамати Аллаҳбии Хабар, «Риёз-уш-шуаро»-и Алиқулихон, «Каламот-уш-шуаро»-и Сархуш, «Маҷмаъ-ун-нафоис»-и Хони Орзу, тазкираҳои Тақии Авҳадӣ ва Беназири Давлатободӣ, «Мардуми дида»-и Ҳакими Лоҳурӣ, «Натоиҷ-ул-афкор»-и Қудрат, «Таз-

кираи Нозим», «Тазкираи Мулло Қотеъӣ», «Гули раъно», «Шоми ғарибон», «Ҷавоҳири завоҳир»-и Шафиқи Авранглободӣ, «Қанди порсӣ»-и Нассох, «Гулистони масаррат», «Наштари ғам», «Нафоис-ул-муосир», «Субҳи Содиқ», «Боғи Ирам», «Харитаи ҷавоҳир», «Гулзори аброр» ва китобҳои дигар номи қариб чиҳил шоири занро пайдо намудааст [7, с. 20].

Дар қисми асосии матни тазкираи «Ахтари тобон», чунонки гуфта шуд, ном ва намунаҳои ашъори 82 нафар омадааст, номи ду нафар дар хулоса ва шаш нафари дигар дар замима омадааст, ки дар маҷмуъ 90 нафарро ташкил медиҳанд.

Дар аксари маврид тарҷумаи ҳоли шоирон муфассал нест, муаллиф бо овардани як-ду нукта дар бораи духтар, модар ва ё ҳамсари кӣ будани онҳо, макони зист ва ҳунари шоириашон иктифо мекунад. Ин навъ мухтасарбаёниро дар бораи бештари шоирон метавон мушоҳида кард, чунончи: «Бедилии Ҳиротӣ завҷаи Хоҷа Абдуллоҳ, писари Хоҷа Ҳаким дар Ҳирот ба сар мебурд» [2, с. 31] ё худ: «Салима, тахаллуси Салимабегим, завҷаи Байрамхони Хони Хонон, ин матлаъ аз ӯ ёфт шуд» [2, с. 55], «Ҷамилаи Сафоҳонӣ зане буд, фасеҳуллисон, мутаваттини Исфаҳон» [2, с. 37], «Туниотун завҷаи Мулло Бақои шоир» [2, с. 34], «Бинти Исфаҳония зани ҷодугуфторест ва сабеҳаи Ҳисомуддини Солор дар аҳди шоҳ Аббоси Сафавӣ буд» [2, с. 32] ва амсоли инҳо.

Танҳо дар як-ду маврид дар бораи соли вафоти шоирон сухан рафтааст. Масалан, дар бораи Мастураи Курдистонӣ менависад, ки: «Сабияи Абулҳасанбек ва манкуҳаи Хусравхон. Зане ҷамилаву афифа ва хушсалиқа буда ва Моҳшараф ном дошта ва дар санаи 1263-юми ҳиҷрӣ реҳлат ёфта» [2, с. 96]. Дар мавриди Хотун навишта, ки «тахаллуси духтари Қутбиддини Кирмонист, табъи нуктарас дошт. Дар санаи шашсаду наваду чаҳори ҳиҷрӣ ҷаҳони фониро гузошт» [2, с. 42].

Ғолиб он нукта аст, ки муаллифи тазкира саъй намудааст, ки дар бораи ҳунари шоираҳо ва ё ягон фазилати хоси онҳо изҳори назар намояд. Чунончи, дар бораи Оқодӯст

менависад, ки «духтари Дарвеш Қиёми Сабзаворӣ, дар илми арӯз ва қофия мустасно бувад». Ё дар бораи Дилшодхотун зикр мекунад, ки: «Духтари Амир Алии Ҷалоир дар назму наср моҳир буд» [2, с. 44], дар бораи Ёсуманбӯ сабт намуда, ки «Хати сулс ва насху шафиаъ ва настаълиқ ба ҷавдат менавишт ва шеър ба шӯхӣ мегуфт» [2, с. 90], ҳамчунин «Муштарӣ, тахаллуси занест, хунёгару парипайкар, хоҳари Зӯҳраи Лакҳнавӣ, шогирди Оғо Алии Шамс, соҳиби завқи салим ва табъи расо» [2, с. 80].

Он нукта афзуданист, ки алорағми сулуки тазкиранигорӣ, ки маъмулан тавсифоти хушоянде дар бораи мамдӯҳон оварда мешавад, Муҳташам машғулоти ношоистаи баъзе занони шоирро низ зикр кардааст [2, с. 57] Дар бораи ислоҳ шудани баъзе занҳои шоир низ изҳори назар кардааст, чунончи, оид ба Бузургии Кашмирӣ менигорад, ки «лӯлипеша дар аҳди Ҷаҳонгир буд. Аз улвияи табиат тарки сияҳкорӣ намуд ва дар гӯшаи қаноат ба андеша нишаст ва дар бар рӯйи бадкорон бубаст» [2, с. 33].

Муҳташам аз ривоятҳои сайёре, ки дар бораи шоираҳо бо истифода аз хубсиёт ҷой доранд, низ сарфи назар накардааст ва ин шеърҳои қабеҳ ҳарчанд ки барои шӯхӣ ва болида намудани табъи малика оварда шудаанд, чеҳраи ин занони суханварро як андак аз адабу шарм дур муаррифӣ мекунанд. Аммо ин навъи ашъор дар тазкираи Муҳташам ба нудрат дучор меояд.

Гоҳе дар мавриди адами иттилоъ дар бораи шоирон, соҳиби тазкира танҳо бо хушгуфторӣ як-ду тавсифе меорад: Чунончи, «Ҷаҳонии Деҳлавӣ, каломаш рангин, қобили офарин» [2, с. 37]; «Бонубегими Деҳлавӣ табъи мавзун ва зеҳни олӣ дошт, лола ва нофармони сухан дар хиёбони хотир мекошт» [2, с. 32], «Ҳиҷобии Ҷарбодқония, шеър ба обу тоб мегуфт, ту гӯӣ, гавҳар месуфт» [2, с. 39].

Соҳиби тазкира гоҳе ба бозии сухан майл карда, каломи худро бо истифодаи саҷъҳои зебо ороиш медиҳад.

Масалан, Дилшодхотун, «духтари Амир Алии Ҷалоир дар назму наср моҳир буд», Робияи Сафоҳонӣ, «булбули чаҳчаҳа, кабки қаҳ-қаҳа, товуси зеб, тӯтии фиреб», Оиша «аз пӯшидагони Самарқанд ва соҳибтабъи арҷманд ва хаёлбаланду каломдилписанд буд», Ниҳонии Шерозӣ «каломаш дар ширинӣ шохи набот ва ба узубат оби Фурот», Парии Бика «аз хоки Нишопур аст ва суханаш шароби ангур».

Муҳташам дар мавриди баъзе шоираҳо хеле муфассал иттилоъ дода ашъори зиёдеро аз онҳо интиқол намудааст. Масалан, вақте сухан аз Зебуннисо, Маҳастӣ, Нурҷаҳонбегим, Шоҳиҷаҳонбегим меравад, соҳиби тазкира саъй мекунад, ҳарчи бештар дар бораи онҳо нависад, хоса дар бораи онҳое, ки бо шахсияташон ошноӣ доштаву, ба қавли худаш, намакхори даргоҳашон будааст. Масалан, дар бораи Шоҳиҷаҳонбегим маълумот дода, қайд мекунад, ки мавсуф «соҳиби волияи кишвари Бҳупол. Дар урду Ширин ва ба форсӣ Шоҳиҷаҳон тахаллус дорад. Каломи балоғатнизоми Бегим-соҳибаи мамдуҳа мустағнӣ аз таъриф аст ва дар чаҳор тазкираи форсӣ, ки асмои он дар дебоча ба рақам даромад, дар «Тоҷ-ул-иқбол» мастур ва бар аснои ноқидони сухан мазкур: бархе аз он дар ин нома менигорам ва ман камтарин намакхӯрони он саркори давлатмадорам» [2, с. 58]. Баъди ин гуфтор соҳиби тазкира аз «Тоҷ-ул-иқбол», «Шамъи анҷуман», Аз «Нигористони сухан», «Субҳи гулшан», «Рӯзи равшан» абёти ин бонуи суханварро интиқол менамояд.

Вақте дар бораи Зебуннисо иттилоъ медиҳад, дар бораи падару модар ва хоҳару бародарони ӯ бо зикри пурраи номҳо, таҳсилот, устодони ӯ дар сарфу наҳву фиқҳ ва назму наср маълумот меорад: «Зеб (уннисо), тахаллуси нуввоб Зебуннисобегим, духтари Аврангзеб Оламгири подшоҳ аст ва пӯшида мабод, ки шоҳи мазкур панҷ писар ва панҷ духтар дошт: Баҳодуршоҳ, Аъзамшоҳ, Муаззамшоҳ, Муҳаммад Акбар, Комбахш, Зебуннисо, Зинатуннисо, Зубдатуннисо, Бадруннисо, Меҳриннисо.

Зебуннисо аз батни Дилрасбону, духтари Шоҳнавозхон, санаи 1048 пайдо шуд. Ҳофизи Қуръон буд ва наҳву сарфу фиқҳ аз Мулло Ҷеван омӯхт, настаълиқ ва насху шикаста хуб менавишт. Майли куллӣ ба шеъру сухан медошт. Бисёре аз шуарову уламо дар сари кори вай навкар буданд. Шавҳар нагирифт ва дар санаи 1113 вафот ёфт. Мулло Муҳаммад Сайиди Исфаҳонӣ ал-мутахаллис ба Ашраф, хоҳарзодаи ҷаноби Мулло Боқири Маҷлисӣ алайҳурраҳма ҳар гоҳ аз Эрон ба Ҳинд омад, Зебуниссобегим вазифаи маъқул барои он сар омад, уламое фаҳул муқаррар кард ва аз вай ислоҳи назм ва насри худ мегирифт ва он чӣ машҳур аст, ки Махфӣ тахаллуси ӯст» [2, с. 46]. Муҳташам гуфтаҳои муаллифони тазкираҳоро дар бораи он ки Махфӣ тахаллуси шоире буд, навкари Зебуннисо, инкор мекунад: «қавли Мирозоди Балгиромӣ дар «Яди Байзо» ва Қозӣ Ахтар дар «Офтоби оламтоб» ва дигар муҳаққиқин ғалат аст ва гуфтанд, ки Махфӣ тахаллуси шоире буд, навкари бегими мамдуҳа ва девони Махфӣ, ки ба номи вай шуҳрат дорад, аз Махфии шоир аст ва дигар Махфии Раштӣ, мусоҳиби Имомқулихони Ҳокими Форс буд, ки ба сабаби касрати шурби кӯкнор бисёр логарандом буд» [2, с. 47].

Бо ин ҳама вақте аз Зебуннисо шоҳид меорад, абёти Махфиҳои дигарро низ ба номи ӯ сабт мекунад. Чунончи, ду байт аз Махфии Раштӣ дар тазкира ҷой дорад:

**Махфиё, духтарони хиттаи Рашт**
**Чун ғизолони маст мегарданд.**
**Аз пайи муштарӣ ба ҳар бозор**
**Банди тунбон ба даст мегарданд.**

Махлут шудани ашъори Зебуннисо бо Махфиҳои дигарро дар ин тазкира Аҳмад Гулчини Маонӣ ва аз пайи ӯ М. Диловаров низ таъкид кардаанд [7 ва 5].

Соҳиби тазкира кӯшиш намудааст, ки ба қадри имкон сарчашмаи иттилои худро хабар диҳад. Масалан, дар бораи Нурҷаҳонбегим менависад, ки «Аз китоби «Маҷомеъ» ҳар чӣ ёфт шуд, ин аст ва дар ҳақиқат ширинтар аз

қанду ангубин аст». Дар бораи Ниҳонии Акбарободӣ қайд шуда, ки Дар «Таърихи Мулло Абдулқодири Бадоунӣ» навиштааст, ки дар аҳди Акбарподшоҳ дар шаҳри Агра мебуд ва дар тазкираи «Офтоби оламтоб»-и Қозимуҳаммад Содиқхони Ахтар ин қадар зиёд ба мутолиа омад, ки писараш Муҳаммад Ҷаъфар дар давлати Акбар мири баҳри Кашмир буд». Дар бораи Ниҳонии Деҳлавӣ зикр шуда, ки: «Шерхон дар «Миръот-ул-хаёл» навишта, ки Ниҳонӣ мусоҳиби ҳарами бегим, волидаи Шоҳ Сулаймон буд».

Ҳангоми овардани нақле ё абёте чунин ишораҳо ба назар расиданд: «Овардаанд, ки...», «Нақл аст, ки...», «Гӯянд», «Дар баёзе ба назар омад», «Дар як сафина аз назар гузашт» ва монанди инҳо. Гоҳе номи гӯяндагон мушаххас оварда мешавад: «Мирзо Камолиддин Санҷари Қазвинӣ, шогирди Мирзо Сипеҳри Лисонулмулк, муаллифи «Носих-ут-таворих» аз роқим нақл карда, ки...» ё: «Аз Мирҷӯшиши Азимободӣ шунидам, ки номи вай Билқисхоним буд», ҷойи дигар: «...ин панҷ байт аз забони Мирзо Офтоби Теҳронӣ шунида шуд». Ҳамчунин: «Аз ҷаноби волиди моҷид шунидам, ки Мир Алӣ Акбархон, писари Бобурхон, набераи Мир Ҳайдархони Кошғарӣ, қотили нуввоб Ҳусайн Алихони вазир, абёти маснавии Хонум бисёр ёд медошт, аз он миён ин байт аст, ки аз ҷаноби мамдуҳ шунида шуд».

Гоҳе ҳини овардани аснод, мураттиб баъзе ҷузъиёти ҷолибро аз тарҷумаи ҳоли худ низ илова мекунад. Масалан, вақте дар бораи Гулшан ном шоира маълумот медиҳад, сарчашмаи ахборро шарҳ дода, менависад, ки муаллиф хати настаълиқро дар назди шоире бо номи Саидғулом Мустафои Аллоҳободӣ машқ кардааст ва маълум мешавад, ки муаллиф тазкираи худро барои таҳрир ба ӯ дода ва ин фозили замон баёзеро ба хати Гулшан ба чашми худ дида, вале дар ҳаводиси замон аз даст дода будааст: «Ифтихорушшуаро ҷаноби Саидғулом Мустафои Аллоҳободӣ, ки муаллифи ин рисола машқи хати настаълиқ аз ҳазраташон намуда, дами таҳрири ин тазкира фармуд,

ки баёзе ба қадри як девони мухтасар ба хати Гулшани Деҳлавӣ муҳтавии ашъори обдор табъи зоди Гулшан пеши ман буд ва дар замони ғадри ҳиндӣ аз даст рафт» [2, с. 72].

Ҳамчунин маълум мешавад, ки баъзе абёти занони шоирро мусанниф аз забони аҳли адаб шунида ва нақл кардааст. Чунонки менависад: «Аз хон Муҳаммадхони Шаҳири ифтихорушшуаро ин ду байти вай (Муштарӣ – М. М. ) шунидам ва ба рақам овардам» [2, с. 80].

Баъзан ашъори шоҳиди худро бо нусхаҳои дигар низ муқоиса мекунад, чунончи, рубоии Туниро оварда, онро бо нусхаи дигари ин рубоӣ, ки дар «Ҷавоҳир-ул-аҷойиб»-и Фахрии Ҳиравӣ ҷой дорад, пайи ҳам сабт мекунад.

Дар ин тазкира муалиф дар бораи модари худ Ҳусайно-бегим низ маълумот дода, хабар медиҳад, ки ӯ дар овони хурдсолии Муҳташам реҳлат намуда ва дар сари қабраш моддаи таърихе ҳак шудааст, ки падари муаллиф онро таълиф намудааст. Маълум мешавад, ки ғолибан ба урду шеър мегуфта ва аксари ашъори худро бо дасти худ нобуд мекардааст. Муҳташам аз ашъори ӯ панҷ байти форсиро ёфта дар тазкираи худ ҷо додааст.

Дар тазкираи «Ахтари тобон» бо он ки маводи арзишманде дар бораи занони суханвар ҷамъ оварда шудааст, чунин ба мушоҳида расид, ки баъзе ғалатҳо низ ҷой доранд. Чунончи, махлут шудани осори Зебуннисо бо таълифоти Махфии Раштӣ, бо ҳам омадани осори Робиаи Балхӣ бо таълифоти Робиаи Сафоҳонӣ, ду маротиба зикр шудани исми Ҳиҷобии Астарободӣ, ба номи шоирони дигар овардани рубоиёти маъруф ва амсоли ин.

Бо ин ҳама, гирд овардани тароҷим ва осори 90 нафар зани форсигӯ хидмати мондагори ин марди фозилро собит менамояд. Бахусус ки дар канори тазкираи «Ахтари тобон» дар ҳамон соли 1299 ҳ. қ. тазкираи дигареро бо номи «Моҳи дурахшон» иборат аз ашъори урдуи занони шоир мураттаб ва интишор намудани Муҳташам арзиши кори ӯро меафзояд. Ҷолиб он аст, ки тазкираи дувум

низ ба форсӣ таълиф шуда, вале шавоҳиди он, яъне ашъори шоираҳо ба забони урду аст. Ин тазкира низ дар матбааи Шоҳиҷаҳонӣ ба табъ расида, 89 саҳифа аст ва аз исми Ахтар шуруъ шуда бо исми Ёсуман ба охир мерасад, ҳамчунин замимае низ дорад иборат аз ному ашъори якчанд занони шоир, ки баъди ба матбаа супоридани китоб ёфт шудааст. Якчанд моддаи таърих ба урду ва форсӣ дар сифати ин тазкира ва таърихи таълифи он дар поёни китоб оварда шудааст. Аз таҳқиқи муқоисавии тазкираҳои «Ахтари тобон» ва «Моҳи дурахшон» на танҳо сабки ягонаи таълиф ва танзими мавод ошкор мешавад, балки маълум мегардад, ки аксари шоираҳои муқими Ҳинд ба ду забон шеър гуфтаанд ва ин нукта барои таҳқиқи беҳтари зиндагӣ ва ҳунари онон мусоидат хоҳад намуд.

**Пайнавишт:**

1. *Абулқосим Муҳташами Шарвонии Бҳуполӣ*. Ахтари тобон. – Бҳупол: матбааи Шоҳиҷаҳонӣ, 1299 ҳ. қ. – 63 с.

2. *Абулқосим Муҳташами Шарвонии Бҳуполӣ*. Ахтари тобон / Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммади Хушкоб. – Теҳрон, 1393. – 324 с.

3. *Абулқосим Муҳташами Шарвонии Бҳуполӣ*. Моҳи дурахшон. – Бҳупол: Матбааи Шоҳиҷаҳонӣ, 1299 ҳ. қ. – 89 с.

4. *Диловаров, М*. Муҳташам // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ. 2. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик, 1989 – С. 400.

5. *Диловаров, М*. Ахтари тобон // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ. 1. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик, 1988. – С. 204.

6. *Маликулкуттоби Шерозӣ*. Тазкират-ул-хавотин / Таҳияи матн ва муқаддимаи М. Нуруллоева. – Хуҷанд: Хуросон, 2018. – 232 с.

7. *Маонӣ, Аҳмад Гулчин*. Таърихи тазкираҳои форсӣ. – Теҳрон: Интишороти «Китобхонаи Саноӣ», 1363. – Ҷ. 1. – С. 19-22.

8. *Фахрии Ҳиравӣ*. Ҷавоҳир-ул-аҷойиб / Таҳияи Матлубаи Мирзоюнус. – Хуҷанд: Ношир, 2007. – 140 с.

# Боби III.
# АЗ АЙНӢ ТО ПАЙРАВ

# ВАЗЪИ АДАБИИ БУХОРО ДАР «ЁДДОШТҲО»-И САДРИДДИН АЙНӢ

Бухоро яке аз марказҳои муҳимми адабиёт дар охири садаи нуздаҳ ибтидои садаи бист боқӣ монда, аз назари мавҷудияти равияҳои гуногун дар шеър ва наср, зуҳури падидаҳои ҷолиби адабӣ қобили омӯзиш аст.Ағлаби муҳаққиқон дар шумори равияҳои асосии ин давра ду тамоюл: равияи пешқадам ва равияи иртиҷоиро ном бурдаанд. Донишманди маъруф Расул Ҳодизода дар асари бунёдии худ «Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX» равияҳои диниву феодалӣ ва дарборӣ, равияи пешқадам, афкори маорифпарварӣ ва таъсири эҷодии Бедилро ба ашъори шоирони ин давра зикр кардааст, ки ин матлаб ба тамоми доираҳои адабӣ дахл дорад [3, с. 63-137]. Солҳои охир ин нукта аз ҷониби муҳаққиқи ин давра С. Хӯҷақулов таҷдиди назар шуда, мавҷудияти «панҷ равияи моҳиятан мухталиф» таъкид мешавад: «аввалан, равияи идомаи анъана ва суннатҳои адабиёти мумтози форсу тоҷик, ки дар бархе аз тадқиқот онро чун равияи иртиҷоӣ ва адабиёти дарборӣ қатъиян наҳ задаанд ва ё арзиши адабиву эстетикӣ, ғоявию фалсафии онро аз эътибор соқит намуданд; сониян, равияи маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳӣ; солисан, равияи адабие, ки қисман аз ҷараёни маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳӣ таъсир бардошта буданд ё майл ба он доштанд; робеан, равияи идомаи сабки бедилӣ ва хомисан, равияи зуллисонайнӣ [6, с. 44]. Дар баробари ин, мушаххасан ба ин равияҳо мансуб будани адибони давр ба иллати хеле печидаву мураккаб будани сарнавишти эҷодии онҳо номумкин ба назар мерасад. Бинобар ин, хулосаи муҳаққиқ дар бораи ба эътибор гирифтани ду равиши асосӣ: равиши эҷодии ҷараёни маорифпарварӣ ё таҷаддудхоҳӣ ва равиши пайгирии анъанаҳои адабиёти мумтоз қобили қабул менамояд.

Дар радифи сарчашмаҳои асосии омӯзиши адабиёти ин давра на танҳо тазкираву баёз, балки осори таърихиву сафарнома ва ёддоштҳоро низ метавон ном бурд. Дар миёни ин навъи осор «Ёддоштҳо»-и Айнӣ ҷойгоҳи махсус дорад, ки мавҷудияти равияҳои гуногуни адабиро дар он метавон ба мушоҳида гирифт.

«Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ манбаи хеле муҳим ва муътамади шинохти адабиёти охири асри XIX-ибтидои асри XX буда, дар поёни зиндагии муаллиф (1948-1954) навишта шудааст. Воқеаҳое, ки дар он тасвир ёфтаанд, марбут ба охири садаи XIX ва солҳои аввали садаи XX мебошанд, яъне тақрибан 60 сол пеш аз бозгӯяшон рух додаанд. Чунончи, дар қисми аввали «Ёддоштҳо» давраи кӯдакии муаллиф аз замони чор-панҷсолагии ӯ то вафоти падару модар ва ба Бухоро рафтани ӯ инъикос ёфтаанд. Қисми дувум аз соли 1890, аз дувоздаҳсолагии Айнӣ ва замони таҳсили ӯ дар Бухоро дар мадрасаи Мири Араб шуруъ шуда, то воқеаҳои соли 1891-ро дар бар мегирад. Дар қисми севум зиндагии муаллиф дар манзили Шарифҷон-махдум, маҳфилҳои ӯ, ҳаёти табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ, зиёиён, руҳониён, олуфтаҳо ва ҳунармандони Бухоро тасвир ёфтааст. Ва ниҳоят, қисми чаҳорум, ки воқеаҳои солҳои 1896-1903-ро дар бар мегирад, таъсири афкори Аҳмади Дониш ва Мулло Амон барин ашхоси номварро ба ҷавонони озодихоҳ ва маорифпарвар инъикос менамояд.

Дар «Ёддоштҳо», ки дар меҳвари он ҳаёти қаҳрамони марказии асар – муаллифи он Садриддинхоҷа қарор дорад, зиндагии мардуми Бухоро ва атрофи он бо тамоми рангҳо, воқеаҳои фоҷиавию мазҳакавии он, манзараҳои меҳнату фароғат, аҳволи мардуми деҳаи Шофиркоми Ғиждувон ва бошандагони шаҳри Бухоро, вазъи мадрасаҳо ва барномаҳои таҳсил дар онҳо, манзараи Регистон, муҷозоти одамон, базмҳои Бухоро, набардҳои паҳлавонон, ҳаёти

аҳли ҳунар ва аҳли адаб бо ҷузъиёти хотирмон таҷассум ёфтаанд. Аз байни ҳазору як ҳикоёти ҷолиби ин асар оид ба шахсиятҳои маъруфу номаъруфи ин давра, перомуни маҳфилҳои адабӣ ва муҳтавои онҳо, муносибати миёни шоирон, вазъи зиндагии онҳо, ҷаҳонбинӣ ва мавқеи сиёсиву иҷтимоии адибон маълумоти хеле ҷолибро метавон пайдо кард.

Аз ҷилди аввал сар карда, муаллиф каму беш дар бораи шеъру шоирон ва тасаввуроти кӯдакии худ дар бораи аҳли сухан нақлҳои пуробуранге меорад. Ин ҷо ӯ пеш аз ҳама дар бораи аввалин касе, ки бо ӯ дар бораи шеър ва шоир суҳбат кард, дар бораи нахустин устоди маънавии худ – падараш Саидмуродхоҷа маълумот медиҳад. Ҳам дар омӯзиши ҳисоби абҷад ва ҳам дар шарҳи шеърҳое, ки Садриддини кӯдак бо камоли шавқ ҳифз мекард, падар ба ӯ ёрӣ медод. Ин матлабро дар «Ёддоштҳо» ӯ чунин ба қалам медиҳад: «Ман мехостам, ки маънии пурраи ҳамаи байтҳоеро, ки медонистам ё мешунидам, фаҳмида гирам. Дар ин бора ягона ёрирасони ман падарам буд» [1, с. 69]. Падар ба ӯ яке аз шоирони маъруфи замон Исо-махдумро нишон дода, намунаҳои шеъри ӯро хонда шарҳ медиҳад. Аз ҷумла байти зеринро чун намунаи ҷолиби шеъри иҷтимоӣ мисол меорад:

**Зи умрам сӣ гузашту ман ҳамон дар қайди ифлосам,**
**Ба панҷоҳу чиҳил шояд раҳам аз шасти қашшоқӣ.**

Тасвири чеҳра ва сару либоси Исо-махдум, ки «як одами миёнақади хушкбадани сабзиначеҳрае, ки риши миёнаи сафедшуда дошт, ба сараш як саллачаи сафеди хурд ва ба танаш яктаҳи сафед буд» [1, с. 70], Садриддинро ба гуфтаҳои падар бовар мекунонад, ки шахси донишманд хоксор ва фурӯтан мешавад. Падар бо вуҷуди он ки саводи комил надошт, аз таҷрибаву дониши худ ба писар панд медиҳад, ӯро дар роҳи омӯзиши шеър ва суҳбат бо аҳли илму

сухан ташвиқ менамояд. Дар баробари ин, ӯ бар он бовар аст, ки: «Шеъргӯйӣ ҳамеша ва дар ҳама кас сифати нек шудан намегирад. Шеър ҳам монанди илм як шамшер аст, агар бо шамшер одами бадро – душманро кушӣ, хуб аст, аммо агар бо шамшер ягон одами одӣ кушта шавад, хуни ноҳақ мешавад, кушандаро куштан лозим меояд. Шеър ҳам агар ба некӣ кор фармуда шавад, хуб аст, аммо агар ба бадӣ кор фармуда шавад, аз вай бадтар чизе нест» [1, с. 93].

Дар «Ёддоштҳо» тарҷумаи ҳоли бисёр шоирон зикр ёфтааст, аз ҷумла дар қисми аввал сухан дар бораи шоир Абдулвоҳиди Садри Сарир рафтааст. Дар симои Садри Сарир муаллиф қозӣ ва шоиреро нишон додааст, ки бо дилу ҷон мехоҳад барои беҳтар шудани вазъи зиндагии мардум хидмат кунад. Садри Сарир ҳарчанд намояндаи дарбори амир буда, вазифаи баландро бар уҳда дорад, барои бо об таъмин кардани мардуми Шофирком маъракаи кандани рӯди навро ташкил мекунад. Дар «Ёддоштҳо» ду лаҳзаи ҳаёти ӯ ба тасвир омадааст. Яке – баровардани об ва дигар никоҳи духтари гуреза бо шахси дӯстдоштааш. Ӯ бар хилофи дигар қозиён шахси ҳалолкор ва поквиҷдон буда, бо мардуми заҳматкаш муомилаи ғамхорона ва дилсӯзона дорад. Аммо дар мавриди мақоми иҷтимоии Садри Сарир Айнӣ менависад, ки ӯ «ғайрифаъол буда, ғазаби иҷтимоии худро изҳор карда натавонист ва монанди каҳдуд дарун-дарун сухта мурд» [1, с. 59].

Айнӣ дар чанд ҷойи асар аз Садри Сарир ёд карда, оид ба дӯстии ӯ бо Аҳмади Дониш, мулоқотҳои пинҳонии ӯ бо ин донишманди забардаст ва ширкаташ дар базмҳои хосаи ӯ лаҳзаҳои хеле ҷолиброба қалам меорад. Чунонки адабиётшиноси маъруф Муҳаммадҷон Шакурӣ дар китоби «Хусусиятҳои бадеиву услубии «Ёддоштҳо» навиштааст, «Садри Сарир яке аз ҳамфикрони Аҳмади Дониш буд. Образи ӯ барои фаҳмидани моҳияти ҳаракати зиёиёни

маорифпарвар, ки Аҳмади Дониш сарвари онҳо буд, низ аҳаммият дорад. Образи Садри Сарир барои равшантар шудани образи худи Аҳмади Дониш ҳам аз аҳаммият холӣ нест» [7, с. 105]. Аз рӯйи маълумоти ӯ, «устод Айнӣ дар мактуби худ ба Мирзо Турсунзода дар бораи Садри Сарир боз як маълумоти муҳимме додааст. Вай мегӯяд: «Аҳмад-махдум бо Сарир ва Исо базми махсуси танбӯр мекарданд. Аҳмад-махдум менавохт, Исо месуруд ва Сарир адвор (нота)-и ҳар ҳаво ва мақомро дар вақти иҷро менавишт» [7, с. 105]. Аз ин гузориш маълум мешавад, ки Садри Сарир на танҳо шахсияти сиёсӣ ва адабӣ, балки донишманде дар илми мусиқӣ низ будааст.

Дар охири қисми аввал сухан аз ошноии нахустини муаллиф бо Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, писари қозикалон ва шоир домулло Абдушукур рафтааст, ки ба меҳмонӣ ба Деҳаи Боло рафта ва дар он ҷо Садриддинро вохӯрда, ба таҳсил дар Бухоро ташвиқ намудааст. Ҳамчунин мулоқоти аввалин ва байтбаракбозӣ бо Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим низ аз саҳифаҳои хотирмони қисми аввали «Ёддоштҳо» мебошад.

Нуктаи ҷолиб дар тарзи нигориши «Ёддоштҳо» он аст, ки муаллиф ҳар гоҳ дар бораи касе нақл кунад, ки аз ин пештар ва ё баъдтар, дар ҳамин асар ё асари дигараш аз ӯ ёд карда бошад, дар қавсайн он асарҳоро зикр мекунад. Чунончи дар мавриди Шарифҷон-махдум ё Мирзо Абдулвоҳид менависад: «ин Шарифҷон-махдум ҳамон Садри Зиё аст, ки тазкираи манзума дорад ва ин Мирзо Абдулвоҳид ҳамон Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим аст, ки аз он рӯз сар карда то охири умраш ба ман дӯсти наздик буд ва дар моҳи марти соли 1934 дар Сталинобод бо бемории сармохурӣ вафот кард» [1, с. 127]. Ё худ дар ҷойи дигар менависад: «Ман дар саҳифаҳои 418-428-уми «Намунаи адабиёти тоҷик» намунаҳои шеъри Исоро бо мухтасари тарҷумаи ҳолаш нақл кардаам» [1, с. 73].

Дар се қисми дигари «Ёддоштҳо» нависанда торафт бештар дар бораи шоирон ва аҳли адаб маълумот медиҳад. Ин ҳол, агар аз як тараф, далели таъсири сухану суханварон ба шахсияти ӯ бошад, аз ҷониби дигар, таваҷҷуҳи хоси адиб ба муҳити адабии замон аст.

Яке аз хусусиятҳои ҷолиби «Ёддоштҳо» тасвири маҷлисҳои аҳли сухан мебошад. Аввалин чунин маҷлис, ки Садриддини наврас дар он ба сифати ошпаз иштирок мекунад, дар мадрасаи Мири Араб дар манзили Мулло Абдусалом баргузор мешавад. Ба қавли устод Айнӣ, «дар он маҷлис бисёртар сухан дар болои шеъру адабиёт мерафт ва бештарини меҳмонон ё шоир буданд, ё шеършинос. Агар баъзеашон аз адабиёт хабардор набошанд ҳам, хушгап, ширинсухан, зариф ва бамавқеъгӯй буданд, ки дар рафти суҳбат латифаҳои ширин мегуфтанд ва мувофиқи мақом воқеаҳои намакин накл менамуданд: шоирон ба тарзи мушоира ва бадеҳа мисраъҳои ногаҳонӣ гуфта, мисраъҳои якдигарро тазмин мекарданд, шеършиносон аз шеърҳои гузаштагон ба тарзи мисол байтҳои баланд мехонданд ва тақлиди бемуваффақиятонаи он мазмунҳо будани шеърҳои шоирони замони худашонро исбот карда танқид менамуданд; гоҳо мешуд, ки ин мушоираҳо ва шеърхониҳо ба ҳаҷв ё мадҳи якдигар, ё ба масхара кардани касони ғоиб оид мешуд» [1, с. 235]. Дар ин маҷлис Шарифҷон-махдум, Мулло Назруллоҳи саҳҳофи Лутфӣ, Мулло Раҳмати сартарош, Мулло Бурҳони кӯлобӣ ва дигарон иштирок мекарданд.

Тасвири маҷлис ва суҳбатҳои равшанфикрон, ки дар ҳуҷраҳои мадрасаҳо ва меҳмонхонаҳо барпо мешуданд, дар «Ёддоштҳо» бо ҷузъиёти муҳим ба қалам омадааст. Дар ҷилди севуми асар нависанда дар бораи Шарифҷон-махдуми Садри Зиё ва маҳфилҳои хоси ӯ сухан ба миён меоварад. Ин қисм аз боби «Ҳавлии Шарифҷон-махдум» шуруъ шуда, бо «Шарифҷон-махдум ва ҳамсуҳбато-

ни ӯ», «Хислатҳои хусусии Шарифҷон-махдум», «Аҳволи ман дар ҳавлии Шарифҷон-махдум» идома меёбад, ки низ дар бораи шахсияти Шарифҷон-махдум, муносибати ӯ бо атрофиён, тарҳи сохтмони ҳавлии ӯ, ёру дӯстон ва ҳамсуҳбатонаш ва аҳволи худи Садриддини наврас дар хонаи ӯ хеле воқеънигорона маълумот медиҳад. Дар лобалои «Ёддоштҳо» муаллиф борҳо ба «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё муроҷиат карда, қитъаҳои мувофиқро дар мавриди адибон намуна меорад ва назари ӯро назари ҳақиқатбин ва расо меҳисобад. Дар маҷмуъ, аз ин тасвирҳо ҳам чеҳраи зоҳирии қаҳрамон, ҳам сару либоси ӯ, ҳам фазилатҳову нуқсонҳои ӯ падид меоянд. Дар бораи хислатҳои хусусии ӯ гап зада, муаллиф қайд мекунад, ки «Шарифҷон-махдум, бешубҳа, аз ҷумлаи маорифпарварон ва тараққихоҳони замони худ буд. Шеърро бисёр хуб мефаҳмид ва иқтидори шоириаш паст бошад ҳам, шеър мегуфт. Хусусияти ба назар намоёни Шарифҷон-махдум дар ин ҷо буд, ки ӯ қобилияти ҷавононро зуд муайян карда метавонист ва қобилиятҳои баландро хуб тақдир мекард ва барои инкишофи қобилияти он гуна ҷавонон бо воситаҳое, ки аз дасташ меомад, ёрӣ медод» [1, с. 292]. Садриддин Айнӣ ҳамчунин ба хушмуомилагӣ ва хоксории Шарифҷон-махдум баҳои баланд медиҳад. Чеҳраи ӯро тасвир намуда, муаллиф менависад, ки «Шарифҷон-махдум одами баландқомат, сафедрӯй, мешчашм, хурмоириш буда, дар вақте ки ман ба хизмати ӯ даромадам, 27 сол умр дошт. Шарифҷон-махдум дар хушхатӣ, хушсаводӣ, шеърфаҳмӣ ва маорифдӯстӣ дар байни муллозодагони Бухоро қариб ягона буд» [1, с. 270]. Нависанда ба илму дониши Шарифҷон-махдум арҷ мегузорад, ин аст, ки нахустин намунаҳои шеъри худ ва ашъори дӯсти ҳунармандаш Ҳайратро ба ӯ нишон медиҳад ва маслиҳат мепурсад. Шарифҷон-махдум баъди шунидани шеърҳои онон дар ҳарду маврид низ ҷавононро имтиҳон

мекунад, ба ҳарду низ супориш медиҳад ва аз натиҷаи он қаноатманд мешавад.

Чунонки мебинем, устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» хеле талош кардааст, ки услуби реалистӣ, ҳақиқатнигориро риоя намояд ва ҳини офаридани симои ашхос фазилатҳо ва камбудиҳои ӯро баробар нишон диҳад, то хонанда фикр накунад, ки назари муаллиф субъективӣ аст. Дар мавриди Шарифҷон-махдум ҳам нависанда истисно накардааст, ҳарчанд ки маҳз ба шарофат ва ташвиқи ӯ Садриддини наврас барои таҳсил ба Бухоро меояд, сипас дар манзили ӯ зиндагӣ карда, дертар бо кӯмаки ӯ дар мадраса соҳиби ҳуҷра мешавад, аз дониши фаровонаш баҳравар мегардад ва ҳоказо, аммо дар мавриди ӯ низ муаллиф дар боби «Хислатҳои хусусии Шарифҷон-махдум» ошкоро ва бидуни рӯйи хотир қалам меронад. Дар баробари ин сифатҳои ҳамида, ӯ ширинкорӣ ва шӯхиҳои авомонаи Шарифҷон-махдум ва хасисии ӯро мавриди мазаммат қарор медиҳад. Ин аст, ки муаллиф аҳволи худро дар хонаи Шарифҷон-махдум «ҳам хуб буду ҳам бад» мегӯяд. Хубии он пеш аз ҳама дар он буд, ки Шарифҷон-махдум ҳар ҳафта се бор базми сухан мероост ва ин маҳфилҳо барои мулоқот бо шоирон ва бардоштҳои маънавӣ ба нависанда имкони хуб фароҳам меоварданд. Дигар ин ки, ӯ хеле шахси пурмутолиа буд ва ҳар гоҳ ба ҷавонон, аз ҷумла ба Садриддин низ ҳикояҳои ҷолиби хондаашро нақл мекард. Китобхонаи ӯ «беҳтарин ва бойтарин китобхонаи хусусии шаҳри Бухоро буд. Дар вай нодиртарини китобҳоро бо хати хубу хоно ва бо китобати ба замони таълиф наздик ва баъзан бо дастхати муаллиф ёфтан мумкин буд, худи ин ҳол барои як талабаи маъниҷӯй як хазинаи маълумоти беинтиҳо буд» [1, с. 293].

Чунонки гуфта шуд, дар манзили ӯ «дар ҳар ҳафта се шаби таътил – сешанбе, чоршанбе ва панҷшанбе одатан ранги анҷумани шоирон, шеършиносон, латифагӯён

ва ширинкоронро мегирифт» [1, с. 271]. Муаллиф дар «Ёддоштҳо» ҷараёни ин маҳфилҳоро хеле батафсил нақл карда, бо камоли сипосмандӣ аз бардоштҳояш ёд мекунад ва мегӯяд, ки «материалҳои ибтидоӣ, лекин муҳимми адабии худро аз он ҳавлӣ гирд овардаам» [1, с. 271]. Дар ин маҳфилҳо муаллиф бо аҳли адаб шинос шуда, мушоҳидаҳои худро оид ба илму дониш, ҳунару истеъдод, рафтору кирдори ҳар кадоми онҳо нақл мекунад. Дар «Ёддоштҳо» нависанда ҳашт нафар ҳамсуҳбатони доимии Шарифҷон-махдум – Абдулмаҷиди Зуфунун, Яҳёхоҷа, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Ҳомидбеки Ҳомид, Абдуллохоҷаи Таҳсин, Қорӣ Абдулкарими Офарини Дӯзахӣ, Мирзо Азими Сомии Бӯстонӣ ва Азизхоҷаи Азизро махсус зикр мекунад. Аз миёни номбурдагон бештар аз дигарон дар бораи Яҳёхоҷа ва камтар аз ҳама перомуни Абдуллохоҷаи Таҳсин ахбори ҷолиб ба назар мерасад. Дар бораи Яҳёхоҷа, ки табиатан хеле сахтгап буд ва худро ба девонагӣ зада «уламо, амир ва дарбориёни ӯро сахт танқид ва масхара мекард», муаллиф бо як эҳтироми хос сухан ронда, ин рафтори ӯро як навъ аломати эътироз нисбат ба вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар шарҳ медиҳад.

Ба ғайр аз ҳашт нафаре, ки зикри номҳошон рафт ва ҳамеша дар маҳфилҳои Шарифҷон-махдум ҳузур пайдо мекарданд, чанд нафари дигар низ буданд, ки дар ғоибашон низ ҳамеша бо эҳтиром дар бораашон сухан мерафт. Онҳоро Садриддин Айнӣ алоҳида зикр кардааст, ки аз ҷумла Мирзо Ҳайити Саҳбо, Шамсиддин-махдуми Шоҳин, Аҳмад-махдуми Дониш ва Қорӣ Кароматі Дилкаш буданд.

Дар қисми севуми асар ба ғайр аз номбурдагон нисбатан мухтасар дар бораи Абдуллохоҷаи Таҳсин ва шоири машҳур Абдулқодирхоҷаи Савдо сухан меравад. Лаҳзаҳо аз ҳаёти Савдоро Айнӣ аз нақли писари шоир овардааст, зеро худи шоир пеш аз он ки муаллифи «Ёддоштҳо» ба дунё биёяд, дар дарё ғарқ шуда ба ҳалокат расида будааст.

Яке аз онҳое, ки дар бораи ӯ нависанда бо танз сухан гуфтааст, Мулловафо ном шоире буд, ки бо тахаллуси Вахшӣ шеър мегуфт. Қиссаи хонадоршавии ин шоир хеле «ҷонгудоз» будааст. Мулловафо, ки умре дар ҳасрати маъшуқаи зебо буд, дар тасаввури худ орзуи васли духтари нозанинеро шабу рӯз мепарварид, ниҳоят ба духтаре издивоҷ кард ва танҳо баъд аз тӯй чеҳраи ӯро дида аз алам қариб ғуссамарг шуд, зеро арӯс «рӯе пур аз доғи нағзак ва монанди рӯйи мурда бенур, бинии пасти пачақи пучуқмонанд, чашмоне монанди чашмони аз шишаи тира сохташуда беҳаракат ва бемижгон» дошта, «устухони қафаси синааш ҷастабаромада», сараш ҳамеша ба қафо моил ва ларзанда буд [1, с. 361].

Дар тасвири симои Мулло Вафо Айнӣ маҳорати баланди ҳаҷвнигории худро ба намоиш мегузорад ва ба ҳоли шоири хаёлпарасти кӯтоҳандеш, ки ба фиреби «дӯстон» меафтад, на бо дилсӯзӣ, балки бо як лабханди истеҳзоомез менигарад.

Нафари дигар Мулло Иброҳим буд, ки бо тахаллуси Осим шеър мегуфт. Чунин оҳанги истеҳзоро нисбат ба ӯ низ дар «Ёддоштҳо» метавон эҳсос кард. Чунончи, устод Айнӣ менависад, ки «дар адабиёт Мулло Холӣ ном як ӯротеппагӣ устоди ӯ буд. Аммо ман ҳис мекардам, ки дар фазилат ҳарду аз якдигар кам фарқ доштанд. Мулло Қурбон ном як шоири конибодомӣ ҳам он ҷо омада мерафт, ки тахаллуси ӯ Ҷонӣ буд. Фазилати ин шоир аз ду шоири аввалӣ ҳам пасттар буд» [1, с. 374]. Ин муносибати худро ба шоирони номбурда муаллиф аз номи Лутфӣ ном шоир боз ҳам истеҳзоомезтар нишон медиҳад: «Ҳарчанд тахаллуси Холӣ ба хол ва Ҷонӣ ба ҷон мансуб бошад ҳам, Мулло Назруллои Лутфӣ «Холӣ»-ро «тиҳӣ аз маънӣ» ва «Ҷонӣ»-ро «ҷинояткори шеър» маънидод мекард» [1, с. 374].

Ҷолиб он нукта аст, ки Айнӣ ба қавли худаш шеърҳои аввалини худро бо ашъори ин шоирон муқоиса мекард

ва заъфи қалами худро дарк менамуд. Дар ин бора худи ӯ иқрор мешавад, ки «Ман ҳам он вақтҳо кам-кам шеър мегуфтам, аммо шеъри худро ба касе нишон намедодам. Қабоҳати ҳар шеъре, ки мегуфтам, баъд аз понздаҳ рӯз ё як моҳ ба худам маълум мешуд ва дарҳол сӯхта мепартофтам. Ман бадии шеъри худро аз бадии шеърҳои Холӣ ва Ҷонӣ мефаҳмидам. Шеъри худам ба назари худам дар аввали гуфтанам хуб менамуд. Чун шеърҳои онҳоро мешунидам, ки бад аст, дар дубора хондан он бадиҳоро дар шеъри худам ҳам медидам» [1, с. 374].

Дар «Ёддоштҳо» ҳунари на танҳо чеҳранигории бадеӣ, балки ҳунари наққодии муаллифи асар низ аён мешавад. Чунонки гуфтем, дар бораи Абдуллоҳхоҷаи Таҳсин нависанда танҳо як ҷумла навишта, дар он ҳам сурати адибро тасвир мекунад ва ҳам ба ҳунари ӯ баҳо медиҳад: «Абдуллоҳхоҷаи Таҳсин одами тахминан 30-солаи баландқомати сабзиначеҳраи камриш буда, хеле сабуксуҳбат буд ва аз давомкунандагони хонаи Шарифҷон-махдум буда, чунонки дар «Намунаи адабиёти тоҷик гуфтаам, шеършиносиаш назар ба шеъргӯйиаш баландтар буд» [1, с. 279]. Ё худ дар бораи Содиқхоҷаи Гулшанӣ менависад, ки «Содиқхоҷа шеърро равон менавишт, аммо услуб ва ташбеҳҳояш ҳамагӣ кухна ва обшуста буда, аз нуқтаи назари шеършиносии имрӯза ӯро шоири хуб гуфтан мумкин нест» [1, с. 278]. Ин маҷлисҳо на танҳо хусусияти адабӣ доштанд, балки моҳияти иҷтимоиву сиёсӣ низ касб мекарданд. Дар онҳо «аз бадкирдориҳои роҳбарони ҳукумат ва калонони ҳамон замон шикоят мерафт» [1, с. 281].

Нависанда қариб дар ҳама маврид ба истеъдод ва ҳунари шоироне, ки дар бораашон менависад, баҳо медиҳад. Чунончи, дар мавриди Иброҳими Осим менависад, ки «шеърҳояш аз ҷиҳати техника нисбат ба пештара хубтар шуда бошанд ҳам, таъбир ва ташбеҳҳояш девонаворона

гардида буданд» [1, с. 374]. Дар бораи Ҳомидхоҷа, ки бо тахаллуси «Меҳрӣ» шеър мегуфт, муаллифи «Ёддоштҳо» менависад, ки «Ҳомидхоҷа ҳам монанди талабагони навдарсхони бухороӣ ҳаваскори шоирӣ буда, Меҳрӣ тахаллус мекард. Аммо қобилияти шеъриаш кам буд, пеш намерафт ва пеш нарафт» [1, с. 376].

Дар «Ёддоштҳо» на танҳо баҳои воқеӣ ба шеъри ҳамзамонон, балки муносибати нависанда ба шахсияти онҳо низ ба мушоҳида меояд. Чунин муносибати пур аз эҳтиром ва муҳаббати ӯро дар мавриди Ҳайрат метавон пай бурд. Аз аввалин мулоқот бо Ҳайрат миёни ӯ ва Айнӣ як самимият ва меҳрубонӣ барқарор мешавад. Айнӣ дарк мекунад, ки Ҳайрат қувваи ҳофизаи фавқулода дорад, қоидаҳои арӯзро хуб медонад, нозукиҳои адабиётро хуб сарфаҳм меравад ва ашъори зиёдеро ба сифати шоҳид азёд мехонад. Ин сифатҳо ва фазилатҳо боис шуданд, ки Айнӣ Ҳайратро, ҳарчанд ки ҳамсоли худаш буд, ба унвони устоди шеър пазирад. Бо вуҷуди он ки Ҳайрат намехост дигарон аз шоирии ӯ бохабар шаванд, Айнӣ «бар хилофи тавсияи ӯ» як ғазали шоири ҷавонро ба Шарифҷон-махдум нишон медиҳад. Ин ғазал, ки бо байти зерин шуруъ мешавад, аз ҷониби Айнӣ хеле ҷолиб таҳлил шуда, ҳунари адабпажӯҳии муаллифро намоиш медиҳад:

**Эй сарв, беибо ба чаман сар кашидаӣ!**
**Моно, ки сарви қомати ӯро надидаӣ!**

Ӯ менависад: «Ин ғазал ба болои он ки равон, сода, ҳамафаҳм, ҳамаи калимаҳояш дилчасп буда, бо камоли маҳорат баргузида шуда ва дар ҷойи худ монанди нигинакориҳои нодиракорона шинам шудаанд, як эълони мубориза буд бар зидди ташбеҳҳои ғайритабиии обшустаи шоирони гузашта, ки то он замон аз тарафи тақлидчиёни онон такрор меёфтанд. Маълум аст, ки шоирон ҳар ҷо, ки қомати ёр ояд, албатта, ба сарв, шамшод, тӯбии афсонавӣ, ҳатто

ба ар-ар, ки як дарахти қадбаланди бисёр баднамост, монанд мекарданд. Ҳайрат дар мунозираи худ аз он дарахтон сарвро, ки беҳтарини онҳо ҳисоб меёфт, гирифта, маҳалли баҳси худ қарор дода буд ва бо санъати шеърия дар пеши қади ёр ҳеч гуна зебоӣ надоштани вайро бо муваффақияти тамом исбот карда буд» [1, с. 409].

Дар «Ёддоштҳо», хусусан, дар қисмҳои севуму чорум нависанда хеле зиёд ба Ҳайрат ва эҷодиёти ӯ муроҷиат мекунад ва дар ҳар мавриди мувофиқ шеърero аз ӯ барои исботи фикрҳояш меорад. Дар қисми севуми асар се боби алоҳида ба Ҳайрат бахшида шуда, таҳти унвони «Шиносоиям бо Ҳайрат», «Тарҷумаи ҳоли Ҳайрат» ва «Мероси адабии Ҳайрат» дарҷ шудаанд. Дар боби «Мероси адабии Ҳайрат» Айнӣ дар бораи ҷамъ овардани мероси адабии Ҳайрат, рӯйнавис шудани ду нусха аз ҷониби Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, муҳтавои ин маҷмуа: ғазал, қасида, достон, қитъа ва рубоӣ – ҳамагӣ 2000 байт (4000 мисраъ) ва талаф ёфтани ин нусхаҳо дар воқеаи Колесови соли 1918 хабар медиҳад. Азбаски амир Абдулаҳадхон аз пайи пайдо кардани маҷмуаи Ҳайрат шуда буд, хеле касон аз номи ӯ бо тахаллуси «Ҳайрат» шеър бофта ба ӯ манзур карда буданд. Бинобар ин устод муҳаққиқинро ҳушдор медиҳад, ки «ҳар шеъри дар охир тахаллуси «Ҳайрат» доштаро бе ҳеч тадқиқ «аз они Ҳайрат» гуфта қабул нафармоянд, балки ҳар шеърро аввал бо шеърҳое, ки дар бораи моли Ҳайрат будани онҳо шакке нест, андоза карда бинанд ва баъд аз он ба як қарор оянд» [1, с. 415].

Ба ғайр аз манзили Аҳмад-махдум ва Шарифҷон-махдум яке аз марказҳои дигари маҷлисҳои зиёиён мадрасаи гузари Лаби Ҳавзи Арбоб буд, ки дар қисми чорӯми асар тасвир шудааст. Ин мадрасаро калонҳои гузар «ғайбатхона» мегуфтанд, зеро аҳли маҷлис ба ғайр аз бозиҳои дилхушӣ бо шиква аз корбарии аҳли дарбор машғул буданд.

Дар ин бора устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» навиштааст, ки: «Бештарини ғайбатҳои онҳо ғайбатҳои шахсӣ набуда, шикоятҳои иҷтимоӣ буд, чунончи аз миршаб, аз қозию раис ва аз амиру аҳли дарбори ӯ ва умуман аз ҳокимони шаҳру саҳро ва аз кирдорҳои бади ба омма зарарноки бойҳо ва эшону муллоҳо шикоят мекарданд» [1, с. 333]. Мунзим, Ҳайрат ва худи Айнӣ аз ширкаткунандагони фаъоли ин «ғайбатҳо» буда, маҳсули кори онҳо мазаммати нокасон дар шакли шеърҳои ҳаҷвиву танқидӣ буд. Яке аз чунин шеърҳои ҳаҷвӣ «Ғӯладинго, дар сари зин менишинӣ хуквор» ном дошт, ки муаллифонаш Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Мирзо Иброҳими Субҳӣ ва Айнӣ онро дар ҳаққи Абдураҳимбеки миршаб гуфта буданд. Мардум онро дар кӯчаву бозор бо шавқ мехонданд:

**Ғӯладинго, дар сари зин менишинӣ хуквор,**
**Ин аҷаб: гургони одамхор дар фармони туст.**
**Хукро фармондеҳи гургон надида ҳеч кас,**
**Ин «шараф» бо хислати гургонаат шоёни туст.**
**Хоҳ бошӣ хук, хоҳӣ гург, моро шуд яқин:**
**Хукбони гургтабъе зишт пуштибони туст.**
**Дуздковӣ чанд? Эй сардастаи дуздон, бишарм,**
**Ин ҳама толон, ки мебинем, аз дуздони туст.**
**Баъд аз ин як хонаи обод натвон ёфтан,**
**Давр агар даври тую «даврон» агар «даврони» туст.**

Устод Айнӣ дар ҳунари чеҳраофаринӣ беназир буд. Ҳарчанд ки дар аксари мауорид чеҳраҳои офаридаи ӯ бо тавсифу ташбеҳҳои хеле мувофиқу муносиб ва ба ҳақиқат наздик офарида шудаанд, дар миёни симоҳои аҳли адаби «Ёддоштҳо» баъзе ашхосе ҳастанд, ки мавриди танзи шадиди муаллиф қарор гирифтаанд. Яке аз онҳо Абдуллохоҷаи Абдӣ, муаллифи «Тазкират-уш-шуаро» аст, ки даъвои шоирӣ низ дошт. Айнӣ дар офаридани симои ӯ муболиғаву иғроқро дареғ надоштааст: «Абдуллохоҷа чунон

қоматбаланд буд, ки монандаш дар Бухоро кам дида мешуд. Ин қади дарози ӯ бо шиками калони ба пеш овезон шудаистодааш ба сафедоре монанд буд, ки ба танаи вай як хуми калонро баста монда бошанд. Риши зардчатобаш он қадар калон набуд, аммо ҳамин тавр менамуд, ки он риш аз бозе, ки бар рӯю манаҳи ӯ рӯйидааст, на рӯйи қайчиро дидааст ва на рӯйи шонаро: торҳояш пилта-пилта бо ҳам печида, ба печакҳо ҷудо шуда меистоданд ва он печакҳо тоб хӯрда, ба поин овезон шуда, нӯгҳошон ба боло ҳалқа зада, чунон хам хӯрда меистоданд, ки ба назари кас каловаҳои чигилшударо ҷилва медоданд» [1, с. 427].

Барои пурра кардани қиёфаи Абдуллоxоҷа Айнӣ қариб ним сафҳаро ба тасвири дастори ӯ мебахшад. Ва ниҳоят тасвири чеҳраи Абдуллохоҷаро чунин ба итмом мерасонад: «Қиёфаи Абдуллохоҷаро чашму биниаш ҳам нафратангез карда буданд: аз чашмони ӯ кам-кам об мерафт, ки он обҳо ба рӯйи сафеди бенураш шорида фуромада, баъд аз хушкидан шӯра зада меистоданд. Аз сӯроххои биниаш ҳам ҳамеша об шорида, ба тарафи лабаш мерафт. Аммо ӯ ба ин ҳол парвое надошт. Фақат гоҳо аз биниаш хуррос-занон ба боло ҳаво кашида, ягон сония шоридани он обро бозмедошт. Тарафдорони ӯ мегуфтанд, ки азбаски фикри ӯ ҳамеша ба маъниҳои олӣ банд аст, афшонда пок кардани биниаш ба хотираш намерасад» [1, с. 427]. Маълум аст, ки мағруриву кибри Абдуллохоҷа боиси дилмондагии мардум, аз ҷумла муаллифи «Ёддоштҳо» шуда, шеъри ҳаҷвии Ҳайрат низ чун далели манфурии ин шахс дар ин маврид замима шудааст:

**Эй ҳар хами дастори ту бозори калова,**
**Риши ту ба бозори каловаст илова.**
**Рухсори ту як шиттазаминест пур аз заҳ,**
**Бинии ту дар заҳкаши он қитъа чу нова.**
**Сар ҳамчу каду холию аз ҳарза даҳон пур,**
**Қомат чу шутур навчаю ишкам чу каҷова.**

**Ё қомати тулонии ту чӯбаи байрақ,**
**Дастор бар он чун ялави байрақи Кова.**
**Дар гӯшаи чашмони ту чиркобаи ҳаммом,**
**Дар тешуки бинии ту лойобаи чова.**
**Атвори ту чун вахшиву андоми ту манфур,**
**Кирдори ту бемаъниву гуфтори ту ёва.**

Яке аз шахсиятҳои бузурги илм ва адаби замон, ки дар «Ёддоштҳо» симои ӯ ҷолиб ва мукаммал офарида шудааст, Аҳмади Дониш мебошад. Аз қисми аввал то қисми охири асар муаллиф ба ҳар муносибате борҳо номи ӯро зикр мекунад ё порае аз хотироти худаш ё дигаронро нақл менамояд. Бори аввал номи ӯ дар муносибат бо Қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир зикр мешавад, ки ӯ «аз ҳамфикрони Аҳмад-махдуми Дониш буд» [1, с. 59]. Дар қисми дувум бобе таҳти унвони «Одами аҷиб» ҷой дода шудааст, ки дар он Садриддин Айнӣ симои зоҳирӣ ва баъзе нишонаҳои хулқу хӯйи Аҳмади Донишро тасвир менамояд: «Ин одам қомати баланде дошт, баландии қоматаш ба дараҷае, ки ҷомаи банораси подшоҳии дар тан доштааш баробари зонуяш буд ва ҳол он ки ин гуна ҷома дар тани одамони одӣ ба замин мерасид. Тани ин одам ба тарзе пурра буд, ки баландии қоматаш он қадар ҳис карда намешуд ва ба назар миёнақад менамуд. Гӯё дарзии табиат дарозии қаду бари ин касро ба як андозаи бисёр муносиб бурида дӯхта буд. Гардани ин кас ҳам мувофиқи қадаш дароз ва муносиби баданаш пурра буд.

Аммо сари ин одам аз одат берун калон буд. Шояд бори он каллаи калон ба он гардани дароз, бо вуҷуди пурра будани он, вазнинӣ мекарда бошад, ки дар вақти роҳ рафтан гарданаш гоҳ ба ин тараф ва гоҳ ба он тараф хам мехӯрд ва гӯё гардан мехост, ки дар бардоштани он сар аз бозувони соҳибаш мадад гирад.

Рӯйи ин шахс сабзина ва пурра буд ва бо вуҷуди ин ки синни ин касро аз шаст боло тахмин кардан мумкин буд,

ба рӯяш он қадар чинҳои ҳискардашаванда наменамуд. Риши ӯ миёна ва кулӯта (лӯнда) буда, торҳои сафедаш аз сиёҳиаш бештар менамуд.

Ин кас дар даст асои русӣ (палка) дошт. Азбаски палкаҳо қомати одамҳои одиро ба назар гирифта сохта шудаанд, он палка дар дасти он одами қоматбаланд қадре кӯтоҳӣ мекард ва дар вақти ба он палка такя карда қадам монданаш қадаш ба тарафи палка андак хам мехӯрд» [1, с. 173].

М. Шакурӣ дар асари худ «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии «Ёддоштҳо» дар бораи маҳорати устод Айнӣ дар тасвири симои Аҳмади Дониш тадқиқоти муфассале анҷом дода, қайд мекунад, ки: «Образи Аҳмади Дониш дар «Ёддоштҳо» хеле пурра ва ҳарҷониба тасвир гардидааст. Нависанда ӯро бо роҳҳои гуногун, ба воситаи шахсу воқиаҳои бисёре, ба муносибати масъалаҳои мухталиф, ки ба чандин ҷиҳати ҳаёти онвақта дахл доранд, нишон додааст. Ҳамаи инҳо дар пеши назари мо симои чунин мутафаккири бузургеро намоён мекунанд, ки ба ҳаёт назари наве дошта, барои аз роҳи пешрафти ҷамъият гирифта партофтани монеаҳо мардонавор мубориза мебарад» [7, с. 109]. Дарвоқеъ, устод Айнӣ сайъ намудааст, ки симои Аҳмади Донишро аз назари ашхоси гуногунақида нишон диҳад. Ба пиндори баъзеҳо, ӯ «коҳин», «кофир», «шогирди шайтон» буд. Бархи дигар ӯро «бузургтарин донишманди замон» шинохта буданд. Манзараи гирифтани моҳ, пешгӯйии Аҳмади Дониш аз рӯйи ҳисобҳои илмӣ, тасвири ҳавлии Аҳмади Дониш ва тарҳи зебои ин ҳавлӣ, ки маҳсули кори соҳибаш буд, муносибати ӯ бо мардум, аз ҷумла бо гурӯҳи домуллоҳои мутаассиб, ки барои тутхӯрӣ ба манзили ӯ рафта буданд ва дар ҳаққаш бадгӯӣ мекарданд, дар ин қисмати асар хеле матлабҳоро барои шинохти ӯ равшан мекунад. Дар қисми севуми «Ёддоштҳо» устод Айнӣ суханро аз Шарифҷон-махдум ва ҳамсуҳбатони ӯ сар кар-

да, номи ӯро дар қатори он нафарони намоёне мебарад, ки дар маҳфилҳо ҳамеша зикри хайрашон мерафт. Муаллиф иқрор мешавад, ки аз шунидани ҳарфҳои нақиз ва зидди якдигар дар бораи ӯ дар ҳайрат монда буд, вале аз он сабаб, ки «аҳли маҷлисҳои Шарифҷон-махдумро одамони дурусткор медонист», мехост ҳарчи бештар дар бораи Аҳмади Дониш маълумот пайдо кунад. Ин аст, ки аз нақлҳои Шарифҷон-махдум ва Ҳомидбеки Ҳомид дар бораи тарҷумаи ҳоли Аҳмади Дониш, ҳунари лаввоҳӣ, ҷадвалкашӣ ва рассомии ӯ, «тарзи зиндагонии шабонарӯзӣ ва ҳафтагии Аҳмад-махдум», қиссаи мурочиати тоҷири афғон барои фолкушоӣ, «саёҳати солонаи Аҳмад-махдум» ва «шеърҳои ҳаҷвии Аҳмад-махдум» як силсила воқеаҳои ҷолиб дар бораи зиндагӣ ва корҳои ин донишманд ба даст меоянд.

Дар қисми чаҳоруми асар низ ду боби дигар ба Аҳмади Дониш ихтисос ёфтаанд, ки яке «Хабари вафоти Аҳмади Дониш» ва дигар «Аввалин шиносоии ман бо калонтарин асари Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ» мебошад. Агар дар боби аввал сухан дар бораи вафоти Аҳмади Дониш ва таъсири ин хабар ба муаллиф, ташрифи ӯ ба бошишгоҳи ғиждувонии Аҳмад-махдум ва шиносоӣ бо дафтари мусаввадаҳои ӯ равад, боби дигар оид ба калонтарин асари нависанда «Наводир-ул-вақоеъ» ва қиссаи рӯйнавис шудани он аз ҷониби Абдулвоҳиди Мунзим буда, аз рӯйи услуби нигориш бештар ба тадқиқоти илмӣ шабоҳат дорад. Дар ин миён маълумоти хеле ҷолиб дар бораи Сиддиқхони Ҳашмат, додари амир Абдулаҳад, низ оварда мешавад, ки як нусхаи ин китоби бо дасти худи Аҳмади Дониш ба қалам омада, ба ӯ тақдим шуда будааст. Ҳашмат дар ин қисми «Ёддоштҳо» ҳамчун ҷавонмарди пурмутолиа ва соҳиби китобхонаи ғанӣ муаррифӣ шудааст.

Чунонки мебинем, дар «Ёддоштҳо» симои ашхоси зиёди илмиву адабии замон таҷассум ёфтааст, аммо дар

миёни даҳҳо нафар аҳли адаб чеҳраи худи муаллифи асар – Садриддин Айнӣ низ басо барҷаста пеши назар падид меояд. Аз замони чор-панҷсолагӣ то биступанҷсолагӣ батадриҷ ҷаҳони маънавии ӯ, муҳите, ки тарбияи ёфтаву ба воя расидааст, андешаву афкор, таҳаввули шуури ӯ дар асар инъикос меёбад. Овони тифлӣ, мактаби нахустин, дарсҳои аввалин, сабақҳои падар, ошноӣ бо аҳли зиё, вуруд ба ҳаёти иҷтимоии мардум, мубориза бо мушкилоти зиндагӣ, гирифторӣ ба бемориҳои сироятӣ, аз даст додани волидайну ақрабо ва дӯстони наздик – ҳамаи ин воқеаҳо ва ҳаводиси айём водор мекунанд, ки Садриддин марҳала ба марҳала чашми ибратбин ва воқеъбини худро ба зиндагӣ боз кунад, аз як кӯдаки мушоҳидакор ба як ҷавони ҳушманд табдил ёбад. Агар дар аввалҳо дар маҳфилҳои Садри Зиё ӯ як пешхидмати одие, ки сомеи маҷлис будан барояш мояи ифтихор бошад, тадриҷан яке аз фаъолони маҳфилҳои аҳли адабу зиёиёни Бухоро мешавад.

Аллакай дар замони наврасӣ ҳисси кунҷковӣ, расидан ба маънии шеър ва таваҷҷуҳ ба таносуби сухан дар дили ӯ бедор мешавад. Маҳфили бедилхонӣ, ки дар деҳаи Соктаре бо иштироки Мулло Шоҳи Дарвозӣ [1, с. 194] мегузарад, лаёқати сухансанҷӣ ва шеърфаҳмии Садриддинро бештар ошкор мекунад. Вақте домулло байти Бедилро чунин мехонад:

**Нашъаи сад хум шароб аз чашми мастат ғамзае,**
**Хунбаҳои сад чу ман аз ҷилваҳоят як адо.**

Садриддин халали маъниро зуд пай мебарад ва дарк мекунад, ки ба ҷойи «чу ман» бояд «чаман» оварда шавад. Дар байти дигар ҳам хатойи котиб ва хонандаро фавран дарк мекунад:

**Теғи мижгонат ба оби ноз доман мекашад,**
**Чашми махмурат ба хуни нок мебандад ҳино.**

Тибқи шарҳи домулло, «даруни нок бояд пурхун бошад», аммо дар асл ба ҷойи «нок» бояд «ток» навишта шавад [1, с. 195].

Ӯ аз як навраси таъсирпазир то ба як ҷавонмарди таҳлилгару мубориз ва таъсиргузор ба афкори ҷомеа рушд мекунад. Садриддин андешаҳои худро дар мавриди адабиёт ва маориф, барномаҳои мактабҳо ва усули тадрис баён карда, ҳаводорону мухлисони зиёде пайдо мекунад.

Албатта, барои расидан ба ин марҳалаи бедории фикрӣ нақши Садри Зиё ва хоса Аҳмади Дониш хеле бузург буд. Чунончи, дар бораи таъсири «Наводир-ул-вақоеъ» Айнӣ менависад, ки «шиносоии ман ба «Наводир-ул-вақоеъ» дар ман танҳо инқилоби фикриро бедор карда намонд, балки ба сарам савдои насрнависшавиро ҳам андохт. Дар ҳамон вақтҳо ман орзу мекардам, ки бояд кас насрнавис шавад ва агар ин мақсад ба даст дарояд, монанди Аҳмад-махдум насрнавис шавад, ки воқеаҳоро дар пеши хонанда бо забони сода муҷассам кунонда нишон дода тавонад» [1, с. 560].

Барои мушоҳидаи ҷараёни ҳаёти адабии Айнӣ бобҳои махсусе, ки дар қисмҳои севум ва чаҳоруми «Ёддоштҳо» таҳти унвони «Машғулиятҳои илмӣ ва адабии ман» омада, рӯзгори ӯро дар Мадрасаи Олимҷон, Мадрасаи Бадалбек ва мадрасаи Ҳоҷӣ Зоҳид инъикос намудаанд, инчунин масъалаи интихоби тахаллус ва мисли инҳо имкони бештар фароҳам меоранд.

Ҳамин тариқ, дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ як манзараи куллии ҳаёти адабии Бухоро дар охири садаи нуздаҳ ва солҳои аввали садаи бист таҷасссум меёбад. Ҷолиб он аст, ки ҳарчанд дар ҳама маврид назари шахсии муаллифи асар ва муносибати ӯ ба адибон ифода мегардад, чашми мушоҳидакор ва қалами ҳақиқатнигори нависанда симоҳои адибон, мулоқоту нишасту базмҳои онҳо, саҳнаҳои зиндагии онҳоро чунон боварибахш ва боэътимод тасвир мекунад, ки хонанда худро дар ин муҳит тасаввур карда, қадам ба қадам аз пайи адиб ба манзили шоирон ва маҷли-

си онҳо меравад, ҳамроҳи онҳо ба муборизаҳои иҷтимоӣ ворид мешавад, ҳини танзу истеҳзо беихтиёр симоҳои хандаоварро пеши назар меорад. Дар маҷмуъ муаллиф симои чанд гурӯҳи адибонро ба қалам меорад. Аввалан, адибони тавоно ва соҳибҳунаре, ки чеҳра ва корномаашон хеле муфассал дар сафаҳоти асар ҷузъ-ҷузъ офарида мешавад. Инҳо пеш аз ҳама Шарифҷон-махдум ва Аҳмад-махдуми Донишанд. Таваҷҷуҳи муаллифро ба онҳо иқтибосҳои пайдарпай аз тазкираи Садри Зиё ва нақли ҳикоёт аз зиндагии Аҳмад-махдум собит мекунад. Гурӯҳи дигарро дӯстони наздики шоир Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, Ҳайрат, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Аҳмадҷони Ҳамдӣ ва дигарон ташкил медиҳанд, ки нависанда бо онҳо вақти зиёди худро гузаронида, аз ашъори онҳо, хусусан, аз Ҳайрат, намунаҳои зиёде овардааст. Гурӯҳи севум шоирони соҳибҳунаре ҳастанд, ки нависанда ба онҳо назари некбинона дорад, мисли Шамсиддини Шоҳин, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Мирзо Ҳайитбеки Саҳбо, Исо-махдум, Садри Сарир. Гурӯҳи чаҳорум шоирони ҳалқаи Шарифҷон-махдум, ки сатҳи ҳунарашон гуногун, вале дар масъалаҳои иҷтимоӣ бо ӯ ҳамназар буданд, мисли Абдулмаҷиди Зуфунун, Яҳёхоҷа, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Абдуллохоҳҷаи Таҳсин, Қорӣ Абдулкарими Офарин (Дӯзахӣ), Мирзо Азими Сомии Бӯстонӣ, Азизхоҷаи Азиз. Гурӯҳи панҷум, шоирони аҳли дарбор мисли Мулло Назруллои Лутфӣ, Мулло Дӯст, Мирзо Шамсиддини Доӣ, Идрисхоҷаи Роҷӣ ва худи амир Абдулаҳадхон, ки бо тахаллуси Оҷиз шеър менавишт. Гурӯҳи шашум шоирони беҳунаре мисли Ваҳшӣ, Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, Мулло Бурҳони Муштоқӣ, Иброҳими Осим, Мулло Холӣ, Мулло Қурбони Ҷонӣ ва чанд шоири гумноми дигар, ки дар бораи аксари онҳо нависанда бо услуби танзомез навиштааст.

Бо вуҷуди он ки баъзе аз ин шоирон бухороиасл набуданд (мисли Шамсиддини Шоҳин, Мулло Бурҳони

Бисмил, Холӣ, Ҷонӣ), ба Бухоро бо сабабе омада ва ба доираи адабии Бухоро пайваста, замоне дар ин шаҳр иқомат доштаанд. Ин нуктаҳо бори дигар собит мекунанд, ки «Ёддоштҳо» манбаи боэътимоди шинохти адибони ҳавзаи адабии Бухоро дар охири садаи XIX-ибтидои садаи XX мебошад.

**Пайнавишт:**

1. *Айнӣ, С*. Ёддоштҳо. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009. – 680 с.

2. *Айнӣ, С*. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе: 2010. – 420 с.

3. *Ҳодизода, Р*. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX. – Душанбе: Дониш, 1968. – 295 с.

4. *Хадизаде Р*. Источники к изучению таджикской литературы второй половины XIX века. – Сталинабад: Таджгосиздат., 1956. – 138 с.

5. *Хӯҷақулов, С*. Адабиёти давраи бедории миллӣ. Нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX. – Тошкент: «Ӯзбекистон миллий энсиклопедияси» Давлат илмий нашриёти, 2015. – 360 с.

6. *Хӯҷақулов, С*. Таҳаввули жанрҳои лирикӣ дар адабиёти нимаи дуввуми асри XIX ва ибтидои асри XX. – Самарқанд: нашри СамДУ. – 216 с.

7. *Шукуров, М*. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Дониш,1966. – 252 с.

# «БӮЙИ ҶӮЙИ МӮЛИЁН» ВА НАЗАРИ ИНТИҚОДИИ УСТОД АЙНӢ БА ТАЗКИРАИ ДАВЛАТШОҲӢ

Қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён»-ро кулли муҳаққиқон аз шоҳкориҳои устод Рӯдакӣ маҳсуб мекунанд. Ҳарчанд дар мавриди «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» ё «боди ҷӯйи Мӯлиён» будани он баҳсҳои зиёде сурат гирифта, ҳар кас бо такя ба манобеъе, ки муътамад медонад, изҳори назар мекунад [4; 8; 11; 14], шуҳрати оламгири ин қасида бидуни тардид зикр мешавад. Ҳамчунин ривоят оид ба таърихи таълиф ва таъсири ин қасида ба Амир Наср ва баргаштани ӯ ба Бухоро низ аз ҷониби бархе донишмандон мавриди баҳс қарор гирифтааст. Чунончи, ривояти мазкурро Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола», Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар «Лубоб-ул-албоб», Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Баҳористон», Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» ва дигарон ба ҳам монанд нақл кардаанд, аммо донишмандоне монанди Бадеуззамони Фурӯзонфар ва Муҳаммад Муин дурустии онро зери шубҳа мегузоранд. Масъалаи асари комил ва ё порае аз қасидаи бузургҳаҷм будани он низ ҳанӯз нотамом аст. Ишораи Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» дар бораи он ки «ин қасидаест тавил ва эроди маҷмуи онро ин китоб таҳаммул наёварад» [6, с. 49] аз он дарак медиҳад, ки муаллифи тазкира шакли комили ин қасидаро дар даст доштааст. Аммо бархе аз муҳаққиқон, аз ҷумла профессор А. Сайфуллоев онро «як қасидаи кӯчаки… моҳиятан ба қасидаҳои бузург ва мукаммали шоир баробар» мешуморанд [12, с. 255].

Бояд гуфт, ки дар ин мақола сухан аз ин баҳсҳо нест. Сухан дар бораи он аст, ки устод Садриддин Айнӣ назари Давлатшоҳи Самарқандиро оид ба қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» чӣ гуна қабул кардааст. Оё назари Давлатшоҳи Самарқандӣ воқеан чунин аст, ки устод Айнӣ тавзеҳ ме-

диҳад? Ба назари мо, ин ҷо се масъалаи асосӣ бояд матраҳ шавад. Якум, назари Давлатшоҳи Самарақандӣ дар бораи таълиф ва таъсири «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» ба амир бо андешаи Айнӣ то чӣ андоза мувофиқ аст? Дувум, оё Давлатшоҳ қасидаи мазкури Рӯдакиро «паст» гуфтааст ё не? Ва севум, ҳунари шоирӣ аз назари Давлатшоҳ ва Айнӣ оё ба ҳам мувофиқанд?

Айнӣ дар мақолаи «Устод Рӯдакӣ» пас аз нақли ривоят дар бораи он ки бо хоҳиши аҳли рикоб Рӯдакӣ соз менавозад ва бадоҳатан ин қасидаи машҳурро мехонад, ки аз таъсири он шоҳ Наср ибни Аҳмади Сомонӣ фавран ба сафари Бухоро озим мегардад, қайд мекунад, ки «дар омади гап ҳаминро гуфтан даркор аст, ки Давлатшоҳи Самарқандӣ дар тазкираи худ ба рост будани ин ҳикоя шубҳа мекунад ва ба ин сода будан ва аз қувваи таъсир холӣ будани ин қасидаро далел меорад ва мегӯяд, ки: «Агар дар замони мо шоире монанди ин як шеърро дар маҷлиси подшоҳон ва амирон арз кунад, ӯро рад мекунанд ва аҷаб нест, ки ин таъсир аз музика омада бошад» [1, с. 140].

Ҷойи таъкид аст, ки дар тазкираи Давлатшоҳи Самарқандӣ бузургии устод Рӯдакӣ ҳам аз назари саромади шеъри форсӣ буданаш, ҳам аз назари аввалин шоири соҳибдевон эътироф шуданаш, инчунин ҳунари маснависароӣ ва қасидагӯйиаш таъкид мешавад ва бар истинод ба ин далелҳо соҳиби тазкира воҷиб мешуморад, ки асараш ибтидо аз Рӯдакӣ бигирад ва устодро барҳақ «азимушшаън ва мақбули хосу ом» меномад [6, с. 48-49].

Дар мавриди он ки ба пиндори устод Айнӣ, Давлатшоҳ ба рост будани ин ҳикоя шубҳа мекунад, тааммуқ ба матни тазкира мебояд. Давлатшоҳ баъд аз нақли ривоят дар бораи таърихи таълифи ин қасида ва овардани матни он менависад, ки: «Гӯянд, амирро чунон ин қасида ба хотир мулоими табъ афтод, ки мӯза дар пой нокарда, савор

шуд ва азимати Бухоро намуд. Ва уқалоро ин ҳолат ба хотир аҷиб менамояд, ки ин назмест сода ва аз саноеу бадоеъ ва матонат орӣ. Чи ки агар дар ин рӯзгор суханваре мисли ин навъ сухан дар маҷлиси салотин ва умаро арз кунад, муставҷиби инкори ҳамагон шавад» [6, с. 49].

Аввал ин ки Давлатшоҳ вақте «уқало» мегӯяд, оё худро низ дар назар дорад ва ё дар маҷмуъ назари ҳамзамононро нисбат ба шеъру шоирӣ ифода мекунад? Мусаннифи тазкира воқеан ҳам гуфтанист, ки донишмандони замонаш бовар намекунанд, ки чунин «назми сода ва аз саноеу бадоеъ ва матонат орӣ» боис шуда бошад, ки амир онҷунон мутаассир аз ин шеър шудааст, ки «мӯза дар пой нокарда» ба сафар баромада бошад. Ин маъниро устод Айнӣ бисёр борикбинона дарк карда, дар бораи ҳунари шоирро зери шубҳа гузоштани Давлатшоҳ хулоса мебарорад, ки ин фикрро аз идомаи мақола метавон дарёфт:

«Мо дар бораи афсонаи хушк будан ё рост будани ин ҳикоя коре надорем ва инчунин зиёд шудани таъсири шеърро ба воситаи музика, хусусан ки навозанда шеъри худашро хонад, ҳеч кас инкор намекунад. Лекин дар бораи паст будани ин қасида ва аз таъсир холӣ будани ин мо ба фикри Давлатшоҳ ҳамроҳ шуда наметавонем» [1, с. 140].

Зимнан, Давлатшоҳ дар ягон ҷойи тазкираи худ қасидаи Рӯдакиро «паст» нагуфтааст, аммо устод Айнӣ аз байни сатрҳо, хоса аз ҷумлаи «ин навъ сухан… муставҷиби инкори ҳамагон шавад», «ин навъ сухан»-ро сухани паст дарёфтааст, ки зоҳиран дуруст аст. Аммо як нуктаи дигар низ дар шарҳи ин матлаб аз қавли тазкиранигор қобили андеша аст, ки мегӯяд, «агар дар ин рӯзгор…». Агар ба тааммуқ бияндешем, «дар ин рӯзгор» ишора ба фикри ҳамзамонони мусанниф дорад ва ба ин масъала поёнтар бармегардем. Ҳоло гуфтан кофист, ки ба фикри мо, андешаи Давлатшоҳ дар бораи он ки «устодро дар автору му-

сиқӣ вуқуфе тамом буда, қавлеву таснифе сохта бошад ва бо оҳанги ағониву соз ин шеърро арз карда ва дар маҳалли қабул афтода бошад. Алқисса, устодро инкор нашояд кард ба муҷарради ин сухан, балки ӯро дар фununи улуму фазоил вуқуф аст ва аз ақсоми шеър қасоиду маснавиро некӯ мегӯяд» [6, с. 49], аз назари эътибори устод Айнӣ дур мондааст. Аз ин сухан бармеояд, ки Давлатшоҳ воқеан ҳам таъсири мусиқӣ ва ҳунари Рӯдакиро дар «ағониву соз» ва ба он созгор омадани шеър зикр мекунад ва хулоса мекунад, ки «устодро инкор нашояд кард ба муҷарради ин сухан». Таркиби «инкор нашояд кард» исбот мекунад, ки Давлатшоҳ ҳаргиз бузургии шоирро инкор карданӣ нест ва мувофиқати шеъру мусиқиро аз фазилатҳои махсуси Рӯдакӣ меҳисобад ва ба таъкид илова мекунад, ки «аз ақсоми шеър қасоиду маснавиро некӯ мегӯяд» [6, с. 49]. Он нукта, ки «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» аз назари навъи адабӣ қасида аст ва Давлатшоҳ ҳунари Рӯдакиро дар қасидасароӣ махсус зикр мекунад, аз он шаҳодат медиҳад, ки ин тазкиранигор ба ҳеч ваҷҳ қасидаи мазкурро «паст» наметавонист гӯяд, хоса дар идома меафзояд, ки «устод Рӯдакӣ азимушшаън ва мақбули хосу ом буда». Ҷойи шак нест, ки ба ин «хосу ом» ӯ худро низ шомил меҳисобад, зеро ҳам оҳанги сухан ва ҳам қоил будан ба эътибору шаъни Рӯдакӣ аз муносибати боэҳтироми Давлатшоҳ ба Одамушшуаро далолат мекунанд.

Ниҳоят, матлаби охирин масъалаи фаҳмиши ҳунари шоирӣ аз назари Давлатшоҳи Самарқандӣ ва устод Айнӣ аст.

Давлатшоҳ, албатта, дар тазкира дар масъалаи назарияи шеър ва илми бадеъ муфассал таваққуф накардааст. Устод Айнӣ назари ӯро ба ин масъала аз баррасиҳо ва баҳои ӯ ба ашъори шоироне, ки ба «Тазкират-уш-шуаро» ворид шудаанд, бо мӯшикофии хоси худ дарёфтааст. Ин аст, ки ӯ ин масъаларо чунин шарҳ медиҳад: «Дар бораи

санъати шеър дар байни танқидчиёни қадими Шарқ ду фикр ҳаст, яке аз онҳо ҳар гуна муболиғаҳои аз ақл берун, ташбеҳ, киноя ва истиораҳои ғайритабиӣ ва лафзбозиро санъат мешуморанд. Давлатшоҳ аз ҳамин ҷумла аст» [1, с. 141]. Аз ин сухан метавон дарёфт, ки устод Айнӣ дар шинохти маҳорати шоирӣ ҷонибдори назари Давлатшоҳ нест ва ба ин нукта вожаву таркибҳое, ки дар зимни худ маънии манфӣ доранд, аз ҷумла «муболиғаҳои аз ақл берун, ташбеҳ, киноя ва истиораҳои ғайритабиӣ ва лафзбозӣ» шаҳодат медиҳанд. Садриддин Айнӣ ҷонибдори гурӯҳи дувум аст, ки «содагӣ ва табиигиро санъат медонанд» ва қайд мекунад, ки муаллифи тазкираи «Оташкада» – Озар аз ин ҷумла аст» [1, с. 141].

Тасдиқи ин фикри устод Айниро дар таҳлили қасидаи мазкур аз ҷониби ӯ мебинем, ки мегӯяд: «Ба фаҳми мо, ин қасида, қатъи назар аз он ки як шеъри дарборист, яке аз шоҳкориҳост, ки тамоми содагии бадеӣ ва ба фаҳм наздики табииро дар бар гирифтааст. Зотан, фазилати шеъри Рӯдакӣ дар ин аст, ки (чунончи, Сомӣ дар «Қомус-ул-аълом» ва ҳам проф. Семёнов дар мақолаи худ мегӯянд) аз муболиғаҳои ғайритабиӣ, аз ташбеҳҳои ботакаллуф, аз киноя ва истиораҳои каснофаҳм ва агар кӯтоҳ карда гӯем, аз ҳама сохтагиҳо ва сохтакориҳо дур аст. Махсусан қасидаи мазкур боз ҳам содатар, табиитар ва дилчасптар афтодааст» [1, с. 141]. Пас, маълум мешавад, ки Айнӣ Давлатшоҳро дар нодурустии назар ва писандидани ӯ «сохтаҳову сохтакориҳоро» айбдор мекунад? Не, Айнӣ бо диққати том, сабабҳои пайдоиши чунин фаҳмишро ҷустуҷӯ мекунад ва Давлатшоҳро чун фарзанди айёме, ки ин навъи саноеи адабиро меписандид, мешиносад. Ба ин маънӣ ӯ шарҳ медиҳад, ки «дар даврае, ки Давлатшоҳ зиндагонӣ мекард, истиора ва кинояҳои каснофаҳм, лафзбозӣ ва муаммо бисёр ривоҷ гирифта буд. Агар мо Ҷомӣ ва чанд нафари дигарро, ки ба соданависӣ шуғл доштанд, истисно кунем,

дигарон машғули лафзбозӣ ва муаммо буданд. Давлатшоҳ дуруст қайд кардааст, ки подшоҳон ва умарои он замон (замони худаш) шеърҳои Рӯдакӣ барин шеърҳои содаро хуш намекарданд» [1, с. 142].

Аммо, дар маҷмуъ, дар бораи он ки андешаҳои Давлатшоҳро дар бораи Рӯдакӣ ӯ қабул надорад, дар асари худ «Ҷавоб ё ин ки мусоҳаба», ки ҷавобе ба тақризи Азизӣ ба «Намунаи адабиёти тоҷик» аст, Айнӣ даъвои пайравӣ ба «тазкиранависони хушомадгӯй»-ро рад карда, назари шахсӣ доштанашро бо он далел исбот менамояд, ки «чунончи дар бораи Рӯдакӣ гуфтаи Давлатшоҳӣ қабул наёфт…» [2, с. 174] ва дар қисмати «Эзоҳот»-и китоб иқтибосе аз «Намунаи адабиёти тоҷик» марбут ба ин масъала меорад: «…Давлатшоҳи Самарқандӣ мисли соири арбоби тазкира ҳарчанд номи Рӯдакиро ба устодӣ ёд карда, аммо ба шеъраш ба назари истихфоф нигоҳ мекунад. Ба фаҳми фақир, шеъри Рӯдакӣ дар камоли равонӣ ва дорои фасоҳат ва балоғат аст, ки ба хонанда ба осонӣ як ҳаяҷони бадее мебахшад, ҳамин аст дараҷаи болои шеър» [3, с. 16-17].

Дар мавриди накди назари устод Айнӣ ҳақ ба ҷониби адабиётшинос С. Аъзамзод аст, ки «нахустин кӯшиши исботи нодурустии фикри пажӯҳишгарон дар мавриди «баҳои» нодурусти Давлатшоҳ ба шеъри Рӯдакӣ дар авалҳои солҳои 80 садаи бист»-ро бо номи профессор Абдунабӣ Satторзода марбут медонад, зеро дар мақолаи ӯ назари донишмандоне мисли «устод Айнӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, Евгений Бертелс, Иосиф Брагинский, Муҳаммад Муин, Зайнулобидини Муътаман ва бархе дигар бо зикри осор ва сафҳаҳои мавриди таваҷҷуҳ» ба доираи баҳс кашида шудаанд [5, с. 14].

Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки устод Садриддин Айнӣ ба тазкираи Давлатшоҳи Самарқандӣ дар мавриди қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» ба чашми танқид нигариста ва яке аз сабабҳои чунин интиқоди шадид идеология

ва ҷаҳонбинии баъдиинқилобии солҳои 20-уми садаи XX будааст, ки назари интиқодиро ба тамоми тазкираҳои муқаррабони дарбор, яъне «тазкиранависони хушомадгӯ» тақозо мекард ва азбаски Давлатшоҳи Самарқандӣ низ аз амирзодагони Самарқанд буд, шояд яке аз омилҳои асосии ба танқиди Айнӣ гирифтор шудани асари ӯ ҳамин баромади иҷтимоӣ ва замони зиндагиаш бошад. Пӯшида нест, ки дар замони зиндагии Давлатшоҳ – садаи XV сабки шеъри форсу тоҷик куллан дигар шуда, сабки хуросонӣ, ки Одамушшуаро поягузори он буд, ҷойи худро ба сабки ироқӣ бо ташбеҳу истиораву кинояву маҷозҳои ғайриоддӣ дод, ки нишони ҳунари воло маҳсуб мешуд.

Хулоса, нақди устод Айнӣ беасос нест, вале ин нақд зодаи мафкураи замони ӯст. Ҳар давру замон назари хоси худро ба шинохти шеър ва ҳунар дорад, аммо бузургии Рӯдакӣ бо он ки меъёрҳои шинохти шеър дар ҳар марҳалаи адабиёт иваз мешаванд, бегазанд боқӣ мемонад.

**Пайнавишт:**

1. *Айнӣ, С*. Устод Рӯдакӣ // Куллиёт. Ҷилди XI, китоби 1. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – С. 129-154.

2. *Айнӣ, С*. Ҷавоб ё ин ки мусоҳаба // Куллиёт. Ҷилди XI, китоби 1. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – С. 129-154.

3. *Айнӣ, С*. Намунаи адабиётитоҷик. – Маскав, 1926. – 626 с.

4. *Аскар Ҳаким*. Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ё боди ҷӯйи Мӯлиён // Адабиёт ва санъат. – 1985. – 24-уми январ.

5. *Аъзамзод, С*. Диди интиқодӣ ба асноди тазкираҳои форсӣ-тоҷикӣ дар ибтидои садаи бист: Нақди назари Давлатшоҳи Самарқандӣ роҷеъ ба як шеъри Рӯдакӣ // Номаи Донишгоҳ: Илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2010. – №4 (24). – С. 3-16; **Ҳамч**. : Нақди шеъри Рӯдакӣ ва тафсири назари Давлатшоҳи Самарқандӣ // Адабиёт ва маърифати нақд: Маҷмуаи мақолаҳо. – Хуҷанд: Анис, 2012. – С. 24-36.

6.*Давлатшоҳи Самарқандӣ*. Тазкират-уш-шуаро. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 544 с.

7.Донишномаи Рӯдакӣ. Ҷилди 1. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ, 2008. – 589 с.

8.*Мирзоев, А*. Боз дар атрофи як қасидаи Рӯдакӣ // Маориф ва маданият. – 1971. – 18-уми ноябр.

9.*Насриддин, А*. Рӯдакӣ (нусхашиносӣ ва нақду баррасии ашъори бозмонда). – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 1999. – 395 с.

10. *Нафисӣ, С*. Аҳвол ва ашъори Абуабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакии Самарқандӣ. Ҷилди 3. – Теҳрон, 1319.

11. *Риёхи, М. А*. Аромат реки Мулиян // Рудаки и 1000 лет персидской поэзии: Матер. международной конференции, г. Алматы, 4-5-го ноября 2008 г. – Алматы, 2017. – С. 353-365.

12. *Сайфуллоев, А*. Қасидаҳои Рӯдакӣ // Маҷмуаи мақолоти ҳамоиши байналмилалии «Ҷойгоҳи Рӯдакӣ ва забони тоҷикӣ дар муколамаи фарҳангҳо» (28-29-уми майи соли 2008, Хуҷанд). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. – С. 253-271

13. *Сатторзода, А*. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ. – Душанбе: Адиб, 2001.

14. *Хуросонӣ, Алии Муҳаммадӣ*. Қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» ва маохизи қаламии он // Маҷмуаи мақолоти ҳамоиши байналмилалии «Ҷойгоҳи Рӯдакӣ ва забони тоҷикӣ дар муколамаи фарҳангҳо» (Хуҷанд, 28-29-уми майи соли 2008). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. – С. 339-348.

# НАҚШИ УСТОД САДРИДДИН АЙНӢ ДАР ТАҲКИМ ВА РУШДИ РОБИТАҲОИ АДАБИИ ТОҶИКУ РУС

Шахсияти тавонои адабӣ ҳамеша рисолати раҳкушоӣ дорад. Бо вуҷуди он ки устод Садриддин Айнӣ бо сабаби надонистани забони русӣ хеле дер ба омӯзиши адабиёти рус шурӯъ кард, дар як фурсати кӯтоҳ беҳтарин дастовардҳои ин адабиётро фаро гирифт ва дар саргаҳи робитаҳои адабии тоҷику рус ҷойгоҳи шоиста пайдо намуд. Ошноӣ бо Максим Горкий дар анҷумани аввалини нависандагони шуравӣ соли 1934, шиносоӣ бо ашъори Пушкин ва Маяковский барои Айнӣ ба сифати мактаби бузурги адабӣ хидмат карданд ва таъсири ин авомил ба андозае буд, ки устод барои ҳар кадом аз ин бузургони адабиёти рус шеъри алоҳида иншо намуд.

Айнӣ сардафтари адабиёти классикии рус А. С. Пушкинро самбули шоирони озодисаро шинохта, дар шеъри «Ба Пушкин» (бори аввал дар маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ», 1937, № 2 чоп шудааст), ки аз 108 мисраъ иборат аст, роҷеъ ба таърихи халқи рус ва муборизаи ӯ бар зидди бедодиву зулм андеша меронад. Шоир нақши Пушкинро барои пешбурди ҳаракати озодихоҳии мардум таъкид намуда, душманони ӯро сифлаву дун меномад. Ба назари ӯ, ин «гурӯҳи сифла», ба мисли «зоғ», «афъӣ», «саги девона» ҳастанд, онҳо шабеҳи «шаббарае» ҳастанд, ки аз нури офтоб ҳарос доранд. Ин фурӯмоягон «рӯбаҳсон» шоири бузургро ба доми тазвир кашида, мисли «бӯзинагон» дар атрофи ӯ ҳалқа заданд. Айнӣ Пушкинро дар муқобили ин тӯдаи бадкирдорон гузошта, шоири озодисароро ба «андалеби хушсадо», «товуси дилфиреб», «наррашер» шабеҳ мебинад ва ӯро «шоири зуқадру зуфунун» меномад.

**Дар он замони тираи пурзулму пурзулом**
**Пушкин намуд рӯй чу моҳ аз таги ғиём.**
**Тобанда буд моҳи даҳо аз даруни ӯ,**
**Рахшанда буд меҳри сафо аз буруни ӯ.**
**Ӯ аз сафову ҳилму муҳаббат сиришта буд,**
**Дилро зи гарду кину ҳасад пок шуста буд.**
**То соҳибу саводу мидоду қалам шуд ӯ,**
**Дар шоирӣ ба мардуми олам алам шуд ӯ [2, с. 353].**

Дар ҳамин шеър ӯ ба ҷуръати шоири дигари рус М. Ю. Лермонтов низ аҳсан мехонад ва хидмати ӯро ба ҳайси идомадиҳандаи кори Пушкин зикр мекунад.

Дар шеъри «Шоистаи ҳурмат», ки ба муносибати 40-солагии фаъолияти адабии Максим Горкий навишта шуда, соли 1932 дар маҷаллаи адабии «Барои адабиёти сотсиалистӣ» интишор ёфтааст, устод Айнӣ бо маҳорати хос намунаи қолиби шеъри навро пешниҳод мекунад ва дар он симои Горкийро хеле зиндаву рӯшан ба қалам медиҳад:

**Шамшерқалам, тирсухан, барқтафаккур,**
**Шогирди рашиди университети тадаббур.**
**Пешонаи восеъ зи тафаккур шуда чин-чин,**
**Чашмони дурахшон диалектик-ҷаҳонбин.**
**Бо кӯшиши чилсолаи ин пири куҳансол**
**Шаҳбози ҷаҳонсайди адаб ёфт пару бол.**
**[2, ч. 8, с. 318]**

Тавсифҳои мураккаби «шамшерқалам», «тирсухан», «барқтафаккур» хеле баҷо ва мувофиқ омада, сифатҳои ин адиби инқилобиро комилан саҳеҳ ифода кардаанд. Робитаву дӯстии Айнӣ ва Максим Горкий, мулоқотҳову суҳбатҳо ва ҳамкориҳо барои Айнӣ дар кори навоварии эҷодӣ басо судманд омаданд ва ӯ ин нуктаро дар тамоми қайдҳову хотироташ оид ба Горкий, инчунин дар мактуби кушодаш ба Пӯлод Толис ёдовар шуда, зарурати омӯзиши таълимоти адиби русро таъкид менамояд.

Шеъри «Ба Маяковский» (1950) дар маҷаллаи «Шарқи сурх» ба табъ расид. Дар ин шеъри ниҳоят самимӣ устод Айнӣ ба Маяковский муроҷиат карда мегӯяд, ки:

**Сиву ду сол пеш аз ин рӯзе –**
**Шеърҳои туро шунидам ман,**
**З-он ба конуни синаам сӯзе –**
**Зад забона, шарора чидам ман.**

Сиву ду сол пеш, яъне соли 1918, замони инқилоб ва аввалин шеърҳои инқилобӣ, дигар шудани сохт ва муҳтавои шеър буд. Ашъори Маяковский ифодагари ғояҳои инқилобӣ ва намунаи шеъри нав буда, ба устод Айнӣ воқеан хеле таъсир гузошт. Бинобар ин, бо гузашти замон устод Айнӣ Маяковскийро боз ҳам ба ҳайси як ситораи пурнуре мебинад, ки ҷовидон дар осмони шеър нурпошӣ мекунад:

**Шеърҳои ту асрҳои дароз –**
**Нурпошандаанд чун парвин.**
**Маяковский – ин чӣ ном аст?**
**Ин,**
**Шуълаи инқилоби хасмгудоз [2, с. 446].**

Ба ғайр аз ашъоре, ки ёд шуд, ошноии бевосита бо адибону олимони рус Л. Леонов, Н. Зорин, В. Шкловский, И. С. Брагинский, П. Лукницкий ва дигарон низ барои таҳкими робитаҳои адабиёти тоҷику рус мусоидат карданд. Академик Е. Н. Павловский устод Айниро шоир ва олими барҷаста меҳисобад [14, с. 61], П. Лукницкий ҳануз соли 1953 ӯро «қаҳрамони халқи тоҷик» эътироф намуда буд [11, с. 65], В. Шкловский ӯро «шаҳпули гузаштаю ҳозира» меномад [18, с. 69]. Нависандаи шаҳир Леонид Леонов менависад, ки «Ёддоштҳо» чизҳои майда-чуйдаю тасодуфӣ не, ҳарчанд ки онҳо хеле аҷибу шавқоваранд, балки тасвири пурвусъат ва мукаммали ҳаётро дар бар гирифтаанд. Аз рӯйи қудрати умумиятдиҳии бадеӣ, ҳикматнокии фикр ва маҳорати баланди адабӣ китоби Айнӣ дар адабиёти уму-

миittифоқии мо ҳодисаи муҳим ба шумор меравад» [10, с. 62].

Нахустин асарҳои Айнӣ аз соли 1929 аз повести «Одина» сар карда, ба забони русӣ тарҷума шуданд.

Маҷмуи осори Айнӣ ба забони русӣ то имрӯз борҳо дар шакли китобҳои алоҳида ва ду маротиба, бори аввал дар 4 ҷилд (Москва, Известия, 1960-1961) ва бори дувум дар 6 ҷилд (Москва, «Художественная литература», 1971-1975) интишор ёфтааст. Аксари асарҳои бузурги ӯ ба забони русӣ тарҷума шудаанд. Чунончи, тарҷумаи «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам»-ро И. С. Брагинский, романи «Дохунда»-ро О. Эрберг, «Мактаби кӯҳна», «Ғуломон»-ро С. Бородин, «Ҷаллодони Бухоро»-ро В. Панкина, «Одина»-ро З. Хацревин, «Аҳмади девбанд», «Марги судхур»-ро О. Сухарева, «Ятим»-ро Т. Голтс, ашъори ӯро С. Липкин, И. Селвинский, П. Карп, В. Державин, М. Фофанова ва дигарон тарҷума кардаанд. Маҳз тарҷумаҳои русӣ минбаъд барои муаррифии асарҳои Айнӣ ба забонҳои дигар, бахусус, забонҳои франсавӣ, олмонӣ, инглисӣ ва ғайра мусоидат карданд.

Албатта, барои шинохти Айнӣ дар Русия китобҳое, ки дар бораи ӯ ба ин забон интишор ёфтанд, нақши шоиста доранд. Дар радифи ин китобҳо пеш аз ҳама «Садриддин Айнӣ», ки дар силсиланашри «ЖЗЛ»- «Зиндагии одамони наҷиб», ки онро соли 1933 Максим Горкий асос гузошта буд, бояд номбар шавад. Ин асар аз ҷониби Юсуф Акобиров ва Шавкат Ҳарисов таълиф шуда, бо теъдоди 100 000 нусха аз чоп баромад ва китоби 454-уми силсила буд [4]. Дар чунин силсилаи машҳур ва бо фарогирии маводи хеле ҷолиби саргузаштӣ интишор ёфтани китоб номи устод Айниро ба хосу ом шиносонид.

Китоби дигар «Бо чашми виҷдон» [17] низ ҳамон сол – 1978 дар солҷашни 100-солагии Садриддин Айнӣ аз ҷо-

ниби Радий Фиш ва Раҳим Ҳошим ба забони русӣ навишта шуд ва чунон ки худи муаллифон қайд кардаанд, дар он ҳолномаи устод дар асоси ҳуҷҷатҳо, номаҳо ва ёддоштҳо ба қалам омадааст. Асар дар шакли илмиву бадеӣ таълиф ёфта, дар он дар бораи рӯзгори асосгузори адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ дар аморати Бухоро, иштироки ӯ дар ҳаракати маорифпарварӣ ва инқилоби Бухоро, фаъолияти адабии устод ва сарварии ӯ ба Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти хеле ҷолиб гирд оварда шудааст.

Аз асарҳои сирф илмии муҳаққиқони рус, ки ба фаъолияти адабии устод Айнӣ ихтисос ёфтаанд, пеш аз ҳама бояд таълифоти И. С. Брагинский номбар шавад. Дар китобу мақолоти алоҳидаи ин шарқшиноси маъруф, ки тамоми зиндагиашро ба омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти форсу тоҷик сарф кардааст, айнишиносӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Нахустин асарҳои ӯ «Садриддин Айнӣ. Мавод оид ба тарҷумаи ҳол ва хусусиятҳои эҷодиёт» (Сталинобод, 1948) ва «Садриддин Айнӣ. Очерки зиндагӣ ва эҷодиёти ӯ» (Душанбе, 1954) мебошанд. Дере нагузашта китобҳои дигари ӯ «Зиндагӣ ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ» (М. , 1959), «Ҳаёт ва эҷодиёти С. Айнӣ» (Душанбе, 1968, ба забони тоҷикӣ), «Масъалаҳои эҷодиёти Садриддин Айнӣ» (Душанбе, 1976), «Аз Авасто то Айнӣ» (Душанбе, 1981) ва мақолоти ӯ дар маҷмуаҳои гуногун, аз ҷумла «Дар бораи хусусиятҳои миллӣ ва байналмилалии эҷодиёти Садриддин Айнӣ» [1963), «Ду шеъри Садриддин Айнӣ» [1968), «Садриддин Айнӣ» (дар Энсиклопедияи бузурги шуравӣ, 1969), Садриддин Айнӣ» (пешгуфтор дар ҷ. 1, 1971), «Охирсухан» (ҷ. 6, 1975), «Дар бораи моҳияти эҷодиёти С. Айнӣ» (1978) «Натиҷаҳо ва дурнамои айнишиносӣ» (1991) пайи ҳам ба табъ расиданд.

Дар китоби «Зиндагӣ ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ» [6] И. С. Брагинский яке аз аввалинҳо шуда, оид ба сар-

чашмаҳои эҷодиёти Айнӣ, ҷустуҷӯ ва муборизаҳои ӯ, таъсири мактаби инқилоб, таълифи асари сегонаи «Одина», «Дохунда» ва «Ғуломон», ҳикояи «Мактаби кӯҳна», повестҳои «Аҳмади девбанд», «Ятим», «Марги судхӯр» ва «Ёддоштҳо» изҳори назар мекунад.

Дар шаш боби китоби дигари арзишманди худ «Масъалаҳои эҷодиёти Садриддин Айнӣ» [7] ӯ доир ба тарҷумаи ҳол ва фаъолияти адабӣ, ташаккули шахсияти Айнӣ ба унвони нависандаи ҳақиқатнигор, оид ба моҳияти эҷодиёти ӯ, масъалаҳои миллӣ ва байналмилалӣ дар осори устод, инчунин оид ба нақши Айнӣ дар ташаккули адабиётшиносии тоҷик андешаҳои судманд баён кардааст.

Яке аз асарҳои охирин ва ҷамъбастии ӯ дар шинохти Айнӣ мақолаи «Натиҷаҳо ва дурнамои Айнишиносӣ» [5] аст, ки дар ҷузъи ҳафтуми китоби «Ҷашнномаи Айнӣ» интишор ёфтааст. Дар ин мақола И. С. Брагинский оғози айнишиносиро соли 1935 шуморида, нахустин тадқиқотро оид ба осори ӯ ба номҳои К. Абдинов ва Раҳим Ҳошим марбут медонад. Ҳамчунин ӯ аз таълифоти Хоҷа Муин, Абдурраауфи Фитрат, мақолаи пурғарази Бектош, тақризҳои Азизӣ, Саид Нафисӣ ва нақши онҳо дар ташаккули айнишиносӣ ёдовар шуда, таъсири адабиётшиносии русиро дар фаъолияти адабии устод бо истинод ба гуфтаи худи ӯ таъкид мекунад: «Танҳо мунаққидони рус нахустин тарбиятгарони ман буданд, ки дастовард ва камбудиҳои маро нишон дода, барои беҳтар шудани асарҳои ман мусоидат карданд». Устод Айнӣ ҳини баёни ин андеша мақолоти А. М. Дякова «Пешгуфтор ба романи Дохунда» (1930), М. Шевердин «Повести иҷтимоии шарқӣ» (дар бораи «Одина», 1928), Г. Мстиславский «Дохунда» (1934), Р. Штейнберг «Сарояндаи инсони нав» (дар бораи «Дохунда», 1934)-ро дар назар дошт. Ҳамин асарҳо боис шуданд, ки устод муҷаддадан дар сари асарҳои худ кор карда, таҳриру иловаҳои зиёде ворид кард.

И. С. Брагинский дар бораи марҳалаҳои омӯзиши эҷодиёти Садриддин Айнӣ андеша ронда, се давраро то замони таълифи мақолаи мавриди назар номбар мекунад: 1935-1958, 1958-1968, 1968-1978. Мавсуф нақши ҳамоишҳои ҳамасолаи «Солонаи Айнӣ», маҷмуаҳои «Ҷашнномаи Айнӣ»-ро, ки то имрӯз даҳ ҷузъи он аз чоп баромада, фарогири мақолоти хеле зиёд аст, махсус таъкид мекунад. Ӯ дар ин мақола мавзуъҳои меҳварии марбут ба эҷодиёти Айниро дастабандӣ карда, дар радифи муҳимтарини онҳо мавзуъҳои зеринро зикр мекунад: эҷодиёти то замони шуравии Айнӣ, асарҳои алоҳидаи ӯ, фаъолияти педагогӣ ва публисистии Айнӣ, фаъолияти илмии Айнӣ дар таърихшиносӣ, адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, роҳбарӣ ба Академияи илмҳо, таҳқиқи тарҷумаи ҳоли Айнӣ, андешаҳои зебоишиносӣ ва педагогии Айнӣ, инкишофи жанрҳо, сифатҳои инсонии Айнӣ, консепсияи инсоншиносии Айнӣ, Айнӣ ва забони адабии тоҷикӣ, Айнӣ ва фолклор, Айнӣ ва адабиёти кӯдак, ҷойгоҳи Айнӣ дар тамаддуни тоҷик, ҷойгоҳи Айнӣ дар адабиёти Шарқ ва ҷаҳон, ҷойгоҳи Айнӣ дар адабиёти халқҳои шуравӣ, Айнӣ ва адабиёти рус, тарҷумаҳои Айнӣ.

Ба андешаи дурусти И. С. Брагинский яке аз корҳои муҳимме, ки бояд анҷом ёбад, таҳқиқи бонизоми гуфторҳои адибони машҳур К. Федин, Л. Леонов, В. Каверин, Я. Колас, П. Тычина, Ю. Фучик, Л. Арагон ва дигарон дар бораи устод Айнӣ мебошад, зеро ҳар кадоми онҳо перомуни осор ва шахсияти устод назари хоси худро дошта, барои шинохти ӯ дар адабиёти ҷаҳон хидмат кардаанд.

Дигар аз вазифаҳои айнишиносӣ, аз назари И. С. Брагинский, коркарди идомаи «Феҳристи асарҳои С. Айнӣ ва адабиёти оид ба ӯ» [13] мебошад, ки ҷилди аввали он асарҳои марбут ба Айниро аз оғоз то соли 1961 ва ҷилди дувуми он аз соли 1962 то 1976-ро дар бар мегирад.

Муҳаққиқ ба кори мураттибони ин феҳристҳо Закия Муллоҷонова, Ҷумъабой Азизқулов ва Неъматҷон Файзуллоев баҳои баланд дода, онро «кори оличаноб» меномад ва зарур мешуморад, ки дар давраи ҳозир осори айнишиносии баъд аз соли 1976 бояд ҷамъ оварда, тамоми ҷилдҳо дар як китоби мукаммал ҷой дода шавад.

Яке аз пешниҳодҳои муҳимми олим ба чоп тайёр кардани мукотиботи Айнӣ мебошад, зеро мукотиботи Айнӣ ва Лоҳутӣ, ки то ин дам чоп шуд, ҳарчанд амали бисёр нек аст, аммо комил ва кифоя нест.

Пешниҳоди дигар ба чоп тайёр кардани китоби хотирот дар бораи Айнӣ ба забони русӣ бо истифода аз таълифоти адибони бузурги ҷаҳон мебошад, зеро симои Айнӣ ба ин васила беҳтар шиносонида мешавад.

Дар мавриди таҳқиқи масъалаҳои рӯзгору эҷодиёти Садриддин Айнӣ И. С. Брагинский якчанд асарро муҳим медонад, ки аз ҷумла китобҳои Муҳаммадҷон Шукуров «Садриддин Айнӣ» ва Атахон Сайфуллоев «Мактаби Айнӣ», Л. Н. Демидчик ҷилди дувуми «Таърихи адабиёти шуравии тоҷик», «Луғатномаи асарҳои Айнӣ», асари олими чехословакӣ Иржи Бечка, китоби муҳаққиқи ӯзбек Н. Раҳимов, маҷмуаи «Шуҳрати ҷаҳонии Айнӣ» ва ғайра мебошанд.

Оид ба дурнамои айнишиносӣ назари шарқшинос ин аст, ки дар радифи омӯзиши таҳлилии эҷодиёти Айнӣ ва паҳлуҳои мухталифи осори ӯ бояд ба таҳқиқи синтетикии осори устод эътибори махсус дода шавад, ва мавзуъҳое мисли «ҷойгоҳи Айнӣ дар тамаддуни шуравӣ» ё «ҷойгоҳи Айнӣ дар адабиёти ҷаҳон» арзиши бештар пайдо кунанд.

Бешак, мавзуи устод Айнӣ ва адабиёти рус низ дар радифи мавзуъҳои ба қавли И. Брагинский «синтетикӣ», яъне ҷамъбастӣ буда, доманаи густурда дорад ва то имрӯз чанд тан аз донишмандон дар иртибот бо он мақолаву ри-

солаҳое навиштаанд, ки «М. Горкий ва С. Айнӣ»-и А. Раҳматуллоев, «Сабки Садриддин Айнӣ ва масъалаҳои тарҷумаи асарҳои ӯ ба забони русӣ»- и З. Муллоҷонова, «Айнӣ ва адабиёти рус»-и А. Маниёзов, «Айнӣ ва Горкий»-и Л. Демидчик муште аз хирвор аст. Робитаи Айнӣ бо адибони дигари рус, хотироти адибони рус дар бораи Айнӣ, тарҷумаҳои русии осори устод, муқоисаи ду тарҷумаи русии як асари Айнӣ ва ғайра матлабҳое ҳастанд, ки ин мавзуъро мукаммалтар метавонанд шарҳ диҳанд.

**Пайнавишт:**

1. *Азизқулов, Ҷ.* Мероси адабии С. Айнӣ ва интишори он // Ҷашнномаи Айнӣ, ҷузъи 2. – Душанбе, 1963.

2. *Айнӣ С.* Куллиёт иборат аз 15 ҷилд. – Душанбе: Ирфон, 1981. – Ҷ. 8.

3. *Айни, С.* Собрание сочинений в шести томах. – Москва: Художественная литература, 1975. – Т. 6.

4. *Акобиров, Ю. , Харисов, Ш.* Садриддин Айни. Серия Жизнь замечательных людей. – М. : Молодая гвардия, 1978.

5. *Брагинский, И. С.* Итоги и перспективы айнианы // Ҷашнномаи Айнӣ. – Ҷ. 7. – Душанбе, 1991.

6. *Брагинский, И. С.* Жизнь и творчество Садриддина Айни. –М. : Художественная литература, 1959.

7. *Брагинский, И. С.* Проблемы творчества Садриддина Айни. – Душанбе:Ирфон, 1974.

8. *Демидчик, Л.* Айнӣ ва Горкий // Паёми бародарӣ. – Душанбе, 1972.

9. *Бечка, И.* Далели азамати устод // Ҷашнномаи Айнӣ. – Ҷ. 7. – Душанбе: Дониш, 1991.

10. *Леонов, Л.* Ҳамсафони ҳамярок // Шуҳрати ҷаҳонии Айнӣ. – Душанбе:Ирфон, 1978.

11. *Лукницкий, П.* Корномаи нависанда // Шуҳрати ҷаҳонии Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978.

12. *Маниёзов, А.* Айнӣ ва адабиёти рус // Паёми бародарӣ. – Душанбе, 1972.

13. *Муллоҷонова, З. , Файзуллоев, Н*. Феҳрасти асарҳои С. Айнӣ ва адабиёти оид ба ӯ. – Душанбе: Дониш, 1978.

14. *Павловский, Е. Н*. Мулоқотҳои ман бо Айнӣ // Шуҳрати ҷаҳонии Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978.

15. *Рахматуллаев, А*. М. Горький и С. Айни. – Душанбе: Ирфон, 1984.

16. *Сайфуллоев, А*. Мактаби Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 352 с.

17. *Фиш, Р. , Хашим, Р*. Глазами совести. – Душанбе: Ирфон, 1978.

18. *Шкловский, В*. Шаҳпули гузаштаю ҳозира // Шуҳрати ҷаҳонии Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978.

# ОМИЛҲОИ ШУҲРАТИ ҶАҲОНИИ УСТОД САДРИДДИН АЙНӢ

Ҳанӯз то солҳои 60-уми садаи XX асарҳои устод Садриддин Айнӣ ба забони тоҷикӣ 88 маротиба, дар ҷамоҳири шуравӣ 41 маротиба ва дар сивучор забони халқҳои олам 273 маротиба нашр шуда буд [3, с. 199]. Тибқи иттилои соли 1977 асарҳои С. Айнӣ ба забони тоҷикӣ 92 маротиба, ба забони халқҳои шуравӣ 197 маротиба, дар кишварҳои хориҷа 22 маротиба ба нашр расидаанд [13, с. 334]. Аз замони гирдоварии ин маълумот беш аз 40 сол сипарӣ шуда ва табиист, ки ин теъдод то рӯзгори мо ба маротиб афзудааст.

Бо он ки устод Айнӣ дар замони зиндагии худ берун аз ҳудуди кишвари шуравӣ по наниҳода буд, шуҳраташ он қадар дур парвоз кард, ки ба он поя то имрӯз касе аз муосирони мо нарасидааст. Дар бораи иртиботи Айнӣ бо адабиётҳои дигар ва роҷеъ ба шуҳрати ҷаҳонии ӯ садҳо мақолаву хотира таълиф ва нашр шудаанд. Силсилаи «Ҷашнномаи Айнӣ», маҷмуаи мақолоти «Шуҳрати ҷаҳонии Айнӣ», мақолаву ёдномаҳои И. С. Брагинский, Л. Леонов, П. Лукнитский, В. Шкловский, Ғ. Ғулом, Я. Колас, А. Вентслова, Б. Карбобоев, Ч. Айтматов, А. Курелла, Б. Ясенский, Ю. Фучик, Саид Нафисӣ, М. Лорентс, Иржи Бечка, Йордан Милев, Иван Дзюба, Файз Аҳмади Файз, Азиз Несин, Парвиз Нотили Хонларӣ ва дигарон аз он дарак медиҳанд, ки Айнӣ танҳо падидаи адабии миллӣ нест, ӯ шуҳрату маҳбубияти байналмилалӣ ёфта, эътирофи умумибашарӣ пайдо кардааст. Беасос нест, ки образи Қорӣ Ишкамбаи Айнӣ бо образҳои Гобсеки Балзак, Плюшкини Гогол, Иудушка Головлёви Салтыков-Щедрин ба муқоиса кашида шудааст. Ба Айнӣ нависандагони ҷаҳон Леонид Леонов, Константин Федин, Самуил Маршак, Антанас Венцлова, Луи Ара-

гон баҳои баланд додаанд. Дар ҳамоиши адибони Осиё ва Африқо, ки соли 1962 дар Қоҳира баргузор гардид, номи Айнӣ дар як қатор бо номҳои бузургтарин адибони Шарқ Робиндранат Тагор, Лу Син, Тоҳо Ҳусейн гузошта шуд.

Қобили зикр аст, ки устод Айнӣ, ки адиби дузабона буд, бархе асарҳояшро бевосита ба забони ӯзбекӣ навишт ва аз оғози фаъолият миёни хонандагони ӯзбекзабон низ маҳбубияти тамом пайдо кард. Дар эҷодиёти устод Айнӣ идомаи анъанаҳои дузабониро метавон дар таълифи баъзе шеърҳои инқилобӣ, повестҳои «Қизбола ё ки Холида», «Қулбобо», романи «Ғуломон» ва ғ. мушоҳида кард, ки аз дасти тавонои муаллифи онҳо ба ҳарду забон гувоҳӣ медиҳад.

Нахустин асарҳои Айнӣ берун аз Тоҷикистон аз соли 1929, аз тарҷумаи повести «Одина» ба забони русӣ сар карда интишор ёфтанд. Айнан дар ҳамин замон Айнӣ батадриҷ ба омӯзиши адабиёти рус шуруъ кард ва аз осори ҳақиқатнигоронаи онҳо баҳра ҷуст. Устод Айнӣ ба осор ва шахсияти А. С. Пушкин, А. М. Горкий, В. В. Маяковский таваҷҷуҳи махсус дошт.

Асарҳои С. Айнӣ дар як фурсати хеле кӯтоҳ ба тамоми забонҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ: украинӣ, белорусӣ, литвонӣ, латишӣ, эстонӣ, гурҷӣ, арманӣ, озарбойҷонӣ, қирғизӣ, қазоқӣ, туркманӣ ва ғайра тарҷума ва нашр шуданд.

Дӯстӣ ва ошноӣ бо адиби маъруфи франсавӣ Луи Арагон барои вусъат ёфтани шуҳрати Айнӣ дар Аврупо мусоидат кард. Соли 1949 дар рӯзҳои Даҳаи адабиёти тоҷик дар Москва Садриддин Айнӣ бо Луи Арагон ва Элиза Триоле шинос шуд. То ин дам ҳанӯз соли 1918 Айнӣ таҳти таъсири «Марселеза»-и франсавӣ «Марши ҳуррият»-и худро навишта буд ва дар солҳои 20-уми асри XX Айнӣ романи нависандаи франсавӣ Фердинанд Дюшен «Қамар»-ро

аз забони ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума кард. Маҳз ҳамин Луи Арагон буд, ки баъди мулоқот бо Айнӣ чопи асарҳои ӯро ба нақша гирифт ва, ҳамин тариқ, аз соли 1956 то охири солҳои 50-ум дар ин кишвар беҳтарин намунаҳои насри Айнӣ дар тарҷумаи франсавӣ интишор ёфтанд.

Чунонки дар рисолаи муҳаққиқи самарқандӣ Д. Ҳ. Бобоева «Садриддин Айнӣ ва адабиёти Фаронса» [4] зикр мешавад, кишвари Фаронса дар таҳкими ҳамкориҳои адабӣ бо тоҷикон ва, дар навбати аввал, бо эҷоди адабии устод Айнӣ ишқу алоқаи махсус нишон дод. Дар ин асар бори аввал ашъори инқилобии Айнӣ, осори муҳаққиқони франсавӣ ва тарҷумаҳои осори Айнӣ ба забони франсавӣ ба доираи баҳсу баррасиҳо кашида шудааст. Аз ҷумла, дар рисола исбот шудааст, ки «Марши ҳуррият»-и Айнӣ таҳти таъсири «Марселйеза» ба ҳамон ҳолу ҳаво ба қалам омадааст. Маълум мешавад, ки як зумра муҳаққиқони франсавӣ перомуни Айнӣ ва осори ӯ изҳори назар кардаанд. Соли 1956 китоби «Ёддоштҳо»-и Айнӣ бори аввал ба забони франсавӣ дар тарҷумаи С. Бородин ва П. Короткин аз чоп баромад, ки падидаи комилан нав барои халқҳои Осиёи Маказӣ буд, зеро бо тарҷума ва чопи ин асар бори аввал осори адиби осиёимиёнагӣ ба Аврупо роҳ ёфт. Нахустин адабпажӯҳе, ки оид ба ин асар изҳори назар намуд, адиб ва публитсисти франсавӣ Андре Вюрмсер буд, ки дар мақолаи худ бо номи «Шарқ» оид ба реализми Айнӣ ва шабоҳати сабки ӯ ба усули нигориши Франсуа Рабле сухан ронд. Таҳқиқ ва таҳлилҳои П. Гранжон, П. Лагард ва дигарон низ аз кӯшишҳое дар шинохти Айнӣ дар Аврупо дарак медиҳанд. Тарҷумаи повести «Марги судхӯр» аз ҷониби В. Вуано ва С. Бородин, повестҳои «Мактаби кӯҳна», «Ҷаллодони Бухоро» ва «Одина» номи Айниро дар Фаронса машҳур кардаанд. Андре Вюрмсер дар мақолаи навбатии худ «Таҷаллӣ ва гадоӣ дар Шарқ» (1958) қаҳрамони Айнӣ

Қорӣ Ишкамбаро бо қаҳрамонҳои Балзак муқоиса намуда, маҳорат ва қудрати нависандаи тоҷикро таъкид мекунад. Таҳлили асарҳои нависандаи франсавӣ П. Гамарра, шарқшиноси франсавӣ Д. Богданович [1978), мақолаи рӯзноманигор Жорж [1980) аз маърифати насри Айнӣ дар Аврупо, махсусан дар Фаронса маълумоти муфид медиҳад.

Дар осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ Б. Невская, С. Табаров, С. Соколов, В. Демидчик, В. Белан, Ю. Акбаров, Х. Шодиқулов, Л. П. Николаева, Ш. Мухтор ва дигарон паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти Айнӣ дар иртибот бо адабиёти фаронсавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Нависандаи маъруфи олмонӣ Алфред Курелла Айниро «миёнрави Шарқу Ғарб» мехонад. Дар хотироти ин адиб сухан дар бораи як рубоие меравад, ки мавсуф дар ҷаласаи маҷлисе нишаста, дар бораи Айнӣ ба забони олмонӣ навишта буд ва матни он ба тоҷикӣ чунин аст: «Мо номи Айниро, ки пеш нашунида будем, шунидем, баъд суханҳои сеҳранзези Айниро хондем. Шарқ тавассути ту бо ранги нав ба мо рӯ намуд. Аз он вақт ту маҳбуби моӣ, эй миёнрави Шарқу Ғарб!» [16, с. 95].

Доктор А. Розенфелд оид ба тарҷумаҳои немисии «Марги судхӯр» [Трауте ва Гюнтер Штейн) изҳори назар мекунад. Маълум мешавад, ки ин асарро Манфред Лоренс, донишманди маъруфи олмонӣ, донандаи хуби забони тоҷикӣ хеле бодиққат таҳрир намуда, ҳамроҳи Ниота Тун ба он охирсухани пурмазмуне навиштааст. Чопи ин асар соли 1966 дар Лейпсиг сурат гирифтааст. Аммо аввалин тарҷумаи асари Айнӣ ба забони немисӣ – ду ҷилди аввали «Ёддоштҳо» будааст, ки тарҷумаи он ҳам аз рӯйи тарҷумаи русӣ сурат гирифта ва нашри он соли 1953 ба вуқуъ пайвастааст.

Як воқеаи фараҳбахш дар иртибот бо адабиёти олмонӣ ин аст, ки соли 1978 Донишгоҳи Ҳумболди Берлин

ба ифтихори 100-солагии зодрӯзи Айнӣ ҳамоише баргузор ва маводи онро дар шакли маҷмуаи алоҳида нашр намуд. Дар ин маҷмуа, ки бо пешгуфтори доктор Д. Вайдеман оғоз мешавад, мақолаҳои тоҷикшинос М. Лоренс «Садриддин Айнӣ – нависанда ва олим», М. Осимов «Нақши Айнӣ дар таҳқиқи тамаддуни халқҳои Шарқ», И. Бечка «Садриддин Айнӣ ва адабиёти муосири тоҷик», Х. Юнгер «Садриддин Айнӣ ва омӯзиши адабиёти сермиллати советӣ», С. Кляймихел «Дар бораи баъзе масъалаҳои насри Айнӣ ва насри солҳои бистум», Г. Штромайер «Мантиқи Арасту дар мадрасаи Мири Араб аз рӯйи «Ёддоштҳо»-и Айнӣ» ва ғайра ҷой дода шудаанд.

Асарҳои Айнӣ дар кишварҳои дигари Аврупо, аз ҷумла ба забонҳои англисӣ, венгерӣ, испанӣ, чехӣ, булғорӣ ва ғ. тарҷума шудаанд. Донишмандоне мисли Иржи Бечка, Йордан Милев, Юлиус Фучик ва дигарон тарҷума ва таҳқиқи осори Айниро аз муҳимтарин корҳои зиндагии худ ҳисобидаанд.

Аммо осори Айнӣ барои ҳамзабонони Шарқи хориҷӣ бидуни тарҷума низ фаҳмо буд, бинобар ин хато нахоҳем кард, агар бигӯем, ки устодро пеш аз ҳама дар Афғонистон ва Эрон шинохтанд. Баргузор гардидани конгрессу ҳамоишҳо дар Тошканду Маскав ва шаҳрҳои дигар, ширкати устод Айнӣ дар ин ҷаласаҳои илмӣ, на танҳо ба доираи мутолиот, балки ба ошноии ӯ бо адибони маъруфи ҷаҳон мусоидат намуданд. Чунончи, аз мулоқот бо устод Айнӣ дар Самарқанд ёд карда, адиб ва донишманди Афғонистон Сарвари Гӯё аз иштиҳори «Намунаи адабиёти тоҷик» дар кишвари худ ва сифатҳои фавқулодаи адиби тоҷик сухан меронад.

Дар бораи робитаи Айнӣ бо адибони Эрон на танҳо мақолоти алоҳида, балки рисолаи илмии номзадӣ низ таҳти унвони «Нақши устод Айнӣ дар истеҳком ва инки-

шофи равобити адабиёти Тоҷикистон ва Эрон» [14] таълиф шудааст. Муаллиф М. Сайфуллоева дар ду боби ин рисола дар бораи мақоми адабиёти навини Эрон дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва такмили маҳорати адабии С. Айнӣ ва нашри осори ӯ дар Эрон изҳори назар мекунад. Дар ин рисола аз таъсири адабиёт ва матбуоти Эрон ба С. Айнӣ, равобити эҷодии устод бо шоирону донишмандони эронӣ, муқоисаи қитъаоти Алӣ Асғари Ҳикмат ва Садриддин Айнӣ, аҳаммияти нашри осори С. Айнӣ дар Эрон ва дидгоҳҳои нақди адабии ин кишвар дар бораи устод, нашри «Ёддоштҳо» ва пажӯҳиши Саидии Сирҷонӣ ва ғайра сухан рафтааст. Маълум мешавад, ки ҳанӯз аз соли 1927, аз замони ба табъ расидани тақризи устод Сайд Нафисӣ ба китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» дар Эрон то имрӯз таваҷҷуҳ ба осори Айнӣ рӯзафзун будааст. Чопи «Ёддоштҳо» бо сарсухани муфассали доктор Саидии Сирҷонӣ (1982) ҳамроҳ бо «Тарҷумаи ҳоли худам» ва чопи «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» бо муқаддимаи ховаршинос Камол Айнӣ (2003), ошноиву мулоқотҳои Айнӣ бо устодони бузурги сухани муосир Саид Нафисӣ, Алӣ Асғари Ҳикмат, Содиқи Ҳидоят, Бузурги Алавӣ, ки солҳои 1944 ва 1948 дар Тошканд ба вуқуъ пайваст, шахсияти устодро ба аҳли адаб ва фарҳанги ин кишвар ба хубӣ шиносониданд.

Манзумаи Алӣ Асғари Ҳикмат «Риштаи пайванди милал. Як зарбулмасали тоҷикӣ» (1948) ва ҷавоби С. Айнӣ «Барги сабзи дӯстона аз қабили тиккаи муҳаббат» (1948), ки дар маҷаллаи «Шарқи сурх» (1958, №4) интишор гардиданд, аз таъсири файзбори ҳамин мулоқот ба бор омадааст.

Алӣ Асғари Ҳикмат дар манзумаи худ дар бораи бузургии Айнӣ менависад, ки:

**Ин қитъа ниёзест ба ширинсухане, к-ӯ**
**Сад тунги шакар аз лаби чун қанд бигирад.**

**Садри адабу айни ҳунар Айнии доно,**
**К-аш даҳр наёрад, ки ҳамонанд, бигирад [1, с. 504].**

Дар ҷавоб ба ин манзума устод Айнӣ низ шеъре бо номи «Барги сабзи дӯстона аз қабили тиккаи муҳаббат» навишта, он ҷо изҳор мекунад, ки:

**Донишвари бемисл – Алӣ Асғари Ҳикмат,**
**Ҳикмат сазад аз дониши ӯ ранг бигирад.**
**Асғар бувадаш ном, вале маънии акбар**
**Дар хеш чу оғӯши хирад танг бигирад [1, с. 444].**

Номи С. Айнӣ батадриҷ ба китоби нависандагон ва муҳаққиқони эронӣ доктор Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳақӣ «Чун сабӯйи ташна» (1995), Масъуди Сипанд «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» (1996), Алӣ Асғари Шеърдуст «Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик» (1997), «Донишномаи адаби форсӣ» (2002) ворид гардид.

Тарҷумаи асарҳои Айнӣ ба забонҳои арабӣ, ҳиндӣ, бенгалӣ, кошғарӣ, японӣ ва ғайра низ аз шуҳрати бемисли устод дар Шарқи хориҷа гувоҳӣ медиҳанд.

Агар ин мухтасарро ҷамъ кунем, метавон ба хулоса расид, ки Садриддин Айнӣ шинохтатарин адиби тоҷик ва мероси адабии ӯ пурнашртарин дар миёни ақвоми башар будааст. Омилҳои шуҳрат ёфтани устод дар нуктаҳои зерин назаррас менамояд:

1. Устод Айнӣ донишманди мутабаҳҳире буд, ки ба ғайр аз адабиёти форсу тоҷик ба адабиётҳои дигар низ шавқу рағбати зиёд дошт, осори адибони туркзабон ва русро бодиққат мехонд, баъзе асарҳои адибони хориҷиро ба забони тоҷикӣ тарҷума кард, ки романи «Қамар»-и нависандаи франсавӣ Фердинанд Дюшен далели ин гуфта аст.

2. Воқеаҳои таърихӣ, сар задании инқилоби Октябр, иттиҳоди ҷумҳуриҳо дар як кишвари сермиллати шуравӣ, пазируфтани ғояҳои инқилобӣ, таълифи асарҳои навоварона ҳам дар назм ва ҳам дар наср барои шинохта шудани

устод Айнӣ ба ҳайси сардафтари адабиёти навини тоҷик замина фароҳам оварданд. Шахсияти нотакрори устод Айнӣ барои ба ваҷҳи беҳтарин шинохта шудани ҷойгоҳи ӯ мусоидат намуд.

3. Ошноӣ бо бузургтарин адибони муосири Шарқу Ғарб, хоса бо Максим Горкий, Луи Арагон, Алӣ Асғари Ҳикмат ва дигарон барои ба маротиб афзудани обрӯву шуҳрати устод Айнӣ мусоидат намуд. Тарҷумаи осори Айнӣ ба забони русӣ ва тавассути он ба забонҳои дигар кори тарҷума ва нашри осори Айниро вусъат ва таҳким бахшид.

4. Аз ҷониби дигар, таълифи бархе аз асарҳо ба забони ӯзбекӣ ва ба андозаи забони модарӣ донистани ин забон далели раднопазире дар роҳи шинохта шудан ва эътироф гардидани устод Айнӣ дар кишварҳои туркизабон гардид.

5. Таълифи асарҳо ба забоне, ки барои мардуми Эрон ва Афғонистон ошнову фаҳмо буд, боиси бисёр зуд роҳ ёфтани адиб ба дили хонандагон ва аҳли илму адаби ин кишварҳо гардид.

**Пайнавишт:**


1. *Айнӣ, С.* Куллиёт иборат аз 15 ҷилд, ҷ. 8. – Душанбе: Ирфон, 1981.
2. *Айни, С.* Собрание сочинений в шести томах. – М.: Художественная литература, 1975.
3. *Азизқулов, Ҷ.* Мероси адабии С. Айнӣ ва интишори он // Ҷашнномаи Айнӣ, ҷузъи 2. – Душанбе, 1963.
4. *Бабаева, Д. Х.* Садриддин Айни и французская литература (к проблеме литературных связей Востока и Запада на современном этапе). – Автореф. дисс. на соискание ученой степени канд. филол. наук. – Душанбе, 1996.
5. *Бечка, И.* Далели азамати устод // Ҷашнномаи Айнӣ, ҷузъи 7. – Душанбе: Дониш, 1991.
6. *Милев, Й.* Имя Айни в сердцах болгар // Ҷашнномаи Айнӣ, ҷузъи 7. – Душанбе: Дониш, 1991.

7. *Леонов, Л.* Ҳамсафони ҳамяроқ // Шуҳрати ҷаҳонии Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978.

8. *Лукницкий, П.* Корномаи нависанда // Шуҳрати ҷаҳонии Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978.

9. *Маниёзов, А.* Айнӣ ва адабиёти рус // Паёми бародарӣ. – Душанбе, 1972.

10. *Манфред Лоренц.* С. Айнӣ ва РДГ // Ҷашнномаи Айнӣ, ҷузъи 7. – Душанбе: Дониш, 1991.

11. *Муллоҷонова, З., Файзуллоев, Н.* Феҳрасти асарҳои С. Айнӣ ва адабиёти оид ба ӯ. – Душанбе: Дониш, 1978.

12. *Павловский, Е. Н.* Мулоқотҳои ман бо Айнӣ // Шуҳрати ҷаҳонии Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978.

13. *Сайфуллоев, А.* Мактаби Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 352 с.

14. *Сайфуллаева, М.* Роль Садриддина Айни в укреплении и развитии таджикско-иранских литературных связей. – Автореф. дисс. на соискание ученой степени канд. филол. наук. – Худжанд, 2009. – 25 с.

15. *Шкловский, В.* Шаҳпули гузаштаю ҳозира // Шуҳрати ҷаҳонии Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978.

16. Шуҳрати ҷаҳонии Айнӣ. – Душанбе:Ирфон, 1978. – 128 с.

## ТӮРАҚУЛ ЗЕҲНӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ ПОЭТИКАИ ШЕЪР

Тӯрақул Зеҳнӣ ба ҳамаи суханшиносоне, ки давраи омӯзишашон аз солҳои шастум ба баъд сурат гирифтааст, ҳаққи устодӣ дорад. Умри дарозу пурбаракате, ки ба эшон насиб гаштааст, барои ошноиву ҳамнишинӣ бо бузургтарин шахсиятҳои ибтидои садаи бист Садри Зиё, Нақибхони Туғрал, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Вадуд Маҳмудӣ, Абдулқодир Муҳиддинов, Нарзуллои Бектош, Зуфархон Ҷавҳарӣ ва писараш Суҳайлӣ, баъдан бо Ҳабиб Юсуфӣ, Раҳим Ҳошиму Мирзо Турсунзода ва дигарон имкон фароҳам овард. Ба шарофати хислатҳои ҳамидае, ки дошт, Нақибхони Туғрал, ӯро «маъдани одоб» ном бурдааст, устод С. Айнӣ хидмати ӯро дар ҷамъоварӣ ва тартиби «Намунаи адабиёти тоҷик» «монанди дасти рост» гуфтааст ва устод М. Шакурӣ аз саодати шогирдии Т. Зеҳнӣ ифтихор доштааст.

Як қисмати муҳимми корҳои Т. Зеҳнӣ бо шинохти шеър ва поэтикаи он алоқаманд аст. Албатта, дар миёни таълифоти ӯ осоре марбут ба таърихи адабиёт низ кам нестанд. Аз он ҷумла, «Шоири нахустини тоҷикон» (дар бораи Рӯдакӣ), «Хоқонии Шарвонӣ», «Хусрав ва забони тоҷикӣ», «Анис-ул-ушшоқ» (Шарафиддини Ромӣ) диду назари муаллифро роҷеъ ба ҷойгоҳи ин адибон дар таърихи адабиёти форсу тоҷик нишон медиҳад. Дар силсилаи дигари асарҳо сухан дар бораи тарбияи шоирони ҷавон ва роҳҳои дурӣ ҷустан аз ҳашв рафтааст. Мақолаҳои сершумори муаллиф, ки дар матбуот чоп шуда, бархе аз онҳо ба китобҳои ӯ ворид шудаанд, аз қабили «Бояд шеър бомазмуну мавзун бошад», «Тарбияи истеъдод чист?», «Баъзе қайдҳо дар бораи шеърҳои навқаламон», «Таҳлили ашъори баъзе шоирони ҷавон», ҳамчунин силсилаи мақолаҳо

перомуни арӯз: «Арӯз чист?», «Кайфияти ҳиҷоҳо дар арӯз», «Баъзе лаҳзаҳои муҳимми арӯз ва вазни ҳиҷо», мақолаву ёддоштҳо дар бораи устод С. Айнӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Лутфулло Бузургзода самтҳои таваҷҷуҳи ӯро ба масъалаҳои адабиёт ва шинохти шеър муайян мекунанд.

Меҳвари ҷустуҷӯҳои адабии Т. Зеҳниро масоили поэтика ташкил медиҳад. Худи Зеҳнӣ ҳанӯз дар китоби аввали марбут ба санъатҳои бадеӣ «Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ» (Сталинобод, 1960) моҳияти осори илмиву адабиётшиносии классиконро оид ба поэтика: «Тарҷумон-ул-балоға»-и Муҳаммад ибни Умари Родиёнӣ, «Ал-муъҷам фи маъоир-ул-ашъор-ул-Аҷам»-и Шамс қайси Розӣ, «Меъёр-ул-ашъор»-и Хоҷа Насириддини Тӯсӣ, «Эъҷози хусравӣ»-и Хусрави Деҳлавӣ, «Рисолаи қофия»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Аруз»-и Сайфии Бухороӣ ва ғ. шарҳ дода, мегӯяд, ки «ин гуна рисолаҳо хеле бисёранд ва илми поэтикаи форс-тоҷик таърихи қадима ва пурсарвате дорад» [4, с. 25].

Ҳини таҳқиқи масъалаҳои поэтика Т. Зеҳнӣ як дебочаи муфассале менависад, ки бо баъзе тағйироти ҷузъӣ дар ҳамаи нашрҳо ҳифз шудааст. Аввалин нуктае, ки дар ин дебоча ба мушоҳида меояд, риояи одоби илмӣ ва баррасии собиқаи таҳқиқи мавзуъ аст. Муаллиф бо камоли маъниҷӯӣ ва маънирасӣ тамоми сарчашмаҳои дастраси адабиёти классикиро омӯхта, як қисми ин асарҳоро борикбинона таҳлил мекунад. Ӯ пеш аз ҳама «Тарҷумон-ул-балоға»-и Муҳаммад ибни Умари Родиёниро бо ҳавсалаи тамом меомӯзад ва тозакориҳои муаллифро хусусан дар овардани абёти шоҳид дар падид овардани ҳунари шоирон ва истифодаи саноеи бадеӣ зикр мекунад. Ӯ собит мекунад, ки бо вуҷуди таъсири «Маҳосин-ул-калом»-и Абулҳасани Марғинонӣ ба асари Родиёнӣ, аз назари микдори саноеи бадеӣ ва шарҳу тафсир онҳо ду асари мустақил ҳастанд.

Т. Зеҳнӣ аз садаҳои XI-XII як силсила асарҳоеро зикр мекунад, ки дар илмҳои сегона таълиф шуда, вале имрӯз аз байн рафтаву дастраси мо нестанд. Аз ин миён номҳои Аҳмад ибни Муҳаммади Маншурии Самарқандӣ - муаллифи «Канз-ул-ғароиб», Абӯмансури Қосим ибни Иброҳими Қоинӣ маъруф ба Бузургмеҳр – муаллифи китобе оид ба арӯз, Абӯмуҳаммади Абдулло ибни Муҳаммад Рашидии Самарқандӣ – муаллифи китоби «Зинатнома», аз замони Ғазнавиён Абулҳасан Алии Баҳромии Сарахсӣ -муаллифи «Ғоят-ул-арӯзайн», «Канз-ул-қофия» ва «Хуҷастанома», Абӯабдуллои Фӯшӣ - мухтареи яке аз доираҳои сегонаи арӯзиён, Имом Ҳасани Қаттон - мухтареи шаҷараҳои ахрам ва ахраби рубоиро зикр карда, «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър»-и Рашидаддини Ватвотро арзишмандтарин асари асри XII оид ба санъатҳои бадеӣ мешуморад.

Ҳини таҳлили асари Шамс Қайси Розӣ «Ал-муъҷам фӣ-маоъир-ил-ашъор-ил Аҷам» муаллиф ба чанд нуктаи муҳим мутаваҷҷеҳ мешавад, ки нахуст шартҳои шеър ва шоирӣ аст. Андешаҳои Шамси Қайс, ба назари Т. Зеҳнӣ, ба дараҷае муҳим ва арзишманд ҳастанд, ки ӯ ба таҳлили ин асар якчанд саҳифаи дебочаро ҷудо карда, моҳияти ин асарро барои имрӯзиён шарҳ медиҳад ва чандин нукоти муҳимро бевосита бозгӯ менамояд. Барои фаҳмо шудани матлаб муаллиф онро содатар мекунад ва баъзе калимаву ибороти мушкилфаҳмро дар қавс шарҳу тавзеҳ медиҳад. Аз назари ӯ хеле муҳим аст, ки шоири ҷавон чӣ чизҳоро бояд донад ва тавонад. Шамси Қайси Розӣ ба он нуктаҳое ишорат мекунад, ки заъфи шеър ҳастанд ва аз он ҷумла инҳоанд: маънии суст, ташбеҳҳои дурӯғ, ишорот ва имооти бегона ва мушкил, иҳомоти нохушу таҷнисоти мукаррар, тавсифҳои нофорам, истиороти дур, маҷозоти нодуруст, такаллуфоти вазнин, такдим ва таъхироти дилнописанд… Муаллиф андешаҳои Шамси Қайси Розиро оид ба қофия,

мувофиқати ақлу мазмун, вазифаҳои танқиди бадеӣ ва мунаққидон оварда, арзиши ин асарро чун фарогири «силсилаи назариёти аҷиб дар илми адаб ва шартҳои шеъру шоирӣ» собит менамояд. Бо он ки муаллиф дар аксари маврид бо андешаҳои Шамси Қайс розӣ мешавад, вале ҷо-ҷо ба нодурустии онҳо низ ишора мекунад. Чунончи дар мавриди қофия мегӯяд: «Ҳарчанд ки муаллиф дар як ҷо қофияро мустақил долиста, ҳатто онро аз мазмуни асар ҳам болотар гузоштааст, вале дар ҷойи дигар ба шоирон ва олимони шаклпараст зарбаи сахте расонида, мазмуни шеърро мақсади аввалӣ ва шакли онро тобеи мазмун шуморидааст» [3, с. 17].

Назарияи ҷолиби Шамси Қайси Розӣ, ба фикри Т. Зеҳнӣ, дар мавриди накди адабӣ дар он ифода ёфтааст, ки ба андешаи ӯ шоирон набояд ба шеър баҳо диҳанд, зеро онҳо мисли бофандае ҳастанд, ки матоъро мебофанд, вале қимати онро наметавонанд муайян кунанд. Ба андешаи муаллифи «Ал-муъҷам», «ноқид ҷӯяндаи беҳомад бувад», яъне фазилатҳо ва хубиҳои шеърро барои хонандагон ва шоир бозгӯяд. Ҳамин нуктаҳо, ба андешаи Т. Зеҳнӣ, барои омӯзиши поэтикаи шеър аввалдараҷа ҳастанд ва боис шудаанд, ки асарҳои Родиёнӣ, Ватвот ва Шамси Қайси Розӣ манбаъҳои асосии «Санъати сухан»-ро ташкил кардаанд.

Ҷузъе аз поэтика будани санъатҳои бадеӣ ва навоварона будани асари худро муаллифи «Санъати сухан» махсус таъкид кардааст:

«Чунонки маълум аст, дар бораи саноеи адабӣ, ки як қисми муҳимми поэтикаи классикии мост, то ҳол бо хати имрӯзаи тоҷикӣ ягон китоби содаи омафаҳм чоп нашудааст» [4, с. 25].

Зимнан поэтика мафҳуми хеле пурғунҷойиш аст, ки тамоми масъалаҳои марбут ба ҳунари нависандагиро фаро мегирад. Ҷойи шак нест, ки он ҳамчун системаи яклухти

инкишофи адабиёт аз каломи бадеиву услуб то қонунҳои таҳаввули ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ масъалаҳои зиёдеро фаро гирифта, бо эстетика ва назарияи адабиёт, таърихи адабиёт ва накди адабӣ ҳамбастагӣ дорад Дар мавриди поэтика ва матолиби муштамил бар он Х. Шарифов менависад, ки ин истилоҳ ду маънӣ дорад:

1. Маҷмуи сифатҳои бадеӣ, эстетикӣ ва бадеӣ, ки хусусиятҳои ягон падидаи адабӣ, сохти дохилӣ, ҷузъиёт ва ҳамбастагии онро муайян мекунад.

2. Яке аз соҳаҳои адабиётшиносӣ, ки масъалаҳои зеринро дар бар мегирад: омӯзиши ҷузъиёти умумӣ ва устувор, ки аз ҳамбастагии онҳо адабиёти бадеӣ, ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ, асарҳои гуногуни санъат таркиб меёбанд: муайян намудани қонунҳои ҳамбастагӣ ва таҳаввули ин ҷузъиёт, қонуниятҳои умумии инкишофи адабиёт, ташреҳ ва таснифи шаклҳои таърихан устувори бадеӣ (лирика, драма, эпос), ошкор сохтани қонуниятҳои ҳаракати таърихӣ ва таҳаввули онҳо [10, с. 546].

Ҷолиб он нукта аст, ки ҳини ишора ба муҳимтарин сарчашмаҳо оид ба поэтика Х. Шарифов дар радифи асарҳои Атоуллоҳ Ҳусайнӣ, Арасту, Н. Буало, Ю. М. Лотман, М. М. Бахтин, аз адабиётшиносони муосири тоҷик танҳо Т. Зеҳнӣ ва асари ӯ «Санъати сухан»-ро зикр мекунад. Албатта, он нукта низ пӯшида нест, ки минбаъд ба масъалаҳои поэтика худи Х. Шарифов, А. Сатторзода, бо масъалаҳои арӯз С. Давронов, У. Тоиров ва М. Нарзиқул ва дигарон машғул мешаванд, аммо коре, ки Т. Зеҳнӣ анҷом додааст, воқеан дар саргаҳи ин навъ тадқиқот ҷой дорад.

Дар давоми тақрибан бист сол, ки муаллиф бо таҳияи ин китоб машғул буд, се маротиба бо такмилу тасҳеҳ онро ба чоп тайёр кард. Дар нашри аввал, ки соли 1960 бо номи «Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ» интишор ёфт, ба ғайр аз дебоча ва хотимаву мулҳақот санъатҳои бадеӣ бо

шавоҳиду мисолҳои ҷолиб оварда шудааст. Дар нашрҳои дувум ва севум мухтасари арӯзи тоҷикӣ илова шуд. Бо сабаби илова шудани бахши арӯз дар кори таҳрири китоб, ки М. Шакурӣ ба ӯҳда дошт, С. Давронов ва С. Саъдиев кӯмак карданд. Баъд аз вафоти муаллиф ду нашри дигар сурат гирифт, ки ба нашри соли 1992 духтари муаллиф Фарруха Зеҳнӣ қисмати «Қофия»-ро, ки муаллиф дар поёни зиндагӣ таҳия карда буд, илова мекунад ва бо сабаби пурхато будани ин нашр, бознашри китоб баъди таҳрири М. Акбарзод соли 2007 сурат мегирад. Чунонки мебинем, аз соли 1960 то ин дам панҷ нашри ин китоб сурат гирифтааст, ки эҳтиёҷи хонандагон ва арзиши ин китобро дар давоми беш аз шаст сол исбот мекунад. Сабаби иваз шудани номи аввалини китоб ҳам вобаста ба он аст, ки дар нашри аввал танҳо санъатҳои маънавиву лафзӣ ҷой дода шудаанд, аммо дар нашрҳои дигар батадриҷ арӯз ва ниҳоят қофия афзуда шуданд, ки дар маҷмуъ тамоми масъалаҳои суханвариро, ки ниёгони мо онро фунуни сегонаи адабӣ меномиданд, муштамил шудааст.

Бо он ки даҳҳо асари илмии адабиётшиносӣ аз садаи XI то XX таълиф шуда буданд, дар ибтидои садаи бист ва хусусан баъди инқилоб як даврае фаро расид, ки аҳли адаб асосан ба мавзуъ ва ғоя эътибор доданд. Чанд бор иваз шудани алифбо, дастнорас будани китобҳои классикон, сӯхтану нобуд кардани китобҳои форсӣ омилҳои асосии паст шудани саводи адабӣ гардиданд. Хоса, дар назм мушкилоти зиёд дар таносуби сухан, дар вазни шеър ва ороиши калом ба миён омад. Мушкили асосӣ дар он буд, ки то солҳои шастӯми садаи бист китобҳои дарсии марбут ба поэтика аслан вуҷуд надоштанд. Дар ҳамин ҳол ба вуҷуд омадани китоби «Санъати сухан» воқеан хеле саривақтӣ ва зарур буд. Ин ҳолатро академик М. Шакурӣ чунин дарёфтааст, ки «ҷанбаи сиёсӣ дар шеъри иҷтимоӣ боло гирифт

ва шеърияти шеърро паст бурда, шеъри урёнро ба миён овард, ки бештарин аз неруи бузурги мазмунофаринии бадеъият бебаҳра мондааст» [9, с. 7].

Заъфи бадеият дар шеър ва батадриҷ рушд ёфтани фаҳмиши бадеӣ, аз худ кардани қавоиди арӯз ва қофия ин ҳама барои ташаккули тафаккури нави бадеӣ созгор омад ва нахустин касе, ки дар замони шуравӣ ба ҳамин кор даст зад, Тӯрақул Зеҳнӣ буд. Ҳарчанд ки ба қавли муаллиф, ӯ «асосҳои илмии воситаҳои тасвироти бадеиро» баён накардааст, аммо аз нигоҳи як нафар донишманди мумтози замони мо шарҳ ёфтани матлабҳои асосии поэтика кори воқеан муҳим буд. Маҳз ҳамин китоб дар баробари ошноӣ ба поэтикаи шеъри муосири кишварҳои дигари форсизабон барои таҳаввулоти ҳунарӣ дар шеъри муосири тоҷик шароит фароҳам овард. Шояд як сабаби падид омадани тағйироти куллӣ дар мазмун ва ифода дар шеъри тоҷикии баъди солҳои шастӯми садаи бист ҳамин боло рафтани шуури эстетикӣ, завқи шеършиносии аҳли адаб буд.

Чунонки муаллифи китоби «Саҳми Тӯрақул Зеҳнӣ дар рушди илму адаб ва фарҳанги тоҷик» Парвин Олимова баршумурдааст, дар нашри аввали китоб 44 санъати маънавӣ ва 17 санъати лафзӣ, дар нашри дувум 37 санъати маънавӣ ва 25 санъати лафзӣ ва дар нусхаи севум 38 санъати маънавӣ ва 47 санъати лафзӣ ҷой дода шудааст [7, с. 171-172]. Зимнан он нукта ҳам қобили зикр аст, ки аз як нашр то нашри дигар муаллиф асари худро ҳам аз назари муҳтаво ва ҳам аз назари сохтор такмил додааст. Чунонки агар дар нашри аввал, чунонки гуфта омад, 44 санъати маънавӣ зикр ва шарҳу тавзеҳ ёфта бошад, зимнан миқдори онҳо камтар буда, ворид шудани қисмҳои таркибии мавзуъҳо ба унвони мавзуоти алоҳида, чунонки ташбеҳ, истиора, кинояву таъриз, шумур, ирсоли масал ва ғайра шумори санъатҳоро бештар кардааст. Масалан, муаллиф

шаш навъи ташбеҳро ба ҳайси анвои ин санъати маънавӣ як-як шарҳу тавзеҳ намудааст. Ҳамин навъи ҷойгиршавии мавод дар мавриди санъатҳои лафзӣ, аз ҷумла санъати таҷнис низ ба мушоҳида меояд.

Дар қисмати Хотимаи китоб дар нашри аввал муаллиф оид ба шеъри писандида ва такаллуфӣ, таъқид ва заъфи таълиф, заҳф ва имола, танофури ҳуруф, сирқа ва таворуд маълумот медиҳад. Дар нашрҳои минбаъда ин матлабҳоро дар поёни қисмати «Санъатҳои бадеӣ» таҳти унвонҳои «Нақдушшеър», «Нуқсонҳои фасоҳатшикани калима», «Нуқсонҳои фасоҳатшикани калом», «Дар бораи сирқоти шеърӣ» ва «Таворуд» ҷой медиҳад. Албатта, чунин маводи арзишманд бо мисолҳои бисёр ҷолиб аз ашъори шоирони муосир ва бо нишон додани роҳҳои бартараф кардани онҳо дар чунин китоб аҳаммияти хос дорад. Аммо ҷойи он на дар поёни санъатҳои лафзӣ, балки алоҳида бояд бошад. Айни ҳамин суханро метавон дар мавриди қисмати «Даромади сухан» низ метавонем арз кунем. Балоғат ва фасоҳат, шеър ва наср, навъҳои наср, таносуби калом, ибдоъ, маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳо, маҷози мурсал матлабҳое аз фунуни «Маонӣ» ва «Баён» ҳастанд, ки бешак, ҷузъе аз илми поэтика мебошанд ва онҳо низ беҳтар аст, ки дар дар қисмати махсусе ҷойгир шаванд.

Дар қисми дувуми китоб, ки дар нашрҳои дувум ва минбаъда пайдо шуд, сухан дар бораи «Мухтасари арӯзи тоҷикӣ» меравад. Дар ин бахш муаллиф муҳимтарин қоидаҳои арӯзро оварда, ҳарчи осонтар ва фаҳмотар мушкилоти вазни шеъриро барои навомӯзон баён мекунад. Муаллиф баъд аз маълумоти умумӣ дар бораи арӯз ва вазн якчанд қоидаи муҳимми арӯзро шарҳ медиҳад, ки аз ҷумла қоидаҳои афзоишу табдил, кашишҳои равову нораво, сактаву вазн мебошанд. Маълумоти ӯ оид ба баҳрҳои асливу фаръӣ, вазни рубоӣ, вазнҳои эҷодкардаи арӯзиёни Аҷам

ва баҳрҳои махсуси араб бо мисолҳои хеле муносиб ва мувофиқ шарҳ дода шудаанд. Бо назардошти чанд асаре, ки марбут ба арӯз дар ибтидо ва нимаи аввали садаи XX рӯйи кор омаданд, Тӯрақул Зеҳнӣ дар бораи мизони санҷиши вазни шеър, аз ҷумла дар осори А. Фитрат бо усули дойра «бак-бак-бака-бак», дар осори Н. Бектош «ла-лай-лай-лай» ва дар таълифоти Парвиз Нотили Хонларӣ «тититин-тин» андешаҳои худро баён карда, нақси ин се усулро дар он мебинад, ки муаллифони онҳо ба камияти ҳиҷоҳо эътибор дода, кайфияти онҳоро сарфи назар кардаанд ва тибқи таълимоти онҳо рукнҳои фоилун ва фоилон, фаилун ва фаилот ва ғ. аз ҳам тафовут надоранд.

Қисми севуми китоб марбут ба қофия аст. Маълум мешавад, ки дар поёни умр Тӯрақул Зеҳнӣ барои комил шудани «Санъати сухан» аз улуми маъмули сегона норасоии қофияро эҳсос карда, ин бахши китобро низ таҳия мекунад, аммо хеле мухтасар, дар ҳаҷми 15 сафҳа. Дар ин бахш муаллиф дар бораи қофияҳои маъюб ва шойгон маълумот дода, ҷойгоҳи ҳарфи равӣ, чаҳор ҳарфи пеш аз он – таъсис, дахил, ридф ва қайд ва чаҳор ҳарфи баъди равӣ: васл, хуруҷ, мазид, ноираро шарҳ медиҳад. Ӯ зебоиҳои қофияро дар робита бо вазни шеър ва мусиқии он бо овардани намунаҳои ҷолибе аз ашъори Мавлавиву Камоли Хуҷандӣ ва шоирони маъруфи дигар нишон медиҳад. Бо ин ҳама бояд эътироф кард, ки ин бахши кор дар робита бо қофия, ки як илми алоҳидае дар улуми адабӣ буд, хеле мухтасар аст.

Дар поёни ин мақола метавон хулоса кард, ки Тӯрақул Зеҳнӣ аввалин донишманде буд, ки дар замони нав масъалаҳои поэтикаро дар маҷмуъ ва бо чунин услуби дилнишин ба миён гузошт. Дар як китоб фароҳам омадани масъалаҳои муҳимтарини адабиёти бадеӣ, аз фасоҳату балоғат ва таносуби маъно то ороиши сухан ва арӯзу қофия кори

басо саривақтиву муҳим ва арзишманд буд, ки чандин насли адибон ва муҳаққиқони ҷавонро бедору босавод кард. Ва ин китоб вазифаи саводомӯзии адабиро то имрӯз идома медиҳад.

Ҳақ ба ҷониби донишманди фарзона С. Саъдиев аст, ки аз назари ӯ, «ин асар давоми муқаррарии анъанаи илми бадеии классикӣ набуда, аз мавқеи адабиётшиносии имрӯза навишта шудааст. Ин асар калонтарин дастоварди адабиётшиносии тоҷик дар соҳаи бадеияти шеър ба шумор меравад. Вале он то ҳол дар адабиётшиносӣ ва танқиди адабии мо баҳои ҳақиқӣ ва объективии худро нагирифтааст» [8, с. 40].

Дарвоқеъ, асари мондагор ва пурбори устод Тӯрақул Зеҳнӣ хидмати бузург ба миллат ва адабиёти мост ва ҳоло дар марҳалаи нав дар заминаи он имкон дорад, ду кори муҳим анҷом ёбад.

Якум, бояд рисолаи хубе марбут ба таҳқиқи санъатҳои бадеӣ, арӯз ва қофия дар «Санъати сухан»-и Тӯрақул Зеҳнӣ таълиф шавад. Дар мавриди пешниҳоди аввал, зикри рисолаи П. Олимова қаблан рафта буд, ки дар он дар маҷмуъ самтҳои гуногуни тадқиқоти филологии Т. Зеҳнӣ дар матбуот, дар таълифи китобҳои дарсиву дастурҳои таълимӣ, дар таҳқиқи масъалаҳои забони адабӣ ва пажӯҳиши адабиёти классикии тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, аммо «Санъати сухан» ва бурду бохти он метавонад мавзуи як рисолаи алоҳида бошад.

Дувум, аҳли адаб ва толибилмон ба китоби дарсии мукаммал марбут ба поэтикаи адабиёти тоҷик эҳтиёҷ доранд. Мусаллам аст, ки дар таҳқиқи санъатҳои бадеӣ, фасоҳат ва балоғат, арӯз ва қофия баъд аз «Санъати сухан»-и Тӯрақул Зеҳнӣ навиштаҳои устодони фарзона Х. Шарифов, Р. Мусулмонқулов, А. Сатторзода, У. Тоиров ва чанд тани дигар рӯйи кор омадаанд. Хусусан, «Каломи бадеъ»,

«Балоғат ва суханварӣ», «Назмшиносӣ»-и Х. Шарифов (китоби охир дар ҳамкорӣ бо У. Тоиров таълиф шудааст) ва «Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ»-и А. Сатторзода ба марҳалаи дигар расидани таҳқиқи масоили улуми адабиро собит намуданд. Ин осори арзишманд дар радифи таълифоти ниёгон ба сифати намунаҳои хуби таҳқиқи поэтика барои таълифи китоби дарсии бунёдӣ дар ин замина метавонанд хидмат кунанд.

**Пайнавишт:**

1. *Зеҳнӣ, Т.* Адабиёти халқӣ // Раҳбари дониш: Маводи илмӣ-танқидии маҷаллаи «Раҳбари дониш». – Хуҷанд, 2021. – С. 160-180.

2. *Зеҳнӣ, Т.* Санъати сухан. – Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.

3. *Зеҳнӣ, Т.* Санъати сухан. – Душанбе: Маориф, 1992. – 304 с.

4. *Зеҳнӣ, Т.* Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960. – 259 с.

5. *Зеҳнӣ, Т.* Чанд сухани судманд. – Душанбе: Ирфон, 1984 – 160 с.

6. *Мирзозода, Х.* Марди закӣ // Зеҳнӣ дар дилу дидаи дӯстон. – Душанбе: Ирфон, 2007.

7. *Олимова, П.* Саҳми Тӯрақул Зеҳнӣ дар рушди илму адаб ва фарҳанги тоҷик. – Душанбе, 2018. – 228 с.

8. *Саъдиев, С.* Арбоби барҷастаи илму маърифати тоҷик // Зеҳнӣ дар дилу дидаи дӯстон. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 40.

9. *Шакурӣ, М.* Яке аз муборизони роҳи худшиносии миллат // Зеҳнӣ дар дилу дидаи дӯстон. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 5-13.

10. *Шарифов, Х.* Поэтика // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷ. 2, Душанбе, 1989. – С. 546.

## МУНАҚҚИДИ ТАВОНОИ ШЕЪР

Устод Тӯрақул Зеҳнӣ на танҳо шоир, адабпажӯҳ, матншинос, фолклоршинос, тазкиранигор, забоншинос, луғатнигор, публисист ва рӯзноманигор аст, балки мунаққиди забардаст низ мебошад, ки дар мақолаҳои мутааддид оид ба эҷодиёти адибони номвари замон Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ ва Мирзо Турсунзода ва шоирони навқаламӣ он рӯзгор М. Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Қутбӣ Киром, Гулрухсор, Озод Аминзода, Ҳадиса Қурбонова, Басир Расо, Усмон Олим ва дигарон диду назари хешро баён намуда, бурду бохти онҳоро нишон медиҳад. Дар як силсила асарҳои ӯ сухан дар бораи тарбияи шоирони ҷавон ва роҳҳои дурӣ ҷустан аз ҳашв рафтааст. Зимни ошноӣ бо осорномаи Тӯрақул Зеҳнӣ маълум мешавад, ки масъалаҳои шеъру шоирӣ ва вазну қофия ҳанӯз аз солҳои 20-уми садаи бист сар карда, таваҷҷуҳи ӯро ба худ кашидаанд. Солҳои 1925-1928 аввалин мақолаҳои ӯ марбут ба шеър ва арӯз ба табъ мерасанд [12; 13].

Аммо дар солҳои 60-70-ум ин масъалаҳо дар меҳвари андешаҳои ӯ қарор мегиранд. Мақолаҳои ӯ оид ба шеър, таносуби шаклу маънӣ, забони асарҳои бадеӣ пай дар пай дар матбуот интишор ёфта, барои бедории маънавӣ ва такмили ихтисоси ҷавоншоирон ёрии амалӣ мерасонанд. Махсусан, таъсис ёфтани саҳифаи махсуси «Дорулфунуни адабиёт ва санъат» дар «Комсомоли Тоҷикистон» ва чопи мақолаҳо дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» ва маҷаллаи «Занони Тоҷикистон» барои пур кардани холигоҳи шеършиносӣ мусоидат менамоянд. Мақолаҳои «Шеър», «Бояд шеър бомазмуну мавзун бошад», «Тарбияи истеъдод чист?», «Баъзе қайдҳо дар бораи шеърҳои навқаламон», «Таҳлили ашъори баъзе шоирони ҷавон», «Назаре ба ашъори шоираҳо», «Соҳибихтиёрии шоир дар қофи-

ябандӣ», ҳамчунин силсилаи мақолаҳо перомуни арӯз: «Арӯз чист?», «Кайфияти ҳиҷоҳо дар арӯз», «Баъзе лаҳзаҳои муҳимми арӯз ва вазни ҳиҷо», «Соз омадани арӯз ва вазни ҳиҷо» ва ғайра самтҳои таваҷҷуҳи ӯро ба шинохти шеър ва муайян кардани ҳусну қубҳи ашъори ҷавонон нишон медиҳанд.

Дар бораи фазилатҳои наққодии Тӯрақул Зеҳнӣ дар фасли «Баррасии ҷанбаи ҳунарии шеъри тоҷикӣ дар пажӯҳиши Тӯрақул Зеҳнӣ» дар рисолаи «Саҳми Тӯрақул Зеҳнӣ дар рушди илму адаб ва фарҳанги тоҷик»- и Парвин Олимова, «Ноқиди шеър»- и Алӣ Бобоҷон, «Зеҳнӣ ва баррасии шеъри тоҷикӣ»-и Нурмуҳаммад Одинаев [15; 2; 14] сухан рафтааст. Як сифати барҷастаи мунаққидии Тӯрақул Зеҳниро муҳаққиқи хуби тоҷик Мубашшири Акбарзод бисёр борикбинона дарёфтааст: «Дар садаи бист Зеҳнӣ аз он донишмандони ангуштшуморе буд, ки айбу норасоиҳои сухани аҳли суханро ошкоро нишон медод ва роҳиислоҳи онҳоро ишора мекард, яъне ӯ ҳамчун табиб дардро муайян мекард ва илоҷи онро низ нишон медод, ки ин роҳи беҳтарини ҳалли мушкил мебошад» [1, с. 197]. Ҳоло бо гузашти беш аз 60 сол пас аз таълифи ин мақолот чунин ба назар мерасад, ки воқеан ҳам устод Зеҳнӣ бо он зеҳни расо ва фаросати камназири худ дастовардҳо ва нуқсонҳои шеърро чунон нозук ва моҳирона меёфту ошкор мекард, ки ба кам касон чунин тавфиқ даст медод. Ва аз ҳама муҳимаш ин буд, ки ӯ на ба шеваи ҷурмҷӯйии дағал, балки ба лаҳни омӯзгори пуртаҷриба ва хайрхоҳ ба ҷавонон муроҷиат мекард, ҳаргиз фазлфурӯшӣ намекард ва ҳар нуктае, ки мегуфт, ҳатман далелҳои қотеъ пеш меовард. Ба қавле, мунаққиде буд донову тавоно, ҳақиқатгӯву ростқавл, ки мислашро имрӯз орзу мекунем.

Дар бархе аз мақолаҳо Тӯрақул Зеҳнӣ масъалаи накди шеър дар матбуотро ба миён мегузорад. Ӯ дуруст таъкид

мекунад, ки «дар матбуоти мо масъалаи танқиди адабӣ ба дараҷаи матлуб ҳанӯз пеш нарафтааст. Ҳарчанд аз тарафи мазмун ва гоҳо дар бораи шакл ва забони шеърӣ каму беш баҳс ва танқидҳо ба назар намуда истад ҳам, вале дар бораи вазн – арӯз мақолаи амалӣ ва намунае то ҳол дида нашудааст» [9]. Муаллиф дуруст пай бурдааст, ки ҳини таҳлил адабиётшиносон маъмулан дар бораи мазмуни асар изҳори назар мекунанд, вале масъалаҳои дигар сарфи назар мешавад: «Мунаққидони мо дар бораи мазмун ва ғояи асари бадеӣ бисёр менависанд, вале дар бораи нуқсони забони шеърӣ, вазн ва умуман ороиши зоҳирии асар бисёр кам гуфтугӯ мекунанд» [4].

Дар мақолаҳои танқидӣ Тӯрақул Зеҳнӣ ба якчанд масъалаи муҳим муроҷиат мекунад: мафҳуми шеър, фарқи шоир аз нозим, пайванди шакл ва мазмуни шеър, истифодаи бемавқеи баъзе калимаву ибораҳо, ихтилол дар вазни шеърӣ.

Муаллиф кӯшиш мекунад, ки ҳини маслиҳат додан ба ҷавонон моҳияти шеърро ба онҳо фаҳмонад, то бо дарки ин нукта онҳо ба ин шохаи пурбори адабиёт муносибати ҷиддитар дошта бошанд: «Маънои луғавии шеър, - менависад ӯ, - дарёфтан, донистан ва маърифати чизҳои нафис аст. Вале дар адабиётшиносӣ шеър воситаи барангехтани эҳсосот аст… Шеър аз илму дониш обуранг мегирад. Дониш ин ё он масъалаи илмиро ба ақлу идрок арз мекунад ва шеър онро зевари латифи сухан қарор дода, манзараҳои дилкаши табиат ва ҷамъиятро бо эҳсоси амиқ нишон медиҳад» [10, с. 42].

Дар робита бо ин масъала ӯ фарқи шоир ва нозимро шарҳ медиҳад. Андешаҳои худро дар бораи шоир ва нозим ӯ бо мисолҳои ҷолиб исбот мекунад. Ҳамчун намунаи олии шеър ӯ ба ашъори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода ишора менамояд.

Таҳлили шеъри «Се қатра»-и Лоҳутӣ чун баёнгари ҳунари шоир дар истифодаи ташхис дар ин шеър оварда мешавад.

Яке аз матлабҳои меҳварии назарияи адабиёт пайванди шаклу мазмун мебошад. Дар бораи таносуби шакл ва мазмун Т. Зеҳнӣ қариб дар ҳамаи мақолаҳояш андеша ронда, пайванди онҳоро таъкид мекунад: «Шакл бе мундариҷа такомул намекунад, ғояи асар ба воситаи вазъияти мумтози мундариҷа таъмин мегардад. Дар айни ҳол шакли зебо ҳам ба мундариҷа ва мазмун таъсир накарда намемонад. Ин ду вазъияти шеърӣ ба ҳам алоқаи узвӣ доранд - мундариҷаи суст обрӯйи шакли зеборо мерезад. Ин гуна шеър камтаъсир буда, завқи бадеии хонандаро барнамеангезад» [4].

Албатта, шакли зебо, масалан вазни хушоҳанг, жанри мувофиқ ба мазмун ва ғоя барои шеър хеле муҳим аст, аммо агар асар аз мазмуни баланд маҳрум бошад, шакл моҳияти худро гум мекунад. Бинобар ин, мунаққид шеъри зоҳиран зебо, вале мазмунан сустро ба себи сурхи дарунпӯсида монанд мекунад: «Шакл ва мундариҷа ба ҳам сахт вобастаанд. Чунонки мазмуни баланд бо шакли зебо ороста мегардад,шакли зебо ҳам ҳамон қадар бо мазмуни олӣ хушк ва пуч менамояд. Ин гуна шаклҳои раъно монанди себи сурхи холдори дарунпӯсида мебошанд, инчунин мазмунҳои олие, ки маҳрум аз шакли дилписанди матлубанд, монанди асали мусаффои фасли баҳорианд, ки дар косаи сафолии лабшикастаи сираш рехта андохта бошанд» [9].

Ин аст, ки аз назари Т. Зеҳнӣ, «мазмуни баланду шакли зебо ҳусни асарро як бар чанд меафзояд» [3]. Дар мавриди моҳияти қофияҳои зебо ва нақши мусиқисозу мазмунпардози онҳо ин донишманд бо аҳли адаб мувофиқ аст. Аммо андешаи Шамси Қайси Розиро дар бораи нақши аввалдараҷаи қофия муқаддам будани он бар маънӣ қабул надо-

рад, зеро ба андешаи ӯ, «қофия ба маънӣ муқаддам нест, балки маънӣ ба вазну қофия ва ҳамаи санъатҳои бадеӣ муқаддам аст, зеро ҳамаи инҳо барои зоҳир шудани маънӣ хизмат мекунад» [3].

Яке аз масъалаҳои муҳимро дар шеъру шоирӣ Т. Зеҳнӣ тарбияи истеъдод мешуморад. Ӯ соҳибони истеъдодро «шоирони табиӣ» ном бурда, онҳоро ба шоирони касбӣ муқобил мегузорад. Аз назари ӯ, «шеъри шоирони касбӣ, ҳарчанд санъаткорона эҷод шуда бошад ҳам, такаллуфӣ буда, аксар аз фазилати самимият хушк ва бетаъсир мебошад» [10, с. 38]. Шарти муҳимми шоирӣ тарбияи истеъдод аст, ки ба қавли Т. Зеҳнӣ, ба се роҳ сурат мегирад:

1. Роҳи ғоявӣ ва мафкуравӣ, яъне аз ҷиҳати ҷаҳонбинӣ ба роҳи дуруст дохил шудан;
2. Тарбияи касбӣ, яъне омӯхтани сирру асрори касби худ;
3. Донистани ҳаёт.

Гузаштагон дар асарҳои илмии худ ҳамеша таъкид мекарданд, ки барои шеър гуфтан шоири ҷавон чи микдор ашъорро аз кадом шоирони мутааххир ва муосир бояд бидонад. Тӯрақул Зеҳнӣ низ аз пайи донишмандон на танҳо истеъдод, балки омӯзишро басо муҳим ба ҳисоб меоварад: «Лозим аст, ки шоири ҷавон илму дониш, назарияҳои адабиётшиносӣ, вазни арӯзро аз худ намояд, малака ва таҷрибаи худро афзояд… Ба иловаи истеъдод маълумот, малака, фаҳмиши сирри мавзунӣ ва балоғати ашъори устодони гузашта ва муосир боиси инкишофи истеъдоди ҷавоншоир аст» [10, с. 40].

Ба фикри ӯ, ағлаби шоирони ҷавон дарди шуҳратҷӯӣ ва шуҳратхоҳӣ доранд, ҳанӯз ба касби камол нарасида, ашъори худро бо тамоми нуқсоноти шаклӣ ва мазмунӣ чоп кардан мехоҳанд, аз эродҳои мунаққидон меранҷанд, ҳол он ки «шарт нест, ки ҳар шеъри шоири ҷавон чоп шавад. Аз шаш-ҳафт шеър яктоаш чоп шавад кифоя аст [10, с. 40].

Дар накдушшеър Т. Зеҳнӣ шеъри писандида ва такаллуфиро ҷудо мекунад ва ба аввалӣ тарҷеҳ медиҳад, зеро он содаву мавзун буда, бо калимаҳои маънус (забонзади мардум) сохта мешавад. Шеъри такаллуфӣ бошад, саршори санъатҳои лафзист. Муаллиф дар «Санъати сухан» унсурҳои фасоҳатшикани калима: танофури ҳуруф, калимаҳои ноошно, хилофи қиёс, калимаҳои духӯра, калима ва шаклҳои маҳаллиро ном мебарад ва дар шарҳи ҳар кадоми он намунаҳое аз ашъори шоирони муосирро истифода мебарад. Чунин усули шарҳро ӯ дар фасли нуқсонҳои фасоҳатшикани калом низ ба кор мебарад. Заъфи таълиф, таъқид, танофури калимаҳо, ҳашв унсурҳое ҳастанд, ки шеърро халалдор мекунанд.

Ҷолиб он аст, ки муаллиф қариб ҳамеша ба ҷойи шакли хато роҳи ислоҳи онро нишон медиҳад ва роҳи дурустро пешниҳод мекунанд. Масалан, дар байти зерини Гулчеҳра:

**Ҳамехоҳам туро он ҷо бубинам,**
**Чи хуш бо қомати болову хандон.**

«Қомату боло синоними қад буда бо изофат якҷо овардани онҳо аз қабили ҳашви қабеҳ ба шумор меравад». Бинобар ин Т. Зеҳнӣ пешниҳод мекунад мисраи дуюм чунин ислоҳ карда шавад:

«Чи хуш бо қомати зебову хандон». Зимнан, ба андешаи мо, ин пешниҳод низ баҳснок менамояд, зеро калимаҳои «зебову хандон» ба калимаи «қомат» нисбат доранд ва таркиби «қомати хандон» дуруст нест.

Чунин ба мушоҳида омад, ки Т. Зеҳнӣ аввал дар мақолаҳо оид ба масъалаҳои фасоҳат ва балоғати шеър изҳори назар карда, сипас муҳимтарини онҳоро ба китоби «Санъати сухан» интиқол додааст.

Чунончи, дар мақолаи «Бояд шеър бомазмуну мавзун бошад», ӯ чаҳор нуқсони ҷузъии шеърро номбар мекунад:

1. Заъфи таълиф (суст будани устухонбандӣ)

2. Ҳашв (сухани барзиёд)

3. Ҳилофи қиёс (зидди қоидаи маъмулӣ)

4. Заҳфу имола (сакта, норасоии ҳарф ё барзиёдии он)

Ба сифати мисол истифодаи нодурусти таркиби «зиндагии фаровон»-ро дар шеъри Ҳадиса зикр мекунад ва шарҳ медиҳад, ки таркиби «ҳосили фаровон» дуруст аст, аммо истифодаи сифати «фаровон» дар мавриди «зиндагӣ» раво нест. Дар байти зерини Қутбӣ Киром мунаққид якбора се хаторо ошкор мекунад:

**Аз ин оби муҳаббатнок саҳро**
**Ва чӯли ташна месозад наҳорӣ.**

Якум, истифодаи вожаи «муҳаббатнок», дувум - «наҳорӣ кардани чӯли ташна» ва севум, корбурди пайвандаки «ва». Т. Зеҳнӣ шакли дурусти ин байтро чунин пешниҳод мекунад:

**Аз ин оби муҳаббатрез саҳро**
**Бихӯрду ёфт файзи навбаҳорӣ [3].**

Дар як силсила мақолаҳои танқидии худ муаллиф дастоварду камбудиҳои шоирони муосири худро бисёр нозук пай бурда, роҳҳои бартараф кардани хатоҳоро нишон медиҳад ва барои ҷавоншоирон сабақ меорад. Дар ин мақолаҳо номҳо ва намунаҳои ашъори Суҳайлӣ, Ф. Ансорӣ, Ғ. Мирзо, П. Сулаймонӣ, М. Аминзода, М. Қаноат, Лоиқ, Ҳадиса, Г. Сулаймонова, Гулназар ва дигарон ба назар мерасанд.

Аз ин мақолаҳо маълум мешавад, ки Т. Зеҳнӣ то чи андоза ба забон муносибати эҳтиёткорона дошта, ҳини истифодаи он ба ҳар калима ва хар ҳарфу ҳиҷо ба тааммуқ сар фурӯ мебурдааст. Ин матлабро аз мақолаи Алӣ Бобоҷон [2] ба хубӣ дарк мекунем. Дар он сухан дар бораи чаҳор унсури фасоҳатшикани шеър (заъфи таълиф, хилофи қиёс, заҳфу имола, ҳашв) оғоз ёфта, сипас дар бораи истифодаи

нодурусти вожаи *зеҳ* ба ҷойи *зӣ, амният* ба ҷойи *амнийят,* истифодаи нодурусти вожаҳои *таълим, таъзим* бо «и»-и кӯтоҳ, *тобут* бидуни «вов», қофияи норавои *«ночиз» ва «Ҳофиз», «чашми сар»* ба маънои *«чашми дил»* матлабҳои ҷолиб шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Муаллиф аз ашъори Тилло Пӯлодӣ, Атахон Сайфуллоев, Мастон Шералӣ, Сарвар Аминҷон, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Мавҷуда Ҳакимова дар иртибот бо нақди сараи Муҳиддин Фарҳат ва Тӯрақул Зеҳнӣ мисоли фаровон меорад ва дар ҳар ҳолат истифодаи дуруст ё нодурусти калимаҳоро нишон медиҳад.

Яке аз мақолаҳои арзишманди Т. Зеҳнӣ ба таҳқиқи забон ва вазни шеъри Лоиқ Шералӣ ихтисос ёфтааст. Ин мақола, ки бо номи «Камоли истеъдод» ҳанӯз соли 1961 [4] интишор ёфтааст, аз назари моҳиятҷӯ ва чашми гавҳаршиноси мунаққид дарак медиҳад. Ҳанӯз дар оғози кори эҷодӣ Лоиқ аз маслиҳатҳои судманди Т. Зеҳнӣ баҳра ёфтааст. Бо он ки шоири ҷавон хеле пурмутолиа буду дар истифодаи луғот эҳтиёткор, мунаққид чанд хатои ӯро ошкор мекунад. Ӯ аз ҷумла дар бораи истифодаи нодурусти калимаҳои «тавлид», «аҷзу умед», «қавмдон», «нокордида», «саршахӣ» изҳори назар мекунад ва дар айни ҳол аз корбурди дурусти вожаҳои «сипардан», «навруста», «рустан», «растан» изҳори қаноатмандӣ менамояд.

Мунаққид бар он бовар аст, ки «истеъдоди Лоиқ баланд, ҳиссиёташ рақиқ, зеҳнаш тез, махсусан офарандаи образҳои навин мебошад» (камоли истеъдод). Замон исбот кард, ки Зеҳнӣ воқеан ҳам ҷавҳари шоирии Лоиқро ҳанӯз аз овони ҷавонӣ пай бурда будааст.

Дар мақолаи дигар «Назаре ба ашъори шоираҳо» [5] муаллиф аз ашъори ҷавоншоираҳо ёд карда маҳорати онҳоро дар истифодаи забон, вазн, таъбиру ифода, мақолу зарбулмасал бо мамнуният таъкид мекунад. Дар ин мақо-

ла асосан сухан дар бораи шеъри Озод Аминзода рафтааст ва ҳини баррасии ашъори ӯ муаллиф ба ашъори Гулчеҳра Сулаймонова, Ҳадиса, Гулрухсор низ рӯ меорад.

Ҳамин тариқ, як назари шитобзада ба накди адабии устод Тӯрақул Зеҳнӣ ба хулосае меорад, ки ин сухансанҷи нодирагуфтор дар шинохти фасоҳат ва балоғати сухан, дар ошкор кардани нуқсонҳои фасоҳатшикани калом беҳамто буда, дар рушди маънавии ҷавоншоирон хидмати шоиста ба ҷо овардааст.

**Пайнавишт:**


1. *Акбарзод, М*. Тарозуи сухансанҷӣ // Зеҳнӣ дар дилу дидаи дӯстон. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 197-198.

2. *Бобоҷон, Алӣ*. Ноқиди шеър // Зеҳнӣ дар дилу дидаи дӯстон. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 119-135.

3. *Зеҳнӣ, Т*. Бояд шеър бомазмуну мавзун бошад // Маориф ва маданият. – 1960. – 21-уми июн.

4. *Зеҳнӣ, Т*. Камоли истеъдод : қайдҳо оид ба забон ва вазни ашъори Лоиқ // Комсомоли Тоҷикистон. – 1973. – 20-уми июн.

5. *Зеҳнӣ, Т*. Назаре ба ашъори шоираҳо // Занони Тоҷикистон. – 1973. – № 2. – С. 18-19.

6. *Зеҳнӣ, Т*. Санъати сухан. – Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.

7. *Зеҳнӣ, Т*. Санъати сухан. – Душанбе: Маориф, 1992. – 304 с.

8. *Зеҳнӣ, Т*. Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960. – 259 с.

9. *Зеҳнӣ, Т*. Таҳлили ашъори баъзе шоирони ҷавон // Комсомоли Тоҷикистон. – 1961. – 30-уми август.

10. *Зеҳнӣ, Т*. Чанд сухани судманд. – Душанбе: Ирфон, 1984 – 160 с.

11. *Зеҳнӣ, Т*. Шеър. Маслиҳат ба шоирони ҷавон // Комсомоли Тоҷикистон. – 1965. – 14-уми феврал.

12. *Зеҳнӣ, Т*. Шоири бузурги нахустини тоҷикон: Дар бораи Рӯдакӣ // Овози тоҷик. – 1925. – 7, 12-уми август; Адабиёти халқ

// Раҳбари дониш. – 1928. – № 4-5. – С. 25-29; Вазни арӯз, вазни ҳиҷоӣ ва шакл // Овози тоҷик. – 1928. – 16-уми сентябр.

13. Т. Н. Зеҳнӣ (библиография) / Тартибдиҳандагон Н. Кароматуллоева ва Ф. Зеҳнӣ. – Душанбе, 1976. – 54 с.

14. *Одинаев, Н*. Зеҳнӣ ва баррасии шеъри тоҷикӣ // Зеҳнинома (Тӯрақул Зеҳнӣ ва масъалаҳои забон, адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ) – Душанбе, 2022. – С. 90-91.

15. *Олимова, П*. Саҳми Тӯрақул Зеҳнӣ дар рушди илму адаб ва фарҳанги тоҷик. – Душанбе, 2018. – 228 с.

## АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ: АНГЕЗАҲО ВА МУҲТАВОИ АШЪОРИ МАРБУТ БА ХУҶАНД

Аввалин шеъри устод Лоҳутӣ, ки ба шаҳри Хуҷанд ва мардуми он робита дошт, ғазали «Ёри хуҷандӣ» буд. Ин шеър, ки соли 1927 дар шаҳри Тошканд ба қалам омад, дар замоне таълиф шуда буд, ки муаллифи он ҳануз ин шаҳри бостониро надида ва бо мардуми он ошноӣ надошт. «Ёри хуҷандӣ» зоҳиран ғазали ошиқона аст ва дар тамоми маҷмуаҳои устод Лоҳутӣ дар бахши ашъори ишқӣ ҷой дода шудааст. Аммо, ба гумони ғолиб, он бештар мазмуни сиёсӣ дорад ва дар он рӯзгоре рӯйи сафҳа омадааст, ки тақдири ба марзи Тоҷикистон ворид шудан ва ё дар ҳайати Ӯзбекистон мондани он бояд ҳал мешуд. Ба дурустии ин андеша хотираҳои ҳамсари устод низ гувоҳӣ медиҳанд.

Дар суҳбат бо профессор А. Сайфуллоев Ситсилия Бону аз мулоқоти шоир бо Абдураҳим Ҳоҷибоев, ки он замон нозири зироати ҷумҳурӣ буд ва дар комиссияҳои миллии марзбандии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ширкат дошт, ёдовар шуда, муҳтавои суҳбати Ҳоҷибоевро дар бораи мубоҳисаю мунозираҳои тезу тунд оид ба ворид намудани шаҳри Хуҷанд ба ҳайъати Тоҷикистон ва хоҳиши ӯро ба Лоҳутӣ оид ба кӯмак дар ҳалли ин масъала тавассути шеър ҳикоят мекунад [1].

Ҳамин тавр, ғазали мазкур чун номаи даъват ба ёрони хуҷандӣ баҳри бунёди сарнавишти хеш, ворид шудан ба ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳри хештаншиносӣ ва худшиносии миллии бошандагони ин шаҳри бузурги бостонӣ ба қалам омад. Ин шеър дар қолаби анъанавии ғазали ҳафтбайтӣ дар баҳри хазаҷи мусамани ахраби макфуфи маҳзуф (мафъӯлу мафоӣлу мафоӣлу фаӯлун) гуфта шудааст, ки се байти аввалини он чунин аст:

**Хунобаи ин синаам, эй ёри хуҷандӣ,**
**Дил буд, ту онро ба чунин рӯз фикандӣ.**

**Хубӣ ту, вале ҳайф, ки ушшоқфурӯшӣ,**
**Ҷононаӣ, афсус, ки бегонаписандӣ.**
**Меҳр аз ту агар металабам, мункири меҳрӣ,**
**Пандат ба вафо гар бидиҳам, душмани пандӣ.**

Дар байти охир шоир аз бемеҳрии ёри хуҷандӣ гила мекунад:

**Алқисса, миёни ҳама хубони замона,**
**Бемеҳртарӣ аз ҳама эй, ёри хуҷандӣ!**

Ба назари мо, профессор А. Сайфуллоев дуруст пай бурдааст, ки «ин ғазал мурочиати А. Лоҳутӣ ба мардуми Хуҷанд буд. Он зоҳиран шеъри ишқӣ бошад ҳам, шоир тавассути самбулҳо муддаои дили худро гуфтааст» [2].

Воқеан ҳам, дар байти аввал шоир аз ёри хуҷандӣ гила дорад, ки бемеҳриву ҷафои ӯ дилро ба «хунобаи сина» табдил додааст. Тавсифҳои «ушшоқфурӯш», «бегонаписанд», «мункири меҳр», «душмани панд», «бемеҳртар аз ҳама», ки ба «ёри хуҷандӣ» нисбат дода шудааст, аз вазъи ҳол дар он рӯзгор шаҳодат дода, чеҳраи онҳоеро боз менамояд, ки «бегонаро» аз «хеш» авло донистаанд. Қаҳрамони ғиноӣ ӯро «хубу» «ҷонона мехонад», аз ӯ меҳр металабад, ба ӯ панд медиҳад, дидори ӯро меҷӯяд, дар дили худ аз меҳри ӯ тухми вафо мекорад ва дар посух ба муҳаббати худ аз ёр низ вафову сидқ умедвор аст.

Агар ба ашъори ғиноии устод Лоҳутӣ бо чашми тааммуқ нигарем, маълум мешавад, ки ағлаби ин шеърҳо дар либоси ошиқона тавассути самбулу тамсилҳо баёнгари мазомини муҳимми иҷтимоиву сиёсӣ шудаанд. Ба ин маънӣ, Субҳон Давронов низ зимни омӯзиш ва таҳқиқи авзони арӯз дар ашъори Абулқосим Лоҳутӣ, ба натиҷае мерасад, ки аз миёни 247 ғазали устод 90 адади онро намунаҳои авзони баҳри ҳазаҷ ташкил медиҳанд ва «бисёре аз онҳо фақат дар назари аввал соф ишқӣ менамоянд ва дар ҳақиқат дар онҳо мазмунҳои тезу тунди сиёсии давр ифо-

да шудааст ва рамзу киноя мавқеи муҳим ишғол мекунад» [3]. Ин нукта як навъ тасдиқи андешаи устод Айнӣ аст, ки гуфта буд: «Рафиқ Лоҳутӣ шеърҳои политикиро ҳам лирикона менависад. Гуфтан мумкин аст, ки ӯ таъсискунандаи лирикаи политикист дар забони тоҷикӣ» [4].

Устод Лоҳутӣ борҳо ба Хуҷанд сафар карда, раҳоварди сафарҳояш силсилаи ашъори пуртаровате будааст, ки дар он руҳи замон ба ваҷҳи аҳсан ифода ёфта, вазъи илму фарҳанг, сохтмони колхозӣ, мубориза ва мусобиқаҳои меҳнаткашон, озодии занон ва ташаббусҳои ҷавонон бо сабки нав ва таъбиру таркибҳои тоза инъикос ёфтаанд. Аз куллиёти Лоҳутӣ, мукотибаи ӯ бо аҳли адаб Раҳим Ҷалил ва Ҳоҷӣ Содиқ, аз хотироти нависандагон дар бораи ӯ, ҳамчунин аз ёддоштҳои худи устод маълум мешавад, ки шеърҳои «Барои савод», «Офарин», рубоиёти «Ба он занон ва духтарони тоҷик, ки дар таъсири руҳониён аз нав фаранҷӣ пӯшидаанд», «Ба мӯйсафедони шаҳр ва колхозҳои Ленинобод», «Рӯ сӯйи Тоҷикистон бояд сафар намудан», достони «Тоҷ ва байрақ», шеърҳои «Аз роҳ», «Ба кӯчагардони ҷанги ҷаҳонгирӣ» ва ғайра ба Хуҷанд бахшида шудаанд ва ё дар ин шаҳр эҷод шудаанд.

Дар шеъри «Барои савод», ки ба муносибати нашр шудани рӯзномаи «Барои савод» дар Хуҷанд соли 1932 таълиф шудааст, шоир ба мардуми ин шаҳр, ки ливои илму донишро баланд афрохтаанд, сано мехонад:

**Зиҳӣ рафиқи хуҷандӣ, ки болшевикона**
**Зи рӯйи дониши синфӣ диҳад баҳои савод.**
**Хуҷанд гашта бригади зарбдор эълон,**
**Ба мулки ҳафтуми шуро диҳад нидои савод.**
**Яқин ки ин писари ҳафтумии сотсиализм**
**Ба Шарқи пири ситамкаш диҳад давои савод.**

Чунонки дар ағлаби ашъори шуравии Лоҳутӣ ба мушоҳида меояд, ӯ дар ин шеър низ ду давраи зиндагӣ – то-

шуравӣ ва шуравиро ба ҳам муқобил гузошта, саводро имтиёзи сарватмандон ва ҷаҳлу бесаводиро хоси мазлумон дар замони тошуравӣ меҳисобад. Ва ҳоло ки замони нав фаро расидааст, заҳматкашони Хуҷанд ба унвони як ҷузъи ҷумҳурии ҳафтуми шуравӣ «бригадаи зарбдор» эълон шуда, барои савод саъю талош доранд, зеро маҳз тавассути савод имкон даст медиҳад, ки дардҳои куҳани «Шарқи пир» даво ёбад. Шеъри мазкур намунаи шеъри хитоба ва даъват аст ба кулли заҳматкашон:

**Мусаллам аст, ки фотеҳ шавад дар ин майдон,**
**Ҳуҷуми фавҷи бузурги зафарнамои савод.**
**Савод мояи илм асту илм – айни ҳаёт,**
**Ба пеш тӯдаи заҳматкашон, барои савод!**

Барои Лоҳутӣ ҳар як муваффақияти мардуми тоҷик новобаста ба он, ки дар кадом гӯшаву канори ҷумҳурӣ зиндагӣ дорад, хеле муҳим буд. Заҳматкашони Хуҷанд низ, ки дар мусобиқаҳо фаъолона ширкат намуда, пайи ҳам фатҳу зафар ба даст меоварданд ва шоир бо камоли мамнуният аз кору пайкори онҳо дар шеъри дигараш «Офарин» [1934) мухотаби худро «болшевики номдори Хуҷанд» қарор медиҳад:

**Эй Хуҷанд, эй болшевики номдор,**
**Фатҳи нав кардӣ, муборак, офарин!**
**Аз таги дил, аз даруни ҷон ба ту**
**Ҳурмати комил, саломи оташин.**

Дар ин шеър, ки дар айни авҷи «мусобиқаҳои сотсиалистӣ» ва талошҳо барои «иҷрои нақшаҳои панҷсола дар чаҳор сол» ба қалам омадааст, шоир мардуми тоҷик, заҳматкашони Хуҷандро даъват мекунад, ки миёни мардуми ҷумҳуриҳои ҳамсоя низ пешсаф бошанд, то ки тамоми дунё ба эшон «офарин» гӯяд. Ҷолиб он аст, ки ин бор шоир таркиби «ёри хуҷандӣ»-ро бо камоли ифтихор ва дар канори вожаҳои «қудрат» ва «фатҳ» ба қалам меорад:

**Паҳлавон ӯзбек, диловар туркман,**
**Қудрати ёри хуҷандиро бубин,**
**Фатҳ кун, охир ту ҳам, то бишнавӣ**
**Аз ҳама дунё садои офарин!**

Тибқи хотироти нависандаи халқии Тоҷикистон Раҳим Ҷалил, ӯ бори аввал бо Лоҳутӣ соли 1931 дар бинои Иттиҳодияи нависандагони ҷумҳурӣ дар Сталинобод шинос шуда ва худи ҳамон сол дар охири даҳаи дуюми моҳи март ҳини сафари устод ба Хуҷанд ва ноҳияҳои атрофи он ба ӯ ҳамроҳӣ карда будааст [5]. Тибқи маълумоте, ки ба мо дастрас аст, ба назар чунин менамояд, ки маҳз дар ҳамин рӯзҳо, яъне дар арафаи Наврӯз, моҳи марти соли 1931 Лоҳутӣ бори аввал ба Хуҷанд ташриф меорад ва ҳини ин сафар мулоқотҳои зиёде анҷом дода, аз ҷумла ба колхози Коминтерн низ меравад, ки он ҷо мусобиқа миёни бригадаҳои пахтачин дар авҷ буд. Ошноӣ бо пахтачиндухтарон, ҷавонон ва сарвари колхоз Орифҷону ҳамкоронаш ӯро хеле ба ваҷд меорад. Дар ин бора Лоҳутӣ менависад:

«Дар соли 1933 ман дар ҳамин доираи Хуҷанд шоҳиди муборизаи хеле шадиди мобайни 7 бригада аз колхози «Коминтерн» будам. Ин 7 бригада барои пештар, бештар ва беҳтар иҷро кардани плони пахта мусобиқаи иҷтимоӣ эълон карда буданд. Қарор ин буд, ки ҳар бригада дар ин мубориза фотеҳ шавад, Байрақи сурхро, ки аломати ғалаба тайин шуда буд, бигирад… Мушоҳидаҳои ин муборизаҳои сотсиалистӣ… достони Фирдавсиро дар масъалаи тоҷ ба хотирам овард» [6].

**Кӣ донад ҳамон ҷо, ки Баҳроми гурд,**
**Зи майдон ҳамон тоҷ чун гӯй бурд.**
**Ҳамон ҷо набошад, ки Ориф чу шер,**
**Ба каф дошт он байрақи беназир.**

Роҷеъ ба таърихи таълифи ин достон нигорандаи он чунин ёдовар мешавад: «Рӯзе ман аз сафари Осиёи Миёна баргашта, воқиаеро аз сохтмони колхозӣ дар Тоҷикистон,

ки ба ман таъсири бузург карда буд, ба вай (Горкий –М. М. ) нақл намудам. Аз шунидани ин воқиа Горкий ба ҷуш омад. Шумо ҳатман дар ин бора бояд достоне нависед, – гуфт ӯ ва аз он рӯз дар ҳар маҷлисе, ки ба ман рост меомад, ҳатман мепурсид: «Чӣ тавр шуд, шумо достони худро сар кардед? Дар натиҷаи ин таъкидоти ӯ буд, ки оқибат достони «Тоҷу байрақ» ба вуҷуд омад» [7].

Чунонки мулоҳиза мешавад, достон асосан дар руҳияи пуртантанаи «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ ба қалам омадааст. Лоҳутӣ дар ин асар низ ба сабки худ содиқ monда, дирӯз ва имрӯзро ба ҳам муқобил мегузорад. Адабиётшинос Ҳ. Шодиқулов дуруст пай бурдааст, ки «дар ин асар муборизаи байни бригадаҳои пахтакорӣ барои ҳосили баланди пахта ва ба даст даровардани байрақи сурх … бо ҷангҳои хунин, ки барои ба даст даровардани тоҷу тахт ба миён меоянд, муқобил гузошта шудааст» [8]. Низоъ дар ин достон тавассути муборизаи Ориф ва Султонхӯҷа нишон дода шудааст. Саҳнаи набарди онҳо як намунаи пайравӣ ба «Шоҳнома» буда, айнан дар ҳамон вазну руҳия ба қалам омадааст:

**Ба сахтӣ ду тан дар ҳам омехтанд,**
**Ҳаме бар ҳаво гард ангехтанд,**
**Гаҳ ин зонуи он кашондӣ ба хок,**
**Гаҳ он мешуд аз зарбати ин ҳалок.**

Як нуктаи муҳим дар мавриди навоварӣ дар сабки ин достон чунин аст, ки дар он вазнҳои мухталиф омехта шудаанд. Чунончи, «Таронаи пахтачин», ки дар батни ин матн аст, дар вазни мутафовит аз мутақорибӣ мусаммани маҳзуф ё мақсур (фаӯлун фаӯлун, фаӯлун фаӯл/фаал), ки бахши асосии достон дар он гуфта шудааст, ба мушоҳида меояд:

**Пахтаи мо бубин, чи бешумор аст,**
**Ин самари ғайрати марди кор аст…**
**Чароғи чун офтоби мо ҳамин аст,**
**Дафтари мо, китоби мо ҳамин аст.**

Ба ғайр аз вазнҳои мухталиф, дар қисматҳои достон тарзи тасвир низ тафовут дорад. Он ғолибан бо услуби романтикӣ иншо шудааст, аммо тасвири реалистӣ низ ҷойгоҳи хос дорад. Биноан, фикри зерин ба назар дуруст менамояд: «Достони «Тоҷ ва байрақ» аз ҷиҳати шакл анъанаи достонсароии классикиро давом дода, вале аз ҷиҳати мавзуъ, ғоя ва тасвири образи қаҳрамонҳо достони нав бошад ҳам, дар он омехта ба ҳам зоҳир шудани тасвирҳои реалистӣ ва романтикӣ мушоҳида мешавад» [9].

Нуктаи ҷолиб он аст, ки шоир ин достони худро ҳини сафари навбатии худ ба Хуҷанд, соли 1935 ба хонандагон ва махсусан барои онҳое, ки дар таълифи асар ӯро таҳрик додаанд, мехонад ва фикри онҳоро донистан мехоҳад. Нависанда Ҳоҷӣ Содиқ аз ин мулоқот ёдовар шуда, менависад, ки «дӯстони колхозии устод (бо инҳо дар вохӯрии якум ошно шуда будааст) Орифҷон Шокиров, Ӯрунхола Шукурова, Иброҳимҷон саркор, Муъминбой Шамсӣ, Маҳмудбой саркор, сарбухгалтер Яҳёҷон Олимов, махсусан ҷавонон ба пешвози меҳмони муътабар тайёрӣ медиданд [10]. Бодиққат гӯш додан ба ҳарфҳои хонандагон далели он аст, ки барои шоир то чи андоза ба ҳақиқат наздик ва созгор будани асараш хеле муҳим будааст.

Маълум мешавад, ки Лоҳутӣ ҳангоми иқомат дар Маскав низ бо камоли дилсӯзӣ ба зиндагии мардуми тоҷик таваҷҷуҳ зоҳир мекард.

Санаи 15-уми сентябри соли 1937 дар рӯзномаи «Правда» мақолаеро дар бораи занони комбинати абрешими Хуҷанд хонда, бо асабоният ба Раҳим Ҷалил менависад: «Имрӯз субҳ дар газетаи «Правда» хондам, ки духтарони комбинати абрешими Ленинобод, ҳамон духтарони озоду шодеро, ки дида будам – боз ҳам бо фаранҷӣ мегарданд. Хеле мутаассир шудам. Ҳамин тавр духтарони тоҷик мехоҳанд ба духтарони Шарқи мутамаддин роҳбарӣ кунанд? Афсӯс!... » [11]. Дар идомаи ин нома Лоҳутӣ хабар медиҳад,

ки оҷилан чаҳор рубоӣ навиштааст ва хоҳиш мекунад, ки ин рубоиҳо дар рӯзномаи вилоятӣ дарҷ шавад. Ӯ ин силсиларо «Ба он занон ва духтарони тоҷик, ки дар таъсири руҳониён аз нав фаранҷӣ пӯшидаанд» унвон ниҳода, дар яке аз ин рубоиҳо мегӯяд:

**Сарсабз будам, буто, зи рафтори ту ман,**
**Дилшод зи озодию гуфтори ту ман.**
**Гӯянд зи нав асири чодар шудаӣ,**
**Шармандаву ҳайрон шудам аз кори ту ман.**

Баъд аз ду ҳафта, санаи 1 октябри ҳамон сол номаи дигаре ба Раҳим Ҷалил навишта, дар он занонро «нимаи бадани ҷомеа» ном мебарад ва ҳануз зери таъсири мақолаи «Правда» бо таассуф менависад: «Маълум мешавад, ки фурӯшандаҳои ватани сусиёлистӣ бо ин кор хостаанд, ки ними ҷомеаи моро аз кор биандозанд» [12]. Ба ин нома Лоҳутӣ чаҳор рубоии дигарро мулҳақ намуда, чопи онҳоро хоҳиш менамояд. Рубоии зерин низ аз он ҷумла буд:

**Эй золими бешараф, зану духтари ту,**
**Дигар нашаванд асиру хизматгари ту.**
**Дасти ситами туро ба зудӣ фиканад**
**Сарпанҷаи инқилоб аз пайкари ту.**

Тирамоҳи соли 1947 ҳини сафари навбатии Лоҳутӣ падари Зариф Раҷабов – Шариф Раҷабов, ки бо устод ошноӣ дошт, илтимоси калонсолони шаҳрро дар бораи мулоқот ба ӯ расонд. Ба қавли Раҳим Ҷалил, Лоҳутӣ гуфт:

«Авлоди ӯ, – устод Лоҳутӣ дар даст девони Камолро дошт ва ишора ба он мекард, – ҳарчи хоҳаду фармояд, ба ҷону дил ба ҷо меоварам. Агар руҳи ӯ мадад кунад, барги сабзе ба қалам меораму бурда ба онҳо мехонам. Барги сабзи Лоҳутӣ «Ба мӯйсафедони шаҳр ва колхозҳои Ленинобод» пагоҳии он рӯз покнавис шуд [13]. Ин шеър дар шакли ғазал дар вазни музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф (мафъӯлу фоилоту мафоӣлу фоилун) гуфта шуда, муштамил бар ҳафт байт аст. Дар ин ғазали иҷтимоӣ, ки аз

назари мавзуву мундариҷа намунаи шеъри нав аст, шоир муносибати худро ба мӯйсафедони зиндадиле, ки мехоҳанд бо меҳнати содиқона дар бунёди ҷомеаи нав саҳми худро гузоранд, баён намуда, эшонро намунаи ибрат барои ҷавонон меномад. Дар абёти аввал шоир аз эҳсоси бузурги шодмонӣ зимни мулоқот бо мӯйсафедони барнодил хабар медиҳад. Ӯ онҳоро «ҷавонони мӯйсафед» номида, ҳар лаҳзаи суҳбат ва дидор бо эшонро «рӯзи ид» мехонад:

**Имрӯз дар ҳузури ҷавонони муйсафед**
**Чандон хушам, ки ҳар нафасам ҳаст рӯзи ид.**
**Шод он, ки пешашон қадаре рози дил бигуфт,**
**Хушбахт он касе, ки даме гуфташон шунид.**

Дар байти дигар шоир аз авлоди шайх Камоли Хуҷандӣ будани ин мӯйсафедонро таъкид намуда, айни ҳол муносибати хешро ба ин бузургвор баён мекунад. Таркибҳои «Камоли кабир» ва «донишваре, ки ҳамсари ӯро ҷаҳон надид» ин маъниро тасдиқ мекунанд:

**Аз дудаи Камоли кабиранд ин касон,**
**Донишваре, ки ҳамсари ӯро ҷаҳон надид.**

Ба андешаи шоир, ин мӯйсафедони ҳакиму донишманд, дар айни ҳол мисли кӯдак содаву муаддабу хушбоваранд ва дар канори онҳо будан мояи ифтихору сарфарозист:

**Дарёи донишанду чу кӯдак муаддабанд,**
**Ин дурр ба баҳри иззати онҳо бувад мазид.**
**Чун омадам ба хидмати ин мӯсафедҳо,**
**Фарқи сарам зи фахр ба ҳафт осмон расид.**

Дар байти дигар муаллиф вожаи «пахта»-ро на танҳо ба маънии «кӯҳи пахта», ки мӯйсафедҳо чидаанд, балки чун муродифи «мӯйи сафед» низ ба кор бурда, вожаи «пахтамӯйҳо»-ро месозад:

**Аз ман салом бод ба он пахтамӯйҳо,**
**Чун ҳар якаш баробари як кӯҳ пахта чид.**

Байти охирини шеър ҳамду сано ба ин мӯйсафедони пурталошу фозилу пурҳунар аст, ки «саъю фазлу ҳунарҳо»-шон ба «ҷавонони наврасид» зебандаи ибрат аст. Ба ибораи дигар, ин шеъре, ки дар ситоиши мӯйсафедони меҳнатқарин ва ватандӯст гуфта шудааст, аслан мухотабаш ҷавонон ҳастанд, ки аз кору пайкори пирони пурдида бояд таҷрибаи зиндагӣ андӯзанд ва ба нафъи мардум онро ба кор баранд:

**Зебад, ки саъю фазлу ҳунарҳои он гурӯҳ**
**Ибрат шавад ба кори ҷавонони наврасид.**

Сафари охирини Лоҳутӣ ба Хуҷанд соли 1948 бо ташаббуси Раҳим Ҷалил сурат гирифт. Бино ба маълумоти нависанда, раиси колхози «Сталин» Пӯлод Бобокалонов, ки бо Лоҳутӣ дӯстӣ дошт, ба аёдати Лоҳутии бемор ба манзили Раҳим Ҷалил меояд ва хоҳиш мекунад, ки барои чойхонаи нақшдори колхоз устод як рубоӣ гӯяд, то дар девор бинависанд. Устод рубоии зеринро дар зарфи панҷ дақиқа иншо мекунад, ки далели табъи равони ӯст:

**Рӯ сӯйи Тоҷикистон бояд сафар намудан,**
**Бо чашми нав ҷаҳонро бояд назар намудан.**
**Хоҳӣ агар бубинӣ дарвозаи камунизм,**
**Аз колхози «Сталин» бояд гузар намудан.**

Дар баъзе сарчашмаҳо номи колхозро «Гулистон» гуфтаанд, аммо Раҳим Ҷалил, ки шоҳиди таълифи ин рубоӣ будааст, дар хотироти худ шакли нахустини онро сабт намудааст [14].

Ҳамин тариқ, баррасии иҷмолии силсилаи шеърҳои хуҷандии Лоҳутӣ андешаву афкори ӯро дар як давраи фаъолияти адабии ӯ метавонад равшан кунад. Дар ин мақола мухтасар дар бораи ашъоре гуфта шуд, ки дар Хуҷанд иншо шуда ва ё ба мардуми Хуҷанд эҳдо шудааст. Аксари ин ашъор бар асари таассуроти сафар ва мулоқотҳо бо мардуми ин шаҳр рӯйи сафҳа омада, бозгӯйи вазъи замон ва руҳияи мардум дар он рӯзгори пур аз талошу мубори-

заҳо будааст. Маълум мешавад, ки дар солҳои сиюм ва чилум (сафари аввалини Лоҳутӣ соли 1931 ва сафари охирин соли 1948 ба вуқуъ пайвастааст) шоир борҳо ба Хуҷанд ташриф оварда ва ҳосили ин сафарҳо муҳаббатномаҳои манзуме будааст, ки ғолибан мундариҷаи сиёсиву иҷтимоӣ дошта, аз вазъи замон ва аҳволи меҳнаткашон дар ҷабҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ ва бунёди ҷомеи нав дарак медиҳанд. Ин ашъор намунаи боризи назми солҳои 30-40-и садаи бисти тоҷик буда, саршор аз рамзу киноёт ва ташбеҳу тавсифҳои тоза аст ва аз назари муҳтаво ғолибан шеъри даъват ба созандагист.

**Пайнавишт:**


1. *Сайфуллоев, А*. Тулуи хуршед // Абдураҳим Ҳоҷибоев: Осор ва пайкор. – Хуҷанд, 2010, с. 526.
2. Ҳамон ҷо, с. 256
3. *Давронов, С*. Вазни арӯз дар шеъри устод Лоҳутӣ // Ёдбуди Лоҳутӣ. – Душанбе, 1974, с. 150.
4. *Айнӣ, С*. Куллиёт. ҷ. 2, к. 1. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963, с. 217.
5. *Ҷалил, Р*. Ёди устод // Ёдбуди устод Лоҳутӣ. – Душанбе, Адиб, 1987, с. 39.
6. Куллиёт, ҷ. 3, с. 106.
7. Куллиёт, ҷ. VI, с. 227-228.
8. *Шодиқулов, Ҳ*. Ҷавобияҳои Лоҳутӣ ва баъзе масъалаҳои навоварӣ // Ёдбуди Лоҳутӣ, с. 164.
9. *Отахонова, Х*. Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик. – Душанбе, 2015, с. 272.
10. *Ҳоҷӣ Содиқ*. Ду вохӯрӣ // Ёдбуди устод Лоҳутӣ. – Душанбе, Адиб, 1987, с. 198.

11-12. *Лоҳутӣ, А*. Номаҳо. – Душанбе: Адиб, 2004, с. 87.

13. Ёдбуди устод Лоҳутӣ. – Душанбе, 1987, с. 54.
14. Ёдбуди устод Лоҳутӣ. – Душанбе, 1987, с. 48.

# НАҚШИ АДАБИЁТИ РУС ДАР ТАШАККУЛИ ҶАҲОНШИНОСӢ ВА ШЕЪРИ ПАЙРАВ СУЛАЙМОНӢ

Замони зиндагии Пайрав Сулаймонӣ пурошӯбтарин давраи сиёсӣ барои мардуми кишварҳои собиқ шуравӣ буд, ки ҳам навгароён ва ҳам кӯҳнаандешон, ҳам ҷонибдорони инқилоби сурх ва ҳам мухолифони онро ба доми бало афканд. Пайрав Сулаймонӣ низ тамоми моҷароҳои бузурги замонро аз сар гузаронида, гоҳе гирифтори таъқиб ва гоҳе сазовори таърифи ҳамзамонон зиндагии кӯтоҳи худро ба поён расонид. Ӯ метавонист аз шахсиятҳои равшантарини фарҳангии замони худ бошад, зеро, аз як тараф, зодаи гаҳвораи тоҷикон Бухоро бо огоҳии комил аз фарҳангу адаби форсу тоҷик ва таҷрибаи зиндагӣ дар фазои фарҳангии кишварҳои Эрону Афғонистон буд, аз ҷониби дигар, дарсҳои хусусӣ аз муаллимони рус дар солҳои 1915-1916 ва таҳсил дар мактаби пешрафтаи Когон заминаҳои хубе барои рушди ҷаҳонбинии густардаи ин ҷавони кӯшо гузошта буданд. Аммо мушкилоти замон барои зуҳури истеъдоди комили ӯ имкон надод ва хати умри ин шоири ҷавон дар нимароҳ хотима ёфт. Бо ин ҳама, он чи аз ӯ мерос мондааст, аз ҷустуҷуҳои навоваронаи ин адиби хушзавқ ва тавоно, ки дар ташаккули адабиёти навини тоҷик нақше аз худ ба ҷой гузоштааст, дарак медиҳад.

Ҷустуҷӯҳо ва навовариҳои Пайрав Сулаймонӣ асосан дар заминаи ошноӣ ва баҳравари аз адабиёти рус сурат гирифтанд ва дар ин бора ашъори ба В. Маяковский, М. Горкий ва А. Серафимович бахшидаи ӯ, инчунин тарҷумаҳои ӯ аз ин адабиёт гувоҳӣ медиҳанд. Зимнан ҷойи тазаккур аст, ки солҳои 20-30-юми асри XX давраи таъсирпазирии шадид аз адабиёти рус барои тамоми халқҳои собиқ шуравӣ ва махсусан барои адибони Осиёи Марказӣ

буданд ва ин таъсир то солҳои 80-ум, то замоне, ки робитаҳои адабӣ ва дӯстии халқҳои шӯравӣ ривоҷ дошт, идома дошт. Яке аз сабабҳои маҳз дар солҳои 20-30-юм зиёдтар таъсир пазируфтани адибони тоҷик ин буд, ки замони нав бо тунд-гароиҳои сиёсӣ, муборизаҳои мафкуравӣ ва суръати беназири иваз шудани муносибатҳои иқтисодиву фарҳангӣ, маскун шудани миллатҳои дигар, хоса русҳо, дар байни мардуми таҳҷоӣ, дигар шудани руҳияи ҷомеа осореро мееписандид, ки ҳамин руҳияи навро таҷассум кунад. Барои ин навъи кор мебоист аз анъанаҳои пешин даст кашида, ҳарфҳои нав гуфта шавад ва ин амал ниёз ба истифодаи таҷрибаи муваффақи дигарон дошт. Дар ин маврид беш аз ҳама таҷрибаи адибони рус, хоса адибони инқилобӣ В. Маяковский ва М. Горкий ба нависандагони халқҳои шуравӣ дастрастар буд. Адибони замони инқилоб дар осори худ ғояҳои навро тарғиб менамуданд ва дар шакли асар низ тозакориҳо ворид намуда буданд, ки чунин навоварӣ ба шоири ҷавони тоҷик Пайрав Сулаймонӣ писанд афтод. Масалан, В. В. Маяковский як муддат ба ҷараёни футуристӣ гаравида, бо онҳое ҳамақида буд, ки аз киштии замон Пушкин, Гогол ва дигаронро мехостанд берун афкананд, яъне тарзи нигориши классикони адабиётро намепазируфтанд. Пайрав Сулаймонӣ низ ба ин ҷараён таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҳатто дар як мактубаш ба Раҳим Ҳошим навиштааст, ки «як порчаи футуристии қутуристиро, ки ба муносибати Якуми Май навиштаам, фиристодам. Тааҷҷуб накун, мон, Пайрав ҳам як футурист шуда гирад» [2, с. 214). Аз давоми ин мактуб маълум мешавад, ки Пайрав дар бораи футуризм назари хоси худро дорад, вале чун ҳадафи ин мақола дигар аст, баҳсро дар ин мавзуъ идома надода, ба сари масъалаи таъсири адабиёти рус ба эҷодиёти Пайрав бармегардем.

Шарифҷон Ҳусейнзода дар мақолаи худ «Анъанаи В. В. Маяковский дар назми советии тоҷик» дуруст мушоҳи-

да намуда, ки «масъалаи таъсири Маяковский ба назми советии тоҷик аз пайравӣ кардан ба приёмҳои зоҳирии вай иборат набуда, балки ин таъсир пеш аз ҳама, характери идеявӣ дорад» [6, с. 222]. Ба андешаи эшон, шоирон барои азхуд кардани «хусусиятҳои хитобатӣ ва тезу тунди сиёсӣ, ритм ва интонатсияи назми ӯ кӯшиданд», онҳо муҳимарин масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии замон, ҳис ва тафаккури одамони навро дар осорашон инъикос намуданд, ки ин ҳама нишонаҳое аз анъанаҳои назми пролетарии рус ва пеш аз ҳама В. Маяковский буд. Дар мавриди Пайрав Сулаймонӣ низ муҳаққиқ бар он назар аст, ки «Пайрав Сулаймонӣ, ки дар ибтидо ғарқи кайфиятҳои индивидуалистӣ гардида буд, ба сабаби торафт алоқаи мустаҳкам пайдо кардани ӯ бо қувваҳои пешқадам… ба анъанаҳои нави адабиёти револютсионии рус, ки яке аз беҳтарин намунаи он назми Маяковский мебошад, муроҷиат намуд» [6, с. 222-223].

Дар бораи таъсири шеър ва шахсияти В. Маяковский ба ҷаҳонбинӣ ва поэтикаи шеъри Пайрав Сулаймонӣ аз рӯйи шеъри «Ба муносибати вафоти шоири инқилобии рус Маяковский» метавон хулоса кард. Ин шеър соли 1930 дар Тошканд таълиф шуда, нахустин мисраи он аз мактубе иқтибос шудааст, ки шоири рус пеш аз маргаш навишта буд: «Любовная лодка разбилась…». Пайрав Сулаймонӣ дар аввалин мисраи шеъри худ аз ҳамин нома истифода намуд:

**«Завраќи ишқ шикаста шуд…», афсус!**
**Сафарашро тамом нокарда,**
**Баҳри пурҷӯшро шино карда,**
**Ғарқу ноёб гашт шоири рус.**

Ин ҷо сухан аз завраќи зиндагист, ки дар нимароҳи умед шикаста шуд ва нохудои онро ғарқ кард. «Баҳри пурҷӯш» ҳамон тӯфонҳои балохези замони шоир аст, ки ин

завраҷро ба садама дучор намуд. Шоири тоҷик дар баробари таассуфи зиёд бовар дорад, ки «киштиҳои мукаммалу зебо месозем» ва «сар ба сар баҳрро шино созем».

Киштии маҷозие, ки Пайрав дар назар дорад, киштии меҳнату заҳмат, киштии муборизаву интиқом, киштии фатҳу нусрат аст:

**Киштии меҳнат, киштии заҳмат,**
**Киштии зидди шоҳу давлату дин,**
**Киштии интиқому киштии кин,**
**Киштии фатҳу киштии нусрат…**

Дар банди охири шеър шоир ин киштиро ба иттиҳоди шуроҳо мансуб медонад ва итминон дорад, ки ин киштӣ «баҳри таҳрики инқилоби ҷаҳон» хидмат хоҳад кард. Мисраъҳои охирини шеър мисли шиор ва даъват садо медиҳанд:

**Пеш-пеш!**
**Урро!**
**Пеш-пеш**
**Урро!**

Агар аз назари сохт ба ин шеър таваҷҷуҳ кунем, маълум мешавад, ки ҳар чаҳор банди он бо қофиябандии ғайримуқаррарии *абба, вггв, деед, жззж* сохта шуда, аз назари вазн низ барои шеъри суннатӣ номукаррар аст. Агар ду банди аввал дар вазни фоилотун/ мафоилун/ фаълун гуфта шуда бошад, банди севум дар вазни фоилун / фаълун / фоилун / фаълун, се мисраи банди охирин аз нав дар вазни фоилотун / мафоилун / фаълун ва ниҳоят мисраи охирин, ки ба чор ҳисса ҷудо шуда, ҳар ҳисса дар зинае ҷо гирифтааст, аз нав дар вазни фоилун / фаълун / фоилун / фаълун сохта шудааст. Ин навъи шеър барои шеъри тоҷикӣ ҳам аз назари навъи адабӣ, ҳам аз назари қофиябандӣ, ҳам аз назари мазмунсозиву тасвирпардозӣ комилан нав аст.

Ин намунаи шеъри нав, бешубҳа, дар заминаи омӯзиши ашъори шоири рус В. Маяковский ва таҷрибаи шоирони навандеши тоҷик, аз ҷумла ашъори устод Садриддин Айнӣ, хоса «Марши ҳуррият», ки дар баҳри мутадорик бо баъзе тағйироти дохилии фикраъҳо иншо шудааст ва ашъори устод Абулқосим Лоҳутӣ рӯйи кор омадааст.

Дар шеъри дигар, ки ба муносибати ҷашни 40-солагии адиби пролетарӣ Максим Горкий бо унвони «Қалами санъат ва меҳнат» гуфта шудааст ва таърихи иншои он октябри 1932 аст, тарзи қофиябандии маснавӣ, яъне аа, бб, вв… риоя шудааст, аммо ҷолиб он аст, ки ин шеър аз 13 мисраъ иборат аст. Се мисраи охир дар як қофия сохта шудааст. Шеър аз оғоз то анҷом дар вазни мафоилун/ фаилотун/мафоилун/ фаилун манзум шуда, дар он қалам ва маҳорати адабии нависандаи инқилобгаро ва муҳофизи аҳли ситам М. Горкий мавриди таҳсину ситоиш қарор гирифтааст:

**Зиҳӣ ба панҷаат, устоди санъату меҳнат,**
**Зи меҳнат санъат резад, зи санъатат меҳнат.**
**Ҳазорҳо асарат ҷилва мекунад шабу рӯз**
**Ба пеши чашми ситамкаш чу «Модар»-и дилсӯз…**

Пайрав Сулаймонӣ адиби русро «устоди санъату меҳнат» меномад ва аз романи машҳури ӯ «Модар», ки дар он симои модари ҷасуру мубориз Пелагея Ниловна ва писари диловари ӯ, ки ба ҳаракати инқилобӣ пайвастаанд, инчунин осори дигари ӯ ёдовар мешавад. Дар банди охири шеър бо эҳсоси бузурги ифтихор аз мақому мартабаи нависандаи пурмаҳорат Пайрав Сулаймонӣ менависад:

**Агарчи панҷаи меҳнат қаламтарош бувад,**
**Аз он тарош ба ҷисми адӯ харош бувад!**
**Ҳазорҳо қалами мӯшикоф месозад,**
**Дар он миён қаламат роли хеш мебозад,**
**Ба санъати қаламат пролетар менозад!**

«Рол бозидани қалам», аслан таркиби «рол бозидан» дар даҳсолаҳои аввали баъди инқилоб дар тамоми кишварҳои шуравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, аз таркибҳои мураввадҷ буд, ки ба тариқи таҳтуллафз аз русии «играть роль» сохта шуда, ҳатто ба шеър низ ворид шудааст. Санъати қалам – яъне ишора ба маҳорати адиб дар инъикоси муборизаҳои шадид ва фатҳу нусрати марди заҳматкаш аст. Меҳнаткашон қалам месозанд ва ин қалам дар дили душманон тарсу ваҳм эҷод мекунад. Нозидани пролетар – ифтихор ва сипосгузории табақаи меҳнаткашон аз ҳунари волои нависандаест, ки дарду ранҷи онҳоро мӯшикофона тасвир мекунад.

Пайрав Сулаймонӣ на танҳо ба унвони шоир, балки ба сифати як тарҷумон низ шуҳрат ёфтааст. Тарҷумаи мазҳакаи «Муфаттиш»-и Н. В. Гогол, ки мутаассифона, рӯйи чопро надид ва дастнависаш гум шуд, аз таваҷҷуҳи ӯ ба эҷодиёти ин адиби бузурги рус дарак медиҳад. Осори дигаре, ки Пайрав Сулаймонӣ тарҷума кардааст, на танҳо майлу рағбати адибро ба шеър, балки ба наср низ собит мекунанд. Дар баробари тарҷумаи ду шеъри шоири рус Александр Жаров, ки ҳарду ҳам ба муносибати вафоти В. И. Ленин гуфта шудааст, Пайрав Сулаймонӣ романи А. Серафимович «Сели оҳанин» ва драмаи Д. Фурманов ва С. Поливанов «Балво»-ро ба забони тоҷикӣ тарҷума намуд.

Аз ин миён тарҷумаи романи А. Серафимович «Сели оҳанин» дар Тоҷикистон шуҳрати бештар ёфт. Он бори аввал соли 1934 як сол пас аз марги шоир ва боз ду бори дигар дар солҳои 1939 ва 1949 чоп шуд. Александр Попов (1863-1949), ки бо тахаллуси Серафимович осори зиёде, аз ҷумла ҳикояву очеркҳо ва повестҳо ба ёдгор гузоштааст, дар романи «Сели оҳанин» симои халқро, ки тамоми мушкилоти замони инқилобро паси сар намуда, обу тоб ёфтааст ва дар ин миён як артиши ҷоннисору содиқи ва-

танро низ тарбият кардааст, инъикос менамояд. Ҳамин руҳияи шикастнопазари инқилобӣ ба Пайрав Сулаймонӣ хуш омад ва ӯ бо камоли майл романи нависандаи русро тарҷума карда, ҳамчунин як шеъре ба муносибати ҷашни 70-солагии ӯ эҷод мекунад, ки бо номи «Ба устоди «Сели оҳанин» Серафимович» интишор меёбад. Ин шеър, ки соли 1933 дар Самарқанд иншо шудааст, дар «Куллиёт»-и шоир охирин аст. Маълум мешавад, ки Пайрав Сулаймонӣ онро дар вопасин моҳҳои зиндагиаш таълиф намудааст. Ин шеър аз ҳафт банди чаҳормисрагӣ таркиб ёфта, тарзи қофиябандии дохили бандҳо мухталиф аст: дар банди аввал қофиябандии муздаваҷ аабб, дар бандҳои дувум ва севум ааба, дар банди чаҳоруму панҷум абвб, дар банди шашум абаб ва дар банди охирин мисли банди аввал аабб ба мушоҳида меояд. Дар ин шеър назари муаллиф ба баҳси «санъат барои санъат» баён шудааст. Оид ба ин масъала муҳаққиқ ва тарҷумони номвари русзабони Тоҷикистон Мирра Явич (1916-1989), ки дар бораи Пайрав Сулаймонӣ мақолаи муфассале дар маҷмуаи мақолоти «Адабиёти советии тоҷик» ва пешгуфтори маҷмуаи аввалини русии шоирро навиштааст, нуктаи ҷолиберо қайд кардааст. Ӯ менависад, ки «акнун Пайрав тарғиби «санъати сирфро», ки аз зиндагӣ дур аст, инкор мекунад. Ӯ медонад, ки санъати аз зиндагӣ ва меҳнат барканда, бесамар ва ҳеҷ аст, он танҳо хору алафи бегонаро тавлид мекунад. Шоир ин фикрро дар шакли маҷоз дар шеъре, ки ба Серафимович бахшидааст, меорад» [7, с. 258].

Шоир қатраҳои шабнамро, ки бо нури офтоб гарм шуда, гиёҳҳои пурсамар ба бор меоранд ва қатраҳои бидуни меҳнатро, ки боиси пайдоиши хасу хошок мегарданд, бо чакидаҳои қалами адибон муқоиса мекунад ва ба хулосае меояд, ки:

**Хома дар дасти ҳар бани башар аст,**
**Балки устоди санъату ҳунар аст.**
**Агар аз зиндагию меҳнату ранҷ**
**Дур бошад, раҳаш раҳи дигар аст.**
**Мӯшикофии хомаи заҳмат**
**Гӯшаҳои ҳаётро омӯхт.**
**Ҳар шароре, ки сар зад аз меҳнат,**
**Торикиҳои даҳрро афрӯхт.**

Ба андешаи Пайрав Сулаймонӣ, санъату ҳунар барои хосон нест, он барои ом аст. Қаламкашоне, ки санъатро барои санъат мепиндоранд, қаламро барои роҳату рӯзии худ истифода мебаранд.

**Хомаронони роҳату рӯзӣ**
**Санъат аз баҳри санъаташ доданд.**
**Ту ки санъат ба меҳнат омӯзӣ,**
**Аҳли меҳнат зи санъатат шоданд.**

Мухотаби шоир Александр Серафимович – нависандаест, ки санъатро дар хидмати аҳли меҳнат гузоштааст ва азбаски қалами ӯ бо меҳнаткашон қарин шудааст, боиси рӯйи кор омадани «Сели оҳанин» гаштааст:

**Қалам ар чӯби хушку фӯлод аст,**
**Лек дар дасти чун ту устод аст.**
**Чун ба меҳнаткашон қарин гардид,**
**Соҳиби «Сели оҳанин» гардид.**

Дар ин шеър сухан на танҳо аз шахсияти як нафар, балки ҷаҳонбинии худи муаллиф ва шинохти ӯ аз адабиёти воқеист. Пайрав Сулаймонӣ бар он бовар аст, ки қалам бояд барои дифои ғояҳои олӣ хидмат кунад, он як чизи одӣ нест, балки аслиҳае баҳри мубориза бо душманон аст. Ин фикрро ӯ чанд сол пеш ҳам дар шеъри «Қалам», ки дар таъсири ашъори Маяковский ва пайравони ӯ дар Тоҷикистон Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ гуфта буд, талқин менамояд:

**Ба адӯ гӯй, ҳон бипарҳезад:**
**Қаламам дашнаву синони ман аст!**
**Манам аз пайравони хомаи сурх,**
**Қаламам шоҳиди замони ман аст.**

Қалам воқеан ҳам маҳрами розҳои ниҳонии шоир ва баёнгари аҳволи ӯст, он рози инсонҳоро ба наслҳои дигар мебарад ва номи шоирро ҷовидонӣ мегардонад:

**То ҷаҳон ҳаст, зинда хоҳам буд,**
**Қаламам умри ҷовидони ман аст.**

Пайрав Сулаймонӣ на танҳо дар осори муаллифӣ, балки дар тарҷумаҳои худ низ кӯшиш кардааст, ки забон ва сабки замонро ҳифз кунад. Дар тарҷумаҳои ӯ ҳам қолаби шеър ва ҳам руҳияи он наздик ба матни асл буда, асолати худро нигаҳ доштаанд. Масалан, дар шеъри Александр Жаров, ки ба муносибати вафоти В. И. Ленин гуфта шудааст, эҳтироси ботинии шоир ва андӯҳи бепоёни ӯ хеле амиқ ва таъсирбахш аст:

**Эй музика, нола соз!**
**Ҳон марш!**
**Мурд Илйич,**
**Зинда бод Ленин!**

Робитаи Пайравро бо адабиёти рус он нукта низ собит мекунад, ки шоирони зиёди русзабон ба он рӯ оварда, аксари шеърҳои ӯро ба русӣ тарҷума кардаанд. А. Ойслендер, С. Липкин, Ю. Александров, В. Державин, А. Адалис, Б. Лапин, З. Хатсревин, М. Фофанова, Т. Стрешнева, И. Сельвинский ва дигарон дар ҳавзаҳои адабии русзабонон ашъори Пайрав Сулаймониро муаррифӣ намудаанд. Мунтахаби ашъори ӯ ба забони русӣ бори аввал дар Сталинобод соли 1957 ва бори дувум дар Маскав соли 1968 бо номи «Қалами ман» интишор ёфт.

Ҳамин тариқ, аз баррасии иҷмолии робитаи Пайрав Сулаймонӣ бо адабиёти рус маълум мешавад, ки ин шои-

ри нозуктабъи тоҷик аз овони навҷавонӣ майл ба омӯзиши забон ва адабиёти рус пайдо карда, бо сабаби ворид шудани кишварҳои Осиёи Марказӣ ба фазои ягонаи сиёсӣ ва фарҳангии шуравӣ ва пайравии адибони инқилобӣ ба осори адибони пешгоми рус, аз таълифоти нависандагони пролетарӣ М. Горкий, В. Маяковский, А. Серафимович, А. Жаров ва дигарон баҳравар шуда, дар ҳамон ҳолу ҳаво – мувофиқ ба талаботи идеологии замон осори навгароёнае эҷод намудааст. Тарҷумаҳои ӯ аз эҷодиёти нависандагони рус, аз ҷумла тарҷумаи романи «Сели оҳанин»-и А. Серафимович низ аз таъсири мактаби адибони рус дарак медиҳанд ва яке аз сабабҳои рӯ овардани шоир ба наср шудаанд.

**Пайнавишт:**


1. Адабиёти бадеии тарҷумашудаи халқҳои СССР ба забони тоҷикӣ (1926-1965) : Феҳраст. – Душанбе, 1972. – 204 с.

2. *Пайрав Сулаймонӣ*. Куллиёт. – Душанбе: Адиб, 2006. – 276 с.

3. *Пайрав Сулаймони*. Избранное. Сталинабад: Таджикгосиздат, 1957. – 92 с.

4. *Табаров, С*. Пайрав // Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Ҷ. 2. – Душанбе, 1989. – С. 522-523.

5. *Табаров С.* Пайрав Сулаймонӣ. Очерки ҳаёт ва эҷодиёт. Чопи дуввум. – Душанбе: Дониш, 2012. – 538 с.

5. *Ҳусейнзода, Ш*. Анъанаи В. В. Маяковский дар назми советии тоҷик // Ш. Ҳусейзода. Баҳс ва андеша. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 264 с.

6. *Явич, М*. Путь поэта (Заметки о творчестве Пайрава Сулаймони) // Таджикская советская литература. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1954. – С. 246-273.

# Боби IV.

## НАҚДУ БАРРАСИИ КИТОБУ РИСОЛАҲО

# ДАР БОРАИ НАШРИ ДЕВОНИ САҲБО

*Саҳбо. Соғари Саҳбо (Девон иборат аз 2 ҷилд), ҷилди 1. – Душанбе: Адиб, 2018. – 416 саҳ. – Мураттиби матн ва муаллифи дебоча Муродиён Ҳасан Ғуломзода; таҳти назари Муҳаммадалии Аҷамӣ*

Омӯзиш ва пажӯҳиши адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX, баррасии равандҳои адабии ин давра, дарёфти сарчашмаҳои муҳимме, ки то имрӯз аз назар дур мондаанд, таҳкиқу нашри онҳо, муайян кардани арзиш ва аҳаммияти онҳо дар шинохти беҳтари адабиёти марҳалаи мазкур аз корҳои судманд ва вазифаҳои асосии илми адабиётшиносии муосир маҳсуб меёбад. Бо оғозу рушди таҷаддудгароӣ дар замони истиқлол барои омӯзишу таҳқиқи як давраи муҳимми таърихи адабиёти тоҷик – адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX низ, ки бо сабаби аз назари эътибор дур мондани сарчашмаҳои муҳимми ин давра эҳтиёҷ ба бознигарии ҷиддӣ пайдо кард, замина ва шароити хуб фароҳам омад.

Мусаллам аст, ки аксари маъхазҳои дасти аввали ин давра ҳанӯз интишор нашуда ва он чи ҳаст, аз рӯйи талаби идеологияи замон бо назари камбин ва ё баръакс болотар аз арзишашон арзёбӣ шуда буданд. Ҳамин нукта боис шуд, ки дар замони шуравӣ адабиёти ин давра ба таври мукаммал ва ҳамаҷониба омӯхта нашуд. Бархе аз масъалаҳои адабии муҳим ба сабаби дастрас набудани сарчашмаҳои адабии нодир дуруст баррасӣ нашуданд. Бинобар ин, ба нашр омода кардани манбаъҳои муҳимми илмиву адабӣ ва таърихии ин давра, аз ҷумла тазкираву баёзҳо, куллиёту девонҳо, таърихномаву осори ёддоштӣ, инчунин таҳлилу таҳқиқи усулии он дар адабиётшиносии имрӯз муҳим аст. Албатта, дар раванди таҳқиқ ва нашри сарчаш-

маҳои ин давра як силсила корҳои арзишманде анҷом ёфтаанд, ки аз ҷумла нашри «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё, «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Муҳтарам, «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ ба хати форсӣ, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ, «Тазкираи Шаръӣ» ба хати кириллӣ, нашри якчанд девон, мунтахаби ашъори шоирони ин давра аз заҳматҳои зумраи донишмандон дарак медиҳанд. Олимони номвар Иосиф Брагинский, Иржи Бечка, Садриддин Айнӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, Холиқ Мирзозода, Камол Айнӣ, Расул Ҳодизода, Асғари Ҷонфидо, Соҳиб Табаров, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Абдунабӣ Сатторзода, Субҳон Амирқулов, Саҳобиддин Сиддиқов, Турсунбой Неъматзода, Абдухолиқ Набиев, Абдулҳай Маҳмадаминов, Шодмон Воҳидов ва дигарон дар таҳқиқ ва нашри сарчашмаҳои илмиву адабӣ ва таърихиву публисистии охири асри XIX ва ибтидои асри XX саҳми хешро гузоштаанд.

Дар ин радиф ба табъ расидани девони Саҳбо воқеан армуғоне буд, ки солҳо интизораш будем. Аз осори Садри Зиёву Садриддин Айнӣ, тазкираву мақолоти олимон оид ба сарнавишти талху фоҷиабори шоири равшанфикри тоҷик Мирзо Ҳайити Саҳбо (1848-1918) огоҳӣ доштем ва дар баёзҳову маҷмуаҳои шеър намунаҳои ашъори ноби ин суханвари хушзавқро мутолиа карда будем. Устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ӯро шоири соҳибдевон гуфта ва зарурати чопи девонашро таъкид карда буд: «Саҳбо соҳибдевон аст. Номи ин пири қурбонии роҳи таҷаддуд, инқилоб ва ҳақгӯйиро ба табъу нашр кардани девонаш, бо тарҷумаи ҳолаш зинда кардан аз ҷумлаи вазифаҳои инқилобист» [Айнӣ, 2010, 270].

Девони Саҳбо бо эҳтимоми доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Но-

сири Хусрав Ҳасани Муродиён ва ҳамкоронаш ба зевари табъ ороста гардид. Аз ашъори девон маълум гардид, ки Мирзо Ҳайити Саҳбо воқеан соҳиби табъи равону мавзун ва илҳому завқи саршор дар гуфтани анвои ғиноӣ будааст. Бесабаб нест, ки аксари фузалои замон дар таълифоти худ аз ӯ ёд кардаанд. Садри Зиё, Муҳтарам, Афзал-махдуми Пирмастӣ, Мирзо Азими Сомӣ, Латифҷон-махдум, Ҳашмати Бухороӣ ва дигарон дар ҳаққи ӯ бо эҳтиром сухан рондаанд. Садри Зиё дар «Тазкори ашъор» аз бузургии ӯ ёдовар шуда, менависад, ки:

**Дигар фозиле ҳаст донишшиор**
**Зи тумони Комоти мулки Бухор,**
**Ки Мирзо Ҳайит ному «Саҳбо» лақаб**
**Занад ҷӯш табъаш чу май аз тараб.**
**Фазилатшиори ғаюру далер,**
**Ба гуфтору кирдор чун наррашер.**

Табъи равони Саҳборо Садри Зиё чунин сутудааст:

**Ки аснофи ашъору ҷинси ҳунар**
**Татаббуъ намуду бишуд бохабар.**
**Бувад шеъри ӯ ҳамчу табъаш равон,**
**Ки ҷузъе ба як лаҳза гуфтан тавон.**
**Чӣ Саҳбо, ки донои маънипур аст,**
**Ки ҷомаш зи саҳбои маънӣ пур аст.**

Дар қисмати «Тавзеҳот ва таълиқот»-и «Рӯзнома»-и Садри Зиё низ маълумоти ҷолибе дар бораи ин суханвар ҷой дорад. Тазкиранигори маъруфи ҳамзамони Саҳбо Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам дар «Тазкират-уш-шуаро» дар бораи ӯ менависад, ки: «ҳам ба тавфиқи тоъоти илоҳӣ мубошир ва ҳам ба хидмати боргоҳи шоҳӣ шокир, ғазалиёташ аз парешонаҷзоӣ доман чида, дар тилисми истеҳком ба девон расида».

Маълум мешавад, ки муаллифони тазкираҳо аз мавҷудияти девони ӯ хабар дода, аммо бо сабаби дастрас набу-

дани он то имрӯз дар Тоҷикистон танҳо намунаҳое аз ашъори ӯ ба табъ расида буданд, вале дар ҳамин ҳол ҳам бо сабаби хушоҳангу зебо будани ғазалиёташ ҳофизони номваре ба матни онҳо оҳанг баста сурудаанд. Чунончи абёти машҳури зерин аз сурудаҳои Саҳбост:

**Гуфтам, ҳама побанди ту шуд, гуфт: шумо чӣ?!**
**Гуфтам: зи ғамат сӯхт дилам, гуфт: ба мо чӣ?!**
**Гуфтам, (ки) чӣ шуд ҳосили ман?! Гуфт: чӣ донам?!**
**Гуфтам: ба сарам даст бинеҳ! Гуфт: ки по чӣ?!**

Дар ғазали дигаре мегӯяд:

**Гуфтам, ба сар аз ишқи ту ғавғо нашавад, шуд,**
**Дил дар талаби рӯйи ту шайдо нашавад, шуд.**

Истифодаи радифҳои мураккабу нодире мисли «ҳаст маро? Нест!», «нест маро? Ҳаст!», «шуд, шуд, нашуд, нашуд», «мешуд нашуд», «нашавад, шуд!», «шуд, чи ба ҷо шуд!» ва ғайра ғазалиёти Саҳборо ширинтар кардаанд. Дар ашъораш шоир аз саноеъи гуногуни шеърӣ баҳра бурда, навъҳои гуногуни авзони арӯзро санҷида, чандин мувашшаҳу моддаи таърих низ гуфтааст. Дар ғазале вожаи «чашм»-ро илтизом намуда, дар ҳар мисраъ се бор ва дар маҷмуъ дар ҳафт байт чилу ду маротиба ба кор бурдааст:

**Хушо чашме, ки дар чашми ту ҳайрон шуд чу чашми ман,**
**Ба чашмат чашм чун чашме фитад, бемор мегардад.**

Худи Саҳбо низ ба ҳунару истеъдодаш бовар дорад ва эътироф нашудани онро дар қаҳтии фарҳанг мебинад:

**Ғазалсароии ман кам зи ҳеч кас набу (ва)д,**
**Дар ин замона чӣ созам, ки қаҳти фарҳанг аст?!…**
**Зи жожхонии ноаҳл қадр кам нашавад,**
**Миёни олиму ҷоҳил ҳазор фарсанг аст.**

Шодбодиҳои манзуми Саҳбо низ хеле хотирмону муассиранд. Дар ғазале гуфтааст:

**Дилат чу гулшани ҷаннат ҳамеша хуррам бод,**
**Табиати ту шабу рӯз дур аз ғам бод!**

**Илоҳӣ гарди ҳаводис ба доманат нарасад,**
**Туро нишоту фараҳ субҳу шом маҳрам бод!**
**Замони умри ту бодо дарозтар зи ҳазор,**
**Тараб рафиқи ту ҳар лаҳза боду ҳар дам бод!**
**Зи ахтари фалак афзун шавад муҳиббонат,**
**Ба даҳр душмани зотат зи зарра ҳам кам бод!**
**Мулозими ту шавад хуррамию фирӯзӣ,**
**Ба рӯзгори ту ишрат анису ҳамдам бод!**
**Ғубори ғам нанишинад ба домани табъат,**
**Ҳар он чи нуктаи хайр аст, бо ту малҳам бод!**
**Ба ҳар куҷо, ки ниҳӣ по, азизтар гардад,**
**Вуҷуди поки ту ҳар ҷо равад, мукаррам бод!**
**Ба ҷуз саломатиат нест матлаби Саҳбо,**
**Туро саломатӣ доиман мусаллам бод!**

Дар пешгуфтори китоби «Соғари Саҳбо», ки аз ҷониби Ҳасани Муродиён ба қалам омадааст, бо истинод ба таълифоти адабиётшинос Мирзо Муллоаҳмад ва номзадҳои илм Б. Ҳасанов ва Р. Холиқов зикр мешавад, ки девони Саҳбо дар захираи дастхатҳои ба номи Ҳ. С. Сулаймонови АИ Ӯзбекистон таҳти рақами 1982 маҳфуз аст. Бино ба маълумоти мураттиб, девон аз ҷониби худи шоир китобат шуда, дар саҳифаҳои аввали он муҳри шахсии Саҳбо ҷой дорад. Девон бо хатти нимшикастаи настаълиқ навишта шуда, аз 263 саҳифа иборат аст ва дар он зиёда аз 550 ғазал, ғазалқасида, мухаммас, мусаддас, қитъа ва фардиёти шоир фароҳам омадааст, ки 61 адади он (27 ғазалу 34 мухаммасу мусаддас) бо забони ӯзбекӣ эҷод шудааст [Девон, с. 15].

Дар пешгуфтор муҳимтарин матолиб перомуни шарҳи ҳол ва девони Саҳбо оварда шуда, муаллиф аз нашри мунтахаби ашъори Саҳбо дар Ӯзбекистон (1991, Тошканд) хабар медиҳад. Тибқи маълумоти ӯ дебочаи китоби Саҳборо номзади илмҳои филологӣ, абераи Саҳбо шодравон Ҳалима Мухторова навиштааст. Албатта, хуб мешуд, дар бораи

ин китоб ба хонандагони тоҷик маълумоти муфассалтаре пешниҳод гардад ва шумори осори интишорёфта бо исми онҳое, ки китобро таҳия кардаанд, зикр шавад.

Нуктаи дигаре, ки қобили таваҷҷуҳ аст, дар як замон зиндагӣ кардани ду нафар шоир бо тахаллуси Саҳбо аст. Муаллифи пешгуфтор бо истинод аз маълумоти ЭСТ дар бораи Саҳбои дигар ахбори М. Ҷалиловаро иқтибос меорад. Бояд афзуд, ки чунин маълумотро на танҳо аз ЭСТ ва Энсиклопедияи адабиёт ва санъат, балки пеш аз ҳама аз сарчашмаҳои дасти аввал, аз ҷумла тазкираҳои охири асри XIX-ибтидои асри XX бояд ҷуст. Дар бораи ин Саҳбо, ки номи аслиаш Мирзо Убайдуллоҳ аст, дар тазкираи Возеҳ чунин омадааст, ки «Саҳбо – номи номияш Мулло Убайдуллоҳ аст, аз Саканаи вилояти Панҷшанбеи Миёнкол. Дар Бухоро таҳсили улум намуда, алҳол ба тадриси баъзе аз мадорис мансуб ва ба ифозаи туллоб машғул аст. Ба аксари камолоти зоҳирӣ мавсуф ва ба назми ашъори малеҳа маъруф ва машъуф, зилоли абёташ нашъабахши арвоҳи аҳли ирфон аст».

Ҳашмати Бухороӣ низ маълумоти Возеҳро такмил медиҳад: «Умри гиромӣ дар ифода ва истифода сарф намуда. Ашъораш матину дақиқ ва мазомини обдораш софтар аз раҳиқ. Аз муосирини Қорӣ Возеҳ будааст». Шахсият ва ашъори ин шоир, албатта, мавзуи дигар аст ва дар пешгуфтори китоб зикри исми Саҳбои дигар, гумон меравад, ба хотири махлут нашудани ин ду тан ҷой дорад.

Девони Мирзо Ҳайити Саҳбо, дар маҷмуъ, хеле хонданӣ буда, бо камоли завқ баргардон ва мураттаб шудааст. Девон, ки зери назари шоири хушзавқ ва мунаққиди нуктасанҷу борикбин Муҳаммадалии Аҷамӣ интишор ёфтааст, аз заҳмати зиёди дастандаркорони он дарак медиҳад. Дуруст хондани матн ва риояи мантиқ, риояи таносуби маъниҳо дар абёт аз фазилатҳои ин девон аст, аммо

чун бори аввал дар Тоҷикистон ба табъ мерасад, табиӣ, ки баъзе ғалатҳо ба он роҳ ёфтаанд. Як сабаби дигар шояд он нукта ҳам бошад, ки танҳо як нусхаи девон дар ихтиёр буда, имкони муқоисаву муқобала ва интихоби нусхаи дуруст мавҷуд набудааст. Баъзе байтҳо аз назари мантиқ нодуруст ба назар мерасанд.

Чунончи:

**Килки тасвир ҷуз ин нақш наяст дар камараш,**
**Чӣ латофат, ки дар ин тарзи миён омадааст?! [с. 48]**

Ин ҷо мисраи аввал ҳам аз назари мазмун ва ҳам аз лиҳози вазн сакта дорад, дар мисраи дувум бошад, шояд ба ҷойи «тарзи миён», ки маънӣ надорад, «тарзи баён» хондан дуруст бошад.

Дар абёти дигар низ ихтилоли маънӣ ва вазн ба мушоҳида меояд:

**Ман, ки гаштам аз ғами ҳиҷрон шаҳиди нози ӯ,**
**Ба раҳи номеҳрубондилбарфирори ман баред.**
**[с. 131]**

Ё ки:

**Он назокатҳо, ки дар абрӯйи шӯхат дидаам,**
**Ки ҳилоли ид гардад тавъамони абруят [с. 50].**

Дар мисраи дувуми байти охир ба ҷойи калимаи «ки» омадани «кай» саҳеҳ ба назар мерасад:

**Он назокатҳо, ки дар абрӯйи шӯхат дидаам,**
**Кай ҳилоли ид гардад тавъамони абруят.**

Гоҳе ҳини бозии сухан, хоса ҷой доштани таҷнис, дар якҷоя ё ҷудо навиштани калимот иштибоҳ роҳ ёфтааст:

**Ҳама ба ид шоду ман зи ёр баид,**
**Чу ман зи ёр ба идам маро чӣ кор баид [с. 75].**

Дар мисраи аввали байт пас аз «ҳама ба ид» ду ҳиҷо намерасад. Вожаи «баид» маънии «дур»-ро дорад, бинобар ин дар мисраи дувум «ба ид» бояд якҷоя навишта шавад,

вале «баид» ҷудо. Яъне дар шакли зерин омадани байти мазкур дуруст мешуд:

**Ҳама ба ид (басе) шоду ман зи ёр баид,**
**Чу ман зи ёр баидам, маро чӣ кор ба ид?**

Дар баъзе байтҳо афтодан ва ё афзудани ташдиди ҳуруф боиси ихтилоли вазн шудааст. Чунончи:

**Дорам умед аз Худо, чаҳкан шавад дар зери чаҳ,**
**Дам ба дам ҳолаш шавад аз кулфати даврон табаҳ.**
**[с. 173]**

Дар ин байт калимаи «умед» бояд бо ду «м» навишта шавад:

**Дорам уммед аз Худо, чаҳкан шавад дар зери чаҳ,**
**Дам ба дам ҳолаш шавад аз кулфати даврон табаҳ.**

Ё ки:

**Хизр аз чашмаи ҳайвон хабаре дошт, вале**
**Бо хатти Хизри ту з-он чашма нишон ҳаст, маро нест.**
**[с. 44)**

Дар ин ғазал, ки ба мисраъҳои аввалу дувум аз назари вазн аз ҳам тафовут дошта, як навъ мустазод аст, вожаи «хатти» бояд бидуни ташдид оварда шавад. Гузашта аз ин, аломатҳои китобат низ вобаста ба мантиқ ба тариқи дигар гузошта шавад:

**Хизр аз чашмаи ҳайвон хабаре дошт, вале**
**Бо хати Хизри ту з-он чашма нишон ҳаст маро? Нест!**
**[с. 44)**

Риояи ин навъи аломатгузорӣ дар тамоми ғазал, онро хеле марғубтар мекард:

**Чун қадат сарв ба гулзори ҷаҳон ҳаст маро? Нест!**
**Ҳамчу абрӯйи ту дар даҳр камон ҳаст маро? Нест!**

Айни ҳамин кор дар мавриди ғазали дигар низ бамаврид мешуд, зеро он дар шакли зерин мунташир шудааст:

**Дилам аз ҳаҷри ту дар оҳу фиғон нест, маро ҳаст,**
**Чашм аз ёди рухат ашкфишон нест, маро ҳаст.**

Агар он дар сурати зер меомад, ба назари мо, латифтар ва мақбултар мешуд. Ҳарду ғазал саропо чунин навъи хонданро тақозо дорад:

**Дилам аз ҳаҷри ту дар оҳу фиғон нест маро? Ҳаст!**
**Чашм аз ёди рухат ашкфишон нест маро? Ҳаст!**

Воқеан ҳам, гоҳе аломатҳои китобат бо сабаби дар ҷойи худ наомадан дарки матлабро мушкил мекунанд:

**Рафтам аз хеш ман аз нашъаи Саҳбои висол,**
**Сархушам он бути хаммор намепурсад ҳеч [с. 63].**

Дигар шудани ҷойи вергул матлабро равшантар мекунад:

**Рафтам аз хеш, ман аз нашъаи Саҳбои висол**
**Сархушам, он бути хаммор намепурсад ҳеч.**

Дар байти зерин низ «ба он дилрабо» вазнро хароб кардааст, «бар он дилрабо» ин ғалатро аз байн мебарад:

**Биё, эй килки мушкин нома ба он дилрабо бинвис,**
**Ғаму дарди фироқи ҳаҷр ҳар якро ҷудо бинвис.**
**[с. 151]**

Халали вазн дар байти зер низ ба мушоҳида меояд:

**Чашми шӯхи фитнаангези сияҳат чун дидаанд,**
**Дидаи оҳу зи ҳайронӣ ҳам аз рам мондааст [с. 57].**

Ба ҷойи калимаи «будӣ» омадани «бурдӣ» ҳам ба вазн ва ҳам ба мантиқ таъсир расонидааст:

**Маро ҳам кош бурдӣ аз қазо фархундаайёме,**
**Ки мебастам ба тавфи Каъбаи кӯйи ту эҳроме.**
**[с. 187]**

Бешак, чунин иштибоҳот ҳини таҳияи матн табиӣ буда, онҳо дар нашрҳои дигари девон ба осонӣ ислоҳ хоҳанд шуд. Муҳим он аст, ки як шоири хуби охири садаи XIX-ибтидои садаи XX бо осори марғуби худ дар ин китоб муаррифӣ шудааст.

# ТАҚРИЗ*

**ба рисолаи Байронвандӣ Муҳаммад Алӣ Асғар «Назми давраи маорифпарварӣ дар Эрон ва Тоҷикистон (охири асри XIX-ибтидои асри XX)» – Душанбе, 2012. – 24 с. аз рӯйи ихтисоси «10. 01. 03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти тоҷик)»**

Таҳқиқи дарунмоя ва хусусиятҳои адабиёти давраи маорифпарварӣ, хоса накду баррасии қиёсии шеъри Эрон ва Тоҷикистон дар охири асри XIX – ибтидои асри XX бо нигоҳи нав дар робита ба рухдоди дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоӣ аз муҳимтарин масъалаҳои адабиётшиносист ва барои дарки моҳияти аслии рӯйдодҳои адабии ин давра зарур ва ногузир аст. Муаллифи рисолаи илмии «Назми давраи маорифпарварӣ дар Эрон ва Тоҷикистон (охири асри XIX-ибтидои асри XX)» Муҳаммад Алӣ Асғари Байронвандӣ ба таҳқиқи мавзуъ бо мақсади муайян кардани умумият ва шабоҳати адабиёту фарҳанги ду халқи ҳамзабон – тоҷикону эрониён таваҷҷуҳ менамояд.

Таҳқиқи мазкур барои дарки моҳияти дастовардҳо дар адабиёти маорифпарварии Эрон ва Тоҷикистон ба хидмат меояд. Муаллиф бо омӯзишу пажӯҳиши манобеъи адабии ин давра ва силсилаи асарҳои илмиву таҳқиқии донишмандони эрониву тоҷик, таълифоти шарқшиносони аврупоӣ кӯшида, ки вежагиҳои адабиёти маорифпарварӣ дар қаламрави Эрон ва Осиёи Миёнаро бо назари хос ба таҳқиқ бигирад. Рисола таҳқиқи махсуси қиёсӣ оид ба мероси адабии суханварони ду кишвари дӯст ва ҳамсоя ба ҳисоб меравад.

Яке аз нуктаҳои муҳимму ҷолиби рисола ҷустуҷӯйи падидаҳои нав дар адабиёти ин аҳд мебошад. Аз ҷумла, бо такя ба таҳқиқоти нав кӯшишҳои аввалин истифодаи исти-

*Ҳаммуаллиф Субҳони Аъзамзод

лоҳи «шеъри нав» ба «Тазкори ашъор»-и Шарифҷон-махдуми Садри Зиё маҳсуб шудааст, ки аз намояндагони маъруфи адабиёти маорифпарварии тоҷик буд. Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур таҳлили ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ ва фарҳангии Эрон ва Тоҷикистон дар нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX ва дар партави он нақду таҳлили осор ва ҷойгоҳи шуарои ду ҳавзаи таърихӣ дар ташаккули адабиёти маорифпарварӣ аст. Майлонҳои маорифпарварии тоҷик замоне ҷорӣ буд, ки маҳз дар ин давра дар Эрон низ адабиёти нав дар заминаи падидаи машрута ба амал меомад. Аз ин ҷиҳат, дар рисола асли масъалаи тамоюлоти инкишофи афкори адабӣ, таҳлили ғоявӣ ва мундариҷаи назми ин ду ҳавзаи адабӣ, ҷустуҷӯйи навовариҳои шоирони эрониву тоҷик дар заминаи шаклу сохтор, забон, сабк ва усулҳои эҷоди бадеӣ, таъйини умумияти инкишофи адабиёти форсизабони Эрон ва адабиёти тоҷик дар ҳавзаи Осиёи Миёна ва Тоҷикистон дар меҳвари таҳқиқ қарор гирифтааст.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Боби аввал «Нигоҳи умумӣ ба ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии Эрон ва Осиёи Миёна дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX» ном дорад ва дар он муаллиф ба масъалаҳое аз қабили дигаргуниҳои таърихӣ дар ин ду қаламрав аз нимаи аввали асри XVI – то охири асри XIX, Эрон ва Осиёи Миёна дар маҷмуи тағйироти ҷамъиятиву сиёсӣ ва маънавии ҷаҳон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX, тавлиди ҷараёни маорифпарварӣ ва ҷадидӣ, ибтикори шоирони маорифпарвари эрониву тоҷик дар заминаи таҳаввули шеър, пайдоиши сабки «ҷадидия» дар адабиёти тоҷик ва намояндагони машҳури он, тавсифи умумии шеъри шоирони ин давраи ду қаламрав мурур кардааст. Дар боби дувум – «Таҳлили муқоисавии ғоявию мавзуии шеъри машрута ва ҷадид» афкори адабӣ-назарӣ ва танқи-

дии шоирони ислоҳотгар («машрутахоҳон» ва «ҷадидон»), мавзуи ватану ватангароӣ, даъват ба донишу коршиносии ҷадид, коргару деҳқон, озодӣ, омӯзишу парвариш мавриди гуфтугӯ қарор гирифтааст. Боби севум масъалаҳои шакл ва сабки адабии назми машрутахоҳии Эрон ва Осиёи Миёна (Тоҷикистон)-ро дар бар мегирад.

Бино ба бозёфту хулосаи муҳаққиқ маорифпарварон ва ислоҳгарони ду ҳавзаи адабии мушобеҳ садди адабиёти гузаштаро шикаста, дар муқобили анъанаҳои куҳан қарор гирифтанд ва шаклҳои нави адабии ба фаҳмиши мардум наздикро эҷод карданд. Мавзуъҳои иҷтимоӣ, мафҳумҳои «ватандӯстӣ», «тарбия», «маълумот», «дониш», «меҳнат», «адабиёти коргарӣ», «озодӣ» дар ҳар ду ҳавзаи адабӣ ба мушоҳида мерасанд. Дар забону сабк ҳам чунин навоварӣ ва дигаргуниҳои назаррас қобили таваҷҷуҳанд.

Рисолаи Муҳаммадалӣ Асғари Байронвандӣ «Назми давраи маорифпарварӣ дар Эрон ва Тоҷикистон (охири асри XIX – ибтидои асри XX)» бо такя ба сарчашмаҳои муҳимми илмиву назарӣ бо назардошти равиши имрӯзии таҳқиқоти адабиётшиносии татбиқӣ таълиф шудааст. Бо вуҷуди он ки бархе нуктаҳо тавзеҳ ва такмил мехоҳанд, муаллиф дар ҳалли масоили марбут ба мавзуъ муваффақ шудааст. Танҳо ин ҷо мехоҳем, ки таваҷҷуҳи муаллифро ба корҳо, кӯшишҳо ва дидгоҳҳои академик Муҳаммадҷон Шакурӣ ҷалб намоем, ки ба сифати аввалин муҳаққиқ истифодаи истилоҳи «шеъри нав»-ро дар тазкираи Садри Зиё ёфта, дар ин замина ба таври ҷудогона изҳори назар кардааст.

Рисола дар маҷмуъ бо фарогирии масоили муҳимми таърихи адабиёт, пайвандҳои адабӣ ва адабиётшиносии татбиқӣ, бакоргирӣ ва таҳлили мавод, забону сабку баёни равону муъҷаз тафовути назаррас дошта, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

# ТАҚРИЗ

**ба китоби Сироҷиддин Хӯҷақулов «Таҳаввули жанрҳои лирикӣ дар адабиёти нимаи дуввуми асри XIX ва ибтидои асри XX». – Самарқанд: нашри СамДУ, 2021 – 216 саҳ.**

Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX –ибтидои асри XX давраи басо мураккабу пурпечутоб, замони дигаргуниҳои сифатӣ дар мазмуну муҳтаво ва сохтори осори адабӣ, ташаккул ёфтани ҷараёнҳои нави адабӣ буд. Табиӣ, ки ин ҳама тағйирот ба вазъи замон, ҳаёти сиёсиву иҷтимоии ҷомеа иртибот дошт. Аммо ба иллати барҳам хӯрдани сохти сиёсии пешин ва оғози марҳалаи нави зиндагӣ маҳкум кардани мафкураи сиёсию фалсафӣ, тамоюлҳои иҷтимоиву ахлоқӣ, адабиёт ва фарҳанги гузашта расмият ёфт. Ба тақозои мафкураи ҳоким ба адабиёти ин давра баҳои назарногирона дода шуд ва то охири замони шуравӣ чунин назари сатҳӣ боқӣ монд. Ҳарчанд дар ин давра донишмандон Р. Ҳодизода, С. Табаров, Х. Мирзозода, М. Шакурӣ, Т. Неъматзода ва дигарон ба таҳқиқи адабиёти ин давра машғул шудаанд, аммо баҳои умумӣ зиёд тағйир наёфт. Танҳо шикасти сохти шӯравӣ ва фаро расидани замони истиқлол барои таҷдиди назар шароити мусоид фароҳам овард ва инак, беш аз сӣ сол аст, ки чеҳраҳои камшинохта ё ношинохтаи ин давра, осори аз назарҳо дурмондаи таърихӣ, фалсафӣ ва адабии садаи XIX ва ибтидои асри XX бо диду назари нав мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор мегиранд. Чунин осори аз чанголи бераҳми таърих раҳоёфта кам нестанд, ки ҳанӯз ҳам дар дасти шахсони алоҳида ва ё китобхонаҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон ва дигар кишварҳои ҷаҳон маҳфуз мондаанд. Вазифаи адабиётшиносон ба таҳқиқ кашидани ин осор, муайян кардани арзиши аслии онҳо, хусусиятҳои мутафовити онҳо аз адабиёти давраҳои дигар мебошад, зеро маҳз дар ин давра бедории

миллат, шикасти мафкураи пешин, тарғиби маориф, ривоҷи матбуот ва дигаргунии адабиёт шуруъ шуд.

Рисолаи илмии адабиётшиноси тозаназар, устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд Сироҷиддин Хӯҷақулов маҳз ба ин марҳалаи адабиёт ихтисос ёфта, «Таҳаввули жанрҳои лирикӣ дар адабиёти нимаи дуввуми асри XIX ва ибтидои асри XX» унвон гирифтааст. Ин китоб ҷузъе аз рисолаи доктории муаллиф аст, ки соли 2022 таҳти унвони «Тамоюлоти таҳаввули жанрҳои лирикӣ дар адабиёти нимаи дуввуми асри XIX ва ибтидои асри XX тоҷик (анъана ва навоварӣ)» бо раҳнамоии мушовири илмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессори ҳамин донишгоҳ Ҷумъа Ҳамроҳ ба дифоъ расидааст. Рисолаи номзадии С. Хӯҷақулов «Хусусиятҳои жанрии адабиёти маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳии тоҷик» низ ба ҳамин давраи адабиёт ва ҳамин масъалаҳо ихтисос дошта, соли 2009 ҳимоя гардид ва қабл аз ҳимоя монографияи илмии «Ташаккули жанрҳои адабиёти маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳӣ» (Тошканд, 2008) ба табъ расид. Китоби дигар «Адабиёти давраи бедории миллӣ» (нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX. – Тошканд, 2015. – 360 с.), ки ҳамчун китоби дарсӣ интишор ёфт, идомаи андешаҳои ӯро дар бораи адабиёти ин давра фаро гирифтааст. Дар ин китоб дар бораи вазъияти сиёсиву иҷтимоии Осиёи Марказӣ дар нимаи дувуми асри XIX, ҳаёти адабии ин давра ва равияҳои асосии он, ҳаёт ва фаъолияти адабии Аҳмади Дониш, Раҳматуллоҳи Возеҳ, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Шамсиддини Шоҳин ва аз адабиёти ибтидои асри XX эҷоди адабии Мирзо Сироҷи Бухороӣ, Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, Абдурраufи Фитрат, Саид Аҳмад Сиддиқии Аҷзӣ, Тошхоҷа Асирӣ, Саидаҳмади Васлӣ, Нақибхони Туғрал, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат маълумоти ҷолиб ҷамъ оварда шудааст. Дар он маълумоти обзорӣ, шарҳиҳолӣ, таҳлили асарҳо ва намунаҳои осо-

ри адибон дар як ҷилд фароҳам омада, ки барои тасаввуроти умумӣ пайдо кардани донишҷӯён перомуни адабиёти ин давра, хоса адабиёти маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳӣ мусоидат менамояд.

Китоби нави С. Хӯҷақулов ба таҳқиқи таҳаввули тадриҷии жанрҳои лирикӣ, анъана ва навоварӣ дар мавзуъ, мазмун, унсурҳои шакл, забону услуби адабиёти маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳии тоҷик ихтисос ёфтааст. Муаллиф бар он назар аст, ки «аз нимаи дувуми асри XIX, пас аз давраи «рихвату рукуд» ба адабиёт равияи тоза ворид шуд. Ин равия дар адабиёти бадеӣ тадриҷан тамоми табақоти иҷтимоиро фаро гирифта, ҳамчун мафкураи бедории миллат, оғози ренессанси севум хизмат намуд ва маорифу матбуот ва адабиётро ба мақсадҳои нави иҷтимоӣ, сиёсӣ ва идеологӣ тобеъ ва муттаҳид сохт» [с. 4]. Пажӯҳишгар бо камоли диққат осори адабии ин даврро омӯхта, дар он «шикастани қонуниятҳои суннатии адабиёт, таҷдиди шаклу мазмуни жанрҳои анъанавӣ, пайдоиш ва таҳаввулу таҷдиди жанрҳои нави лирикӣ, эҳёи дигарбораи жанрҳои анъанавии адабиёти мумтоз, тавсеа ва табодули функсияҳои штампии анвои жанрҳои адабӣ, ба вуҷуд омадани жанрҳои нав, дигаргуншавии муносибати эҷодкорон ба жанрҳои анъанавӣ, бозгашт ба сабку суннатҳои бунёдии адабиёти мумтоз, тазоҳури қолабҳои нав ва тамоюлоти тозаи ҷараёни адабӣ, тағйири моҳият ва ағрози адабиёти бадеӣ» [с. 4]-ро ба мушоҳида гирифтааст.

Дар муқаддимаи рисола муаллиф дар бораи хидмати муҳаққиқони тоҷику ӯзбек дар шинохти адабиёти ин давра изҳори назар намуда, аз миёни адабиётшиносони тоҷик тадқиқоти чанд тан аз эшонро махсус таъкид менамояд.

Рисола аз се боб иборат буда, дар боби аввал заминаҳои таърихии ташаккули адабиёти нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX ба таҳқиқ кашида шудаанд. Дар

се фасли ин боб муаллиф манзараи умумии адабиёти нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX, заминаҳои таърихии таҳаввули адабиёти тоҷик ва таҳаввули ҷараёни адабӣ ва равияҳои асосии он дар аҳди маорифпарварӣ ва ҷадидияро баррасӣ кардааст. Ҳини таҳқиқи заминаҳои ташаккули адабиёти маорифпарварӣ муаллиф ду ҳодисаи муҳимро зикр мекунад. Яке даст кашидани намояндагони пешқадами адабиёт аз мадҳу ситоиш, ки ҳаракате бо номи «наҳзати равиши иҷтимоии адабиёт»-ро ба бор овард ва дувум, пурқувват шудани ҷанбаи мафкуравии осори лирикӣ мебошад.

Дар бораи мушкилот, зиддият ва ихтилофи назар дар фаҳмиши маорифпарварӣ муаллиф ба нуқтаи назари чанде аз донишмандон ва баҳсҳое миёни онон сар фурӯ бурда, аз ҷумла андешаи С. Амирқуловро оид ба «равияи рӯшангарии эҳёӣ» ва «худвежа» будани адабиёти нимаи дувуми асри XIX ва марҳилаи алоҳидаи таърихи ташаккули адабиёти тоҷик будани онро бо такя ба андешаи ин олим, ки «адабиёти нимаи дувуми асри XIX, яъне мактаби адабии Аҳмади Дониш на хатм ё таҳаввули фарҳанги асримиёнагӣ аст ва на фарҳанги аҳди ҷадид, балки фарҳанги нави хоси давраи гузариш, ки ҳам аз ину ҳам аз он сифатан фарқ мекунад, яъне он падидаи фарҳанги нотакрори худвежа аст», баён мекунад, ки ба ин зайл аст: Барои дарки мушкилоти масъала баҳсҳои Расул Ҳодизода ва Холиқ Мирзозода низ мусоидат мекунанд ва муаллиф ба чаҳор натиҷаи асосноки илмӣ мерасад. Аввалан, тамоюлҳои нави адабиёти нимаи дувуми асри XIX, ки баъзе аз адабиётшиносон онро «ба адабиёти маорифпаварӣ ҳамл намудаанд», дар асл марҳилаи хоси давраи гузариш аст. Дувум, руҳияи маорифпарварӣ дар асоси заминаҳои маънавиву таърихии худӣ чун адабиёти муқовимат бар зидди ҷаҳолат арзи вуҷуд кардааст. Севум, адабиёти аҳди маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳӣ

давоми мантиқии адабиёти форсу тоҷик аст ва ниҳоят, он тақлиду пайгирии мафкураи Ғарб набуда, балки маншаи миллӣ дорад.

Азбаски давраи мазкур аз назари мавҷудияти ҷараёнҳо ва равандҳои адабӣ низ хеле печидаву мураккаб аст, муаллифи рисола ба таъйини ин равияҳо даст зада ва ба натиҷае мерасад, ки «адабиёти нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX шомили панҷ равияи моҳиятан мухталиф будааст; аввалан, равияи идомаи анъана ва суннатҳои адабиёти мумтози форсу тоҷик, ки дар бархе аз тадқиқот онро чун равияи иртиҷоӣ ва адабиёти дарборӣ қатъиян наҳ задаанд ё арзиши адабиву эстетикӣ, ғоявиву фалсафии онро аз эътибор соқит намудаанд; сониян, равияи маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳӣ, солисан, равияи адабие, ки қисман аз ҷараёни маорифпаврварӣ ва таҷаддудхоҳӣ таъсир бардошта буданд ва ё майл ба он доштанд; робеан, равияи идомаи сабки бедилӣ ва хомисан равияи зуллисонайнӣ. Аммо масъалаи ба кадом равиши эҷодӣ таъаллуқ доштан ё надоштани эҷодкорони давр масъалаҳои мубраму печидаеро падид меорад. Зеро дар ин аҳд ба ғайр аз ду равиш, яъне равиши эҷодии ҷараёни маорифпарварӣ ё таҷаддудхоҳӣ ва равиши пайгирии анъанаҳои адабиёти мумтоз намояндагони адабиётро махсус ба ин ё он равиш нисбат додан басо мушкил аст» [с. 44].

Дар ду фасли охири ин боб ду жанри меҳварии ин давра – ғазал ва маснавӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф саъй намудааст, ки жанри ғазалро пеш аз ин давра, инчунин дар робита бо адабиёти ҳамзабонони хориҷӣ ба доираи таҳқиқ кашад ва хусусиятҳои жанри маснавиро низ дар эҷодиёти Савдо, Возеҳ, Шоҳин, Аҷзӣ, Асирӣ, Ҳайрат, Хатоӣ ва дигарон аз назари мавзуъву ғояҳои адабӣ, сохтор ва сужет таҳлил кунад ва ба натиҷаҳои қобили таваҷҷуҳ расад. Аз ҷумла, падид омадани тағйирот дар услуби эҷодӣ, систе-

маи образҳо, усули тасвири бадеӣ, устухонбандӣ, синтези унсурҳои публитсистӣ ва ғайра аз падидаҳои тозаи адабиёти ин давр зикр шудаанд.

Дар ғазал ва маснавӣ тағйирот дар сохтор, вазну оҳанги шеър, навоварӣ дар мазмуну ғоя ва мундариҷа, «ба вуҷуд омадани комбинатсияҳои нави қофиябандӣ», содабаёнӣ, ба воқеият бештар рӯ овардани шоирон, нуфузи тасвирҳои реалӣ бар тасвирҳои маҷозиву рамзӣ, «синтези сохти шеъри анъанавӣ ва аврупоӣ», вуруди оҳангҳои халқӣ ва ғайра ба вуқуъ омаданд, ки аз вежагиҳои фарққунандаи анвои назми лирикии замон арзёбӣ мешаванд. Натиҷаи ниҳоии муаллиф дар бораи ғазали замони мавриди таҳқиқ ин аст, ки «ба эътибори мазмунҳои тозаи иҷтимоӣ ва бо тақозои воситаҳои тасвири бадеии нав жанрҳои лирикии адабиёти маорифпарварӣ-ҷадидиро бо ҳамон жанрҳои деринаи адабиёт айнан як чиз пиндоштан низ нодуруст аст» [с. 124], зеро дар ин давра «ба ҷои суварoти шартиву рамзӣ, ки дар асрҳои охир ба воситаи сабки ҳиндӣ ва услуби бедилӣ нуфузи калон пайдо карда буд, сувароти реалӣ, яъне тарзи тасвири бадеии ба фаҳми хонанда наздику қарин бештар ҷой гирифт». Ба ғайр аз ин, «ғазал дар адабиёти аҳди таҷаддудхоҳӣ василаи муҳимми таҳрики афкори умумӣ ва тарвиҷи андешаи озодихоҳӣ ва меҳандӯстӣ ва баёнгари матлаби сиёсӣ гардид», ҳарчанд ки «матритсаи қолаби аслии ин жанри деринаи адабиёти мумтоз нигоҳ дошта шуд» [с. 124]. Таҳлили маснавиҳо муаллифро ба хулосае овардааст, ки «дар онҳо унсурҳои шаклии асар, сюжет, вазн, қофиябандии анъанавӣ риоя гардидаанд», аммо аз назари мазмун ва баъзе унсурҳои шаклӣ баъзе навовариҳо ба мушоҳида меоянд.

Дар боби сввуми рисола масъалаи «Таҳаввули жанрҳои лирикӣ ва хусусиятҳои поэтикии осори лирикии шоирони аҳди маорифпарварӣ» ба миён кашида шуда, дар

фасли аввали он жанри қасида ва таҳаввули он мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ин жанри адабиро муаллиф ба далели он ки дар давраи мазкур беш аз сад намунаи он ба қалам омадааст, аз анвои роиҷи замон мешуморад. Қасидаҳои Аҳмади Дониш, Возеҳ, Шоҳин, Ҳайрат, Туғрал, Аҷзӣ, Асирӣ, Мунзим, Айнӣ аз назари мавзуъву мундариҷа, сохту ифодаи матлаб ва сабки адабӣ дар муқоиса бо қасидаҳои анъанавӣ омӯхта шуда, мавқеи устувори ин навъи адабӣ дар талқину ташвиқи мавзуъҳои иҷтимоӣ ва тавсеаи мазмунҳои нав собит мешавад. Дар фасли дигари ин боб анвои мусаммат ва тарҷеъот дар осори адибони ин давр мавриди таҳқиқ қарор ёфтаанд. Муаллиф мухаммасҳои шоирони ин замон Шоҳин, Возеҳ, Савдо, Асирӣ, Ҳайрат, Туғрал, Айнӣ ва Фитратро аз назари унсурҳои шаклӣ ва мундариҷавӣ таҳлил мекунад. Дар ин бахши рисола инчунин анвои мусаддас, тарҷеот ва қитъа низ як-як ба таҳқиқ кашида шуда, вежагиҳои онҳо дар замони нав таъйин гардидаанд.

Ниҳоят, дар фасли охири рисола масъалаи таҷдиди тасвирҳои бадеӣ ва поэтикаи ашъори шоирони нимаи дувуми асри XIX-ибтидои асри XX мавриди ковишҳои илмии муаллиф қарор мегирад.

Хулосаи мо дар бораи нуктаҳои меҳварӣ ва қобили таваҷҷуҳи ин китоб чунин аст:

1. Рисола идомаи ковишҳои пайгиронаи муаллиф перомуни адабиёти охири асри XIX-ибтидои асри XX буда, тадқиқоти марбут ба ин мавзуъро, ки муаллиф дар давоми зиёда аз 15 сол навиштааст, такмил медиҳад. Яъне машғулияти мунтазам дар доираи як мавзуъ натиҷаи дилхоҳ ба бор оварда, С. Хӯҷақуловро ба унвони як донишманди соҳибназари ин давра муаррифӣ мекунад. Дар сартосари рисола далелҳои илмӣ ва намунаҳои ҷолиби осори адабии ин марҳала мавриди таваҷҷуҳ ва таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар поёни ҳар боб хулосаҳои ниҳоии муаллиф ҷой дода шудаанд, ки шаҳодат бар нуктасанҷӣ ва борикназарии ин пажӯҳишгар медиҳанд. Муҳтаво ва хулосаву натиҷагириҳои муаллиф дорои арзиши бебаҳси илмӣ мебошанд.

2. Яке аз дастовардҳои муаллиф дар он зоҳир шуда, ки ҳарчанд шаҳрванди Ӯзбекистон аст, ба масъалаҳои адабиёти тоҷик, хоса, марҳалае, ки барои ҳарду адабиёт вежагиҳои муштарак дошт, муроҷиат карда, дар рисола тадқиқоти ҳам олимони тоҷик ва ҳам ӯзбекро хеле васеъ истифода бурдааст. Чунин фарогирии густарда то ин дам камтар ба мушоҳида расидааст.

3. Дар рисола масъалаҳои назарии жанрҳои адабӣ, анъана ва навоварӣ, ҷанбаъҳои поэтикии адабиёти тоҷикии ибтидои асри XX, ташаккул ва таҳаввули шеъри нав ба миён гузошта шудааст. Муаллиф хусусиятҳои жанрии адабиёти охири асри XIX ва оғози садаи XX, системаи жанрҳои осори лирикии ин давра, тағйироти мазмунӣ, шаклӣ ва услубии жанрҳои адабӣ ва маҳорати поэтикии шоирони маорифпарварро бо назари нав мавриди таҳқиқ қарор додааст.

4. Муаллифи рисола бо маводи адабиёти тоҷики давраи мавриди назар маҳдуд нашуда, аз рӯйи зарурат ба адабиётҳои дигар, аз ҷумла, асарҳои шоирони эрониву афғонистонӣ, ӯзбеку, тотор ва араб муроҷиат карда, ашъори тоҷикиро дар муқоиса бо ашъори ҳамзамонон ва гузаштагон ба таҳқиқ кашидааст.

Дар баробари муҳассаноти зиёд дар китоб баъзе камбудиҳо низ ба назар расиданд:

1. Масъалаи ташаккул ва таҳаввули «шеъри нав», ки муаллиф ба он борҳо ишора кардааст ва аз масъалаҳои меҳварии рисола бояд бошад, дар ин китоб аз назар дур мондааст. Аммо, хушбахтона, дар рисолаи докторӣ, ки соле пас аз интишори китоб ба ҳимоя расид, ин масъала

дар фасли махсус мавриди таваҷҷуҳи муаллиф қарор гирифтааст. Айни ҳамин ҳолро дар мавриди истифодаи маводи матбуоти даврии ибтидои асри XX низ метавон гуфт, ки дар китоб сарфи назар шуда, вале дар рисолаи докторӣ истифодаи фаровон дорад.

2. Муҳаққиқ аксари китобҳои марбут ба мавзуи корашро дарёфт намуда, аз онҳо баҳраи вофир ҷустааст. Шоистаи таҳсин аст, ки ӯ ҳатто рисолаҳои муҳаққиқони эронӣ Зайнулобидини Даргоҳӣ, Муҳаммад Алӣ Асғари Байронвандӣ, Буванди Шаҳриёриро истифода намудааст. Аммо рисолаи Субҳон Амирқулов «Таҳаввули жанрҳои адабиёти тоҷик дар нимаи аввали асри XIX» (Душанбе: Деваштич, 2005. – 128 с.) аз назар дур мондааст. Ҳарчанд асарҳои дигари ин муаллиф дар китоб истифода шудаанд, бо сабаби он ки маҳз ҳамин мавзуъ – таҳаввули жанрҳо дар нимаи дувуми ҳамин аср объекти таҳқиқи муҳаққиқ аст, истифодаи ин асар мувофиқи мақсад буд. Хусусан ки профессор С. Амирқулов аз донишмандони соҳибназар, муҳаққиқони воқеӣ ва ангуштшумори ин давраи адабиёт дар Тоҷикистон шинохта шудааст.

3. Унвони китоб «Таҳаввули жанрҳои лирикӣ дар адабиёти нимаи дуввуми асри XIX ва ибтидои асри XX» аст, аммо муаллиф ғолибан бо матолиби маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳӣ маҳдуд шудааст. Осори равияи анъанавӣ ва ашъори шоирони бедилгаро дар madди назар қарор нагирифтаанд. Гузашта аз ин, адабиёти тоҷик буданаш ҳам дар унвони китоб мушаххас нашудааст. Бинобар ин, дар номи китоб пас аз «адабиёти» ворид кардани вожаи «тоҷик» ва таъини объекти таҳқиқ дар қавсайн матлабро равшантар мекунад.

4. Дар китоб ҷо-ҷо ғалатҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар муайян кардани вазни шеър. Чунончи, дар саҳифаи

151-ум мухаммаси Фитрат иқтибос шудааст, ки байти аввали он чунин аст:

**Дилбохтаам, тарки муҳаббат киву ман кӣ?**
**Фикри худу парвои маломат киву ман кӣ?**

Муаллифи рисола вазни онро қариби мусаммани ахрабу макфуфу мақсур муайян кардааст. Аммо ин шеър дар баҳри ҳазаҷ бо вазни мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф (мафъӯлу / мафоӣлу / мафоӣлу / фаӯлун) гуфта шудааст.

Дар саҳифаи 165-ум навишта шудааст, ки «тарҷеот ва ё тарҷеъбанд низ ҳамчун яке аз жанрҳои маъмулу муҳими таърихи адабиёт дар осори шоирони ин давр мавқеияти муҳим дорад». Зимнан, тарҷеот навъи шеърие мебошад, ки таркиббанду тарҷеъбандро дар бар мегирад. Бинобар ин, ҷумлаи фавқ аз назари мантиқ ба назар саҳеҳ наменамояд.

Дар охир бори дигар таъкид мекунем, ки ин китоб аз дастовардҳои муҳимми адабиётшиносии тоҷики охири асри XIX-ибтидои асри XX буда, дар шинохти ин давраи адабиёт хеле арзишманд аст.

# ТАҚРИЗ

## ба диссертатсияи доктории Аъзамов Субҳончон Бахромҷонович дар мавзуи «Афкори адабии тоҷик дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX» (Хуҷанд, 2023)

Охири асри XIX – нимаи аввали асри XX яке аз марҳалаҳои ҳассос ва пурбаҳсу пурихтилофи таърих аст, ки ҳам аз назари шинохти таърихи адабиёт ва ҳам аз назари нақди адабӣ ҳанӯз муаммоҳои зиёд дар умқ дорад. Албатта, кӯшишҳое барои шинохти ин давраи адабиёт то имрӯз низ сурат гирифта ва хидматҳои аҳли таҳқиқ – А. Мирзоев, Х. Мирзозода, Н. Маъсумӣ, Р. Ҳодизода, А. Қаюмов, С. Сиддиқов ва дертар С. Амирқулов, М. Шакурӣ, Х. Асозода, М. Раҷабӣ, А. Набавӣ, Ҷ. Ҳамроев, С. Хӯҷақулов ва дигарон дар ин росто ҷиҳати ҳамвор кардани роҳ барои пажӯҳишгарони минбаъда мусоидат намуданд. Бо ин ҳама, таърихи танқид ва адабиётшиносӣ аз самтҳои нисбатан камтар таҳқиқшудаи улуми адабӣ дар Тоҷикистон буда, як идда масъалаҳо то имрӯз ҳалли худро пайдо накардаанд. Аз ҷумла то имрӯз масъалаи муайян кардани заминаҳои аслии шаклгирии нақди адабӣ ва назари интиқодии маорифпарварӣ ва ҷадидӣ, равиши таҳқиқ ва нақди адабиёт дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX, марҳалаҳои афкори сухансанҷии нави тоҷик, меъёрҳои сухансанҷӣ дар тазкираҳо, ҷойгоҳи нақди адабӣ дар матбуот, нақд дар маҳфилҳои адабӣ, дар китоби таърихи адабиёт ва ғайра аз матолибе ҳастанд, ки ниёз ба таҳқиқи ҷиддӣ ва густурда доранд.

Рисолаи доктории муҳаққиқ Аъзамов Субҳонҷон Бахромҷонович «Афкори адабии тоҷик дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX» (Хуҷанд, 2023) ба масъалаҳои ташаккули афкори адабиву сухансанҷии охири са-

даи XIX ва адабиётшиносиву нақди адабии нимаи аввали садаи XX ихтисос ёфта, асари бунёдӣ ва навоварона дар ин замина мебошад ва бо ҳадафи равшанӣ андохтан ба ин масъалаҳои муҳим таълиф шудааст. Масъалаи шаклгирии нақди адабӣ ва меъёрҳои сухансанҷӣ дар ин марҳалаи пурихтилоф дар рисолаи мазкур ба унвони проблемаи илмии консептуалӣ гузошта шуда, ҳалли дурусти худро ёфтааст. Ошноӣ бо матни рисола ба натиҷае меоварад, ки бори аввал масъалаҳои мубрами нақди адабӣ ва адабиётшиносии тоҷик бо чунин вусъату густардагӣ ва равишмандона мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Муаллифи рисола тамоми пажӯҳишҳои муҳаққиқонро амиқу дақиқ омӯхтаву дастабандӣ карда, аслу муаммои омӯзишу таҳқиқро аз назари моҳият ба чаҳор гурӯҳ ҷудо кардааст:

1. Шинохти махсусияти нақд ва афкори сухансанҷӣ вобаста ба таҳқиқи тазкираҳои асрӣ дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX ва таъини ҷойгоҳи интиқодии андешаҳои мусаннифони онҳо;

2. Шинохти махсусияти нақди адабии ин ду давра ба василаи таҳқиқи таърихномаҳои аҳди маорифпарварӣ ва ҷадидӣ;

3. Шинохти моҳияти нақду танқид ва ҷойгоҳи он дар матбуоти навпайдои форсии тоҷикии ҳавзаи Осиёи Миёна ва нашрияҳои сифатан нави давраи шуравӣ;

4. Арзёбии масъалаҳои нақду адабиётшиносӣ дар силсилаи асарҳо оид ба шахсиятҳои пажӯҳандаи он замон, аз ҷумла Аҳмад-махдуми Дониш, Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, Мирсиддиқхони Ҳашмат, Афзал-махдуми Пирмастӣ, Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ, Абдуррауфи Фитрат, Мирзо Сироҷи Ҳаким, намояндагони пешрави нақди адабии шуравӣ Садриддин Айнӣ, Раҳим Ҳошим, Тӯрақул Зеҳнӣ, Нарзуллоҳи Бектош, Абдулғанӣ Мирзоев, Холиқ Мирзозода, Лутфулло Бузургзода ва дигарон.

Рисола аз назари бандубаст дуруст ва бо риояи пайдарпайии мантиқӣ матраҳ шудааст. Дар тарҳрезии он тамоми талабот ва меъёрҳои илмии замон ба инобат гирифта шудаанд. Дар чаҳор боби рисола заминаҳои шинохти афкори сухансанҷии навини тоҷик, вазъи сухансанҷӣ дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX, ҷойгоҳи классикони адабиёт дар нақди адабии нимаи аввали садаи XX ва ниҳоят осори илмии намояндагони давраи нави нақди адабии тоҷик ба маърази таҳқиқ кашида шудаанд. Миёни бобҳои рисола пайванди бехалали мантиқӣ ҷой дорад, ки аз вуруди комили муаллиф ба умқи масъалаҳо дарак медиҳад.

Агар дар фасли аввали боби аввал масъалаи марҳалабандии адабиётшиносӣ ва нақди адабии навини тоҷик ба миён гузошта шуда бошад, дар фасли дувуми он сарчашмаҳои нақди адабии маорифпарвариву ҷадидӣ баррасӣ ёфтаанд. Ба сифати сарчашмаҳои нақди адабӣ муаллифи рисола тазкираҳо, асарҳои таърихӣ, матолиби матбуоти даврӣ, китобу мақолот ва номаҳои аҳли адабро муаррифӣ мекунад.

Дар боби дувум масъалаи таҳқиқ ва нашри манобеи адабиву илмӣ, ҷойгоҳи нақд дар маҳфилҳои адабии он замон, равишҳо ва меъёрҳои сухансанҷӣ дар тазкираҳо, нақд дар нахустин китоби таърихи адабиёт дар маърази андешаи муаллиф қарор гирифтаанд. Муаммоҳои таҳқиқ ва нашри осори нодир ва то ҳанӯз дастнораси адабиву таърихӣ, маҳфилҳои адабии замон, хусусан маҳфилҳои Аҳмади Дониш ва Садри Зиё, равишҳои нақд дар тазкираҳои охири асри XIX-ибтидои асри XX, аз ҷумла «Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб»-и Раҳматуллоҳи Возеҳ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё, «Тазкират-уш-шуаро»-и Шаръӣ, «Тазкират-уш-шуа-

ро»-и Ҳашмат ва махсусан «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ, ҷойгоҳи нақд дар китоби таърихи адабиёт масоили меҳварии ин боб ҳастанд.

Эҷодиёти чаҳор тан аз бузургони адабиёти форсии тоҷикӣ – Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Носири Хусрав ва Камоли Хуҷандӣ дар нақди адабии нимаи аввали садаи XX, омилҳои руҷуи ҷомеа ба осори онҳо, меъёрҳо ва вежагиҳои нақди осори онҳо аз масоили меҳварии боби севум қарор гирифтаанд.

Ниҳоят дар боби охирин муаллифи рисола саъй намуда, ки хусусиятҳои нақди замонро дар давраи нави нақди адабии тоҷик дар мисоли таълифоти интиқодии Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Мирзо Турсунзода, Тӯрақул Зеҳнӣ ва Раҳим Ҳошим нишон диҳад.

Таҳлили амиқи матлабҳо ва ҷораёни дурусти гузориши масъала дар тамоми матни рисола ба мушоҳида меояд. Ҳар сухан ва ҳар тезисе, ки муаллиф ба миён мегузорад, ҳатман бо аснод ва далоили фаровон исботи илмии худро меёбад. Рисола бо густурдагии матолиб ва фаровонии далелҳои илмӣ имтиёз дорад. Муаллиф ин далелҳоро аз осори адабиву таърихии суханварони маъруфи аҳди маорифпарварӣ ва ҷадидӣ Аҳмад-махдуми Дониш, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, Абдурраауфи Фитрат, Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, Ҳоҷӣ Азими Шаръӣ, Мирсиддиқхони Ҳашмат, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, Садриддин Айнӣ, маводи «Бухорои шариф, «Оина», «Дониш ва омӯзгор», «Раҳбари дониш», «Барои адабиёти сотсиалистӣ», «Шарқи сурх», номаҳои адибон ва ғайра оварда рисоларо хеле пурбор кардааст. Ҳар матлабе, ки ба миён гузошта мешавад, аз кунҷковии пажӯҳишгар ва фурӯравӣ ба умқи масъала, пайдо кардани тобишҳои нави маъноӣ ва матлабҳои то ин дам аз зеҳнҳо дур дарак медиҳанд. Чунончи, муроҷиат ба «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод

Айнӣ масъалаҳои ҷудогонаеро мисли «Сарчашмаҳои адабӣ ва интиқодии «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ», «Диди интиқодӣ дар тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ» ва «Садриддин Айнӣ ва нақди сиёсиву иҷтимоӣ» ба бор оварда, дар ин миён асари мазкур ба унвони намунаи аввалини тазкираи замони нав муаррифӣ шудааст. Муқоисаи он бо «Намунаи адабиёти Эрон»-и муҳаққиқи озарбойҷонӣ Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ чандин нуктаи нағзу пурмағзро пешорӯи алоқамандон боз мекунад. Як нигоҳи шитобзада ба китоби С. Аъзамзод «Ҷавҳари Айнӣ» (2023) кофист дарк кунем, ки масоили матраҳ дар рисола танҳо як ҷузъи бисёр кӯчаки ҷустуҷӯҳои ин пажӯҳишгар дар атрофи масъалаҳои марбут ба фаъолияти адабии устод Айнӣ будааст, зеро дар ин китоб беш аз бист мақолаи муаллиф, ки дар 20 соли охир ба қалам омадаанд, гирд оварда шудааст ва дар маҷмуъ тарҳи монографӣ пайдо кардааст. Дар ин китоб на танҳо сарчашмаҳои фикрӣ, нақди сиёсат ва замон, мероси адабӣ ва дидгоҳҳои нақди адабӣ, нақди осори айнишиносӣ ва адибони марбут ба ҳалқаи устод ҷой дода шудаанд, балки феҳристи мақолаву суханрониҳои муаллифи китоб дар бораи Садриддин Айнӣ иборат аз 55 номгӯй ворид шудааст, ки аз таваҷҷуҳи ӯ ба паҳлуҳои гуногун ва ҳанӯз дастнохӯрдаи айнишиносӣ хабар медиҳад. Аз соли 2002 то 2022 панҷоҳу панҷ мақолаву гузоришу тақриз танҳо дар бораи Айнӣ! Чунин борикназариву умқҷӯйиро дар мавриди адибони дигар низ метавон мушоҳида кард. Ва дар ҳамаи масъалаҳои мавриди баррасӣ нигоҳи нав, таҷдиди назар ба таълифоти муҳаққиқини пешин ва, дар маҷмуъ, навоварӣ дар тамоми рисола падид омадааст. Аз ҷумла, муаллиф бори аввал назари интиқодии маорифпарварону ҷадидон, аҳли сухани охири асри XIX-ибтидои асри XX-ро бо такя ба сарчашмаҳои ин давра, муаммои нашри сар-

чашмаҳои адабиву интиқодии замон, нақди адабиро дар оинаи матбуоти ибтидои асри XX, ҳамбастагии адабиёту матбуот ва пажӯҳиши муштараки онҳоро ба миён кашидааст. Ҳамчунин аввалин маротиба марҳалаи тоинқилобӣ ва баъди инқилобро дар пайвастагӣ таҳқиқ намуда, нақши тазкираҳо, маҳфилҳои адабӣ ва китобҳои таърихи адабиётро дар ташаккули нақди навини тоҷикӣ муайян мекунад.

Саҳми фардии муҳаққиқ на танҳо дар омӯзишу баррасии масъалаҳои назарӣ, балки таҳияву тасҳеҳ ва ба нашр омода кардани матни сарчашмаҳои муҳимму арзишманди нимаи аввали садаи XX, аз ҷумла «Тазкори ашъор» ва «Рӯзнома»-и Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, маводи тоҷикии маҷаллаи «Оина», «Маводи илмӣ-адабиётшиносии маҷаллаи «Раҳбари дониш», матни «Намунаҳои адабиёти тоҷик», маҷмуаи мақолаҳои илмӣ-танқидии Ҷалол Икромӣ ва Сотим Улуғзода ва ғайра таҷассум ёфтааст. Бархе аз ин корҳо дар доираи лоиҳаи «Таҳқиқ ва нашри сарчашмаҳои адабии охири асри XIX ва ибтидои асри XX» барои солҳои 2018-2022 (рақами қайди давлатӣ ГР № 0118 TJ 00948) сурат гирифтаанд, ки пажӯҳишгар дар амалӣ кардани фаъолияти он ба сифати муовини роҳбар саҳми назаррас гузоштааст. Ҳамчунин ду монография, маҷмуаи мақолаҳо ва беш аз 80 мақолаи илмӣ дар доираи ҳамин мавзуъ интишор ёфтаанд, ки аз пуркорӣ ва пухтакории муаллифи рисола дарак медиҳанд.

Хулосаҳои диссертатсия дар 15 банд оварда шуданд ва натиҷаҳои аз назари илмӣ собит ҳастанд. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ низ маҳсули андешаи расои муаллифи рисола мебошанд.

Ба тариқи пешниҳод ба муаллифи рисола метавон нуктаҳои зеринро арз кард:

1. Масъалаи даврабандии адабиёт боз ҳам ниёз ба омӯзиш дорад ва баъзе матлабҳое, ки берун аз назари ун-

вонҷӯ мондаанд, бояд мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд.

2. Таҳқиқи масъалаи ташаккули нақдии адабии давраи тоинқилобӣ ва баъди он дар ҳамбастагӣ ва қиёс бо кишварҳо ва халқҳои ҳамтақдир, аз ҷумла адабиёту матбуоти ӯзбекӣ, туркӣ, тоторӣ, озарбойҷонӣ, гурҷӣ чандин нуктаи муҳими на танҳо як адабиёт, балки як минтақаро метавонад равшан кунад.

3. Кӯшишҳое, ки барои дар пайвастагӣ баррасӣ кардани масъалаи нақди адабии ҳамзабонон, хусусан Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон дар замони таҳқиқ қобили ситоиш ҳастанд, вале ба такмил ниёз доранд.

4. Барои пайдо кардан ва ба нашр тайёр кардани сарчашмаву манобеи нодири адабӣ ва матбуотӣ талоши бештареро аз муаллифи рисола метавон интизор шуд.

Хулоса, рисола бо огоҳии комил ва иҳотаи хуби дониши таърихиву назарӣ таълиф шудааст. Феҳристи адабиёти он гувоҳи чашмандози густурда ва завқи баланди муаллиф аст.

Рисола кори анҷомёфта буда, барои дифоъ пешниҳод мешавад ва муаллифи он Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович шоистаи дарёфти унвони илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ мебошад.

# МУНДАРИҶА

**Пешгуфтор........................................................................3**
**Боби 1. Сарчашмаҳои адабиёти тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX.......................................11**
«Асомӣ-юл-кутуб»-и Шарифҷон-махдуми Садри Зиё ва арзишҳои адабии он..............................................................12
Дар бораи аҳаммияти «Тазкори ашъор» ва нашри нави он..................................... ..............................36
Чанд сухан дар бораи нашри «Рӯзнома»-и Садри Зиё.....45
«Тазкираи Фаҳмӣ» - сарчашмаи камшинохтаи охири асри XIX-ибтидои асри XX..............................................50
«Тазкират-уш-шуаро»-и Шаръӣ ва арзиши адабии он…63
«Таърихи муҳоҷирон»-и Дилшоди Барно ва ҷойгоҳи он дар миёни таърихномаҳои бонувон……...77
Абулфазли Сират ва «Девон»-и ӯ....................................91
Мируре ба аҳвол ва осори Садри Сарир........................115
Сарчашмаҳои осор ва сабки ашъори Исо-махдум.........132
Мулло Қурбонхони Фитрат ва мероси адабии ӯ............151
Дар бораи номаҳои Ҳайрат ба Туғрал...........................169
Идрисхоҷаи Роҷӣ ва «Тазкираи хаттотин»-и ӯ..............178
Чанд сухан дар бораи Ҳайрат ва шинохти ӯ..................199
Ҷойгоҳи Сиддиқии Аҷзӣ дар адабиёти ибтидои асри XX ва масъалаҳои шинохти рӯзгор ва осори ӯ......224
Бозтоби руҳи замон дар маҷаллаи «Оина»....................244
**Боби 2. Сарчашмаҳои асри XIX дар ҳавзаҳои дигари форсизабон..................................................................267**
Мероси адабии Мастураи Курдистонӣ..........................268
Абулқосим Муҳташами Бҳуполӣ ва «Ахтари тобон»-и ӯ..280
**Боби 3. Аз Айнӣ то Пайрав............................................293**
Вазъи адабии Бухоро дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ.........................................................294

«Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» ва назари интиқодии устод Айнӣ ба тазкираи Давлатшоҳӣ.............................316
Нақши устод Садриддин Айнӣ дар таҳким ва рушди робитаҳои адабии тоҷику рус..........................324
Омилҳои шуҳрати ҷаҳонии устод Садриддин Айнӣ.......334
Тӯрақул Зеҳнӣ ва масъалаҳои поэтикаи шеър................343
Мунаққиди тавонои шеър................................................354
Абулқосим Лоҳутӣ: ангезаҳо ва муҳтавои ашъори марбут ба Хуҷанд..........................................................364
Нақши адабиёти рус дар ташаккули ҷаҳоншиносӣ ва шеъри Пайрав Сулаймонӣ.........................................375
**Боби 4. Накду баррасии китобу рисолаҳо........................385**
Дар бораи нашри девони Саҳбо....................................386
Тақриз ба рисолаи Муҳаммад Алӣ Асғари Байронвандӣ.............................................................395
Тақриз ба монографияи Сироҷиддин Хӯҷақулов...........398
Тақриз ба рисолаи доктории Аъзамов Субҳонҷон.........408

ISBN 978-99985-40-24-8

**Матлубаи Мирзоюнус**

# АЗ ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР ОХИРИ САДАИ XIX-НИМАИ АВВАЛИ САДАИ XX


| | |
|---|---|
| Муҳаррир: | *Қавизода Аниса* |
| Муҳаррири техникӣ: | *Исобоев Илҳомҷон* |
| Саҳифабанд: | *Оқилова Муҳиба* |

Ба чоп 05.10.2023 имзо шуд. Андозаи қоғаз 60x84 1/16.
Чопи офсет. Қоғази офсет. Ҳуруфи Times New Roman Tj.
Ҷузъи шартии чопӣ 26,1. Супориши № 244.
Адади нашр 200 нусха.

Матбааи «Ношир»
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
кӯчаи Сейтвелиев, 2
Тел.: (83422) 5-65-95
www.noshir.tj